# АХТАРОНИ АДАБ

# 33

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА ВА ТАҲРИРИЯИ
50-ҶИЛДАИ ОСОРИ КЛАССИКОН ВА МУОСИРОН
АЗ СИЛСИЛАИ «АХТАРОНИ АДАБ»**

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА**

*Абдуҷаббор Раҳмонзода*
*Шамсиддин Орумбекзода*
*Фарҳод Раҳимӣ*
*Низом Қосим*
*Гулназар*
*Сахидод Раҳматуллозода*
*Гурез Сафар*

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ**

*Абдулҳамид Самад*
*Кароматулло Олимзода*
*Абдунабӣ Сатторзода*
*Худоӣ Шариф*
*Мирзо Муллоаҳмад*
*Алии Муҳаммадии Хуросонӣ*
*Муҳтарам Ҳотам*

ЗАЙНУДДИН МАҲМУДИ ВОСИФӢ

# БАДОЕЪУ-Л-ВАҚОЕЪ

Душанбе
«Адиб»
2017

ББК 84 Тоҷик 7-4-5
В-29

Таҳияву тадвини матн аз *М. Диловаров*

Муҳаррир *Мубашшир Акбарзод*

В-29 **Зайнуддин Маҳмуди Восифӣ. Бадоеъу-л-вақоеъ.**
– Душанбе, «Адиб», 2017, 480 саҳ.

ISBN 978-99947-2-514-4

© Нашриёти «Адиб», 2017

## САРСУХАН

Зайнуддин Маҳмуд ибни Абдулҷалил, мутахаллис ба Восифӣ соли 1485 дар шаҳри Ҳирот ба дунё омадааст. Волидайн ва хешу ақрабои ӯ, ки мутааллиқ ба табақаи миёнаҳол буданд, қариб ҳама таҳсилкарда ва аз ҷумлаи ашхоси бомаърифати замон маҳсуб мешуданд. Бад-ин восита буд, ки баъзеашон дар хидмати давлат қарор доштанд. Дар шаҳри Ҳирот мадориси муътабаре мавҷуд буданд, ки дар онҳо донишмандони бузурги огоҳ аз улуми ақлию нақлӣ дарс медоданд. Восифӣ дар мадрасаҳои Ҳирот дарс хонда, аз илмҳои гуногун – сарфу наҳви арабӣ ва форсӣ, таърих, мантиқ, маонию баён, арӯзу қофия, риёзиёт, улуми динӣ – фиқҳ, тафсир, ҳадис ва ғайра дониши комил андухта буд. Дар замони Восифӣ яке аз машғулиятҳои дӯстдошта дар миёни аҳли адаби дарбор ва дар доираҳои адабии пешаварон муаммогӯйӣ ва шикофтани (дарёфти рамзу маънии он) он буд. Восифӣ дар синни наврасӣ ин ҳунарро ба хубӣ соҳиб гардид ва ба ҳидояти хеши волидааш Соҳиб Доро, ки бо Алишери Навоӣ ҳамнишин буд, дар шикофтани муаммо аз имтиҳони Навоӣ гузашт. То айёми бистсолагӣ Восифӣ чун донишманди огоҳ аз кулли улуми расмии давр, ҳофизи Қуръон, донандаву муфассири он, воизи хушсалиқа номбурдору машҳур гардид. Дар ваъз аз шогирдони Ҳусайн Воизи Кошифӣ буд. Устодаш дар муаррифии ӯ мегуфт, ки фарқ миёни ману Восифӣ дар он аст, ки ман овози хуб надорам, вале овози Восифӣ хуб аст.

Восифӣ ба сабаби нооромиҳо дар ҳаёти иҷтимоӣ ва сиёсии давр ба маҳрумият, саргардонӣ, оворагардӣ ва сафарҳо аз як шаҳр ба шаҳри дигар, ба озу ҳасади ҳамкасбони худ дар дарборҳо дучор омада, аз ҳад зиёд ранҷу азоб дидааст. Соли 1510 ба Ҳирот лашкари шоҳ Исмоили Сафавӣ ворид гардид ва дар ин ҷо таассуби шадиди мазҳабӣ байни шиаҳову суниҳо ба миён омад. Дар ин гирудорҳо Восифӣ ба таъқибу тааддӣ дучор омад ва маҷбур шуд соли 1512 ба Мовароуннаҳр фирор кунад. Баъди ин фирор ӯро имкони дубора ба ватан баргаштан нашуд ва то охири умр дар ғурбат ба сар бурд. Тақрибан як сол дар Самарқанд зиндагӣ кард, дар

маҳфилҳову маҷлисҳои адабӣ ширкат мекард; ҳатто боре барои санҷиши ҳунару лаёқати ӯ дар номанигорӣ ва иншо аҳли маҷлис ӯро имтиҳон ҳам карда буданд. Ӯ бадоҳатан, бе омодагӣ 16 номаву арзадошт навишт ва аҳли маҷлисро дар ҳайрат гузошт ва минбаъд дар Самарқанд шуҳратманд гардид. Баъдан аз Самарқанд ба Бухоро рафт ва аз Бухоро ба Саброн, ба назди Мири Араб сафар кард. Дар ин ҷо муддате зиста, сипас ба Фарғона, Намангону Ахсикат, Шаҳрисабз ва Тошканд рахти сафар баст. Аз Тошканд ба Самарқанд баргашт. Мехост дар ин ҷо оромона зиндагӣ ба сар барад, вале даъвати қатъии ҳокими Шоҳрухия Келдимуҳаммад сабаб шуд, ки маҷбуран ба хидмати дарбори ӯ биравад. Шуҳрати Восифӣ чун шахсияти фарҳангӣ хеле боло рафта буд ва Келдимуҳаммад мехост аз суҳбати ӯ баҳравар гардад. Зиндагии баъдии Восифӣ дар даргоҳи Келдимуҳаммад аввал дар Шоҳрухия, сипас дар Тошканд – баъди ба ҷойи падар ба тахт нишастани Келдимуҳаммад – ҷараён гирифтааст. Аз сафаҳоти «Бадоеъу-л-вақоеъ» бармеояд, ки Восифӣ то соли 1551 дар қайди ҳаёт будааст. Ба андешаи муҳаққиқи ҳаёт ва эҷодиёти Восифӣ – А. Н. Болдирев вай байни солҳои 1551 – 1566 даргузаштааст.

Мероси расидаи ӯ ҳамин «Бадоеъу-л-вақоеъ» аст, ки дар он осори мансуру манзумаш фароҳам омадаанд. Ба таълифи ин асар вай солҳои 1517 – 1518 шурӯъ кардааст. Асари мазкур шоҳкори насри бадеъ дар адабиёти форс-тоҷик аст. Онро оинаи ҳаёти иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, адабии охири қарни понздаҳум ва нимаи аввали қарни шонздаҳуми Хуросону Мовароуннаҳр метавон гуфт. «Бадоеъу-л-вақоеъ» аз ҳикоёту қиссаҳо, ёддоштҳо, хотираҳо, нақли рӯйдодҳои таърихӣ, латифаҳои эҷодиёти шифоҳии мардум, намунаи гӯишҳои Ҳирот ва Самарқанду Бухоро ва ғ. таркиб ёфтааст. Қаҳрамонони ҳикоёту достонҳо шоҳону вазирон, ходимони давлат, сипоҳиён, аҳли фазлу дониш, арбобони дину шариат, қозиҳо, шайхулисломҳо, шоирону орифон, аҳли ҳунар – мусиқидонону навозандагон, ҳофизону машшоқон, раққосон ва намояндагони доираҳои адабии пешаварони кишварҳои номбурда мебошанд. Дар баъзе аз ҳикоёт аз паҳлавонон, қаландарон, айёрони марду зан, лавандҳо (онҳоро ятимон низ

мегуфтанд), масхарабозон, қаллобон ва дигарон сухан меравад. Чунин ба назар мерасад, ки Восифӣ дар доираи мадрасаҳо, муддарисон ва шогирдон шахси худӣ буд. Аз зиндагии ин табақаи аҳолӣ ҳикояҳои ҷолиб оварда шудаанд. Аз мутолиаи «Бадоеъу-л-вақоеъ» метавон хулоса кард, ки нависандаи он донандаи хуби Қуръон, аҳодиси набавӣ, дуоҳои шарифа, эҷодиёти шоирону адибони гузаштаву муосираш–Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Сино, шоирони доираи адабии Ғазнин, Низомии Ганҷавӣ, Хоқонӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ, Саъдӣ, Ҳофиз, Котибӣ, Унсӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ, Алишери Навоӣ, Биноӣ, Дарвеши Деҳакӣ, Амонӣ ва дигарон будааст. Восифӣ ба дархости шоҳону вазирон дар маҷлисҳои адабӣ аз зиндагиву омоли шоҳони машҳури гузашта бо мақсади панду андарз додан ва насиҳат кардан дар кори давлатдорӣ ҳикоятҳо нақл мекард, ки баъзеи онҳоро дар ин асараш дарҷ намудааст.

Дар «Бадоеъу-л-вақоеъ» беш аз 1600 байти мутааллиқ ба Восифӣ (қасидаҳо, ғазалҳо, рубоиҳо, қитъаҳо, муаммоҳо) сабтанд.

Забон, тарзи баён, сабки нигориши Восифӣ дар «Бадоеъу-л-вақоеъ» ба истисноии оғози гуфторҳо бахшҳои фарогири арзадоштҳо, номаҳо, иншоҳои расмӣ, содаву равон, ҷолиб ва моҷароӣ мебошанд, ки хонандаро ба завқ меоранд ва ӯро барои донистани ниҳояти воқеаву ҳодисаҳо мушаввиқ мегардонанд.

Дар адабиётшиносии тоҷикӣ ва собиқ шӯравӣ омӯзиши «Бадоеъу-л-вақоеъ» ва ба хонандагон пешкаш намудани онро устод С. Айнӣ соли 1925, ҳангоми машғулият ба тадвини «Намунаи адабиёти тоҷик» оғоз кард. Моҳи апрели соли 1946 асари ӯ бо номи «Дар бораи Зайниддин Маҳмуд Восифӣ ва хулосаи Бадоеъ-ул-вақоеъ» ба анҷом расид. Ин асар бо номи «Восифӣ ва хулосаи Бадоеъ-ул-вақоеъ» соли 1956 чоп шуд. Устод С. Айнӣ ёддоштҳо ва ҳикояҳои Восифиро интихоб карда, аз забони ӯ, вале дар таҳрири худ мутобиқ ба забони адабии имрӯза ва таҳрири имрӯза нақл кардааст. Матни илмии интиқодии «Бадоеъу-л-вақоеъ»-ро шарқшиноси шӯравӣ А. Н. Болдирев соли 1961 дар дар Маскав дар ду китоб ба табъ расонид. Бори дуюм ин асар бо тасҳеҳу ислоҳот солҳои

1971 – 72 дар Теҳрон мунташир гардид.Баъзе бобҳо аз ҳамин китоб дар баргардон ба алифбои имрӯзаи тоҷикӣ ба хонандагони силсилаи «Ахтарони адаб» пешниҳод мешавад. Ба хонандаи тоҷик ба алифбои имрӯзаи тоҷикӣ дастрас намудани матни «Бадоъеу-л-вақоеъ» орзу ва дархости устод С. Айнӣ буд. Мо дар садади амалӣ гардидани ин орзуи нек ба ин амри хайр даст задем ва то кадом андоза муваффақ шуданамонро ба қазовати хонандаи закии нуктасанҷ вомегузорем.

## [1]
## ПЕШГУФТОР

**Ҳамди беҳад ва сипоси беадад** Подшоҳеро сазад, ки бадоеи ваҷоеи умури банӣ Одамро ба рӯзномачанависони кироман котибина яъламуна мо тафъалуна[1] тафвиз фармуда. Ва [салоти] салавоти номиёт нисори марқади муаттар ва равзаи мунаввари ҳазрати расуле, ки аз барои тасаллии хотири отираш воқеот ва воридоти анбиёи мотақаддамро ба ҳукми ва куллан нақуссу ъалайка мин анбои-р-русули мо нусаббиту биҳи фуодака ва ҷоака фӣ ҳозиҳи-л-ҳаққу ва мавъизатун ва зикро ли-л-муъминина[2] ва ғароиби ҳикоёти банӣ ва баноти Одамро ба муқтазои ва ло ратбин ва ло ёбисин илло фӣ китобин мубин[3] бар саҳоифи [ғайбӣ ва] сафоеҳи лорайбӣ сабт намуд, салаллоҳу алайҳи ва ало олиҳи ва асҳобиҳи аҷмаъин ат-таййиби-на-т-тоҳирин.

**Аммо баъд**, чунин гӯяд азъафи ибодиллоҳи-л-қавӣ Зайнуддин Маҳмуд ибни Абдулҷалил ал-машҳур ба Восифӣ, афоуллоҳу анҳумо, [ки] дар замоне ки дар вилояти Хуросон, ҳарасаҳо-л-лоҳу ани-л-офот ва-л-ҳадасон, талотуми амвоҷи биҳори заххори фитан ба авҷи торами гардун расида буд ва тарокуми афвоҷи саҳоби балову миҳан офтоби ҷаҳонтоби амну амонро дар пардаи залом кашида, аҳли рӯзгор[ро] монанди сурохӣ хуни ноб аз дидаи хунбор мерехт ва бахти нигунсор ба ғирболи фалак бар сари он хоксорон гарди ғаму андуҳ ба дасти идбор мебехт, аз акси хунрезии қизилбошон ва намудори сурхии тоҷи эшон ҳар намози шом бунафшазори фалак ранги лолазор дошт ва килки қазо бар саҳифаи даврон шарҳи ояти юфсиду фиҳо ва ясфику-д-димоа[4] менигошт. [Байт]:

Дар ҳар гули замин, ки қизилбош ҷо гирифт,
Онро замона ҳамчу яке лолазор ёфт.

Ҳамвора ҳамагии ҳиммат бар он дошта буд ва тамомии хотир бар он гумошта, ки худро аз он вартаи ҳалок ва маҳлакаи

1 Қуръон, сураи 82, ояи 11 ва 12.
2 Қуръон, сураи 11, ояи 120.
3 Қуръон, сураи 6, ояи 59.
4 Қуръон, сураи 1, ояи 30.

хатарнок берун андозад ва аз он луҷҷаи хунхор бар соҳили наҷот алам афрозад, аммо ба воситаи мақулаи ал-умуру марҳунатун би авқотиҳо аҳди баид ва муддати мадид чеҳраи он мақсуд дар пардаи таваққуф мастур монда буд ва пардагии ноумедӣ аз даруни ҳаҷлаи маҳрумӣ ҷилвагарӣ менамуд [ва] ҳамвора вирди забони ҳамгинон ин буд:

Эй мусулмонон, фиғон аз ҷаври чархи чанбарӣ
В-аз ҷафои Тиру қасди Моҳу сайри Муштарӣ.
Гар бихандам в-он ба ҳар умрест, гӯяд заҳрханд,
Гар бигирям в-он ба ҳар рӯзест, гӯяд хун гирӣ.
Осмон дар киштии умрам кунад доим ду кор:
Гоҳи шодӣ – бодбонӣ, гоҳи андуҳ – лангарӣ.

Рӯзе аз рӯзҳо аз камоли бетоқатӣ ва ниҳояти бетаҳаммулӣ аз хона берун омада сайр мекардам ва рӯй ба ҳар ҷониб меовардам, то бо яке аз ёрони ихвону-с-сафо ва дӯстони хуллону-л-вафо, ки ӯро Хоҷа Абулъалои Хоразмӣ мегуфтанд ва ӯ яке аз таломизи олиҷаноби ниқобатпаноҳи сиёдатдастгоҳ, ифодатмаоби саодатёб, маҳбиту-л-анвори мабдаъу-л-файёз Саййид Зайнулобидин Амир Муртоз буд ва аксар улуми ғарибаро истеҳзор намуда буд, иттифоқи мулоқот афтод. Фақирро музтарибу парешон дид [ва] шаммае аз аҳволи ман пурсид. Гуфтам:

– Эй ёри ҷонӣ ва дӯсти дуҷаҳонӣ, имрӯз ба қасди он аз хона берун омадам, ки коре кунам ва амале намоям, ки мусталзими ҳалоки ман бошад ва дигар ёрои он надорам, ки лаъни саҳобаи киром ва сабби асҳоби расул, алайҳиссалом, шунавам. Мехоҳам, ки сухане гӯям ё амале намоям, ки ин тоифа маро шарбати шаҳодат чашонанд ва маро ба дараҷаи бал аҳёун ъинда раббиҳим юрзақуна фариҳина би мо отоҳуму-л-Лоҳу мин фазлиҳи[1] бирасонанд.

Он азиз гуфт:

– Эй ёр, маро низ ҳамин ҳол аст, аммо фақир шунидаам, ки дар сари хиёбон дар Гирдбурҷ дарвеши мунис, ки буруҷи машидаи афлок аз шарми ӯ дар кунҷу бурҷи зурваи сипеҳр мухтафӣ гаштаанд, азизе Абулҷуд ном аз Андалуси Мағриб

1 Қуръон, сураи 3, ояи 169 ва 170.

неҳзати нузул фармуда ва дар ҷамеи улуми ғариба ва фунуни бадеа соҳибкамол аст. Ва ҳазрати Амир Муртоз фармуданд, ки маро дар улуми ғариба мушкилот бисёр буд, ки солҳо дар ҳалли онҳо саъю кӯшиш камоянбағӣ тақдим мерасонидам ва он инҳилол намеёфт ва ҳеч касро қобили он намеёфтам, ки аз вай суол намоям. Ба муҷарради мулоқот гуфт:

– Эй Зайнулобидини Муртоз, чаро дар тасфияи дил риёзат намекашӣ ва тасқили саҷанҷали ботин наменамоӣ, то амсоли ин чизҳо бар ту мушкил нашавад? Ва маро раъшаи саъб пайдо шуд ва бисёр биларзидам, то ба ҳадде, ки беҳуш шудам, чун ба ҳоли худ бозомадам, вай ғоиб шуда буд ва ҷамеи мушкилоти ман мунҳал гардида буд. Ва бисёр хавориқ [одот] аз вай нақл мекунанд ва ӯро аз авлиёи кибор мешуморанд ва ин аз ҷумлаи хавориқи одоти ӯст, ки дар хонае, ки вай нишаста ва дари онро муҳкам месозанд, чун дарро мегушоянд, ӯро дар он хона намеёбанд ва ҳар касе, ки пеши вай меояд, номи ӯ ва падару қавму қабила ва ҳирфаву ҳунари вайро бе тахаллуф мегӯяд. Ва аз улуме, ки ҳар ҳарф аз калимаи «куллуҳу сирран» ба илме ишорат аст: «коф» ба илми кимиё, ки иборат аст аз табдили аҷроми маъдания баъзеи он ба баъзеи дигар, «лом» ба илми лимиё, ки иборат аст аз илми ададу ҳандаса ва илми ҳайату илми мусиқӣ, «ҳо» ба илми ҳимиё, ки киноят аст аз илми ҷабру муқобала ва илми масоҳату ҷарри сақил ва илми зиҷоту тақовим, «син» ба илми симиё, ки машҳуру маъруф аст, «ро» ба илми римиё, ки иборат аст аз тилисмот ва низ наҷот ҳамаро бағоят хуб медонад.

Абулъало гуфт:

– Биё, то ба пеши ӯ биравему бибинем, то дар ҳаққи мо чӣ мегӯяд.

Чун ба он Гирдбурҷ расидем, Абулъало гуфт:

– Ман аз рӯи руъб ҳаросе дар дили худ меёбам, пеш наметавонам рафт.

Ман танҳо ба он Гирдбурҷ баромадам. Чун чашми ӯ бар ман афтод, гуфт:

– Эй Восифӣ, номи ту Зайнуддин Маҳмуд аст ва оқибати кори ту низ маҳмуд хоҳад буд. Туро ҳолоти аҷиба ва умури ғариба дар пеш бисёр аст. Анқариб ба вилояти Мовароуннахр хоҳӣ рафт ва ба подшоҳону арбоби ҳашмату асҳоби шавкат

мухолатату мучоласат хоҳӣ намуд. Ва аз насли Чингиз дар вилояти Туркистон подшоҳест дар ғояти адлу дод ва нисбат ба раият дар ниҳояти шафқату дод ва ӯро ном Севинчхочахон аст. Туро ба қадр риояту тарбият хоҳад кард. Ва ӯро ду писар аст, ки ҳар як дурри дарёи маъдалат ва дарёи самои салтанатанд, якеро Султонмуҳаммад ном аст ва аз вай риояти куллӣ хоҳӣ ёфт. Туро муаллим ва имому қозии аскари худ хоҳад гардонид. Баъд аз вафоти вай бародараш Наврӯз Аҳмадхон ин маносибро ба ту тафвиз хоҳад фармуд ва аз Султонмуҳаммад фарзанди арчманди саодатманд, фалакрифъат баҳромсавлат, бирчисталъат, ноҳидишрат, хуршедманзилат, чамшедмартабат, фаридунфар, кайхусравсарир, доророй, манучеҳртадбир, меҳри сипеҳри салтанату кишваркушоӣ, ахтари бурчи маъдалат ва доройи ал-мухтасс ба авотифу-л-малики-л-маннон Абулмузаффар Ҳасансултон аз шашмоҳагӣ бар арикаи салтанат хоҳад монд, ҳам аз бидояти ҳол осори салтанат аз рухи фаррухаш тобон бошад ва анвори убуҳҳат аз чабини мубинаш дурахшон, маншури давлати ӯ ба туғрои ғарроӣ ва отайноҳу-л-ҳукма сабиййо[1] ороста бошад ва нишони шавкаташ ба тавқеи ваҷеи ва чаъаланӣ[2] муборакан пироста, хирадманди мутафаррис аз равшании субҳи чамолаш истидлол бар тобиши офтоби оламтоби давлати туъиззу ман ташоу[3] хоҳад намуд ва ҳушманди мутаяққин аз табассуми ғунчаи чоҳу чалолаш чашми истикшоф бар шукуфтани гули муроди туъти-л-мулка ман ташоу[4] хоҳад шуд.

Мубороктолеъе фаррухсарире,
Ба толеъ точдоре, тахтгире.

Нишоти зуҳураш ба зуҳури нишот дағдаға аз дилҳо барандозад, бахчати тулӯъаш бахчати рояти сурур дар синаҳо афрӯзад. Амми бузургвораш вайро дар ҳиболаи тарбият дароварда, ба наботи анбатаҳу-л-Лоҳу наботан ҳасанан[5] парвариш хоҳад дод ва дар синни шашсолагӣ ту муаллиму устоди ӯ хоҳӣ

---

1 Қуръон, сураи 56, ояи 20.
2 Қуръон, сураи 19, ояи 31.
3 Қуръон, сураи 3, ояи 26.
4 Қуръон, сураи 3, ояи 26.
5 Қуръон, сураи 3, ояи 27.

шуд ва Каломи раббониву Танзили субҳониро ба вай таълим хоҳӣ дод ва ба номи номиву алқоби гиромии ӯ китобе мусаммо ба «Бадоеъу-л-ваҷоеъ» тасниф хоҳӣ намуд, ки мақбулу матмуи вай ва маъмули бисёр аз салотину хавоқини закию-л-фаҳм хоҳад буд. Ва зоичаи толеъи он шоҳзода ба толеъи Искандар ибни Файлақус тобақау-н-наълу би-н-наъл аст ва аксари рубъи маскунро дар қабзаи ихтиёр ва ҳитаи иқтидор дархоҳад овард ва дар синни дувоздаҳсолагӣ подшоҳе аз хавоқини диёри Машриқ бар вай ғалаба ва истило хоҳад ёфт ва ӯро гирифта, ба ноҳияти худ хоҳад шитофт, аммо анқариб наҷот ёфта, ба амми худ мулҳақ хоҳад гардид ва дар синни бистуҳафтсолагӣ волии вилояти Хуросон хоҳад шуд. Ва умри вай ба наваду чаҳор, ки моҳасали он сад аст, хоҳад расид. Ва дар соли шасту панҷум волӣ ва ҳокими шаҳри Бағдод хоҳад шуд. Ва бисоти умри ӯ дар мишкоти Мағриб матвӣ хоҳад гардид.

Ин суханонро гуфту аз назари ман ғоиб шуд. Руъбеву ҳайбате бар ман торӣ шуд, ки аз мадориҷи маориҷи он бурҷ ғалтидаму фуруд омадам. Ва фақир ба ҳукми ар-рафиқа сумма-т-тариқа ба ҳар ҷонибе мутаваҷҷеҳ гардидам ва ҳамроҳеву рафиқе ба ҷониби Мовароуннаҳр металабидам. Хоҷа Абулъалоро гусел кардам ва мутаваҷҷеҳи шаҳр шудам. Иттифоқо гузари ман ба лаби ҷӯйи Инҷил афтод. Ҷамъе аз шоирон бар лаби ҷӯй нишаста буданд ва мутораҳа менамуданд. Чун маро диданд, ба суръат пеши [ман] давиданду гуфтанд:

– Шунида бошед, ки Шоҳ Исмоил ҳукм фармуда, ки қасидаи тантаронии Камолуддин Исмоили Исфаҳониро, ки матлааш ин аст:

Эй дар муҳити ишқат саргашта нуқтаи дил
В-эй аз ҷамоли рӯят хуш гашта маркази гил

ва қасидаи роияи баҳорияи Салмонро, ки матлааш ин аст:

Мавсими дай рафту хуррам шуд чаман, омад баҳор,
Боғу бустон сабз гашту кӯҳу саҳро лолазор

шоирони Хуросон татаббуъ намоянд.

Фақир, ки инро шунидам, ба хотир гузаронидам, ки маро худ доияи мулозимати ончунон подшоҳон аст, ки он азиз фармуда. Муносиб чунон менамояд, ки ин ду қасидаро ба мадҳи он ду шоҳзодаи Севинчхоҷахонӣ ҷавоб гуфта шавад, то дастовезе бошад ба мулозимати он ду подшоҳи олиҷоҳ.

Аз он ҷамоат ҷудо шуда, ба он ду қасида шурӯъ намудам. Ҷавоби қасидаи тантаронӣ ба мадҳи подшоҳи олиҷаноб, салтанатнисоб, адолатойин, ҷалолаттамкин, муассиси мақоиду-л-ҳақ ва-л-яқин мурассису-л-қавоиду-ш-шаръи-л-мубин, носири авлиёу-л-Лоҳ, қоҳири аъдои-л-Лоҳ ал-мамдуҳ би лисони-л-ъабд ва-л-ҳурр Музаффаруддин Султон Муҳаммад Баҳодур музайяну мувашшаҳ гардид ва қасидаи роия [баҳория]-и Салмон ба мадҳи султону-л-аъзам, молики риқобу-л-умам, носири калимату [-л-Лоҳи ҳия] -л-ъулё ал-мутараққӣ ала-д-дараҷоти-л-ъуло ар-рауфи ъала-р-раоё ал-ъитуфи байна-л-бароё ал-мухтасс би авотифи-л-малики -л-маннон Абулғозӣ Наврӯз Аҳмад Баҳодурхон тавшеҳ ёфт. Ҷавоби қасидаи тантаронӣ ин аст:

Эй лаъли ҷонфизоят накди хазинаи дил,
З-он нақд нест моро ҷуз хуни дида ҳосил.
З-он ҳар ду лаб, ки ҳар як ҳаст ахгаре, забонат
Чун шуъла сар барорад, оташ занад ба сад дил.
Эй шамъ, сӯхт моро ҷони ҳазину пешат,
Гар дам занем, гардӣ сӯи рақиб моил.
Бар ақл мушкил омад кайфийяти даҳонат,
Охир, сари забонро бигшо ба ҳалли мушкил.
Ҷон бо хаёли лаълат танрост оби ҳайвон,
Тан дар фироқи рӯят ҷонрост Чоҳи Бобил.
Холи лабат ниҳода пайваста доғ бар ҷон,
Зулфат ба гардани ҷон андохта салосил.
Аз баҳри гармии дил бар чеҳра зулфу холат
Наъле бувад дар оташ бо донаҳои филфил.
Эй хандаи малеҳат дилро чу ҷони ширин,
Бошад итоби чашмат ҷонро чу заҳри қотил.
Ҳурӣ ту ё фаришта, з-он рӯ, ки дар латофат
Ҳадди башар набошад ин шаклу ин шамоил.
Дар базми бенавоӣ баҳри суруд моро
Сина даф асту ҳар сӯ доғе бар ӯ ҷалоҷил.
Чеҳра каҳу сиришкам гил карда хишти болин,
З-ин гуна зинда дорам ҷонро ба бӯи каҳгил.
Шаб дар гилеми меҳнат будам ниҳон, ки ногаҳ
Ҷибрили субҳ бархонд ё айюҳа-л-музаммил.

Гуфто: «Зи хоби ғафлат бедор бошу бингар
Бар осмон ба ҳар сӯ, бар сунъи Ӯ далоил.
Қутби сипеҳри аъзам бар ҳайати мунаҷҷим
Овехта сутурлоб аз Моҳ дар муқобил.
Ё баҳри он ки ғоиб гардида тарки гардун,
Бинвишта кард нома, к-аш оварад ба манзил.
Не-не, ки саври гардун пуршир карда пистон,
Маҳтоб нест, шир аст, к-аз вай шудаст нозил.
Хиргоҳ нест Маҳро, доме бувад танида,
Шуд бар зубоби анҷум чун анкабут моил.
Ё чинии фалакро тасхир менамояд,
К-андар хати мудаввар гардидааст дохил.
Ё худ фитода санге дар баҳри нили гардун,
Он доира аз он шуд бар рӯи баҳр шоил.
Гӯӣ шиҳоби соқиб тақвим менависад,
К-аз оби зар кашида аз ҳар тараф ҷадовил.
Зад нуқтаҳо зи анҷум дар пай хутут бар вай,
Бар чинии фалак шуд раммолро мумосил.
Чун тира кофари шаб аз сидқ шуд мусулмон,
Субҳ аз қафош дорад рахшанда теғи ҳоил.
Дидӣ басе аҷоиб чун бар сипеҳр, акнун
Бар бӯстон гузар кун, з-он ҳам мабош ғофил.
Пурбода карда гулбун хумҳои сабзи ғунча,
З-он бодаҳои гулгун мастон шуда анодил.
Норанҷ аз он ниҳода наргис ба каф, ки созад
Дар базми лолаву гул ранҷи хумор зоил.
Дар бӯстон сабо кард гӯгирд аз бунафша,
К-аз лола барфурӯзад дар базми гул машоил.
Бинмуд шамъи кофур аз ғунча шохи занбақ,
Бустон шуда мунаввар з-он шамъ ҳамчу маҳфил.
Ё дар чаман баровард ангуштҳои симин,
Баҳри ҳисоб гулҳо гӯӣ шуда муқобил.
Шуд рангрез савсан, чун ғунчаҳо баровард,
Аз нили сибғату-л-лаҳ рангин шудаш аномил.
Дар боғ чун табархун аз ранҷи хун забун шуд,
Фассоди барқ бигшод рагҳош аз мафосил.
Наргис ниҳод бар сар ташти зару надорад
Чашми таарруз аз кас дар даври шоҳи одил.

Султонмуҳаммад, он шаҳ, к-аз садмату сиёсат
Дар мулки ҷони душман меафканад залозил.
Гар дар муҳити ҷудаш гардад сипеҳр киштӣ,
Бошад муҳол, к-афтад дигар ба сӯи соҳил.
Теғи ҷабал ба давраш аз сабза ранг баста
Монанди теғи душман, азбаски монда отил.
Мушки саҳоб зад чок аз эҳтисоби адлаш,
Гулгун шароби барқаш з-он рехт бар асофил.
Шуд ҷуббапӯш гардун з-анҷум ба хидмати ӯ,
Румҳ аз шиҳоб карда в-аз Маҳ сипар ҳамоил.
Шер ар кунад тасаввур дар ҳамли теғу тираш,
Бабру паланг гардад аз вай нитоҷҳосил.
Эй хусраве, ки теғат Садди Сикандар омад,
Яъҷуҷи фитнаро шуд андар миёна ҳоил.
Пуртир шуд адӯят, дар вай халида найза,
Гӯё ки афъиеро шуд хорпушт окил.
Бо косаи тиҳӣ кас, эй шаҳ, ба даври ҷудат
Ғайр аз ҳубоб набвад бар рӯи баҳр соил.
Гар абр дурри макнун резад ба ҷои борон,
Дар пеши дасти ҷудат бошад ҳанӯз мудхил.
Аз абру кону дарё пеши кафат, чӣ гӯям,
Назди карим гуфтан айб аст аз арозил.
Дар саффи чокаронат бошад ҳазор хоқон,
Дар хайли бандагонат сад Санҷар асту Туғрил.
Зоти туро назире дар зеҳн, эй шаҳаншаҳ,
Ҳамчун шарики Борӣ дар хориҷ аст ботил.
Гарданд маҳв пешат шоҳони рубъи маскун,
Оре, ба маърази Хур гардад нуҷум офил.
Чун Восифӣ ба мадҳат гуфт ин қасида, гуфтанд
Рӯҳи Камолу Салмон лиллоҳи дурру қоил.
Шоҳо, шунида бошӣ, к-аз подшоҳ Салмон,
Аз боби лутфу эҳсон бо вай чӣ гашт ҳосил.
Ман кам наям зи Салмон, ту аз шаҳаш ба сад раҳ
Ҳастӣ фузуну дорӣ бар сар басе фазоил.
Гар ин қасидаро кас гӯяд ҷавоб, шоҳо,
Гардам ғулом ӯро дар маҳзари афозил.
То лутфи эзадиро бошад шумул дар халқ,
Ҳамвора бод лутфат бар хофиқайн шомил!

Ҷавоби қасидаи роияи Салмони Соваҷӣ ин аст:

Соқиё, ҳамчун гули раъно дар айёми баҳор
Ҷоми зар аз бодаи гулгун даме холӣ мадор!
Ҳаст дуде з-оташи сӯзанда қад афрохта
Бе ниҳоли қоматат сарви саҳӣ дар лолазор.
Дар талош афтодаанд авроқи гул бар рӯи ҳам,
Бод гӯё хоки поят карда дар бустон нисор.
Ғунча хунолуда пайконе бувад, бигрифта ранг,
Дида то лаъл аз даҳонат дар чаман, эй гулъузор.
Лола дар ҳован чӣ ҳоҷат мушк соя́д чун сабо?
Мевазад дар гулситон аз хоки поят мушкбор.
Бар канори рӯдҳо дар сояҳои барги бед
Моҳиён ҷавлонкунон дар об бинӣ сад ҳазор.
Лола дорад гарчи доим косае дар сар, вале
Наргиси бемор сафро карда аз ранҷи хумор.
Бар канори ҷӯ чу ханҷарҳои савсан ранг ёфт,
Бод сояд обро сӯҳонсифат дар ҷӯйбор.
Аз даруни байза тӯтибаччаҳо сар зад бурун,
Меваҳои сабз чун гашт аз шукуфа ошкор.
Боғ дебои мулавван аз гулу аз сабза сохт
Аз барои фарши роҳи хусрави олитабор.
Шоҳи гардунманзилат Наврӯз Аҳмадхон, ки ҳаст
Сабзае аз гулшани қадраш сипеҳри зарнигор.
Шоҳбозони хадангаш рӯзи ҳайҷо дар набард
Ҳар яке сад мурғи ҷони хасмро созад шикор.
То фиристад рахти аъдоро ба сарҳадди адам,
Уштурон аз мавҷи хун созад ба майдон-бар қатор.
Аз ниҳеби теғи ӯ шуд моҳиёнро захра об,
Об аз он рӯ ҳамчу заҳри қотил аст андар биҳор.
Эй шаҳаншоҳе, ки дар майдон барорад рӯзи разм
Мори румҳи ҷонситонат аз тани душман димор.
Кӯҳҳо чун пуштаҳои рег гардад филмасал,
Гар сипоҳатро фитад як раҳ ба кӯҳистон гузор.
Баҳри ҳифзи оҳувон андар замони адли ту
Шер гардад чун саги чӯпон ба гирди марғзор.
То қиёмат аз замин берун наёяд як гиёҳ,
З-оташи қаҳри ту гар дар олам афтад як шарор.

Дар миёни оташ[у] қаҳрат мухайяр гар шавад,
Хасм агар доно бувад, оташ намояд ихтиёр.
Гар насими лутфи ту бар оташи сӯзон вазад,
Ҳема шохи гул шавад дар нор бо гулҳои нор.
В-ар самуми қаҳрат ояд ҷониби бустон, шавад
Ҷумла гулҳо оташину оташ андозад ба хор.
Эй сиёҳии сипоҳат айни нусратро савод
В-эй саводи мулк[у] ҷоҳат шаҳри давлатро ҳисор.
Кафзанон бар чеҳра дарё, хайкунон аз чист абр,
Гар нагаштанд аз кафи гавҳарфишонат шармсор?
Бандагони остонат хусравони ҷамнишон,
Чокаронат подшоҳони сикандариқтидор.
Давлат аз пеш асту иқбол аз қафо, ҳар ҷо равӣ,
Бахту иззат аз ямину фатҳу нусрат аз ясор.
Азму ҳилмат бар замину осмон гар бигзарад,
З-ин ду ҳар як дар мақоми якдигар гирад қарор.
Восифиро нест ҳадди гуфтани мадҳат, вале
Сохт худро бо дуогӯёни ҷоҳат дар шумор.
То қарор асту мадор андар замину осмон,
Бод тахтатро қарору бахту ҷоҳатро мадор!

Чун ин ду қасида ба итмом анҷомид, хабар расид, ки олиҳазрати маъоли-рутбати қудвату-н-нуқабо, зубдату-л-уламо ва ҳаллоли аснофи-л-мушкилот ва кашшофи анвои-л-муъзилот, воқифи мавоқифи-ш-шароеъ ва-л-ҳакам, толеи матолеи-л-улум биулувви-л-ҳимам, мунаввири масобеҳи-л-мақосиди бианвори-л-ҳидоя, муфаттеҳи абвоби маолими-т-танзили бимафотеҳи-л-кифоя ал-мухтас би инояти-л-Лоҳи-л-малики-л-аҳад Саййид Шамсуддин Муҳаммад, ки монанди дини муҳаммадӣ ва миллати аҳмадӣ рӯй дар пардаи ихтифо кашида буданд ва ба ғайри саббу носазо ба ёрони Мустафо намешунуданд, саллал-лоҳу алайҳи ва саллам, бо бародари худ Саййид Амир Ҳусайн ба ҷониби фақироне, ки «ал-ғиёс, ал-ғиёс» фарёд мекарданд ва ба даргоҳи Ғиёсу-л-мустағисин илтиҷо мебурданд, аз лангари Амир Ғиёс ташриф оварданд, маҳҷуроне, ки дар хористони ҳиҷрон монанди мурғони хазондида хомӯш буданд, ба ин нағмаву наво даромаданд, ки:

Ҳазор шукр, ки бозам навиди васл расид,
Агар фироқи ту куштӣ маро, кӣ мепурсид?

Ва гирифторони зовияи фироқу ранҷурони бистари ифтироқ бад-ин намат фиғон бароварданд, ки:

Алминнатулиллаҳ, ки намурдему бидидем
Дидори азизону ба мақсуд расидем.

Ва чун таваттуни он ҷаноб дар он вилоят ба воситаи муонидин ва душманиии аъдои дин мутааззир буд, ки ҷамъе касир ва ҷамме ғафир ба қасди қатли эшон иттифоқ намуда буданд ва шабу рӯз мутарассиду мутараққиби қатли эшон буданд ва дар ҳалоки эшон саъй менамуданд. Ба ҳукми ал-фирору миммо лоютоқу мин сунани-л-мурсалини фирор бар қарор ихтиёр карданд ва азимати сафар мусаммам гардониданд.

Дар он авқот аз иттифоқоти ҳасана он, ки қариб ба понсад кас аз вилояти Хуросон азимати мулки Мовароуннаҳр карданд ва аз Лаҳлаҳбек, ки ҳокими Хуросон буд, нишонҳо ба даст оварданд. Аз он ҷамоат се нафар аз он сафар мамнӯъ шуданд: Хоҷа Муҳаммади Сарроф, ки аз аъёну ашрофи вилояти Хуросон ва Хоҷа Ихтиёр, ки аз табақаи ахёри вилояти Озарбойҷон буд ва ҳар ду қофиласолори он қофила буданд. Номи ин махдум ва бародари эшон ва ин каминаро ба ҷойи он се кас дар силки он ҷамоат мунхарит гардониданд. Дар таърихи салхи шаҳри муҳаррами санаи самона ашара ва тисъамиа [17 апрели 1512] буд, ки сари хиёбони Музриби Хайём реҳлати анҷоми он ҷамоат гардид. Ва ин сафар дар фасли рабеъ буд, ки лашкари Баҳмани дайро Фаридуни фарвардин мунҳазим сохта буд ва аз нафиру кӯси раъд ва милтиқи соиқаву барқ зилзила дар замину замон андохта. Сорбонони даврон шутурони кӯҳкӯҳони талолро аз сақирлоти фустуқии сабза ҷиҳоз пӯшида буданд ва аз ҷадовили оби сел дар сари эшон миҳор мусалсал менамуданд ва лолаҳои рӯзгорон аз барои наварӯсони баҳор қумошҳои мулаввани сабзаву раёҳинро барои бистару ҷомаи хоб ҷиҳати арзи таҷаммул ба рӯи дашту саҳро густарданд ва пахтаҳои саҳобро ба камони наддофии қавси қузаҳ бар ҳам зада, аз барои огин оварданд. Теғи кӯҳ, ки аз сабза ранг ёфта буд, сайёфи баҳор онро ба сайқали барқ тасқил менамуд ва рахнаҳои онро бар ҷамароти лолаву путки раъд оташкорӣ мекард, бар канорҳои об чун пайконҳои ғунчаву ханҷарҳои савсан ва қуббаҳои сипарҳои

хатмӣ ва настарани зангхӯрда буд. Бод обро дар даруни ҷӯйбор сӯҳонсифат гардонида ва бод, ки фитнаангезӣ карда, лашкари сабзаву раёҳинро бар ҳам зада буд, об ӯро дар даруни зиндони ҳубоб ба сиёсати ҳабс расонид. Муҳандиси ҳаво аз нуқтаи борон аз барои тӯмори атфоли чаман бар саҳифаи об давоири паргорӣ мекашид ва табархун чун аз ранҷи хун забун гардида буд, фассоди барқ ӯро рагҳо аз мафосил мегушод. Замона ба забони ҳол ба ин тарона мутаранним буд, чунонки гӯяд Салмон. Байт:

Тароватест ҷаҳонро зи фарри фарвардин,
Ки ҳар замон хиҷил аст осмон зи рӯи замин.
Зи лутфи ҳол ҳаво гашт бар замин ғолиб,
Чунонки мечакадаш аз ҳаё арақ зи ҷабин.
Фалак зи қавси қузаҳ бар ҳаво кашида камон,
Ҳаво зи барқи ҷаҳон бар ҷаҳон гушода камин.
Ҳарири сабзи чаман шуд шукуфаро бистар,
Канори барги чаман шуд бунафшаро болин.
Маро зи об хуш омад, ки мезанад бар рӯд
Таронаҳои диловезу савтҳои ҳазин.
Дарахти мева, ки чун шохи сарв барг надошт,
Чу бурҷи Савр баровард Зуҳраву Парвин.
Чаман беҳ аст зи чархи барин зи сояи бед,
Хилоф нест бар он, чарх низ ҳаст бар ин.

Дар он қофила аз арбоби ҳусну ҷамол ва аҳли фазлу камол лоюад ва лоюҳсо буд.

Ба ҳар замин, ки задӣ он парирухон хайма,
Замин зи риштаи ҷонҳо пур аз таноб шудӣ.

Маҳвашоне, ки дар бодияи ишқи эшон ҳазор қофила саргардон буданд [ва дар биёбон таманнои эшон монанди дарой дар нолаву афғон, бо аҳли созу арбоби навоз бисёр буданд]. Қосималии Қонунӣ созандае буд, ки моҳи гардун аз барои торҳои қонунаш аз ҳола калобаи сим овардӣ ва ҳаврои ин аз баҳри намунаи гӯшҳои он қонун ғунчаҳои гулбуни равзаи ризвонро ба пеши қонунтарош бурдӣ [ва] Рӯҳуламин агар нағмаи рӯҳафзояшро шунидӣ, шохи дарахти Сидраро аз барои сози вай буридӣ ва шаҳпари худро ҷиҳати мизроб пеши вай кашидӣ. [Байт]:

Нолаи қонуни ӯ, к-аз наргиси ҷодуш буд,
Чун нанолад з-он ҳама пайкон, ки дар паҳлуш буд?

Дигар Чакари Чангии муғанния буд, ки ҳар гоҳ ки чанг дар канор гирифтӣ, Зуҳра дар базми фалак сози худ бар Замин задӣ ва аз осмон ба Замин омадӣ ва мӯи гесӯи худро бурида, тори чанги ӯ сохтӣ. [Байт]:

Дилбари чангӣ, ки сози дилбарӣ оҳанг сохт,
Риштаи ҷони ман аз ҳам канду тори чанг сохт.

Ва саромади созандагон писари устод Сайййд Аҳмади Ғиҷакӣ [буд], ки гардун ҷоми заррини хуршеди ховариро аз барои тоси ғиҷаки ӯ муносиб медид ва ҳури хулди барин гесувони анбарини худро аз барои тори камончаи ғиҷак пеши ӯ мекашид ва олиҳазрати вилоятманқабати ҳақиқатмаобӣ Мавлоно Нуруддин Абдурраҳмони Ҷомӣ, қаддасаллоҳу сирраҳу-с-сомӣ, аз барои ӯ ғазале фармудаанд, ки матлааш ин аст:

Садои он ғиҷакам кушт[у] ҳусни он ғиҷакӣ,
Ки шӯри маҷлиси ушшоқ шуд зи пурнамакӣ.

Ва Муҳиббалии Балабонӣ ҷавоне буд, ки собиқан имому-з-замон ва халифату-р-раҳмон Муҳаммад Шайбониро бад-ӯ алоқаи таъаллуқӣ буда ва ин матлаъро аз барои вай фармуда будаанд:

Ба лабони шакарин то балабон овардӣ,
Ба лабони ту, ки ҷонам ба лабон овардӣ.

Яке аз наводири созандагони олам Устод Ҳасани Удӣ буд, ки муғанниёни рӯҳафзо аз доираи ҳалқабагӯшони ӯ будӣ ва танбӯрсифат ҳаблулвариди сандуқи синаи худро ба мизроби нохун аз рашки ӯ харош намудӣ. Ва Устод Ҳусайнии Кӯчаки Нойӣ, ки дар камоли ҳусну ҷамол буд ва дар Ироқи Арабу Аҷам овозаи сози ӯ ба авҷи иштиҳор расида буд. Ва манқул аст, ки дар қофилаи аҳли Ҳиҷоз муҳайяри мағлуби ишқи ҳусну ҷамоли Каъбаро рост монанди ушшоқи бенаво зангӯласифат ба нолаву афғон аз бодия монанди сабо ба имдоди нағмаи най гузаронида [буда], дар он қофила буд. Ва дигар Мир Хонанда буд, ки машҳур аст, ки Ҳофиз Басир дар вақти хонандагии вай бағоят бетоқатӣ ва бехудӣ мекарда ва шуҳрати тамом дорад, ки баъд аз Ҳазрати Довуд ало набиййино [ва] алайҳиссалом ҳеч кас мисли Ҳофиз Басир нахонда. Ва машҳур аст, ки чаҳор кас

дар маҷлиси хонандагии Ҳофиз Басир қолаб тиҳӣ кардаанд. Манқул аст, ки дар рӯзи таъзияи Хоҷа Товус девони акобир ва ашроф ҳозир буданд ва аз Ҳофиз Басир илтимоси тағаннӣ карда будаанд. Ҳофиз ин ғазали Хоҷаро, ки мисроъ:

Вафот беҳ бувад онро, ки дар вафои ту набвад

мехонда. Чун ба ин байт расида ки:

Дар оташ афканам он дил, ки дар ғами ту насӯзад,
Ба бод бардиҳам он ҷон, ки дар ҳавои ту набвад

ва гӯянд, ки аз гӯшаи айвон мусичае парвоз карда, худро дар канори Ҳофиз андохт ва қолаб тиҳӣ сохт ва он рӯз қариб чиҳил кас беҳуш шуда, эшонро ба дӯш аз он маҷлис берун оварда буданд.

Алқисса, дар мавзеи Чиҳилдухтарон, ки яке аз мавозеи яйлоқи подшоҳи марҳуми мағфур Султон Ҳусайн Мирзо Бойқаро буд, Хоҷа Муҳаммади Сарроф ангези суҳбате сохт ва тарҳи ҷашне андохт ва тамомии аъёну аҳли корвонро талаб намуд. Чун ҳар кас ба ҷойи худ қарор гирифт, ҳуззори маҷлис аз Ҳофиз Мир ғазале ва аз устод Ҳусайнии Кӯчак фасли най илтимос намуданд. Ҳофиз [Мир] ғазале, ки Мавлоно Биноӣ аз барои устод Шайхии Нойӣ дар бадеҳа гуфта буд, оғози хондан кард. Матлааш ин аст:

Бисӯхт з-оташи нойе дили балокаши ман,
Магар ба най нафасе медамад бар оташи ман.

Мақсудалии Раққос ҷавоне буд, ки ҳар гоҳ ба рақс даромадӣ, хуршеди ховарӣ ва маҳи анварӣ ба гарав рафтӣ ва чун аз рақс бозистодӣ, ҳуззори маҷлисро ба гирди сари худ дар гирд ёфтӣ. Дар вақте ки он ҷавон дар рақс буд, ин каминаро аз ғазали Мавлоно Биноӣ ва хондани Ҳофиз Мир кайфияте даст дода буд, ба хотир расид, ки дар ҷавоби он ғазал шояд, ки дар бадеҳа аз барои он ҷавони раққос ғазале тавон гуфт ва аз барои нисори мақдамаш лаолии обдор тавон суфт. Ҳанӯз он ҷавон аз рақс фориғ нашуда буд, ки он ғазал ба итмом расид. Матлааш ин аст:

Ба рақс гарм чу гардид сарви маҳваши ман,
Зи боди домани ӯ даргирифт оташи ман.

Чун он ҷавон аз рақс фориғ гардид, он ғазал ба арзи аҳли маҷлис расид ва ба нисори таҳсину туҳафи офарин музайян

гардид. Яке аз дӯстон, ки ҳамвора дар садади иштиҳори ҳайсиёти ин ҳақир ва дар мақоми изҳори қобилияти ин фақир буд, гуфт, ки фалонӣ илми мусиқиро [бағоят] хуб медонад ва ғазалро дар ниҳояти марғубӣ мехонад. Ҳуззори маҷлис, ки ин шуниданд, муболаға аз ҳад даргузарониданд ва нойиро фармуданд, ки найро соз кард. Чун ҷавони нойӣ фасле навохт, ба ин камина пардохт ва гуфт:

– Чаро намехонед ва фақиронро мустафид намегардонед?

Гуфтам:

– Эй сарви сарфароз ва эй ёри дилнавоз! Ҳарчанд бар саҳифаи хотир мулоҳиза менамоям ва чашм бар ҷаридаи ботин мегушоям, нақши як байт, балки як ҳарф марқум намеёбам.

Табассум намуду гуфт:

– Шуморо, ки қуввату қудрат дар он мартаба бошад, ки ғазале бад-он ғарроӣ ва шеъре бад-он раъноӣ дар бадеҳа тавонед гуфт, чӣ эҳтиёҷ ба шеъри дигаре доред?

Чун ин қавл ба гӯши ман расид, дари мабдаи файёз бар рӯи ман гушод ва ин савонеҳи ғайбӣ рӯй дод. Гуфтам, ки:

– Най бардор!

Ва оғоз кардам, ки [байт]:

Ушшоқро зи сози ту ҳоли дигар шавад,
Чун най барӣ ба сӯи даҳан, найшакар шавад.
Ҷоно, ман он наям, ки бинолам зи дасти ту,
Сӯроххо чу най агарам дар ҷигар шавад.
Хоҳам, ки баъди марг дамад най зи турбатам,
Бошад, ки ҳамнафас ба ту, эй симбар, шавад.
З-он най наёварам ба даҳон, к-оташи дилам
Афтад ба ною оташи ман тезтар шавад.
Бар ман гирифт нест, ки афғон кунам, вале
Тарсам, зи парда рози ниҳонам бадар шавад.
З-ин сон, ки ҳамдами лаби лаъли ту бинамаш,
Охир ба най ду даст маро дар камар шавад.
Эй Восифӣ, ба нолаву афғон дигар чунин
Н-ой ба кӯи ӯ, ки касеро хабар шавад.

Ҷавоне, ки саромади ҷавонони он маҳфил буд ва нисбати дигарон ба вай мисли нисбати кавокиб ба офтоб менамуд ва ӯро Шоҳқосим мегуфтанд, ба ин сӯхтаи зор мисли нуру нор

ва нашъаву уқор даромехт ва аз ҳуққаи лаъли нӯшин ҷавоҳири завоҳири таърифу таҳсин бар минассаи офарин рехт. Чун аҳли маҷлис хотири он нозанинро ба таърифи ин камина ҷазбан моил ёфтанд, дар водии ситоишу таъриф камоянбағӣ, шитофтанд. Мавлоно Хондмири муаррих, ки яке [аз] афозили номии [гиромии] Хуросон буд ва ӯро аз ҷумлаи махсусони Амир Алишер мешумурданд, фармуд, ки:

– Мо шунидаем, ки маҳорату муморасати шумо дар фанни муаммо ба мартабаест, ки ҳар муаммое, ки мехонанд, ном ногуфта меёбед [ва ба андак тааммуле мешикофед], аммо ин сухан пеши мо мустабъад менамояд, ки то мушоҳида наяфтад, мақрун ба қабул намегардад.

Ва ин муамморо хонд, ки:

З-офтоби рухи ҷонафрӯзе
Мерасад бар дили решам сӯзе.

Филҳол гуфтам, ки :

– Азиз!

Мутаҳаййир шуду гуфт:

– Моро мизанна мешавад, ки ин муамморо ёд дошта бошед. Аммо ман, ки аз шаҳр берун омадаам, то ин ҷо панҷ муаммо гуфтаам ва ба касе нахондаам, агар инҳоро ёбед, мусаллам медорем.

Чаҳор аз муаммаётро филфавр ёфтам ва дар як андак тааммуле карда шуд ба воситаи он ки дар ростии ӯ назаре буд ва изҳори он намудам. Соҳиби муаммо дар мақоми баҳс шуд, аммо дар маҷлис ҷамъе касир, [ки] аз фанни муаммо вуқуфи тамом доштанд, ба имдоди эшон хотирнишони ӯ шуд, ки он муаммо ғалат аст. Баъд аз он, он ҷавон бо ҷамъе дигар аз ҷавонон аз «Рисолаи муаммо»-и Амирҳусайни Нишопурӣ пеши ин камина сабақ бунёд карданд. Аммо фақир дар тааммули тасҳили ин муаммои дақиқ дар фикри таҳсили ин муддаои дақиқ фурӯ рафтам, зеро ки тародуфу иштироки аҳли [қофила] дар ишқу муҳаббати он ҷавон тансис пазируфта, имтизоҷи аҳиббову таркибу иттисоли асдиқо дараҷаи исқот гирифта, муҳаббат ба кулфату кудурат табдил ёфта [буд]; ба тахсиси Хоҷа Муҳаммади Сарроф, ки қалби вай ба сабаби таҳрику хибосати руқабо, ки изҳори кинояти беҳисоб мекарданд, тас-

кин намеёфт. Билахира, ёрии ӯ бозӣ намуда, ташдиди мабонии адоваташ бо ҷамъе тазмим ёфта, ба сӯи бодияи мунофарат шитофт. Лоҷарам, тахфифи тасдеи ихтилоти ҳар маъруфу маҷҳул муносиб дидам ва басоти мухолитати ҳамгинон дарнавардидам. Он моҳи мунир, ки офтоб истиораи нур аз рӯи ӯ намудӣ ва ташбеҳи рӯйи ӯ ба маҳ бағоят номуваҷҷаҳ будӣ [ва] ба тасмияи ӯ собиқан талмеҳе рафт, ба ин камина тарҳи қасри ихтилот сохт ва ҳар куҷо мерафтам, монанди мадд соя бар сари ман меандохт. Ба хотир расид, ки ба тариқи мутоиба қасидае гуфта шавад, ки эътизоре бошад ҷиҳати изтирор дар ихтилоти он офтоби сипеҳри малоҳат, ё зарофате бошад дар ғояти латофат ба хоҷаи мазкур ва ошиқони пурмаломати маҳҷур. Салмонро қасидаи қасамияест дар мадҳи Дилшод, ки ҷамъе хавз карда буданд, ки Салмон шуморо ҳаҷв карда, дар ҷавоби он воқеъ шуда [ва он] қасида ин аст:

Зиҳӣ, кашида ба қасди дил абруи ту камон,
Хаданги ғамзаи чашми ту хона карда ба ҷон.
Рухи ту лолаи пуробутоби гулшани рӯҳ,
Қади ту сарви сарафрози ҷӯйбори равон.
Магар ба қасди дил он ҳарду лаб кунанд низоъ,
Ки баҳри сулҳ дарояд забони ту ба миён.
Касе зи сирри даҳонат намешавад огоҳ,
Саре ба ғайри забонат бурун наёрад аз он.
Чу Хизр хост, ки гӯяд сухан зи лаъли лабат,
Нахуст шуст даҳон з-оби чашмаи ҳайвон.
Даҳони танги ту бар сафҳаи рухат мим аст,
Баёзи ҳалқаи он мим риштаи дандон.
Масеҳи лаъли ту Хизри хатат чу дид заиф,
Майи таҳур ба оби ҳаёт додаш аз он.
Нигори ман, чӣ камонест сахт абруят,
Дар офтоби рухат қарнҳост монда чунон.
Қиёматест қадат, к-офтоби рӯят ҳаст
Ба қадди найзаву ин аз қиёмат аст нишон.
Намуда аз ду тараф сояҳои боли малак
Ба гирди орази ӯ турраҳои мушкфишон.
Ба чашму холи миёни ду абруяш бингар,
Магар ки бар сари оҳуст чарғ дар таярон.

Ба сафҳаи рухат абрӯву биниву даҳанат
Туро ба дилбариву ҳусн ном карда аён.
Туро чаҳи зақан, эй навбаҳори ҳусн, бувад
Беҳ аз шукуфаи себи ҳадиқаи Ризвон.
Зи лаъли дилкаши ту об мечакад, гӯё
Расидааст ба побӯси фахр аҳли замон.
Сипеҳрмартаба Хоҷа Муҳаммад, он ки барад
Зи хоки мақдами ӯ равшанӣ маҳи тобон
Зи рои анвари ӯ ламъае бувад хуршед,
Зи баҳри бахшиши ӯ қатрае бувад Уммон.
Аё сипеҳршараф, к-атласи сипеҳр туроcт
Камина нақши кабуд аз нуқуши шодурвон.
Туӣ, ки пеши гадои дари ту баҳри ниёз
Нисор харҷии афлок оварад Кайвон.
Туро сипеҳр канизест, к-аз хусуфу кусуф
Кунад ба маслиҳати он сияҳ [сари] пистон,
Ки то ба шуғли ризоаш тааллуле нашавад,
Ба бандагии ту, эй хоҷаи рафеъмакон.
Нишаста дар паси чарх офтоб метобад,
Таноби хаймаи қадри ту, эй завилэҳсон.
Ту хоб кун ба фароғат ба шаб, ки мегардад
Ба гирди қофилаат посбонсифат Дабарон.
Сипеҳр машъалаи маҳ гирифта бар сари роҳ,
Ки корвони ту шаб бигзарад ба роҳ осон.
Чунин ки кӯҳ зи базли кафат ҳаросон шуд,
Аҷаб, ки лаъл нагардад чу каҳрабо дар кон.
Маҳу ситора бар он хоки роҳ бӯса зананд,
Ки наълу мехи суми маркаби ту сохт нишон.
Шунидаам, ки гумон бурдаӣ ба ман рамзе
В-аз он шудаст маро бар малолати ту гумон.
Ба ҳаққи Эзади бечун, ки ганҷи гавҳари ишқ
Нуҳуфта дар дили ушшоқи бесарусомон.
Ба ҳаққи қомати раънои нозпарвари ёр,
Ки ҳаст дар чамани эътидол сарви равон.
Ба он дутарфа камон, яъне абрувони нигор,
Ки баҳри он ду камон шуд ҳазор ҷон қурбон.
Ба он ду наргиси бемори нотавон, ки барад
Ба як назар зи дили аҳли ишқ тобу тавон.

Ба дурҷи лаъли пур аз гавҳараш, ки ҳар нафасе
Зи рӯи лутф занад ханда бар дуру марҷон.
Ба себи ғабғаби симини он парӣ, ки беҳ аст
Ҳазор бор зи норанҷи бӯстони ҷинон.
Ба он забон, ки расонад ҳазор ҷон бар лаб,
Гаҳе ки сар бадар орад зи гӯшаҳои даҳон.
Ба сафвати бадани нозукаш, ки аз софӣ
Ба шоми тор дар ӯ рӯҳро назора тавон.
Ба он ду соиди симин, ки мебарад аз даст
Дили шикастаи ошиқ ба ҳилаву дастон.
Ба он камар, ки чу мӯй аст нозуку он ҷо
Бувад чу кӯҳ балое ба мӯй овезон.
Ба он ду соқи булӯрин, ки рост чун ду сутун,
Шуда иморати ҳусни нигорро бунён.
Ба ҳурмати дили пурсӯзи ошиқи муфлис,
Ки нест баҳрааш аз ошиқӣ ба ҷуз ҳирмон.
Ба аҷзу безарии ошиқони бемоя,
Ба айшу хуррамии хоҷагони бозаргон.
Ба меҳнату алами ошиқи маломаткаш,
Ки аз маломати ағёр гашта саргардон,
Ки он мизанна ки дорӣ ба Восифӣ, набувад
Ба ғайри ифтирию кизбу туҳмату буҳтон.
Ҳамеша, то бувад аз симу зар ҳусули висол,
Мудом, то бувад ифлос мӯҷиби ҳиҷрон,
Ҳамеша бод муяссар висоли хубонат,
Нигоҳдори ту аз ҳаҷр холиқи Яздон!

Чун корвон ба навоҳии оби Омуя расид, дар вақти ғулувву туғёни об буд, ки шутурони масти кафандози афвоҷи амвоҷи Ҷайҳун бо бухтиёни забардасти авҷи гардунангез ҷанг мекарданд ва ҷиҳози зоти алвоҳи сафоинро аз кӯҳи кӯҳон фиканда, бо сорбонони ҳамл ҳамла меоварданд. Кайвон аз баҳри сайди моҳиёнаш ҳар шаб аз акси сипеҳр ба кавкаби суфрае дом сохтӣ ва аз барои коми наҳанги муҳитошомаш дар вай аз инъикоси моҳи нав шаст андохтӣ.

Саҳмгин обе, ки мурғобӣ дар ӯ эмин набуд,
Камтарин мавҷ осиёсанг аз каронаш даррабуд.

Замин дар муқобили сипеҳри барин даромада, дар мувозоти Каҳкашони гардун аз ҷӯйи Ҷайҳун минтақа бар миён баста

ва аз моҳиён ханҷарҳои обдор дар камаргоҳ устувор карда ва дар баробари нуҷуму кавокиби торами нилгун атрофи миҷарра гулҳои худрӯйи садбарг бар соҳили дарё падид оварда. Чун корвон ба соҳили дарё нузул фармуд, ҷорияи киштӣ аз пайи хидмати он рашки ғилмони биҳиштӣ бар рӯйи об равон гардид. Халлоқулмаонӣ Камоли Исмоили Исфаҳонӣ аз барои киштӣ луғазе гуфта ва басо дурри маонии бадеъ суфта. Фақир онро ба хотир доштам. Якчанд байт аз он аз баҳри хотир киштисифат ба соҳили баён омад. Чун ҳар байт завраqе буд мамлу аз лаолии маонӣ, ки ғаввоси фикрат аз қаъри баҳри маонӣ берун овардааст, ҷавҳаршиносони покизагавҳар онро ба накди ҷон харидорӣ намуда, дар дурҷи самъу ҳуққаи қабулаш ҷой доданд. Ва он луғаз ин аст:

Кист он сайёҳ, к-ӯро ҳаст бар дарё гузар,
Мусрие, к-ӯ солу маҳ бе пой бошад дар сафар?
Раҳбари халқ аст, ӯро худ на чашм асту на гӯш,
Номи ӯ тайёру ӯро худ на бол асту на пар.
Ҳар кӣ ҷойи хештан андар дили ӯ боз кард,
Гар равад дар баҳри Қулзум, бошад эмин аз хатар.
Молдоре карда ҳамчун ғофилон такя бар об,
Фориғ аст аз бозгашту эмин аст аз хайру шар.
Эътибори аҳли дунё бар ваю ӯ бесубот,
Оби дарё то камаргоҳи ваю вай мухтасар.
Дар миёни баҳр ҳамчун баҳр бошад хушклаб,
Бошадаш бими ҳалок, он гаҳ ки шуд лабҳош тар.
Валъиёз он дам, ки ояд пойи ӯ рӯзе ба санг,
Пушти халқе бишканад аз бими молу бими сар.
Ҳаст ӯро ҷория исми алам в-ин ҷория
Ҳар замоне гардад обистан ба чандин ҷонвар.
Мехазад бар сина ҳамчун мор, на дасту на пой
В-он гаҳе монанди каждум дум бароварда ба сар.
Оқибат бошад ҳалоки ӯ чу мустасқӣ дар об,
З-он ки чун мустасқиён бошад зи обаш ногузар.
Хонаи бунёди ӯ бар обу ободон зи бод
В-он гаҳе ҳамвора ӯ аз хоку оташ барҳазар.
Бошгуна хонае, devору дар монанди ҳам,
Сақфи ӯ дар зери пой асту сутунаш бар забар.

Сокинони ӯ наяндешанд аз Тӯфони Нӯҳ
В-аз ҳама бунёдҳо девори ӯ кӯтоҳтар.
Турфатар он аст, к-ӯро зиндагӣ чандон бувад,
К-обро андар даруни ӯ падид ояд мамар.
Дар ҳама баҳре бувад ҷояш магар, к-андар ду баҳр
Баҳри шеъру баҳри ҷуди подшоҳи баҳру бар.

Хоҷа Муҳаммади Сарроф дар соҳили он дарёи баҳрсифат маҷлиси басите оросту сипеҳрманқабат маҳфили мадиде афрошт. Аҳли фазлу арбоби камол, ки дурри биҳори ифзол ва хубони соҳибҷамол, ки дурратутточи афсари ибтиҳоҷу фараҳ буданд, ҳар як ба мартабаи лоиқу дараҷаи мувофиқ қарор ёфта буданд. Созандагон ба ҳазаҷи дилгушо ва раҷази рӯҳафзо усули ғам аз басотини дили пуралам муқтазабу муҷтасс мегардониданд. Ҷаноби хоҷаи мазкур пайравии арбоби карам намуда, тариқаи лутф маъмул дошта, ба ошиқони абтари маҳҷур, ки ба сабаби толеъи шум аз васли бор маҳрум, ридфу радифи меҳнату дахили қайди муҳаббат ба навъе буданд, ки хурӯҷашон аз ноираи малолат муҳол менамуд.

Тавҷеҳи мулоимат бар ваҷҳе маҷро дошт ва таъсиси мабонии марҳамат ба дараҷае гузошт, ки мазиде бар он мутасаввир набошад. Ин фақири маҳзун, ки дар кафи малолат мақбуз ва махбун буд, кашфу рафъи ҳиҷоб намуда, он қасидаи «Қасамия»-ро ба арзи хоҷаи мамдӯҳ ва самъи ошиқони [маҷрӯҳ] расонид. Агарчи рақибон аз ин фақир алами тавил доштанд ва дам ба дам алами таарруз бармеафрроштанд, қатъу изолаи низоъ карда, нафири таҳсини вофиру ғулғулаи офарини комил мутавотиру мутародиф гардонида, ба давоири муъталифаи афлок расониданд. [Алоҳозо] ба воситаи он қасида, эътилофу имтизоҷе дар миёни он ҷамоат пайдо шуд ва монанди ширу шакар [ва] нуру қамар ба ҳам даромехтанду бодаи муонасат дар ҷоми мувофиқат рехтанд. Бештари афозилу аксари ҷавонони қобил он қасидаро мусаввада фармуда, ба ин калом ратбуллисон гардиданд, ки:

Қасидаи ту, ки ҷонпарвар аст, мешояд,
Ки бар саҳифаи ҷонаш кунад савод касе.

Ҷаноби хоҷаи мамдӯҳ аз рӯи мутоибаву мулотифа фармуданд, ки:

– Махдумо, агарчи тааллуқи шумо собиқан дар мартабаи гумон буд, акнун ба сарҳадди яқин расид.

Ва изҳори инбисот намуданд ва ҷиҳати силаву ҷоизаи он қасида сақирлоти амал наботу [банот] сару пои муносиб инъом фармуданд. Ва аз рӯи илтимос гуфтанд, ки:

– Азизон, дидорҳо ғанимат асту фурсат муғтанам, муносиб чунон менамояд, ки ёрон имшаб аз ин манзил муфорақат нанамоянд. Қитъа:

Ғанимат дон висоли дӯстонро,
Ки даврон менамояд бевафоӣ.
Аз он тарсам, ки даврон ҳам намонад,
Басе гӯӣ, ки эй даврон, куҷоӣ?

Чун муқаррар буд, ки корвон дар лаби об мутафарриқ гарданд ва баъзе мутаваҷҷеҳи Кобулу Омул ва баъзе [рӯй] ба ҷониби Ҳисору Хузор доштанд ва фирқае ливои азимат ба савби Самарқанду Бухоро меафроштанд, дар замони муфорақату видоъ аз Ҳофиз Мир илтимоси ғазале намуда шуд. Иттифоқан, рӯз абрӣ буд. Саҳоб монанди чашми ошиқон ашкфишонӣ менамуд. Ин ғазали афсаҳулфусаҳо ва амлаҳушшуаро ҳазрати Шайх Саъдиро, қаддасаллоҳу сирраҳу-л-азиз, ҳасбулҳол бунёд кард:

Бигзор, то бигирям чун абр дар баҳорон,
К-аз санг гиря хезад рӯзи видои ёрон.
Бо сорбон бигӯед аҳволи оби чашмам,
То бар шутур набандад маҳмил ба рӯзи борон.
Ҳар кас шароби фурқат рӯзе чашида бошад,
Донад, ки талх бошад қатъи умедворон.
Бигзоштанд моро дар дида оби ҳасрат,
Гирён чу дар қиёмат чашми гуноҳкорон.
Эй субҳи шабнишинон, ҷонам ба тоқат омад,
Азбаски дер мондӣ чун шоми рӯзадорон.
Чандин ки баршумурдам аз моҷарои ишқат,
Андуҳи дил нагуфтам, илло як аз ҳазорон.
Чандат кунам ҳикоят, шарҳ ин қадар кифоят,
Боқӣ наметавон гуфт, илло ба ғамгусорон.
Саъдӣ, ба рӯзгорон меҳре нишаста дар дил,
Натвон зи дил бурун кард, илло ба рӯзгорон.

Дар лаби дарёи Ҷайҳун фиғону гиряву нола ба авҷи гардун расид, ту гуфтӣ рӯзи Растохез бархосту ҳар як аз аҳли фазл абёте, ки муносиби вақт буд, хондан гирифтанду гиряи ҷонсӯз дарпайвастанд. Он абёт ин аст [Рубоӣ]:

Ҷамъ омада будем чу Парвин якчанд,
Чун иқди ҷавоҳир ҳама дар ҳам пайванд.
Ногоҳ фалак риштаи он иқд бурид,
Ҳар дона ба гӯшаи ҷаҳоне афканд.

[Қитъа]:

Дар ин нишемани ҳирмон макун ба кас пайванд,
Ба ҳар касе, ки ниҳӣ дил бар ошноии ӯ,
Агар мухолифи табъи ту бошад авзоаш,
Азоби рӯҳ бувад суҳбати риёии ӯ.
В-агар мувофиқи таври ту бошад ахлоқаш,
Мазоқи марг диҳад шарбати ҷудоии ӯ.

Дар он вақт ба ин камина қитъа [дар] бадеҳа рӯй дод:

Чу лафзи ҷамъ агар муттасил ба ҳам ҷамъе
Шуданд, кард фалак қасди душманиву низоъ.
Ҳазор шуъбадаву макр сохт бо эшон,
Ҷудо шуданд зи ҳам ҳамчу ҳарфҳои «видоъ».

Бар канори дарё якдигарро канор гирифта, ҳар кадом ба ҷонибе равона гардиданд. Шоҳ Қосим бо мутааллиқони худ дар киштӣ нишаста [аз оби Омуя гузашта] мутаваҷҷеҳи Самарқанд шуданд. Баъд аз чаҳор рӯз [ҳангоми] субҳдам, ки хоқони байзокулоҳи субҳи содиқ аз ҷониби Машриқ алами нури парчами хуршедро барафрохт ва зангии девбози шабро мунҳазим гардонида, сипари мушкфоми зарфишони заломро бар хокдони даҳр биандохт; корвониён ба гирди қалъаи Насаф расида буданд, ки ҷуқ-ҷуқу гурӯҳ-гурӯҳ расида, хабар расониданд, ки Мирзо Бобур бо Абдуллоҳхон дар кӯли Моғиён ҷанг карда, шикаст ёфта, мутафарриқ гардид. Корвониён ба суръату таъҷили тамом мутаваҷҷеҳи Самарқанд шуданд. Баъд аз се рӯз дар вақте ки шаҳсавори наҳор майл ба сарманзили ғуруб [карда] ҷоми заррини офтобро аз таркаши лоҷвардии сипеҳр гирифта, аз дасташ [дар] чашмаи мағриб афтод ва сад ҳазор қатра парешон гашта, доғҳо бар ҷомаи нилгуни фалаки нигун зоҳир

гардида, корвон ба дарвозаи шаҳри Самарқанд расида, шаҳре диданд, дар ғояти устуворӣ ва муҳкамӣ, баландии девори боруяш то ҳадде, ки агар гови фалак бар фарози он гузаштӣ, шиками ӯ [аз] нӯки кунгурааш даридӣ:

Кунгура дандон шуда бар шаҳрбанд,
То ки бихояд сари қасри баланд.
Сурх шуд аз шарм, ки шуд хокбӯс
Кунгураи арш чу тоҷи хурӯс.

Ва мағоке хандақи амиқаш то ғояте, ки гови зеризаминӣ дар сабзазори қаъри ӯ чаридӣ:

Умқ дар ӯ кор ба ҷое кашид,
К-аз таҳи ӯ гашт замин нопадид.
Рафт заминро чу ҳиҷоб аз миён,
Аз таҳи ӯ гашт падид осмон.

Бозорҳои ӯ монанди рӯи арӯсон ороставу аз ҳар тарафе мисли ҷаъди дилбарон фитна бархоста. Меваҳои латифаш чун ба назар меомад, каримаи вафокиҳатин мимо ятахайярун[1] ба хотир мегузашт. Ҷавонони нозанинаш чун ба ҷилвагарӣ меомаданд, ояи ва ҳурун ъинун каамсоли л-луълуи -л-макнуни[2] бар забон ҷорӣ мегашт. Иттифоқо, сабоҳи ҷумъа ҳамин рӯз буд, ки Убайдуллоҳхон ба шаҳри Самарқанд наҳзати нузул фармуд:

Замини мулки Самарқанд ифтихор намуд
Ба чарх аз қадами хони оқибатмаҳмуд.
Убайдхон – шаҳи Ҷамшедсират, он шоҳе,
Ки дар ҷаҳон набувад мисли ӯ шаҳе мавҷуд.
Ба қадри ҳиммати худ базл агар кунад, набувад
Аёдии карамашро макон фазои вуҷуд.
Ба қатли душмани ӯ чарх кард чун тақсир,
Танаш ба санги кавокиб замона сохт кабуд.

Олиҷаноб, маъолинасаб, қудватуламоҷид, волоолӣ, марҷаъулафозил, волоҳолӣ Хоҷа Мавлонои Исфаҳонӣ он, ки наҳоири [баҳоири] уламо дар басоти олияш ҷавоҳири фавоидуттақот намудӣ ва санодиди фузало дар пояи сарири мутаолияш истифодаи никоти авоидро гӯши ҳуш гушудӣ, ба номи Убай-

1 Қуръон, сураи 56, ояи 20.
2 Қуръон, сураи 56, ояи 22 ва 23.

дуллоҳхон хутбаи ғаррое иншо намуд дар ғояти фасоҳату балоғат, ки масоқеи хутабо ва маҷомеи булаға дар маъразі он муҳри сукут дар даҳон ниҳоданд ва забон ба мадҳу санои ӯ гушоданд. Вақти намози ҷумъа Убайдуллоҳхон бо ҷамъи акобиру аолӣ ва ашрофи Самарқанд ба масҷиди ҷомеъ ҳозир омаданд. Чун хатиб хутбаро ба зикри саҳобаи киром, ризвонуллоҳи алайҳим аҷмаъин расонид, фарёду фиғону ғулғулаи мардум ба мартабае расид, ки касе овози хатибро намешунид. Халоиқ бар замин ғалтидан гирифтанду гиребонҳо пора карданд; бисёреро ба дӯш беҳуш аз масҷид берун бурданд. Баъд аз як ҳафта хони аъзам хоқони муаззам Кучкунҷихон аз ҷониби Туркистон расид ва child сародиқи азамату саропардаи салтанат ба савби шаҳри Самарқанд кашид. Чун қоидаи мустамирра ва зобитаи муқарраран силсилаи салотини Шайбонӣ [аст], ки то бародарони калонтар ва хешони бузургтар ҳастанд, хурдтарон қадам бар тахти салтанати подшоҳӣ ва сарири азамати шоҳаншоҳӣ намениҳанд. Бинобар он, Убайдуллоҳхон ҷаноби Кучкунҷихонро бар тахти хонӣ нишонида, пеши ӯ сар фуруд овард ва рӯй ба ҷониби Бухоро кард. Ва хони мазкур дар шаҳри Самарқанд тарҳи салтанат андохту ливои хилофат бар қуббаи сипеҳру қамаи моҳу меҳр барафрохт; дар замони хилофат ва айёми салтанати худ такриму таълими уламо ва фузалоро ба ҳукми ман акрама олиман, фақад акрамани бар зиммаи [ҳиммати] худ аз авҷаби мавоҷиб ва алзами лавозим гардонид. Дар замони салтанаташ мадорису хавониқ ва савомеу масоҷиду биқои хайр, ки дар замони собиқ индирос ёфта буд, зебу зинати тамом гирифта, иморату мараммат пазируфта. Дар мадрасаву хонақоҳи султони саиди шаҳид Улуғбеки Гӯракон, ки дар рубъи маскун мисли он иморати олӣ бино нашуда,

Гунбади султон Улуғбек он ки ҳаст андар асос,
Андаруни сатҳи он беруни оламро мумос

баландии айвони рафеъаш ба дараҷае, ки агар хуршеди ховарӣ торҳои анвори худро пайванди каманди шиҳоби соқиб сохта, ба қуллоби моҳи нав бандад, аз шурфаи ғурфааш кӯтоҳӣ намояд; ва агар сайёҳи хаёл ба дастёрии андеша қадам бар фарози кунгураи вай монад, сараш бар сақфи гунбади ло-

макон сояд, дах мударрис таъйин ёфта буд. Яке аз он ҷумла Мавлоно Амиркалон, ки манбаи хотири [мунираш машориқи масобеҳи анвори ҳақоиқи] мубин ва машраи замири муҳитоинаш ҷомеи фусули ҳикмати илоҳӣ буд [ва] кавокиби савоқиби [ботини] мунираш машориқи масобеҳи [анвори ҳақоиқи номутаноҳӣ талвеҳи фикри соқибу тавзеҳи ройи соибаш мисбоҳи] минҳоҷи дину кашшофи мушкилоти яқин гардида, сарфи инони иноят ба наҳви тарбияти туллоб лозим дошта ва қусорои ҳиммат дар рафъи осори ҷаҳолати диния ва насби аъломи улуми яқиния, касри бинои залолат дар зимни он зам аст, ҷазман баргумошта буд ва доии ботини саодатмаёминаш, ки қонуни шифои амроз ва ҳовии куллиёти аъроз буд, бар таъсиси мабонии улуми шариат масруф ва бавоиси замири кимиётаъсираш, ки маҷмаи муҷмалу муфассали оёти саодат аст, бар тарбияти фузалои фазилатгустар муваффақ буд. Дар суффае, ки шарти воқиф муқаррар гардида, ки аъламулуламо мударрис бошад, дарс мефармуд. [Байт]:

Зи дарки ғояти илмаш уюни мудрика қосир,
Зи кунҳи ояти наъташ нуфуси нотиқа музтар.

Ва дар мадрасаи Хони шаҳид имомуззамон халифатурраҳмон Муҳаммад Шайбонихон, ки дар сари Чорсуқи Самарқанд бино ёфта ва он чунон мадрасаест, ки рифъати айвони рафеъулмаконаш монанди ҳиммати олияш дар ғояти баландӣ ва фусҳати саҳни ҷаннатосояш чун дилу дасти ӯ дар ниҳояти вусъату арҷмандӣ аст, чаҳор мадраса муқаррар шуда [буд]; аз он ҷумла, яке Мавлоно Хоҷагӣ буд, ки эшонро аз авлоди амҷоди Мавлоно Хофӣ мешумурданд. [Ва] Мавлоно Хофӣ дар замоне ки мадрасаи Улуғбекро месохтаанд, чунин гӯянд, ки Мирзоро ба итмоми он эҳтимоми [тамом] буда, чунонки ҳар рӯз меомада ва хишт ба дасти устод медода. Як рӯз Мавлоно Хофӣ пӯстин бозгуна [дар бар] дошта дар миёни тӯдаҳои хишт нишаста буда; касе аз Мирзо суол карда, ки:

– Шоҳо, ин мадрасаи рафеи бадеъ анқариб тамом мешавад, аз барои ӯ мударрис киро таъйин фармудаед?

Мирзо фармуданд, ки мударриси ин мадраса касе хоҳад буд, ки дар ҷамеи улум моҳиру дар тамоми фунун комил ва мутабаҳҳир бошад.

Мавлоно Хофӣ аз ҷо бархоста, гуфта: ано мутаъаййинун би ҳоз-ал-мансаб. Мирзо пурсиданд, ки:

– Ин кисту аз куҷост ва номи ӯ чист?

Гуфтанд:

– Ӯро Мавлоно Муҳаммад мегӯянд ва аз вилояти Хоф асту муддатест, ки дар ин шаҳр ба ҷидду ҷаҳди тамом ба таҳсил иштиғол менамояд.

Чунин гӯянд, ки Мирзо ӯро пеш талабида ва аз ҳар илм аз вай чизҳо пурсида; [ҳар чӣ пурсид] ҷавоби маъқулу муваҷҷаҳ шунид. Пас фармуд, ки ӯро ба ҳаммом бурданду сару тани ӯро шуста, ба ҷомаҳои хосси худ малбусу муаззаз гардонид ва ӯро пеши Қозизодаи Румӣ бурду таърифи бисёр карда, ҳамсабақи худ гардонид. Чунин гӯянд, ки дар рӯзи иҷлос Мавлоно Хофӣ «Миҷастӣ»-ро дарс фармудаанд ва дар он маҷлис навад донишманд будаанд. Сухани вай ба ғайри Мирзо ва Қозизодаи Румӣ касе нафаҳмида буда. Мирзо мефармудаанд, ки: «Мавлоно Хофиро дар ҷамеи улуму фунун дастгоҳ он аст, ки агар кутубу расоили ҷамеи улумро дар дарё резанд, чунонки аз ҳеч илм дар олам асар боқӣ намонад, вай метавонад, ки эҳёи ҷамеи улум намояд бар ваҷҳе, ки аз ҳеч илму фан нуктаву дақиқае фавт нашавад». Ва Мавлоно Хоҷагӣ дар аксари улум, хусусан, дар илми маонӣ ва баён иштиҳори тамом доштанд ва рояти фасоҳат дар мизмори балоғат бар зурваи [иннӣ аъламу, мо ло таъламун[1]] бармеафроштанд. Рӯзе ин каминаро ба расми зиёфату меҳмондорӣ ба хона талаб фармуданд ва ҷамъе касир аз афозилу аоливу аъёну аҳолии [шаҳри] Самарқанд ҳозир буданд. Аз касрати такрори илтифоту татобуи алтофу иноёти он ҳазрат нисбат ба ин фақири ҳақир ду толибилми самарқандиро оташи ҳасад дар конуни синаи пуркина барафрӯхт ва матои сабру тоқати эшонро батамом сӯхт. [Ли муаллифиҳи]:

Аз ҳасад дар синаи худ оташе афрӯхтанд,<br>Ҳам маро, ҳам хешро, ҳам ҷону ҳам дил сӯхтанд.

Алфозу ибороти мумавваҳа ва калимоти музахрафаи муҳмала, ки аз аҷлофи суқияи хуросониён воқеъ мешавад, ба

---

1 Қуръон, сураи 3, ояи 30.

қасди тахҷили ин камина гуфтан гирифтанд. Ва қасидае, ки Мавлоно Биноӣ ба забони ин тоифа гуфта, бунёди хондан карданд, ки:

Чуна ҳолу ҳаволи ту, лалаҷон,
Ҳашию некию мешӣ марди калон.

Ҳазрати Хоҷагӣ мутағаййир шуданду эшонро манъ фармуданд. Ба гумони он ки магар ин каминаро тафовут мекунад, мамнуъ нашуданд. Кор ба дуруштиву душном кашид, аз он низ мунзаҷир нагаштанд.

Ҳазрати Хоҷагӣ фармуданд:

– Субҳоналлоҳ! Он миқдор тафовут, ки дар миёни табақоти сухан воқеъ шудааст, ки як тарафаш ба сарҳадди эъҷоз расида, ки итён ба мисли он аз тавқи башар берун аст ва тарафи дигар мултаҳиқ аст ба асвоти ҳайвонот, ки аз эшон кайфа мо яттафиқ судур меёбад, ҳамчунин миёни банӣ навъи инсонӣ ин тафовути фоҳишест. [Рубоӣ]:

Як одамие бувад, ба ҷоне арзад,
Мӯе ки аз ӯ фитад, ба коне арзад.
Як одамии дигар ҳам аз одамиён,
Нодидани ӯ мулки ҷаҳоне арзад.

Бо вуҷуди ин ҳама ноираи ҳасади эшон интифо ва интифо напазируфт ва аз насими насиҳати он азиз хористони ботини эшон гули мулоимат нашукуфт.

Сухан ба лутфу хушӣ бо дуруштхӯй магӯ,
Ки зангхӯрда нагардад ба нармсӯҳон пок.

Фақир гуфтам:

– Эй азизон, он чи шумо фармудед, баёни воқеъ аст, аммо фақир, ки ба ин вилоят омадам, як-ду калима аз мардуми шумо шунидам [ки] агар ҳама алфози муҳмалаи оламро ҷамъ кунанд ва дар як паллаи тарозу гузоранд ва он ду алфозро дар паллаи дигар монанд, бар ҳама ғолибе роҷеҳ ояд. Ва он ду лафз ин аст, ки рӯзе ба ҷамъе толибилмон ба сайри Хоҷа Кафшер рафта будем; ҷамъе аз ҷавонон ангези бозии хокпалла карданд. Яке бо дигаре мегуфт, ки: «Хокпалла намеҷаҳӣ?» Ба ҷойи он ки гӯяд эзор надорам, гуфт: «Не, додар, [дари] кунам гушода аст».

Ғулғулаи хандаи ҳуззори маҷлис ба авҷи Сурайё расид ва кори он ду кас ба тамасхуру тафзеҳ кашид. Баъд аз он гуфтам, ки:

– Шумо абёти Мавлоно Биноиро бад мехонеду зоеъ месозед ва аз ман шунавед, ки он забонро беҳ аз ман касе намедонад.

Ва якчанд байт, ки дар ҳаҷви Хоҷа Маҳмуди Тойободӣ воқеъ шуда, эшонро мухотаб сохта, бунёд кардам. Ва аз ғароиби умур он ки яке аз он ду кас Маҳмуд ном дошта. Он абёт ин аст:

Ло таруддунӣ, айюҳа-л-аҳбоб,
Ло талумунӣ, айюҳа-л-ихвон.

Он ду касро ҳолате ориз шуд, ки ба мурдан розӣ шуданд ва чора надоштанд. Дигар гуфтам, ки:

Мавлоно Биноӣ ба забони мурдуми шумо низ абёт гуфта, дурри маонии бадеъ суфта. Он абёт ин аст:

Шавқи он холи сиҳам пайваста ҷон-андар бувад,
Ҳамчу он кафтар, ки донаш чағрдон-андар бувад.
То ба рухсори ширинаш рӯи маҳ шуд мондок,
Ҳар шабе з-ин савб чамҳом осмон-андар бувад.
Шаҳр даргаштам, мусулмоне якам соғар надод,
Меравам, соғарҷбар шояд муғон-андар бувад.
Бар лаҳви сангин нишастам, се чаме пайдо нашуд,
Меравам, шояд лаҳви бустони ҷон-андар бувад.
То диҳам он пора мондам танга пул ҳамём бурд,
Харҷ бар ҷову ало дигар миён-андар бувад.
Пушти Чокардиза гашт андар надидам ёрро,
Эй Биноӣ, бин, ки шояд Муфтиён-андар бувад.

Ва лаҳу айзан:

Мекунад хорӣ маро, азбаски кунаш бардарам,
То ба кай хорӣ кунад, мемонаму мебардарам.

Ва лаҳу айзан:

Дӯш чарх андар маҳи нав абруят як ҷом шуд,
Кокнону ширинатро диду ҳалво хом шуд.

## [2]
## ГУФТОР
### дар мунозираи ин камина бо Хоҷа Юсуфи Маломатӣ, ки вазири хони аъзам Кучкунҷихон буд

Намози шоме дар гӯристони Чокардиза дар масҷиди сари қабри Имом Ҳаммом Абумансури Мотуридӣ, раҳматуллоҳи алайҳ, бо дили хаставу шикаста нишаста будам ва ба ёди ёру диёр аз дидаи ашкбор хуни ҷигар меполудам ва алами дуди оҳ бар сари қабри он бузургвор бармеафроштам ва ин абёти ҷонсӯзи обдор вирди забон доштам, ки:

Намози шоми ғарибон чу гиря оғозам,
Ба мӯяҳои ғарибона қисса пардозам.
Ба ёди ёру диёр ончунон бигирям зор,
Ки роҳу расми сафар аз ҷаҳон барандозам.

Ногоҳ шахсе пайдо шуду гуфт:

– Шуморо Хоҷа Юсуфи Маломатӣ талаб менамоянд ва дар хонаи вай афозили Самарқанд ҳозиранду интизори макдами шарифи шумо мебаранд.

Ва Хоҷа Юсуф – вазири соҳибихтиёри даргоҳи оламтаноҳ [хоқони аъзам] Кучкунҷи[хон] буд ва бар саманди вазорат майдони ниёбат мепаймуд. Чун ба хонааш даромадам, маҷлисе дидам, ороставу пироста чун хулди барин ва бар ҳар сӯ дилбаре нишаста, монанди ҳури ин, соқиёни симинсоқ шароби ноби мураввақро дар ҷоми мурассаъ рехта буданд ва нуқли пистаи намакинро ба қанди шакархандаи ширин [бар] омехта; Лимуаллифиҳи:

Ҷоми зарро соқиён аз лаъл зевар сохтанд,
Духтари разро зи чинишиша миъҷар сохтанд.

Гӯё ки маҷлисороёни моҳталъати мушаъбидсифат оташи сӯзандаро дар даруни оби соф таъбия намуда буданд, ё намунае аз дили пурхуни ошиқони талхком ба ширинлабони симандом менамуданд. Бар гиряи талхи чашми сурохӣ лабҳои ҷом аз ханда фароҳам намеомад, ки дар чунин маҳфили рӯҳафзо чаро гирякунону ашкафшон аст. Ва доира аз ҷалоҷил

дастакзанон, ки дар чунин ишратгаҳи ҷаннатосо чангро чӣ маҳалли сина кандану нолаву афғон аст. Ҳубоб бар рӯи шароб ишоратнамо, ки [ҷомро] лоҷуръа нӯш бояд намуд:

Ишорат аст, ки лоҷуръа нӯш соғари майро,
Аз он ҳубоб нигунгашта аз шароб барояд.

Надимони хушманзари ширинмақолу ҳарифони маҳпайкари ҳумоюнхисол тарҳи гуфтугӯе зарифона андохтанду маҷлисро рашки фирдавси барин сохтанд. Хоҷа ангези бадеҳа гуфтан карданд ва бар ҳуззори маҷлис дар бадеҳа бар мартабае ғалаба намуданд, ки мазиде мутасаввир бар он нашояд. Мавлоно Қатилӣ, ки афзали фузалои Ироқу Хуросон буд, дар гӯши фақир гуфт:

– Ин хоҷа моро аҷаб дар назари ин ҷамоат забуну расво гардонид ва кор ба ҷое расонид, ки мо пеши ӯ дам наметавонем зад.

Фақир гуфтам, ки:

– Шумо сабр кунеду таъҷил манамоед, ки ҷаноби хоҷа аз либоси илм орӣ асту дар зулмати ҷаҳл мутаворӣ. Оқибат аз вай амре сар бархоҳад зад, ки мӯҷиби хиҷолати вай гардад ва сабаби истилои мо шавад ва масали машҳур аст: «Омиро агар аз тило созанд, сӯрохи мақъадаш биринҷин хоҳад буд».

Ва дар ин асно, шахсе, ки Тунӣ тахаллус мекард ва дар шеър дар ғояти забунӣ буд, аз қавоид ва истилоҳоти шеъру арӯзу қофия ва саноеи шеърӣ аз ин фақир чизҳо мепурсиду ҷавоб мешунид. Дар бадеҳа гуфта шуд, ки:

Эй ки ту Тунӣ тахаллус мекунӣ,
Шеърро аз мо тафаҳҳус мекунӣ.

Хоҷа чун шунуданд, фармуданд:

Чун ту медонӣ, ки марди оҷиз аст,
Аз чӣ маънӣ ин таҷассус мекунӣ?

Фақир беихтиёр хандон шудаму гуфтам:

Боракаллаҳ, ки карамҳо кардед,
Хешро беҳуда расво кардед.

Хоҷа аз рӯи эъроз фармуданд, ки:

– Чӣ амр ба зуҳур анҷомид, ки мӯҷиби ин миқдор инбисоти шумо гардид?

Гуфтам:

– Эй махдум, қофияро ғалат кардед ва дар миёни шуаро айбе аз ин қавитар намебошад.

Алқисса [ки] хоҷа бағоят парешон шуда, ҳазён бунёд карданд ва хостанд, ки айби худро ба либоси эъроз бипӯшанд ва оташи шаноатро ба боди ғазаб иштиол дода, обрӯи худро ба хоки мазаллат рехтанд. Санги тафриқа дар он маҷлис афтода, ҳар касе ба гӯшае мутаваҷҷеҳ гардид. Ҷамъе аз толибилмон ва аҳли фазл, ки дар он маҳфил буданд, дар беруни хона бад-ин камина дар мақоми эътироз шуда, фармуданд, ки:

– Ин миқдор забунӣ ва таҳаммул аз осори разолату дунӣ аст; маълум аст, ки рутбаи Юсуфи Маломатӣ чӣ миқдор асту ӯро пеши аҳли фазилат чӣ эътибор:

Гар беҳунар ба мол кунад фахр бар ҳаким,
Куни хараш шумор, агар гови анбар аст.

Гуфтам:

– Эй дӯстони мушфиқ ва эй ҳаводорони мувофиқ, он чи шумо изҳор менамоед, айни лутфу карам аст, аммо маро доия он аст, ки чанд рӯзе мехоҳам, ки дар шаҳри Самарқанд бошам ва он доия ба он муомила, ки шумо хаёл кардаед, мунофот дорад.

Ва ҳар яке ба гӯшае равон шудем. Чун ба гӯшаи меҳнатхонаи худ омадам, фақирро ҳузну андуҳе даст дод, гиряи ҷонсӯз мекардаму ин абёт муносиби ҳоли худ ба забон меовардам:

Шабҳо на кавокиб аст бар чархи нигун,
Он нест шафақ, к-аз ӯ уфуқ шуд гулгун,
К-аз дарди мани ғариб дорад гардун
Рухсора пур аз сиришку доман пурхун.

Ба хотир расид, ки хоҷаро навъе ҳаҷв карда шавад, ки бар он услуб аз афозили мосабақ воқеъ нашуда бошад ва он равиш маслуки ҳеч як аз афозили мотақаддам нагардида бошад. Ва ончунон бояд [ки] ба зоҳир муштамили мадҳе бошад дар

ғояти латофат ва ба ҳасби таъмия ҳаҷве бошад дар ниҳояти ракокат. Ба андак тааммуле он мухайял мураттаб гардид. Ҳаҷв ин аст:

Ҳаст дар силсилаи хоқонӣ
Муҳрдоре, ки надорад сонӣ.
Чун каломаш ба зарофат омехт,
Аз даҳонаш гуҳари беҳад рехт.
Фахри офоқ бувад, з-ӯ шуда фош
Мардумиву караму ҳусни маош.
Бо мани дилшудаи зору дижам
Хуб шуд оқибат аз рӯи карам.
Чун кунанд аҳли саховат зар бахш,
Ҳаст беш аз ҳама охир дар бахш.
Ҳаст ӯ хайри дигар дар раҳи дин,
Ки набинӣ гираҳ ӯро ба ҷабин.
Аз раҳи лутф муини фуқарост,
Ки гушода рухаш аз айни атост.
Фитрати ӯ чу баланд афтода,
Халқро ҷумла писанд афтода.
Кард аввал агар ангези ҷафо,
Охир омода шуд аз баҳри вафо.
Ҳаст чун кӯҳ зи бас ҳилму виқор,
З-он аз ӯ рӯи заминрост қарор.
Даври охир маҳи нав ҳаст магар,
Зи рухи ӯ, ки чунин шуд лоғар.

Ин назм бисту як байт аст. Он чи ба хотир омад, бар ҳамон қарор ёфт, ихтисор карда шуд. [Мисраъ]:

Дар хона агар кас аст, як ҳарф бас аст.

Алассабоҳ ин назмро навишта, ба ҳузури хоҷа рафта шуд. Ғолибан, қабл аз рафтани ин фақир Мавлоно Муҳаммади Пиралӣ, ки яке аз афозили саромади Самарқанд буд, моҷарои шабонаро шунида буда, ба қасди заҷр пеши хоҷа рафта, басе ӯро изову ҷафо карда, бисёр тахтия намуда ва гуфта:

– Албатта, бояд, ки фалониро узрхоҳии бисёр намоӣ ва ин бадномиро аз саҳифаи [авроқи] рӯзномачаи худ маҳв фармоӣ.

Чун фақир даромадам, хоҷа таъзиму такрим [ва эъзозу икроми] локалом ба тақдим расонида, узрхоҳии балеғ фармуд. Фақир гуфтам:

– Ин дуруштӣ ва нохушӣ аз ҷониби ин камина воқеъ шуд.

Дар узрхоҳӣ ин якчанд байт [дар мадҳи мулозимон] ба хотир расид. Ва он навиштаро бароварда, хондан гирифтам. Дар ин асно касе тойи урмаке ба расми туҳфа пеши хоҷа овард. Чун он мадеҳ ба охир расид, хоҷа он урмакро пеши фақир ниҳода, фармуданд, ки:

– Иҷолату-л-вақт ин силаи назми бадеи шумо бошад.

Фақир онро гирифта берун омад. Ба ҳуҷраи мадраса рафтам. Баъд аз рафтани ин фақир Мавлоно Муҳсини Шервонӣ, ки аз фуҳули фузалои Самарқанд буд, пеши хоҷа рафта, ӯро маломати бисёр карда, ки:

– Раво бошад ончунон касе, ки фузалои Хуросону Мовароуннаҳр ӯро мусаллам медонанд ва ӯро ба меҳмонӣ ба хона оварда, ин навъ дуруштиву нохушӣ намудаед?

Хоҷа гуфтанд:

– Рост мефармоед, аммо пеш аз омадани шумо фалон кас омада буд ҷиҳати узрхоҳӣ. Дар мадҳи ин камина [як] чанд байт гузаронид ва ҷиҳати силаи он тойи урмаке гузаронида шуд. Мавлоно Муҳсин он мадеҳро талаб намуданд ва ҳуззори маҷлис чунин нақл карданд, ки қариб ба панҷ байт Мавлоно-Муҳсин низ нарасида, дар байти шашум бад-ин амр мутталеъ гардид. Боз аз аввал гирифта як-як байтро мехонду механдид ва тааҷҷуб мекарду мегуфт, ки:

– Вайронӣ мабинод вилояти Хуросон, ки инчунин касон аз вай зуҳур менамоянд.

Хоҷа пурсид, ки:

– Сабаби ханда чист?

Мавлоно Муҳсин дар гӯши хоҷа фармудаанд, ки:

– [Ин назм] агарчи ба ҳасби зоҳир мадҳ аст, аммо ба ҳасби маънӣ ҳаҷвест, ки то ғоят ҳеч кас накарда. Ва инро хотирнишони хоҷа карда.

Чунин гӯянд, ки хоҷа бағоят ошуфта гардида, суханони таҳдиомезу ҳикоёти ваҳшатангез гуфтан гирифт. Мавлоно Муҳсин фармудаанд, ки:

– Ин ғалати дигарест, ки ангез кардаед. Ин сабаби иштиҳори ҳаҷв мешаваду мӯҷиби расвоии шумо гардад. Агар аз ман мешунавед, сару пои муносиби одамиёна ва маблағхарҷии [мутааддия] ба вай мебояд фиристоду ӯро бад-ин навъ шарманда мебояд сохт.

Хоҷаро ин сухан маъқул афтода ва сару пое дар ғояти takаллуф ва маблағи яксад хонӣ ба дасти яке аз мулозимони худ ба мадраса ба ин камина равона гардонид. Фақирро хиҷолату шармандагии ғарибе даст дод. Аз барои дафъи инфиолу узрхоҳии он хоҷаи некухисол ба хотир расид, ки қасидаи ғарроe гуфта шавад. Чун он хоҷа ба муҳрдорӣ мавсум буд, ҷавоби қасидаи радифи «Ангуштарин»-и Мавлоно Котибӣ, ки дар мадҳи Мирзо Бойсунғур гуфта [буд], иттифоқ афтод. Ва он қасида ин аст:

То шуд аз номи шарифат номдор ангуштарин,
Бар мамолик ёфт дасти иқтидор ангуштарин.
Мекашад бар пушт санг аз баҳри касри давлатат,
З-он шуда хам чун фалак дар зери бор ангуштарин.
Аз пайи ангушти қудрат хост даврон хотаме,
Шуд нигин муҳр[у] сипеҳри зарнигор ангуштарин.
Ғавр дар баҳри кафат хоҳад кунад ғаввосвор,
Баҳри лангар санг аз он дорад ба кор ангуштарин.
Бар лаби баҳри кафат бошад аҷаб, к-аз ташнагӣ
Дар даҳон дорад ақиқи обдор ангуштарин.
Муншаиб гардида дарёи кафат бар панҷ шох,
Баста пул аз санг бар [як] ҷӯйбор ангуштарин.
Ҳалқааш нун аст[у] он ангуштро Зуннунсифат,
Дар дарун дорад аҷаб зору низор ангуштарин.
Дорад аз дасти ту ангушти таҳайюр дар даҳон,
З-он ки дид инъоми омат бешумор ангуштарин.
Сурати номи адӯят бар нигин шуд то рақам,
Кард рӯи худ сиёҳ аз рашку ор ангуштарин.
Аз сияҳрӯӣ агар хоҳад халосӣ, гӯ, бинеҳ
Сар ба хатти хоҷаи олитабор ангуштарин.
Хоҷа Юсуф хоҷаи боҷуду ҳиммат, он ки ёфт
Дар ҷаҳон аз иззи номаш эътибор ангуштарин.

Эй ки хоҳӣ муҳр созӣ боби давлат бар адӯ,
Аз фалак хокистару аз маҳ биёр ангуштарин.
Вақти ғорат душманатро то буранд ангушт зуд,
Бод дар ангушт он дам устувор ангуштарин.
Шохи марҷон аст ангушти ту, к-аз баҳри кафат
Ҳамчу ғаввосаш расонад бар канор ангуштарин.
Ҳаст ангушти ту шамъи базми давлат, з-он сабаб
Гашта чун парвона гирдаш беқарор ангуштарин.
Нуқраву фирӯзаву лаълу зар аз кони лабат
Хуш ба даст овардааст ин ҳар чаҳор ангуштарин.
Ҳар чӣ будаш, ҷумларо бар санг зад з-он рӯ, ки ҳаст
Дар саховат ҳамчу ту беихтиёр ангуштарин.
Мезанад бар синаи худ муттасил санги туро,
З-он ки шуд дар касби давлат бо ту ёр ангуштарин.
Хони заррин карда пурёқуту бар сар бо ду даст
Оварад пеши ту аз баҳри нисор ангуштарин.
Аз нигин доғи ғуломии ту дорад бар ҷабин,
Сурхрӯ з-он рӯ бувад дар рӯзгор ангуштарин.
Аз даҳонат то нишоне ёфт з-Оби зиндагӣ,
Рӯй дар зулмат ниҳода Хизрвор ангуштарин,
Пеши дурҷи гавҳарафшонат лаби санг омада,
Мекунад изҳори аҷзу инкисор ангуштарин.
Маҳз нурӣ, з-он намояд номат аз хатти сафед,
Мекунад лутфи сафоят ошкор ангуштарин.
Гуфт шеъре аз пайи ангуштаринат Восифӣ,
Зебад, онро гар кунад зеби узор ангуштарин.

[Ва лаҳу айзан]:

Баски дорад рашк аз лаъли нигор ангуштарин,
Чеҳраи худ сохт пурхуну фигор ангуштарин.
Муҳри хомӯшӣ ниҳода бар даҳону хешро
Сохта аз маҳрамони номдор ангуштарин.
Санг баста бар шикам чун хотами пайғамбарон,
Дар тариқи пайравӣ, не з-ифтиқор ангуштарин.
Ҳаст чун боғи шукуфа коғазу аз ҳар тараф
Карда зоҳир ошёнҳои ҳазор ангуштарин.

Хиттаи Чин аст, пиндорӣ, нишонҳо, к-андар ӯ
Нофаҳои мушк карда бар қатор ангуштарин.
Ҷуз даҳони дилбари нозук хати ӯ кас надид,
Ин ки ёбад зеб аз хатти ғубор ангуштарин.
Сураташ чун румиён бошад, вале дорад калом
Вожгуна ҳамчу аҳли Зангбор ангуштарин.
Ҳамчу лаъли оташин рухсорааш сурх аз чӣ шуд,
Пеши лаъли ӯ нашуд гар шармсор ангуштарин?!
Бар танаш ҳарчанд бинӣ, нест ғайр аз наълу доғ,
Менамояд хешро ошиқшиор ангуштарин.
Менамояндаш ба ангушту кунандаш эҳтиром,
Ёфт то дар зебу зинат ифтихор ангуштарин.
То бувад з-ангуштарин бар сафҳаи олам нишон,
Бод ҷоҳатро дар ангушти виқор ангуштарин!

Дар вақти [иншо] гузаронидани [шеъри] ин қасида ҳар байт, ки хонда мешуд, ҷаноби хоҷа иқди ангушт мегирифт. Чун ба итмом расид, ба хона даромаданд ва маблағи сесаду панҷоҳ тангачаи хонӣ берун фиристоданд. Чун [абёти] ин қасида сиву панҷ байт буд, маълум шуд, ки ба адади ҳар байт даҳ тангача бар зиммаи [ҳиммати] худ лозим дошта, карам фармуданд, [байт]:

Он хоҷа буд лоиқи он, кош гуфтаме
Дар мадҳаш он қасида, ки будӣ ҳазор байт.

## [3]
## ГУФТОР
### дар баёни шиддати сармо ва зимистони Самарқанд ва баёни қаҳтиву гаронӣ, ки ҷамъе аз толибилмони хуросонӣ, ки ҳеч кадом вазифаву ошное надоштанд ва маунати эшон ба фақир лозим шуда буд

Дар таърихи санаи 919 буд, ки дар шаҳри Самарқанд зимистоне воқеъ шуд. Шоҳи чаҳорболиши торами чаҳорум ба хонаи Қавс даромада, кураи заминро ҳадафи сиҳоми замҳарир гардонида буд. Ва аз чиллаи камони вай суккони арзро тирборон менамуд. Ли муаллифиҳи:

Аз фалак резон набуд он вақт барфу замҳарир,
Мӯй резон буд аз сармо зи фарқи чархи пир.

Ва муаллиф дар вақт муносиби ҳол ғазале гуфта буд. Зикри он дар ин мақом муносиб намуд:

Нест он барф, ки аз боми фалак мерезад,
К-аз бурудат ҳама парҳои малак мерезад.
Барф набвад, ки зимистон шутури масти саҳоб
Кафи мастӣ зи само то ба самак мерезад.
Абр айвони фалак сохт сафеду зи намаш
Резаҳои гач [аз] айвони фалак мерезад.
Мардумон аз хунукиҳои ҳаво сӯхтаанд,
Бар сари сӯхтагӣ абр намак мерезад.
Мекунад абр садафкорӣ сандуқи фалак
В-аз бурудат зи кафаш ҷумла ба так мерезад.
Тобдонҳои фалакро магар аз ҳам канданд,
Ки аз он ҷумла паришҳои хасак мерезад.
Восифиро капанак шуд ҳавас акнун, к-аз барф
Пашмҳои зада баҳри капанак мерезад.

Фарроши қазои ҳазрати бечун соябони абрро бар фазои ҳавои ҳомун барафрохт ва хиргоҳи лоҷвардии гардунро тамом дар пардаи намади саҳоб маҳфуз сохт. Навхостагони боғ дар унфувони ҷавонӣ ба мазмуни ва-штаъала-р-раъсу шайбан[1] муталлеъ ва аҳли фароғ аз нодидани Юсуфи офтоб ба

1 Қуръон, сураи 19, ояи 3.

фаҳвои вабяззат ъайноху[1] воқиф гардиданд; ва Яъқубсифат дар кунҷи зовияи аҳзон хазиданд. Аз ҳодисаи барф дар он рӯзи растохез кӯҳҳои барф калъиҳни-л-манфуш[2] муоина менамуд ва ба ҳар тӯдаи барфи аз бод дар [тайрон] [мазмуни ояти] ва тара-л-ҷибола таҳсабуҳо ҷомидатан ва ҳия тамуръу маррассаҳоб[3] зоҳир ва ҳувайдо буд. Офтоб бо вуҷуди он ки санҷоби саҳоб пӯшида, ларзон буд ва осмон агарчи миҷмари худ дар зери доман дошт, аз шиддати бурудат кабуд менамуд.

Шудӣ ба бод чу дасти чанор панҷаи мард,
Наузу биллаҳ, агар囘 доштӣ бурун зи сиёб.
Фалак кабуд шуду офтоб меларзад,
Зи абр агарчи ниҳон буд ҳар ду дар санҷоб.

Назм:

Сарриштаи офтоби сӯзон
Шуд шӯшаи ях ба нимрӯзон.
Рӯз аз хунукӣ кашида дар ҳам
Худрову намуда кӯтаҳу кам.
Аз сардии об мурғобӣ,
Оварда паноҳ бо кабобӣ.

Ва дар ин сол гарониву қаҳтӣ дар Самарқанд ба мартабае буд, ки халқ ба ҷуз курси Моҳу Хур бар моидаи фалак мустадир надидӣ ва гуруснагони фақир шабҳо аз хирмани Парвин ба хаёл хӯша чидӣ. [Байт]:

Гуруснашикам бар намад дӯхт чашм,
Ки ҳамсояи гӯшт будаст пашм.

Аз ғароиби умур он ки шабе ба хонаи дӯсте ба меҳмонӣ рафта шуда буд. Дузде қуфли дари хонаи мадрасаро бартофта, ҳар чӣ ёфта, бурда. Қариб ба даҳ толибилми ғарибы хуросонӣ дар ғояти парешонӣ ва ифлос пеши ин фақир омада, изҳори ҳоли худ бар ин ваҷҳ карданд, ки агар фикре ба ҳоли мо накунӣ, ҳама аз сармову гуруснагӣ ҳалок мешавем. Гуфтам:

– Эй дӯстон, ғам махӯред фатаваккалу фаинналлоҳа юҳиб-

1 Қуръон, сураи 12, ояи 84.
2 Қуръон, сураи 101, ояи 4.
3 Қуръон, сураи 27, ояи 90.

бу-л- мутаваккилин[1]. Аз ҳазрати Шайх Шақиқи Балхӣ манқул аст, ки агар замин рӯй шавад ва осмон оҳан гардад, ки на аз замин рӯяд ва на аз осмон борад ва ҳамаи олам аёли ман бошад, як сари мӯй аз таваккул барнагардам: арризқу ъала-л-лоҳи таъоло ва тақаддас.

Шунида будам, ки дар силсилаи Фӯлод-султон ҷавонест дар ғояти фаҳму ниҳояти карам, ки ӯро Амиракои Шоҳӣ мегӯянд. Аз барои вай мактубе навишта, дар баёни ҳоли талаба фиристода шуд. Чун бар мазмуни [он] иттилоъ ёфт, ба ҷониби таахҳуди фақирон шитофт ва эшонро ба меҳмондорӣ ба хона талабида. Аз барои ин камина пӯстини мӯина ва сару пои муносиб ва аз барои ҳар як аз талаба пӯстини барра ва пироҳану тунбоне карам намуда. Ва он мактуб ин аст, ки ба вай навишта шуда буд: «Сарфарозо, банданавозо. Маърузи замири мунири офтобтанвир он ки шиддату суубати сармои дай ва сардии зимистону хунукиҳои вай ба дараҷае расида, ки хуршеди авҷи торами чаҳорум, ки иборат аз Хусраву Ховар аст, ҳар шом худро самандарсифат дар оташи шафақ меандозад ва шоҳи мамолики Шом, ки иборат аз моҳи анвар аст, дар хокистари сипеҳру ахгари нуҷум маскан месозад. Ва кураи ҳавоӣ бо он ки ҷуббаи паринаи абр дар оғӯш дорад, аз шиддати сармо дам ба дам нафаси сард мекашад. Ва унсури оташин бо он ки ҳамеша аз дуд пӯстини самур бар дӯш дорад, аз бурудати ҳаво ларза мезанад. [Қитъа]:

Дар фасли дай чу шуълаи оташ занад алам,
Дорам басе азизтар аз шӯшаи зараш.
З-он оташ аз суубати сармо фусурда нест,
К-аз дуд пӯстини самур аст дар бараш.

Барои ройи оламорой пӯшида намонад, ки дар чунин фасл чун оташи дилу ҳарорати сина дафъи сармо аз сари мо намекунад, аз бараҳнагӣ кори фақирон наздик ба он расида, ки аз хилъати ҳаёт низ орӣ гарданд. Чун шеваи лутфу банданавозӣ ҷомаест, ки аз ҷомаи хонаи ҳазрати саттор бар зоти бузургвори он ҳазрат пӯшидаанд, раҷои восиқу амали содиқ, ки ин фақирони бесарупо ҳар кадом ба пӯстине аз ҷомахонаи гарми

1 Қуръон, сураи 3, ояи 153 (ба ғайр аз калимаи аввал).

он ҳазрат пӯшида гарданд. Ҳамеша зоти бобаракот ба хилъати ҳаёт мулаббас бод би-н-набӣ ва олиҳи-л-амҷод».

Чун ба мадраса муовадат намудем, яке аз мулозимони хоҷа расида ва дар хилват ба ин фақир гуфт, ки:

– Хоҷа аз мулозимони шумо илтимос намудаанд, ки бандаро ба ҷавони қассобе алоқаи тааллуқе шуда, ки рӯзе маро сад бор мекушаду боз зинда месозад. [Байт]:

Сад бор кушт он бути қассобу зиндаам,
Ин аст, дӯстон, сухани пӯсткандаам.

Карам намуда, арзи ҳолро иншо мефармоянд, шояд ки аз баракати анфоси эшон он шӯхи қаттолро Худои таъоло раҳме карам фармояд.

Эҷобан ли масъулиҳи дар бадеҳа ин мактуб навишта шуд: «Саломе, ки чун алвони неъмати фаровон бар хони лутфу эҳсон суҳбати дӯстонро музайяну маъмур созад ва таҳийяте, ки монанди намаки висол мазоқи муҳиббонро аз бемазагии фироқ бипардозад, нисори маҷлиси он дӯсти номӣ ва ёри гиромӣ, аъни, Хоҷа Муҳаммадҳусайн, ҳафизаҳуллоҳу ан мӯҷиботи-л-кулфат ва дилнишин мегардонад, ба изз қабули мақрун бод. Баъдаҳу анҳои ройи анвар он ки тани мумтаҳани ранҷур аз меҳнату андуҳи фироқ лоғару низор аст ва синаи бекинаи маҳҷур аз захми нохуни иштиёқ шарҳа-шарҳаву афгор, дам ба дам хуни дили андуҳгинро қассоби ҳиҷрон аз дидаи хунобафишон рехта ва пораҳои ҷигари хунинро аз канораҳои мижгони хунчакон овехта, устухонҳои пушту паҳлуи тоқат аз зарбати табари дурӣ шикаста. Ва муҳраҳои гардани сабру шикеб аз захми ханҷари маҳҷурӣ аз ҳам гусаста, [аз бими] теғи бедареғи хунрези ғаму тири меҳнат кори дил ба ҷон кашида ва аз дасти захми паёпайи ханҷари ҳаҷру алам корд ба устухон расида. Душман, ки тани маҳҷури ранҷурро монанди пӯст ба устухон мебинад, дилаш аз нишот пиҳ карда, гӯшт бар вай менишинад ва дӯст, ки ин ҳолат мушоҳида менамояд, худро монанди пай бар оташи сӯзон меёбад. Умед, ки ба коми дӯстон, бар рағми душманон, ҳамеша дукони айши он дӯсти ба ҷон пайванд ба маслуххои неъмат мухаллад ороста ва душмани он ёри арҷманд монанди саги саллох санги хорӣ бар калла хӯрда, дастпоча гашта, ба хунхорӣ муқайяду побаста бод».

Баъд аз чанд рӯз он ҷавони қассоб хоне барраи бирёне тартиб карда, ҳамроҳи хоҷа пеши фақирон омада, илтимоси фотиҳа намуд. Аммо [кори] толибилмон ба ҷое кашид ва аҳволи эшон ба дараҷае анҷомид, ки ду кас аз эшон аз бетоқатии гуруснагӣ пӯстинҳои худро фурӯхта, хӯрданд ва аз шиддати сармо ҷон ба ҷонофарин супурда, мурданд.

Мавлоно Абдулалии Балхӣ, ки яке аз дӯстони ҷонӣ буд, шабе ба хонаи ин камина омада, гуфт:

– Ин толибилмон ҳама ҳалок мешаванд, дар бораи эшон чӣ фикр мекунӣ?

Гуфтам:

– Ман низ ҳайронам ва чорае намедонам.

Гуфт:

– Дар таърифи соли қаҳт ба мадҳи Абусаид Султон қасидае мебояд гуфт ва дурари маонӣ мебояд суфт, то аз вай ба тариқи сила ахзу ҷарре намоему киштии умри ин фақиронро аз ин дарёи заххори хунхори қаҳт бар карона орем.

Гуфтам:

– Абусаид Султон туркест, ки аслан форсӣ намефаҳмад, ҳамчунонки мо туркӣ намедонем.

Гуфт:

– Ман ёре дорам, ки имому ноиби султон аст. Ҳамин миқдор, ки морову ин қасидаро таъриф мекунад, муҳим кифоят мешавад.

Алқисса, ҳамон замон ба қасида шурӯъ карда шуд ва [дар] ҳамон шаб ба итмом расид. Алассабоҳ онро навишта, ба Кони Гил рафтем ва он қасидаро гузаронидем. Он подшоҳи олиҷоҳ ба маунати он имоми ҳумом ҷиҳати силаи он қасида даҳ раъс гӯсфанди фарбеҳу бист ман орди майда ва маблағи яксад хонӣ ва чаҳор дарахт ҷиҳати ҳезум карам фармуданд. Онҳоро гирифта, ба мадраса омадем ва он зимистонро бо он толибилмони фақиру чанде дигар аз фақирон ба фароғат гузаронидем. Ва он қасида ин аст:

Эй дил, хаёли хом мабар дар пайи таом,
Зеро ки мубтало шудаам з-ин хаёли хом.
Зикри фалак ба хайр, ки аз хони ӯ маро
Шамсии меҳр чошт бувад, қурси моҳ шом.

Аз баҳри роҳ тӯша зи анҷум карам намуд
Хони кулича[реза] ба ман чархи нилфом.
Регина қурсҳост пайи нони роҳи ман,
Дар раҳ нишони пойи шутур, ҳосили калом.
Гандум зи ҳар кӣ кас талабад, орд мекунад
Аз зарби мушт растаи дандони вай тамом.
Бо он ки хун хуранд шабу рӯз мардумон,
Даври замона ташна ба хуншон [бувад] мудом.
Дунон намедиҳанд ба кас ним луқма нон,
Ё Раб, чунон мабод зи дунон ба ғайри ном!
Дорад чу қурс сурати қарз, аз барои он
Як ҳабба кас ба қарз наёбад зи хосу ом.
Эй бод, агар ба ҷониби саҳро гузар кунӣ,
Аз ман калоғро бибарӣ тухфа[ву] салом.
В-он гаҳ бигӯ, ки қоқ чаро мекунӣ зи ҳирс
Нонҳои хешро, ки шавад сабз бардавом?
Эй тоири хуҷаста, зи нонҳои хештан
Якчанд нон бидеҳ ба фақирон ба расми вом.
Тасбеҳ дона кардаму саҷҷода дом, лек
Анқо шудаст нон, нашавад сайди кас ба дом.
Як дона гандум ар ба замин афканад касе,
Мардум кунанд мӯрсифат бар вай издиҳом.
Бар халқ гӯшти хару хинзир шуд ҳалол,
Ё Раб, сабаб чӣ буд, ки нон шуд чунин ҳаром?!
Хокистарин фатир таҳи дегдон бувад,
Ка-л-бадр фӣ -д-дуҷяти ва-ш-шамс фӣ-л-ғамом.
Хокистаре, ки дар таҳи ӯ пухта шуд кумоч,
Созанд тӯтиёш халоиқ ба эҳтиром.
Ташбеҳи меҳру маҳ ба кумоч ар кунад касе,
Ҳарду ниҳон шаванд ба хокистари залом.
Бӯе ки муртафеъ шавад аз дуди дегдон,
Хуштар бувад зи роиҳаи мушк дар машом,
Аз ҳеҷ равзане накунад дуд сар бурун,
Ҷуз дуди маргу дуди дили зори мустаҳом.
З-ин сон ки мардум аз пайи нон чӯб мехуранд,
Набвад аҷаб, ки гирадашон иллати ҷузом.

Дар орзуи тухмату дуздӣ шуданд халқ,
То з-ин баҳонашон бирасад луқмае ба ком.
Аз дасти қарзхоҳи ҷаву гандум ин замон
Беҳтар зи ғори муш набошад дигар мақом.
Гар устухон сафед шавад халқро зи ҷӯъ,
Зинҳор аҷаб мадор зи камёбии таом.
Шуд устухони паҳлуи маҳ зоҳир аз ҳилол,
Аз қурси худ наёфт чу якчанд рӯз ком.
Аз ҷӯъ ҷайби ҷон шуда чоку намедиҳанд
Ӯро ба ғайри риштаи моҳича илтиём.
З-уммеди линги барра кунам рахши рӯҳро
Ҳар лаҳза пойбанд, ки гардад ба чашм ром.
То шоми рӯзи ҳашр нахоҳад тулӯъ кард
Аз матлаи замона ба ғайр аз маҳи сиём.
Он к-ӯ зи ҷӯъ рафт зи хеш, эй рафиқи ман,
Гар имтиҳон кунӣ нафасашро ба эҳтимом,
Ойинавор бар даҳанаш дор қурси нон,
То сурати ҳаёт дар он ёбад иртисом.
Расми сахову марҳамату одамигарӣ,
Валлоҳи ло юлоҳазу фӣ зумрати-л-аном.
Эй Восифӣ, ба гурсунагӣ сабр пеша кун,
Зинҳор нон тамаъ макун аз суфраи лиом.
Дорӣ агар тамаъ, ба шаҳе арз кун, ки ҳаст
Бар даргаҳаш чу Ҳотами Тойӣ дусад ғулом.

## [4]
## ГУФТОР
### дар баёни имтиҳон кардани аҳли фазл ин каминаро дар санъати иншо ва шикофтани муаммо

Ҷамъе касир аз афозили Самарқанд дар хонаи Хоҷа Амирако Шоҳӣ ба расми меҳмонӣ муҷтамеъ буданд. Гуфтугӯи иншову муаммо дар миён афтода. Яке аз эшон гуфта, ки агар иншо кардану муаммо шикофтан он аст, ки аз фалонӣ нақл мекунанд, инсоф он аст, ки бисоти даъвои ин ду амрро дарнавардему дигар гирди ин ду амр нагардем. Инсоф медиҳем, ки ӯро назир нест. Баъзе дар мақоми инод шуда, гуфтаанд, ки аз куҷо, ки он муаммиёт, ки мешикофад, ёд надорад ва муншаот, ки зоҳир месозад, аз касе дигар нест, ки ба номи худ мепардозад. Хоҷа Амирако фармуданд, ки:

– Мо муамморо худ намедонем, аммо аз барои Муҳаммадҳусайни Қассоб аз эшон илтимоси иншое кардем, касе, ки фиристода будем, гуфт, ки чун пайғом расонидам, филҳол қалам бардошту он иншоро бе тааммул ба сафҳа бингошт.

Яке аз ҳуззори маҷлис гуфта, ки:

– Рафъи ин шубҳа ва дафъи ин дағдаға дар ғоят осон аст. Ӯро дар ин маҷлис металабему ҳар як аз ин ҷамъ аз вай мактубе илтимос менамоем, ки дар бадеҳа дар ҳамин маҷлис иншо намояд ва ҳар як бар вай муаммое мехонем, ки маҷзум беҳ бошад, ки нашнидааст.

Бар ин иттифоқ намуда, касеро ба талаби ин камина фиристоданд. Чун ба он маҳфил ҳозир шудам, касе ба ин камина гуфт, ки:

– Махдумо, аз он вақт, ки шумо ба ин шаҳр ташриф овардаед, зикри маҳомиду фазоили шумо дар афвоҳи хавоссу авом афтода ва халқе ба таърифу тавсифи мулозимон забон гушода, мегӯянд, ки ҳар муаммои мушкиле, ки мехонанд, ном ногуфта мешикофеду ҳар мазмуне, ки мегӯянд, бар вифқи муддао, дар ғояти фасоҳату балоғат дар бадеҳа иншо менамоед. Баъзе инро бовар намедоранд ва аз мақулаи мустаҳилот мешуморанд. Чӣ бошад, агар ҳамин шаб дар ин маҷлис аз рӯи ин пардагӣ ҷилбоби хафо ва ниқоби ихтифо бардоред ва чеҳраи мақсудро ба толибон намоед?

Фақир гуфтам:

– Фармон шуморост.

Мавлоно Саиди Қарокӯлӣ гуфт, ки:

– Ман дар камоли қаллошӣ ва ифлосам ва аз қарзхоҳ гурехта, ҷалои ватан шуда, ба ин ҷо омадаам, ба Хоҷа Ҳабиби Девон ҷиҳати ман сифорише мебояд. Қалам бардошта, дар бадеҳа, ҷиҳати вай ин мактуб нигошта шуд:

«Эй назди Худову халқ маҳбубу ҳабиб,
Бошад ғурабоࡐо зи наволи ту насиб.
Ин банда ғариб аст, агар бинвозӣ
Ӯро ба камоли лутфи худ, нест ғариб.

Баъд аз арзи убудият маъруз медорад, ки ин ғариби муфлисро фӣ оламиллоҳ аз сафеду сиёҳ ҷуз сафедӣ ва сиёҳии дида ваҷҳе дар назар нест. Ва монанди ашк ӯро дар назари мардум ҷуз обрӯй бар хок рехтан ҳеҷ ҳунар не. Дар ватан ба ҳар куҷо, ки мерафтам, қарзхоҳ монанди соя сар дар пайи ман ниҳода буда ва ҳар куҷо менишастам, чун бахти сиёҳ пеши ман ситода, ташаддуд менамуданд. Ба ҳукми зарурат, алфирору миммо ло ютоқ-ро васила сохтам ва худро дар курбати ғурбат андохтам. Чун бад-ин вилоят, ки маҷмаи арбоби карам аст, расидам, авсофи караму ахлоқи шиями он ҷаноб[ро] басе [аз мардум] шунидам. Умед, ки бар вифқи эътиқоди мардум амал намоянд ва чашми марҳамат ба ҳоли ин фақири ғариб гушоянд».

Мавлоно Муҳаммади Обгинагари Куфинӣ гуфтанд, ки:

– Маро шикасту рехти бисёр воқеъ шуда. Якчанд шиша ба расми туҳфа мехоҳам, ки ба Фӯлод-султон пешкаш намоям; арзадоште мебояд.

Ҷиҳати вай ин арзадошт навишта шуд:

«Арзадошти Муҳаммади Обгинагар. Ба арзи худдоми даргоҳи олампаноҳ мерасонад, ки ин бандаи каминаро ҳамеша салотини рӯзгору хавоқини олимиқдор аз ҷоми мудоми инъом ва қаробаи инояту икроми худ сархушу маҳзуз доштанд ва назари иноят бар ҳоли ин фақири шикаста мегумоштаанд. Ҳоло муддати мадид аст, [ки] фалаки миноранг санги бедод бар обгинаи хонаи умеди ин шикаста меандозад ва пойи бодияпаймои муроди ин дилхастаро ба шишарезаҳои

балову меҳнат афгор месозад [ва] ба анвоъ ин фақирро шикасту рехт воқеъ шуда. [Байт]:

Гаҳам дил бишканад, гаҳ соғари ишрат зи даст афтад,
Мабодо дардмандеро шикасте бар шикаст афтад.

Акнун, ба ҳукми туҳфату-л-ҳақиру-л-фақир якчанд шиша ба расми ҳадя ба даргоҳи подшоҳе, ки обгинагари қазо ҷоми зарандуди меҳру шишаҳои сипеҳрро аз барои зебу зинати базми ӯ сохта ва соқии боқии тақдир аз барои соғари ишраташ бодаи гулгуни шафақро аз барои полоиш бар домани уфуқ рехта овардааст, умедвор мебошад, ки шишаҳои муроди ин номурод аз шароби ноби иноятн беғояти подшоҳӣ моломол гардад. Аъдои ҷоми ҷоҳатро мудом чун сурохӣ дил пурхун ва монанди шиша ҳамеша чини ғаму андуҳ бар ҷабин бод».

Мавлоно Маҳмуди Ӯбаҳӣ фармуд, ки:

– Муддатест аз Бухоро ба азимати [мулозимати] Хоҷа Офоқи Девон омадаам. Хоҷаи мазкур ба Боряйлоқ рафтаанд, аз ин фақир ба эшон мактубе мебояд. [Чун] ин фақир низ аз илми сиёқ вуқуфе дорад, муносиб чунон менамояд, ки мактубе муштамил бар истилоҳоти илми сиёқ ва мутазаммини изҳори муҳаббату иштиёқ бошад.

Ва ҳозо ҳува-л-мактуб:

«Чун муставфии девони қазову қадар дафтари авқоти ин маҳҷурро ба руқуми меҳнати фироқ ба қонуни сиёқи ифтироқ нигошта, нависандаи айём муҷмалу муфассали шадоиди миҳанро ба арқоми минҳо ва мин золика чандон ки аз мизони қиёси фозил омада, дафъаи боқӣ нигошта, соҳиби муҳосибаи ҳиҷрон бар зилъи ҳар фарде аз авроқи айём ва лаёлии рӯзгори меҳнатосори ин мазлум рӯзномачаи малолат бар ҳашв ниҳода ва таърихи муҳаббату иштиёқро ба бориз оварда. Сора мин золика, ин маҷмӯъ он, ки ҳамвора саҳифаи дафтари хотири ин мухлис, ки феҳристи муфрадоти якҷиҳативу муҳаббат ва баҳру-с-сиёқи ягонагиву маваддат аст, ба руқуми дӯстиву вафодории олиҷаноби маолинисоби соҳибу-л-аъзаму-л-кином, нозими муҳиммоту-л-мамолик би лисони-л-қалам, хулосату-л-вузарои-л-офоқ, ворисн сарнру-л-вузарот би листиҳқоқи-л-мухтасси биъавотифу-л-малики-л-халлоқ Хоҷа Ҷалолуддини Офоқ муддазиллуҳу музайяну мувашшаҳ аст ва

саҳифаи чеҳра, ки аз ҷадовили ашк дамодам ба маддоти мавaддат музайян аст, ба ҷоизаи меҳру вафо ва сидқу сафо мубайяну мусаҳҳаҳ аст. Умед, ки аз дафтархонаи фазли илоҳӣ ба парвоначаи лутфи номутаноҳӣ баравоти нақди висолро аз рӯи тавҷеҳи инна маъа-л-ъусри юсран[1] соҳибдевон ва-л-Лоҳу зулфазли-л-ъазим[2] бар маҳалли марҷау-л-вусул навишта, сабт фармоянд. Баракоти қалами муборакрақами он ҷаноб нисбат ба малҳуфони раият ва мазлумони барият дар сурати корсозӣ ва сифати дилнавозӣ мутазоифу мутазоид бод, би-н-набӣ ва олиҳи-л-амҷод».

Мавлоно Нуруллоҳи Табрезӣ фармуданд, ки:

– Аз ин фақир ба ҷониби хоҷаи мазкур бар ҳамин услуб мактубе мебояд.

Бар замоири басоири улулбоб махфӣ нахоҳад буд, ки ин амр дар ғояти ишколу суубат аст, аммо ба инояти илоҳӣ ба асҳал ваҷҳе муяссар гардид:

«Эй ба ройи равшанат асбоби олам дар низом
В-эй ба килки мушкфомат ҳоли оламро қивом.

[Саҳоифи авроқи дафотири айём ба руқуми давлат лузуми олиҷаноби вазоратмаоби Осаф-ул-аъзам мудаббири умуру-л-олам дастуру-л-олӣ носиби роёту-н-нисфат бивуфури-л-маолӣ малики аъозиму-л-вузаро молики узмат акориму-л-ъузмо ал-мухтас биавотифи-л-малики-л-халлоқ Хоҷа Низомуддини Офоқ музайяну мувашшаҳ бод] ва сафоеҳи рӯзгорномаҷоти муомилоти кофаи аном ба авориҷаи эҳтимому ҷоизаи саодатсаранҷомаш мукаммалу мусаҳҳаҳ. Баъда ҳозо, анҳои ройи оламорой он ки ҳамвора ин мухлиси ба ҷон муштоқ [дар дафтархонаи иштиёқ] варақи чеҳраро ба маддоти ашки рангину арқоми сиришки хунин музайян медорад ва қалилу касиру нафиру қитмири захираи хотири касирро ба нӯки нохуни муҳаббат бар лавҳи сина менигорад. Ҳаргиз нависандаи қазо баравоти матлуби он маҳзуни макрубро ба маҳалли марҷуалвусул рақам накард ва муҳассили номуҳассили умед ҷуз матои косиди андуҳ ва ғайри аҷноси фосид бо-

1 Қуръон, сураи 94, ояи 6.
2 Қуръон, сураи 2, ояи 99.

ри хотири фузунтар аз кӯҳ ба тан наёвард. Аммо дили мағмум, ки чун раияти мазлум аз дасти мутағаллибаи ҳуҷуми ғумум паноҳ бар он даргоҳи олампаноҳ оварда, умед чунон аст, ки ба парвоначаи инояту илтифоти он махдум фориғулболу мураффаҳулҳол гардад».

Мавлоно Дӯстмуҳаммади Хуросонӣ фармуданд, ки:

– Ба Хоҷа Амруллоҳи Ҳаккок, ки дар Хуросон ба фаҳму ҳунармандӣ машҳур аст, аз ин фақир мактубе нависанд, ки мазмун он ки якчанд рӯз бо эшон мусоҳиб шудем ва анқариб миёни мо муфорақат воқеъ шуд.

«Ҳува-л-файёз, то устоди нодиракори тақдир лаъли обдори оташкирдори дурахшандаи меҳрро ба гунаи ламаоти анвор пардохт ва фирӯзаи фирӯзибахшандаи сипеҳрро ба тилорезаи кавокиби дурахшон зарафшон сохт, он як ҷуз хотами андуҳу ғамро нигин нест ва ин ҷуз ҳалқаи ангуштарини меҳнату аламро зебу тазйин не. Расми фалаки лоҷвардист, ки ҳар гоҳ ҷамъе аз дӯстони покизагавҳар, ки чун иқди ҷавоҳир ва лаолӣ бо якдигар дар силки интизом муҷтамеъ гарданд, риштаи онро ба теғи ҷафо гусаста, иқди парвинойини эшонро чун кавокиби Банотуннаъш мунташир созад. [Рубоӣ]:

Ҷамъ омада будем чу Парвин якчанд,
Чун иқди ҷавоҳир ҳама дар ҳам пайванд.
Ногоҳ фалак риштаи он иқд бурид,
Ҳар дона ба гӯшаи ҷаҳоне афканд.

Акнун, агар на нигини дили ҳазинро ба нақши ваъдаи ло тайъасу мин равҳиллоҳ[1] мунаққаш созам, дар бӯтаи дарун гудохта, дар ҳуққаи ҳадқаи гавҳари шабчароғ дидаро чарғсифат мулавван сохта, каҳрабои чеҳраро ба ақиқи музоб омезад, вагарна ҷавҳари ҷони андуҳгинро ба каримаи ато амруллоҳ[2] мувашшаҳ гардонам, ба алмоси ғами булӯрсони азҳамрехта, чун дурру марворид аз садафи тан фурӯ резад. Мултамас он ки гоҳ-гоҳе ба руқъаи дилнавоз, ки нуқуши хутути мушкфомаш чун хатти ёқути лаби дилбарон ҳарфи вафои лавҳи дили ранҷур тавонад буд ва зумуррадсон дидаи афъии ғамро кӯр

1 Қуръон, сураи 12, ояи 87.
2 Қуръон, сураи 16, ояи 1.

тавонад кард, сарафроз гардонанд. Афсари ҳунармандӣ ба гавҳари зоти бобаракот музайяну мурассаъ бод».

Мавлоно Ғиёсуддини Турбатӣ илтимос намуд, ки ин фақирро мусоҳибест Устод Камол ном, дар фанни чархкорӣ бағоят соҳибкамол. Устод Ҳусайни Мисгар ӯро бисёр меранҷонад. Аз ин камина ба Хоҷа Мирам ба ҷиҳати вай сифориш мебояд. Он сифориш ин аст:

«Махдумо, банданавозо, ифтихоро, истизҳоро, аъаззо, инҳо он ки ҷаноби устоди нодируласр, ваҳидуддаҳр, адимулмисол Устод Камол дар фанни чархкорӣ камолаш ба мартабаест, ки то устоди корхонаи азалӣ тоси нуқракӯби фалакро чархкорӣ намуда ва офтобаи заррини офтобу ташти симини моҳро ба хокистари сипеҳр аз зангу тирагии хусуфу кусуфи адам зудуда ва гарди хони зарнишони гардунро ба оташи шафақ пардохта ва ба сафедаи субҳи содиқ қалъе сохта, мисли вай ҳунарманде бар курсии ҳунармандӣ нанишаста. Ғараз аз тамҳиди ин мақол он ки Устод Ҳусайни Мисгар, ки ҳанӯз миси вуҷудаш ба путки риёзат андоме наёфта ва соғари истеъдодаш дар корхонаи ҳунармандон тароше нахӯрда, бо он ки ба офтобаи хидмат об бар дасти устоди мушорунилайҳ准 наметавонад рехт, бо вай дар мақоми муоразаву муқобала даромада, ҳар лаҳза корҳои нотамоми худро бар тибқ мекунад ва кори худу бозори ҳунармандро беравнақ месозад. Карам намуда, [агар] ӯро дар паси кори ӯ нишонанд ва обе бар деги нуқсони ӯ фишонанд, ҳокиманд».

Мавлоно Рӯҳуллоҳи Машҳадӣ ба Хоҷа Мираки Мехчагар [ки саромади ҷавонони Самарқанд буд], алоқаи тааллуқе дошт, илтимоси мактубе намуд ва он мактуб ин аст:

«Чун ахгари сӯзон шуда дил дар баданам,
Месӯзад аз он ахгари сӯзанда танам.
Аз оби ду дида гар набудӣ намнок,
Як шуълаи оҳ сӯхтӣ пираҳанам.

Ахгари дили сӯхта, ки чун ангишт аз дуди оҳи ҷонкоҳ сиёҳ гашта, дам ба дам ба оташи оламафрӯзи фироқ меафрӯзад ва пайкари ҷигарафрӯхта, ки дар кӯраи тани фарсуда равшан аз дами оҳ гашта, ба нирони иштиёқ месӯзад [ва] сипеҳри бемеҳр вақти шом наъли моҳи навро дар оташи шафақ барои

шӯриши дили ғамнок меандозад ва ситораи дурахшандаи шаҳоб тоқатро мехи дидаи намнок месозад. Аммо дили маҳрум, ки солҳост, ки оҳани сарди ноумедӣ мекӯбад, умедвор мебошад, [ки] оҳани дили ёр ба оҳи оташбори сӯхтагони дилфигор гарм гардад.

Эй з-оташи меҳри ту сафои дили ман,
Шуд кӯраи оташи ту ҷойи дили ман.
Он зулфи сияҳ ба орази гулгунат
Наълест бар оташ аз барои дили ман».

Мавлоно Маҳмуди Хоразмӣ фармуданд, ки аз барои Рӯҳии Танбӯрчӣ мактубе навишта шавад, ки бад-ин маҷлис ҳозир гардад ва ҳуззори маҷлисро маҳзуз гардонад, муносиб намояд. Ин мактуб ҷиҳати он навишта шуд:

«Ёрон, ки ба базми ишқ дамсози туанд,
Фарёдкунон зи ишваву нози туанд.
Бархезу биё ҷониби ёрон, ки ҳама
Дида ба раҳу гӯш ба овози туанд.

Маърузи ройи рӯҳафзо он ки ҷамъи ёрон чун ушшоқи бенаво дар кунҷи ғам чангсифат сар ба зонуи андуҳ ниҳода, ба нохуни ноумедӣ сина мехарошанд ва чун най дар гирифтугири фироқ ба қонуни иштиёқ мехурӯшанд. Агар ба мақоми эшон, ки доираи якҷиҳатон монанди даф аз ҳалқабагӯшони он ёри дилнавозанд, сайр намояд ва ба сурати рӯҳафзо нақши ғам аз оинаи дили ёрон бизудоянд, ҳокиманд. Умед, ки ба ин қавл амал намуда, дар омадан таъаллул нафармоянд».

Мавлоно Сафоӣ гуфтанд, ки:

– Хоҷа Абдулҳамиди Баззоз аҷаб анорҳои латиф дорад. Агар мактубе навишта шавад, ки аз он меваҳо якчанде ирсол намоянд, дур наменамояд.

Ин мактуб ҷиҳати он иншо ёфт:

«Навоиби иштиёқи он навбоваи шаҷараи латофату зебоӣ ва машоили ифтироқи он меваи давҳаи сабоҳату раъноӣ, лоларухсоре, ки орзуи изори майгунаш шуълаи нор дар дили беморони муштоқи маҳзун андохта, гулъизоре, ки таманнои гулгунаи рухсори гулнори мавзунаш ҷигари хастагони бистари фироқро хун сохта, булъаҷаб дилороме, ки ҳам аз ҳусни бутони гуландом ҳиссае дорад, лоҷарам рухсори ӯ ҳамвора

чун гули сероб шукуфта аст ва ҳам аз ишқи хунхорони бесаранҷом баҳрае дорад, ҳароина, дар дили хастаи ӯ ҳазорон қатра хуни ноб нуҳуфтааст.

Турфа ҳоле, ки ӯ дар риёзи биҳишт насиби зумраи аброр аст, фиҳимо фокиҳатун ва нахлун ва руммонун[1] аз он хабар медиҳад ва самме вай дар дӯзахи зулматсиришт қисмати фирқаи куффор, ки улоика асҳобуннор менамояд. Аънӣ, маҳбубулқулуби афкор, марғуби хотир, умедвори осор аноаллоҳу ҷамолаҳу ва разақано фӣ аҳсаниззамони висолаҳу ба мартабаи истеъмолу иштиол пазируфта, ки ҷуз ба зулоли висоли хуҷастамаолаш интифо ва интифо намепазирад. Иноят намуда, агар якчанд аз ин мушорунилайҳи мавсуф, ки дар ҳаҷлаи иззату тавоноии он ҳазрат мастуранд, ба ин ташнагони бодияи фироқ ирсол фармоянд, аз ғояти лутфу эҳсон хоҳад буд. Ҳамеша ниҳоли иқболи зоти бобаракот ба меваи ҳаёт баруманд бод».

Хоҷа Лутфуллоҳи Бухороӣ илтимоси мактубе намуд, ки ба Хоҷа Исмоили Зарнақӣ нависанд ва аз вай харбуза ва ҳиндувона талаб намоянд. Ин мактуб ҷиҳати [он] мазбур гардид:

«Муқайядтарин меваe, ки дили хастаи беморони бистари ҷафову миҳан аз он об мехурад ва нофеътарин самарае, ки аз ҷигари ташнаи синарешони балову фитан тоб мебарад, ҳиндувона ва харбуза аст.

Анбатаҳаллоҳу наботан ҳасанан ва разақано висолаҳумо ҳибатан ва саманан[2]. [Байт]:

Он бувад лаззату ҳаловати рӯҳ
В-ин дигар роҳати дили маҷрӯҳ.

Он як дурҷест забарҷадмисол, ки хозини ганҷинаи тақдираш пури лаолии обдор сохта ва ин дигар бурҷест сипеҳртамоюл, ки устоди ширинкори корхона тасвираш ба нақшу нигор пардохта. Чун махзани он дурҷ машҳуни ганҷинаи карами он ҳазрат ва малаъи он бурҷи буқаламуностони сипеҳрошёни он ҷаноб аст, матмуъ ва маъмул он ки аз он махзани карам дурҷеву аз он матлаи ниам бурҷе тулӯъ намояд.

---

1 Қуръон, сураи 55, ояи 68.
2 Қуръон, сураи 3, ояи 32:

Пӯшида намонад, ки дар тақдими зикри ҳиндувона зеҳн ба нуқтае интиқол мекунад ва аз шакли мустатил харбуза ба алиф мунтақил мегардад, ки маҷмӯъ мушъир аст ба камияти ададӣ матлуб».

Мавлоно Миракои Бухорӣ ба Мавлоно Қизилӣ мактуб фармуданд, [ки муддатест, ки мехоҳам, ки ба Мавлоно Қизилӣ мактубе нависам ба Бухоро ва он муяссар нашуда. Агар он муяссар шавад, муносиб менамояд. Ин мактуб ҷиҳати ӯ навишта шуд]:

«Қасидаи саное, ки матлаи ғаррояш мувашшаҳ ба ҳарфи бадоеи вафову муҳаббат бошад ва қитъаи дуое, ки мақтаи дилорояш музайян ба сунуфи саноеи сидқу мавaддат бошад, ба ҷоизаи қабулу силаи мутолиаи ҷаноби мубдеъулбадоеъ, мухтареурравоеъ низоми уқуди ҷавоҳиру-л-баёт саррофи нуқуди завоҳиру-л-калимот алмухтас биқуввати-л-малакот ва-л-машоиру ал-мумтоз билҳадси-л-комил ва фаҳми-л-вофир.

Булбули боғи маонӣ, он ки дар лутфи баён
Тӯтиёни шаккаристони суханро карда лол.

Аънӣ, ҷаноби фазоилмаоб Мавлоно Қизилӣ адомаллоҳу нафоиса ашъориҳи-л-бадеъа ва зода байна-л-булаға натоиҷа афкораҳу ан-наҷмиъа машҳуну мақрун бод. Баъда ҳозо анҳои замири мунири он ки то ин меҳнатзадаи парешонҳол ба воситаи бахти сареъулинтиқол ва иқболи қарибулиртиҳол аз силки дӯстоне, ки монанди аҷзои иқди назм ба ҳам мушокилу мутақориб буданд, ба тақтеи афоили фироқ ҷудо гашта ва аз ҳазаҷи дилгушову рамали ғамзудо, ки мусмири хатти вофиру файзи комил аст, маҳрум монда. Ҳар дам ғами ҷадиду алами мадид рӯй менамояд. Ғараз аз таъсиси ин мабонӣ он ки пайравии аҳли вафо намуда, ин дахили нойираи меҳнатро, ки аз васли дӯстон ҷудо гашта, ончунон ридф[у] радиф қайди бало гардида, ки хурӯҷаш мутаассир, балки мутааззир аст; чун гоҳе бар гузари қофия афтад, агар қоидаи якҷиҳати[ро] маъмул доранд, муқаррар аст, ки сабаби мазиди ихлос хоҳад шуд».

Мавлоно Фатҳуллоҳи Ҳиравӣ [фармуданд, ки:

– Чанд рӯз аст, ки дар Самарқанд шамъ ёфт намешавад. Агар ҷиҳати ин сӯхта ба Хоҷа Ҳусайни Шаммоъ руқъае навишта шавад, дур наменамояд.

Ин мактуб ҷиҳати ӯ иншо ёфт:

«Баъд аз арзи убудият маърузи замири мунири офтобтанвир он ки ин сӯхтаи савдозадаро, ки дар кунҷи торикиву танҳоӣ аз ифлосу бенавоӣ шабу рӯз ба гиряву сӯз аз бешамъӣ аҳвол монанди шамъ мегудозад ва рӯз афсуда чун мурда дар гӯшае фитода, ҳеч кас аз ӯ ёд намеоварад ва шаб ба оташи ғаму ашки дамодам бо синаи чоку дуди дили ғамнок ба сар мебарад. Ҳамеша мурғи ҷон ҷуз инро, ки парвонаи шамъи дил аст, аз гавҳари сиришқу шарари оҳи обу дона месозад [ва] ҳамвора бо дидаи ашкфишон монанди фатилаи шамъ сари ноумедӣ дар пеш меандозад; умед он ки аз машоили зулматсӯзи инояти он махдум шамъи муроди ин дили сӯхта афрӯхта гардад. Шамъи давлату иқболи он махдум аз тундбоди ҳаводис дар фонуси лутфи илоҳӣ масуну маҳрус бод».

Мавлоно Султоналии Муҳтасиб фармуданд, ки:

Фақирро ба миқдори мошу гурунҷ эҳтиёҷ шуда. Агар ба Хоҷа Шайх Муҳаммади Девон руқъае навишта шавад, [бағоят бамаҳал аст].

Ин руқъа ҷиҳати вай навишта шуд:

«Баъд аз арзи убудият маъруз медорад, ки агарчи Одами Сафӣ ба ёфтани гандум аз ҷаннати аъло ва ъасо Одаму раббаҳу фағаво1 гирифтор шуд, бар банда аз ноёфтани гандум арсаи биҳиштойини дунё зиндони дӯзах гашта. [Рубоӣ]:

Гарчи Одам зи хӯрдани гандум
Ҷаннати аднро зи даст биҳишт,
Ман зи бегандумӣ чунон шудаам,
Ки даме монда, то расам ба биҳишт.

Гоҳе ки ин фақирро орзуи гурунҷи музаъфар мешавад, донаҳои сими сиришк бар рухсори заъфаронӣ мерезад ва чун шавқи мошу биринҷаш ба ранҷ медорад, панҷаи ҳасрат дар маҳосини сиёҳу сафед мезанад [ва] ва дар пеши меҳмон ҷуз шармандагию инфиол намекашад ва бар хони танҳоӣ ҷуз туъмаи ғуссаву малол намечашад. [Байт]:

Зикри фалак ба хайр, ки аз хони ӯ маро
Шамсии меҳр чошт бувад, қурси моҳ шом.

1 Қуръон, сураи 20, ояи 119.

[Байт]:

Остонат ҷаннату ман Одами гандумталаб,
Рӯзии Одам зи ҷаннат шояд, ар гандум диҳӣ.

Аво给изи азоб аз ҷаноби ҷаннатмаоб баид бод».

Мавлоно Саъдуллоҳи Соғарчӣ фармуданд, ки:

– Маро мусоҳибест дар Тошканд ва котиб аст, аз барои вай мактубе мебояд.

Ҷиҳати вай навишта шуд:

«Эй саводи қаламат айни саодатро нур,
Куҳли хатти ту бувад равшании дидаи ҳур.

Бадоеи равоеҳи қалами зеборақам ва лавомеи сафоеҳи хонаи мушкиншамомаи ҷаноби фазоилмаоб, ки райҳони хатти мушкинаш чун риқои ёқутлаби дилбарон рақами насх бар хатти Ёқут кашида ва муҳаққақ гашта, ки Ибни Муқла сулси насхи таълиқи ӯ навишта. Аънӣ, махдумо, шайхо, Муҳаммад, нурфизои дидаи авлоалабсор ва зеварбахши сафоеҳи адвори ҷаридаи лайлу наҳор бод. Баъда ҳозо маъмул он ки ин савдозадаро, ки мисли қалам дилшикаста ва дуди дил ба сар омада ва монанди ҳарфест, ки ба саҳв аз қалами котиб фитода, аз дараҷаи эътибор соқит нагардонанд ва бар ҳошияи замири мунир сабт фармоянд. [Байт]:

Мӯе шудаам бе хати мушкинрақами ту,
Ку бахт, ки оям ба забони қалами ту?».

Мавлоно Абдулҳамиди Муншӣ фармуданд, ки:

– Аз барои мавлонои мушорунилайҳ аз ин камина мактубе мебояд навишт.

Ҷиҳати вай навишта шуд:

«Саҳифаи дурҷи таҳийётӣ, ки аз арқоми мушкфоми райҳони ихлосаш ғубори насх ба риқои ёқути лаби мушкинхаттон муҳаққақ гашта ва туҳфаи дурҷи даъвоте, ки аз фурӯғи ламаоти ҷавоҳирихтисосаш уюни арбоби басират мунаввар гардида, ба ҷаноби фазилатмаоб камолоти иктисобулолам ба қавоиду-л-муфрадоту-л-ориф ба қавонину-л-мураккаботи Муқлаи ҳадқату-з-замони Ёқути маъданулирфон, муҳаррирулхутути-л-лавҳийа ало табақоти-л-авроқ, муқаррирул-н-уқушу-л-аршийа ало сафаҳоти-л-атбоқи хаттоте, ки дабири гардун ҳар субҳдам саҳифаи байзои субҳро ба кавокиби ду-

рахшанда зарфишон сохта, бар тахтаи сипеҳр шишаи меҳр муҳра карда, ба қалами заррини офтоб ба ҷаноби маъолиинтихобаш ин хитоби мустатоб нависад. [Байт]:

Эй бар сари куттоб туро мансаби шоҳӣ,
Муншии фалак дода бар ин қавл гувоҳӣ.

Хушнависе, ки аз бадоеи равоеи қаламаш хаттотони ҳафт иқлимро монанди давот аз қалам ангушти ҳайрат дар даҳон монда. [Назм]:

Аз ҳайрати латофати хатти бадеи ӯ
Монда давот аз қалам ангушт дар даҳон.
Ҷӯяд агар мидод, равон ҳал кунад ба чашм
Ризвон саводи дидаву сӯяш кунад равон.
Хоҳад агар миқат, суяш орад ҳумои қудс
Аз рони тоирони фалак гирад устухон.
Килкаш мухаддароти шабистони розро
Орад бурун зи ҳаҷлаи афкор мӯкашон.

Алмухтас би авотифи малики-л-аҳад Мавлоно Низомуддин Амир Аҳмад мубаллағу мурсал медорад, музайян ба зевари қабул бод. Баъдаҳу маъруз медорад, ки ҳарчанд ин шикастаи савдозада мехоҳад, ки ҷазм гашта, монанди қалам қадам аз сар сохта бар навоҳиву ҳавошии он ҷониб шитобад, дабири тақдир ба теғи қадар пойи саъйро мисли қалам мунҳариф месозад ва номаи иқболи ин парешонаҳволро дарҳам печида бар тоқи нисён меандозад. Ва маъмул он ки котиби авроқи андуҳу меҳнатро, ки ба нӯки мизроби хомаи муҳаббат бар сафҳаи мистари маваддати қонуни бенавоӣ менавозад ва Ибни Муқлаи дидааш дам ба дам вароқи чеҳраро ба сими сиришк муҷадвал месозад, аз ҳошияи замири мунир маҳв нафармоянд. [Байт]:

Ҳамеша то зи хати мушкфом ёбад зеб
Баёзи сафҳаи рӯи бутони моҳҷабин,
Барои зинату зеби саҳифаи олам
Мудом бод ба дасти ту хомаи мушкин».

Мавлоно Дӯстии Сарахсӣ фармуданд, ки:

– Мактуби шикоятомезе аз барои Мавлоно Афсарӣ, ки шоиру ноиби Убайдуллоҳхон аст [навишта шавад, чаро ки] дар ҳини ифлос ваъдаҳо мекард ва мегуфт, ки: «Агар маро давла-

те муяссар шавад, ёронро навозишу парвариши бисёр хоҳам намуд». Чун дар пеши Убайдуллоҳхон ӯро мансабеву ҷоҳе пайдо шуд, асло аз он ваъдаҳо шаммае ба зуҳур наёмад.

Ва он мактуб ин аст:

«Моро чу рӯзгор фаромӯш кардаӣ,
Оё шикоят аз ту кунам ё зи рӯзгор?

Оре, хосияти табиати данияи дунёи дун чунин аст ва фитрати раддияи даҳри буқаламун маҷбул бар ин, ки ҳар кас ба ишваву дастону ҳилагарии ӯ шефта ва ба карашмаву достони макргустарии ӯ фирефта шавад ва аз шароби ғурури ӯ ҷуръае нӯш карду оби нисёни ҳарфи вафои ёрони қадимро аз лавҳи хотир маҳв сохта, тариқи вафодорӣ фаромӯш кард. Шоҳиди содиқ бар ин маънӣ ва далели мутобиқ бар ин даъвӣ он ки он ҷаноб қабл аз таяссури ҳусули матолиби давлату иқбол ва таҳсили маъраби ҷоҳу ҷалол дӯстони содиқулихлоси некандеш ва ёрони қадимулихтисоси вафокешро ба аҳду паймону мавоиди муаккад ба аймон мутараҷҷӣ ва муставсақ медоштанд [ва мепиндоштанд,] ки аз қатароти амтори саҳобалтоф ва инояти беғоят сарсабзу баруманд хоҳад шуд. [Байт]:

Нишондам гулбуни уммеду нахли орзу дар дил,
Вале ҷуз хори навмедиву бори дил нашуд ҳосил.

Маозаллоҳ, ғалат гуфтам, ки ин маъниро ҷуз бар қуввати заъфи толеи номусоид ва заъфи қуввати бахти номувофиқ ҳамл натавон кард. [Мисраъ]:

К-аз каримон насазад, он чи хилофи карам аст.

[Байт]:

Офтобӣ, шуда толеъ ба ҳақиқат, лекин
Толеи ман нагузорад, ки ту бар ман тобӣ.

Офтоби давлату иқбол аз хусуфу маол эмин бод».

Хоҷа Шоҳмуҳаммад хоҷазодае буд дар камоли ҳусну ҷамол, ки офтоби оламтоб истинораи нур аз орази пурнури ӯ кардӣ ва гулу раёҳин аз рашки орази рухсори ӯ арақи шабнам бар рӯй овардӣ, фармуд, ки:

– Тарҳи боғе андохтаам ва ба ниҳоли мева ва ғайра эҳтиёҷе афтода. Шайхзодаест дар Фарохин Абдулазиз ном. Холӣ аз фаҳме нест [ва] аз иншо низ хабаре дорад. Аз барои вай мактубе мебояд, ки аз он ниҳолҳо ирсол намояд.

Ин мактуб ҷиҳати вай навишта шуд:

«Ниҳоли давлату иқболу гулбуни иззату иҷлоли олиҷанобии маъолинтисоби сулолаи аозими машоихулкиром, натиҷаи акорими куброу-л-ъизом, ворисi маворису-с-сиддиқин, воҳиди мавоҳиду-л-из ва-т-тамкин, алмахсус би авотифи-л-малики-л-азиз Шайх Абдулазиз, ло-зола кайсмиҳи азизо, дар чамани иззату саодат [ва] дар гулшани рифъату каромат ба зулоли ифзол[у] ба рашаҳоти саҳоби инояти Эзади мутаъол ҳамвора тозаву хуррам бод ва ҳадиқаи бахти душманҷоҳаш мақрун ба хасу хоки накбат ҳамеша пажмурдаву дижам. Баъда ҳозо анҳои ройи мунир он ки ин мухлиси дуогӯй тарҳи боғе андохта ва муддати мадид аст, ки ба воситаи касрати машоғил ба таъмири он напардохта. Дар ин авқот ба ишорату далолати баъзе аҳиббо хотир ба тарбияти он мутаваҷҷеҳ шуда. Шунида шуд, ки дар он ҷониб аз ниҳоли мева[дор] ва ғайра бисёр пайдо мешавад. Матмӯъ ва маъмул аз макорими ахлоқ он ки он чи ба тафсил мазкур мегардад, он миқдор, ки муяссар шавад, ба дасти ҳомили руқъаи ниёз ирсол намоянд.

Яке ниҳол, ки мисли қомати дилҷӯи бутони симинтан бар атрофи қади чаман барафрохта ва бар канори ҷӯй аз акси хеш ҷиҳати дер пиростанаш аз барои заҷри боғбон сад ҳазор чӯб дар об андохта. [Байт]:

Он ки бошад мисоли қомати ёр,<br>
Ростӣ ҳаст сарви исфедор.

Дигар ниҳоли чатрмисоле, ки шоху баргаш ба ҳам печида, сояаш бар узори шоҳиди боғ рашки холи анбарини маҳвашон гардида, гоҳе гӯӣ аз сояву нури дар пойи он дарахт мушку кофур бехтаанд ё монанди такядорон пӯстҳои паланг дар пойи он дарахт андохтаанд. [Байт]:

Он ки бошад сараш ба ҳайати тоҷ,<br>
Бо ту гӯям сареҳ, бошад ноҷ.

Дигар ниҳоле, ки шохҳояш чун дӯстони мувофиқ муониқи якдигар гашта, монанди хубони гулъузор дар фасли баҳор гулҳо ба сар зада, дар ҷилвагарӣ оянд, гӯӣ, ки ғунчаҳояш шишаҳои сабз аст, ки соқии баҳор дар вай бодаи гулгун рехта ё дилҳои зангхӯрдаи пурхуни булбулон аст бар шохи гул овехта. [Байт]:

Он ки чун чархи лоҷвард бувад,
Гулбуни сабзи пур зи вард бувад.

Дигар ниҳоли мевае, ки ошиқони дилафгор аз ғунчаи даҳони хубони гулъузор таманно кунанд ва ҷигари ташнагони хушклаб аз тахайюл[у] тасаввури он об дар даҳон оранд. [Байт]:

Он ки аз вай ба завқ кому гулӯст,
Бо ту гӯям, ки чист, шафтолуст.

Дигар ниҳоли мевае, ки аз гӯйи ғабғаби дилбарон ва чоҳи зақани симбарон хабар медиҳад [ва] ба рангу бӯйи рӯҳфизо тафреҳу тақвияти дили беморони [азпойафтода] менамояд:

Он ки набвад зи хӯрданаш осеб,
Шуд муқаввии қалб, яъне себ.

Дигар ниҳоле, ки аз меваву баргу сабза оташи Халилро ба ёд меорад ва монанди дарахти водии Айман аз [нори] таҷалло хабар медиҳад. Гӯӣ, ки хозини тақдири явоқити руммонӣ гиребони дӯшизагони боғро дар ҳарири хитойӣ печида, дар дурҷи ақиқ маҳфуз сохта, ё ҷавҳарии даврон лаълпораҳои руммониро барои имтиҳон дар кӯраи афрӯхтаи нор андохта. [Байт]:

Он ки з-ӯ ҳаст сиҳҳати бемор,
Қути ҷон, қуввати дил аст анор.

Дигар ниҳоли мевае, ки беҳ аз меваҳои равзаи Ризвон асту ранги ӯ мисли гунаи ошиқон аст. Гӯӣ, ки зоҳидест пашминапӯш, ки ранги вай аз риёзат шикаста, ё беморест, ки ғубори ғарибӣ бар чеҳраи ӯ нишаста. [Байт]:

Беҳтар аз ҷумла меваҳост биҳӣ,
Бояд ӯро зи дасти худ наниҳӣ.

Дигар давҳаи мевае, ки гӯё қанноди даврон ҷуллоби наботро дар шишаи ҳалабӣ карда ё митҳараи оби ҳаёт аст, ки Хизр баҳор аз зулмати адам оварда, не, не, устоди қанноди сунъ Парвардгор барои тафреҳи атфоли баҳор каллаҳои қанди мухтасар рехта ва дар ҳарири бағдодӣ печида, аз шохи дарахт мисли аттор овехта. [Байт]:

Сарнигун он ки даври мо гӯяд,
Ҳаст амруд, фаҳм, то гӯяд.

Дигар шаҷараи мевае, ки чоки синааш аз хастагии дарун ва

рангу рӯяш бар шикастагии дили маҳзун далели равшан аст ва ваҷҳи тасмияаш аз ҷузви аввали номаш зоҳиру мубарҳан. [Байт]:

Меваe, к-об мехӯрад дил аз ӯ,
Чист он мева? Ҳаст зардолу».

Баъд аз он Мавлоно Зиёи Муаммоӣ ин муаммиётро бе ном бар вараќе навишта, ба дасти ин фаќир дод. Филҳол қалам бардоштам ва бар болои ҳар байте номе нигоштам ва он муаммиёт ин аст:

Ба исми Камол:

Ба хоку хун яке гаштам зи меҳнатҳои бисёраш,
Гиёҳе, к-аз гилам рӯяд, бари меҳнат бувад бораш.

Ба исми Кофӣ:

Баҳор омаду бе сарви хеш ғамнокам,
Шукуфт шохи гул аз доғи синаи чокам.

Ба исми Ҳусом:

Агар он маҳ кунад манзил шабе кошонаи чашмам,
Бирӯбед аз мижа ҳам остон, ҳам хонаи чашмам.

Ба исми Мирак:

Дидае, к-ӯ сохт пурхун доманам бе лаъли ёр,
Менамояд абри гирён бар канори лолазор.

Ба исми Фонӣ:

Ашке, ки дил зи дидаи пурнам бурун диҳад,
Он тухм дар замин раваду ғам бурун диҳад.

Ба исми Халил:

Намак дар сурохӣ куну май манӯш,
Ба ёди лаби лаъли ӯ дида пӯш.

Ба исми Валӣ:

Ҳиндуи зулфи ӯ зи бадкешӣ
Гӯш бигрифту гуфт: «Дарвешӣ»!

Чун ин муншаот ба итмом расид ва ин муаммиёт шикофта гардид, аҳли маҷлис ҳама инсоф доданд ва забон ба таҳсину офарин гушоданду гуфтанд:

– Ҳаргиз ин умуре надидаем ва нашнидаем, мо ҳозо илло сеҳрун мубинун. Мавлоно Фатҳуллоҳи Астарободӣ фармуданд, ки:

– Дар замони Муҳаммад Шайбонихон дар шаҳри Ҳирот дар хонаи Амир Муҳаммадсолеҳ, ки амирулумаро ва маликушшуарои силсилаи хони шайбонӣ буд, ҷамъе аз аҷиллаи шуаро ва аиззаи фузало ҳозир буданд. Амири мазкур ба Мавлоно Биноӣ гуфтанд, ки:

– Моро ба баъзе аз маходим собиқаи маърифате нест. Агар эшонро таърифу тавсиф намоянд, то дар таъзиму ихтилоти эшон тақсиру тақоуде воқеъ нашавад, муносиб менамояд. Мавлоно Биноӣ фармуд ва ишорат ба ин камина кард, ки:

– Мавлоно Восифӣ эшонанд, ки соҳиби «Хамсаи муҳаййира»-анд, ки таърифи он ба арзи шумо расида буд. Ва қасидаи «Шутурҳуҷра»-и Котибиро ҷавоб фармуда ва дар ҳар байт аносири арбаъаро зиёда карда ва ғазале гуфтаанд, ки дар чаҳор баҳр воқеъ шуда ва луғазе фармудаанд, ки он ҳам луғаз аст ҳам муаммо; ва қасидаи «Чор дар чор»-и Абдулвосеи Ҷабалиро, ки ҳазрати махдумӣ, ҳақиқатмаобӣ Нуруддин Абдурраҳмони Ҷомӣ, қаддасаллоҳу сирраҳу –с-сомӣ, дар «Баҳористон» бар ин ваҷҳ таъриф фармудаанд, ки: «Аз он вақт, ки он [қасида бар] саҳифаи зуҳур омада, то ғоят ҳеч кас аз уҳдаи ҷавоби он камоянбағӣ наёмада», бад-ин навъ ҷавоб фармуда, ки ба тариқи санъати иштиқоқ аз вай ғазале истихроҷ мебояд ва аз он ғазал ба тариқи санъати мазкур рубоиву матлае мустахраҷ мегардад, ки ҳар мисраи он муаммоест ва он матлаъ мутазаммини матлаи дигар аст, ки муаммост ва масореи ғазал ба тариқи тавшеҳи мутазаммини Абулғозӣ Султонмуҳаммад аст.

Чун ҷаноби Мир ин ҳикоят истимоъ намуданд, бисёр истибъод карда, фармуданд, ки:

– Инро наандешида қабул кардан холӣ аз таассуре нест.

[Ва ба] Мавлоно Биноӣ ишорат намуданд, ки:

– Субҳоналлоҳ! Дар ин шаҳр инчунин мардум будаанд ва мо аз эшон ғофил.

Баъд аз он аспе бо зину лаҷом ба ин камина инъом фармуданд. Чун Мавлоно Фатҳуллоҳ ин ҳикоятро итмом сохт, аҳли маҷлисро ба шунидани онҳо шавқу завқи ғарибе рӯй дод. Баъд аз хондани онҳо ҳуззори маҷлис мусаввада намуданд. Хоҷа Миракои Шоҳӣ пӯстини хеш ки абраи он атласи хитойӣ буд ва мабағи яксад тангаи хонӣ инъом карданд. Ва он мазкурот ин аст:

**Дебочаи «Хамсаи муҳаййира»**

Маърузи замири софитабъони тезфаҳми равшанрой ва нозимони иқди пайванди уқдагушой он ки дар таърихи санаи салоса ашара тисъамиа, ки дар вилояти ҷаннатмунқабати фалакмартабати Хуросон ҳарасаҳаллоҳ ан и-л-офот ва-л-ҳадасон матраҳи ашиъъаи ламаоти churches сародиқоти боргоҳи ҷалол ҳазрати хонулаъзам молики риқобулумам имомуззамон ва халифаурраҳмон Муҳаммад Шайбонихон гардид. Дар масҷиди ҷомеи Ҳирот, ки ашрафи мавозеи шарифа ва аъзами биқоъи маниъаи Ҳирот аст, баъд аз адои салоти ҷумъа дар суффаи мақсура ҷамъе аз шуаро ва фузало, ки чашми рӯзгор назири эшон ҷуз акси эшон дар ойинаи сипеҳр надидӣ ва гӯши ҳуши даврон мисли садои гуфтугӯи эшон ҷуз нидои ҳамон мақолот аз кӯҳсори кайҳон нашнидӣ, мисли Мавлоно Биноӣ ва Хоҷа Осафӣ ва Мавлоно Муҳаммади Бадахшӣ ва Мавлоно Риёзии Турбатӣ ва Мавлоно Ҳилолӣ ва Мавлоно Аҳлӣ ва Мавлоно Фазлӣ ва ғайраҳум маҷмае месохтанду сухани шеъру шуаро дар миён меандохтанд. Рӯзе нишаста буданд ва аз ҳар бобе сухане дарпайваста. Ҳикоят ба таърифи шуаро анҷомид ва дар васфи Котибӣ сухан бад-он ҷо расид, ки ӯро маонии хоссаи диловезу хаёлоти ғомизае боангез бисёр аст. Ва алҳақ ин шеваест бас хубу услубест бағоят марғуб:

Котибӣ, суд барӣ, гар бувадат маънии хос,
Хоҷа он аст, ки тоҷир ба зари худ бошад.

Ва аз ҷумлаи маонии хосси вай ин байт мазкур шуд, ки:

Ҷонро садои теғи ту аз ранҷи тан раҳонд,
Овози об заҳмати бемор мебарад.

Ҳамгинон ба оби софи инсоф ратбуллисон гашта, теғи обдори забонро ба ҷавоҳири санояш тазйин дода, доди таҳсин доданд. Дар аснои ин ҳикоят яке аз он ҷамоат гуфт, ки:

– Оё дар моддаи обу теғ ғазале, ки аз матлаъ то мақтаъ маонии хос бошад, тавон гуфт ва ин миқдор лаолии обдор ба алмоси фикрат тавон суфт?

Баъзе инро бағоят мутаассир доштанд ва баъзе дигар мутааззир шумурданд. Ин фақири ҳақирро муболиғаи эшон бағоят аҷаб намуд. Рӯй дар талаби ин маонӣ оварда, ғаввосвор дар баҳри фикрат ғӯта хӯрда, дурари маъонии обдор ба каф оварда, дар моддаи обу теғ панҷ ғазал, ки мавсум аст ба «Хамсаи муҳаййира» ва «Сабъаи сайёра» дар силки назм кашида. Чун ҳар байт мутаҳаллист ба маънии хос, умед аст, ки мақбули табъи хавос гардад. Ҳозо «Хамсаи муҳаййира» [Лайса фи-л-коинот сониҳо]:

Гирифт теғи ту бар халқ роҳи рафтани ҷон,
Зи оби тез гузаштан наметавон осон.
Ба чашми ман тунукобе намуд теғи ту, лек
Қадам чу пеш ниҳодам, зи сар гузашт равон.
Хушам, ки теғи ту бар сар маро равон омад,
Ки ҳаст з-оби равон тозагии рӯҳи равон.
Танам чу хок шавад, теғ зан ҳанӯз, ки ҳаст
Ба хоки мурда задан об расми аҳли замон.
Ниёми теғи ту чоҳест, к-об он дорад
Даме, валек занад дам зи чашмаи ҳайвон.
Ба захмҳои танам теғ зан, баҳона маҷӯй,
Ки захмҳои туро об мекунад нуқсон.
Чу дид теғи туро Восифӣ, набинад ҳеч,
Назар ба дидаи пуроб ҳеч сӯ натвон.

Ва лаҳу айзан:

Музтариб гардам, чу гирад дар гулӯям теғи ёр,
Дар гулӯи ҳар кӣ гирад об, гардад беқарор.
Теғи худро чун кашад бар санг, хуш меоядам,
З-он ки чун бар санг ғалтад об, гардад хушгувор.
Дар миёни теғи хубон дасту пое мезанам,
Ошно бояд, к-аз ин гирдобам орад бар канор.
Бигзарад аз устухонҳои танам теғаш, чу нест
Монеъ оби тезро хошоку хас дар раҳгузор.
Теғи ту чун аз сарам бигзашт, ҷон додам равон,
Об чун бигзашт аз сар, ғайри мурдан нест кор.

Чун наёмад бар сарам теғи ту, чашмам хушк шуд,
Об чун н-ояд зи боло, хушк гардад ҷӯйбор.
Восифӣ теғи туро мебинаду маҳрум аз он
Мекунад бар об аз ҳасрат назар чун рӯзадор.

Ва лаҳу айзан:

Чун бар сар аст теғи ту, натвон кашид оҳ,
Бояд ба зери об нафас доштан нигоҳ.
Пайваста равшан аст дили ман зи теғи ту,
Аз об агарчи ахгари сӯзон шавад сиёҳ.
Аз орзуи теғи ту бигдохт чашми ман,
Оре, зи қаҳти об бувад хушкии гиёҳ.
Теғат ба хун чу сурх шуд, аз вай гурехтам,
Ҷӯяд зи сели фитна, бале, ҳар касе паноҳ.
Теғи ту занг то нахурад, баркаш аз ниём,
Обе ки дер монд ба як ҷо, шавад табоҳ.
Ҳар дам зи зери теғи ту ояд бурун танам,
Ҳаргиз наистад ба таҳи об барги коҳ.
Аз зарби теғи тези ту афтод Восифӣ,
Ғалтонад об низ касеро зи ҷойгоҳ.

Ва лаҳу:

Гуфтӣ, зи теғи ман шавад охир ҷаҳон хароб,
Оре, ҷаҳон хароб шавад оқибат зи об.
Сар зери теғи туст, аз он дасту по занам,
Бигрифт зери об нафас, дорам изтироб.
Шуд ҷисми хокиям муталошӣ зи теғи ту,
Беҳад задӣ чу об бар он хок, шуд халоб.
Ҷон рафту зери теғи ту мондаст тан ҳанӯз,
Бо он ки ҷисми мурда намонад ба зери об.
Теғи ту бар сар асту ту пурсӣ зи ман сухан,
Дар зери об кай бувадам фурсати ҷавоб.
Хобам рабуда буд, задӣ теғ ногаҳам,
Оре, зананд об ба кас баҳри дафъи хоб.
Бе теғи ту ба сар набарад Восифӣ даме,
Мустасқӣ аст, кай кунад аз об иҷтиноб?

Ва лаҳу айзан:

Аз тани хокӣ барорад гард ҳар дам оҳи сард,
Теғ бардору ба оби лутфи худ кун дафъи гард.

Менишинам в-он гаҳе теғи ту бар сар мехурам,
З-он ки бар по об хӯрдан мӯҷиби ранҷ асту дард.
Теғат омад бар дилам, гар оҳ кардам, айб нест,
Об чун бар ахгари сӯзон фиканд̄и, дуд кард.
Сӯи теғат чун давидам, даст як дам бозкаш,
З-он ки натвон дарзамон баъд аз давидан об х(в)ард.
Кард чун тунд̄и рақибат, теғ баст̄и бар камар,
Баста гардад об, ҳар гоҳе ки тунд̄и кард бард.
Мезанад теғам рақиби сарду меларзад танам,
Ларза меояд, бале, чун бар тан ояд оби сард.
Восиф̄и, мард̄и кун, ар теғат занад он тундхӯ,
Тар машав, к-аз об ҳаргиз тар нагардад ҳеч мард.

Ғазале, ки дар чаҳор баҳр воқеъ шуда, ин аст:
Наргиси ҷодуи ту оҳуи Чин,
Нофаи оҳуи ту холи ҷабин.
Ҳиндуи гесуи ту ҳомии куфр,
Ғамзаи хунии ту моҳии дин.
Сурати абруи ту қибланамой,
Соҷиди абруи ту рӯйи замин.
Як сари мӯйи туву мулки ҷаҳон,
Як гули рӯйи туву хулди барин.
Омада аз хатти ту нақшу нигор
Бар дили якрӯя чу нақши нигин.
Аз дили ман сӯи ту меҳру вафо,
Муттасил аз сӯи ту даъвии кин.
Восиф̄и аз қадди ту девонаест.
Музтариб аз хатти ту зору ҳазин.

Баҳри сареи мақтӯъ, мисолаҳу:
Эй ҳама ҳаст̄и зи ту пайдо шуда,
Хоки заиф аз ту тавоно шуда.

Баҳри хафифи махбуни мақсур, мисолаҳу:
Моҳрӯё, ба хуни ман маштоб,
Куштани ошиқон к̄и дид савоб?

Баҳри рамали мусаддаси маҳзуф, мисолаҳу:

Мондаам аз ёр дуру зиндаам,
З-ин гунаҳ то зиндаам, шармандаам.

Баҳри рамали мусаддаси махбуни солим, мисолаҳу:

Эй зи сар то ба қадам ҷони кӣ?
Ҷон кашам пеши ту, ҷонони кӣ?

Ин ҳам луғаз аст, ҳам муаммо

Чист он шоҳид, ки чун хуршед бошад афсараш,
Ҳаст зери по ба сони хусравон тахти зараш.
В-ин аҷаб, к-аз гиря бошад дар гулӯи ӯ гиреҳ,
З-аввали шаб то тулӯи хур бувад ин дарх(в)араш.
Баски аз сӯзи дарун бар чеҳрааш бинӣ сиришк,
Чашмае бошад аён дар доман аз чашми тараш.
Восифӣ ҳам васфи исму ҳам мусаммо кардааст,
То шавад равшан ба чашми ақл, некӯ бингараш.

Ҷавоби қасидаи «Шутурҳуҷра»-и Котибӣ, ки дар ҳар байт аносири арбаъа зиёда шуда:

Бибанд бар шутури бод хоки ҳуҷраи тан,
Шутур дар оби фано рону ҳуҷра оташ зан.
Буруни ҳуҷраи хокам чӣ суд як шутур об,
Ба ҳуҷра сад шутур оташ зи тундбоди фитан.
Шутур зи ҳуҷра равад ҳамчу бод з-оташи хашм,
Зи бас кашад шутур аз обу хоки ҳуҷра миҳан.
Зи боду оташи даврон шутур ба ҳуҷра кашам,
Ки худ кашида шутур обу хоки ҳуҷраи ман.
Зи боди дам шутур оташ ба ҳуҷра афрӯзад,
Шутур ба ҳуҷраи хок об бахшадам зи лабан.
Чу бод нафси шутур, ҳуҷра ин тани хокист,
Шутур дарор ба оташ, ба хоки ҳуҷра фикан.
Шутур зи ҳуҷраи тангам чу шуд дар оташу об,
Зи хоки ҳуҷра шутур шуд чу бод аз равзан.
Зи бодпо шутуру ҳуҷраи пуроб чӣ суд,
Ки ҳуҷра хоку шутур оташ асту ҷома кафан.
Шутур ба ҳуҷра даромад чу бод[у] оташ зад
Ба хоки ҳуҷраву хӯрд обро шутур зи атан.

Ба хоки ҳуҷра зад оташ шутур зи синаву шуд
Зи бодпо шутурам ҳуҷра обу парвезан.
Аз он диҳад шутур аз қаҳр хоки ҳуҷра ба бод,
Ки уштур оташу об аст, ҳуҷрааш маскан.
Чу боду оташам омад шутур ба ҳуҷраву рехт
Ба хоки ҳуҷра шутур з-оби чашм дурри Адан.
Ба бодпо шутурам буд танг ҳуҷраи хок,
Ба ҳуҷра шуд шутурам з-оташ об чун равған.
Ба оташин шутурам зад ба ҳуҷра бодеву шуд
Гулоб ашки шутур, хоки ҳуҷра мушки Хутан.
Дар обу оташам аз фикри ҳуҷраву шутуре,
Ки бод марги шутур, ҳуҷра ҳаст хоки даран.
Бувад ба ҳуҷраи хокам шутур чу бод, вале
Шутур ба ҳуҷра чу оташ ба об бас душман.
Шутурсавор чу бод омадам ба ҳуҷраи хок,
Ба оби ҳуҷра зи оташ шутур гушода даҳан.
Ба хоки ҳуҷра шутур оби хуш наёфт, ки ҳаст
Шутур ба ҳуҷра зи оташ чу бод дар шеван.
Шутур зи оташи дил боди ҳуҷра кард самум,
Ба хоки ҳуҷра шутур з-оби фам шукуфт суман.
Зи оби чашми шутур ҳуҷра з-он нашуд бар бод,
Ки хоки ҳуҷра шуд аз оташи шутур мутқан.
Чу обу боди бало бурд ҳуҷраву шутурам,
Ба хоки ҳуҷраам оташ нигар шутургардан.
Зи боду оби шутурҳуҷра бин зи мавҷи ҳубоб,
Шутур ба қаҳр чу оташ ба хоки ҳуҷра фикан.
Шутур чу бод бар он об ҷӯ зи ҳуҷраи ҷон,
Ки з-оташин шутураш хоки ҳуҷра шуд гулшан.
Ба бодпо шутураш ҳуҷра оташин дили мост,
Ба хоки пойи шутур в-об ҳуҷраи зулман.
Чу бодпо шутураш оби ҳуҷра дилкашу ҳаст
Зи оташин шутураш хоки ҳуҷраам равшан.
Шаҳо, маро шутуру ҳуҷра шуд дар оташу об,
Ба бодпо шутурам деҳ ба хоки ҳуҷра ватан.
Ба ҳуҷраам шутурат ҳамчу оташ омаду бод,
Зи оби ҷӯйи шутур хоки ҳуҷра шуд чу чаман.
Зи хоки ҳуҷраи хасм оби як шутур бигузашт,
Ба ҳуҷраи шутураш боду оташ аст душман.

Ба дӯстат шутури бодпову ҳуҷраву об,
Ба хасм ҳуҷраву оташ бувад чу хоки куҳан.
Ба ҳуҷра хасми шутурдил ба хок рафт чу об,
Шутур чу оташу бод ору ҳуҷрааш бишкан.
Шутур зи ҳуҷра бирон, хоки хасм деҳ бар бод,
Ки оташин шутураш бурд оби ҳуҷраи ман.
Шутур чу оташу бод оварӣ зи ҳуҷра, ки сохт
Ба хоки ҳуҷра зи оби арақ шутур ҷавшан.
Чу Восифӣ шутураш об деҳ ба ҳуҷраи хок,
Шутур зи боду зи оташ ба ҳуҷра кун маъман.
Ҳамеша то шутуру оташ асту ҳуҷраву хок,
Шутур зи боду зи об аст[у] ҳуҷра мустаҳсан.
Адуи ҳуҷраи пуробу бодпо шутурат,
Ба хок бод шутурҳуҷра оташин гулхан.

Ҷавоби қасидаи «Чор дар чор»-и Абдулвосеи Ҷабалӣ ин аст. Ва мо тавфиқӣ илло биллоҳи ъалайҳи таваккалту ва илайҳи униб:

Туро з-ин мулку ном[у] адл[у] дод аст, эй Фаридунфар,
Асосу қадру ҷоҳу ҳишмат аз Ҷамшед олитар.
Ба хулқи хулқу лутфу ҳиммат, эй шоҳи карам, доим
Ба таври Мустафову Юсуфиву Исиву Ҳайдар.
Бувад дар солу моҳу рӯзу шаб андар тавоф, эй шаҳ,
Ба кӯят Муштариву Зуҳраву Хуршеду Маҳ анвар.
Кунанд аз ҷону дил, аз дидаву сар дам ба дам хидмат
Туро Кайхусраву Дорову Кайковусу Искандар.
Барои ҷоҳу молу хидмату дарюза меояд
Ба кӯят хусрав[у] хоқон, ба сӯят Туғралу Санҷар.
Кафат мулки ҷаҳон аз кӯҳу дашту баҳру бар карда
Ғамомосо пур аз лаълу забарҷад, луълуъу гавҳар.
Надорад ҳиммату лутфат ниҳоят, ҷуду эҳсон ҳам
Карам кардиву бинмудиву фармудӣ, шудӣ сарвар.
Туро шуд Рустами Золу Фаридуну Каю Бежан
Ғулому бандаву[у] кеҳтар, асиру ходиму чокар.
Агар мадҳу санову васфу таърифат ба шарҳ ояд,
Нагунҷад дар самову арзу арш[у] лавҳ як дафтар.

Шаҳон оянд баҳри иззу ҷоҳу давлату ҳишмат
Ҳама пешат мутеъу бандаву сарбозу фармонбар.
Туро айшу тараб ҳар дам ба гашту ишрату бошад
Адӯ ошуфтаваш, бадҳол[у] зору бедилу абтар.
Бувад хасмат дижамхотир, ҳазин, гирякунон ғамгин,
Ту хуш афтода бо мастиву шурбу мутрибу дилбар.
Ҳазор эҳсон[у] дилҷӯиву лутфу марҳамат аз ту
Паёпай бар фақиру номуроду оҷизу музтар.
Ниҳон набвад зи идроку замиру хотиру роят
Румузу нуктаву сирри дақиқу мушкилу музмар.
Ба даврат саъваву теҳу, ҳумому кабк меҷӯяд
Барои ошён аз бозу ходу чарғу шоҳин пар.
Ба олам аз ту аҳли илму фазлу донишу биниш
Бувад хушҳолу маймунфолу дунёдору динпарвар.
Чу бикшоӣ хазоин, Ҷам, Қубоду Кай, Фаридун ҳам
Ба пешат чун гадойасту ғулому ходиму навкар.
Ҳадиси васфу зикри номи Доро чун равад пешат,
Ба ҳазлу хандаву басту тамасхур меравад аксар.
Зи таърифи ҷамолу ҷому шукри ҷуду инъомат
Даҳони инсу ҷонпарвар ба коми ҷону дил шаккар.
Ба иззу молу сарват, ҳишмату афзунии шавкат
Бувад ҷуду сахо, эҳсону лутфат беҳаду бемар.
Аз он зидду адӯ, хасму ҳасудат беҳунар бошад,
Ки зоҳир мекунад ҳар дам ғуруру кибру карру фар.
Ба васфи зоти ту табъу хаёлу фикр[у] андеша
Бувад ҳайрону саргардону каҷрафтору кӯру кар.
Пайи касби дирам аз хосу ому олиму омӣ
Ба даргоҳи ту оянд аз дилу аз дидаву аз сар.

Ғазали мустахраҷи мувашшаҳ ба номи Абулғозӣ Султонмуҳаммад:

Ин манам фард аз ҷамеи халқ, эй шоҳи карам,
Солу моҳ андар тавофи кӯят аз ҷон дам ба дам.
Бе ҷамолат дӣ ҳамегуфтам, ки аз ғам чун раҳам,
Лутфҳо кардӣ, намудӣ рӯй, ворастам зи ғам.
Ваҳ, ки дар аснои шарҳи дардҳо, эй маҳ, туро
Турра гашт ошуфтаву шуд ҳол зору дил дижам.

И, ки гуфтам шаммае з-эҳсону дилҷӯии ту,
Ин ниҳон набвад, дар охир гашта дар олам алам.
Лаб ба хандидан кушоӣ, эй Фаридун, бе шаке,
Коми Доро чун равад пеши ту ё таърифи Ҷам.
Ғайратам афзун шавад, чун он ҳасуди беҳунар
Мекунад ҳар дам хаёли каҷ пайи касби дирам.
Ӯ ба даъво сар баровард, эй маҳи гардунмақом,
Ҳилаҳо орад ба пеш, эй шоҳ, гардад муҳтарам.
З-ин ки ман гуфтам зи бадрафторияш, эй шаҳ, яке
Метавон дар назди хешаш имтиҳоне кард ҳам.
Ёди шаҳ кун, Восифӣ в-аз шаҳ магӯ аз хештан,
Дигар ин рафторро бояд ки созӣ мултазам.

Рубоии мустахраҷ аз ин ғазал, ки ҳар мисраъ муаммост:

Он фард зи ҷумлаи салотин ба ҷамол,
Дӣ гуфт маро: «Гӯй сано дар ҳама ҳол».
Гуфтам: «Зи ҳасуд чун ниҳон дар охир?»
Хандиду дар он яке фурӯ шуд ба хаёл.

Матлаи мустахраҷ аз се байти охири ғазал:

Ба даъво, эй маҳи гардун, ба пеши ёри ман рафтӣ,
Яке дар хеш дидиву зи шарм аз хештан рафтӣ.

Матлаи мустахраҷ аз матлаи муаммо ба исми «Шоҳ»:

Ба даъво маҳ ба пеши ёри ман рафт,
Яке дар хеш дид, аз хештан рафт.

## [5]
## ГУФТОР
### дар зикри вақоеъе, ки дар шаҳри Самарқанд симати зуҳур ёфт ва он омадани Начми Сонӣ буд

Дар ғурраи шаҳри рабеъулохири санаи 918 буд, ки Амир Начми [Сонӣ] бо ҳаштод ҳазор қизилбоши авбош аз оби Ому гузашта, бар фарози аспони бодпойи тозинажод ва бо тоҷу давоҷ, ту гӯӣ, ки аз тасодуми риёҳ оташ дар найистоне афтода буд ва аз касрати кучму зиреҳу ҷавшан кӯҳи оҳане буд, ки каримаи ва тара-л-ҷибола таҳсабуҳо ҷомидатан ва ҳия тамурру марра-с-саҳоби[1] дар вақти мушоҳидаи он ба хотир мерасид ва ё аз садмати тантанаи убаҳҳату азамати убайдуллоҳхонӣ кӯҳи оҳане музоб гашта, дарёи обе менамуд, ки дар вай сад ҳазор наҳанги коинотошом ҷилвагар буд. Ба Самарқанд хабар омад, ки Амир Начм гуфта: «Самарқандро ки мегирам, шаҳри ӯро ҳамвор сохта, фолиз мекорам ва харбузаи ӯро ба расми тухфа ба Шоҳ Исмоил мефиристам, баъд аз он мутаваҷҷеҳи Хитой мешавам».

Сокинони балдаи Самарқанд чун ин хабар шуниданд, ба масобаи биёраи фолиз дасту пойи эшон шал гардид ва сарҳои худро харбузасифат бар саҳрои ноумедӣ афтода диданд. Олиҷаноби қудватуламо, Мавлоно Ҳоҷии Табрезӣ [бо ҷамъе аз талаба иттифоқ] намуданд, ки ба ҳукми алайкум би-с-саводи-л-аъзам мутаваҷҷеҳи Ҳиндустон мебояд гардид ва оби ҳаёту зиндагониро дар он зулумот мебояд талабид. Дар ҳамон шаб, ки ин иттифоқ намуданд, мунҳиёни ғайбу мубашширони лорайб дар миръоти руъёи ин фақир чунин намуданд, ки ситораҳои осмон ба мисоли пистонҳои гӯсфанд ширборон шуда ва кӯчаҳову бозорҳо ба масобаи ҷӯйҳои шир равон гардида. Сабоҳ ба мулозимати он ҳазрат омада, он воқеаро ба арз расонидам. Бағоят хушҳол шуданду фармуданд, ки шир иборат аз нури дини муҳаммадӣ ва сафои шариати миллати аҳмадист, ки аз олами самавот ба маркази суфлиёт нозил гардида.

Ин воқеа биёраи мустабшира ва далелест солеҳу ҳуҷҷатест

1 Қуръон сураи 27 ояи 90.

қотеъ, ки шаҷараи хабисаи давлати ин тоифа, кашаҷаратин хабисатин иҷтуссат мин фавқи-л-арзи молаҳо мин қарорин[1] ба садамоти авосифи қаҳри маликин муқтадирин кааъҷози нахлин мунқаъирин[2] ба хоки мазаллат хоҳад хуфт ва ниҳоли тӯбо мисоли дини саййиди мухтор кашаҷаратин таййибатин аслуҳо собитун ва фаръуҳо фиссамо[3] дар риёзи фирдавсойини дунё таровату назорат хоҳад пазируфт. Баъд аз он фармуданд, ки ба карроту маррот воқеаи маноми фалониро таҷриба кардаем, ҳаргиз тахаллуф накарда ва ончунонки таъбир ёфта, тағйиир напазируфта. Эшон бо ҷамъе ёрон доияи сафари Ҳиндро фасх гардониданд ва пой дар домани саломат печиданд. Алассабоҳ, рӯзи сеюм буд, ки чун кӯси номуси зарринварақи шоҳи Машриқро ба миқрааи ал-қориъату мал-қориъату[4] фурӯ кӯфтанд ва навбатиёни ва-с-субҳи изо танаффас[5] ба садои нидои овои нойи хурӯсони хурӯшон дам дар сафедмуҳраи сафедадам даминанд, нафиру хурӯш баромад, ки он [кӯчакони ҳайдарии] мухолиф, ки аз мақоми [Ироқ] сози бузурге оҳанг карда буданд ва доираи басити оламро бар Арабу Аҷам рост чун дили ушшоқи бенаво танг сохта, ба найрези тарабангез тирборони асокири ҳумоюн ба он пешрави сифоҳонӣ Наҷми Сонӣ мағлуб гардиданд. Алҳамду лиллоҳиллазӣ садақа ваъдаҳу ва насара ъабдаҳу ва аъазза ҷундаҳу ва ҳазама-л-аҳзоба. [Қитъа]:

Бо чарх гуфт Кайвон, к-охир Убайдхонро
Маъмураи мамолик гардад тамом ҳосил.
Филҳол чарх гуфташ, к-эй пири солхӯрда,
Ҳарчанд ҳозирӣ ту, мо ҳам наем ғофил.
Мо дидаему хонда аз рӯи толеи ӯ
Ин шакл дар мабодӣ, ин нақш дар авоил.
Роёти комгорӣ аз ройи ӯст улё,
Оёти шаҳрёрӣ дар шаъни ӯст нозил.

Ва кайфияти он фатҳу нусрат он ки, чун лашкари қи-

1 Қуръон сураи 14, ояи 31.
2 Дар Қуръон дорем сураи 54, ояи 20 ки он ҳам эъҷоз нахлин мунқари ва сураи 54, ояи 56 ъинда малики муқтадир.
3 Қуръон сураи 14, ояи 29.
4 Қуръон, сураи 101, ояи 1.
5 Қуръон, сураи 81, ояи 18.

зилбош шаҳри Насафро, ки иборат аз Қаршӣ аст, муҳосира карданд, Убайдуллоҳхон ва Ҷонибек Султон дар навоҳии Кармина ва Кучкунҷихон ва Темурхон бо соири салотин дар Миёнкол буданд ва ҳамаи эшон [ба ҳукми] вало тулқу би-айдикум ила-т-таҳлукати[1] бар фирор қарор дода будаанд, ки оличаноби ниқобатиёб, ҳазрати қутбу-л-ақтоб, султону-л-авлиё, бурҳону-л-атқиё ғавсу-л-ислом, муғису-л-муслимин султону-н-нуқабо ва нақибу-с-салотин Амир Саййид Абдуллоҳ ал-мулаққаб ба Амири Араб аз вилояти Туркистон ба Бухоро омадаанд ва Убайдуллоҳхонро дидаанд, ки бағоят бедил шуда ва инони ихтиёр аз даст дода, гуфтаанд:

– Эй фарзанд, туро чӣ мешавад? Ҳазрати Ҳақ, субҳонаҳу таъоло, аз барои шумо туҳафу ҳадоё фиристода ва ҷиҳати шумори маротиби алайҳ дар дунё ва охират муҳайё карда. Шумо мехоҳед, ки онҳоро пушти по занеду қабул накунед?

Убайдуллоҳхон гуфт, ки:

– Махдумо, ин таҳқиқ пайваста, ки адади лашкари ин ҷамоат аз ҳаштод ҳазор мутаҷовиз аст ва каммияти лашкари мо пеши шумо маълум аст. Амири Араб фармуданд, ки:

– Аъузу биллоҳи мина-ш-шайтони-р-раҷим[2] кам минфиатин қалилатин ғалабат фиатан касиратан биизниллоҳи валлоҳу маъас-собирин[3] воқеаи ҷанги Бадрро манзури назари ҳиммати олинаҳмат доред ва дил маяндозед.

Дар ин ҳикоят буданд, ки хабар омад, ки Қарширо гирифта, қатли ом намуда, бар ваҷҳе, ки мутанаффисе зинда намонд.

Убайдуллоҳхон гирён шуду гуфт, ки:

– Махдумо, ба ин ҷамоат чӣ гуна муқовимат тавон кард?

[Байт]:

Гар нест аз сабаб ба сабаб илтиҷо раво,
Хайрулбашар зи Макка ба Ясриб чаро гурехт?

Амири Араб дар ҷӯшу хурӯш омада, фармуданд, ки:

---

1 Қуръон, сураи 2, ояи 191.
2 Қуръон, сураи 16, ояи 100.
3 Қуръон, сураи 2, ояи 250.

То нагиряд кӯдаки ҳалвофурӯш,
Баҳри бахшоиш куҷо ояд ба ҷӯш?!

Ин замон тараддуд намоед, ки он ҷамоат мағлуб мегар-данд, бино бар он ки чун зулму тааддӣ дараҷае камол меёбад, завол муқорини ӯст ва ин ниҳояти зулм аст, ки эшон карда-анд. Бархез, эй фарзанд ва пойи давлат дар рикоби саодат ку-ну ҳама сабқату мубодарат намо, ки гӯи давлат вал-с-собиқуна ила-с-собиқуна, улоика-л-муқаррабуна[1] дар хами савлаҷони ҳиммат дарорӣ ва дамор аз ниҳоди он ҷамоати хоксор барорӣ!

Ҳосил, ки Убайдуллоҳхонро савор гардонида, қоиди аин-наи он лашкар ва охизи азиммаи он аскар гардида, ба ҷониби [лашкари] қизилбош мутаваҷҷеҳ шуд. Чун як-ду фарсанг пеш рафтанд, Амири Араб фармуданд, ки:

– Шумо аз ин ҷо таҷовуз нанамоед, то ман раваму Ҷонибек Султонро ба шумо мулҳақ гардонам.

Чун Амири Араб ба пеши Ҷонибек Султон омад, дид, ки агар як лаҳзаи дигар таъхир мешуд, он лашкар ба тамом му-тафарриқ мегардид. Ӯро зaҷри бисёр карду гуфт:

– Шарм намедорӣ, ки бо вуҷуди ин ҳама диловарӣ ва баҳодурӣ гурез ба хотир роҳ медиҳӣ? Убайдуллоҳхон, ки фарзанди туст, инро атияи илоҳӣ медонаду мегӯяд: «Зиҳӣ давлату шараф, ки дар роҳи дини муҳаммадӣ ва миллати му-стафавӣ, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, сарбозӣ намоям».

Ба ин навъ суханон ӯро ба ҷанг таҳрис намуд.

Аммо Наҷми Сонӣ ба осмони убуҳҳату қаҳрамонӣ ба навъе ба ҷилвагарӣ омада буд, ки офтоби оламтоби сипеҳри лоҷвардӣ дар назари вай кам аз заррае менамуд. Ва фирқаи қизилбошия ба тахайюли ва бинначми ҳум яҳтадуна[2] ба во-дии туғёну хазлон дуаспа саъйу кӯшиш менамуданд ва даб-дабаву нидои инно ланаҳнул-ғолибуна[3] дар кохи гунбади гетӣ дарафканда буданд. Дар таърихи бистуми зулқаъдаи санаи 918 буд, ки қалъаи қасабаи Ғиҷдувонро мисоли ҳалқаи ан-

1 Қуръон сураи 56, ояи 10, 11.
2 Қуръон сураи 16, ояи 16.
3 Қуръон сураи 26, ояи 44.

гуштарин муҳосира карданд. Дӯстӣ ва Барноча, ки дар фанни нарду шатранҷ ягонаву фард буданд ва дар шеваи нард эшонро даст ба масобае [тавил] буд [ки] даҳ ҳазор ва аз он низ зиёд аз устодони ин фанн хонагири масокинтасхири эшон будӣ ва Абузайду Лилоҷу Қаҳрамони наррод, ки ин сето ваҳиди асру фариди даҳр буданд, агар муосири эшон будӣ, дар ақиби эшон рафта, гушоди кори худ аз мансубаҳои эшон талаб намудӣ. Ва дар фанни шатранҷ ҳар як дуаспа дар арсаи даъво рух ниҳода, Ҳамораполи Ҳиндӣ[ро], ки бар тахти фили нодирагӣ тафаввуқ дошт, пиёдагӣ мефармуданд; монанди фарзин, ки аз муқоранаи шоҳ дур нест, Наҷми Сонӣ эшонро аз паҳлуи худ ҷудо надоштӣ.

Амир Муҳаммадамир Юсуф, ки аз ҷумлаи машоҳири нуқабову фузалои Хуросон буд [ва] дар замони Султон Ҳусайн Мирзо ва Муҳаммад Шайбонихон кӯси даъвои анӣ аъламу мо ло таъламуна бар фарози торами гардун расонида буд ва дар даври Шоҳ Исмоил ба воситаи ҳубби ҷоҳ дар чоҳи ғурур афтода, изҳори ташаййуъ намуда, дар силсилаи эшон бар мансаби халифагӣ истинод ёфта буд. Дар вақте ки ӯро Темур Султон аз Хуросон ба Самарқанд фиристод, дар маҷлисе ба ин камина инчунин ҳикоят фармуд, ки:

– Мо дар умри худ се маҷлис [тафарруҷ] ва мушоҳида намудаем, ки ақли мо таҷвизи чаҳоруми он намекунад. Яке маҷлиси шатранҷбозии Мавлоно Хоҷаи Исфаҳонӣ ва Мавлоно Биноӣ, ки дар аснои бозӣ бадеҳа мегуфтанду дурари маонии бадеъ месуфтанд. Ва бадеҳаи эшон мунҷар ба ҳаҷв мешуд. Алфози ракика ва иборати шанеа аз эшон сар бармезад, ки касеро тоқати шунидани он набуд. Ва аз ханда кор ба сарҳадди беҳушӣ мерасид.

Ва дигар маҷлиси Мавлоно Хоҷаи Гӯянда ва Амир Халили Хонанда, ки ин ду кас бисоте меафкананду корди бараҳнаву доирае дар пеш мениҳоданд ва ба ғилозу шидод қасам ёд мекарданд, ки ҳар кас аз ин ҷамоати ҳуззору наззор, ки дар бозии мо дахл кунад ва якеро таълим диҳад, ин кордро бармедорему то даста дар вай менишонем. Ва доира аз барои он буд, ки агар, филмасал, ҳар кадом пиёдаи зиёдатӣ мебурд, он доираро бармедошту дар рақс меомад ва нақше ё сурате бун-

ёд мекард ва ҳаракоте менамуд, ки ҳозирони маҷлис наздик ба он мерасид, ки аз ханда беҳуш шаванд. Ва он дигар, мотамзадаи малулманд будӣ, ки гӯё тамоми қавму қабилаи ӯро қатл кардаанд. Мушоҳидаи вай бештар мӯҷиби зиҳк мешуд. Он раққос дар ҳини рақс сару пойи худро дар пеши димоғи ӯ меоварду ҳаракот мекард, то ғояте ки ӯ бармехосту ҳар ду дар якдигар мечасфиданду ҷомаҳои якдигар медариданд ва мушт дар ҳам мебастанду сару рӯйи якдигарро мешикастанд. Ҳуззори маҷлис ба сад ташвиш эшонро ҷудо месохтанд ва боз дар бозӣ мепайвастанд. Алқисса, то охир бисот бар ҳамин услуб буд. Ва ҳар бозӣ, ки мехостанд, ғайримукаррар ҳаракот мекарданд то охири кор, ки ба бурд ё мот мерасид, он баранда фараҷӣ ба сар мекашид ва аз як гӯшаи он фараҷӣ дар он як нигоҳ мекарду санъатҳои турфа меовард, ки фарёд аз аҳли маҷлис бармеомад.

Дигар бисоти нарду шатранҷи Дӯстӣ ва Барноча, ки қасоиди устодон дар боби нарду шатранҷ аз луғазу ғазалу қасоиду муқаттаоту маснавиёту рубоиёти лоюад ва лоюҳсо ёд доштанд ва дар вақти бозӣ он абётро мехонданд. Рӯзе дар гирди қалъаи Ғиҷдувон нишаста буданд ва Дӯстиву Барноча нард мебохтанду абёти муносиб мехонданд. Барноча луғазе аз барои нард бунёд кард; Амир Наҷм ба истимоъ ва исғои он машғул буд. Чун ба тахаллус расид, пурсид, ки:

– Восифӣ кист, ки дар Хуросон аз барои мардуми Зиёратгоҳӣ арзадоште навишта буд ва иншои он бағоят хуб воқеъ шуда буд? Басе тафаҳҳус кардем, ӯро наёфтем. Ҳоло ки ин луғази ӯро шунидем, ба хотир расид, ки вай муҳкам касест, ки шеъри бад-ин латофатро бо иншое бад-ин матонат ҷамъ карда.

Амир Муҳаммад фармуданд, ки:

– Мо гуфтем, ки вай дар даҳ умур мутафарриду адимунназир аст: қуввати сарпанҷае дорад, ки шери жиён пеши ӯ пушти дасти таслим бар замин мениҳад ва дар Хуросон ҳеч забардасте бар вай зафар наёфта ва панҷаи ялии ӯро натофта. Ва қуввати равандагиву рафтори вай ба дараҷаест, ки аз Машҳади Алӣ Мӯсо Ризо то Хуросон, ки иборат аз Ҳарӣ (Ҳирот) аст, шаст фарсанг аст ва роҳест дар камоли дурууштӣ,

дар ду рӯз он роҳро пиёда тай намуда. Дар шиноварӣ қудрати ӯ ба масобаест, ки як навбат Фаридун Ҳусайн Мирзо дар Боғи Зоғон фармуд, ки ҳар ду дасти ӯро бо ду пояш баста, ӯро мисли гӯй сохта, дар ҳавз андохтаанд; аз намози пешин то намози шом дар он ҳавз шино мекарда. Ва ҳофизи хушхонест. Ва Қуръонро дар оҳанге мехонад, ки ҳеч ҳофизи баландхоне бо вай як ушр наметавонад хонд. Ва шогирди Мавлоно Ҳусайн Воиз аст, [ки] мавлонои мазкур дар таърифи вай чунин фармудаанд, ки: «Миёни мо ва ӯ дар ваъз ҳамин фарқ аст, ки ӯ хушовоз асту ман хушовоз нестам». Муқаллидест, ки ба таҳқиқ пайваста дар ин фан ҳаргиз мисли ӯ набуда. Дар муаммошикофӣ ба мартабаест, ки ҳар муаммои мушкиле, ки мехонанд, ном ногуфта мешикофад. Ва сареъулкитобатест, ки дар як рӯз «Кофия»-ву «Шофия»-ву «Шамсия»-ро навишта, бар ваҷҳе ки аслан дар вай ғалате пайдо нашуда. Дар мусобират бар ҷуъ ба ҳаддест, ки даҳ рӯз рӯза медорад, ки дар ин айём рӯза намегушояд. Ва бадеҳаи ӯ дар шеър ба мартабаест, ки ҳар устоди паҳлавон қасидаи ғарроеро, ки фармоянд, ки панҷоҳ ё шаст байт бошад, дар як шаб ҷавоб мегӯяд, бар ваҷҳе ки ҳеч байти вай аз маънии хос ё хаёли [хос] ё ташбеҳи хос холӣ нест.

Амир Наҷм гуфт:

– Ҳоло ин бемисли оламу нодираи зумраи банӣ Одам дар куҷост?

Гуфтам:

– Дар Самарқанд [аст].

Фармуд, ки:

– Албатта, касе фиристеду ӯро талаб намоед, ки дар қатли омми Самарқанд зоеъ нашавад.

Дар ин сухан будем, ки аз атрофу акнофи лашкар ғулғулаву нафиру фарёди дору гир баромад.

Гуфтанд, ки:

– Лашкари Узбак расид.

Амир Наҷм гуфт:

– Убайдро зинда биёред, ки ӯро пеши шоҳ мефиристам ва дигаронро ҳар чӣ хоҳед, кунед.

Гуфтанд:

– Кор аз он гузаштааст, ки шумо ин гӯед. Зуд савор шавед.

Амир Муҳаммад фармуданд, ки:

– Ӯро ба таклифи тамом розӣ сохтем, ки ба кафшу тои пироҳану сарбараҳна савор шавад, ки мегуфт: «Аз инҳо чӣ ҳисоб, [ки] аз барои эшон савор бояд шуд».

Алҳосил, ки дар ҳини савор шудан ӯро аз асп фурӯ кашиданду сари ӯро бурида бар найза карданд ва дамор аз рӯзгори эшон баровcovered. [Байт]:

Саре, к-аз такаббур расидӣ ба Арш,
Ба зери қадам гашт чун санг фарш.

Амир Муҳаммад дар Самарқанд он луғази нардро, ки аз Барноча шунида буд, бо чанд луғази дигар талабида, китобат фармуд. Ва он луғазҳо ин аст:

**Луғази нард:**

Фитода чист ба базми ту, эй рафеъмакон,
Яке сипеҳри мусаттаҳ, дар ӯ маҳи тобон.
Маҳе, ки ҳаст ба зераш хуҷаста панҷ ҳилол,
Ки ҷумла бар сари як бадр кардаанд қирон.
Ду кавкаб аст дар ӯ мунқалиб зи ҳол ба ҳол,
Чу меҳру маҳ, ки ба тоси фалак бувад ғалтон.
Ҳамеша бисту як кавкаби сағир бувад,
Қирон намуда ба атрофи чашм ҳар як аз он.
Ба понздаҳ шабу рӯз аст бар сипеҳр он моҳ,
Ки нест ҳамчу маҳи чордаҳ дар ӯ нуқсон.
Намудаанд тақотуъ ба ҳам ду сатҳи тавил,
Ду Каҳкашон шуда бар рӯи он сипеҳр аён.
Чаҳор рукн бибин аз талоқии сатҳайн,
Кашидааст ба ҳар рукн тарҳи шаш айвон.
Чу ҳиндуи Зуҳалу Муштарист пайкарҳо,
Раванда дар ақиби ҳам миёна[ву] аркон.
Зи дасту по ҳама ориву турфатар ин аст,
Ки дасту по чу набошад, ҳамешаванд равон.
Гаҳе шаванд пароканда чун Банотуннаъш,
Гаҳе шаванд ба ҳам муҷтамеъ Сурайёсон.

Гушоди хеш ту зинҳор аз он сипеҳр маҷӯй,
К-аз он гушод басе бастагӣ бувад имкон.
Яке зи ҷумла агар уфтад ба хонаи зарб,
Замон-замон ба ҳаво монда, мешавад ҳайрон.
Агар зиёд шавад аз сето, намегузарад
Нуҷум дар сумани он маҳ, эй фариди замон.
Тавил шуд сухан, эй Восифӣ, агарчи ҳанӯз
Зи даҳ ҳазор маонӣ яке нагашт баён.
Бар остонаи шаҳ хона гир, то гардад
Туро гушодани мансубаи фалак осон.
Шаҳе, ки тахтаи нардаш бувад сипеҳри барин,
Бар он зи кавкабу сайёра муҳраҳост равон.
Ба сони донаи хасл, эй шаҳи ҳамидахисол,
Нигар, ба ҳар тараф афтода кавкаби рахшон.
Бувад ду дидаи хасмат чу каъбатайн сафед,
Чу холҳо зи хадангат бар ӯ намуда нишон.
Ба кори хасми ту набвад гушод, гар бошад,
Гушод бозии нард асту сад хатар ба миён.
Бувад ба шашдари ғам муҳраи муроди адӯт,
Ба сони тос зи ҳайрат гушода монда даҳон.
Чу каъбатайн, ки афтад ба тос хасматро,
Ба ҳалқу ком равон бод риштаи дандон.

**Луғази шатранҷ:**

Эй дил, кадом арсаи ҷанг асту корзор,
К-он ҷост субҳу шом ба якдигар ошкор.
Аз ҳар тараф ду саф ба ҳам овардаанд рӯй,
Як подшоҳи Руму яке шоҳи Зангбор.
Доранд ҳар кадом вазире, ки дар набард
Бошанд ҳар яке ба яке банд устувор.
Саффи нахустро набувад ҷанги рӯ ба рӯ,
Гоҳ аз ямин набард кунанду гаҳ аз ясор.
Гардад вазиру бадрақа созанд ҳамраҳаш,
З-ин саф ҳар он ки рафт саломат бад-он канор.
Бо он ки ҳар тараф суи рахше рух оваранд
В-ин турфа бин, ки нест дар он арса як савор.

Аспе, чунонки филсифат ҷанг мекунад,
Лекин уреб меҷаҳад аз ҷо рамидавор.
Филони ҷангҷӯй дар он арсагоҳи ҷанг,
Ҳар гаҳ шаванд банд, шавад ҷангро мадор.
Аз касрати асокиру зиқи бисоти халқ
Дар хонаҳо кунанд дигар фикри кишту кор.
Аз кишту кори лашкариён подшоҳро
Ҳосил, ки ҳеч фоидае нест, ҷуз фирор.
З-овози кишт шаҳ равад аз худ зи бедилӣ,
Гӯӣ, магар ки мешунавад кишт з-изтирор.
Густарда хиштҳо, ки зи ҳар хишти ӯ шуда
Як хонае, ки карда бар ӯ лашкаре гузор.
Кардам шумор хишташ, аз он сохтан тавон
Чизе, ки мондааст зи Сикандар ба ёдгор[1].
Ҳар ҷо, ки мурд шоҳ, фитад фитна дар сипоҳ,
Он ҷо зи фавти шоҳ сипаҳро шавад қарор.
Эй Восифӣ, бинеҳ ба суми аспи шоҳ рух,
Меҷӯ зи фили ҳодиса зинҳор, зинҳор.

**Луғази офтоб:**

Кист он султони гардунрифъати олампаноҳ,
Мулки оламро мусаххар карда бе хайлу сипоҳ.
Гарчи бошад бениҳоят фусҳати иқлими ӯ,
Пеши Рахши сабзхинги ӯ бувад якрӯза роҳ.
Нест ғайр аз рӯ намоён з-он шаҳи Юсуфҷамол,
З-он ки дар дарёи Нил афтода бошад дар шиноҳ.
Мекунад аз меҳрубонӣ дигареро тарбият,
То ба мулки хеш созад дар шаб ӯро подшоҳ.
Душманаш бошад сипоҳи шому дар ҷавлонгаҳаш
Шаб ҳама шаб резаҳои шиша мерезад ба роҳ.
Лек худ гирад ба каф ҷорӯби зарринро, кунад
Руфтурӯбе ҷилвагоҳи хешро ҳар субҳгоҳ.
Гарчи бо мардум бувад гармихтилоту меҳрубон,
Тез натвонад касе дар рӯи ӯ кардан нигоҳ.

---

[1] Дар нусхаи бадал: «Чизе, ки монда зи Сикандар ба ёдгор» аст ва ин муносибтар аст.

Рӯз бо сад ҷоҳ бар тахти Сулаймоне-ш ҷой,
Шом бошад манзилаш чун Юсуф андар қаъри чоҳ.
Гар гушояд чеҳра, созад оламеро ғарқи нур
В-ар бигиряд, оламеро як замон созад сиёҳ.
Ҳаст равшан, офтоб аст, ин ки мегирад зиё
Ҳар саҳар аз остони подшоҳи динпаноҳ.
Хусрави олинасаб Султон Муҳаммад, он ки ҳаст
Офтоби авҷи бурҷи салтанат, зилли Илоҳ.
Бар кавокиб партаве аз меҳри рӯяш гар фитад,
Нур гирад меҳр аз ҳар як чунон, к-аз Меҳр Моҳ.
Шуд муяссар пойбӯси ӯ магар хуршедро,
К-аз тафохур афканад ҳар рӯз бар гардун кулоҳ?!
Шамсаи айвони ҷоҳи ӯст хуршеди фалак,
Моҳ бошад хишти фарши он ҳарими боргоҳ.
Чарх бо хуршед з-эҳсонхонаи ҷудат равад,
Қурси гарме дар бағал ҳамчун гадои хонақоҳ.
Дар риёзи ҳимматат хуршеду чархи нилфом
Ҳаст як барги гули худрӯй бо мушти гиёҳ.
Лоф зад аз рифъати худ пеши даргоҳат фалак,
Гарм шуд хуршед бар рӯяш, баромад з-ин гуноҳ.
Восифӣ, то бар ту тобад офтоби давлаташ,
Ҷуз давоми зиллу ҷоҳаш аз Худо чизе махоҳ.
То бувад хуршед бар авҷи фалак, нодида бод
Офтоби давлатат аз бурҷи бахту иззу ҷоҳ!

**Луғази шамъ:**

Чист он сарве, ки симинпайкар асту гулъузор,
Бар сараш биншаста мурғе ҷилвагар товусвор.
Чун дарахти Водии Айман бувад, к-аз нури қудс
Шуд шаби торик равшан аз фурӯғаш чун баҳор.
Рӯз бошад мунзавӣ дар гӯшаи узлат, вале
Дастгири гумраҳон гардида дар шабҳои тор.
Ҳар кӣ пеши ӯ бувад шаб, аз сиёҳӣ мекашад
Сураташро чун мусаввир аз қафояш бар ҷидор.
Булаҷаб ҳоле, ки ӯ аз мавт мeёбад бақо
В-аз ҳаёташ дам ба дам гардад фанояш ошкор.

Нозукандоме, ки аз таъсири таҳрики насим
Мешавад бетобу мегиряд фаровон зор-зор.
Ошиқе дорад, ки ҷони худ нисораш мекунад,
Лек ӯ парво надорад, гар кунад сад ҷон нисор.
Гаҳ ба хиргоҳе дарояд чун маҳи хиргаҳнишин,
Гоҳ маҷлис барфурӯзад ҳамчу садри комгор.
Садри гардунманзилат, Султон Муҳаммад, он ки ҳаст
Шамъи базморои шоҳони Сикандариқтидор.
Эй ки ҳастӣ аз тафаззул шамъи ҷамъи аҳли фазл,
Гирди ту парвонасон арбоби дониш бешумор.
Ё Раб, андар пардаи фонуси лутфи Ҳақ бувад
Шамъи иқболат масун аз боди нақси рӯзгор.
Восифиро ҳол чун шамъ аст дур аз базми ту
Бо дили пуроташу бо дидаҳои ашкбор.

**Луғази камон:**

Чӣ чиз аст, он ки чун абрӯкамонон фитнагар бошад,
Гиреҳ бар гӯшаи абрӯ ба қасди шӯру шар бошад.
Ба вақти ҷанг бо душман нагардад рӯ ба рӯ, лекин
Ба майдон чун намояд пушт, душманро хатар бошад.
Фаровон шохҳо дорад, кашида ҷумларо дар пай,
Ду сар дорад, вале бар ҳар сараш зоҳир се сар бошад.
Чу шайхи мунҳанӣ дар чилла рафта, гӯшае дорад,
Вале ҳар лаҳза аз вай гӯшагирӣ бар хабар бошад.
Бувад дар асли фитрат каҷниҳод, аммо ғариб аст ин,
Ки хайли ростонро муттасил бар вай гузар бошад.
Дарояд ҳар гаҳ андар қабза, вазнаш нест чандоне,
Вале ҳар гаҳ кашӣ, гӯӣ, зи сад ман бештар бошад.
Ду бошад хонааш, аммо гаҳе якхона мегардад,
Валекин хонаҳояшро на девору на дар бошад.
Зи саҳми ӯ бувад пайваста халқи баҳру бар тарсон,
Хусусан чун ба дасти подшоҳи баҳру бар бошад.
Шаҳи Ҷамшедфар, Султон Муҳаммад, он шаҳи ғозӣ,
Ки аз хуршед гардунро зи саҳми ӯ сипар бошад.
Ба даври адли ӯ ҷуз бар камон кас зӯр натвонад,
Чу дорад саркашӣ он зӯр бар вай з-он мамар бошад.

Камондорони даргоҳаш бувад ҳар як ҷигардоре,
Ки сад новак адӯяшро зи ҳар як бар ҷигар бошад.
Сиҳомаш рӯзи ҳайҷо ғайрати мижгони фатҳ омад,
Камонаш вақти майдон рашки абрӯи зафар бошад.
Ба пешат Восифӣ худро ба хидмат чун камон хоҳад,
Ки то бар вай туро аз гӯшаи чашме назар бошад.
Камони чарх то аз Каҳкашон бошад ба зеҳ, ё Раб,
Қазоро таркаши тақдир пешат бар камар бошад.

**Луғази шамшер:**

Он чист, к-аз шаҳони ҷаҳон бар сар омада,
Онро, ки бар сар омада, аз по дар омада.
Ҳорутвор рафта гаҳе сарнигун ба чоҳ,
З-он ҷо ба сони Юсуфи Мисрӣ баромада.
Оби ҳаёт рехтанаш кору дам ба дам
Ҳамчун Хизир ба водии зулмат даромада.
Парвоз карда мурғи дили пурдилон зи бим,
То бар ҷаноҳи бози вағо шаҳпар омада.
Гардид сурху дода сари сабзро ба бод,
Дар феълу рангу шакл забонпайкар омада.
Аз кӯҳ ҳосил омадаву ҷош бар камар,
Ҳамчун камар ба симу зару ҷавҳар омада.
Чун оби зиндагист, вале шарбати аҷал
Пайваста дар табиати ӯ музмар омада.
Аз феъли тез хуни касеро чу рехта,
Рухсораш аз хиҷолати он аҳмар омада.
Обест софу тез, бағоят тунук, вале
Гаҳ то гулӯву гоҳ зи сар бартар омада.
Бошад зи хашм сиблати ӯ муттасил ба теғ,
Монанди ғамзаҳои бутон хунх(в)ар омада.
Карда зи рӯи сурати маънищ лом-алиф,
Бар фарқи ҳар алиф, ки чу мадд афсар омада.
Заҳроб хӯрда гаҳ-гаҳу гардидааст тез,
Ҳамчун забони мору ба ҳавл аждар омада.
Ҳаст аз зукур, лек чу унсо бувад муҳиз,
Бошад агарчи об, гаҳе озар омада.

Бо он ки ҳаст ҷумла забон, ҳаст безабон,
Лекин аз ӯ ҷавоби дусад лашкар омада.
Аз тирашаб баромада рахшону мустатил,
Чун субҳи козиб асту зи меҳр анвар омада.
Донӣ, ки чист, ин ки баён шуд сифоти ӯ?
Шамшери подшоҳи Фаридунфар омада.
Султон Муҳаммад, он шаҳи сафдар, ки теғи ӯ
Яъҷуҷи фитнаро Сади Искандар омада.
Шоҳе, ки устухони адӯ дар сафи масоф
Аз тиру теғи ӯ зираҳу багтар омада.
Шамшери меҳр хӯди фалак то замин шикофт,
Теғаш замин дарида, чу бар миғфар омада.
Аз субҳ карда пардаи шамшер аз шуоъ,
Пешаш ба зинҳор шаҳи Ховар омада.
Шамшери ӯст соиқаи осмони фатҳ,
К-аз баҳри дафъи душмани бадахтар омада.
Шоҳо, туӣ, ки пеши ту ҳар рӯз офтоб
Шамшерҳо гирифтаву бозигар омада.
Шамшери меҳр бо сипари нилгуни чарх
Баҳри камина чокари ту дарх(в)ар омада.
Хуршед баҳри хутбаи ҷоҳат хатибсон
Теғи бараҳна охта, бар минбар омада.
Теғи забони Восифии мухлиси туро
Аз ҷавҳари мадоеҳи ту зевар омада.
Мешояд, ар талаб кунад аз баҳри ҷоиза
Теғи туро, ки зеби ниём аз зар омада.
Ҳамвора бод теғи ту бар тораки адӯ,
Бодо ҳамеша лутфи Ҳақат ёвар омада!

**Луғази танга:**

Зиҳӣ ҷамоли ту чун офтоб мазҳари нур,
Зи нури рӯи ту сад офтоб карда зуҳур.
Ба сити кавкаба гирӣ вилоят аз Хоқон,
Ба зарби теғ ситонӣ хироҷ аз Фағфур.
Ҳумои адли ту з-ин сон, ки боли лутф гушуд,
Зи боз пар талабад баҳри ошён усфур.

Зафар бувад зи ямин, нусрат аз ясор туро,
Ту дар миёна ба давлат музаффару мансур.
Аё шаҳаншаҳи одил, ки ганҷи фазлу камол
Даруни махзани зоти ту ҳаст номаҳсур.
Бигӯ, ки он бути симинъузори дилбар чист,
Ки нест пеши вай андар шумор талъати ҳур?
Шавад зи дидани ӯ чашм равшан, он ғалат аст,
Ки аз баёз пазирад саводи чашм қусур.
Узори симбаронро бувад зи ғоза фурӯғ,
Валек чеҳраи ӯро зи ғоза ҳаст футур.
Аҷаб хатест, бибин, ло илоҳа иллаллоҳ
Ба рӯи ӯ, ки аз он чашми ҷон шавад пурнур.
Хурад зи қалбии худ гаҳ шиканҷаи намакоб,
Бувад зи молиши ҳар кас бад-ин сабаб ранҷур.
Агарчи чеҳраи худро ба хатту хол орост,
Вале ба содаъузорист дар ҷаҳон машҳур.
Ситораест дурахшон, ки бар сипеҳри карам
Бувад шиҳобсифат муттасил ба сайру убур.
Ба рағми рофизиён номи чор ёри Расул
Бувад ба синаи покизагавҳараш мастур.
Ғариб нест, агар Восифии мискинро
Ба ваҷҳи лутф дами накд аз ӯ кунӣ масрур.
Ҳамеша, то зару сим аст назди халқ азиз,
Мудом, то бувад ин мояи нишоту сурур,
Зи ганҷи давлату иқболи сармадӣ, ё Раб,
Бувад хазинаи ҷоҳи ту ҷовидон маъмур!

**Луғази ангуштарин:**

Эй дил, кадом гавҳари номист дар ҷаҳон,
Ҷояш фарози ҳуққаи симини зарнишон?
Бас турфа гавҳарест, ки ҳар сӯ, ки бингарӣ,
Дар коғазест нофаи мушке аз ӯ аён.
Гар афканӣ ба ҳайати маҷмӯияш назар,
Гӯӣ ҳилолу бадр ба ҳам карда иқтирон.
Он бадр аз хусуф бувад бештар сиёҳ,
Монанди рӯи душманат, эй қудваи замон.

Эй Ҳотаме, ки монда ба ҳар ҷо, ки Ҳотамест,
Аз ҳайрати сахои ту ангушт дар даҳон.
Бар душмани ту, то дари давлат кунанд муҳр,
Гардид муҳр хотаму хокистар осмон.
Ҷоҳат саводи дидаи аъдо бароварад,
З-ангушти бахт то ту ниҳӣ муҳр бар нишон.
Чун Восифӣ нишони ту ёбад ба сони муҳр,
Молад зи рӯи меҳр бар он чашми хунфишон.
Ё Раб, ки бод душмани ҷоҳи ту чун нигин
Дилхуну синарешу сияҳрӯй ҷовидон!

**Луғази шафтолу:**

Шудам ба боғ барои назораи чаманаш,
Ки буд рашки риёзи наиму анҷуманаш.
Зи гӯшае санаме бар дарахт ҷилва намуд,
Ки об дар даҳан омад зи хубии зақанаш.
Чу Юсуф аст, Зулайхосифат зи шавқи бутон
Аён намуда нишоне зи чоки пираҳанаш.
Нуҳуфта дар шиками он санам бувад тифле,
Ки ҳаст хаставу бошад ҳамеша сурх танаш.
Чӣ гуна хаста набошад чунин, ки ҳар тарафе
Нишонаҳои сари сӯзан аст бар баданаш.
Висоли он санам ар орзуст, лоларухе
Бибар ба тавфи гулистон ба худ ба макру фанаш.
Бинеҳ равон ба кафи даст себи ғабғаби ӯ,
Бинӯш, аз ин ки ситудам, зи ғунчаи даҳанаш.
Чу меваҳост суханҳои Восифӣ, дарёб,
Зи боғи умр хурӣ бар, чу бишнавӣ суханаш.

**Луғази ҳайкали анонӣ:**

Эй дил, кадом нахл хиромони ҷонфизост,
К-андар риёзи хулд чунон нахл барнахост.
Руста ду турфа шох ба болои он дарахт
В-ин турфатар нигар, ки сари ҳар ду сӯи пост.
Баргест паҳн бар сари ҳар як аз он ду шох,
Боз ин аҷаб, ки бар сари ҳар барг шохҳост.

Гар шоху барг ҳар як аз он муҷтамеъ шавад,
Як мушт ҳосил ояд аз он бе фузуну кост.
Бодому писта аст бари он дарахту лек
Бодоми ӯст пурмаразу писта пуршифост.
Бодомҳош пистасифат сар чу во кунанд,
Бино шавад ду чашм аз он, баски пурзиёст.
Зери дарахт ҷой бувад боғро, вале
Болои он дарахт яке боғи дилгушост.
Насрину лола, ғунчаву наргис, бунафша низ
Бо ҳам дар он чаман ҳама дар нашву дар намост.

**Луғази қалам:**

Он кист дар қаламрави хоқони рӯзгор,
К-аҳли қалам ба воситаи ӯ кунанд кор?
Пайкест тундрав, ки ба як гом медавад
То хиттаи Хитой зи сарҳадди Зангбор.
Гаҳ ҷазм мешавад, ки ба сар роҳ тай кунад,
Гаҳ з-инҳироф пой кам орад ба вақти кор.
Ҷояш ба дасти рост муқаррар бувад, вале
Ӯ майл мекунад, ки равад ҷониби ясор.
Азбаски хӯрда дуди чароғ аз пайи улум,
Набвад саҳифае, ки накарда бар ӯ гузор.
Бошад сияҳсаре, ки тарошидааст сар,
Ӯрост лек мондани доғи алиф шиор.
Хаттотпешаест, к-аз ӯ гаштааст насх
Ёқутро хату ҳам аз ӯ бурда эътибор.
Морест сарсиёҳ, к-аз ӯ мӯр медамад,
Мӯре ба сони турраи хубони гулъузор.
Морон ба сар ба ғор дарун мераванд, лек
Ин турфа, к-ӯ зи ҷониби дум меравад ба ғор.
Машшотавор мекунад ангушти худ сиёҳ,
К-аз хатту хол чеҳраи хубон кунад нигор.
Гарчи забонбурида бувад дар миёни халқ,
Бошад нуҳуфтаваҷҳ, валекин сухангузор.

## [6]
## ГУФТОР
## дар бораи [Сафар ба Бухоро]

Ва ин сафар дар вақте буд, ки мунодиёни олами афлок нидои рӯҳафзои: изоҷоа-л-ҳуту ва-л-барду ямуту[1] ба гӯши ҳуши сокинони маркази хок расониданд. Фаррошони баҳорӣ фарши зумуррадӣ намудор аз сипеҳри забарҷадӣ аз сабзаи тар ба расми пойандоз аз барои мақдами султони рабеъ бигустарониданд. Хайли латифуззайли варду раёҳин, [ки] аз дастбурди барду шиддати ҳавои сард дар хабоё ва завоёи таҳтуларз сар дар пардаи ихтифо кашида буданд ва аз тарси тири замҳарир ҳар кадом дар гӯшае хазида, аз катми адам хайма дар саҳрои вуҷуд заданд. Наргис ба ҳукми фанзур ило осори раҳматиллоҳи кайфа юҳйи-л-арза баъда мавтиҳо[2] дидаи басират аз хоби ғафлат баркушод ва савсани даҳзабон ин нидо ба гӯши муоширон дардод, ки:

Хуш баромад ба чаман бо қадаҳи зар наргис,
Соқиё, бода, ки дорад сари соғар наргис.
Сараш аз соғари май нест замоне холӣ,
Ҷумла симу зари худ кард дар ин сар наргис.
Шамъи ҷамъи тараб[у] чашму чароғи чаман аст,
З-он чаманро ҳамагӣ чашм бувад бар наргис.
Як гул аз сад гули умраш нашукуфтаст, чаро
Пушт хам карда чу пирони муаммар наргис?

Чун ба қалъаи Бухоро расидем, шаҳре дидем, ки рифъату баландии бораи шаҳрбандаш ба мартабаест, ки агар чархи хамидапушт қад рост карда, назар бар кунгураи ӯ афканад, дастори муаққади меҳр аз сараш бар замин афтад. Ва рифои босира агар ба боли хаёли пурандеша ҳазор сол парвоз намояд, ба як дараҷа аз ҳазор дараҷаи ӯ натавонад расид, [байт]:

Баъд аз ҳазор сол ба боми Зуҳал расад,
Хиште агар зи кунграи ӯ ҷудо шавад.

1 Қуръон, сураи 14, ояи 48.
2 Қуръон, сураи 30, ояи 50.

Ва зебу зинату оростагии он шаҳр ба масобае, ки агар на воқеаи явма тубаддалу-л-арзу ғайра-л-арази[1] муқаррар ва муайян будӣ, биҳишти анбарсиришти рӯзи растохез низ аз ниқоби хафову ҷилбоби ҳаё ҷамол нанамудӣ. Мунҳиёни ғайбу мубашширони лорайб бар дари дарвозаи баландовозааш ба гӯши соирон мерасониданд, ки «ҳозо ҷаннотуаднин, фадхулуҳо холидин»[2].

Бар дари дарвозааш чун қадам ниҳода шуд, он миқдор аҷоибу ғароиб ва латоифу зароиф мушоҳида афтод, ки шарҳи шаммаи онро ақл аз мақулаи мустаҳилот шумурад.

Сайркунон ва назоранамоён ба мадрасае [ки] султон шаҳиди саъид Улуғбек Мирзо ба сари Чорсуқи шаҳри Бухоро бино фармуда, расида шуд. Ҳазрати махдумии ифтихории истизҳорӣ Сайййид Шамсуддин Муҳаммад дар он мадраса ташриф доштанд. Дидаи рамаддида аз туроби ақдоми он ҷаноби воҷибулэҳтиром, ки куҳлулҷавоҳири уюни улулабсор тавонад буд, иктиҳол ёфт. Ба ишорати он олиҳазрат ба тақбил садаи олӣ ва атабаи мутаолии аоливу ашрофу акобиру маволӣ ва аҳолии он вилоят шитофт. Ба мулозимати олиҷаноби маъолиинтисоб, зууннасабуззоҳира валҳасабуттоҳира, ҷомеъулмакорим валмафохир алмухтас би авотифи-л-малики-л-қадим Қозӣ Иброҳим, ки таярони симурғи хаёл ба шаҳпари болбасти мақол дар ҳавои беинтиҳои камоли он зоти адимулмисол маҳзи муҳол аст [ва] уруҷу рифои нуфуси закиятуттибоъ бар шарофати арафоти камолоти он зоти шамсиятушшуоъ бадриятулилтимоъ аз мақулаи ҳавасу хаёл мушарраф гардид. Ва баъд аз он [ба илтисоми атабаи олияи олиҷаноби рифъатинтисоби ҳазрати Шайхулислом Хоҷа Ҳошимӣ], ки амвоҷи биҳору фазоилу камолоташ на чунон муталотим буд, ки ҷавории муншаоту фасоҳату балоғат ба савоҳили басту баён тавонад расид ва ё тоири фикру хаёл ба ҷаноҳи истидлол бар кунгураи қилои фалакиртифои он тавонад парид, шарафи истисъод ёфт.

Дар мулозимати он олиҷаноб буд, ки яке аз мулозимон даромаду гуфт, ки:

1 Қуръон, сураи 14, ояи 48.
2 Ду калимаи ахир аз ояи 73 сураи 39 Қуръон аст.

– Мавлоно Маҳмуди Муншӣ, ки яке аз муншиёни пояи сарири аршназири Убайдуллоҳхон аст, аз яйлоқи Қаршӣ омада ва аз ҳазрати Убайдуллоҳхон ба мулозимон китобате оварда. Ҷаноби хоҷаи аъзам ӯро талабида, эъзозу икроми локалом намуда ва мазмуни мактуби Убайдуллоҳхон он ки: «Муддати мадиду аҳди баид буд, ки табъи ҳумоюнро ба мутолиаи ашъори афсаҳушшуаро ва акмалулфузало Мавлоно Котибӣ, ки таршеҳи аъноқи фазлу фасоҳат ба бадоеи афкори ӯст ва тарсеи наттоқи нутқу балоғат ба саноеи ашъори ӯ, майли бисёр менамуд ва ҳамвора дар талаби куллиёти ашъораш ба афозили аном изҳори соқиби аъдод шавқу ғаром намуда мешуд. Аммо ба воситаи мақулаи «ал-умуру марҳунатун биавқотиҳо» чеҳраи мақсуд дар пардаи таваққуф мастур мебуд. Дар ин вало Мавлоно Наими Нишопурӣ бобилтисоми остони [қудсошён] мустасъид гардида, куллиёти Мавлоно Котибиро қариб ба сӣ ҳазор байт ба хатти Мавлоно Султонмуҳаммади Хандон, ки аз саромади шогирдони Мавлоно Султонмуҳаммади Машҳадӣ аст, туҳфаи маҷлиси олӣ гардонид. Ва он туҳфа дар назари эътибор миқдори фатҳи Нишопур намуд. Қасоиде, ки аз барои гулҳо гуфта, мисли қасидаи радифи «лола» ва радифи «наргис»-у «бунафша» ва радифи «ғунча»-ву радифи «гул» ба назар даромад. Он қадр маонии хоссаву ташбеҳоти мухтасса мушоҳида афтод, ки бӯстони ҷинон аз мулоҳизаи он хаёлоти бадеа ва афкори шарифаи он монанди гулистони ҷинон гардид. Ба хотир расид, ки он қасоиди радифи «вард»-и латифулвурудро татаббуъ намуда шавад. Ҳамчунонки дар ин фасл, [ки] ҳар барги сабза гӯё забонест, ки ба мақулаи: фанзур ило осори раҳматиллоҳи, кайфа юҳйи-л-арз баъда мавтиҳо[1] гушода чашми ҷаҳонбин ба мушоҳидаи гулу раёҳин мунаввар аст, дидаи ботин ба мулоҳизаи гулҳои маонӣ маҳзуз гардад. Мултамас аз макорими ахлоқи он ҷаноб он ки эшон низ ҳамин тариқ пайравӣ маъмул доранд ва он қасоидро мутолиа намуда, ҷавоб фармоянд. Аммо бояд, ки ин китобро филҳол ба дасти доранда ирсол намоянд».

Ҳазрати хоҷа матолеи он қасоидро навиштанд ва ба

---

1 Қуръон, сураи 30, ояи 50.

навиштан ин фақиронро [низ] ишорат фармуданд. Ва ба ин камина гуфтанд, ки:

– Омадани шумо дар ин вақт аз ҷумлаи иттифоқоти ҳасана воқеъ шуда. Ба хотир чунон мерасад, ки дар ин вақт, ки лолаҳо пиёлаҳои лаълро пур аз бодаи ҳамро карда ва муоширон рӯй ба гулгашти дашту саҳро ниҳодаанд, агар ба ҷавоби қасидаи [радифи] «лола» иштиғол намуда шавад, муносиб менамояд. Ва дар алсинаву афвоҳ афтода, ки баъд аз панҷ рӯз Убайдуллоҳхон ба расми таъзияпурсии Хоҷа Порсо, ки аз авлоди амҷоди Хоҷа Муҳаммади Порсоанд, қаддасаллоҳу сирраҳулазиз, аз яйлоқи Қаршӣ ба шаҳр ташриф меоваранд. То омадани эшон ин қасида мебояд, ки ба итмом расад.

Аз маҷлиси ҳазрати хоҷа берун омада, ба худ гуфтам, ки агар ҳиммате баргуморӣ ва хотир бар он дорӣ, ки ин қасоид ба итмом расад, то дар матлаи ихтилоти Убайдуллоҳхон мақтаи ҳолоти худро маъруз гардонӣ. Ба хотир расид, ки агар ба мадраса рафта шавад, ҷамъи талабаву афозил меоянду ҳуҷум менамоянд, ин маънӣ муҳол менамояд. Дар ин хаёлу андеша будам, ки ҷамъе мерафтанду мегуфтанд, ки имрӯз дар Чашмаи Айюб ғариб ҷамъияте ва аҷоиб касратест. Бар асари он ҷамоат саъй ба он сарманзили мустатоб расид ва мақулаи ҳозо муғтасалун боридун ва шаробун[1] бар наҳри лисон ҷорӣ гардид; ва дар гӯшаи он иморат хилватхонае ба назар омад, монанди зовияи дили хилватнишинони савомеи қудс пурфайзу сафо ва чун дидаи арбоби басират дар камоли нуру ҷило. Дар он хона панҷ рӯз байтута иттифоқ афтод ва ин қасоиди хамса дар он панҷ рӯз рӯй дод. Ва он қасоид ин аст:

Дар ин чаман чу надид аз вафо асар лола,
Пиёларо наниҳад бар замин дигар лола.
Мудом ҷоми майи лолагун ба каф дорад,
Ба сархушиву тараб мебарад ба сар лола.
Ба як пиёла барафрӯхт оразаш, бингар,
Чӣ гуна шуд мутағаййир ба ин қадар лола.
Ба рақс омада аз ҷунбиши сабо, ояд
Ба сони дудаи ҷаввол дар назар лола.

---

1 Қуръон, сураи 38, ояи 42.

Сабо мудом кунад хушк ҷуръаи ҷомаш,
Басе зи боди сабо бинад ин зарар лола.
Бувад ба миҷмари гулшан чу ахгари сӯзон,
Ки шуд сиёҳдил аз қатраи матар лола.
Дар ошёнаи худ андалеб байза ниҳод,
Магӯ, ки жола фитод аз саҳоб дар лола.
Аз ин чаман чу зарурист бастани маҳмил,
Бувад ба дидаи ибрат дарои ҳар лола.
Ҳамеша ҳаст дар ӯ мушку судаи анбар,
Шудаст ҳовани боди сабо магар лола?
Бувад чу лӯлии бозигаре, ки бар сари чӯб
Ситодаасту кунад кори пурхатар лола.
Пиёларо ба сари чӯб кас нигоҳ надошт,
Мусаллам асту саромад дар ин ҳунар лола.
Кулоҳи хеш чаро бозгун ниҳод ба сар,
Сари тамасхуру бозӣ надорад ар лола?
Чу муфлисест, ки зад пораи ҷигар бар сих
Ба тоифони чаман баҳри моҳазар лола.
Сари шунидани ашъор дошт лола ба боғ,
Насим ин хабар оварду хонд бар лола.

**Ғазал:**

Магар ки ёфт зи холи лабат хабар лола,
Ки дорад аз ту чу ман доғ бар ҷигар лола.
Чӣ доғҳост, ки дорад даруни синаи хеш,
Зи рашки оразат, эй сарви симбар, лола.
Зи жола пур набувад аз саҳоб фасли баҳор,
Пайи нисори ту дурҷест пургуҳар лола.
Агар зи пираҳанат накҳате ба лола расад,
Шавад ба бӯ зи гули сурх хубтар лола.
Ба акси боғи ҷамоли ту, эй гули раъно,
Ба боғ сабза бувад зеру бар забар лола.
Саҳар фитода ба рухсори лола шабнам нест,
Зи хиҷлати хайи рӯи ту гашта тар лола.
Ба ғайри зулфу хати дилкашат ба гулшани даҳр
Дамида сабзаву сунбул кӣ дид бар лола?
Ба саҳни боғ фурӯзон чу меҳр машъалаест,
Барои базми шаҳаншоҳи баҳру бар лола.

Убайдхон, ки бувад аз риёзи ҳиммати ӯ
Гули ҳамешабаҳор анҷуму қамар лола.
Шаҳе, ки тавсани адлаш гаҳи хиром зи наъл
Диҳад ба ҷойи шарар аз дили ҳаҷар лола.
Ба қасди душмани ҷоҳаш чунон камар баста,
Ки бар замин ниҳад найзаву сипар лола.
Ба даври адли вай оташ чунон гулистонест,
Ки дуди ӯ ҳама сунбул бувад, шарар лола.
Чунин ки хуни адӯ рехт бар замин теғаш,
Ба ҷойи сабза дамад аз замин дигар лола.
Магӯ, ки лолаи зард аст ҳар тараф дар боғ,
Ки баҳри базми вай овард ҷоми зар лола.
Аё шаҳе, ки ба назди ту лаъл беқадр аст.
Чунонки фасли баҳорон ба раҳгузар лола.
Нишаст кӯҳ зи теғи ту то камар дар хун,
Туро гумон, ки дамидаст бар камар лола.
Самуми қаҳри ту бар лолазор агар гузарад,
Шавад лаҳибтар аз оташи сақар лола.
Барои базми ту орад пиёлаҳои ақиқ,
Ба ҳар баҳор, ки меояд аз сафар лола.
Сари адӯи ту хоҳад, ки барканад аз тан,
Аз он гушода даҳон ҳамчу шери нар лола.
Ба мидҳати ту бувад шеъри Восифӣ машҳур,
Чунонки ҳаст ба ҳусну сафо самар лола.
Мудом бод ба фарқи ту афсари давлат,
Ҳамеша то ба баҳор аст тоҷвар лола.

**Қасидаи радифи «наргис»:**

Дар чаман дорад агар дидаи бино наргис,
Бар асо такя чаро карда чу аъмо наргис?
Баҳри меҳмонии гулҳои чаман аз сари даст
Табақи наргисие карда муҳайё наргис.
Ҷоми зар бар забари резаи ях з-он дорад,
Ки ба ҳикмат раҳад аз меҳнати гармо наргис.
Остини намади зард ниҳодаст ба сар,
Ки қаландар шудаву волаву шайдо наргис.
Ҳаст чун ринду қаландар зи сару по урён,
Аз чӣ дастор ба сар сохт ҳувайдо наргис?

Ҳамчу лӯлӣ табақи нор ба чобукдастӣ,
Бар сари чӯб нигаҳ дошт табақро наргис.
Баргҳояш нигар, он гаҳ қадаҳашро ба миён,
Ки нишон медиҳад аз Моҳу Сурайё наргис.
Доим аз пунба ба лаб об чаконанд ӯро,
Мекунад муттасил аз заъф чу сафро наргис.
Гашт зоҳир ба миёни рамаи сабзи чаман
Ҳамчу Мӯсо ба асову яди байзо наргис.
Ҳаст чун субҳи нахустин шуда як найза баланд
В-ин аҷабтар, ки ба меҳр омада пайдо наргис.
Ҳамчу навбова бар он дар табақи нуқра ниҳод,
Вақти гул ёфт чу зардолуи аъло наргис.
Бо шукуфа ба ҷаҳон мева надорад кас ёд,
Нанамояд ба ҷаҳон ин аҷаб, илло наргис.
Шуълаи нору наю пунба мушаъбидосо
Ҷамъ кард ин ду- се аздод ба як ҷо наргис.
Марҳаме сохта з-абрешими сабзу ба сараш
Каҳраборо ба садаф карда мусанно наргис.
Пунба аз гӯш баровардаву медорад чашм,
Ки ба васфи ту кунад ин ғазал исғо наргис.

**Ғазал:**

Эй ба сад чашм рухат карда тамошо наргис,
Сурма аз хоки дарат карда таманно наргис,
Чашм то бар қаду болои ту андохтааст,
Файзҳо мебарад аз олами боло наргис.
Дидаи худ назада бар ҳаму ҳайрон шудааст,
Карда то дидаи худро ба рухат во наргис.
Бар замин дӯхта чашму сараш афканда ба пеш,
Гашта шарманда аз он наргиси шаҳло наргис.
Чашми масти ту чунон сохта ӯро махмур,
Ки даме нагсилад аз соғари саҳбо наргис.
Нест ҳамранги гули рӯи ту қатъан лола,
Нест монанд ба чашми хушат асло наргис.
Дида дар панҷаи хуршед Суҳоро гӯӣ,
Карда аз хоки дарат дида муҷалло наргис.
Фориғулбол аён карда зару нуқраи хеш
Дар замони шаҳи одилдили доро наргис.

Хон Убайдуллаҳи ғозӣ, ки зи адлаш кӯбад
Шашпари нуқраву зар бар сари аъдо наргис.
Ба сари румҳ кашида магар аз косаи сар
Чашми аъдои вай андар сафи ҳайҷо наргис?
Баҳри нузҳатгаҳи он шаҳ зи кавокиб ҳар шаб
Сар ба сар руста дар ин гулшани хазро наргис.
То тасаддуқ кунад аз баҳри шаҳ, оварда ба сар
Чанд нони тунуку пораи ҳалво наргис.
Гулрухон дида ба хоки раҳи он шаҳ доранд,
Нест сарбарзада аз тӯдаи ғабро наргис.
Баҳри шоҳини шикории ту, эй шоҳи ҷаҳон,
Карда аз оҷ чуғулии муталло наргис.
Аз канизони ҳарими ҳарами боргаҳат
Навбаҳор асту гулистону суманҳо наргис.
Аз пайи зеби гиребони ту тартиб намуд
Аз зару нуқра яке тукмаи зебо наргис.
Аз зумуррад қалам, аз нуқраву зар карда давот,
То ки бар дида кунад мадҳи ту имло наргис.
То ниҳад доғи ғуломии ту бар ҷабҳаи хасм,
З-он сабаб омада бар сурати тамғо наргис.
Восифӣ шарҳи камолат чу нависад, созад
Сафҳаи дида аз он шарҳ муҳашшо наргис.
Боғи олам ба гули ҷоҳи ту хуррам бодо,
Сабаби хуррамии боғ бувад то наргис!

**Радифи «бунафша»:**

То тез кунад оташи гулзор бунафша,
Гӯгирдсифат гашта падидор бунафша.
Ҳар сӯй хате рехт зи хокистару андохт
Дар саҳни чаман тарҳ чу меъмор бунафша.
Фиръавнсифат бода ба бустон шуда чун Нил,
Шуд тобеи фармон-ш ба як бор бунафша.
Андохта дар Нил магар сӯзани ӯро,
Ҳамчун шаҳи Балх аст дар атвор бунафша.
Мӯсосифаташ сарв чу аз соя асо зад,
Ниле мутахалхил шуда ночор бунафша.
Нилест магар, рафта дар ӯ Юсуф аз он аст,
Хушбӯй чу хаййи рухи дилдор бунафша.

Ҳамчун рамаи барраи сабзест зиреҳмӯй,
Дар паҳлуи ҳам дар лаби анҳор бунафша.
Хокистари бисёр ба ҳар сӯй фиканда,
Гӯӣ, ки карам мекунад изҳор бунафша.
Наргис ба ибодат шуда, норанҷ ба каф бурд,
Чун дида ба бустон шуда бемор бунафша.
Лекин чу ба ҳасба маразаш ёфта ташхис,
Гӯ, кун ҳазар аз ҳомиза зинҳор бунафша.
Чун ошиқи хубони суманбӯйи ситамгар
Бо рӯйи кабуд асту тани зор бунафша.
Ё худ пайи зеби сари дастори ҷавонон
Кардаст пари қарқара тайёр бунафша.
Лабҳош кабуд аст зи сармои баҳорӣ,
Бингар, ки чӣ сон шуд ба чӣ миқдор бунафша.
Ё худ зада шабнам ба лаби ӯ сари дандон,
З-ӯ ёфтааст ин ҳама озор бунафша.
Дар васфи рухат ин ғазали тар чу сабо хонд,
Печид ба худ бар сифати мор бунафша.

**Ғазал:**

Эй гул, зи хати сабзи ту шуд хор бунафша,
Рӯзи худ аз ӯ дида шаби тор бунафша.
Худро ба сари зулфи ту то дида мушобеҳ,
Дорад зи раёҳини ҷинон ор бунафша.
Зулфат магараш бандаи худ хонд, ки бартофт
Гардан дигар аз нахвати бисёр бунафша.
Кач карда пайи роиҳае гардани худро
Пеши сари зулфи ту гадовор бунафша.
Бекадр фитодаст ба бустону гирифта
Дар аҳди хати сабзи ту зангор бунафша.
Дур аз хати сабзат ба чаман ашк фишонам,
Дуд омада дар дидаи хунбор бунафша.
Лофад зи ғуломии сари зулфи ту, з-он рӯ
Хушбӯйтар аз нофаи Тотор бунафша.
Гардид саромад ба миёни ҳама гулҳо,
Он шоҳ, чу зад бар сари дастор бунафша.
Шоҳе, ки пайи тавсанаш оранд малоик,
Бар пушти худ аз гунбади даввор бунафша.

Хоқони замон, шоҳ Убайдуллаҳи ғозӣ,
Дар гулшани базмаш шуда чун хор бунафша.
Мурғест хадангаш, ки ба боғи дили аъдо
Аз пой кунад ғунчаи сӯфор бунафша.
Корад зи пайи хуррамии боғи адолат
Аз чӯби ғазаб бар сари ашрор бунафша.
Гардун зи кавокиб зи пайи базми ту пошад,
Хоне, ки бувад дар таки асмор бунафша.
Гар дар чаман афтад шараре з-оташи қаҳрат,
Филҳол шавад ҳамчу гули нор бунафша.
В-ар бигзарад аз лутфи ту бар нор насиме,
Чун дуд дамидан кунад аз нор бунафша.
Карданд дар амниййяти даврони ту хубон
Боғи рухи худро ҳама девор бунафша.
Дар мадҳи ту, эй шоҳи ҷаҳон, Восифӣ орост
Боғе, ки бувад дар таги ашҷор бунафша.
Аз касрати афкор димоғаш чу халал ёфт,
Ӯро ба илоҷ омада дар кор бунафша.
Бодоми бутонро пайи тартиби димоғаш
З-аҳдоб магар руста бар асфор бунафша.
Бодо ба гули ҷоҳи ту хуррам чамани даҳр,
То зинати боғ аст дар аъсор бунафша.

**Радифи «ғунча»:**

Ёфт тахти чаман аз бахти ҳумоюн ғунча,
Тоҷвар низ шуд аз толеи маймун ғунча.
Боғро чашм расидаст магар аз наргис,
Ки бароварда лабу медамад афсун ғунча.
На, ки чун дар чаман афрӯхта шуд оташи гул,
Мекунад оташи ӯро ба дам афзун ғунча.
То зи олоиши хун ҷомаи худ созад пок,
Ба каф оварда зи шабнам кафи собун ғунча.
Ахгаре дар даҳану ҳуллаи сабзе дар бар
Хабаре медиҳад аз Мӯсию Ҳорун ғунча.
Аз даҳонаш бадар афканд чу моҳии адам,
Дар таҳи барг ниҳон аст чу Зуннун ғунча.
Пораҳои зару мис рехта дар кӯҳ ба ҳам,
Кимиёгар шуда дар боғ чу Қорун ғунча.

Хурдаи зар нигараш бо гираҳи пешонӣ,
Ҳаст чун аҳли замон тангдилу дун ғунча.
Дар чаман теғу сипар дид чу аз савсану гул,
З-он сабаб худ ба сипар омада берун ғунча.
Хурдаҳои зари худ сарф насозад ҳаргиз,
З-он ба бустон ба бахилӣ шуда матъун ғунча.
Дар чаман, к-аш зи пайи тӯй баҳор ойин баст,
Гул бувад тифл, сабо дояву хотун ғунча.
Субҳдам булбули нолон ба чаман ҳасбулҳол
Ғазале хонд, ки шуд волаву мафтун ғунча.

**Ғазал:**

Баски аз шавқи даҳони ту хурад хун ғунча,
Хуми сабзест, пур аз бодаи гулгун ғунча.
Аз ту садпорачигар ғунчадаҳонон чун гул,
Гулрухон аз ту фурӯ рафта ба хун чун ғунча.
Дилам аз новаки ағёр ҷудо нест, бале,
Ҳаст бо хор дар ин боғча макрун ғунча.
Аз лаби лаъли ту, эй гулрухи Лайливаши ман,
Шуда оғушта ба хун чун дили Маҷнун ғунча.
Аз пайи хандаи лаъли лабу тафреҳи дилат
Дар чаман баҳри ту шуд ҳуққаи маъҷун ғунча.
Абр бигзашт чу бар тарфи чаман жолафишон,
Гашт ҳамчун даҳанат пурдури макнун ғунча.
Аз ту гуфтанд, ки хубони чаман дилхунанд,
Гул яқин гашта, вале монда мазнун ғунча.
Менадонам, зи чӣ дилтанг фурӯ рафта ба худ
Дар замони малики мулкфаридун ғунча.
Хон Убайдуллаҳи ғозӣ, ки дили аъдояш
Таҳ ба таҳ хун шуда аз кавкабааш чун ғунча,
Маҳу Хуршеду нуҷум аз чамани ҳиммати ӯ
Ҳаст авроқи гулу гунбади гардун ғунча.
Дурҷи лаълест пайи зевари тоҷу камараш,
Занг бастаст, зи бас монда мадфун ғунча.
Гар нашуд хозини ганҷинаи он хусрави аҳд,
Резаи зар зи куҷо сохта махзун ғунча.
Кард хайётсифат абрашу печид ба ҳам,
Хилъати шоҳияш аз атласу аксун ғунча.

То сабо соз диҳад базми туро дар бустон,
Гул ҷалоҷил шудаву гӯшаи қонун ғунча.
Баҳри гулгуни ту зин хост, аз он рӯ ба ғилоф
Сахт печидаву нам сохта тайхун ғунча.
Дурҷи фирӯза бувад баҳри нисори қадамат,
Аз явоқиту заҳаб омада машҳун ғунча.
Дафтари хулқи туро, к-аш чаман омад вараqe,
Ҳаст райҳон хату унвон гулу мазмун ғунча.
Баҳри сурхии фусули вараqи мидҳати ту
Пур зи шанҷарф давоте шуда мавзун ғунча.
Туҳфаи ғунча магар пеши ту мақбул нашуд,
Ки фурӯ рафта ба худ хосиру мағбун ғунча.
Гар равад душмани ҷоҳи ту ба гулгашти чаман,
Доғ бодо ба тани ӯ гулу тоун ғунча!
Восифӣ гулбуни мадҳи ту ба ҷон мепарвард,
Лиллаҳилҳамд, к-аз ӯ медамад акнун ғунча.
То гиребони арӯсони чаманро ба баҳор
Кунад аз тукмаи фирӯза ҳумоюн ғунча,
З-ин чаман хасми туро бод гулу хор ба чашм,
Ҳамчу пайкон халадаш дар дили маҳзун ғунча!

**Қасидаи радифи «гул»:**

То намояд роҳи булбулро суи гулзор гул,
Пораҳои ҷомаи худ баст бар ҳар хор гул.
Шохи гул ҳамчун дарахти Водии Айман намуд,
Дар чаман чун сохт зоҳир оташи рухсор гул.
Баргҳояш дар талош афтода бар болои ҳам,
Резаи зар з-он ки дар ҳангома кард исор гул.
Дар чаман ҳар сӯ набошад лолаҳо, к-оташ зада
Ошёни булбулонро аз сари озор гул.
Чун ба бозӣ байза булбул бар сари наргис шикаст,
Бар қафо бехуд фитод аз хандаи бисёр гул.
Менамояд бар канори ҷӯ зи таҳрики насим
Аз миёни об ҳамчун кавкаби сайёр гул.
Мегушояд болу бар вай мекашад минқорро,
Дар чаман булбул, ки дорад майли мусиқор гул.
Ғунча мазкум асту бигрифта зи бӯйи гул димоғ,
З-он сабаб орад бурун аз ҷайби он бемор гул.

Резаҳои заъфаронаш дар даҳон аз баҳри чист
Бо вуҷуди ҳумрати ваҷҳ аз мизоҷи хор гул?
Баски хандон асту беозарм, ҳар сӯ сад ҳазор
Дорад аз хайли анодил ошиқон тайёр гул.
Зарфҳои мис ниҳода, каъбҳои ҷумла сабз,
Аз чӣ мегирад, надонам, ин ҳама зангор гул?
Ҳаст гӯё мусҳафе саҳни гулистон, к-омада
Хумсҳояш ғунчаҳояш, наргису аъшор гул.
Сӯзани хораш бувад дар хирқа, з-он монд аз уруҷ,
Рост ҳамчун ҳазрати Исост дар атвор гул.
Кушта булбулрову хунолуда пироҳан ба дӯш,
Бар тариқи муддаӣ хунизане маккор гул.
Дар чаман мехонд булбул ин ғазал вақти саҳар,
Зад гиребон чок-чок аз шавқ ошиқвор гул.

**Ғазал:**

То задӣ, эй сарви раъно, бар сари дастор гул,
Аз тафохур суда сар бар гунбади даввор гул.
Барги гул набвад, ки хунолуда нохунҳо басе
Дорад аз рашки рухат дар синаи афгор гул.
Нест бар рухсори гул шабнам, ки аз шармандагӣ
Дар арақ шуд пеши ту, эй сарви хушрафтор гул.
Дар даруни ғунча аз тангӣ узораш барфурӯхт,
Ё баромад сурх аз хиҷлат ба пеши ёр гул.
Васфи рӯят мекунад булбул, аз он рӯ гаштааст
Пой то сар гӯшу дорад гӯш бар гуфтор гул.
Ғунча кард аз мушт хунолуда, рухсораш нигар,
Кард пеши оразат даъвии ҳусн изҳор гул.
Каллаҳои қанд кард аз ғунчаҳои настаран,
Тухфа баҳри маҷлиси хоқони Ҷаммиқдор гул.
Шоҳи дарёдил Убайдуллоҳхон, к-андар ҷаҳон
Гул зи қаҳри ӯ шавад нору зи лутфаш нор гул.
Оташу об аст аз адлаш ба ҳам омехта,
Он ки гӯӣ акс афкандаст дар анҳор гул.
Дар замони адли ӯ чун кушт булбулро ба ҷавр,
Лоҷарам бинӣ, нигунсор омада бар дор гул.
Ҳар саҳар аз баҳри базмаш чодари субҳ афканад
Золи чарху резад аз анҷум дар он бисёр гул.

Гар навиди ҷуди ӯ орад сабо з-авроқи хеш,
Бар вай афшонад ҳазорон дирҳаму динор гул.
Нест нақши гул ба девору дари қасраш, ки руст
Аз насими лутфи он шоҳ аз дару девор гул.
Карда аз шанҷарф авроқи чаман пурдоира,
Дар мадеҳаш нусхае месозад аз адвор гул.
Аз китоби давлати он шоҳ ин ҳам оятест,
К-ин давоир рост овардаст бе паргор гул.
Гар сабо сӯи чаман аз хилқат орад накҳате,
Дар замон рӯяд ба ҷойи барг аз ашҷор гул.
Бод дар зери дарахти бед баҳри базми ту
Аз зулол афканд сунбул фаршу аз анвор гул.
Сурх чашме карда баҳри хуни булбул, з-он шуда
Ғарқи хун аз адли ту чун дидаи ашрор гул.
Нест сурх авроқи гул, шоҳо, ки аз рӯи ситез
Канда чашми душмани ҷоҳи ту аз азфор гул.
Восифӣ гулҳои маънӣ чид дар мадҳат басе,
Кас накард аз боғи фикрат ҷамъ ин миқдор гул.
Накҳати гул то дар ин гулшан бувад атри димоғ,
Бод аъдои туро дар дидаи хунбор гул.

Чун ин дурари макнунро ғаввоси фикрат аз қаъри баҳри табиат ба соҳили баён расонид ва сайрафии андеша онро ба мисқаби фикрат суфта, дар силки таҳрир мекашид, ба хотир расид, ки онро нисори атабаи рафеъулмартабаи ҷаноби ҳазрати хоҷа бояд гардонид. Мутаваҷҷеҳ ба он даргоҳ шуда, дар роҳ яке аз мулозимони он ҷаноб расида гуфт, ки:

– Муддати панҷ рӯз аст, ки хоҷа ҷиҳати шумо мутараддид ва макдами шуморо мутарассиданд. Дар рафтан агар тариқи суръат маслук дошта шавад, дур нест.

Баъд аз тақбили он остони малакошён он қасоид маъруз дошта шуд. Он ҷанобро кайфиятеву тағйири ғарибе даст дода, фармуданд, ки:

– Дар ин панҷ рӯз ҳарчанд рахши саъйи мо дар майдони баён ҷавлон намуд, ҷуз мақтаи як қасида аз қасоид натавонист паймуд ва инчунин коре дар силсилаи шуаро аз ҳеч кас манқул нест.

Иттифоқан, ҳамон замон хабар расид, ки ҳазрати Убайдуллоҳхон ба шаҳр нузул фармуданд. Дар мулозимати хоҷа мутаваҷҷеҳи он остона гардидам ва ба мулоқоту илтифоти он ҳазрат мустасъад шудам. Ҳазрати хон аз хоҷа пурсид, ки:

– Ба ҷавоби қасоиди Мавлоно Котибӣ ҳеч машғулӣ намудед?

Хоҷа фармуданд, [ки:]

– Ҷаноби Мавлоно Восифӣ гулҳои гулзори маониро бар ваҷҳе чида, ки ба ҷуз хори ҳайрату хошоки ҳасрат дар дасти мо чизе дарнаёмад. Агар Котибӣ дар ин аср мебуд, ҳалқаи бандагии ӯ дар гӯшу ғошияи ҳаводории ӯ бар дӯш мекашид.

Ҳазрати хон он қасоидро талабиду ба рағбати тамом исғо фармуду гуфт:

– Худро дар аҷаб ҳолате меёбам, аз он метарсам, ки ногоҳ он ирқи ҳасад набошад, ки ба ҳаракат омадааст.

Хоҷа фармуданд, ки:

– Бандаро низ ҳамин ҳолат воқеъ аст. Аммо зоҳир аст, ки ин ҳасад нест, зеро ки ҳасад таманнои заволи неъмат аст аз ғайр ва ин ҳолат аз ин қабил нест; дар урф инро рашку ғайрат хонанд.

Баъд аз он, ҳазрати хон фармуданд, ки:

– Шунидаем Мавлоно Восифӣ ҳофизи хушовозанд [ва] Қуръонро бағоят хуб мехонанд. Чӣ бошад, агар ушре қироат фармоянд.

Чун ба тиловат шурӯъ намуда шуд, ҳазрати хонро риққату эҳтизоз ва тавоҷуди локалом аз истимои калом даст дод. Баъд аз хатм фармуданд, ки [байт]:

Ё Раб, аз ҳифзи ту ё ҳусни каломат гӯям,
Эй ту, маҷмӯаи хубӣ, зи кадомат гӯям?

Ва пурсиданд, ки:

– Аз илми қироат чизе хондаед?

Гуфтам, ки:

– Чанд байте аз «Шотибӣ» дар сиғари син(н) хонда шуда буд.

Фармуданд, ки:

– Мо дар пеши Мавлоно Ёрмуҳаммади Туркистонӣ «Шотибӣ» мехонем. Муносиб чунон менамояд, ки шумо бо мо дар ин сабақ шарик шавед.

Ва китоби «Шотибӣ»-ро ба хатти худ ба ин фақир карам

намуданд ва маблағи понсад убайдӣ ва сару пойи муносибу асп ба зину лаҷом инъом фармуданд. Баъд аз ин роёти нусрати оётхонӣ ва ливои гардунэътилои хоқонӣ ба савби яйлоқи Қаршӣ мутаваҷҷеҳ гардид. Ҷаноби хоҷа ба ин камина фармуданд, ки:

– Ҳукми ҳазрати хонӣ симати нафоз ёфт, ки то муовадат бо саодати мавкиби ҳумоюн ва мурочиати ливои давлати рӯзафзун қароргоҳи мулозимон байтулаҳзони ин фақир бошад.

Филоҷарам иқболвор иқомат бар он остони аршошён илтизом намуда шуд. Ҳар рӯз ҷамъе аз фузалову шуарои шаҳри Бухоро ба мулозимат мешитофтанд ва ба илтисоми атабаи улё шарафи истисъод меёфтанд. Ва даъби он ҳазрат он буд, ки ҳар рӯз шеъре дар миён меандохтанд ва шуароро ба ҷавобу татаббуъи он маъмур месохтанд ва мефармуданд, ки:

– Табъро бекор намебояд гузошт ва ӯро машғул мебояд дошт, ки коҳилӣ мӯҷиби касолати табъу табаллуди зеҳн мебошад.

Баъдаҳу фармуданд, ки:

– Аз ғазалиёти Хусрави Деҳлавӣ ва ҳазрати махдумӣ ва Мавлоно Котибӣ ва ғайраҳум қариб ба сад ғазал интихоб намуда шуд ва ба хотир расида, ки аз ёрон илтимос намуда шавад, ки онро татаббуъ намоянд.

Ҳуззори маҷлис даст ба синаву ангушт бар дида ниҳода, он ғазалиётро талабида навиштанд. Ва муқаррар шуд, ки ҳар рӯз як [ғазал] навишта, ба арзи ҷаноби хоҷа гузаронида шавад. Ва баъзе аз наздикони хоҷа ба ин фақир расониданд, ки:

– Ғараз аз ин хоҷаро имтиҳони шумост. Ва ин ғазалиёт, ки аз савонеҳи афкори ин фақир аст, ин ғазалҳост, ки таҳрир меёбад, ки Аллоҳ муаййид ва минҳуттавфиқ:

Ба ҳам каш, эй мусаввир, сурати Лайливу Маҷнунро,
Бад-ин сурат зи ҳиҷрон вораҳон Маҷнуни маҳзунро.
Намехоҳам, парешонии ман бар рӯи рӯз афтад,
Худоро, бар узори худ маяфкан зулфи шабгунро.
Таъолаллаҳ, чӣ ҳусн аст ин, ки ҳар кас дид рухсорат,
Ҳазорон офарин гӯяд камоли сунъи бечунро.
Чу лаъли дилкашат овард берун хат ба хуни мо,
Ҳам аз унвони ӯ кардем мо маълум мазмунро.

Тамошо гар кунӣ тӯфони сели ашки мо, гӯӣ,
Ки пиндорам зи олам об бурда рӯди Ҷайҳунро.
Гирифтам он ки оҳу ноларо дар дил ниҳон дорам,
Зи мардум чун тавонам дошт пинҳон чашми пурхунро?
Чу васфи лаъли сероби ту гӯяд Восифӣ ҳар сӯ,
Зи гӯши худ бурун оранд хубон дурри макнунро.

**Ва лаҳу айзан:**

Сурат кашад рақибам аз он симтан ҷудо,
Ҳар дам ба сурате кунад ӯро зи ман ҷудо.
Аз ман, ки пири ишқ шудам, ҳиммату мадад
Маҷнун ҷудо талаб кунаду Кӯҳкан ҷудо.
Ҷонро зи бас ки бар баданам аз хаданг дӯхт,
Шуд сад ҳазор пора, чу шуд аз бадан ҷудо.
Дар бар марост пираҳани сабр чок-чок,
То гаштаам аз он бути гулпираҳан ҷудо.
Гуфтам, ки рӯзу шаб пайи қатлам бувад рақиб,
Гуфто, ки зинҳор набошӣ зи ман ҷудо.
Бар мо тараҳҳуме, ки ғарибему номурод,
Баҳри ту мондаем чунин аз ватан ҷудо.
Онон, ки соҳибони камоланд, Восифӣ,
Шеъри ту кай кунанд зи шеъри Ҳасан ҷудо?

**Ва лаҳу айзан:**

Биё, эй ишқу оташ зан хасу хошоки ҳастиро,
Дар он оташ фикан он гоҳ рахти худпарастиро.
Қадаш дидам, маро дигар ба Тӯбо сар фурӯ н-ояд,
Ба аҳди қоматаш дигар нахоҳам дид пастиро.
Мани девонаро чандон ки хоҳӣ, май деҳ, эй соқӣ,
Ки мардум бар ҷунун хоҳанд кардан ҳамл мастиро.
Дили худро ниҳодам чун ба каф дар маҷмаи хубон,
Фидоят бод ҷонам, к-аз ту дидам пешдастиро.
Ба фикри он даҳон гардид чандон нестӣ ҳосил,
Ки аз худ вонаёбад Восифӣ як зарра ҳастиро.

**Ғазал:**

Маҳ даъвии хубӣ чу ба он моҳлиқо кард,
Ӯро фалак охир аҷаб ангуштнамо кард.

Ҷӯяд маҳи нав нақши суми рахши ту гӯё,
В-арна чу мани хаста чаро пушт дуто кард?
Бо дарду ғаму меҳнату андуҳ қаринам,
То гардиши айём маро аз ту ҷудо кард.
Бардошт камону дили ағёр нишон сохт,
Фарёд, ки он турки ҷафопеша хато кард.
Дӣ ваъдаи хунрезиям афканд ба имрӯз,
Алминнатулиллаҳ, ки ба он ваъда вафо кард.
Пеши даҳанат хост кунад ғунча такаллум,
Шуд лол зи хиҷлат, даҳани хеш чу во кард.
Гуфт: «Эй маҳи бадхӯ, зи ҷафои ту гузаштам».
Бар Восифии дилшуда бисёр ҷафо кард.

**Ғазал:**

Онро ки дил зи оташи ишқат мунир нест,
Монанди шамъ агар шуда, равшанзамир нест.
Дорам гузар зи меҳру вафои парирухон,
Лекин маро зи ҷавру ҷафоят гузир нест.
Савсан ба боғу ғунча маро бе ту дар чаман
Дар дида кам зи ханҷару пайкону тир нест.
Ҷайби ҷабал ба мотами Фарҳод гашта чок,
Дар Бесутун аёншуда он ҷӯйи шир нест.
Гаштам хаёл, то ба замири ту бигзарам,
Ҳаргиз худ ин хаёл туро дар замир нест.
Кай аз закоти ҳусни бутон баҳрае барад,
Эй хоҷа, ошиқе, ки ба кӯяш фақир нест.
Дар ҳусн агарчи ёр надорад назири хеш,
Эй Восифӣ, ба ишқ туро ҳамназир нест.

**Ғазал:**

Моҳи тобон баҳри даъво шаб ба кӯйи ёр рафт,
З-инфиол охир чунон гардид, к-аз паргор рафт.
Дӯш бар гардун набуд он кавкаби оташфишон,
Барқи оҳи ман ба сӯи гунбади даввор рафт.
Муддаиро рафт дил дар ҳалқаи зулфи нигор,
Ҳамчунон к-аз макр шайтон дар даҳони мор рафт.
Бедилӣ гар мекунам акнун, зи дилҷӯӣ чӣ суд,
Чун дили ман хун шуду аз дидаи хунбор рафт.

Гуфтам: «Аз ҷаври ту хоҳам рафт аз кӯи ту». Гуфт:
«Ҳамчу ту бисёр ин ҷо омаду бисёр рафт».
Ғунчасон пурхун дилам пайваста дар зангор буд,
Охир аз пайкони тират аз дилам зангор рафт.
Гуфтам: «Эй ҷон, рафт дар ишқи ту ҳушу ақлу ҷон».
Гуфт: «Ин дам, Восифӣ, сӯи ман он айёр рафт».

**Ғазал:**

Рӯйи зардам диду з-он лаб бӯсае кард илтифот,
Оре, оре, ҳар кӣ зар дорад, хӯрад оби набот.
Он лаби майгун, ки бе Хизри хатат омад заиф,
Омада мамзуҷи хамри хулд бо оби ҳаёт.
Чун баромад он хати лаб, ошиқон доданд ҷон,
Буд баҳри ҷони эшон гӯиё он хат барот.
Эй бути Чин, суратат афтад агар дар мулки Ҳинд,
Дар суҷуд оянд сар то сар бутон дар Суманот.
Гӯ, дили худро ба тори зулфи он дилдор банд,
Ҳар кӣ мехоҳад, ки ёбад аз парешонӣ наҷот.
Ҳар ду чашми ашкборам ҳар кӣ мебинад аён,
Кай дигар ёд оварад аз Даҷлаву оби Фурот?
Восифӣ дар фикри он зоти муқаддас шуд фурӯ,
Он ки кунҳи зоти ӯро дарнаёбад ҳеч зот.

**Ғазал:**

Ба ёди лаъли ту ҳар кас намекашад ҷоме,
Ба базми айш набошад зи ишраташ коме.
Дилам, ки чун сари зулфат ба хеш мепечад,
Ба зулфи хеш чу бастӣ, гирифт ороме.
Касе, ки нест хабар ҳечаш аз мусулмонӣ,
Бибин, ки ҳаст дар ин давр шайхулисломе.
Рақибро саги худ хониву кунӣ таъзим,
Чӣ бошад, ар бинвозӣ маро ба дашноме?
Чунин ки гашт зи тири ту чашма-чашма дилам,
Барои тоири меҳри ту рост шуд доме.
Ба Каъба рӯй наёрад чу Восифӣ ҳаргиз,
Ба азми кӯйи ту ҳар кас, ки баст эҳроме.

**Ғазал:**

Шамъ бар ёди қадат чун рӯ ба девор оварад,
Сурати сарве зи дуди дил падидор оварад.
Сар ба сар оранд дар бӯстон дарахтон, гӯиё
Бод аз сарви қадат ҳар лаҳза ахбор оварад.
Нусхае хоҳад магар аз хатти ёқутӣ баҳор,
К-аз давоти ғунча бе шангарф зангор оварад.
Гар муғаннӣ тори чанг аз риштаи ҷонам кунад,
Чангсон ушшоқро дар нолаи зор оварад.
Ҳар замон гардад пушаймон чашмат аз мардумкушӣ,
Ғамзаи шӯхи ту бозаш бар сари кор оварад.
Чун санавбар бори нахли қоматат дилҳост, лек
Аз барои дардмандон бори дил бор оварад.
Восифиро монд ҳаҷрат дар даҳон муҳри сукут,
Лаъли дилҷӯят магар ӯро ба гуфтор оварад.

**Ғазал:**

Азбаски фитода ба сари кӯйи ту сарҳо,
Дар кӯи туам банд шуда роҳгузарҳо.
Як дар ба рух ар баст фалак, шукр, ки акнун
Бар рӯйи дил аз теғи туам во шуда дарҳо.
Ҳарчанд тағофул кунад он шӯх, нанолам,
Пинҳон ба мани дилшуда дорад чу назарҳо.
Ман бехабар аз хешаму ту бехабар аз ман,
Ҳарчанд зи ман пеши ту оранд хабарҳо.
Эй дил, хатаре нест дар ин роҳ, натарсӣ,
Дар водии ишқаш гузарондӣ чу хатарҳо.

**Ғазал:**

Зи хоки пойи ту бошад сафедрӯии мо,
Ҳамин суҷуди ту бас тоату накӯии мо.
Рух аз тапонча ба ишқи ту сурх медорем,
Ба даври ҳусни ту ин аст сурхрӯии мо.
Дар ошноии мо беҳ аз ин баҳона маҷӯй,
Ту ҳам мулоҳиза кун аз баҳонаҷӯии мо.
Каҷ аст табъи рақибу ту рост бо вай, лек
Ба печу тоб дарой зи ростгӯии мо.

Кунӣ ҳамеша ба ағёр лутфу хушхӯӣ,
Бувад ҳамин сабаби хашму тундхӯии мо.
Чунин ки хирқаи мо шуд ба зарқ олуда,
Куҷо муҳит барояд ба хирқашӯии мо?
Сафед гашт туро мӯй, Восифӣ, лекин
Дарун сиёҳ, чӣ суд аз сафедрӯии мо?

**Ғазал:**

Эй ки дорӣ ҳаваси ишқу гирифтории дил,
Ҳоли ман бину аз он таҷрибае кун ҳосил.
Нест чун ишқ зи як ҷониб, аз он метарсам,
Ки мабодо дили ӯ ҳам ба ту гардад моил.
Дил зи ҳар кас ба тариқи дигаре бистонӣ,
Дилбаре чун ту касе ёд надорад комил.
Ишқ варзӣ ба бутеву ғаразат он бошад,
Ки аз ӯ низ бад-ин қоида бистонӣ дил.

**Ғазал:**

Меравам аз кӯйи ту бо ҷони пурғам, хайр бод,
Бо дили пуроташу бо чашми пурнам, хайр бод!
Чанд гӯӣ, эй дил, он ҷо чанд рӯзе сабр кун?
Гар намеоӣ ба ман ҳамраҳ, туро ҳам хайр бод!
Баски мерезам зи чашми худ сиришки лаълро,
Ҳар замоне мекунад бо ҳам ду чашмам хайрбод.
Аҳли оламро зи мо гар буд бар хотир ғубор,
Мо зи олам меравем, эй аҳли олам, хайр бод!
Он парирӯ вақти рафтан аз сари меҳру вафо
Восифии хастаро мегуфт ҳар дам хайр бод!

**Ғазал:**

Ҳар гаҳ, эй шамъи шабафрӯз, узор афрӯзӣ,
Ҳамчу парвона мани дилшударо месӯзӣ.
Шамъи кошонаи ҷонӣ ту, валекин чӣ кунам,
Як шабе хонаам, эй шамъ, намеафрӯзӣ?
Ҷавру бадмеҳриву ойини ситам кори ту нест,
Ё Раб, ин ҷавру ҷафоро зи кӣ меомӯзӣ?
Ҷайби ҷон чок шуд аз дасти ғамат, эй ҳамдам
З-ин чӣ ҳосил, ки маро чоки гиребон дӯзӣ?

Эй дил, андар талаби новаки ӯ ҳирс маварз,
Ки талабкори ту ҳам мисли ту бошад рӯзе.
Нав ба нав ризқ муқаррар чу шуд, эй ҷони ҳазин,
Аз чӣ дар хонаи дил ин ҳама ғам андузӣ?
Восифӣ, нест дар ин гунбади фирӯза мурод,
Ҷуз забунӣ накашӣ, гар талабӣ фирӯзӣ.

**Ғазал:**

Дар он зулф, эй дил, чаро меравӣ,
Куҷо дар миёни бало меравӣ?
Чу мардум туро ҷойи чашм аст, лек
Ба таҳрики мардум зи ҷо меравӣ.
Мабод, эй дил, аз кӯйи ӯ бигзарӣ,
Ки ҳамроҳи боди сабо меравӣ.
Дилу ҷони мо меравад ҳамраҳат,
Ба зоҳир гар аз мо ҷудо меравӣ.
Ба масҷид, дило, ҷуз дуояш магӯй,
Гар он ҷо барои Худо меравӣ.
Ба кӯяш рав, эй ҷон, ба боди сабо,
В-агарна ба боди ҳаво меравӣ.
Хуш он дам, ки гуфтӣ ту, эй Восифӣ,
Ту он ҷо ҳамебошӣ, ё меравӣ?

**Ғазал:**

Эй бутонро аз ҳиҷолат пеши ту рухсор сурх
В-аз ҳарорат чеҳрашон чун мардуми бемор сурх.
Гар на гул аз рашки рӯят, эй парирӯ, сина канд,
Пас, ба гирди синаи ӯ чист он анҳор сурх?
Нест ҳар сӯ руста дар бустон ниҳоли сурхбед,
Баски шуд аз хуни чашми мо ба боғ ашҷор сурх.
Шамъро шӯхиву маккорӣ нигар, к-аз шуълааш
Мекушад парвонарову мекунад дастор сурх.

**Ғазал:**

Шоми ид, эй маҳ, кунам ҳар дам ишорат сӯи моҳ,
То шавад машғули маҳ халқу кунам сӯят нигоҳ.
Ёди абрӯят диҳад, тарсам, маҳи нав халқро,
З-он кунам ҳар лаҳза пинҳонаш миёни дуди оҳ.

Моҳи нав хам гашта аз баҳри саломат шоми ид,
Ё нишон ҷӯяд зи наъли тавсанат бар хоки роҳ.
Аз тамошои рухат гардад намози ид фавт,
Гар чунин ҷавлонкунон ой ба сӯи идгоҳ.
Шуд ба рағми Восифӣ он маҳ ба ҳар кас ҳамнафас,
Кун ба марги нав муборакбодаш, эй бахти сиёҳ.

**Ғазал:**

Орӣ, чу ба гӯшам пайи роз он лаби чун нӯш,
Аз ханда даҳонам расад он дам ба буногӯш.
Он зулф кушад халқ, аҷаб нест, ки парвард
Ҳиндубачаеро чу ту шоҳе ба сари дӯш.
Сад захми хадангат ба тану дил наҳаросад,
З-он новаки дилдӯз чу гардида зиреҳпӯш.

**Ғазал:**

Маҳи ҷамоли ту ҳар гаҳ ки аз ниқоб барояд,
Маро ба толеи фархунда офтоб барояд.
Бувад ҳарорати хуршед бар сипеҳр аз он рӯ,
Ки баҳри дидани рӯи ту бошитоб барояд.
Ғариқи баҳри сиришкему оташи дили сӯзон
Ҳанӯз шуълазанон аз миёни об барояд.
Ишоратест, ки лоҷуръа нӯш соғари майро,
Аз он ҳубоб нигунгашта аз шароб барояд.
Ба ғайри даргаҳи ӯ, Восифӣ, ки ҳаст мақомат,
Гумон мабар, ки муродат ба ҳеч боб барояд.

**Ғазал:**

Ба даъвии ту маҳ ар сад ҳазор сол барояд,
Ҳамин ки рӯи ту бинад, ба инфиол барояд.
Ба чашми масти ту гуфтам, ки оқибат дили моро
Ба дасти ишваат охир чӣ гуна ҳол барояд.
Ба ғамза кард ишорат, ки ин суол зи вай кун,
Ки ӯ зи уҳдаи амсоли ин суол барояд.
Завол соясифат дар пай аст моҳвашонро,
Ту рух гушой, ки хуршеди безавол барояд.
Зи баски холи ту дар дилбарӣ ба зулф ситезад,
Ба ҳам баромада зулфат ба рӯйи хол барояд.

Зи зиндагии ман ар хотири туроcт малоле,
Умед ҳаст, ки филҳол аз ин малол барояд.
Гушой дафтари ашъори Восифӣ ба тафаъъул
Ки аз барои ту ҳар байт ҳасби ҳол барояд.

**Ғазал:**

Ваҳ, ки зулфи саркашат расми татовул мениҳад,
Бар фарози хирмани гул шохи сунбул мениҳад.
Сунбули зулфат, ки рӯ оварда сӯи ғабғабат,
Меравад оҳиста, гӯё пой бар гил мениҳад.
Нусхаи ҳусне, ки килки сунъ месозад тамом,
Аз пайи он баҳри мими хатм кокул мениҳад.
Чун фурӯзад оташи гул з-он насими субҳдам,
Доғи ҳасрат бар дили маҷрӯҳи булбул мениҳад.
Мениҳад дар боргоҳи Каъбаи мақсуд пой,
Ҳар кӣ ӯ сар дар биёбони таваккул мениҳад.
Ҳар касе аз дасти дил дар нолаву афғон, вале
Бар дили худ Восифӣ дасти таҳаммул мениҳад.

**Ғазал:**

Зи ҳиҷрат баски афғон аз дили ношод меояд,
Зи ман шабҳо саги кӯйи ту дар фарёд меояд.
Зи захми нохунам ҳар қатра хун, к-аз сина меафтад,
Маро ёд аз шарори тешаи Фарҳод меояд.
Ба сад фарёд ҷонҳо ҳамраҳи бод аст дар кӯят,
Напиндорӣ, ки ин фарёдҳо аз бод меояд.
Чӣ медонӣ, ки ӯ дар ҳар куҷо афтод, меояд.
Чу саг афғон барорад гӯӣ, инак Восифӣ омад,
Туро шабҳо бад-ин тақриб аз ман ёд меояд.

**Ғазал:**

Чу сонеи азалӣ ҳуснро асос ниҳод,
Асоси ҳусни ту бар лутфи беқиёс ниҳод.
Тариқи ҳусни адаб он касе накӯ донад,
Ки сар ба пойи саги ту ба илтимос ниҳод.
Зи теғи ҷаври ту ҳар сар, ки бар замин афтод,
Рухи ниёз ба роҳат пайи сипос ниҳод.

Ту айни лутфиву маҳзи карам, намедонам,
Ки Эзад аз ту чаро дар дилам ҳарос ниҳод.
Маро чӣ ғам зи харобии дил, ки хусрави ишқ
Дар ин хароба зи ғам ганҷи беқиёс ниҳод.
Ту ганҷи ҳуснӣ, аз он рӯй хозини тақдир
Тилисми зулф ба рӯи ту баҳри пос ниҳод.
Ба ношинос магӯ, Восифӣ, зи ишқ, ки чарх
Бинои ишқ барои худошинос ниҳод.

**Ғазал:**

То зулфи ту, эй шӯхи ситмкора, гиреҳ шуд,
Сарриштаи кори мани бечора гиреҳ шуд.
Сад қатра зи хуноби ҷигар бар мижаи ман
Аз ҳасрати он наргиси хунхора гиреҳ шуд.
Дар кон набувад лаъл, ки аз нолаи Фарҳод
Хуни дили кӯҳ аст, ки дар хора гиреҳ шуд.
Набвад аҷаб, ар Восифӣ аз ишқи ту нолид,
Чун орзуяш дар дили садпора гиреҳ шуд.

**Ғазал:**

Чанд даъво кунӣ, эй шамъ, ба он рӯи сафед,
Магарат шарм намеояд аз он мӯи сафед?
Нест оташ ба сари шамъ, ки шуд парвона
Куштаву шамъ ба хунаш зада гесӯи сафед.
Аз пайи марҳами захми кафи пойи саги ту
Дида гардида маро ҳуққаи доруи сафед.
Зулфро аз бари рухсор ба як сӯй манеҳ,
Ки сияҳ хубнамой аст ба паҳлӯи сафед.
Восифӣ, як тарафи номаи ту гашт сиёҳ,
Менависанд кунун ҷурм бар он рӯи сафед.

**Ғазал:**

Майгун дамид хатти ту, эй сарви симбар,
Маншури ҳусни хеш навиштӣ ба оби зар.
Дар ҳусну дилбарӣ ту парӣ ё фариштаӣ?
Валлоҳи лайса мислука фӣ зумратилбашар.
Аз мо ба марҳамат назари лутф вомагир,
З-он рӯ, ки гаштаем муқайяд ба як назар.

Чун акси рӯйи хуби ту дидам дар ойина,
Ёд омад ояти ҷумиъа-ш-шамсу в-ал-қамар.
Аз шавқи лаъли ӯ ҷигарам пора-пора шуд,
Ҳар дам фитад зи дида маро пораи ҷигар.
Аз ҳар касе хабар зи ту ҷустам басе, валек
Ҳусни ту сохт бехабарам, то шудам хабар.
Пешат зи Восифӣ набувад ҳеч эътибор,
Оре, ба назди шоҳ гадо нест муътабар.

**Ғазал:**

Дило, зи ёри риёӣ ҷаҳон-ҷаҳон бигрез,
Ба ӯ гузор ҷаҳону равон-равон бигрез.
Агар бувад ба масал ҷойи ӯ ба садри ҷинон,
Давон-давон суйи дӯзах ту аз ҷинон бигрез.
Зи баҳри ҳамраҳии ёру дурии ағёр
Замон-замон бинишину замон-замон бигрез.
Ба саркашони каҷойини каҷниҳод, эй дил,
Мабош ҳамдаму чун тир аз камон бигрез.
Гурезгоҳи ту, эй Восифӣ, мақоми ризост,
Зи баҳси неку баду фикри ину он бигрез.

**Ғазал:**

Он ки меранҷад зи боди барги гул симин бараш,
Кай тавон аз барги гул кардан қабое дарх(в)араш?
Баски метарсад зи осеби тани он сарви ноз,
Банд бар банди қабо чун бед ларзад дар бараш.
Дар даруни чашмаи чашми пур аз хун дам ба дам
Ҳамчу моҳӣ мекунад ҷавлон хаёли ханҷараш.
З-оташи ишқи бутон ҳар кас, ки сар то по бисӯхт,
Тӯтиё созанд арбоби назар хокистараш.
Қиссаи Маҷнун ба пеши Восифӣ афсона буд,
То нашуд маҷнун, наёмад қиссаи ӯ бовараш.

**Ғазал:**

Омадам, доғи ғами ишқи ту бар дил ҳамчунон,
Ҷон ба сарви қадди дилҷӯи ту моил ҳамчунон.
Чанд рӯзе гарчи рафтам аз дарат, ҳастам вале
Бар сари кӯйи вафоят пой дар гил ҳамчунон.

Ман шудам овораву маҳҷур аз шаҳру рақиб,
Ваҳ, ки дорад бар сари кӯйи ту манзил ҳамчунон.
Аз ту чашми марҳамат, эй шӯх, чун дорам, ки ҳаст
Чашми масти фитнаангези ту қотил ҳамчунон.
Оламе побастаи занҷири савдои ту шуд,
Зулфи мушкини ту месозад салосил ҳамчунон.
Ёр гуфт: «Эй Восифӣ, чандин фиғонат баҳри чист?»
Оҳ, к-аз ҳоли дили ман ҳаст ғофил ҳамчунон.

**Ғазал:**

Эй хуш он рӯзе, ки дар кӯйи ту роҳе доштам,
Ҳар замон бар моҳи рухсорат нигоҳе доштам.
Сар ба Ҷамшедам фурӯ кай омадӣ, рӯзе, ки ман
Рӯ ба хоки остони чун ту шоҳе доштам.
Вақт шуд, к-аз банди ҳиҷрон созиям дигар халос,
Чун сазои хеш дидам, гар гуноҳе доштам.
Бо сагони остонат рӯзу шаб будам муқим,
Ваҳ, чи иззу давлату иқболу ҷоҳе доштам.
Аз балову ҳодисоти даҳр парвоям набуд,
З-он ки дар силки сагони ту паноҳе доштам.
Манъ аз devори кӯят кас накардӣ рӯйи ман,
Пешат он дам, к-эътибори барги коҳе доштам.
Дӣ назар сӯйи рақиб афкандиву гуфтӣ ба ноз,
К-ин назар бар Восифӣ ҳам гоҳ-гоҳе доштам.

**Ғазал:**

Эй Хизир, нест ниҳон турраи ҷонон аз ту,
Оре, он умри дароз аст, чӣ пинҳон аз ту.
Чӣ нишон металабӣ аз даҳани ӯ, эй Хизр,
Хеч ман металабам чашмаи ҳайвон аз ту?!
Чанд новак занӣ, эй шӯх, ки зеҳгир гирифт
Аз таҳайюр дигар ангушт ба дандон аз ту.
Ман чу расво шудам, эй пираҳани бадномӣ,
Сина кандан зи ману чоки гиребон аз ту.
Чун санавбар ҳама шамшодқадон мондаанд
Нохун андар дилу по дар гилу ҳайрон аз ту.
Ашки хунин ба рухам дӯш пароканда набуд,
Пораҳои ҷигарам буд парешон аз ту.

Восифӣ, ашк бад-ин гуна агар афшонӣ,
Дар ҷаҳон боз фитад фитнаву тӯфон аз ту.

**Ғазал:**

Наёрад шаб ба ҷуз парвона тоби шамъи оҳи ман,
Вале ӯ ҳам надорад тоқати рӯзи сиёҳи ман.
Маро аз дасти ҳиҷронат даруни сина дил хун шуд,
Дар ин даъво ду чашми хунфишон омад гувоҳи ман.
Чу мардум карда ҷо дар чашми ағёру намеояд
Ба чашмам ҳаргиз он маҳ, балки ранҷад аз нигоҳи ман.
Ба ҷустуҷӯят, эй маҳ, як замон аз пой наншинам,
Агар сад кӯҳ ояд ҳар қадам дар пеши роҳи ман.
Ба пеши офтоб аҳвол чун бошад кавокибро,
Ҳамон ҳол аст хубони ҷаҳонро пеши моҳи ман.

**Ғазал:**

Ҳар субҳу шом зикри ту вирди забони ман,
Гӯё ба зикри туст забон дар даҳони ман.
Орӣ сари забон ба лаби лаълу афканӣ
Ҳар дам ба ишва шуълаи оташ ба ҷони ман.
Оташ ба ҷон задан зи лабат боварам набуд,
Шуд аз сари забони ту хотирнишони ман.
Фарёди ошиқон набувад шаб ба кӯйи ту,
Халқ аст дар хурӯш зи оҳу фиғони ман.
Бар лавҳ монда номаму бар хок устухон,
Охир ҷуз ин намонд зи ному нишони ман.
Пеши сагат чӣ гуна тавон шуд сафедрӯй,
З-ин сон ки сӯхт з-оташи ғам устухони ман?!
Гуфтӣ: «Гумон мабар зи ман, эй Восифӣ, вафо,
Ҳаргиз набуд аз ту худ ин дар гумони ман».

**Ғазал:**

Пас аз мурдан чу гардад хок ҷисми хоксори ман,
Наёрад бар забон номам ба ҷуз лавҳи мазори ман.
Туро бар хотир аз ман гар ғуборе буд, акнун шуд
Танам хоку сабо бурд аз сари кӯят ғубори ман.
Ба маҳди ноз бо сад айшу ишрат хуфта, кай донӣ
Балову меҳнату бедории шабҳои тори ман?

**Ғазал:**

Захми дил аз новаки он дилнавоз аст ин ҳама,
Ё ба рӯйи ӯ диламро дида боз аст ин ҳама.
Кам нагардад нози ту аз нолаву афғони ман,
Чун туро, эй нозанин, асбоби ноз аст ин ҳама.
Лаб ниҳӣ ҳар лаҳза баҳри роз бар гӯши рақиб,
Бар лаб омад ҷони ман, охир, чӣ роз аст ин ҳама.
Ишқи мо вобастаи зулфу хату холи ту нест,
Зинату пирояи ишқи маҷоз аст ин ҳама.
Равзани хуршедро бигрифт дуди оҳи ман,
Ё шаби ҳиҷрони ту дуру дароз аст ин ҳама.
Шамъ аз сӯзи дилам донист гӯё шаммае,
В-арна, аз баҳри чӣ дар сӯзу гудоз аст ин ҳама?
Восифиро сояи сарви қадат бар сар фитод,
Дар миёни ошиқон з-он сарфароз аст ин ҳама.

**Ли муаллифиҳи:**

Эй дил аз сӯзи даруни хеш гар дам мезанӣ,
Фитна меангезиву оташ ба олам мезанӣ.
Эй сабо, дилҳои аҳли ишқро хоҳӣ шикаст,
Чанд зулфи ёрро ҳар лаҳза бар ҳам мезанӣ.
Мояи шодист пайкони хадангат, ваҳ, чӣ суд,
Чун ту доим тир бар дилҳои беғам мезанӣ?
Медиҳӣ номаҳрамонро ҷой дар садри қабул,
Дасти рад бар синаи ёрони маҳрам мезанӣ.
Восифӣ, пойи сагонашро тавонӣ бӯса дод,
Гар зи ҳиммат пушти по бар маснади Ҷам мезанӣ.

**Ли муаллифиҳи:**

Базми васлинигдин менингдек зору маҳҷур ӯлмасун,
Ҷоми ҳиҷрон ҷуръасидин зору махмур ӯлмасун.
Ганҷдур меҳринг анқо бир манзили вайрон керак,
Бу бузулғон кӯнглумиз ишқингда маъмур ӯлмасун.
Чарх аҳли фазлни тӯфроқ билан яксон қилур,
Фазл бирла ҳеч киши оламда машҳур ӯлмасун.
Муддаӣ қӯймас мени бир лаҳза ғамсиз, ваҳ нетай?
Ё Раб, ул инсофсиз оламда масрур ӯлмасун.

Восифӣ қўрқуб рақибдин қолди сарвидин йироқ,
Улкаби, ё Раб, киши даргоҳидин дур ўлмасун.

**Ли муаллифиҳи:**

Ул шўх, ки мендин яна бегона бўлубтур,
Ағёр била ҳамдаму ҳамхона бўлубтур.
Бу хаста кўнгул ким ичида икки кўзунг бор,
Бодом дурур мағз анга дугона бўлубтур.
Чун шамъ ойнинг қошида кўйдур кўлук ўлди,
Кўймак ки онинг ошиқи парвона бўлубтур.
Ҷон мамлакатиким бурунобод еди эмди,
Ғам шаҳнаси зулми била вайрона бўлубтур.
Зулфунгға кўнгўл боғласам ўлгай дедим, эй шўх,
Деди, ки кўрунг, Восифӣ девона бўлубтур.

**Ли муаллифиҳи:**

Дӣ теғ кашидӣ, ки тарошӣ зи занах риш,
Овард шабехун ба ту чун мўру малах риш.
Аз лаъли лабат тунги шакар гарчи хиҷил буд,
Охир лаби ширини туро кард талах риш.
Ҳаққо, наравам дар ҳамаи умр ба ҳаммом,
Созанд дар он ҷо агар анбори кулах риш.
Дилсард шудам аз ту, чу кардӣ хунукиҳо,
Гармӣ макун акнун, ки туро кард чу ях риш.
Будӣ ту аз ин пеш басе чобуку чолок,
Акнун шудаӣ гиҷу туро карда карах риш.
Гўё, ки ниқобе зи пайи ҳусни ту бофад,
В-арна зи чӣ оварда ба ҳам ин ҳама нах риш?
Эй Восифӣ, он шўх ба хок аст баробар,
То қомати ўро ба ҷафо карда пачах риш.

* * *

Рўзе дар маҷлиси ҳазрати Шайхулислом Хоҷа Ҳошимӣ ҷамъе аз фуҳули шуарои Бухоро ҳозир буданд, ки Мавлоно Наими Нишопурӣ аз яйлоқи Қаршӣ ташрифи ҳузури шариф арзонӣ фармуданд. Ҳазрати хоҷа дар таъзиму такрими эшон ҳатталғоят муболиғат мабзул намуданд ва баъдаҳу пурсиданд, ки:

– Ҳоло дар мулки Хуросони Форс мизмори суханварӣ ва ҳориси майдони фазилатгустарӣ кист?

Гуфтанд, ки:

– Мирҳоҷ қасидагӯеанд, ки Унсӣ тахаллус мефармоянд ва ҳамаи шуарои қасидагӯй пеши эшон дасти таслим бар сина доранд ва худро пеши эшон аз ҷумлаи камина шогирдон мешуморанд.

Хоҷа фармуданд, ки:

– Аз ашъори эшон ба хотир буда бошад?

Гуфтанд, ки:

– Даҳ ғазал аз ғазалҳои ғаррои Хусрави Деҳлавиро ҷавоб фармуданд ва онҳо ба ин фақир ҳамроҳ аст.

Чун он ғазалиётро ёрон шуниданд, наъраи «ал-аҳсан» аз замири қалб баркашиданд. Баъдаҳу хоҷа гуфтанд, ки:

– Чиҳил рӯз аст, ки ёрони мо машқи шеър мекунанду варзиш расонидаанд. Муносиб чунон менамояд, ки он ғазалҳоро низ татаббуъ намоянд. Ва ин ғазалиёт, ки ин камина татаббуъ намуда, ин аст, ки мазкур мегардад:

**Хусравраст:**

Мулкати ишқ мулк шуд аз карами илоҳиям,
Пушти ману палоси ғам ин-т либоси шоҳиям.
Қозии шаръам ар кушад баҳри бутон, раво бувад,
Хоса, ки оби дидагон дод ба хун гувоҳиям.
Ту гулу боғ бин, ки ман дар таки чоҳи меҳнатам,
Ту маю нуқл хур, ки ман бар сари тоба моҳиям.
Буд зи ақл пеш аз ин боди ғурур дар сарам,
Дар қадами ту хок шуд ин ҳама каҷкулоҳиям.
Вақфи хаёли туст ҷон, аз пайи он хурам ғамаш,
Ман киву ин иморатам, гар ту хароб хоҳиям.
Шуд сияҳам зи ишқ рӯ, гиря ба дард аз он кунам,
Гиря чӣ суд, чун зи рӯ шуста нашуд сиёҳиям.
Ҳамраҳи Хусрав асту бас то ба адам вафои ту,
Шукр, ки ақл бевафо монд зи нимроҳиям.

**Унсирост:**

Мулки сухан мусаллам аст аз карами илоҳиям,
Аз бари ишқ мерасад хилъати подшоҳиям.

Бодаи хушгувори ман ашки ақиқи гунаам,
Нағмаи ҷонгудози ман нолаи субҳгоҳиям.
Кишвари номуродиям зери нигин даромада,
Хусрави тахти меҳнатам, лашкари ғам сипоҳиям.
Фикри даҳони танги ту кушт маро, чӣ кам шавад,
Гар ба табассуме кунад лаъли ту узрхоҳиям?
Чашмаи офтоби ман орази туст, дур аз ӯ
Ҳамчу ҳилоли якшаба бар сари тоба моҳиям.
Дар раҳи ӯ чу Унсиям рӯи ниёз бар замин,
Ҷуз ба ҳамин намерасад даъвии рӯбароҳиям.
Ман, ки зи зулфи куфри ту дар зулумоти ҳайратам,
Нест ба ҷойи хештан даъвии динпаноҳиям.

**Ли муаллифиҳи:**

Мулки фано мусаххар аст аз карами илоҳиям,
Табли бақо занам, ки шуд навбати подшоҳиям.
Ашк саводи дидаам дам ба дам оварад ба рӯ,
Ваҳ, ки зи дида мерасад ин ҳама рӯсиёҳиям.
Даъвии хуни дил кунад ҷон ба шаҳодатам, вале
Лаъли лабаш ба як сухан дафъ кунад гувоҳиям.
Кард тағофулеву ман кардам аз ӯ шикояте,
Теғ кашида ғамзааш аз пайи узрхоҳиям.
Баски зи ҳар тараф расад сели ғаму фурӯ хӯрам,
Қулзуми меҳнату ғамам, ин дили хаста моҳиям.
Теғ кашида мекушӣ бегунаҳони ишқро,
Шукри Худо, ки дар ҷаҳон шуҳра ба бегуноҳиям.
Кишвари ишқро манам хусрави аҳд, Восифӣ,
Фирқаи ошиқон дигар, лашкариву сипоҳиям.

**Хусравrост:**

Ману печоки зулфи он буту бедории шабҳо,
Куҷо хуспад касе, к-аш мехалад дар сина ақрабҳо?
Гаҳе хун мехӯрам, гаҳ дарду месӯзам ба сад зорӣ,
Чу парҳезе надорам, ҷон нахоҳам бурд з-ин табҳо.
Ҳама шаб дар таби ғам мебарам бо зулфи ӯ ҳоле,
Чӣ савдоҳост ин, ё Раб, ки бо худ мепазам шабҳо!
Чӣ бошад, гар дар он кофар бувад расми мусалмонӣ,
Чунин к-аз «ё Рабам» мехезад аз ҳар хона «ё рабҳо».

Дуои дӯстӣ аз хун нависанд аҳли ишқу ман
Ба хуни дида душноме, ки бишнудам аз он лабҳо.
Зи хуни дил вузу созам, кунам дар пеши ӯ саҷда,
Бувад ушшоқро, оре, басе з-ин гуна мазҳабҳо.
На нола он навои Борбад бармекашад Хусрав,
Ки ҷонҳо пойкӯбон меравад берун зи қолабҳо.

**Унсирост:**

Мани бедил, ки аз ишқат дар обу оташам шабҳо,
Чу шамъ афтода аз сӯзи дилам табхола бар лабҳо.
Ман аз нӯши даҳони ту нахоҳам коми дил ҷустан,
Ки баҳри куштанам бо ҳам забон доранд он лабҳо.
Рухаш як рӯзу аз зулфи парешон ҳар тараф сад шаб,
Кӣ дидаст ин, ки бошад дар ҷаҳон як рӯзро шабҳо?
Қаламро сар бирафту монд савдои хаташ боқӣ,
Аз онаш сарзада пайваста меояд ба мактабҳо.
Хаёли зулфи печони ту н-ояд дар дилам ҳаргиз,
Ки ҳар мӯ бар тани зорам бигардад неши ақрабҳо.
На сурат бар дару девори суратхонаи Чин аст,
Туро диданд хубону тиҳӣ карданд қолабҳо.
Кашид аз сина оҳи сард чандон дар ғамат Унсӣ,
Ки дар рӯи ҳаво шуд хушк з-оташ дасти «ё Рабҳо».

**Ли муаллифиҳи:**

Бутонро, к-аз ғами он ғабғабу андуҳи он лабҳо
Гиреҳ шуд оби ҳасрат дар гулӯ, ин аст ғабғабҳо.
Сипеҳри меҳнате гаштам, кабуд аз санги маҳрӯён,
Зи доғу ашк дорам собиту сайёра кавкабҳо.
Дарозиҳои зулфат кард рӯзи умри ман кӯтаҳ,
Кунад айём кӯтоҳӣ, дарозӣ чун кунад шабҳо.
Рақибат сад гиреҳ дар абрувон афканда меояд,
Ба чашмам ҳар ду абрӯяш ба сони неши ақрабҳо.
Чу шуд ҳаққияти пири муғону мазҳабаш зоҳир,
Бар аҳли ақлу дониш лозим омад нақли мазҳабҳо.
Чу кардӣ, эй парирӯ, шеваи рӯҳуллаҳӣ даъво,
Ба уммеди ту дар Чин бутгарон сozанд қолабҳо.
На аз инкор бигрезад зи зоҳид Восифӣ, лекин
Пайи омехтан шарт аст бо ҳам қурби машрабҳо.

**Хусравросm:**

Ба ӯ будам шабе, афсонаи он шаб магӯедам
В-агар мирам, ба таъзими сагони ӯ бимӯедам.
Маро имрӯз бар дори бало ҷилваст баҳри ӯ,
Суруде, к-он ба гоҳи навҳа гӯянд, он магӯедам.
Ҳама ҷо аз шаҳидон нур хезад, аз дилам оташ,
Нишон аст ин миёни куштагонам, гар биҷӯедам.
Шаҳиди ханҷари ишқам, ба хуни дида олуда,
Ба хокам ҳамчунон пурхун дарореду машӯедам.
Гуле, к-аз хоки ман рӯяд, ба гӯши аҳли дил гӯяд,
Ки ман бӯйи фалон дорам, мабӯедам, мабӯедам.
Гар аз гил гул шавам, хезам, зи ман хоҳад задан бӯяш,
Мабӯедам, ки аз ғайрат бисӯзам, гар бибӯедам.
Пас аз куштан чу хунолуда афтад бар дараш Хусрав,
Аз он беҳтар, ки бо иззат ба хуни дида шӯедам.

**Унсиросm:**

Ба фикри он даҳонам, дигар аз ҳастӣ магӯедам,
Ба гирдоби адам чун сар фурӯ бурдам, маҷӯедам.
Зи рухсори ҷаҳонсӯзаш фитодаст оташам дар дил,
Ба оби дидаи ғамдида даст аз ҷон бишӯедам.
Гиёҳи меҳнатам, парвардаи хуни ҷигар, лекин
Зи ман бӯйи муҳаббат хоҳад омад, гар бибӯедам.
Надорам хоб дур аз рӯйи ӯ бошад, ки хоб омад,
Ба расми саргузашт афсонаи ҳуснаш бигӯедам.
Раҳи дуру дарози водии ишқ аст дар пешам,
Агар мирам, чу Маҷнунам дар он водӣ мамӯедам.
Ба гӯши дардмандон аз тариқи ишқ меояд,
Ки ман роҳи хатарнокам, мапӯедам, мапӯедам.
Зи хубон гарчи ранҷид Унсии бечора, чун гӯяд,
Ки эй сангиндилони бевафо, хотир маҷӯедам.

**Ли муаллифиҳи:**

Зи лаълаш ҷовидонам зинда, дигар Хизр гӯедам,
Валекин аз хаташ дар зулмат афтодам, маҷӯедам.
Маро куштаст пинҳону пушаймон аст, эй ёрон,
Барои хотираш оҳиста гирйеду мамӯедам.

Мазори куштагонро лавҳ сурх, аз ман сияҳ бошад,
Зи дуди дил нишон аст ин, агар рӯзе биҷӯедам.
Забон аз лавҳи хокам карда, рози ишқ мегӯяд,
Ки з-ин сон сад ҳазорон кушта бинеду мапӯедам.
Маро гиред баҳри эҳтисоб, эй зоҳидон, тарсам,
Ба бӯйи ман шумо ҳам маст гардед, ар бибӯедам.
Мани майхора ҳар дам дар миёни дард мемирам,
Машӯедам в-агар шӯед ҳам, аз бода шӯедам.
Наёяд шоми ҳиҷрон Восифиро хоб, мегӯяд:
«Ба ӯ будам шабе, афсонаи он шаб магӯедам».

**Хусраврост:**

Ман баҳри ту ба дидаву дил хона сохта
В-аз ман ту хешро ба чӣ бегона сохта?
Шона чаро ба мӯ расадат? Ваҳ, ки арра бод,
Бар фарқи он ки баҳри ту он шона сохта.
Моем рахна карда дил аз баҳри некувон,
Масҷид хароб кардаву бутхона сохта.
Ёрон, ки дар фасонаи роҳат кунанд хоб,
Бехобии маро ҳама афсона сохта.
Чун нолаи шабонаи ошиқ кашида нест,
Мутриб, ки сад таронаи мастона сохта.
Мардум чу бевафост, хуш он ҷуғди некрой,
К-оромгоҳи хеш ба вайрона сохта.
Хусрав ба ишвае зи ту чун гашт оқибат,
Ҳарчанд хеш оқилу фарзона сохта.

**Унсирост:**

Чашмам, ки бе ту гиряаш афсона сохта,
Дар раҳгузори сели фано хона сохта.
Ушшоқи хастаро, ки асирони меҳнатанд,
Бӯйи баҳори ҳусни ту девона сохта.
Дарсохтанд лашкари Руму Ҳабаш ба ҳам,
То зулфи фитнаҷӯи ту бо шона сохта.
Дар чашми ман даромада ҳар шаб хаёли ту,
Манзил миёни мардуми бегона сохта.
Булбул ба сони ғунча аз он дар шиканҷа монд,
К-ӯ достони ҳусни гул афсона сохта.

Парвонаро, ки мурғи ҳавои муҳаббат аст,
Шамъ аз шарори шуълаи худ дона сохта.
Дар ишқи туст Унсии бечора, эй парӣ,
Девонае, ки ҷой ба вайрона сохта.

**Ли муаллифиҳи:**

Бо саг маро ҳабиб чу ҳамхона сохта,
Ин ғам рақиброро саги девона сохта.
Аз шуъла шамърост нишон дар либоси он
Ҳосил барои куштани парвона сохта.
То майли ӯ ба мардуми бегона шуд, маро
Бо хеш аз ин муомила бегона сохта.
Бо сели ашк мардуми чашмам зи ҷо шуда,
Дар роҳат аз ҳубоб ба худ хона сохта.
Дар мӯйи хеш панҷа заданд аз ғамат бутон,
Аз баҳрашон ғами ту чунин шона сохта.
Он маҳ чу ҳукм кард, ки сӯзанд шамъро,
Ушшоқ шамъро ҳама парвона сохта.
Ушшоқ тоби дард наёранд, Восифӣ
Бо доғу дарди ишқи ту мардона сохта.

**Хусравдост:**

Чаман чун бӯйи ту дорад, ба бӯят дар чаман мирам,
Ба ёди қадди ту дар сояи сарву суман мирам.
Зиям аз ту, бимирам ҳам зи ту, фориғ зи ҷону тан,
Наям чун дигарон, к-аз ҷон зиям ё худ зи тан мирам.
Хуш он вақте ки ту аз ноз сӯям бингариву ман
Ба зорӣ ҳар даҳ ангушт уфканда дар даҳан мирам.
Шудам расво даруни шаҳр, дар саҳро равам акнун,
Ки расвотар шавам, гар дар миёни марду зан мирам.
Бихур ҷумла танам, эй зоғ, ҷуз дида, ки дид ӯро,
Чу берун уфтам, дар арсаи зоғу заған мирам.
Маро пироҳани садчок пурхун аст аз он Юсуф,
Ҳамон ороиши гӯрам кунед, он дам ки ман мирам.
Сухан барбаст бар Хусрав, магар чашмат фуруд омад,
Карам кун як сухан, ҷоно, ки ҳам з-он як сухан мирам.

**Унсирост:**

Агар дар гӯшаи ғам дур аз он симинбадан мирам,
Халал дар кори ишқ ояд, ҳамон рӯзе ки ман мирам.
Кашидам сар ба ҷайб аз ғояти андуҳ, метарсам,
Ки ҳамчун шамъи фонус андаруни пираҳан мирам.
Маро бигзор дар кӯйи худ, эй шохи гули раъно,
Ки ҳамчун булбул аз шавқи ту нолон дар чаман мирам.
Ба гулгашти чаман ҳар кас хиромону бар онам ман,
Ки танҳо бо дили пурхун дар ин байтулҳазан мирам.
Миёни хори меҳнат ҷон диҳам, ман кистам, боре,
Ки бар рӯйи суман ё дар канори ёсуман мирам?
Надорам рӯи будан дар миёни мардумон, з-ин пас
Биёбон гираму дар суҳбати зоғу заған мирам.
Ҳадисе, к-аз лаби ширини он маҳ бишнавам, Унсӣ,
Кунам вирди забону дар миёни он сухан мирам.

**Ли муаллифиҳи:**

Чу ман аз бевафоиҳои он паймоншикан мирам,
Барафтад аз ҷаҳон расми вафо, рӯзе ки ман мирам.
Ба маргам то кунанд афғон, ба сархайли сияҳпӯшон
Равам дар гӯшаву дар пеши қабри Кӯҳкан мирам.
Нахоҳам бори худ бар гардани кас баъди мурдан ҳам,
Ба гӯристон хуш он соат, ки дар гӯри куҳан мирам.
Нагиряд бар сарам, эй дӯстон, ҷуз чашми хунрезам,
Ба коми душманон ҳар гаҳ дар ин байтулҳазан мирам.
Ҳамехоҳам, ки рӯзи ҳашр бо ҳамдарди худ хезам,
Равам дар Бесутун, дар пеши қабри Кӯҳкан мирам.
Ба аҳди қоматаш сарви чаман ҳам сар бароварда,
Ба бустон гар равам, аз ғуссаи сарви чаман мирам.
Ба ғурбат гар бимурдам, Восифӣ, пеши саги кӯяш,
Басе беҳтар, ки пеши дӯстон андар ватан мирам.

**Хусравrост:**

Савора омадиву сайди худ кардӣ дилу тан ҳам,
Каманди ақл бигсастӣ, лаҷоми нафси тавсан ҳам.
Ба доман ман нуҳуфтам гиря, ногаҳ маст бигзаштӣ,
Шудам расво мани тардоману садчок доман ҳам.

Ту новак мезанӣ бар ҷону ҷони ман ҳамегӯяд,
Ки чашми бад ҷудо аз новаку аз новакафкан ҳам.
Ниҳодам, ҳар чӣ буд аз сар, саре мондасту бас акнун,
Чу бори сар сабук кардӣ, сабук кун бори гардан ҳам.
Дили ман чун ба сӯят шуд, бидорӣ устувор ӯро,
Ки он бегона рӯзе ошно будаст бо ман ҳам.
Шабе равшан кун, охир, кулбаи торики ман, чун ман
Дили торик дар кори ту кардам, чашми равшан ҳам.
Маломат бар дили садпораи ошиқ бад-он монад,
Ки бошад захми шамшеру бидӯзандаш ба сӯзан ҳам.
Чу бӯсӣ, эй сабо, сумми самандашро ба густохӣ,
Закоти ончунон давлат ду бӯсе дигар аз ман ҳам.
Чӣ кеш аст, охир, эй Хусрав, ки бе хубон наӣ як дам,
Замоне охир аз бут боз меояд бараҳман ҳам.

**Унсирост:**

Зи бас чун лола месӯзад гул аз рӯйи ту, гулшан ҳам,
Чаман пуроташи хор асту дуд аз сарв[у] савсан ҳам.
Биё, эй орзуи ҷон, ки майли диданат дорад,
Дили парҳезгору дидаи покизадоман ҳам.
Хаёли тори зулфи чун шабу рухсори чун рӯзат
Шаби торик дар чашми ман асту рӯзи равшан ҳам.
Ба қасди куштани ман мегушояд новаку ман худ
Ҳалоки новаку ҳайрони рӯйи новакафкан ҳам.
Зиҳӣ давлат, агар ҷавлонкунон он шаҳсавор ояд,
Кашам хоки раҳаш дар чашму бӯсам наъли тавсан ҳам.
Намедонам, чӣ созам чораи кор, эй мусулмонон,
Ки аз нодидани он рӯй мемирам, зи дидан ҳам.
Зи ҳоли зори худ ҳар гаҳ ки гӯям шаммае ҷое,
Бигиряд дӯст бар дарди дили ман, балки душман ҳам.
Хароб аз сели чашми хунфишон шуд хонаи мардум,
Аз он тарсам, ки ҳомун гардад ин вайронамаскан ҳам.
Мудом Унсӣ хаёли дидани рӯйи бутон дорад,
Набуда бутпарасте мисли ӯ ҳаргиз, бараҳман ҳам.

**Ли муаллифиҳи:**

Зи ёрам захм бар дил ояд, аз ағёр бар тан ҳам,
Чӣ ҳол аст ин, ки дорад қасди ҷонам дӯст, душман ҳам.
На он парвонаи шамъ аст пешат ҳар тараф сӯзон,
Ки симинпайкаронро мурғи ҷон месӯзиву тан ҳам.
Мудом аз дасти ағёру сагони остони ӯ
Мани бечораро бошад гиребон пора, доман ҳам.
Магар, к-аз тешаи Фарҳод меояд шарар берун,
Ки меафшонад ашки хун зи дардаш сангу оҳан ҳам.
Рақибо, з-ӯ тамаъ дорӣ вафо, маълум хоҳад шуд,
Басе меҳру вафо аз вай тамаъ медоштам ман ҳам.
Чӣ айёр аст он холи сияҳ дар ҳалқаи зулфаш,
Ки дилҳо дар шаби торик дуздад, рӯзи равшан ҳам.
Ҳамехоҳам, ки гардам зарраву бо офтоб оям
Даруни хонааш гоҳе зи дар, гоҳе зи равзан ҳам.
Ба марги булбули мискин чаман мотамсаро гашта,
Ки гул бо ҷомаи чок асту нилипӯш савсан ҳам.
Туро бар даргаҳи Эзад чӣ қадр, эй Восифӣ, боре,
Ки пеши бут надорӣ бору дар дайри бараҳман ҳам.

**Хусравrост:**

Даро, эй шохи гул, хандону маҷлисро гулистон кун,
Ба гуфти талхи чун май ошиқонро масту ғалтон кун.
Магӯ пироҳани зебоӣ омад чуст бар Юсуф,
Ту ҳам бишнос худрову яке сар дар гиребон кун.
Фаровон бут парастидам ба меҳроби намоз, акнун
Ба меҳроби ду абрӯи худам аз сар мусулмон кун.
Бурун ой, эй саводи дида, чун абри сияҳ в-он гаҳ
Ба гармо соя бар болои он сарви хиромон кун.
Манеҳ бар ойина он рӯ, в-агар ки мениҳӣ, боре
Бисӯз ин ҷони камбахти маро, хокистари он кун.
Табибо, дарди ман дорад нуҳуфта дар дилам коре,
Ту дардеро, ки бекор аст, рав, машғули дармон кун.
Пас аз мурдан манеҳ тобути ман дар гӯшаи маҷлис,
Бибар он ҳимаро, дар кори оташгоҳи габрон кун.
Бинои ишқи ҷонон нав шуд андар синаи Хусрав,
Биноҳои куҳан аз ков-кови ғамза вайрон кун.

**Унсирост:**

Биё, эй сарви хушрафтор, гашти боғу бустон кун,
Чу гул аз ғунча рӯ бинмою оламро гулистон кун.
Барафрӯз он руху ҷонро чу холи худ дар оташ зан,
Барафшон кокулу дилро чу зулфи худ парешон кун.
Дар о, эй шохи гул, доманкашону хирқапӯшонро
Асири хешу гарданбаста чун гӯйи гиребон кун.
Зи ман дар мотами ҳиҷрон чу ҷонон мекашад доман,
Аҷал, гӯ, баъд аз инам чок дар пироҳани ҷон кун.
Сафед аз гиря гашт охир саводи чашмам, эй ҳамдам,
Агар бар сина доғи тоза дорӣ, пунбаи он кун.
Ба гирди он даҳон холат хаёли салтанат дорад,
Чу хотам додияш, гӯ даъвии мулки Сулаймон кун.
Гар, эй Унсӣ, ҳавои талъати Лайливаше дорӣ,
Чу Маҷнун бо дили пурдарду ғам рӯ дар биёбон кун.

**Ли муаллифиҳи:**

Ба дил оташ зан, онро лолазори гулшани ҷон кун,
Дарову оташи дилро Халилосо гулистон кун.
Пас аз мурдан мадор ин хирқаи зуҳди маро ҳурмат,
Бибар онро, фатилу машъали оташпарастон кун.
Магӯ, к-аз партави хуршед дорад равшанӣ олам,
Шавад то бар ту равшан, лаҳзае сар дар гиребон кун.
Зи дасти ғамзаат халқи ҷаҳон гумроҳ шуд охир,
Нахоҳӣ куфри мардум, ғамзаи худро мусулмон кун.
Наҷӯям аз ҷафоҳои ту зинҳор, эй фалак, ҳаргиз,
Бирав, ҳар чиз, к-аз дасти ту меояд, ба ман он кун.
Зи сақфи нилгун хишти маҳу хур то ба кай афтад,
Биё, эй сели ашк, ин сақфро якбора вайрон кун.
Вафову мардумӣ дар Мовароуннаҳр кам бошад,
Агар хоҳӣ, бирав, эй Восифӣ, рӯ дар Хуросон кун.

**Хусравrост:**

Мушки тар бар сар барафкандиву шаб мехонияш,
Барги гулро пуршикан кардиву лаб мехонияш.
Лаб рутаб созиву онро хаста аз дандон кунӣ,
Хаста аз дандони ман кун, гар рутаб мехонияш.

Офтоби нимрӯзиву ба хидмат карданат
Мерасад хуршед, агар дар ними шаб мехонияш.
Ҳаст бар хуршед пешат номи хуршедӣ хато,
Ту бад-ин ном аз пайи ҳусни адаб мехонияш.
Нусхае, к-аз хатти туст андар дили сӯзони ман,
Сеҳри оташбанд ё таъвизи таб мехонияш.
Саҷда кардан пеши тоқи абруят аз дӯстӣ
Фарз шуд бар Хусрав, ар ту мустаҳаб мехонияш.

**Унсирост:**

Гарди анбар бар гул афшондиву шаб мехонияш,
Лаълро дил сӯхтиву холи лаб мехонияш.
Ҳаст он дандон дуру дар ғунча гӯӣ шабнам аст,
Он лаби ширин набот асту рутаб мехонияш.
Бе рухат гирдоби хун дар дида меояд маро,
Гул, ки базморои бустони тараб мехонияш.
Офтоб ар ходими рӯз аст, ӯ аз авҷи чарх
Мерасад, ҳар гаҳ барои гашти шаб мехонияш.
Медиҳад чандон шаҳиди ишқ аз он олам ҷавоб,
Бо вуҷуди он ки аз рӯи ғазаб мехонияш.
Баҳри побӯсат зи чашми мо сиришки лолагун
Сарнигун афтода, тифли беадаб мехонияш.
Панҷаи Унсӣ, ки аз домони васлат кӯтаҳ аст,
Чун барорад дар дуо, дасти талаб мехонияш.

**Ли муаллифиҳи:**

Хат кашидӣ бар маҳи рухсору шаб мехонияш,
Инчунин хатти ғуборе шаб аҷаб мехонияш.
Эй дил, аз зулфаш маё берун, ки хуршеди мурод
Менамояд рӯ, агар дар ними шаб мехонияш.
Дар ҳақиқат ҷону лаъли дилкашат ҳарду якест,
Мо-ш мехонем ҷон, аммо ту лаб мехонияш.
Бе лабат хун, балки оташ мешавад дар синаам,
Май, ки накди мояи айшу тараб мехонияш.
Ҷон ба сӯйи лаъли нӯшини ту чандон аз ҳавас
Медавад, ҳарчанд аз рӯйи ғазаб мехонияш.

Гарм шуд бозори шаҳри тан ба савдои ғамат,
Қасд дорӣ пурсишам, гӯ, ё ки таб мехонияш?
Нест ҳадди Восифӣ худро сагат гуфтан, вале
Ту бад-ин ном аз пайи ҳусни адаб мехонияш.

**Хусравrост:**
Чаман зи сабза хате бар рухи ҷамил кашид,
Ба боғ сарви равон қомати тавил кашид.
Ба рангу бӯ чу биёрост бӯстон худро,
Ба гӯшаҳои гулистон бунафша нил кашид.
Бутони озарӣ аз буткада бурун ҷастанд,
Ки лолазор ба даст оташи Халил кашид.
Баҳор дар раҳи оянддагони боғ нигар,
Ки фарши дидаи наргис ба чанд мил кашид.
Ниҳод наргиси бемор чун ба болин сар,
Ҳубоб з-оби равон шишаи далил кашид.
Чакид хун зи буногӯши пили масти саҳоб,
Шаб аз ҳилол кақак бар сарони пил кашид.
Ба май сабил кунам хуни худ, ки хубонро
Ба сӯйи хеш тавонам бад-ин сабил кашид.
Биҳишт шуд чаману хуш касе, ки бо хубон
Дар он биҳишт шаробе чу Салсабил кашид.
Бурун хиром кунун, Хусраво, агар хоҳӣ
Қадаҳ ба рӯйи гулу сурати ҷамил кашид.

**Унсирост:**
Биё, ки шоҳиди боғ аз бунафша нил кашид,
Арӯси лола ниқоб аз рухи ҷамил кашид.
Нишаст бар китифи кӯҳ боз ҳиндуи абр,
Кақак зи барқи ҷаҳон бар сарони пил кашид.
Миёни сабза нигаҳ кун, ки тӯтӣ аз минқор
Чӣ гуна лоласифат оташи Халил кашид.
Ҳаво гирифт саҳобу барои тифли гиёҳ
Зи ҷӯйбори биҳишт оби Салсабил кашид.
Сабо зи ғунчаи савсан, ки сурмаолуд аст,
Ба чашми наргиси шабзиндадор мил кашид.

Зи шавқ дар бари товуси боғ қумрии маст
Гирифт нола хафиф, он гаҳе сақил кашид.
Дили шикастаи булбул дар интизор бисӯхт,
Зи бас ки муддати ҳиҷрони гул тавил кашид.
Зи боди тафриқа дар гулшани замона наруст,
Гули сахӣ, ки зар аз ғунчаи бахил кашид.
Чӣ ҳиммат аст, ки Унсӣ ба тавъу рағбати хеш
Чу ғунча доман аз ин олами муҳил кашид?

**Ли муаллифиҳи:**

Чаман, ки гунаи гул бар рухи ҷамил кашид,
Зи лола сабза нигор, аз бунафша нил кашид.
Зи баргу мева дарахти анор дар бустон,
Миёни сабза бибин, к-оташи Халил кашид.
Зи хайли абр басе рехт хуни барқи фалак,
Чу бори раъди фаровон ба пушти пил кашид.
Саманди раъд сиёҳии абрро чу бидид,
Зи ҷой ҷаст чу барқ он гаҳу саҳил кашид.
Ба боғ наргис аз он такя бар асо задааст,
Ки абр дидаи ӯро зи барқ мил кашид.
Ба пеши қадди ту сарв эътидол кай дорад,
Чӣ шуд аз ин ки ба бустон қади тавил кашид?
Бахил буд басе ғунча, лек хурдаи зар
Ба лутфу ханда гул аз ғунчаи бахил кашид.
Биҳишт майкадаву Салсабил бодаи ноб,
Дар он биҳишт хуш он, к-оби Салсабил кашид.
Ба кунҷи майкада хомӯш Восифӣ биншаст,
Зи бас ба мадраса тасдеи қолу қил кашид.

## [7]
## ГУФТОР
### дар зикри мурочаати аълоҳазрат хонулъазам, молики риқобилумам, носири калиматуллоҳи улё, алмутараққӣ ало дарачотилъуло ал-мухтас би иноёти-л-малики-л-маннон ҳазрати Убайдуллоҳ Муҳаммад Баҳодурхон аз яйлоқи Қаршӣ

Дар таърихи ҳаждаҳуми шаҳри зулҳиччатулҳароми санаи 919 [дар нусхаи дигар 916] буд, ки офтоби оламтоби маҳчаи роёти нусратоёти Убайдуллоҳӣ ба иноёти илоҳӣ аз машриқи вилояти Қаршӣ тулӯъ намуда, партави таваччуҳ бар соҳати Бухоро андохт ва он сарҳадро монанди хулди барин ва равзаи иллиййин сохт. Акобиру ашроф аз чавонибу атроф ба расми истиқбол мубодарат намуданд. Ин камина дар мулозимати ҳазрати шайхулисломӣ Хоча Ҳошимӣ дар сари мазори фоизуланвори ҳазрати қутбулақтобӣ Хоча Баҳоуддини Нақшбанд ба тақбили рикоби ҳумоюн мустасъид гардид. Ҳазрати хон иноят фармуда, аз Хоча Ҳошимӣ пурсиданд, ки аз луғазиёти Мавлоно Котибӣ ҳеч ба назари шариф расида бошад?

Хоча фармуданд, ки:

– Як луғаз аз Мавлоно Котибӣ машҳур аст, ки аз барои чашм гуфтаанд, ин аст:

Маро ду ёри чаҳондидаву ду ҳамзоданд,
Ки як замон натавонам гурез аз эшон кард.
Ду наргисанд тару тоза вақти сиҳҳати нафс,
Шаванд гоҳи мараз ҳар ду чун шукуфаи вард.
Ду тавъаманд, ки ҳаргиз ба якдигар нарасанд,
Ба хона карда ватан ҳар яке мучарраду фард.
Ба ҳеч гоҳ зи ман чомае талаб накунанд,
Ҳаво агарчи бувад гарму гарчи бошад сард.

Қариб ба понздаҳ байт аз ин луғаз мазкур гардид. Ҳазрати хон фармуданд, ки:

– Котибиро луғази бисёр аст, ҳама матбӯъу мақбул ва луғаз навъест аз шеър, ки дар мизони табъ бағоят мавзун аст ва тибои мустақимаро ба вай майле аз ҳад берун.

Ва ҳазрати хон аз луғазҳои худ ин луғазро иноят фармуданд:

Чӣ чиз аст, эй маҳи ман, он ки доим
Чу ангушти набӣ шақ карда маҳро?
Сари худро фурӯ оварда з-он рӯ,
Ки то бӯсад дамодам ин шафақро.

Маълум шуд, ки табъи шарифи он ҳазрат ба луғаз майли бисёр дорад ва ба хотир гузашт, ки ба муқтазои майли хотири он ҷаноб агар луғазе гуфта шавад, машҳун ба мадҳи он ҳазрат муносиб менамояд. Ин луғаз иттифоқ афтод:

Эй аз фурӯғи рӯйи ту як ламъа офтоб
В-эй з-офтоби талъати ту моҳ дар ҳиҷоб.
Шуд мустанир аз рухи фархундаи ту моҳ,
Кард иқтибос нур зи рӯйи ту офтоб.
Дарёи хун зи қатли адӯ сохтӣ басе
Бар вай равон зи косаи сар ҳар тараф ҳубоб.
Теғи ту гашт шуълаи оташ зи хуни хасм,
З-он оташ аст хасми ту пайваста дар азоб.
Оташ зи баҳр шуълазанон ҳеч кас надид,
Ҷуз дар кафи ту теғ, ки кардӣ ба хун хизоб.
Хасми ту барпарид давон з-ошёни даҳр,
Азбаски ёфт пар зи ханги ту чун уқоб.
Сарҳои саркашон ҳама бар остони туст,
Эй подшоҳи мулкситону фалакҷаноб.
Шоҳо, шунидаам, ки туро табъи нуктадон
Дорад ба гуфтугӯи луғаз майли беҳисоб.
Аз баҳри табъи ту луғазе кардаам хаёл,
Ё волия-л-мамолик ё молика-р-риқоб.
Он қасри турфа чист, ки меъмори ламязал
Афрохт беқусур дар ин олами хароб?
Ҳар ҷонибе гушода даре дасти қудраташ,
Лекин дарун-ш менатавон шуд ба ҳеч боб.
Бигшода дар муҳозии ҳам як-ду дар, ки ҳаст
Дар гӯшаҳои қасру раҳи он ба печу тоб.
Биншаста бар ду дар ба тамошо ду дидабон,
Гоҳе ба ҷилваанд, гаҳ андар паси ниқоб.

Гӯё ду кавкабанд, ки гардида муҳтарик,
Ё мунхасиф ду бадр аён гашта дар саҳоб.
Монанди хаймаҳост, ки бастанд мардумон
Аз айни эҳтиёт ба ҳар гӯша сад таноб.
Дар ҳар яке нишаста яке шоҳу ҳоҷибе,
Хам гашта баҳри хидмати ӯ дар паси ҳиҷоб.
Болои сар ниҳода камон ҳар кадом, лек
Он дам шавад кашида, ки гарданд дар итоб.
Тоқест бас шигарф ба болои он ду дар,
Дар зери он сутуни муҷавваф ба сими ноб.
Ё он ки ҳаст шамъи мунаввар, чу бинияш,
Тоқи сиёҳ бар забараш чун пари ғуроб.
Теғест чун забонаи оташ ба як дараш
В-ин турфатар, ки шуъла занад дар миёни об.
Сайёфи сунъ аз пайи зинат ниёми теғ
Тарсеъ кардааст зи лаълу дури хушоб.
Мегардад аз латофати ӯ об дар даҳон,
Гӯё ки ҳаст теғи шаҳаншоҳи комёб.
Хони замона шоҳ – Убайдуллаҳ, он ки ҳаст
Бар соҳати ҷанобаш аз ин қаср беҳисоб.
Яъне, ки сар ниҳода ба даргоҳи хидматаш
Гарданкашони сафшикани ҳишматинтисоб.
Ҳар кас чу Восифӣ ба ту овард илтиҷо,
Эмин шуд аз ҳаводиси чархи пуринқилоб.
Ё Раб, ҳамеша бод сари саркашони даҳр
Бар хоки даргаҳи туву иқбол дар рикоб!

Баъд аз чанд рӯз шабе дар мадрасаи Улуғбек Мирзо бо ҷамъе аз ёрон нишаста будем ва дари ихтилот ба рӯйи ғайр баста, ки ногоҳ шахсе омад ва ҳалқа бар дар заду гуфт:

– Ҳазрати хон Мавлоно Восифиро талаб намудаанд.

Аз қосид пурсида шуд, ки:

– Ҳуззори маҷлиси ҳазрати хон чӣ касонанд?

Гуфт:

– Мавлоно Маҳмуди Балхӣ, ки ба Азизон мулаққабанд ва бародари эшон Мавлоно Буюсуф ва мавлонозодаҳои самарқандӣ ва шайхзодаҳои пуронӣ ва Мавлоно Афсарӣ ва Ҳофизи Миросӣ ва чеҳраҳои ноиби хон. Фақир бо писари Мав-

лоно Маҳмуди муншӣ, ки Муҳаммадшариф ном дошт ва дар камоли ҳусну қобилият буд ва ин матлаъ аз вай шуҳрати азим дошта, ки аз барои ҷавони ҳаммомӣ гуфта буд:

Бар сари об чу, эй сарви равон, биншастӣ,
Сари оби ҳама хубони ҷаҳонро бастӣ

мутаваҷҷеҳи мулозимат шудем ва он луғазро ба арз расонидем. Олиҳазрати хоқонӣ Убайдуллоҳхон дар таърифу бандаавозӣ он микдор муболиғаву истиқсо намуданд, ки аксари ҳуззори маҷлисро тағйири фоҳиш ончунон дар башара пайдо шуд, ки бар ҳамгинон зоҳиру ҳувайдо гардида.

Баъдаҳу ҳазрати хон фармуданд, ки

– Устодони фанни муаммо дар амали таҳлил аз панҷ ҷузв таҷовуз нанамудаанд ва мо таҳлилро ба шаш ҷузв расонидаем.

Ва ин муамморо хонданду ном нагуфтанд:

Он ки воқиф зи ҳоли Бирҷис аст,
Номи некаш Аристатолис аст.

Ба андак тааммуле ин муамморо шикофтам ва гуфтам, ки:

– Ин муаммо ба исми Илёс аст ва Аристатолис ба шаш ҷузв таҳлил ёфта.

Ҳазрати хон забони дурарбори гавҳарнисор гушуда, фармуданд, ки:

– Он чи дар таърифу тавсифи Мавлоно Восифӣ шунида будем, ба азъофу музоъафа мушоҳида намудем.

Ва бар ин байт ратбуллисон гардиданд, ки:

Мешунидам, ки беҳтар аз ҷонӣ,
Чун бидидам, ҳазорчандонӣ.

Ва аз ин камина муаммо талаб намуданду фармуданд, ки:

– Шумо низ муаммои худро ном нагӯед, мо низ иқтидо ба суннати санияи шумо карда, шояд тавонем ёфту бе ном тавонем шикофт.

Ду муаммо ба исми хон ба арз расонда шуд ва ҳардуро ҳазрати хон бе ном шикофтанд. Ва эшонро ғариб инбисоту хушҳолӣ даст дод. Ва он ду муаммо ин буд:

Буд хуршеди фалак чун зарра пеши дилситон,
Рӯйи хубаш диду биншаст офтоби заррасон.

* * *

Ҳамин бо лутфу эҳсонаш намебояд шудан моил,
Ки ҷангаш низ эъломе намояд новакаш дар дил.

Баъд аз ин фармуданд, ки:

– Услуби муаммиёти шумо филҷумла маълум шуд, ғолибан, ки муаммиёти шуморо аксар беном тавонем ёфт. Якчанд муаммое, ки қарибулфаҳм бошад ба хотир ореду нависед.

Аз муаммиёт қариб ҳаштод адад ҳамроҳ буд.

Ҳазрати хон фармуданд, ки:

– Номҳое, ки навиштаед, маҳв фармоед.

Номҳое, ки бар сари варақ буд, ба миқроз буридем ва ба ҳазрати хон гузаронидем. Ва он муаммиёт ин аст:

Султонсифат ба дида дарояд хаёли ӯ,
Кардам ҳубоби хуни ҷигар чатри оли ӯ. [Одам]

Фитод оташи шавқи ту дар миёнаи дил,
Бисӯхт шуълаи ишқат сутуни хонаи дил. [Ало]

Абр мегиряду бар тарфи чаман мегардад,
Дар ҳавои қади он сарв чу ман мегардад. [Ҳасан]

Сар зи муҳтоҷон фикан, эй шӯхшанг,
То дами теғи ту гардад лоларанг. [Ҳусайн]

Хоҳад зи мо бипӯшад рухсори моҳи худро,
Он маҳ дигар намояд зулфи сиёҳи худро. [Алванд]

Ба бустон об ҷӯён шуд ба ҳар сӯй
Чу гулрухсорам омад бар лаби ҷӯй. [Солимӣ]

Зоҳид, ки бувад ба худнамоӣ машҳур,
Як зарра аз он набошадаш завқи ҳузур.
Ҳар дам кунад инкору парешон гӯяд
Риндони ҷаҳонро зи сари кибру ғурур. [Ҳамза]

Чун ба ҳар бесарупое сару по мебахшад,
Ҷомае оқибат он моҳ ба мо мебахшад. [Амонӣ]

Кард ёди рӯйи Ширин Кӯҳкан дар Бесутун,
Оҳ аз он дил баркашиду шуд дили ӯ ғарқи хун. [Шоҳ Адҳам]

Рӯйи ӯро, ки шудам волаву ҳайрон ба яқин,
Эй ки гӯӣ бади ман, пештар овар, беҳ бин. [Айюб]

Ба май хирқа, эй зоҳиди номдор,
Гар олудагӣ ёфт, дил пок дор. [Закӣ]

Хез, эй дил, рав ба ҷустуҷӯи дӯст,
Дида равшан кун ба хоки кӯйи дӯст. [Зинатӣ]

Сӯзанд паривашони гулчеҳр маро,
З-он ҷумла намояд маҳи ман меҳр маро. [Валӣ]

Ҷаҳон як ҷав ба чашми зоҳид ояд,
Ба чашми ман вале ҷав зоид ояд. [Убайд]

Хост, то дил раҳ барад сӯяш, ба кӯяш рӯ ниҳод,
Ақл шуд бепову баргардиду ҳайрат даст дод. [Зайд]

Дили маҷрӯҳ дур аз он майи ноб
Ҳаст чун моҳии ҷудо аз об. [Шоҳӣ]

Бошад равон ҳамеша зи чашмони ашкбор,
З-он сарви сояпарвари ман об дар канор. [Рӯҳ]

Нарезам зи дида дигар ашки ноб,
Чу шаҳре бимурданд дар зери об. [Суҳроб]

З-он маҳ, ки нахуст меҳрубон шуд зоҳир,
Ҳар лаҳза зи меҳр шуд ба рӯям нозир.
Дил бо сари меҳр буд пайваста, кунун
Навмедаш бин аз адами меҳр охир. [Ҳусом]

Рақибонро ба хони васли худ ҳар дам сало гӯӣ,
Касеро аз муҳиббон охир, эй маҳ, кам сало гӯӣ. [Муъин]

Худоро, аз дили зоҳид, Худоро,
Риёро тарк кун чун ёр моро, [Амир]

Дило, гар нидо оядат з-он ҷаноб,
Ту аз зурваи Арш ёбӣ хитоб. [Атоӣ]

Гуфтам: «Эй моҳ, чӣ сон қасд кунӣ сӯйи қалам?»
Панҷа бикшоду ду ангушт қарин сохт ба ҳам. [Сайфуллоҳ]

Бибин назди он шоҳи олимақом
Зи таъзим охир ба зону кином. [Муин]

Ҷони ман дар даври лаъли он ҳабиб
Аз лаби ёқути ӯ шуд бонасиб. [Айюб]

Ба пешат Восифӣ ҳар лаҳза ояд
Рухи худро бисояд, чун насояд. [Анис]

Гуфт: «Ҳастӣ бо сагонам дар шумор»,
Дорад он маҳ охир аз мо эътибор. [Нодирӣ]

Дар дили хастаи бетобу тавон,
Восифӣ, ғайри маҳам нест, бидон. [Ғаввос]

Дар либоси ноз он сарви равон
Зевари худро намояд ҳар замон. [Азиз]

Баромад гул аз шарми ту сурху зард,
Чу тарфи чаман рӯйи ту ҷилва кард. [Меҳнатӣ]

Дил бурду зери зулф нишон кард он малеҳ,
Омад сабову бар ҳама кас сохт он сареҳ. [Бобур]

Хуни дил бо дарди беҳад дар либоси хушдилӣ,
Ин ҳама дорам зи ишқат ҳосил аз беҳосилӣ. [Мазид]

Гаҳе дар кӯча, гаҳ дар тарфи бомӣ,
Ту рӯйи хуб дорӣ, мехиромӣ. [Хуррамӣ ва Раҳмӣ]

Ба молу фазл дар офоқ то барорӣ ном,
Сафар шиор куну хоб кун ба дида ҳаром. [Аббос]

Ҳамеша дар хаёли он ҷамолам,
Ту худ ҳаргиз намепурсӣ хаёлам. [Насимӣ ва Номӣ]

Талаб кардам дили худ, чун дар он чоҳи зақан дидам,
Сари он хат ба дасти худ гирифту дод таҳдидам. [Худодод]

Теғ мeронӣ ба рӯю мӯй дар ҳам мешавад,
Об мегардад ба бустон, кай гиё кам мешавад. [Бобо]

Ораз гушой ҳар замон, халқе дарорӣ дар фиғон,
Бедил шуда шаҳре кунун, ёрам, лиқо кам кун аён. [Шариф]

Дар чанги ғамат чу оварам най ба фиғон,
Пуроб шавад наям зи чашми гирён.
В-он най фиканам бар оташи дил, он гаҳ
Такрор намоям, он чи монад ба замон. [Имом]

Он маҳ чу намуд турраи анбарфом,
Афтод дили ҳазор ошиқ дар дом.
Ё Раб, чӣ шавад ду зулфи худ аз чапу рост,
Пайваста ба мо намояд он моҳи тамом. [Камол]

Баски гардид ошиқи бечора зор,
Доманаш тар менамояд бар канор. [Одам]

Лаби ёр лаълу чашмам зи фурӯғи ӯст рангин,
Ба миёни чашми пурхун лаби сурхи ёри ман бин. [Шамс]

Наёрад бар дилам зад лофи оташ,
Ба дӯзах гарчи ҳаст аснофи оташ. [Носир]

Аҷаб хосийяте дорад ҳадиси ишқи мо, эй дил,
Ки оқилро кунад маҷнуну маҷнунро кунад оқил. [Имом]

Ба васфи лаъли ӯ хоҳам барам роҳ,
Кунам авсофи май дар пеши он моҳ. [Амир ва Увайсӣ]

Ба таъзимат ба сина дастбаста
Ба хоки дар ҳазорон дилшикаста. [Бобо]

Бе ту дили хаста ҳазин шуд маро,
Рӯйи замин зери замин шуд маро. [Амин ва Ризо]

Дар пеши ту бандагӣ гузинад,
Чашми ту фаришта гар бибинад. [Сафо]

Тариқи ишқу ҷонбозӣ зи ҳар бедил чӣ мечӯӣ,
Агар мард аст, донад, аз насаб ӯро чӣ мегӯӣ. [Мазид]

Ба новак маро синаи чок-чок
Фароҳам чу овардӣ, эй дил, чӣ бок. [Фаҳмӣ]

Моҳи ман, марҳаме карам фармо,
Соз як захми тири хеш даво. [Фаҳмӣ]

Гуфтам: «Чӣ чора бошад дар ишқат, эй саҳиқад».
Гуфто, ки: «Чораи ту ғам боду дарди беҳад». [Фаҳмӣ]

Дарди сари беқарор дорам,
Охир, зи шароб дар хуморам. [Хуррам]

Дӣ ба рағми ман ба ағёр омадӣ, эй маҳ, ба дайр,
Моҳи ман, фард омадӣ, имрӯз бо ҳамроҳи ғайр. [Мир]

Барорад аз дили сӯзонам оҳе,
Занад он моҳ оташ бар гиёҳе. [Ёрӣ]

Аз бода гузашт, ҳар кӣ мард аст,
Анҷоми шароб рӯйи зард аст. [Амин ва Ҳайдар]

Чеҳраи зардам оварад ба назар,
То ба ӯ гуфтаам манофеи зар. [Умар]

Аз обу тоби ораз то дил зи мо рабояд,
Он маҳ ба гармхона рухсори худ намояд. [Шайх]

Дӣ ба маҳфил парда афтод аз рухи некӯи дӯст,
Ёфт он маҳфил паёпай зеваре аз рӯйи дӯст. [Маҷд]

Ба сангам занӣ ҳар дам, эй симтан,
Ба санги ту хуб аст аҳволи ман. [Санҷар]

Аз баҳри нисорат, эй бути симинтан,
Ваҷҳест муайян зари рухсораи ман.
Гар дур талабӣ, дидаи гавҳарборам
Ҳар дам фиканад пеши ту доман-доман. [Абдулмуъмин]

Машшота ба зулфи он парирӯ шуда банд,
Ҳар тор аз он ба гарданаш гашт каманд.
Чашмаш чу бар он кокули мушкин афтод,
Машоттаи турра шонаи хеш фиканд. [Умар]

Ин чӣ чашм аст, эй камонабрӯ,
Мурда маҷрӯҳи новакат ҳар сӯ. [Амҷад]

Парда аз ораз фиканд он рашки ҳур,
Дар дили ман бин кунун аснофи нур. [Носир]

Баҳор аст, эй сарви раъно, бикӯш,
Сару пойи наврӯзиятро бипӯш. [Шоҳӣ]

Ба сӯйи лаби лаъли нӯшини ёр,
Чу даст оварам, соқиё, май биёр. [Надимӣ]

Аз дарди ишқ ошиқи бечора оҳ кард,
То муддаӣ ба моҳи ҷамолаш нигоҳ кард. [Исо]

Шоҳи ман сӯйи сайд кард шитоб,
Мурғи обӣ парид аз лаби об. [Сафар]

Табибо, шафқати худ соз зоҳир,
Раги ҷон сӯхт, дастам гир, охир. [Ҷунайд]

Моҳи ман ошуфта рух бинҳуфту хуни халқ рехт,
Он ки ҷоне дошт, аз шамшери он бадхӯ гурехт.
[Ҳошим ва Мир]

Он ки аз шамшери ӯ дорад ҳаёт,
Ҳаст пеши ман зи арбоби наҷот. [Хон ва Шерам]

Маҷӯ май, з-он ки медорад зиёнат,
Дило, майхоҳ набвад бодиёнат. [Ҳусомӣ]

Тобеи ҳукмат шавад Хуршед[у] Моҳу Муштарӣ,
Гар кунӣ номаш Сулаймонвор бар ангуштарӣ. [Сулаймон]

Ба май аз ғам наҷот мехоҳам,
Дар сар оби ҳаёт мехоҳам. [Ҳайдар]

Қавли ҳукамо, ки ҳақ намояд,
Пеши сухани ту ботил ояд. [Саид]

Дар ҳавои лаъли нӯшини нигор
Бодаи беҳад хурад мадҳуши зор. [Мурод]

Бода нӯшем, ҳар куҷо бошад,
То ҷаҳон бар муроди мо бошад. [Бурҳон]

Ба маҳобат сипаҳ ангехту сад ҷилва намуд,
Маҳи ман ҳар тараф аз тарк маҳобат афзуд. [Лайт]

З-ин гуна, ки дар гиря шавад мардуми чашм,
Тарсам, ки зи ҷойи худ равад мардуми чашм.
Дар чашми ман аст нақши холат, оре,
Дар чашм бувад, он чи бувад мардуми чашм. [Фонӣ]

Аз ин муаммиёт ба ғайр аз чаҳордаҳ муаммо, ки эҳтиёҷ ба исм шуд, дигар ҳамаро ҳазрати Убайдуллоҳхон бе ном шикофтанд. Ва ҳазрати хон [дар] пеши Мавлоно Маҳмуди Азизон сабақе доштанд аз «Кофия», [ки] инъиқоди он дарс дар шаб буд ва [ба] баҳси «Мафъули молам юсамма фоъилуҳ» расид буд. Писари Мавлоно Маҳмуди Муншӣ чунин дахл намуд, ки:

– Ин таъриф ба ҳеч фарди «Мафъули мо лам юсамма фоъилуҳ» содиқ намеояд, зеро ки ҳеч фард муаррифи кулли мафъул нест.

Ҷаноби мударрис чунин ҷавоб фармуданд, ки:

– Кулли афрод аст.

Ин камина дар мақоми баҳс шуда ба арз расонид, ки:

– Ин ҷавоб дафъи ин шубҳа намекунад.

Ва аксари ҳуззори маҷлис ба ин фақир мувофиқат намуданд. Ҳазрати хонро хиҷолате даст дода, фармуданд, ки:

– Имшаб Мавлоно Восифӣ меҳмонанд. Аз эшон ҳикоёту назоир шунидан матлуб аст ва латоифи зарофатомез исғо намудан марғуб.

Гуфтам, ки:

– Дар аҳди қадим марди хуштабъе, латифе, зарифе буд ва ӯро ба ҷиҳати ҳаводиси рӯзгор ифлосе даст дод.

Пеши подшоҳи он аср рафту гуфт:

– Шоҳо, ман нону ҷуғротро хуб мехӯрам.

Подшоҳ хандон шуда гуфт, нону ҷуғрот ҳозир сохтанд. Он шахс он ҷуғротро лат карда, миқдоре об дар вай рехту нонро дар вай тарид кард ва рӯймол бар вай пӯшиду ҳикояти рангини ширин бунёд кард. Ва баъд аз адои ин ҳикоят рӯймол аз рӯйи коса бардошту он нону ҷуғротро тановул кард ва подшоҳро дуову саное гуфт. Подшоҳро бисёр хуш омад. Фармуд, ки ҳазор хонӣ ба вай арзонӣ фармуданд. Он шахсро ҳамсояе буд. Дид, ки ӯро ҷамъияти вофир ва ҳузуру фароғати мутакосир пайдо шуд. Пурсид, ки:

– Фалон, аҳволу авзои ту маълум буд, ин молу манол туро аз куҷо ҳосил шуд?

Гуфт:

– Ба мулозимати подшоҳ шитофтам ва нону ҷуғрот хӯрда, ҷоҳ[у] сарват ёфтам.

Ин шахс низ пеши подшоҳ рафта нону ҷуғрот талабид. Подшоҳ ин мардро мисли марди пешина хаёл кард ва фармуд, ки нону ҷуғрот оварданд ва пеши ӯ ниҳоданд. Луқмае нонро дар ҷуғрот зада, порае бар замин чаконида ва порае дар канори худ андохт ва ба миқдоре риши худро олуда сохт. Подшоҳ пусид, ки:

– Кор ҳамин аст?

Гуфт:

– Бале.

[Фармуд, ки ӯро даҳ гарданӣ заданду даҳ шаллоқе дигар мазид сохта, ӯро аз маҷлис берун карданд.

Чун ин ҳикоят мазкур шуд, ғулғулаву ғирев аз маҷлис бархост ва ҷамоате, ки ба Ҳофиз ниқори хотире доштанд, он миқдор хандаву тамасхур карданд, ки Ҳофиз [тару] расво гардид. [Байт]:

Бӯриёбоф агарчи бофанда-ст,
Набарандаш ба коргоҳи ҳарир.

## [8]
## ГУФТОР
## дар таърифи маҷлиси аълоҳазрат, рафеъманқабат, шайхулисломӣ, исломмалозӣ, Хоҷа Ҳошимӣ дар қаряи Исфедмун ва имтиҳон намудани афозил ин каминаро дар баъзе аз фазоилу фунун

Дар таърихи шаҳри рабеъулаввали санаи 916 [буд], ки олиҳазрат шайхулисломӣ қариб ба сад гӯсфанду даҳ асп ва даҳ гов кушта, таомҳои гуногун сохтанд ва [тарҳи суҳбати омме андохтанд]. Ва ин чунон суҳбатест, ки ҷаноби хоҷа ҳар сол як навбат худро ба нону ҳалво месанҷид. Ва гардун аз барои ин маслиҳат капони Моҳу ва Меҳрро муҳайё месохт, як паллааш ба занҷирҳои шуои зарринманокиб ва як паллаи дигараш ба торҳои шиҳоби соқиб мураттаб сохта, дар майдони сипеҳр меандохт. Ва ин тариқаро волиди бузургвори эшон аз сиғари синни эшон маслук медоштанд. Ҳосил, ки тамоми шуарову уламо ва фузалову зурафо ва нудамову арбобу ашроф ва аъёну калонтарон дар қаряи Исфедмун муҷтамеъ буданд, ки сипоҳие омад ва пеши ҷаноби хоҷа ба ниёзу адаби тамом ба зону даромад ва ба арз расонид, ки фалон наймон аз барои мулозимон аспе ниёз фиристода ва истидъо намуда, ки се табли боз, яке аз барои Убайдуллоҳхон ва яке аз барои Келдимуҳаммад Султон, ки писари Севинҷхоҷахон аст ва яке аз барои садри вай, ки Шайхулолам Шайх ном дорад, наққошӣ шуда ва бар даври ҳар як ғазале мебояд, агар иноят намуда, худ лутф намоянд ё ин хидматро ба баъзе аз шуаро, ки дар мулозамати эшонанд, ҳукм фармоянд, ҳокиманд.

Ҳазрати Хоҷа давоту қалам ва қитъае коғаз пеши ин камина фиристоданд ва фармуданд, ки ин ҷома ба қомати шумо омадааст. Ба ҳукми алмаъмур-манзур ба он ғазалҳо иштиғол намуда шуд. Ҳанӯз маҷлис инъиқод наёфта буд, ки ҳар се ғазал ба итмом расид. Ғазали табли бози Убайдуллоҳхон ин аст:

То туро бар дасти ҳишмат бози давлат гашт ром,
Табли бозат оварад аз меҳр чархи нилфом.
Гашт анқои фалак сайди уқоби ҳишматат,
Нохунаш аз моҳи нав, хун аз шафақ бин вақти шом.
Аз сари дасти ғазаб шунқори қаҳрат чун парад,
Барпарад арвоҳи аъдои ту чун хайли ҳумом.
Аз муҳити қадри ту мурғобиён хайли малак,
К-аз садои табли бозат карда бар гардун мақом.
Ҷуз адими меҳри гардун дархури ин табл нест,
Пӯшиши ин гардад аз мехи зари анҷум тамом.
Бози адлат ҳар замон гирад ҳумои давлате,
Бод, ё Раб, бар ҳамин минвол ило явми-л-қиём.
Мурғи рӯҳи Восифӣ то ҳаст дар бустони умр,
Андалебосо санохони ту бошад, вассалом.

Ғазали табли бози Келдимуҳаммад Султон, хуллида мулкуҳу, ин аст:

Ин табли нилгун, ки фалакпайкар омада,
Аз офтоб пӯшиши ӯ дарх(в)ар омада.
Дар вай ҳазор тантанаи сити давлат аст,
Гӯё ки косаи сари Искандар омада.
Нақши туюр нест бар ин табли лоҷвард,
Гирди фалак малоика пар дар пар омада.
Хуршеди ин сипеҳр чу дар ҳадди истивост,
Атрофаш аз чӣ рӯ зи шафақ аҳмар омада?
Бар давраш ин сувар, ки зи Юсуф диҳад нишон,
Рашки нуқуши Монии суратгар омада.
Ин чархи аъзам аст, чунин пур зи зебу зайн,
Ё табли бози шоҳи фаридунфар омада?
Султон Муҳаммад – он шаҳи даврон, ки сайди ӯ
Товуси маҳ думи фалаки ахзар омада.
Хайли кабӯтарони кавокиб зи адли ӯ
Бо баҳрии шикории шаб хуш баромада.
Бозест субҳ баҳри ту, эй шоҳи динпаноҳ,
Дар гарданаш чуғулии зар аз х(в)ар омада.

Шоҳини қӯшхонаи иҷлоли туст шом,
Бар сар тимоқааш зи маҳи анвар омада.
Чун сити табли бози ту овози Восифӣ
Баҳри дуои ту зи фалак бартар омада.

Ғазали табли бози Шайхулолам Шайх:

Зиҳӣ ба қадр фузун аз сипеҳри буқаламун,
Фиканда зилзила ситат ба гунбази гардун.
Зи рашки нақши ту аз анҷуму шафақ ҳар шаб
Бувад пурашк рухи чарху доманаш пурхун.
Зи бонги табл рамад мурғ, лек шуд ромат,
Зи бас бувад нағамотат мулоиму мавзун.
Туро ҳамин шарафу қадр бас, ки дар олам
Ба номи Садри ҷаҳонӣ музайяну машҳун.
Рафеъқадру фалакрутба Шайхи Оламшайх,
Ки табли боз зи меҳраш диҳад сипеҳри нигун.
Ба вақти сайд ба чанголи бози ҳишмати ӯст
Ҳумои давлату иззат зи сад ҳазор фузун.
Ба ҳар тараф дили арбоби фазл шуд сайдаш
Ба сони мурғи дили Восифӣ зи ҳад берун.

* * *

Чун ин ғазалиёт ба итмом расид, маъруз дошта шуд. [Ҷаноби] Хоҷа Ҳошимӣ ҳамон асп, ки наймон ба ниёз кашида буд, бо чакмани сақарлот, ки дар бар доштанд, ба ин камина инъом фармуданд.

Ҷаноби шариатмаоб, фазилатинтисоб, Мавлоно Ғазанфари муҳтасиб, ки дар Хуросон аз ҷумлаи шогирдони Мавлоно Шайх Ҳусайн буда ва мавлонои мушорунилайҳ мефармудаанд, ки аз Мовароуннаҳр ба дарси мо мисли ин ҷавони хуштабъи закиюлфаҳм наёмада. Ва ҳикматулъайнро бо ҷамъе аз хуштабъони машҳур дар пеши мавлонои мушорунилайҳ ба тамом гузаронида буд, ба ҳазрати Шайхулислом гуфт, ки:

– Шахсе аз Мавлоно Восифӣ амри ғариб нақл кард, ки қабули он пеши ақл аз ҷумлаи мустаҳилот менамояд, чунин гуфт, ки дар Самарқанд, дар маҷлисе ӯро аз аҳли фазл дар

иншо имтиҳон намуданд, ҳаждаҳ иншои ғарро, ки дар камоли фасоҳату балоғат буд, дар бадеҳа иншо карда, ки ҳар як аз он муншаот пеши муншиёни моҳир ва суханварони мутабаҳҳир якрӯза кор аст.

Хоҷа фармуданд, ки:

– Мо ҳам ин суханро шунидему бовар накардем, бо он ки ҷамъе касир гувоҳӣ доданд.

Мавлоно Ғазанфар фармуданд, ки:

– Чӣ бошад, ки аз барои дафъи ин дағдаға боз имтиҳон ба миён ояд?

Хоҷа фармуданд, ки:

– Ин қазия азҳар мина-ш-шамс ва абян мина-л-амс аст. Моро шарм меояд, ки тағофул намоем ва роҳи беинсофӣ паймоем.

Мавлоно Ғазанфар фармуданд, ки:

– Моро ба якчанд мактуб эҳтиёҷ аст, агар аз эшон илтимос намоем, бар ваҷҳе, ки на бар сабили имтиҳон бошад, тавонад буд.

Хоҷа фармуданд, ки:

– Ин дур аз кор нест.

Яке аз мултамасоти мушорунилайҳ буд, ки ба яке аз арбоби ҳусну ҷамол мактубе навишта шавад, ки мушорунилайҳ ба саъйи яке аз мусоҳибони он ҷавон аз шахсе боғе харида буд ва аз он бағоят парешону пушаймон гардида, ҳукм фармоянд, ки он мусоҳиби эшон он шахсро ба фасхи байъи он боғ розӣ гардонанд. Ва он мактуб ин аст, ки навишта шуд:

«Шуабу ағсони ашақаи маҳаббату ашҷон, ки перомуни шаҷараи ҷаноб баромадааст ва аз саврони таъсири он чунон зубулу завабон ёфта, ки аз ӯ ҷуз ному нишон намонда. Халқ онро уруқу аъсоб меноманд. Ва хорбанде, ки шаҳнаи қасабаи вуҷуд ҷиҳати ҳиросати хаёли он ҷамоли бокамол ва манъи духули сувари оламмисол гирди соҳати дида кашидааст, кӯтаҳназарони он хитта қиёси онро мижгон ва аҳдоб мехонанд. [Байт]:

Ба гирди дидаи худ хорбасте аз мижа кардам,
Ки не хаёли ту берун равад, на хоб дарояд.

Баъд аз арзи шавқу ниёз, маърузи он сарви сарафрози хиромони бӯстони малоҳат ва ғунчаи сероби хандони гулистони сабоҳат, аънӣ Амир [Муҳаммад] Ҳусайн мегардонад, ки боғи ҳодимулафроғи Мавлоно Ҳуҷҷатро, ки ба сад далелу ҳуҷҷат ҷаноби Хоҷаи Мирам, ҷазоҳу-л-Лоҳу хайран, бар Боғи Ирам, балки ба равзаи Ризвон тарҷеҳ мекарданд ва дар хариди он саъю эҳтимоми молокалом менамуданд, харида шуд. Шаммае аз авсофи он маҳдуд ва мардуд он, ки ҳар танбӯр бе ангури токаш кундаи дӯзахест ва ҳар ҷӯйи ҳавлнокаш чун хандақи дӯзахи барзахӣ, ҳар барги токи нопокаш панҷаест гушода ба қасди гирифтани домани дардманде; ва ҳар нахи занҷири нокаш камандест барои гардани фақиру мустамандe, донаҳои ангури бедонааш ҳар як пайкони навак аст ва ангури маскааш ҳар як донаи пиёзе ва ҳар яке донаи ангури обии ӯ обилаест пуроб ва донабахшии ӯ ахгарест барои сӯзи дили пуризтироб. Баргҳои шаҷараи малъунааш, ки инна шаҷарата-з-заққуми[1] дар шаъни ӯст, ҳар як баротест новаҷҳ, ки муҳассили узбакҷонро ба тан бармедорад. Ва шоххҳои он шаҷараи хабиса, ки ояти ка шаҷаратин хабисатин аҷтуссат мин фавқиа-л-арзи[2] баёни ӯст, тоёқи узбаквор меояд, ҳар кӣ яке аз он мехӯрад, мемирад. Ҳар кӣ ангури завҷаи ӯро мечашад, фавҷи бало ба қасди ҷони ӯ халале мекашад ва ҳар кӣ ангури амирии ӯро мехӯрад, аз дасти боди қулинҷ ҷон намебарад. Иноят фармуда, ҷаноби хоҷа мушорунилайҳро фармоянд, ки миннат бар ҷони ин камина ниҳода, ин боғи мазкур[ро] гиранд ва ин доғ аз дили маҷрӯҳи ин фақир бардоранд. Ҳамеша боғи давлату иқбол ба меваи ҷоҳу ҷалол барӯманд бод!»

Мултамаси дуюм он, ки мушорунилайҳ ҳаммоме вақф карда буданд, хутбае аз барои вақфияи он мебоист ва он хутба ин аст, ки навишта шуд:

«Ҳамди вофир ва сипоси мутакосир ҳазрати Эзади покеро сазад, ки гунбади сипеҳри даввор бо кавокиби савобиту сайёр тӯдаи хокистарест пурахгар аз гулхани ҳаммоми шаҳристони азимату кибриёии ӯ. Ва зарфи заррини офтоби нуронӣ ва пар-

---

1 Қуръон, сураи 37, ояи 62.
2 Қуръон, сураи 14, ояи 26.

даи мушкфоми зулмонӣ муҳаққари тосу фӯтаест, аз барои камина гадои бесарупои ӯ. Сонее, ки буюти ҳафтгонаи ҳаммоми aқолими сабъаи рубъи маскунро аз барои тазйин ва тафреҳи фарзандони Одам гарму сарду муътадил тартиб дод ва шишаҳои дурахшандаи нуҷумро ҷиҳати равшанӣ бар фарози қуббаи сақфи лоҷвардӣ ниҳод. Ва дуруди номаъдуд бар расуле, ки аз барои ҳаммомдории саробӯстони ҷалолаш Нӯҳ баҳри обкашӣ ва Иброҳим барои гулхантобӣ камар баста ва Мӯсову Исо ҳаллоқӣ ва фӯтадорӣ ихтиёр намуда ва Сулаймон бар сари тахт нишаста».

Мултамаси сеюм қаболаи чаҳорбоғ ва он ин аст, ки марқум гардид:

«Ҳамди беҳад ва санои беадад ҳазрати Худовандеро, ки қудрати комила ва ҳикмати шомилаи худ чаҳорбоғи фасеҳулфазои олами сифлиро ба чордевори пойдори аносир муҳкаму мазбут гардонида ва тарроҳи ҷаҳонорои тақдираш ба дастёрии боғбони сунъ чаҳорчамани рубъи маскунро ба сарви боло ва нахли қомати авлоди Одам дар ҳусну латофат ба равзаи ҷанноти адн расонид. Ва дуруди хуҷаставуруд бар он хоҷае, ки шаҷараи Сидра ва Тӯбо камина ниҳолест аз боғчаи бӯстонсарои камоли ӯ. Ва наҳри Салсабил муҳаққар ҷӯйчае аз муҳити макрумати ифзоли ӯ, саллаллоҳу алайҳи [ва ало] олиҳи ва саллам».

## [9]
## ГУФТОР
### дар рухсат талабидан аз Убайдуллоҳхон ва тавaҷҷуҳ намудан ба вилояти Туркистон

Чун тавотури алтоф ва такосури аътофи олиҳазрати хоқонии сулаймонмаконӣ Абулғозӣ Убайдуллоҳ Баҳодурхон ба ин камина соатан фа соатан бил лаҳзатан фа лаҳзатан монанди давлати рӯзафзун ва иқболи саодатмақрунаш дар тараққиву тазоюд буд ва саҳоби макруматаш ба амтори иноят таровату назорати раёҳини басотини маобу омол меафзуд, сарсари ҳасади ноираи кин дар конуни синаи арбоб адоват бармеафрӯхт ва хирмани сабру тоқати эшонро ба тамом бисӯхт. [Байт]:

Тавонам он, ки наёзорам андаруни касе,
Ҳасудро чӣ кунам, к-ӯ ба худ ба ранҷ-дар аст?
Бимир, то бираҳӣ, эй ҳасуд, к-ин ранҷест,
Ки аз машаққати он ҷуз ба марг натвон раст.

Бариди андешаи фикратпеша ба атрофу акнофи олами тадбир шитофт, ба ҷуз тариқи муфорақат ва сабили мубоадат аз он атабаи фалакмасири аршназир махласе наёфт. [Байт]:

Ба захми сангам аз кӯяш фалак овора месозад,
Фалохан аз маҳи нав, санг аз сайёра месозад.

Ва ҳазрати махдумӣ, истизҳорӣ, ифтихорӣ Саййид Шамсуддин Муҳаммадро муддати мадид буд, ки доияи тақбили остони фалакошёни олиҷаноби нақобатинтисоб, сайёҳи мизмору-л-ҳақиқа би азиммати-т-таҳқиқ, ғаввоси биҳору-т-тариқати би иъозатиҳи-т-тавфиқ, султонулавлиё, бурҳону-л-атқиё қутбу-л-автод ва-л-ақтоб Амир Саййид Абдуллоҳ ал-мулаққаб ба Амири Араб, ки дар вилояти Туркистон дар балдаи Саброн таваттун доштанд, мусаммам гардида буд. Аммо ин камина бар он буд [ки] сафари Ҳиҷоз ва рӯй овардан ба Каъбаи ниёз ва қиблаи намоз ансабу авло менамояд. Ва дар муторахаву музокараи ин будем, ки толибилме даромад ва дар дасти вай девони ҳазрати ҳақиқатпаноҳӣ, нуру-л-миллат ва-д-дин Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ буд. Ва аз барои ҳамин мақсуд ва ҳасбулҳол гушода шуд. Ин байт баромад, ки:

Ҷомӣ, аз мулки Хуросон чӣ кунӣ азми Ҳиҷоз,
Чун туро Каъбаи мақсуд ба Туркистон аст.

Бар ҳамин қарор ёфта, аз [ҳазрати] Убайдуллоҳхон рухсат ҳосил карда, мутаваҷҷеҳи Туркистон шудем.

Ин сафар дар вақте буд, ки хусрави Ховар дар бурҷи Саратон суродиқоти иҷлол зада буд [ва] аз ғояти шиддати ҳарорат аз қуруни Саври Ҳамал таманнои истизлол менамуд. Гоҳе орзуи он мебурд, ки аз баҳри дафъи гармо дар Далви фалак нишинад ва гоҳе майл мекард, ки дар сояи шиками Асади гардун манзил гузинад. Шиддати гармо ба масобае буд, ки зиреҳ бар пушти моҳӣ дар қаъри баҳри муҳит гузор меёфт ва ҳарорати [ҳаво кураи] хокро чун кӯраи оҳан метофт. Аз фарти ҳарорат бими он буд, ки дурри ятим дар синаи садаф чун ашки ятим қатраи об гардад. Ва лаъл дар дурҷи кон чун сиришки дидаи ошиқон қатраи хун шавад. [Назм]:

Ҳаво чун ишқи ҷонон гармбозор,
Зи оташ об сӯзонтар ба сад бор.
Зи тоби Меҳр оташ об гашта,
Гудозон сим чун симоб гашта.
Садафро дар миёни баҳри заххор
Гуҳар дар сина ҳамчун донаи нор.

Ва дар он вақт аз ғояти сухунат ин сухан ба табиат мувофиқ гашта буд, ки [шеър]:

Гарм чунон гашта, ки гар дар ҷаҳон
Нор бигӯянд, бисӯзад даҳон.
Халқ кашон дар панаҳи соя рахт,
Соя гурезон ба паноҳи дарахт.
Шаб шуда чун рӯзи вай андар гудоз,
Рӯз чу шабҳои зимистон дароз.

Чун ба муқтазои қазои илоҳӣ аз доруламони вилояти Бухоро ба биёбони Туркистон даромадем, баъд аз чанд рӯз ба бодияе расидем, ки об дар вай ба ҷуз сароб набуд ва аз он луҷҷаи хунхор ба ғайр аз косаҳои сари саргаштагон наменамуд, надонам, ки аз вазидани бод амвоҷ бар рӯйи рег намоён шуда буд ё устухонҳои паҳлуи гумгаштагон аз зери пардаи ғубор менамуд ё худ гӯйӣ, ки адими замин аз шиддати тоби офтоб дар ҳам хазида аз таҷарруи хуни лаби ташнагони талхком он замин рӯй дар ҳам кашида. [Байт]:

Магӯ, ки қатъи биёбони ишқ осон аст,
Ки кӯҳҳои бало реги ин биёбон аст.

Гоҳе аз суубати ҳарорат соя дар зери хори муғелон маскан карда буд ва гоҳе аз ғояти изтироб худро дар чоҳ афканда. [Байт]:

Оҳу, ки дар офтоб мегашт,
Бо равғани худ кабоб мегашт.

Алқисса, ба ҳамроҳии бадрақаи илоҳӣ аз он биёбони номутаноҳӣ ба саломат ба вилояти Туркистон расидем. Дар ин роҳ ба мадҳу манқабати Амири Араб ин ғазал тартиб ёфт. Ин аст:

Ё ман ала-л-халоиқ би-л-иззи ва-н-насаб,
Мавлои мулки турку аҷам, саййиди араб.
Роят сарои доираи шаръро мадор,
Саъйи ту фатҳи лашкари исломро сабаб.
Сарсабз сохтӣ чамани шаръ з-оби лутф,
Хошоки куфр сӯхтӣ аз оташи ғазаб.
Бар хоки даргаҳи ту салотини рӯзгор
Ҳар сӯ ниҳода рӯйи ниёз аз раҳи адаб.
Султони авлиёиву бурҳони атқиё,
Қутби замону Ғавси ҷаҳон шуд туро лақаб.
Хонанд халқ мадҳу санои ту субҳу шом,
Гӯянд хосу ом дуои ту рӯзу шаб.
Шуд умрҳо, ки металабидам ба ҷидду ҷаҳд
Тақбили остони рафеи туро зи Раб.
Шукри Худо, ки ёфтам аз фазли зулминан
Накди муроди хеш ба бурҳони ман талаб.
Чун Восифӣ ба силки сагони ту бор ёфт,
Бас бошадаш ба дунйиву уқбӣ чунин ҳасаб.

* * *

Чун ба шаҳри Саброн даромадем ва он чунон шаҳрест, ки аз рӯйи истеҳком бо бинои фалаки нилифом паҳлуи муборот мезанад ва дар хушии обу ҳаво бо риёзи ҷинон даъвии мусовот менамояд; хандақаш дар умқ аз Гов [ва] Моҳии Замин он миқдор, ки аз Моҳ то ба моҳист, гузашта ва борааш дар баландӣ ба мартабае, ки аз Гов [ва] Моҳии осмон ба миқдори силсилаи номутаноҳӣ таҷовуз намуда, чунончи мегӯяд:

Ҳаббазо қалъаи Саброн, ки зи Кайвон то вай
Он қадар ҳаст, ки аз рӯйи Замин то ба фалак.
Нисбаташро ба фалак гар ту бидонӣ, гӯйӣ,
К-ин бувад фавқи симоку бувад он таҳти самак.

Ва ба истишмоми атабаи он оличаноб шарафи истисъод муяссар шуда, он миқдор лутфу ғарибпарварӣ ва илтифоту иноятгустарӣ ба зуҳур расониданд, [ки] ҳар[гиз] ушри ашири он ба хотир хутур намекард. [Байт]:

Аз он тараф напазируфт қадри ӯ нуқсон
В-аз ин тараф шарафи рӯзгори мо гардид.

Ва ба силаи ғазали мазкур сарупои хоссаи худро каромат фармуданд. Дар даруни қалъаи Саброн бонии мабонии адлу эҳсон ҳазрати Убайдуллоҳхон ба бинои мадрасае амр фармуда буданд, ки қуддусиёни малои аълои кавокибу нуҷуми сипеҳрро, ки хиштпораҳои Байтулмаъмур иборат аз он тавонад буд, аз барои бинои он мадраса дар майдони фалак ҳар тараф анбоштанд. Аммо меъморони нодиракораш онҳоро лоиқ надида, ҳамчунонаш дар саҳрои фалак пароканда гузоштанд. Шабу рӯз анбару кофури шому субҳро аз барои гил дар майдони сипеҳр басе мукаммал сохтанд, лекин муҳандисони устодкораш муносиб надида ба он напардохтанд. Гардун аз барои шамсаи пештоқи айвон ва аз баҳри қолаби паҳлуи рафеъулмаконаш Хуршеду Ҳилолро муҳайё сохта, писанди кори эшон наёмада, лочарам ҳар кадомро ба гӯшае андохт. [Назм]:

Осмон ҳалқаи заррини Ҳилол
Аз барои дари ӯ кард хиёл.
Меххои зари анҷум магараш,
Ки фалак сохта аз баҳри дараш.
Зулфи дилдор зи занҷираш бин,
Гираҳ андар гираҳу чин дар чин.
Буд ҳар ҳуҷраи ӯ қасри биҳишт
В-андар ӯ турфа буте ҳурсиришт.
В-андар он фирқаи толибилмон,
Чун ки дар равзаи Ризвон ғилмон.

Бар ду китфи айвонаш ду манори рафеъ[ул]миқдор тартиб ёфта, дар ғояти баландиву ниҳояти арҷмандӣ, ки агар сипеҳр дар муҳозияш шиками худро дарнапечидӣ аз нӯки манҷуқи

айюқ шикофаш тиҳигоҳи худро чок-чок бинад. Яке аз хуштабъони он мадраса он айвонро ба Заҳҳоки Морон ташбеҳ карда. Ва наздик ба гулдастаи он ду манор занҷире бастаанд ва дар таҳти қуббаи ҳар як аз он ду манор чӯбе таъбия кардаанд, [ки] ҳар гоҳ касе як чӯбро ба қувват ҳаракат медиҳад, он занҷир ба ҷунбиш дармеояд ва касе, ки дар манораи муҳозии он аст, ӯро таваҳҳум мешавад, ки манорро аз ҳам фурӯ хоҳад рехт. Ва ин аз аҷоиби олам аст. Доруға ва соҳиби насақи он имирати оличаноби вазоратмаоби осафманоб Қивомуддин Хоҷа Султон Иброҳим буд, ки то Уторид муншии фалаки нилгун аст, маншури вазорат ба номи чун ӯ соҳибраъйе нанавишта; ва то Офтоб подшоҳи кавокиб аст, монанди ӯ дастуре бар маснади вазорат нанишаста, ончунон буқъае сохт ва мадрасае пардохт, ки то сонеи ҷаҳонофарин ва мубдеи фотири-с-самавоти ва-л-арзи[1] тоқи нуҳравоқи гардунро сохта ва нақши китобаи онро ба қалами инно зайанна-с-самоа-д-дунё бизинатини-л-кавокиби[2] пардохта, ба рафъату зеби он иморат бар басити ғабро биное ба зуҳур наёмада.

Баъд аз итмоми он иморати олимақом [Абулғозӣ] Убайдуллоҳ Муҳаммад [Баҳодур]хон аз Бухоро ҷамъе аз муқаррабони боргоҳу нуввоби даргоҳи олампаноҳи худро бо туҳафу [ҳадоёи] лоиқа ва инъомоту ташрифоти фоиқа ба вилояти Саброн фиристода, ҷамеи аҳоливу маволӣ ва уламову фузалои Туркистонро ҷамъ сохта, оличаноби сиёдатмаоби нақобатаёб фаридулъаср ва ваҳидуддаҳр Мавлоно Саййид Шамсуддин Муҳаммади Куртиро мударрис гардониданд.

Ҳазрати Мири Араб дар маҷлиси иҷлос фармуданд, ки азизонро, ки дар маҷлис ҳозиранд, ба хотир [чӣ] мерасад, ки [мисли] ин мадраса ба зебу тазйини [мин ҳайс-ул-макон в-ал-макин дар вилояти Хуросон ва Мовароуннаҳр, балки дар ҳамаи рӯйи замин] буда бошад? Дар он маҳфил баъзе азизон буданд, ки аксари рубъи маскунро ба ақлому ақдом дарнавардида буданд ва монанди паргор ба гирди нуқтаи олам гашта, қасам ёд карданд, ки аз ниҳояти Ҳинд, ки Сарандеб аст, то ғояти Рум ва

1 Қуръон, сураи 6, ояи 14.
2 Қуръон, сураи 37, ояи 6.

ақсои Хитой то он ҷое, ки Андалус ва мишкоти Мағриб аст, сайр кардаем, инчунин ҷамъе дар ҳеч ҷо надидаем ва нашнидаем. Дар он маҷлис аз ҷавонони сокини он мадраса, ки дар камоли қобилияту салоҳият буданд ва дар майдони ҳусну сабоҳат ва хубию малоҳат гӯйи латофат аз офтоби тобон ва моҳи дурахшон мерабуданд, аз панҷоҳ мутаҷовиз буданд.

Баъд аз панҷ рӯз аз Бухоро мужда расид, ки ҳазрати Ҳаққ субҳонаҳу ва таъоло Убайдуллоҳхонро фарзанди арҷманде каромат фармуда. Аз ҳазрати Мир тасмияи он фарзандро илтимос намуданд. Он ҳазрат аз барои тасмия ва таҳнияи он шоҳзода ба ин камина китобе ишорат фармуданд ва он китоб ин аст:

«Ҳар гавҳари бадеъ, ки аз маъдани маъдалат зоҳиру ломеъ мешавад ва ҳар ахтари рафеъ, ки аз уфуқи давлату салтанат толеъ мегардад, мӯҷиби издиёди маводди шавкат ва мусмири инсидоди қавоими ҳашамату рифъат аст. Алминнатулиллоҳи таъоло ва тақаддус, ки боз тоҷи давлати безавол ва афсари ҳишмати абадиулиттисол ба дурдонаи ягонаи баҳри давлату иқбол муҷаддадан мурассаъ гардид [ва] сипеҳри салтанату камол ба ламаони ахтари масъудфоли бурҷи азамату ҷалол музайян шуд.[Байт]:

Умри абадӣ бод падаррову писарро,
Бахти азалӣ бод ҳам инрову ҳам онро.

Ҳаққо, ки аз ин навиди рӯҳбахши ҷонфизо чандон фараҳу сурур ва завқу ҳузур рӯй намуд, ки фавқи он мутасаввир набошад. Иншоаллоҳу таъоло, ки он дурри ягонаи некахтар бо он гавҳари азизи дигар дар силки салтанату давлат абадуддаҳр муҷтамаъ ва мунтазам бошад.

Баъдаҳу маъруз медорад, ки дар он вақт, ки фарзанди арҷманд Абдулазиз, лозола каисмиҳи азизан, аз макмани ғайб ба ҳаййизи вуҷуд омад, аз барои тасмияи ӯ ба Каломуллоҳ тафаъъул намуда шуд. Ин калом баромад, ки «ҳува-л-азизу-р-раҳим» тасмияи он фарзанд ба «Абдулазиз» қарор ёфт. Ва чун ин калом муштамил бар ду ном буд, мунҳийи ғайб ба гӯш расонид, ки аз олами ғайб як фарзанди дигар ба зуҳур хоҳад пайваст, ки мусаммо ба он номи дигар гардад. Ва [алҳамду] лиллоҳ, ки он низ муяссар гардид. Зилли олӣ лоязол бод!»

* * *

Ва аз умури ғариба, ки дар Туркистон мушоҳида кардем, он буд, ки Амири Араб дар якфарсангии Саброн ду корез ҷорӣ карда буданд, ки мусофирони барру баҳри олам мисли он ду корез ба ободонӣ ва маъмурӣ дар маъмураи олам нишон намедоданд. Ва қариб ба дивист ғуломи ҳиндустонӣ лоянқатаъ дар он корез кор мекарданд. Ва сари он ду корез қалъае бино карда, ки дурҷи фатҳ ба мафотеҳи тадобири башар мафтӯҳ нагардад ва ғавомизи мушкилоттасхираш бо масотиру ҳавошии замири ҳеч вазиру амир машруҳ нашавад. Дурраи тамликаш ба алмоси ройи роёни мутакаббир ва ҳокимони мутамаййиз ба касрати асокир ва уддату иддати вофир мағлуби ҳеч кас наёяд. Ва дар даруни он қалъа чоҳе эҳдос намуда буд, ки умқаш ба дивист газ расида буд. Ва доияаш он буд [ки] умқи онро ба баҳри Муҳит расонад. Ин камина аз рӯйи густохӣ ба арз расонид, ки ин хаёлро халоиқ муҳол мешуморанд ва дар доираи хаёл медоранд. Амир хандон шуданд ва гуфтанд, ки:

– Дар Қайравони Мағриб шаҳре дидаам, ки подшоҳе дар вай чоҳе канда ва умқи онро ба сатҳи Муҳит расонида ва аз он обе мунфаҷир гашта, ки як манораавор баланд мерезад ва чаҳор шаҳр аз он маъмур аст; аз куҷо ин чоҳ мисли он нахоҳад шуд? [Байт]:

> Агар гӯйӣ, ки битвонам, қадам дарнеҳ, ки битвонӣ
> В-гар гӯйӣ, ки натвонам, бирав, биншин, ки натвонӣ.

[Байт]:

> Ба ҳар коре, ки ҳиммат баста гардад,
> Агар хоре бувад, гулдаста гардад.

Аз рӯйи замин то об панҷоҳ газ буд ва умқи он яксаду панҷоҳ газ ва он миқдор обро бармекашиданд. Ва далви азиме сохта буданд ва бар як ҷониб сардобае [сохта]. Як ҷуфти говро ба гирди он чоҳ ба он далв мебастанд ва он говонро дар он сардоба меронданд. Чун ба ниҳояти сардоба мерасиданд, далв аз чоҳ бармеомад ва об мерехт, баъд аз он кор мекарданд. Иттифоқан он чоҳ дам пайдо кард ва кор кардан мутааззир шуд. [Мисраъ]:

> Натавон рафт дар он чоҳ, ки дам пайдо кард.

[Ва кор мутаассир шуд]. Як ҷониби чоҳро микдори ҷӯйча то қаъри чоҳ кананд ва ба шакли остине аз чарм дӯхта, дар он ҷӯйча ниҳода, муҳкам сохтанд ва бар сари он дами оҳангарӣ низ тартиб намуданд ва медамиданд ва устодони нақбкан ба кор машғул буданд ва ҳар кадом аз нақбканон ду каду бар ду рони худ баста кор мекарданд, ки агар об ба як бор мунфаҷир гардад, дар зери об ҳалок нашаванд. Ту гӯйӣ, ки он чоҳи ҳавлнок аждаҳоест, аз ҷониби дум то даҳон ба замин фурӯ рафта ё худ гӯйӣ нишони мехи шомиёнаи ҷоҳу ҷалоли ҳазрати Мир аст, ки фарроши сунъи илоҳӣ дар замин кӯфта ё ахточии лутфи эзадӣ гӯӣ замин сӯрох карда, бар думи рахши сабзхинги фалак аз барои савории он шоҳсавори араб дафъи захми чашм сохта. Не, не, ки чоҳи зақан рӯйи золи замин аст, ки дили ончунон соҳибдилеро дар қаъри чоҳ андохта. Ва дар ҷавори он ду корез [ду чашма буд, ки] монанди чашми ошиқон аз ҳасад зор-зор мегиристанд ва бо сели ашки фаровон ва чокҳои синаи вайрон мезистанд. Хоҷаи мазкур он корезро вақф гардониданд [ва] аз ин камина вақфия илтимос намуданд. Ва хутбаи он вақфия ин аст, ки навишта шуд.

[Хутбаи вақфия]:

«Латоифи маҳомиде, ки чун зулоли Салсабил аз манобеи қулуби арбоби маориф бар анҳори алсина ҷорӣ гардад, масруфи ҳадоиқи ҷаноби қудси молику-л-малакӣ, ки ба оби ҳаёти рӯҳ, ки аз муҳити қудрати ӯ қатрае ва аз уммони макрумати ӯ рашҳаест, эҳёи амвоти арозии мавоти ҷасади одам намуд ва ба карима ва нафахту фиҳӣ мин рӯҳӣ[1] ба он ишорат намуд; ҳакиме, ки тухми муҳаббати донаи гандумро дар риёзи фирдавси барин дар замини дили Одами хокӣ рехт ва фарзандони вайро дар хокдони ғабро ҷиҳати зироати он барангехт; қодири қадиме, ки деҳқони сунъи пуркамолаш мазрааи бофазои чархи ахзариро ба мои маъини Нaййири Аъзам, ки рашҳае аз қанавоти ҷориёти ҳикмати ӯст, ба муқтазои ва лақад зайянна-с-самоа-д-дунё би зинатини-л-кавокиби[2] му-

1 Қуръон, сураи 15, қисмате аз ояи 29.
2 Қуръон, сураи 37, ояи 6.

зайян гардонид. Музореи мазореи қудраташ аантум тазраъунаҳу ам наҳну-з-зориъуна[1] аст ва мушореи қанавоти раҳматаш ва фаҷҷарно фиҳомина-л-ъуюн[2]. Подшоҳе, ки Сунбулаи гардун, балки хирмани чархи нилгун дар кишти азамати вай камтар аз барги коҳ аст ва марғзори сипеҳри хазро Ҳамалу Саври фалакро, ки парвардаи неъмати ӯст, муҳаққар чарогоҳе. Қуддусе, ки аккори мазореи инъомаш ҳар шом донаҳои нуҷумро аз Коҳкашон ҷудо карда, бар табақи сипеҳр резад ва мурғи [фалак]ошёни сабӯҳ ҳар вақт субҳдам онро туъма ва қути худ созад. [Байт]:

Чунон паҳн хони карам густарад,
Ки Симурғ дар Қоф рӯзӣ х(в)арад.

Ва вазоифи номаъдуд ва дуруди номаҳдуд бар Расуле, ки ҳанӯз деҳқони тақдир тухми ҳастии коинотро дар замини вуҷуд напошида буд, ки ниҳоли иқболи ӯ аз ҳарими ҷӯйбори кунту набийййан ва одаму байна-л-мои ва-т-тини сар кашида буд. Пайғомбаре, ки васиқаи малакияти инсонро ба тавқеи ман аҳё арзан маййитан, фаҳия лаҳумусаҷҷал гардонид ва киштзори фохираи ад-дунё мазраъату-л-охират» ба зулоли афзоли шариати байзо маъмур ва мукаммал сохт. Аммо баъд, бар замоири басоири улилайдо ва-л-абсор махфӣ ва маҳҷуб намонад, ки ҳазрати набавӣ, алайҳи-т-таҳия ва-с-салом дунёро мазрааи охират гуфтаанд, ки: ад-дунё мазраъат-ул-ахирати, яъне, ҳар кас дар мазраае ҳар чӣ мекорад аз тухми хайру шарр, дар қиёмат, ки явми ҳисод аст, он бармедорад. [Байт]:

Деҳқони солхӯрда чи хуш гуфт бо писар,
К-эй нури чашми ман, ба ҷуз аз кишта надравӣ.

Пас, ба муқтазои фаҳвои ман кона юриду ҳарса-л-охирати назидлаҳуфӣ ҳарсиҳи ва ман кона юриду ҳарса-д-дунё нуътиҳи минҳо ва молаҳуфи-л-охирати ми-н-насибин» хуш ҳоли он олиҳиммате, ки аз мазмуни ин оят ҳиссае бардорад ва оби ҷӯйбори ҳиммати олинаҳматро аз замини шӯразори хаби-

---

1 Қуръон, сураи 56, ояи 64.
2 Қуръон, сураи 36, қисмате аз ояи 34.

саи дунё, ки вааллазӣ хабуса ло яхруҷу илло накидан[1] оятест дар шаъни ӯ сарф карда, ба арозии таййибаи умури ухравӣ ва-л-баладу-т-таййибу яхруҷу наботуҳу биизни Раббиҳи иборат аз он метавонад буд.

[Мисраъ]:

Ин кори давлат аст, кунун то киро расад.

Дар ин вақти ҳумоюн ва асри маймуни оличаноби маъолинисоби рафъатинтисоб, саодатиктисоб, соҳиб-ул-аъзам ҳовии қавоид-ул-маҷд ва-л-карам хулосат-ул-акорим нақоваи зул-макорим нури ҳадиқат-ул-аолӣ, нури ҳадиқат-ул-макорим ва-л-маолӣ маъдани ҷавоҳир-ул-карам ва-л-эҳсон, махзани нафоис-ул-афзол в-ал-имтинон ал-мухтасс би авотифи малик-ил-қавим Хоҷа Низомуддин Султон Иброҳим ба ин давлати кубро ва саодати узмо муваффақ гашта, аз сирри маънии мо индакум янфаду ва мо индаллоҳи боқин[2] воқиф гардид ва вақф мутлақ гардонид аз он чӣ ҳақ ва мулки ӯ буд ва дар таҳти тасарруфи моликонаи худ дошт, то замони ин вақф».

* * *

Ва аз оби ин корез чаҳорбоғе сохта буд, онро низ вақф гардонид ва хутбаи вақфияи он чаҳорбоғ ин аст:

«Сипоси беҳад ва ситоиши беадад Сонеъеро сазад, ки чаҳорбоғи фасеҳу-л-фазои фалаки нилуфариро ба гулу раёҳини кавокиби дурахшон ва азҳори ҳамешабаҳори савобити нурафшон пардохт ва чамани мусаддаси олами суфлоро ба гули рухсор ва сарви қомати хушрафтори авлоди Одам, рашки фирдавси барин ва ғайрати ҳурулъин сохт. Қодире, ки ҳар бомдод боғбони сунъи пуркамолаш гулҳои шукуфтаи савобиту сайёрро аз гулбуни фирӯзафоми гулшани ахзарӣ барчида, дар чодари шаби кофурии субҳи содиқ мерезад. Ва насими субҳдам авроқи азҳори шукуфаи бӯстони нилуфариро бар фарқи муоширони олам хок мебезад.

Ва дуруди номаъдуд бар Расуле, ки фалаки ахзарӣ ғунчаи нилуфарест аз гулистони иззату камоли ӯ ва меҳри анвари

1 Қуръон, сураи 7, ояи 58.
2 Қуръон, сураи 16, қисмате аз ояи 96.

гули садбаргест аз бустони азамату ҷалоли ӯ, саллаллоҳу алайҳи ва ало олиҳи ва саҳбиҳи ва саллам таслиман касиран касиран ва салӣ ало ҷамеъу-л-анбиё ва-л-мурсалин».

* * *

Ин мактуб низ бо илтимоси хоҷаи мушорунилайҳ навишта шуд.

«Чун ҳамвора аз гулшани чархи нилгун барои арбоби вафо гули навмедӣ мешукуфад ва аз гулгашти чамани даҳри буқаламун ҳамеша хори меҳнат дар пойи дили аҳли сафо мешиканад. [Байт]:

Аз гулшани фирӯзаи чархам чӣ гушояд?
Мурғи дили меҳнатзадагонро қафас аст ин.

Пас, ҳамон беҳтар, ки марди оқил ғунчавор сар ба гиребони номуродӣ фурӯ барад ва ба тамошои сиробӯстони равзаи дил, ки лолазори олами ҷон аст, машғул бошад. Ғараз он, ки баъд аз ташриф бурдани он ҷаноб ба соате дар гулистони Саброн тозагуле шукуфт, ки аз накҳати он димоғи ошуфтаи асирони хористони [меҳнат] муҳаббат гардида, агар иноят намуда монанди насими ҷонфазои субҳдамӣ бар бустони дӯстон убур намоянд, аз камоли лутфу эҳсони эшон ғарибу бадеъ нахоҳад буд».

## [10]
## ГУФТОР
### дар таърифи вазири ҳазрати Убайдуллоҳхон

Олиҳазрати салтанатманқабати ҷамшедмартабати хуршедрафъати баҳромсавлат Убайдуллоҳ Баҳодурхонро вазире буд, Хоҷа Низом ном, ки муставфии девони инояти аълои хоқонӣ ба қадри қобилият ва андозаи саҳоиф дафтари аҳволи истеъдодашро ба руқуми маҷду ҷалол ва фазлу ифзол зинат дода, бар зилъи ҳар фарде аз авроқи айёму лаёлии рӯзгори давлаташ рӯзномачаи саодат бар ҳашв ниҳода ва таърихи иқбол бар бориз оварда, ба арқоми минҳо ва мин золика ороста дошта. Аз муҷмалу муфассали авотифи чандон, ки мизони қиёси фозил омада, аз мароҳими беҳисоб ва макорими бешумор дафъае боқӣ нагузошта буд. Фалоҷарам аворидаи ҷамъу харҷи авқоти фархундасоотаeasy, ки оҳоди он ба ашарот ва миоти он ба улуф мақрун буд – бар ваҷҳе қарор ёфта буд, ки ба ҷойизаи фасавфа юҳосабу ҳисобан ясиран[1] мусаҳҳаҳ гашта. Дар мадраҷи ва-л-боқиёту-с-солиҳоту хайрун ъинда раббика савобан ва хайрун амалан[2] беҳакку ислоҳ масуну маҳрус монда буд. Сора мин золикаин маҷмӯъ он, ки пайваста давои хотири файёзи ҳазрати аълои хоқонӣ, ки феҳрасти адлу эҳсон ва баҳруссиёқи муҷмалоти фазлу имтинон буд, бар он мавқуф дошта, ки тамомии ашғоли мамлакат ва ҳамагии аъмоли салтанат аз ҷазру маҷзур ва зарбу мазруб ба кафи кифоят ва яди дирояти вай муфаввазу мавкул бошад. Муддати мадид ва аҳди баид бар ин қонун саъйю кӯшиш намуд, ки аз вай фавтеву ҳашве бориз нагардид ва дар тавфиру таксири моли девонӣ эҳтимом намуда, ҷониби раият маръӣ дошта, абвоби зулму хиёнатро билкуллия масдуд гардонида [буд].

Ва шуҳрати тамом дорад, ки Хоҷа Низомро мувозии сад ҳазор байт аз ашъори ғаррои мутақаддимин ва мутааххирин аз қасоиду ғазалиёт ва рубоиёту маснавиёт аз ҳаҷвиёту мадоеҳи макнузи замир мунир буд. Ва машҳур аст, [ки]

---

1 Қуръон, сураи 84, ояи 8.
22 Қуръон, сураи 18, ояи 46.

тақрибхоне ҳаргиз мисли ӯ касе ёд надорад. Ва ин рубоӣ ин камина аз эшон ёд дорад:

Роҳест зи Каъба то ба мақсад пайваст,
Аз ҷониби майхона раҳе дигар ҳаст.
Лекин раҳи майхона зи ободонӣ
Роҳест, ки коса метавон дод ба даст.

Ҷамъе аз умаро ва аркони давлати Убайдуллоҳхон Хоҷа Абулбақои Самарқандӣ, ки машҳур ба Хоҷаи Хурд аст ва Хоҷа Мирдӯсти Марвазиро дар пеши Убайдуллоҳхон таърифи бисёр карданд ва дар мақоми инҳидоми мабонии ҷоҳу ҷалол ва ҳишмати Хоҷа Низом эҳтимоми [тамом] ба ҷой оварданд. Хоҷа Низом ба ҳукми он, ки илоҷи воқеа пеш аз вуқӯъ бояд кард, мутаваҷҷеҳи боргоҳи олампаноҳи гардуништибоҳ Амири Араб ба вилояти Туркистон шуда, иттифоқан вақти намози хуфтан буд, ки иқболвор бар остони қудсии ошёни Мир нузул намуд. Ҳазрати амир ӯро эъзозу икроми бисёр намуда, ба дарсхонаи мадрасаи Убайдуллоҳхон фуруд оварданд. Он шаб фақир дар мулозамати эшон будам. Мулоҳаза карда шуд, [ки] дар ҷамеи авқоти [умр] ҳаргиз ба фасоҳату балоғат ва малоҳату зарофат мисли ӯ ба хотир нарасид, ки мулоқот карда шуда бошад. Қариб ба субҳ буд, ки шахсе таркашбаста мукаммалу мусаллаҳ аз дари ҷамоатхона даромад. Хоҷа гуфт:

– Эй, фалон аз куҷо меоӣ ва хабар чӣ дорӣ?

Гуфт:

– Аз Бухоро меоям ва хабар ин аст, ки хонаи шуморо ғорат карданд ва писари шуморо гирифта, ба изову ҷафояш машғул шуданд, аммо аҳли байт ва ҳарами шумо ба саломат гурехтанд ва ба хонаи дӯстон мухтафӣ шуданд.

Хоҷа ин суханро, ки шуниданд, табассуме карданд ва боз бар сари ҳамон ҳикоят, ки мегуфтанд, рафтанд ва ба ҳамон обу тоб машғули гуфтугӯй шуданд, ки як зарра тағйиру табдил дар зоти эшон пайдо нашуд. Ва ин аз ғароиби умури олам аст!

Алассабоҳ ҳазрати Амири Араб ба мадраса ташриф оварданд ва Хоҷа Низомро истимолат намуда, дилдории камоянбағӣ ба тақдим расониданд ва фармуданд, ки:

– Бар фавоти ашёи олам ғам намебояд хӯрд, чунонки гуфтаанд:

Забару зер агар шавад олам,
Эй Бадахшӣ, чӣ ғам, чу даргузар аст!
К-ин фалак ҳамчу шишаи соат
Соате зеру соате забар аст.

Хоҷа Низом ба ин қиъаи Ибни Ямин ратбуллисон гардиданд, ки:

Ибни Ямин, агар ҳама олам ба коми туст,
Бояд к-аз он фараҳ нафизояд дили туро.
В-ар мулки коинот зи дастат бурун шавад,
Ҳон! То ғамаш зи ҷо нарабояд дили туро.
Чун ҳасту нест ҳар ду намонад ба як қарор,
Бояд к-аз ин ду ёд наёяд дили туро.

Қосиде, ки омада буд, маъруз дошт, ки:

– Дар Бухоро хабариароҷифе афтода буд, ки зоти олисимоти ҳазрати Мирро оризае даст дод ва ҳикоёте мегуфтанд, ки забонро ёрои гуфтани он нест.

Хоҷа Низом ба ин ду байт мутаранним гардид:

Харонро намоянд ҳар шаб ба хоб,
Ки полонгаронро бибурдаст об.
Чу полон ба пушти харон барниҳанд,
Бидонанд, полонгарон зиндаанд!

Амир мутағаййир гашта, яроқи сафари Бухоро карда, баъд аз се рӯз монанди қазои мубрам ба ҳамроҳии Хоҷа Низом мутаваҷҷеҳи вилояти Бухоро шуданд. Чун мавкиби ҳишмати маноқиби Амири Араб наздик ба қасабаи Ғиҷдувон расид, ҳазрати Убайдуллоҳхон бо тамоми умарову вузаро ва аркони давлат ва акобиру аолӣ ва афозилу аҳолӣ ва ашрофу аърофи вилояти Бухоро ба истиқбол мутаваҷҷеҳ шуданд. Аз як мил роҳ, ки дидаи Убайдуллоҳхон мукаҳҳал ба ғубори мавкиби он шаҳсавори Араб гардид, бо ҷамъе сипоҳ аз асп пиёда шуда, касе пеш фиристод, ки ҳазрати Амир, албатта, иноят карда, аз асп фуруд наёянд. Убайдуллоҳхон пиёда ва Амири Араб савора мулоқот карданд. Аз мақоми мулоқот то шаҳр масофати ду фарсанҷ буд. Амири Араб аз бевафоӣ ва беэътибории дунё ҳикоят мепардохт ва Убайдуллоҳхон аз саҳоби дида хоки роҳро гил месохт. Аз ҷумлаи абёти арабӣ ва форсӣ, ки бар сафҳаи баён омад, ин абёт буд, ки навишта шуд:

Иннама-д-дунё фаноун лайса ли-д-дунё субут,
Иннама-д-дунё кабайтин нассаҷатҳа-л-ъанкабут.

[Байт]:

Ё ман би дунёҳу-штағал,
Қад ғарраҳу тулу-л-амал.
Ал-мавту яъти бағтатан
Ва-л-қабру сундуқу-л-ъамал.

[Байт]:

Ва ман ярҷу мина-д-дунё вафоан,
Каман ярҷу шаробан мин сароби.
Юнодӣ моликун фӣ кулли явмин,
Лиду лилмавти ва - бну лилхароби.

Фармуд, ки эй фарзанд, воқиф бош, [ки] муҳтолаи дунё туро фиреб надиҳад ва мурғи дилатро дар доми ғурур наяфканад ва мал-ҳаёту д-дунё илло матоъу-л-ғурури[1] ва ин қитъаи Ибни Яминро хонданд:

Шунидам, ки Исо, алайҳиссалом,
Тазарруъкунон гуфт, ки «-Эй Кирдгор,
Ҷаҳони ҷаҳони фиребандаро
Чунон к-офаридӣ, ба чашми ман ор».
Бад-ин орзу муддате баргузашт,
Ҳамекард рӯзе ба даште гузор,
Занеро дар он дашт аз дур дид,
На ағёр бо ӯ рафиқу на ёр.
Бад-ӯ гуфт Исо, ки: «Ту кистӣ?
Чунин дур монда зи хешу табор?»
Чунин дод посух, ки: «Ман он занам,
Ки кардӣ маро муддате интизор».
Чу бишнид Исо, шигифт омадаш,
«Маро – гуфт, – бо суҳбати зан чӣ кор?»
Ба пӯзиш даромад зан он гоҳу гуфт:
«Ҷаҳон аст номи ман, эй номдор».
Масеҳо бад-ӯ гуфт: «Бинмой рӯй,
Ки то худ чӣ дилҳо туро шуд шикор?»
Бизад дасту бурқаъ зи рух баргирифт,
Бар ӯ кард рози ниҳон ошкор.

---

1 Қуръон, сураи 57, ояи 20.

Яке гандапири сияҳрӯй дид,
Мулаввас ба сад гунаи айбу ор.
Ба хун-андарун ғарқа як дасти ӯ,
Дигар даст карда ба ҳинно нигор.
Масеҳаш бипурсид, к–:«Ин ҳол чист?
Бигӯ бо ман, эй қаҳбаи хоксор».
Чунин гуфт, к – «Ин лаҳза як шӯйро
Бад-ин даст куштам ба зории зор.
Дигар даст ҳинно аз он бастаам,
Ки шуд шӯйи дигар маро хостгор.
Чу бардорам инро ба қаҳр аз миён,
Ба лутф он дигар гирадам дар канор.
Шигифт он ки бо ин ҳама шавҳарон
Ҳанӯзам бакорат бувад барқарор».
Зи роҳи тааҷҷуб Масеҳош гуфт,
Ки: «Эй зиштрӯ қаҳбаи нобакор,
Чӣ гуна бакорат нашуд зоилат,
Чу дорӣ фузун шавҳарон аз ҳазор?»
Ба посух чунин гуфт он гандапир,
Ки: «Эй зубдаву қудваи рӯзгор,
Гурӯҳе, ки карданд рағбат ба ман,
Аз эшон надидам яке марди кор.
Касоне, ки буданд мардони мард,
Нагаштанд гирди ман аз нангу ор.
Чу ҳолам чунин аст бо шавҳарон,
Агар бикр бошам, шигифте мадор».
Ту низ, эй бародар, мар ин қиссаро
Ҳамедор з-Ибни Ямин ёдгор.
Зи мардӣ агар ҳеч дорӣ насиб,
Бад-ин қаҳба рағбат макун зинҳор!

* * *

Ҳазрати Убайдуллоҳхон бо тавобеъ ва ҳашаму хадам аз мавоизу насоеҳи он Амири муҳтарам он миқдор гиряву риққат намуданд, ки абри баҳорӣ агар онро бидидӣ, аз гиря беобрӯӣ ва шармсорӣ кашидӣ. Ҷамоатеро, ки мутарассиду мутараққиби инҳидоми ҷоҳу ҷалоли Хоҷа Низом буданд ва

сабили адовати ӯ мепаймуданд, Амири Араб эшонро насиҳати бисёр кард ва фармуд, ки [Байт]:

Дарахти дӯстӣ биншон, ки коми дил ба бор орад,
Ниҳоли душманӣ баркан, ки ранҷи бешумор орад.

Агарчи мубоадат ва мубоянат миёни эшон монанди ғаду амс буд, ба насиҳати он ҳазрат эътилофу имтизоҷи эшон ба ҳам мисли нуру Шамс намуд.

Амири Араб дар Бухоро қариб ба як моҳ тарҳи иқомат андохтанд ва он шаҳрро ба юмни макдами шариф рашки Дору-л-қарор сохтанд. Хоҷа Низомро боз бар маснади вазорат ва сарири ниёбат истинод доданд. Ва девониёну арбоби қалам сари инқиёду итоат бар хатти фармони ӯ ниҳоданд. Пас Амири Араб фармуд, ки:

– Эй фарзанд, бояд, ки ҳамеша ҳиммати олинаҳмат бар тарбияти ҷамоате гуморӣ, ки ба фазоили насабӣ ва фавозили муктасабӣ мумтоз буда, мустаҳиққи улувви рутбат ва сазовори иртиқои маротиби тарбият гашта бошанд, ба тахсис фирқаи содоти изом, ки аҷсоми фалакэҳтишоми эшон ба таҷаллиёти оёти иннамо яридуллоҳу лиюзҳиба ъанкуму-р-риҷса аҳлалбайти ва ютаҳҳиракум татҳиран[1] мутаҷаллӣ аст ва зумраи қузоти ислом, ки сафаҳот ва ҷанноти муштарии иртисоми эшон ба анвори изоҳакамтум байна-н-носи антаҳкаму би-л-адли[2] мутаҷаллӣ аст. Ва маошири уламои аълом ва тавоифи фузалои кором, ки ҳавошии саҳоифи лаёливу айёми эшон ба арқоми фаҳвои ҳал ястави-л-лазина яъламуна ва-л-лазина ло яъламун[3] музайян аст. Ва интизоми ин асбоб бе василаи садре ва воситаи соҳибқадре, ки бар дақоиқи ин сурат ва ваќоеи ин маънӣ ноқидбасир ва қоидхабир буда, мадлули каримаи [Аллоҳ] яъламу хоинат ал-аъюни ва мо тухфи-с-судурро[4] насбулъайни хотир дорад ва дар таҳқиқи маротиб ва таъйини маносиби тавоифи мазкура иҷтиҳоди мавфур ба ҷой оварда, ҳуқуқи ҳар якеро ба воҷибӣ бигузорад, мумаккану муяссар ва мутаваҳҳиму мутасаввир нест.

1 Қуръон, сураи 33, ояи 33.
2 Қуръон, сураи 4, ояи 58.
3 Қуръон, сураи 39, ояи 9.
4 Қуръон, сураи 40, ояи 19.

Убайдуллоҳхон даст бар сина ва ангушт бар дида ниҳода, гуфт:

– Боракаллоҳ, махдум, карам намудед ва изҳори каромат фармудед. Муддати мадид аст, ки ин маънӣ макнузи хотири ин фақир аст [ва] ба воситаи мақулаи ал-умуру марҳунатун би авқотиҳо дар пардаи таваққуф монда, муносиб чунон менамояд, ки ин амр дар ҳузури мулозимон ба вуқуъ анҷомад. Пас ба иттифоқ дар таҳқиқи ҳоли уламову фузало, ки садрулкуттоби аҳволи эшон лоиқи тавқеи афаман шараҳа-ллоҳу садраҳу ли-л-исломи[1] буда ва фаслулхитоби абвоби ахлоқи эшон ба туғрои инналлоҳа яъмурукум ан туаддул-амооти илааҳлиҳо[2] мувашшаҳ менамуд, тааммулу тадбир фармуданд. Лоиқтару муносибтар бад-ин мансаб санияту-л-маротиб олиҷаноби маолиинтисоб мавлоно ал-аъзам,ал-бореъ, алвореъ, ал-мутаварреъ, халафи аозим-ул-уламо-ул-муҳаққиқин, муқаввии маросиму-ш-шеъру-л-матин ҷомеъу-л-усул ва-фурӯъ, ҳовию-л-маъқул ва ал-машрӯҳ Мавлоно Камолуддин Ҳоҷии Табрезӣ ба хотир расид. Баъзе аз наввоби даргоҳи олам── паноҳ ба зурваи арз расониданд, ки Мавлоно Шамсуддин Муҳаммади Хуросонӣ, ки Абуҳанифаи Сонӣ мулаққаб аст, аляқу ансаб намояд, зеро ки дар вилояти Хуросон дар силсилаи Султон Ҳусайн Мирзо ӯро бад-ин амр таклиф намуда буданд ва ӯ аз ин мансаб ибову истиғно намуда буда. Ҳамин далел аст сотеъ ва ҳуҷҷат аст қотеъ бар сазовории ӯ бад-ин мансаб. Амири Араб фармуданд, [ки]:

– Ин қазия монеат-ул-ҷамъ нест.

Ва дар ҳамин маҷлис аз барои ҳар дуи эшон нишон навиштанд ва ба Самарқанд фиристоданд. Ва Амири Араб мутаваҷҷеҳи Туркистон шуданд.

Чун маволии мушорунилайҳумо дар вилояти Бухоро ба маснади олисадорат истинод ёфтанд, умарову аркони давлат ду фариқ гаштанд. Ҳар фариқе ба яке аз ин ду садри олиқадр тавассул ҷустанд. Дар силсилаи Убайдуллоҳхон тазабзуб ва тазалзул ба зуҳур анҷомид. Ҷамъе ба тарбияти Хоҷа Абул-

1 Қуръон, сураи 39, ояи 22.
2 Қуръон, сураи 4, ояи 58.

вафо ва Хоҷа Амирдӯсти Марвазӣ майл намуданд ва баъзе ба инҳидому инъидоми Хоҷа Низом камар бастанд ва ӯро дар назари Убайдуллоҳхон даршикастанд. Чун ин хабар ба самъи шарифи Амири Араб расид, мактубе муштамил ба сифориши Хоҷа Низом ба Убайдуллоҳхон фиристоданд, мазмун он, ки дар тариқи иродат ва муҳаббат мебояд, ки он чи мақбули мост, мақбули шумо бошад ва он чи мардуди мо мардуди шумо бошад. Ба ҳамин сухан боз муҳиммоти Хоҷа Низом низоми дигар гирифт ва кору бору ҳишмату шавкати ӯ саранҷоми дигар ёфт. [Мисроъ]

Душман чӣ кунад, чу меҳрубон бошад дӯст?

Мавлоно Ҳоҷаи Табрезӣ ва Мавлоно Шамсуддин Муҳаммади Хуросонӣ ва Хоҷа Абулвафо ва Хоҷа Амирдӯсти Марвазӣ ба мулозамати Амири Араб мутаваҷҷеҳи Туркистон шуданд. Ва он дар фасли зимистон буд, ки унсури оташе, [ки] болонишини аносир аст аз садамату суубати бурудат ба ҳуфроту завоёи кураи арз майл намуда, ба воситаи кураи ҳавое сар зада, ба ҳар хонае, ки дармеомад аз суккону мутаваттинони он кошона он миқдор чӯб мехӯрд, ки дуд аз ниҳоди ӯ бармеомад. [Байт]:

Гарчи забардасти аносир нишаст,
Гашт ба сармо ҳамаро зердаст.

Гӯӣ, ки дуду шарорааш оҳу сиришки хун буд, ки ӯро аз шиддати сармо ориз шуда; ё аз дуд пӯстини самур дар бар карда [аз] шарорарезаҳои зар аз барои баҳои ҳима исор менамуд; [ва] ба ин сифат худро дар дили мардум ҷой карда, гармии меҳри худ меафзуд. [Байт]:

Оташ аз он сон, ки ба дил ҷой кард,
Дуд баромад зи нафасҳои сард.

Маходим, ки ба шарафи мулозамати он ҷаноби воҷиб-уттаъзим мустасъид гардиданд, ба арз расониданд, ки бар раъйи соиб ва хотири соқиб, ки ҷайби асрори муғайябот аз хайру шарр ба дасти қудратидрок чок месозад ва занги шакку ваҳм аз оинаи афкор ба сайқали яқин пок мегардад, махфӣ нахоҳад буд, ки ҷомаи дебои номаи ҷонфизое, ки ҳиляи ҳавориву дод аст, ҳайфу сад ҳайф аст, ки зайли он ба зикри сифориши он носипос, ки ба сурат нос [ва] ба маънӣ наснос аст, симати айбу нуқсон ёфта. [Назм]:

Макун бо бадон некӣ, эй некбахт,
Ки дар шӯра нодон нишонад дарахт.
Дарахте, ки талх аст ӯро сиришт,
Гараш дарнишонӣ ба боғи биҳишт
В-ар аз ҷӯйи хулдаш ба ҳангоми об
Ба бех ангубин резиву шаҳди ноб,
Саранҷом гавҳар ба кор оварад,
Ҳамон меваи талх бор оварад.
Зи бадгавҳарон бад набошад аҷаб,
Сиёҳӣ буридан нашояд зи шаб.
Ва анта ва ин дорайта фи-л-амри ҳайятан,
Изо муккинта явман мина-с-салъи талсаъу.

Ба сабаби ин мактуби масарратмасҳуб ҷайби либоси он мудаббир аз дасти тааррузи хон амон ёфт. Аз истимои ин мақол ва мушоҳадаи маоли ин ҳол ангушти таҳайюр дар дандони тафаккур монд. Қитъа:

Шамшери нек з-оҳани бад чун кунад касе?
Нокас ба тарбият нашавад, эй ҳаким, кас.
Борон, ки дар латофати табъаш хилоф нест,
Дар боғ лола рӯяду дар шӯра хору хас.

Яқин донанд, ки ин мазоҳгӯи муфсид ва рӯбоҳхӯи мушаъбид анвои макру хидоъ дар либоси хидмату иттибоъ ба нисбати он ҷаноби фалакиртифоъ ба тарзе пардохта, [ки] дар хотири хатир мутамаккин ва ҷойгир шуда, ки девори дили он дӯстлибоси душманасос ба шамсаи ихлос музайян аст ва ашиъъаи нуру вафо дар савмааи ботини хабосатмакони ӯ муайян. Аммо фи-л-ҳақиқа муҳаббати ӯ маҳз хадиат аст ва хидматаш [фӣ нафси-л-амри касаробин биқиъатин[1]

Юғурранака-л-аъдо билубси каломиҳим
Машрубун ясумму лийну кулли-л-арқом.

ва] дар ғояти зуҳур аст, ки он муҳтоли бадфиъол ба намимаву ғаммозӣ ва хадиаву ҳаммозӣ ақли кулро бозӣ диҳад ва ба фусуну маккорӣ дар сурати муҳаббату ёрӣ миёни падару писар безорӣ ниҳад. Яқин аст, ки ба иғрои ғариб ва иғвои аҷиб ва асолиби акозиб [анқариб] рояти буғзу удвон миёни мулози-

1 Қуръон, сураи 24, ояи 39.

мон ва ҳазрати хон чунон барафрозад, ки расми амну амон ва нақши қарору итминон аз сафҳаи арсаи Бухоро барандозад ва [иттиҳод ба фасод ва] дод ба тазодду ҳуқуқ ба уқуқу вифоқ ба нифоқ мубаддал созад. Матмӯъ ва маъмул аз макорими ахлоқи он махдуми ала-л-итлоқ он, ки сурат ва маводди ин амрро ба дидаи тадбир назар фармоянд ва занги эътисоф аз оинаи хотири соф ба сайқали инсоф бизудоянд.

Он ки фикраш гиреҳ аз кори ҷаҳон бигшояд,
Гӯ, бифармой дар он ҷо назаре беҳтар аз ин.

Амири Араб фармуданд, ки мо дар ҳар кор ақлу шаръро пешво ва муқтадои худ сохтаем ва дар майдони насафат ливои адолат афрохтаем, то ҳар кореро ба мизони ақлу шаръ насанҷем, муносиб намедонем, ки касеро биранҷонем ё аз касе биранҷем; иншоаллоҳ, чун ба дорулхилофати Бухоро расем, ба ҳукми анносу маҷзийюна би аъмолиҳим ин хайран фахайран ва ин шарран фа шарран ҳар кас ба сазову ҷазои худ хоҳад расид. Пас ба муқтазои амҳилҳум рувайдо[1] ӯро муҳлате додем ва бар вай дари фурсате гушодем.

Баъдаҳу маходимро рухсати Бухоро фармуданд. Ва дар мавсиме, ки амири олипайкари варди аҳмар аз мақарри сақарри вилояти ҳиҷрон рӯй ба саробӯстони гулистон ниҳода ва назораи асмору азҳор аз болори чӯбини ашҷори [чашм] интизори фаанзур ило осор[2] дар ақтору атроф гушода, навои булбулон дар мақоми Ҳусайнӣ Ушшоқро муҳаййар гардонида ва садои оби равон аз чашмаи зиндагонӣ туробиёнро дуруд расонида, мегӯяд:

Мир сарв асту Бухоро бӯстон,
Сарв сӯйи бӯстон ояд ҳаме.
З- интизори хоки пояш ғунчаро
Оби ҳасрат дар даҳон ояд ҳаме

Ҳазрати Амири Араб мутаваҷҷеҳи Бухоро шуданд ва дар таърихи ошири шаҳри сафар дар шаҳри Бухоро нузул фармуданд. Дар ҳамон рӯз, ки офтоби оламтоби зоти олисимоти ҳазрати Мир аз сипеҳри Бухоро тулӯъ намуд, бадри давлати

1 Қуръон, сураи 86, ояи 17.
2 Қуръон, сураи 30, ояи 50.

Хоҷа Низом дар уқдаи занбу вабол инхисоф пазируфт. Ҷамъе аз муонидон ӯро ба рафз мансуб доштанд ва туроби лаъну тард ба фарқи ӯ анбоштанд; ба сарпанҷаи итобу иқоби шиканҷаи азоби абид ҷонаш ҳалок сохтанд.

Дар он вақт Хоҷа Султон Иброҳим дар Туркистон буд. Чун ин хабари мӯҳишро шунуд ва муҳри Амири Араб бо вай буд, аз забони Амири Араб ба Убайдуллоҳхон китобате навишт, мазмун он ки [мо] ҳамагӣ ҳиммати олинаҳмат бар тараққии давлат ва тарфеи ҳишмати ту масруф доштаем ва тамоми таваҷҷуҳ бар истиқлоли азамату салтанати ту гумоштаем. Ту бар сипеҳри подшоҳӣ ва фалаки шаҳаншоҳӣ мартабаи офтоб дорӣ ва дигарон ҳукм дарорӣ. [Байт]:

Ҳамагӣ аз вуҷуди ту маъдум,
Ту чу моҳиву дигарон чу нуҷум.

Агар якчанд рӯз бар ту сабқат гирифтаанд, дар салтанат боке нест, агарчи шукуфа аз мева пештар аст, қадру мартабаи ҳар кадом муқаррару муайян аст. Зинҳор, ки хотир малул надорӣ, ки анқариб инҳо арзаи талаф мешаванд ва подшоҳиву салтанат бар тариқи истиқлол бар ту қарор хоҳад гирифт. [Шеър]:

Мо хондаему дида аз рӯйи толеи ту
Ин шакл дар мабодӣ, ин нақш дар авоил.
Роёти комгорӣ аз раъйи туст улё,
Оёти шаҳрёрӣ дар шаъни туст нозил.

Фало тутиъи-л-муказзибина ва-д-дӯ лав тудҳину фаюдҳинуна[1] ва амсоли ин ҳикоят навишта ба муҳри Амири Араб машҳун гардонида ва ба арзи Абдуллоҳ Султон – писари Кучкунҷихон ва ҳокими қасабаи Ясӣ [ки мазори фоизуланвори ҳазрати қутбулақтоб Хоҷа Аҳмади Ясавӣ аст] расонид. Ва гуфт:

– Ин китобатро Мири Араб муддатест [ки] ба ман дод, ки ба Убайдуллоҳхон бирасон, ба воситаи он ки ин мактуб мӯҷиби фитнаву фасод ва мӯриси адовату инод бувад, инро нигоҳ доштам ва алами изҳор наафроштам ва гуфтам, ки:

---

1 Қуръон, сураи 68, ояи 8 ва 9.

[Байт]:

Чӣ гӯям, ки ногуфтанам беҳтар аст,
Забон дар даҳон посбони сар аст.

Акнун мулоҳаза кардам, ки дар ниҳон доштан низ фитнаи азим мутасаввир аст, чорае надидам ва изҳори он писандидам. Абдуллоҳ Султон бо яке аз умарои изом ӯро ба назди Севинчхоҷахон ба вилояти Тошканд фиристод. Чун Севинчхоҷахон он номаро бидид, ба сони нома бар худ бипечиду теғи интиқом аз ниём баркашид ва Султон Иброҳимро бо ҷамъе аз муқаррабони даргоҳи олампаноҳ аз барои наҳбу ғорат ва тороҷи хонаи Амири Араб ба вилояти Туркистон ба қасабаи Саброн ирсол намуд.

Дар вақте ки султони саропардаи Машриқ бар ашҳаби субҳ савор гардид ва хизонаи подшоҳи шомро ба арсаи яғмо [дод], дароҳиму данонир аз нақиру қитмир ва қалилу касир, ҳар чӣ буд, тасарруф намуданд ва-л-уҳдату ъала-р-ровӣ.Чунин гӯянд, ки Амири Араб дар зери замин хонае сохта буда, аз сақфи [вай] равзане гузошта ва аз он ҷо хонаро пури тилову нуқра сохта буда. Баъд аз вуқӯи ин амр оличаноби сиёдатмаоб Саййид Шамсуддин Муҳаммади Куртӣ, ки мударриси мадрасаи Убайдуллоҳхон буданд, фармуданд, ки дигар дар ин вилоят будан аз маслаҳат нест. Талабаи мадраса мутафарриқ гардиданд ва ҳар кадом рахти иқомат ба гӯшае кашиданд. Ин камина дар мулозамати ҳазрати махдумӣ азимат намудем, ки аз роҳи Ҳиндустон ба зиёрати Каъба зодаҳа-л-лоҳу таъоло шарафан, мутаваҷҷеҳ шавем. Чун ба навоҳии Тошканд расидем, даромадан дар он диёр маслаҳат надида, мутаваҷҷеҳи қасабаи Фаркат гардидем ва он ҷоест дар ғояти хушӣ ва ниҳояти дилкашӣ, ки боғи Ирам аз хиҷолати он рӯй дар пардаи ихтифо кашида, равзаи Ризвон аз рашки чашмасораш аз ҳавзи Кавсар об дар даҳон оварда; обҳои босафояш чашмаи ҳайвонро ба хоки сиёҳ нишонда ва мустаншиқи ҳавои ҷонфизояш нафаси ҷонбахши Масеҳоро боди ҳаво пиндошта. Ва кадом сифату манқабат ба он баробарӣ мекунад, ки оличаноби маолиинтисоб қудвату-л-амоҷид в-ал-амосил зубдату-л-аолӣ ва-л-афозил ҳазрати Шайхулислом, марҷаи айммату-л-киром ғавсу-л-ислом ва муғису-л-муслимин ал-мухтас

би авотифи-л-малики-л-халлоқ муъиззуддин Хоҷа Абдурраззоқ он ҷо таваттун ихтиёр кардаанд. Ва ин каминаро дар мадҳи он олиҳазрат рубоӣ ба хотир расида буд, ба тариқи санъати иштиқоқ мутазаммини матлае муаммо ба исми «Хоҷа» [ва он] рубоӣ ин аст:

Ҷон дар талаби Хоҷаи боистеҳқоқ
Ҷӯён шуда нек биниши бас муштоқ.
Рӯйе хоҳӣ ту, нури тавҳид дар он,
Рав, бин ба лиқои Хоҷа Абдурраззоқ.

Муаммое мустахраҷ ба исми «Хоҷа»:

Ҷониби Хоҷа чу некӯ бинӣ,
Нури тавҳид дар он рӯ бинӣ.

Алассабоҳ рӯзи панҷшанбе, бисту шашуми шаъбон [санаи 928], ки Шайхулислом рӯзи ҷаҳонафрӯзро ҳангоми сафедадам аз пайкари ҳилол оризаи хала дар паҳлу падид омад ва табиби масеҳонафас ва-с-субҳи изо танаффаса[1] аз барои таҳлили он модда ва ханаҷоти кавокибро баҳри такмид дар пардаи кофурии меҳр ба хайтушшуоъ печида, гарм бар паҳлу ниҳод. Ҳазрати Шайхулислом аз дарди хала ба танг омада, изҳори дардмандӣ намуданд. Ин камина дар бадеҳа ба ин матлаъ ратбуллисон гардидам:

Ба хидмати ту пайи ҷон супурдан омадаам,
Ту зинда бош, ки ман баҳри мурдан омадаам.

Ва рубоии маснӯъ низ маъруз дошта омад. Он олиҷаноб аспе ба зину лаҷом ба ин камина инъом фармуданд ва талаттуфу тафаққуди локалом намуда, ҳазрати махдумӣ ва ин каминаро ба расми зиёфату меҳмондорӣ як ҳафта таклифи ирхои инонӣ намуданд.

Ва маҷлиси фирдавсойини сипеҳртазйини он ҳазрат аз ҳузури аҳли фазлу камол ва арбоби ҳусну ҷамол ва асҳоби созу навоз ҳаргиз холӣ набуд. [Аз] аҳли фазл ҷаноби мабдаъу-л-бадоеъ мухтареъу-л-равоеъ низоми уқуди ҷавоҳиру-л-абёт саррофи нуқуди ҷавоҳиру-л-калимот ал-мухтас биқуввати-л-малакот ва-л-машоиру-л-мумтоз би-л-ҳадси-л-комил ва-л-фаҳми-л-вофир. [Байт]:

---

1 Қуръон, сураи 81, ояи 18.

Булбули боғи маонӣ, он ки аз лутфи баён
Тӯтиёни шаккаристони суханро карда лол

ҷаноби фазоилмаоб Мавлоно Қизилӣ буд, адома[Аллоҳу] нафоиси ашъор-ил-бадеъа [ва зода байн-ал-булағои натоиҷа афкора-ан-наҷиа, ки] монанди аҷзои иқди назм ба он ҷаноб мушокил ва мутақориб буд ва аз ҳазаҷи дилкушо ва раҷази ғамзудо, ки мусмири хатти вофир ва файзи комил буд, ҳар дам фараҳи ҷадид ва шавқи мадид рӯй менамуд.

Аз арбоби созу навоз [ҷаноби мустатоби нодиру-д-даврон муаллифи таркиботу-л-нағамот ва-л-алҳон, ноқиди дасотин-ул-қавл ва-л-амал нозим-ул-қавонини-л-ҳазаҷ ва-р-рамал] хушнавозе, ки ҳар гоҳ дар базми ушшоқи бенаво ба нағамоти рӯҳафзо ва ба савти дилкаши ғамзудо амал намудӣ, монанди зангӯла фарёду нола аз бузургу хурди Ироқи Арабу Аҷам баровардӣ. Ҳар гаҳ ба қонуни нодиракорӣ чанг дар арғануни ҳунарпарварӣ зада, маҷлиси аҳли сафоро барафрӯхтӣ, мутриби дастонсарои авҷи фалак, ки иборат аз Ноҳид аст, созу чанги худро аз рашк монанди уд бисӯхтӣ. Вале шиоре, ки овозаи мақомоти вай дар шаш ҷиҳат баланд гашта, шуъбае аз каромоти вай он ки монанди уд гӯшаҳо ихтиёр карда гоҳе [дар] Нишопур ва Исфаҳон сайр мекард ва гоҳе аз Зобулу Наҳованд хабар медод, Мавлоно Шоҳ Ҳусайн буд, ки ҳамвора анису ҷалиси ҳазрати хоҷа буд ва ба қонуни маҳаббат ва арғунуни маваддат нақши ғам аз миёнхонаи дил мезудуд.

Ва аз арбоби ҳусн Амиралӣ ном ҷавоне аз мулозимони хоҷа буд, ки аз рашки орази дилфиребаш офтоб дар изтироб буд ва аз шарми турраи парешонаш сунбули Чин дар печу тоб. Парипайкаре аз сурати ҷон нигошта, моҳчеҳрае теғи ғамза бар хуни ошиқон гумошта. [Шеър]:

Ба дида ҳумоюн, ба боло баланд,
Ба абрӯ камону ба гесӯ каманд.
Чу сарве, ки пайдо кунад дар чаман,
Зи гесӯ бунафша зи ораз суман.
Ҷамоле чу дар нимарӯз офтоб,
Карашмакунон наргисаш нимхоб.

Баъд аз фароғи суҳбати он маҳфили сипеҳртазйини биҳиштойин мутаваҷҷеҳи вилояти Ахсӣ шудем. Чун ба қаряи

Намадонак, ки дар якфарсахии Фаркат аст, расидем, ин фақирро оризае даст дод ва ба дараҷае иштидод ёфт, ки умед аз ҳаёт мунқатеъ шуд. Чун айёми мараз мутамодӣ гардид, аз ҳазрати махдумӣ истидъо намуда шуд, ки фақирро гузошта, мутаваҷҷеҳи Ахсӣ шуданд.

Баъд аз як ҳафта ин фақир ба қадре сиҳҳатӣ ёфт, ба ҷониби Тошканд шитофт. Шаҳре дид, ки фалаки забарҷадӣ ҳар шом аз барои дафъи газанд сипанддонаҳои нуҷумро ба оташи шафақ месӯхт ва аз барои роҳу равиши сокинонаш машъали ҷаҳонафрӯзи моҳро бармеафрӯхт. Баҳроми хуношом аз барои забту ҳифзи он қалъа аз кавокиб муҳраҳои милтиқ тайёр мекард ва ҳиндуи Зуҳал санги раъд аз Хуршеди ховарӣ мукаммал месохт. Дар пеши деворҳои бурҷу борааш магар, ки фалаки нилгун лофи рифъат зада, ки ба қасди хоидани сараш аз кунгураҳо дандонҳо тез карда ё забонҳои таъну тавбех дар бораи ӯ дароз карда. Санг [андозҳояшро чун бинӣ, гӯӣ, ки сокинони самовот аз барои истиншоқу истирвоҳ]-и насими хаёшим бар манофизи ҷидораш гузоштаанд. Дар фазои он Мисри ҷомеъ аз биноҳои Кайковус чаҳорбоғест, ки Ирамро аз он дар дил доғест, сафояш аз вафои хубон зебандатар ва ҳавояш аз карашмаҳои маҳбубон фиребандатар. Ҳавзи обдораш аз айни сафо акспазир ва оби оинакирдораш аз сувари туюр ва ашҷор назири саҳифаи тасвир. Булбули гӯё бар манобири ашҷораш муфассири каримаи ҷаннотин таҷрӣ мин таҳтиҳ-ал-анҳор[1] наргиси бино дар ҳаволии ҷӯйбораш ба зикри қадимаи фа-ътабиру ё ули-л-абсор[2] восифи анҳораш ъайнони таҷриён[3] ва муаррифи асмораш фиҳимо фокиҳатун ванахлун ва руммонун[4] гулҳои он бӯстони ҷаннатнишон аз хандаи фаровон ба пушти по фитода сафро мекарданд ва ғунчаҳои чамани он гулистон монанди наварӯсон хандаи худро базӯр нигоҳ дошта, сар ба гиребон медароваранд. Магар аз насими сабо васфи чамани биҳишт гӯш карда буданд ё аз табақчаи нуқраи наргиси шаҳлои муфарриҳи заъфаронӣ нӯш карда, инбисот ме-

---

1 Қуръон, сураи 2, ояи 55.
2 Қуръон, сураи 59, ояи 2.
3 Қуръон, сураи 55, ояи 50.
4 Қуръон, сураи 55, ояи 68.

намуданд. Дарахти табархун аз ғалаёни хун сурх гардида, фасоди абр ба нештари барқ рагҳош аз мафосил гушуда буд ва дарахти бед аз барои дафъи яроқон аз ҳамешабаҳор сад ҳазор моҳӣ аз акси баргҳои хеш дар об равон менамуд. Ту гӯйӣ, ки меъмори нодиракори фасли баҳор бар ҳавошии чаман аз ҷӯйҳои бунафша ранги хокистар рехта, тарҳи иморате мениҳод ё ҷомадори наварӯсони боғ пӯстинҳои [барраи] кабуди жингиламӯйро гушода, боду ҳаво медод. Магар ки ғунчаҳои савсан дар васфи Боғи Ирам дар пеши гулҳои он чаман сухане андохта буданд, ки ғунчаҳои гул ба таҳрики насим даҳони эшонро ба зарби мушт монанди гулҳои нил кабуд сохта буданд. Ба ҳар ҷониб ҳазор шамъи кофурӣ буд аз ғунчаҳои занбақ омада ва ҳар сӯ лаганҳои кабуд менамуд аз гулҳои нилуфар ниҳода. Сабзаи навруста бар канори ҷӯй монанди хатти нозуки лаби дилбарони гулрӯй дар назар меомад ва дарахтони сарву ар-ар бар атрофи ҳиёзи он риёзи рӯҳпарвар дар назар чун қомати дилрабои ҳаврои ин бар канори ҳавзи Кавсар менамуд. Ҳар киро қадам ба дарвозаи он равзаи ҷаннатнишон расидӣ, каримаи ҳозиҳи ҷанноту аднин фадхулуҳо холидина[1] аз суруши олами ғайб шунидӣ. Дарахтони мевадораш аз касрати асмор монанди пирони рӯзгоргузаронида пуштхамида ва чун дарахти сипеҳр аз ҳар тараф домонаш ба замин расидӣ. Себи [бе]осебаш аз гӯйи ғабғаби дилбарон ва чоҳи зақани симинбарон хабар дода ва рангу бӯйи рӯҳафзояш муфарриҳу муқаввии беморони азпоафтода.

Себро бо зақани ёр мушобеҳ кардам,
Ранги ӯ сурх шуду рӯй барафрӯхт ба боғ.
Себ монанди чароғест дурахшон ба дарахт,
Рӯзи равшан ба сари шох кӣ дидаст чароғ?

Дарахти анораш аз баргу мева хабар аз сабзаву оташи Халил медод ва чун дарахти водии Айман аз нори таҷаллӣ нишон медода, ба каримаи ҷаъала лакум минаш-шаҷари-л-ахзар норан[2] забони ҳол гушод. Ту гуфтӣ, ки хозини ганҷинаи тақдири явоқити руммонӣ гиребони дӯшизагони ҳарами боғро дафъа-дафъа дар коғази ҳарири хитойӣ печида, ба рас-

1 Ду калимаи охир аз Қуръон, сураи 39, ояи 73.
2 Қуръон, сураи 36, ояи 80.

ми амонат дар дурҷи ақиқи яманӣ маҳфуз сохта ё заргари даврон ҷавҳару ёқутро аз барои имтиҳон дар кӯраи афрӯхтаи нор андохта.

Ва Ибни Ямин аз барои анор луғазе гуфта, бағоят хуб воқеъ шуда [ва ҳува ҳозо]:

Чист он гӯйпайкари гардон,
Гоҳ мино ба рангу гаҳ марҷон?
Гӯйи ёқутро ҳамемонад,
Баста андар зумуррадин чавгон.
Ранги ӯ ҳамчу гунаи маъшуқ,
Ки рухаш гардад аз ҳаё рахшон.
Ҳаст бурҷе зи хулд, пиндорӣ,
Аз пайи ҳур сохта Ризвон.
Баҳри ҳикмат муҳандиси тақдир
Бар сутуне ниҳода ин бунён.
Хориҷи ӯ ҳама ақиқи Яман,
Дохили ӯ музаҳҳаб аз иқён.
Бар фарозаш ниҳода кунгураҳо,
Рост чун тоҷ ба сари шоҳон.
Кунгура нест, афсари лаъл аст,
Пур биёганда зарри сов миён.
Нозуконе дар ӯ ба меҳри Худой,
Написуда на инсашон, на ҷон.
Ҳамчу атфол як ба як доранд
Аз зари ноб дар даҳан пистон.
Ҳар як аз нозукӣ чунон ки хирад
Гӯядаш нордонаест аён.
Фирқа-фирқа нишаста ҳамзону,
Дар бари якдигар хазида чунон,
Ки сари мӯй дарнамегунҷад
Дар миён аз тавофуқи эшон.
Ҳар гурӯҳе ба гӯшаи дигаранд,
Дар паси пардаи афоф ниҳон.
Дар миёншон зи зар варақ баста
Пардаҳо дасти қудрати Яздон.
Нозуконанд, лек сахтдиланд,
Худ чунинанд нозукони ҷаҳон.

Ҳар як аз нозукиву лутф чунон-к
Бар лаби ҳар кӣ дур бари дандон.
Бинияш ҳамчу чашми Ибни Ямин
Аз газанди замона хунафшон!

Шафтолуи обдори латифаш дилрабое буд, ки хаставу дилшикаста худро пайваста мустағрақи неъмати висоли худ доштӣ [ва] то ӯро ба теғ пора-пора насохтӣ, ӯро аз даст наяндохтӣ. Турфа маъшуқе, ки ошиқсифат бар синаи худ алифе кашида буд ё аз шавқи лаъли маҳвашон ҷайби худ то ба доманаш дарида, чоки гиребонаш менамуд.

Ва муаллиф аз барои шафтолу луғазе гуфта, зикраш дар ин мақом муносиб намуд:

Шудам ба боғ барои назораи чаманаш,
Ки буд рашки риёзи наиму анҷуманаш.
Зи гӯшае саname бар дарахт ҷилва намуд,
Ки об дар даҳан омад зи хубии зақанаш.
Чу Юсуф аст Зулайхосифат зи шавқи бутон,
Аён намуда нишоне зи чоки пираҳанаш.
Нуҳуфта дар шиками он санам бувад тифле,
Ки ҳаст хаставу бошад ҳамеша сурх танаш.
Чӣ гуна хаста набошад, чунин ки ҳар тарафе
Нишонаҳои сари сӯзан аст дар баданаш.
Висоли он санам ар орзуст, лоларухе
Бибар ба тавфи гулистон ба худ ба макру фанаш.
Бинеҳ равон ба кафи даст себи ғабғаби ӯ,
Бинӯш, аз ин ки ситудам зи ғунчаи даҳанаш.
Чу меваҳост суханҳои Восифӣ, дарёб,
Зи боғи умр хурӣ бар, чу бишнавӣ суханаш.

Амрудҳои чинии обдораш гӯё ки ҷуллоби набот буд, ки қанноди давронаш дар шишаҳои ҳалабӣ карда ё митҳараҳои оби ҳаёт буд, ки Хизри баҳор аз зулумоти адам оварда ё худ устоди қанноди сунъи Парвардгор аз барои тафреҳи хотири атфоли баҳор гулҳои мухтасари қандӣ рехта, онҳоро дар коғази ҳарири бағдодӣ печида, аз шохҳои дарахт мисли атторон овехта. Биҳиҳояш, ки беҳ аз меваҳои ҷаннат бувад ва ба бӯйи рӯҳпарвар қуввати дили бемориони хунинҷигар мефузуд, гӯё ки зоҳидони пашминапӯши муртозанд, ки рангу рӯй аз

риёзат шикаста ё бемОрони ғарибхонаи амрозанд, ки ғубори ғарибӣ бар чеҳраи эшон нишаста. Гӯӣ муталлои норинҷаш гӯйи латофат аз меваҳои биҳишт мебурд ва турунҷи боғи ҷинон аз ёдаш об дар даҳон оварда, оби ҳасрат мехурд. Булаҷаб ҳоле, ки ранги вай ҳамеша чун бемОрони сафромизоҷи зард ва сафромизоҷони яраҷониро аз рӯйи ботин муолиҷа менамуд. Анҷири беназираш хашхошдонаҳоро ба шираи қанд парвариш дода, бар кафи барг ниҳода, аҳли боғро салое дармедод ё ҳуққаҳои маъҷуни қандии арзангашта аз барои муоширони боғ бар кафи ихлос мениҳод.

Нуктае чанд арҷманд шунав,
Сифати мулки Тошканд шунав,
Он диёре, ки хубияш ҳама ҷо
Гашта собит ба мардуми доно.
Ваҳ, чӣ мулке, ки равзаи Ризвон
Шудааст аз хиҷолаташ пинҳон.
Ҳар кӣ бошад дар ин диёр муқим,
Ёд н-орад дигар зи хулди наим.
Мурдан он ҷо бувад басе хуштар,
Ки бувад зинда кас ба ҷойи дигар.
Хоки ӯ ончунон, ки то бояд,
Абри раҳмат бар ӯ ҳаметорад.
Боду хокаш ҳамебарад ба фалак,
То кунад тӯтиёи чашми малак.
Ё ба ҷаннат барад, ки Ризвонаш
Кунадаш атри ҳуру ғилмонаш.
Оби ӯ ончунонки оби ҳаёт
Шуд зи шармаш нуҳуфта дар зулумот.
Хизр аз ин об агар хабар медошт,
Сӯйи зулмат алам намеафрошт.
Балки ин об ҷусту рафт нахуст,
Даҳану даст з-Оби ҳайвон шуст.
Рӯди Оби Пурак, ки ҳаст равон,
Салсабил аст дар риёзи ҷинон.
Дар такаш сангреза дурри самин,
Дархури гӯшвори ҳурулъин.
Боди ӯ ончунон, к-аз ӯст Масеҳ
Гашта мустаншиқ аз пайи тафреҳ.

Насамоти шамоли ӯ марғуб,
Чун дами рӯҳпарвари маҳбуб.
Аз ҳубуби сабош ҷони сақим
Ёфт дар дам шифову гашт салим.
Оташи ӯ чу маҳвашон саркаш,
Лек чун лаъли дилкаши маҳваш.
Баски хоҳад, ки фитна ангезад,
Шуълаи ӯ нишинаду хезад.
Шуълаҳояш, ки барфарозад сар,
Ҳар яке ҳаст ҳамчу шӯшаи зар.
Хешро дуд аз оташаш чу кашид,
Гашта дар лолазор сарв падид.
Ҳар тараф дар навоҳияш боғест,
Ки аз ӯ бар дили Ирам доғест.
Васфи боғоти ӯ кунам бунёд,
Ки биҳишту Ирам равад аз ёд.
Ҳар тараф қад кашида исфедор
Ҳамчу болои нозпарвари ёр.
Он қаду қомат ар бутон бинанд,
Пеши эшон зи шарм наншинанд.
Чун санавбарқадони симинбар
Сар кашидаст ҳар тараф ар-ар.
Сояи баргҳои бед дар об
Моҳиёнанд банд дар қуллоб.
Сояву нур дар ҳам овезон,
Мушку кофур бар замин резон.
Сурхгулҳош бар фарози чаман
Ҳаст чун нози водии Айман.
Балки гулбун ба тарфи анҳораш,
Шаҷару-л-ахзар асту гулнораш.
Ғунча к-аз гулбун омада берун,
Хуми сабзест пурмайи гулгун.
Ё дили андалеби маҳзун аст,
Зангбаста, дарун пур аз хун аст.
Ваҳ, ғалат кардаам, гули ин боғ
Бар дили андалеб бинҳад доғ.
Булбули ӯ зи шавқ нолон аст,
На зи бедоди гул дар афғон аст.

Хайл-хайли бунафша бар лаби ҷӯй
Рамаи барраест жингиламӯй.
Ё зи мулки адам қатор-қатор
Нил оварда корвони баҳор.
Савсан ангуштҳо зи ғунча намуд,
Карда ангуштҳо зи нил кабуд,
Ки манам рангрез дар ҳама боғ,
Нил бошад муносиби саббоғ.
Наргис омад ба боғу чашм расид,
Сарвро в-аз мараз дароз кашид.
З-он бувад сад ҳазор ғунча фузун,
Лаб баровардa, медамад афсун,
Руста ҳар сӯ гули ҳамешабаҳор,
Ҳаст аз ӯ боғро ҳамеша баҳор.
Ё барои нисори мақдами вард
Ашрафиҳо чаман парешон кард.
Ганҷи Қорун ба хок мадфун буд,
Сари он ганҷро баҳор гушуд.
Гули хайрӣ ба ҳар тараф сипарест,
Қуббаи ӯ забарҷади гуҳарест.
Баҳри он аст, то шавад з-он ганҷ
Ба сипарҳо баҳор гавҳарсанҷ.
Лола ҳаст ошёнаи булбул,
К-оташ афканда дар вай аз ғами гул.
Ё бувад ҳоване, ки боди сабо
Дар чаман гаштааст ғолиясо.
Арғавон ҳиндуест карда гуноҳ,
Танаш аз зарби чӯб гашта сиёҳ.
Ҳаст аз захмҳои чӯб фузун,
Бар танаш сад ҳазор қатраи хун.
Дар чаман пеши ғунчаи занбақ
Шамъи кофур гашта беравнақ.
Шӯшаи нуқра аст гашта аён,
Ки зи ангушти ёр дода нишон.
Наварӯсони боғро миъҷар
Настаран шуставу фиканда ба сар.
Ё сари ӯ зи шеб гашта сафед,
Кардааст аз шабоб қатъи умед.

Фохта дар чаман даромад маст,
Бар сари шохсори сарв нишаст.
Муждаи гул шунуд аз ҳар сӯ,
Ки баровард наъраи ку-ку.
Қумриён дар чаман ба шохи чинор
Муқриёнанд бар фарози манор.
Ҳама гӯё ба шавқ ҳамчу Билол
Ба санои Муҳаймини мутаол.
Сифати меваҳои ӯ кун гӯш,
Ки даҳонҳо аз ӯст чашмаи нӯш.
Васфи ангураш оварам ба миён,
Ки гарав бурда аз дури ғалтон.
Соҳибиҳои нозукаш ба назар
Ҳаст чун лаъли нозуки дилбар.
Донаҳои ҳусайнияш бешак
Ҳаст чун дурри қиматӣ ҳар як.
Бобакӣ ҳамчу хӯшаи Парвин,
Бар сипеҳри разон ҳамоил бин.
Бурда кавзокияш гарав аз қанд,
Мекунад бар набот шаккарханд.
Шаккарангури ӯ зи шаккар беҳ,
Ба баҳояш наботу шаккар деҳ.
Ҳар кӣ дар Ҷӯйи Зоғ харбуза кишт,
Гашт фориғ зи меваҳои биҳишт.
Дорад аз киштзори чарх фароғ,
Балки мегирад аз сипеҳр калоғ.
Чун набот омада ба харбузааш,
Дар муқобил ба лаззати мазааш.
Мисриён аз сиёсату аз қаҳр
Мекунандаш бурун ба чӯб аз шаҳр.
Қанд омад чу дар баробари ӯ,
З-он шикастанд мардумон сари ӯ.
Ҳаст аркони айш арконӣ,
Он биноро мабод вайронӣ!
Сабз хатҳои ӯ чу гашт аён,
Гашт мансух ҳусни сабзхатон.
Сабзи нозук чу ҷони ширин аст,
Шеваи нозукони сабз ин аст.

Он ки ҳалқ аз ҳаловати ӯ сӯхт,
Аз Алишер нозукӣ омӯхт.
Сифати меваҳои бустонаш
Боз гӯям ба шарҳу дастонаш.
Ҳар анораш, ки нори санҷонист,
Кони лаъл асту лаъли руммонист.
Ҳуққае пур зи лаълу ёқут аст,
Дилу ҷон з-ӯ ба қуввату қут аст.
Сифати ношпотияш натвон,
Ки зи фикраш шавад пуроб даҳон.
Ҳаст монанди шӯшаҳои набот,
Ё бувад зарфҳои оби ҳаёт.
Медамад бӯйи мушк аз себаш,
Ки мабодо зи даҳр осебаш.
Ба занахдони дилбарон монад,
Ҳар касаш дид, дил бар он монад.
Лавҳашаллаҳ зи обу ранги биҳӣ,
Ки аз ӯ боғрост рӯ ба беҳӣ.
Ҳаст беҳ з-обии биҳишти барин,
Ҳаст ризвони хулд низ бар ин.
Дигар аз меваҳош ҳаст анҷир,
Ки ба хубиш кас надида назир,
Ҳар як аз вай ҳаловати ҷон аст,
Шири пистону нори бустон аст.

Ва подшоҳи ин вилоят ва шаҳаншоҳи ин ноҳияти олиҷаноби салтанатмоби хилофатинтисоб шаҳаншоҳи аъдали аъзам Кайхусрави кайвонқадри кавокибҳашам, малики мулуку-л-арз қадран ва рафъатан ва иҷлоҳум байна-л-аном такриман умдаа-л-хавоқин фӣ-л-офоқ, авсату-с-салотин би-л-ирс ва-л-истеҳқоқ, мустаҷмеи осори ва мо минно илло-лаҳу мақомун маълумун[1] мустафизи анвору-с-султону зиллуллоҳи яъвӣ илайҳи куллу мазлумин бақияи дудмони азамату комгорӣ [нуқоваи хонадони давлату бахтёрӣ, тоҷбахши салотини комгор] тахтнишони хавоқини олимиқдор, шаҳсавори арсаи хок, фориси якрони кураи афлок, омири мабонии ислом,

1 Қуръон, сураи 37, ояи 164.

ҳодими қавоиди-л-асном аллазӣ антаҳат сабилу-с-соилина ило бобиҳи ва ахзаррат риёзу-л-омилина бифайзи саҳобиҳи-муъиззу-л-хилофат ва-с-салтанат ва-д-дунё ва-д-дин Севинчхоҷахон буд, ки собиқаи инояти эзадӣ ва бадрақаи кифояти сармадӣ аз бадви зуҳури табошири субҳи давлати арҷманд то ҳангоми иртифои офтоби ҷалолати бегазандаш ба ҳар ҷо ва ба ҳар ҳол рафиқи амониву омол менамуд. Адолаташ ба мартабае буд, ки дар замони салтанаташ асофир аз барои ошёнаи худ аз бозу шоҳин пар металабиданд ва рангу нахҷир баҳри шонаи маҳосини худ чанголи паланги тезчангро муносиб медиданд.

[Байт]:

Ҳалқаи заррини чашми бозро аз роҳи лутф
Дасти адлаш зевари пойи кабӯтар карда буд.

Тантанаи сити адолаташ дар Арабу Аҷам чунон баландоваза гашта буд, ки ба ҷуз нолаи танбӯр кас аз дасти роҳзанон намешунид ва зӯрманде ба ҷуз бар гӯшаи камон касе намедид.

На касе дид дар айёми ҳаёташ, на шунид
Ашк ҷуз ашки маю нола ба ҷуз нолаи чанг.
Оби теғаш агар аз боди ғазаб мавҷ задӣ,
Моҳӣ аз қаъри замин ғӯта задӣ чун харчанг.

Аз камоли саховат ва ободонии адлаш гадоёни мамлакаташ аз барои ганҷи худ вайронӣ намеёфтанд ва хубони ситамгару дилбарони ҷафогустар ба ҷуз синаи ошиқон ба теғи ғамзаву ханҷари карашма [на]мешикофтанд. Азбаски дасти ҷуди дарёнаволаш ҳосилоти баҳру конро исор карда буд, на конро хун дар чашм ва на баҳрро об дар ҷигар монда буд, лоҷарам ҳарчанд меҳри анварнеши заррин дар раги кӯҳи Бадахшон фурӯ мебурд, қатрае хун бурун намеомад [ва] офтоби оламтоб ғаввосвор шишаи меҳр дар сар кашида, ҳар шом дар баҳри Мағриб ғӯта мехӯрд ва субҳгоҳ аз дарёи Машриқ ба ҷуз кафи тиҳӣ зоҳир намесозид. Ва ин подшоҳи динпаноҳро дар дурҷи шаҳрёрӣ ду гавҳар ва дар бурҷи бахтёрӣ ду ахтар буд, ки ҳар ду дар дарёи салтанат ва дурри самои ҳишматаш буданд. [Назм]:

Он яке бар авҷи бурҷи подшоҳӣ офтоб
В-он яке бар тахти бахти салтанат олиҷаноб.

Он яке шери жаёни бешаи фарзонагӣ
В-он дигар бабри баёни арсаи мардонагӣ.
Он яке Султон Муҳаммад, подшоҳи номдор
В-он яке Наврӯз Аҳмад, шаҳрёри комгор.
Дар рикоби он равон Ҷамшеду Кайковусу Ҷам,
Дар ҷиноби ин ситода хусравони муҳташам.
Он яке бигрифта аз хоқон хироҷ аз зарби теғ
В-он дигар бахшида шоҳонро мамолик бедареғ.
Он якеро гашта аз ҷон Рустами Дастон ғулом
В-он дигарро бандаву чокар шуд Афридуну Сом.
Он яке дар паҳлавониву шуҷоат беназир,
Бар сипеҳри ҳусну хубӣ ин дигар бадри мунир.
Қиблаи даргоҳи онро мебарад гардун намоз,
Мениҳад бар пояи ин нуҳ фалак рӯйи ниёз.
Аз ниҳеби теғи он хуршед ларзон бар сипеҳр
В-аз сиҳоми ин сипар гардун ба рӯ дорад зи меҳр.

Рӯзе дар хонаи олиҷаноби маолинисоби [вазоратмоб, қудвату-л-амоҷид ва-л-аъолӣ, зубдату-л-акорим ва-л-маолӣ] муқаррабу-л-ҳазрату-л-хоқония маҳраму-с-сароиру-с-султония мумаҳҳиди қавоиди адолатгустарӣ Хоҷа Ҷалолуддин [Юсуф] ал-Кошғарӣ будем, ки хоҷаи мазкур аз мулозамати ҳазрати Хони Аъзам ташрифи ҳузури шариф арзонӣ фармуданд ва ин каминаро таҳният расонида, гуфтанд, ки:

– Имрӯз дар маҷлиси ҳазрати Хон акобиру аолӣ ва ашрофу аҳолӣ ва уламову фузалои Тошканд муҷтамеъ буданд, сухан дар фазилати илму уламо мегузашт ва тафсири қадимаи каримаи қул, ҳал яставил-лазина яъламуна ва-л-лазина ло яъламуна[1] дар миён буд ва ҳадиси ман аҳабба-л-ъилма ва-л-ъуламо, лам туктаб хатийятуҳу мо дома ҳаётуҳу гуфтугӯй меёфт.

Олиҳазрат хон фармуданд, ки:

– Лиллоҳ-ил-ҳамд ва-л-миннат, ки лавҳи замири мунир ва саҳифаи хотири мо ба руқуми муҳаббату икроми асҳоби улум, ки акрими-л-ъуламоа фаиннаҳум ъинда-ллоҳи кироманмарқум аст: лоҷарам пайваста ҳаволии маҷлиси фалакиштибоҳ ба нуҷуми зоҳираи арбоби илму интибоҳ музайян ва

1 Қуръон, сураи 39, ояи 9

ҳавошии сафаҳоти авқоти фархундасоот ба таҳсили [масоили] динӣ ва таҳқиқи далоили яқинӣ мувашшаҳу [муҳашшо] аст. Ва ҳамагии давоии [хотири фаёз] бар он мафтуру мақсур [аст], ки ҳар як аз фарзандони саодатёр дар соҳати иктисоби камолот [ва мурозии осор бар ваҷҳе] мубодарат намоянд, ки [дар] мизмори дониш [ва ихтиёри қасаб-ус-сабақ] аз абнои рӯзгор бирабоянд. Чунонки нуқуду сууди рӯзгори масъуди эшон ба сиккаи беҳбуди фатақаббалаҳо раббуҳо биқабулинҳасанин[1] музайян гардад. Бино бар он дар ин вақт мансаби тааллуму таълим ва ифодаву тафҳими фарзанди арҷманди саодатманди ҳамидаосори ғарраҷабҳаи хилофату иқтидор [ал-мухтас би авотифи малик-ил-аҳад Музаффаруддин] Наврӯз Аҳмад [рақоҳуллоҳу ало аъло мадориҷи-л-маъорифи ва-л-маълумоти ва вақоҳу ъан ҷамиъи-л-макориҳи в-ал-офоти в-ал-махофоти]-ро ба Мавлоно [ал-фозил ал-бореъ ал-муътаман Мавлоно] Камолуддини Восифӣ [ки ба фазоили илмиву адабӣ мавсуф аст ва ба сифати маънавияи ал-илму ҳасанун маъруф] тафвиз фармудем, то чунончи аз хасоили разия ва шамоили марзияи ӯ сазад, дар таҳсили асбоби камолот ва такмили маросими одобу одоти фарзанди [саодатманди] мушорунилайҳ ғояти маҷҳуд мабзул дорад ба навъе, ки анқариб осори рашод ва аломоти [ҳусни] иршод аз саҳоифи аҳволи хуҷастамаоли он фарзанд возеҳу мубайян гардад.

Иттифоқан дар ҳамон рӯз соати саъд ихтиёр карда, Хоҷаи Аъзам асбоб тартиб намуда, дар девонхона ин каминаро иҷлос фармуд ва ҳазрати султон «Сарф»-и манзуми Мавлоно Нуруддин Абдурраҳмони Ҷомиро ифтитоҳ фармуд. Ҷидду ҷаҳдаш ба мартабае расид, ки аз аввали сабоҳ то мабдаи равоҳ [ва] аз хуруҷи залом то духули шом ба такрори мутолаа ва тазкори мубоҳаса машғулӣ менамуд. Ва чун лаҳзае хотири [отир]-аш аз иҳотаи сабақи маъҳуд фароғат намудӣ, замоне зимоми хомаи тезравро ба аномили дарё фавосил дода, ба таҳсини қавоиди хат, ки ҳандасаи рӯҳонист, иштиғол фармудӣ, то ба андак муддат ба тавфиқи ъаллама би-л-қалами[2]

1 Қуръон, сураи 3, ояи 37
2 Қуръон, сураи 96, ояи 4

тавқеи сулсаш, ки ғубори насх бар риқои хушнависони замон рехта буд, чун райҳони хатти хубон саводи таълиқи дилҳоро таҳрир карда, дар фунуни хат ва қаламгузорӣ ва анвои иншо ва фасоҳати дисор саромади рӯзгор [ва сарфароз] гашт. Чун шаб даромадӣ ва аз дарси сабақ ва машқи варақ хотири худро фориғ сохтӣ, ба навохтани созҳои созанда ва навозиши мутрибони навозанда пардохтӣ. Ва бо табақаи муғанниён, ки ба навоҳои ҷонфазо ва нағмаҳои дилрабо Зуҳраи чангиро аз фалак фуруд овардандӣ ва ба вақти суруди тарабангез ду рӯд аз дидаи ушшоқи бенаво равон кардандӣ, тарҳи мусоҳабат андохтӣ [ва дар адои нақароти мулоим ва нағамоти мавзун ва ҳусули усули иқоат бар қонун бо эшон сохтӣ], то дар илми мусиқӣ ва фанни адвор ба мақоме расид, ки замзамаи нишот афзоиши Ноҳиди хушалҳонро чун гӯшаи чанг гӯшмол додӣ ва ба навои тар, ки аз раги хушки рӯди об дар рӯди айш созад, ҳазор чашма аз гӯшаи чашм гушодӣ. Гоҳе сафинаи фикрро дар баҳри арӯз ҷорӣ сохтӣ ва дурари аҷзову аркони шеъpро, ки аз садафи табъи салими суханварон мустахраҷ гашта, дар риштаи фаҳм манзум гардонида, кайфияти тақтеъ ва зиҳофоту камийяти буҳуру авзон ва саноеу бадоеи ашъор ва маноқибу маоибу баёни ҳуруфу ҳаракоти қофия ва шарҳи ҳоҷибу радиф ва соир мутааллиқоти ин фанни шарифу илми латиф маълум сохтӣ. Ва дар фанни камондорӣ ба пояе расид, ки камони ӯро ҳеч зӯрозмое накашидӣ ва пайкони тираш то маркази дидаи аъдо ба ҳеч ҷо наёромидӣ. Дар замони кашидани камонаш аз чиллахонаи қавс фалак забон ба таҳсини ӯ гушодӣ ва дар вақти гушодани тир аз гӯшаҳо овози зеҳ баромадӣ. Пайкони тираш гӯӣ насоеҳи дилпазир буд, ки филҳол дар дилҳо нишастӣ ва хаданги беназираш ҳамоно, ки панди падар буд, ки дар саҳифаи сина нақш бастӣ. [Байт]:

Чунон ба тир рабудӣ сиёҳӣ аз дида,
Ки заррае нарасидӣ ба дида озораш.

Ва он шоҳзодаро аспе буд сабуктак, ки аз ғояти суръат ба ҳангоми ҳаракат бар замони гузашта пешӣ мегирифт ва аз рӯйи шитоб ба як-ду гом вақти ояндаро дармеёфт. Сабки сайраш ба ҳадде буд, ки агар ба чашми хуфта ҷавлон намудӣ,

[лаззати] хоби хушро зоил накардӣ ва дар вақти такопӯй заминро аз рафтанаш асло хабар набудӣ.

Таковаре, ки заминро хабар набуд зи сумаш,
Ки об рафта бар ӯ ё гузашта боди баҳор,
Ба сони қатраи ашке, ки аз мижа бидавад,
Гузар кунад зи сари тори мӯй дар шаби тор.

Ва ин аспро дар рӯзи иҷлос бо зину лаҷом муғаррақ ба ин камина инъом фармуданд. Ва дар русуми муҳорабат ва қавоиди мубаразат ба ҳадде расид, ки ҳадиси Рустами Дастон ва достони Исфандёри Рӯинтан тоза кард ва ҳикоёти Бежани шершикор ба ёди рӯзгор овард ва шаҳобвор девони сафи ҳайҷоро ба оташи раҷм месӯхт ва дидаи Симоки Ромеҳро, ки найзадори майдони сипеҳр аст, ба синони барқнишон медӯхт.

Ҳамвора маҷлиси ҷаннатойини [сипеҳртазйинаш] маҳбити афозили [адиму-л-мисол] ва марҷаи аҳли илму камол буд. Дар вақти баҳор, ки машшотаи сунъи азалӣ наварӯси дилрабои рабеъро ба ғозаи лола ва сафедаи шукуфа ороставу пероста гардонида, аз кулолаи сунбул ҷаъди муанбар бар узор ниҳода, аз панҷаи сарв соидашро нигор баст, ба ҳукми фаътабиру ё улилабсор[1], чашми рӯзгор аз наргиси сад ҳазор дида ба назора баргушод ва нассоҷи нодиракори баҳор пешгиребони атласи фустуқии гулбунро ба тукмаҳои фирӯзаи аёҳ зебу зинат дод ва дебои мулаввани гулрези кошинамои ёсаминро ба нақшҳои гуногун ва баргҳои буқаламун монанди пари товус бипардохт ва саҳни боғро рашки базми Кайковус сохт. Ту гӯийӣ, ки саҳни бӯстон маҷлиси тӯй ва арӯсисарой буд, ки аз сарв шамъҳои сабз ба ҳар сӯ ниҳода буд ва шамъдонҳои кабуди нилуфар ба ҳар тараф менамуд, аз ғунчаҳо шишаҳои минoӣ бар бодаи гулгун ва аз лолаҳо пиёлаҳои лаъл аз сад ҳазор афзун. Мавкиби давлатманоқиби ҳазрати аълои хоқонии сулаймонмаконӣ Севинҷхоҷахон ба азимати яйлоқ мутаваҷҷеҳ гашта, лаби оби Каласро, ки аз наҳри Салсабил хабар медод, мазриби хиёми ҳумоюн гашт ва автоду атноб дар он манзил аз нуҷуму шаҳоб даргузашт.

Рӯзе дар маҷлиси шарифи султонӣ нишаста будем, аз ҳар

1 Қуръон, сураи 59, ояи 2

бобе сухан дарпайваста, дар он асно писари Қароқозӣ Муҳаммадбоқӣ аз вилояти Туркистон омад ва ба тақбили атабаи сипеҳрэҳтишоми аршэҳтиром шарафи истисъод ёфт. Ҳамроҳи ӯ уъҷубаи аҷоибу-л-махлуқот ва азҳукае аз ғароибу-л-маснуот омад.

Омад бурун зи фирқаи Яъҷуҷ мардаке,
Аз гӯҳ ришакею бар он риш тизаке,
Дар чанги пури Қозӣ Яссӣ биъайниҳи,
Ҳамчун магал фитода ба минқори лаклаке.

Ба қадду қомат монанди ҳиммати дунон дар ғояти пастӣ ва дар ҷаҳлу ҳамоқат дар ниҳояти забардастӣ, кареҳманзаре, ки дев аз талъаташ бирамидӣ, қабеҳпайкаре, ки шайтон аз ору нанг ба хоби ӯ дарнаёмадӣ. Қудвату-л-маноҳиси манбаъу-т-талобис муалламу муаддаби Иблис, куфу буми накбату фалокат, ғуроби туроби музахрафату шақоват. [Назм]:

Рӯбаҳи сӯрохи ҳилат, гурги дашти муфсидӣ,
Хуки саҳрои вақоҳат, хирси кӯҳи кофарӣ,
Муши дуккони харобӣ, зоғи гӯристони макр,
Росуи боғи фазиҳат, буми ғори мудбирӣ.

Сардори қотибаи шаётин, малҷаи коффаи малоъин, малозу-л-мутамарриди ва-л-кафара мафхару-л-фасақати ва-л-фаҷара.

Он ки мислаш надида [чашми] сипеҳр
Ба хабисию мулҳидию сагӣ,
Чун вай аз модари замона назод
Ба наҷисӣ, хариву масхарагӣ.

Даюси бурдбор, бар ғавс бевиқор, фасси хотами ҳамоқат, байтулқасидаи хабосат.

Агар Одам бидонистӣ, ки дуне инчунин мудбир
Бихоҳад зод аз ӯ, ҳаргиз надидӣ рӯйи Ҳавворо.

Ҳамоно, ки сабаби ибову гарданкашии Иблис аз суҷуди Одам, алайҳис-саллом, на аз ҷиҳати ҳасад буд, балки вуҷуди он бевуҷудро дар оинаи насли Одам мушоҳада карда, аз нанг сар ба ӯ фуруд наёварда. Дебочаи китоби ғавояту маъбунӣ, унвони номаи хиёнату бединӣ Мавлоно Ҷабинӣ, куввиза ас-

болаҳу ва тағаййара аҳволаҳу ванқазо иқболаҳу ногоҳ аз дари боргоҳ даромад ва гуфт:

– Ассаломун алайкум.

Фақир дар ҷавоб гуфтам:

– Ваалайкассалом, ё мин ҷамъи байн-ат-танвин ва алифлом.

Ва ба ин назири беназир ратбуллисон гаштам, ки:

«Дар вилояти Хуросон надиме буд, ки ӯро Қосими Ҳисорӣ мегуфтанд, дар сабукрӯҳӣ худро монанди фараҳ дар дилҳои аҳли нишот ҷо кардӣ ва ғаму андуҳро аз замир мисли мӯй аз хамир берун овардӣ. [Ва] ӯ ҳамвора таърифу тавсифи мардуми Ҳисор дар фаҳму идрок ва дар забон дошт ва рақами фасоҳату балоғати он қавмро бар саҳифаи баён менигошт. Рӯзе дар хиёбони Хуросон бо вай сайр мекардам, ки аз ҷониби Ҳисор корвоне расид, шахсе аз маркаб фурӯ давид ва рӯй ба Қосим оварда гуфт, ки:

– Ассаломун алайкум.

Гуфтам:

– Боракаллоҳ Мавлоно Қосим, қобилияту салоҳияти мардуми Ҳисори шуморо аз саломи эшон маълум тавон кард.

Қосим шарманда ва сар дар пеш афканда, ӯро ба хонаи худ муроот намуда, мутаваҷҷеҳ шуд. Чун ба маҳаллаи Мирзо-Баҳодур, ки аз ҷумлаи шаробхонаҳои машҳури Хуросон аст, расидем аз ҳавлие овози ҳаёҳуйи мастон ва нӯшонӯши эшон ба авҷи Сурайё расида буд ва ғавғову машғала ва ғулғулаи ҳарифон дар гунбади афлок афтода. Қосими Ҳисорӣ он мусофирро гуфт, ки: «Ин хонаи мост, шумо дароед ва ба фароғат ба сари суффа нишинед. Ман аз пайи муҳимме меравам». Он шахс далерона даромад ва ба сари суффа нишаст. Ҷамъи мастон пурсиданд, ки: «Ту кистӣ ва аз куҷо омадаӣ?» Гуфт:

– Ман меҳмони Қосими Ҳисориям.

Ҷамоати мастон ӯро дар лат кашиданд ва сари ӯро шикаста, ду даст дар қафо баста, чандонаш заданд, ки шаби ид бар духул назаданд ва ӯро ба уқубати тамом аз хона берун карданд. Қосими Ҳисорӣ расид ва ӯро бад-ин ҳол дид ва гуфт:

– Эй мардак, ин сазовор ва ҷазои он касест, ки алифу ломро бо танвин ҷамъ кунад ва маро дар миёни аҳли фазл шарманда созад».

Чун ин ҳикоят гуфтам ва ин дурри маърифат суфтам, ҳуззори маҷлис ба қаҳқаҳа бихандиданд. Ту гӯйӣ, ки саггазида обро дид, гуфт:

– Ман толибилм ва аз авлоди Абубакри Сиддиқам. Эй Абубакр, ин қавмро, ки ба ман иҳонат мерасонанд, сарнигун созӣ ва дар ҳовияи бало андозӣ!

Баъзе аз ҳуззори маҷлис гуфтанд, ки:

– Мо ӯро нек медонем ва хуб мешиносем, ӯ аз арозили шаҳри некӣ аст, зиндиқро ба Сиддиқ чӣ нисбат ва Абуҷаҳлро ба Муҳаммад, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, чӣ мушобаҳат?

Гуфтам, ки:

– Насаб маълум шуд, аз ҳасаб шаммае баён фармоянд.

Гуфт:

– Маро дар ояти ва ло ратбин ва ло ёбисин илло фӣ китобин мубин[1] [таваққуф] ва дағдағаест, ки дар пайи бисёре аз муфассирон шитофтам ва аз ҳеч кадом ҷавоби шофӣ наёфтам. Ва дағдағаву шубҳа он аст, ки Аирҳимор дар куҷо воқеъ шуда бошад?

Фақир гуфтам, ки:

– Мавлоно Қутбуддини Аллома ин оятро тафсир фармуда будаанд ва Мавлоно Рукнуддини Козарунӣ, ки аз ҷумлаи таломизи Мавлавӣ буда [ва] ин ҳазрат камоли густохӣ дошта, ин суол карда буда. Он ҳазрат фармуда будаанд, ки фӣ бутуни уммаҳотикум.

Зурафову нудамои маҷлиси султонӣ ба ғулғулаву қаҳқаҳа зилзила дар гунбади гардуни [даввор] афканданд ва риши ӯро ба чанголи тамасхур аз ҳам канданд.

Мавлоно Муҳаммадбоқии Туркистонӣ гуфт, ки:

– Тафсири ал-қориъату мал-қориъатро[2] аз Мавлоно Ҳабибӣ суол фармоянд, ки холӣ аз ғаробате нест.

Пеш аз он ки пурсанд, ба забони туркӣ бунёд кард, ки:

– Сиз айтасиз, ки қилич-милич қалғон-малғон уқ-муқ танкарӣ ҳам ушандоқ айтибдур, ки ал-қориъату мал-қориъату.

---

1 Қуръон, сураи 6, ояи 59.

2 Қуръон, сураи 101, ояи 1.

Чун ин каломи муҳмалро шунидам, оташе дар дарунам афрӯхт ва матои сабру тоқатам бисӯхт. Гуфтам, ки:

– Эй сифлаи дун ва эй саги бадбахти малъун, агар шаммае аз шамоими гуфторат ба гулистони Ирам ва саробӯстони Халлуху Татор вазад, чун ошёнаи ҷуъал бигандонад ва агар нафҳае аз фавоеҳи каломи қабоҳатанҷомат бар саҳрои Чину Мочин гузарад, нофи оҳувонро чун хайшуми шумат гардонад, шарм намедорӣ, ки каломи раббонӣ ва танзили субҳониро инчунин маънӣ мегӯйӣ?

Чун ин сухан шунид, оғози беҳаёӣ ва бунёди шаттоҳӣ намуда, гуфт:

– Ҳе мулло, таббат ядо Абилаҳабин ва табба[1] ва қулё айюҳал-кофирунаро[2] чӣ мефармояд?

Мавлоно Хоҷа Алии Ӯбаҳӣ, ки яке аз зурафои Тошканд ва нудамои бемонанд буд, фақирро гуфт:

– Мавлоно бархезед ва зудтар бигурезед.

Аз суҳбати бад дур ба сад марҳала бигрез,
То дар даҳани шер наяфтӣ зи хисолаш.

Ва гуфт:

– Маро [худ] тоқати шунидани ин муҳмалот ва таҳаммули истимои ин музахрафот нест.

Ба иттифоқи вай аз ҳазрати салтанатпаноҳӣ рухсат талабида, мутаваҷҷеҳи Тошканд шудем.

Баъд аз чиҳил рӯз роёти нусратоёти [хоқонӣ ва аъломи зафаранҷоми] хонӣ ба доруссалтанаи Тошканд наҳзати нузул фармуданд. Дар он аём олиҷаноби сиёдатмаоби нақобатпаноҳи саодатдастгоҳи қудвати оли Тоҳо ва Ёсин, зубдаи дудмони саййидулмурсалин Саййид Шамсуддини Куртӣ, мадда зиллаҳу-л-олӣ, аз вилояти Ахсӣ ба Тошканд ташриф оварда буданд. Баъд аз адои салоти ҷумъа дар суффаи мадрасаи олияи Хоҷа Убайдуллоҳӣ, қаддасаллоҳу рӯҳаҳу ва зода фил-ғураф [ал-фародис] футуҳаҳу, ки ҷамеъи акобир ва аоливу аҳолӣ ва ашрофу [аъроф] ва уламову фузало ҷамъ буданд, олиҷаноби [маолиинтисоби ифозатшиори ифодатосор, қудвату-л-уламо ал-комилин сафвату-л-булағо ал-муҷтаҳиддин,

---

1 Қуръон, сураи 111, ояи 1.
2 Қуръон, сураи 109, ояи 1.

ҳовии фусулу-л-илм мин ал-бидояти ила-н-ниҳоят, ҷомеъи фунуну-л-фазоил ва-л-ҳикам би ҳусн-ил-иҷтиҳод ва-л-кифоят] Мавлоно Абдулғаффор аз илми калом масъалаи вуҷудро дар миён андохтанд ва фармуданд, ки:

– Шайх Муҳйиддин ва Шайх Алоуддавла Симнонӣ ва Айнулқузоти Ҳамадонӣ ва ҷумҳури машоихи кибор бар онанд, ки мумкинот маъдуми сарфанд ва аз ҳаййизи адам қадам ба фазои вуҷуд наниҳодаанд. Ва каломи Шайх Муҳйиддин аст, ки мо шаммал-мумкину роиҳатал-вуҷуди аслан. Саййид Шамсуддин Муҳаммад фармуданд, ки ин сухан муаввал аст, маънии сухан ин аст, ки мумкинотро вуҷуди мустамирре нест, балки нав ба нав мавҷуд мешаванд ва боз маъдум мегарданд: камо қолаллоҳу таъоло бал ҳум фӣ лабсин мин халқин ҷадид[1]. Ва агар ба ин маънӣ набошад, лозим меояд, ки қоил набошем ба вуҷуди бисёре аз мумкинот, ки эътиқод ба вуҷуди эшон аз ҷумлаи заруриёти дин аст, мисли эътиқод ба вуҷуди Муҳаммад (с) масалан. Мавлоно Абдулғаффор фармуданд, ки:

– Ин сухан бар зоҳири худ рост аст, аммо инро фаҳми дигар мебояд. Алқисса, сухан ба таъну ташнеъ кашид ва ба тааррuз анҷомид ва муддати мадид ин мабҳас дар миён буд ва ба қатъ нарасид.

Ҳазрати Севинчхоҷахон дар рӯзе, ки дар маҷлиси вай уламову фузало ҷамъ буданд, суол фармуданд, ки:

– Тахлили лиҳя суннат аст ё мустаҳаб?

Ҷаноби махдумӣ Саййид Шамсуддин Муҳаммад фармуданд, ки:

– Он чи аз «Ҳидоя» ва [«Шарҳи виқоя» ва хулосаи] соир кутуби машҳураи фиқҳ маълум мешавад, тахлили лиҳя суннат аст.

Мавлоно Шайх Боқӣ фармуданд, ки:

– Ло нусаллим, ки суннат [будани] тахлили лиҳя аз ин кутуб фаҳм мешавад.

Ва Мавлоно Абдулғаффор низ ҷониби Шайх Боқӣ гирифта, мабҳасро аз пеш бурданд. Мавлоно Шайх Боқӣ агарчи толибилм буд, аммо ба мукобараву илҳод ва беқайдӣ шуҳрати тамом дошт. Чунончи Хоҷа Юсуфи Кошғарӣ бо ҷамъи касир

1 Қуръон, сураи 50, ояи 15.

аз сиқот нақл мефармуданд, ки аз [Мавлоно] Шайх Боқӣ ба карроту маррот шунидаем, ки мегуфт:

– Ман дар баробари қул ё айюҳал-кофируна[1] сурае сохтаам, ки агар аҳли фазл инсоф пеш оранд, сураи маро тарҷеҳ медиҳанд.

Ва қозии Тошканд Мавлоно [Ҳофизи] Поянда Муҳаммад чунин нақл мекард, ки:

– Рӯзе ҷамъе аз фузалои Тошканд муҷтамеъ буданд ва абёти «Маснавии маънавӣ»-и [ҳазрати] Мавлавӣ мехонданд, Шайх Боқӣ фармуд, ки мисли ин абёти муҳмала шояд, ки дар рӯзе ҳазор байт тавон гуфт. Ҳуззори маҷлис [ҳама] мутағаййир шуданд ва китоби «Маснавӣ» ҳозир буд, гуфтем, ки ҳасбулҳол гушоем, то Мавлавии Румӣ, он масти шароби қайюмӣ дар бораи Шайх Боқӣ чӣ фармояд? Чун гушодем, ин ҳикоят баромад, ки:

– Ноие буда, чун найро ба даҳон монда, аз вай боде зоҳир шуда ва филҳол сари он найро ба дари мақъади худ монда, гуфт:

– Агар ту беҳ менавозӣ, дам асту нафасу гӯй асту чавгон.

Дар масҷиде аз масоҷиди Тошканд ба илтимоси ҷамъе аз аиззаву маходим намози бомдодро имомат мекардам ва баъд аз адои салот масоили мухтасари «Виқоя»-ро бар ҳамон тартиб ба самъи ҳозирон мерасонидам. Ва касрати ҷамъият ба ҳадде расид, ки дар масҷид ва бому кӯчае, ки дар ҷавори масҷид буд, [мардум] намегунҷиданд. Рӯзе масъалаи навоқизи вузӯ мазкур мегардид, ногоҳ аз гӯшаи масҷид овозе баромад, ки:

– Эй мулло, [то] чанд масъалаҳоро ба мардум ғалат хотирнишон мекунӣ ва халқро гумроҳ месозӣ?

Гуфтам:

– Ту кистӣ ва аз куҷоӣ ва пештар о, ки шунавем, ки чӣ мегӯйӣ?

Гуфт, ки:

– Як ноқизи вузӯро чаро зикр накардӣ, ки он ташаддуди зикр аст?

Гуфтам, ки:

– Эй ҷоҳил, ту инро аз худ баровардӣ ё дар ҷое дидаӣ?

---

1 Қуръон, сураи 109, ояи 1.

Саросема шуд. Мардумон хандон шуданд. Ҳокими Тошканд он ҷо ҳозир буд, ҷамъеро фармуд, ки:

– Ӯро гирифта пеш баред, ман ӯро мешиносам; чанд навбат ба имоми ҳамин масҷид иҳонатҳо ва беадабиҳо расонид. Вай қобили изову ҷафост.

Чун ӯро пеши қозӣ бурданд ва номаъқулии ӯ ба субут расид, ҳоким ӯро дасту гардан баста дар охтахона андохта, фақиру ҷамъе толибилмон ба ташвиши тамом ӯро халос гардонидем.

Баъд аз чанд рӯз ҳазрати салтанатшиорӣ бо ҷамъе аз хавос [Мавлоно] Ҷабиниро ба хондани «Шоҳнома» амр фармуда буданд. Муҳмалоте мегуфта, ки шарҳи [он] натавон кард. Мавлоно Қосим, ки яке аз муқаррабон ва наввоби даргоҳи олампаноҳ буд, гуфта, ки:

– Ҳалли ин алфоз ва шарҳи ин калимотро миқдори фалонӣ, ки иборат аз ин фақир бошад, касе намедонад [ва наметавонад].

Алқисса, касе ба талаби ин фақир фиристоданд. Чун ҳозир шудем, он мардакро ғариб ҳоле даст дод. Ҳазрати султон фармуданд, ки:

– Аз «Шоҳнома» дилгир шудем.

Девони ҳазрати Мавлавӣ Ҷомӣ, қаддасаллоҳу сирраҳу-ассомӣ, ҳозир буд. Фақирро ба саводхонӣ амр фармуданд, девонро гушодем, ин ғазал баромад, ки:

Рафтиву ман мулозими ин манзилам ҳанӯз,
З-оби мижа ба кӯйи ту подаргилам ҳанӯз.

Чун ба ин байт расидем, ки:

Эй гашта дил зи теғи ҷафои туам дуним,
Бо ман дудил мабош, ки ман якдилам ҳанӯз.

Ҷабинӣ аз ҷой ҷасту гуфт:

– Ҳазор ло нусаллим!

Ҳамагон мутаҳаййир шуданд. Вай даст бар зону задан гирифт, ки:

– Ҳай дареғ, агар Ҷомӣ зинда будӣ, маро заррез мекард.

Фақир филҳол бархостам ва аз маҷлис берун омадам ва ба Мавлоно Қосим гуфтам, ки [мисраъ]:

Заҳҳокро ба заҳмати морон гузоштем.

Ҳама гуфтанд, ки:

– Мо ҳайронем, ки ҳазрати султон чаро ҳукм намефармояд, ки дандонҳои ӯро баркананд [ва] бар тораки [сари] ӯ нишонанд?

Чун ин мақулот ба самъи ҳазрати махдумӣ расид, фармуданд, ки:

– Муддатест, ки маро доияи мулозамати Шайх Муҳаммадсодиқ, ки дар вилояти Шаҳрисабз мебошанд, шуда, акнун аз хон рухсат хоста, мутаваҷҷеҳ шудаам.

Фақир ҳамон замон ба хидмати амирулумаро Сулаймони Тархон рафта, ӯро васила сохта, аз хон рухсат ҳосил кардам. Ва бо ҳазрати махдумӣ ва Мавлоно Амир Ҳусайн ва писари қозии Тошканд мутаваҷҷеҳи Шаҳрисабз шудем. Ва атабаи қудсинишони қудсиошёни он олиҷаноби ҳидоятмаоби [ифозатоёби кароматинтисоб] муқбилу малсум гардонидем. Ва муддати макс дар он каъбаи омол ва мақсади риҷол ба як моҳ кашид.

Оқибат фақир ва Мавлоно Амир Ҳусайн ва писари қозии Тошканд иҷозат талабида, мутаваҷҷеҳи Тошканд шудем ва аз он ҷо ба Туркистон рафтем. Иттифоқан [хон ва Кучумхон ва соир] салотини Самарқанд ҷиҳати тохти қазоқ ба Туркистон омаданд. Хоҷа Офоқ, [ки] вазири султон Абусаид буд, ба воситаи ориза дар Саброн таваққуф намуда буд. Фақирро ба вай ихтилоте воқеъ шуд ва ба мартабае иттиҳоду мусодақат рӯй дод, ки фавқи он мутасаввир набошад. [Байт]:

Рӯҳи ваю рӯҳи маро дар азал
Собиқае буд, ки гашт ошно.

Фақирро ба Самарқанд тарғиб намуд [ва дар баргаштани хавоқин ба ҳамроҳии вай ба Самарқанд рафта шуд]. Акобир[у ашрофи] Самарқанд дар банданавозӣ ва ғарибпарварӣ шаммае номаръӣ нагузоштанд ва ин каминаро дар масҷиди Бозори Атторон, ки бонии он ҳазрати хоҷаи бузург Хоҷа Убайдуллоҳ аст, ба имомат иҷлос карданд. Ва рӯзи панҷшанбе дар ҳамон масҷид маҷлиси ваъз муқаррар шуд, [аз ҷиҳати касрати мардумон ва зиқи макон маҷлиси ваъз ба масҷиди ҷомеъ баъд аз намози ҷумъа интиқол ёфт. Ҷамеи акобир ва мударрисини Самарқанд мисли Мавлоно Амири Калон ва Амир Абулбақо ва Мавлоно Иброҳими Шервонӣ ва Мавлоно Бобои Шервонӣ ва Мавлоно Хоҷагӣ ва Мавлоно Маҳмуди Бухорӣ ва соир маходим ташрифи ҳузур арзонӣ фармуданд].

* * *

Бад-ин минвол [муддати] як сол гузашта буд, ки [оличаноби салтанатмаоби адолатинтисоб, зубдаи салотини даврон ва умдаи хавоқини ҷаҳон рукни аъзами аркони адлу эҳсон, собиқи мизмори ҷалодату ҷалолат, моҳии осори зулму залолат, фасси хотами адолатгустарӣ, бадри торами раият-парварӣ, рофеъу-л-вия аш-шаръу-л-мубин ва-д-дину-л-матин қомеи тавоифу-л-кафара ва-л-мушрикин ва-л-мутамариддин, муҳйии маосиру-л-ъадл ва-л-эҳсон, ғиёсу-с-салтана ва-д-давла ва-д-дин Султон Муҳаммад Баҳодурхон, хассаллоҳу таъоло фӣ-д-дорайн би-л-ъиззи-с-сармад], нишоне муштамил бар алтофу иноят аз вилояти Шоҳрухия ба талаби ин камина фиристоданд ва муҳр бар пушт ниҳода, қавоиди банданавозӣ [ва заррапарварӣ] ба зуҳур расонида. Акобири Самарқанд рафтани ин фақирро маслаҳат надиданд ва рухсат надоданд ва дар ҷавоби нишон ба арзадоште таклиф фармуданд ва он арзадошт ин аст [ки навишта шуд]:

«Арзадошти бандаи даргоҳ ва дуогӯйи билоиштибоҳ Восифӣ. Маърузи худдоми атабаи қудсинишони сипеҳри тамкин [ва сокинони] қудсиошёни арши макин мегардонад, ки садру-л-куттоби саҳифаи комгорӣ ва фазлу-л-хатоби ҷаридаи шаҳрёрӣ аънинишони олишон, нурафшони маъдалатнишони ҳумоюн, ки чун офтоби оламтоби зулматсӯзи ҷаҳонафрӯзи иноят аз уфуқи банданавозӣ ва заррапарварӣ ва матлаъи адӯгузорӣ ва марҳаматгустарӣ толеъ ва ломеъ гардид, шукронаи ин саодати узмо ва мавҳибати кубро каримаи алҳамду лиллоҳил-лазӣ анзала ъало абдиҳил-китоба[1] ба хотир расид, лавозими хидмат ва маросими убудийятро маръӣ дошта, ба дасти эъзозу иҷлол бар фарқи мафохарату мубоҳот ниҳода ва забон ба шукргузории ҳазрати воҳибулатиёт баргушод. [Назм]:

Миннат Эзадро, ки аз нузҳатгаҳи лутфу ҷалол
Хотири ғамдидаро сармояи шодӣ расид.
Аз саробустони шоҳи кишвари ҷоҳу ҷалол
Туҳфаи зиндоние маншури озодӣ расид.

1 Қуръон, сураи 18, ояи 1

[Байт]:

[Расид қосиду дурҷе зи мушки ноб овард,
Чӣ ҷойи мушк, ки дурҷе дури хушоб овард.
Зи шаб навишта мисоле ба гирди сафҳаи субҳ,
Ба номи зарраи саргашта з-офтоб овард].

Саводи мидоди он мисоли воҷибу-л-имтисол, нурфазои дидаи улулабсор аст ва сураташ бар баёзи намудори юлиҷ-у-лайла фӣ-н-наҳори[1] баёзи он нишони олишон гӯӣ шукуфазори равзаи ризвон аст ва нишони муҳр дар вай ошёни андалеби хушалҳони адлу эҳсон. Гуфтам магар, ки муҳраш меҳри анвар аст, ки дар ҳиҷоби ғамом рафта ё оинаи Сикандар аст, ки дар ғилофи мушкфом нуҳуфта ё худ нофаи мушки Хутан аст, ки дар ҳарири кофурӣ печида ё нишони мардумаки дидаи ҳурулъин аст, ки баҳри таъзим бар он нишон молида. Ғалат кардам, миҷмарест тибгустар, ки ҳавои маҳфили рӯҳониён аз нафоеи фавоеҳи он рӯҳ мегирад, балки қурси анбарест рӯҳпарвар, ки димоғи каррубиён аз латоифи фавоеҳи он истиншоқ мепазирад. Не-не, ки чашмаи моъи муини хулди барин аст, ки ҳаворӣ айни гесувони анбарини [худ] дар вай парешон кардаанд ё гирдболишест кофурӣ, ки аз баҳри ҷулуси ҳазрати салтанатшиорӣ, хуллида мулкуҳу, анбарафшон кардаанд. Гӯё, ки устурлобест аз барои иртифои офтоби давлати муайяд ё пардаи анкабутест аз барои посдории ҳазрати Муҳаммад (с). Ё худ, панҷараест обнӯсӣ, ки аз риёзи лутфу иноят бар рӯйи маҳбусони зовияи меҳнат гушудаанд, ё гаравномаест, ки аз барои ин бандаи дурафтода аз даргоҳи олампаноҳ рақам фармудаанд. Агарчи ин мулотафаи олӣ ва ин муфаввазаи мутаолӣ фавқи мартабаи ин камина аст, аммо аз он ҷо, [ки] макорими ахлоқи хавоқини завилэҳтиром [ва-л-иқтидор] ва латоифи авотифи салотини олимиқдор муқтазои тарбияти бандагони содиқулихлоси қадимулихтисос мебошад, ҳеч аҷибу ғариб нест. [Мисраъ]:

Сулаймонро ба он ҳишмат назарҳо буд бо мӯраш.

1 Қуръон, сураи 22, ояи 61.

[Байт]:

Аз он тараф напазируфт ҷоҳи ӯ нуқсон
В-аз ин тараф шарафи рӯзгори мо гардид.

Эзади таъоло ва тақаддас ин подшоҳи динпаноҳро солҳои бисёр ва қарнҳои бешумор бар фарози тахту бахт пояндаву мустадом дород! Баъд аз вуруди ҳукми ҳумоюн шароити таъзиму такрим ба ҷой оварда, камари хидмат бар миёни ҷон баста, мӯрсифат худро мехост ба пояи сарири сулаймонӣ расонад. Аммо ба воситаи [ҳусули] якчанд амри зарурӣ, ки дар пояи сарири [аъло] ин каминаро аз аҳамми муҳиммот аст, чанд рӯзе тавaққуф зарурат буд. Бинобар он ба тақбили остони сипеҳриртиқои аршэътило таъҷил нанамуд. Зилли залили отифату раъфат лоязол бод! [Назм]:

Умедвор чунонам, ки файзи фазли азал
Ҳамеша комдеҳи шоҳи комрон бошад.
Ба қадди давлати ӯ хилъате биёрояд,
Ки атфи домани ӯ мулки ҷовидон бошад.

Ин мактуб ба олиҷаноби садоратмаоб Шайхулолам Шайх навишта шуд:

«Эй садри ҷоҳ равшан аз нури эҳтиромат
Туғрои фатҳу давлат тавқеи мушкфомат.

Бадоеи оёти маҷду каромат ва талоеи роёти садорату шаҳомат, олиҷаноби маъолиинтисоб, садрулолии маъозулаозим ва-л-аолӣ молики азамат-ал-маҷд а-л-ҷалол волии мамолику-с--садора ва-л-иҷлолу [маҳбиту-н-назароту-с-султония матраҳи ашиъъату-л-мулотафот ал-хоқония, садру-с-судури имому-л-ҷумҳур фӣ кулли-л-умур] аънӣ, шайхино ва махдумино ва мавлоно ва муаммил дар басити бисоти комгорӣ ва нашри маношири бузургворӣ аз матолеи бахтёрӣ ва машориқи иёлату номдорӣ абадан толеъ ва ломеъ бод! Бандаи камина ва мухлиси дерина, ки хулосаи обу гил, яъне нуқоваи ҷону дил муътакифи атабаи хидмат дорад ва ба хулуси итоати он ҳазрат дар ақосии офоқ машҳур ва ба сидқи тавоият дар ақтори ҷаҳон мазкур аст, вазоифи ризоҷӯйӣ ва хидматгорӣ ва ба шароити дуогӯйӣ ва фармонбардорӣ ба садаи рафеъа ва атабаи олия маъруз мегардонад ва ҳамвора интизоми умури садоратпаноҳиро аз боргоҳи илоҳӣ ба дуо ва ниёзи саҳаргоҳӣ

масъалат менамояд. Алломаллоҳу таъоло ва кафо биҳи шаҳидан[1], ки сифати ниёзу илтиёъ ба эҳрози суҳбати гиромӣ аз он гузашта, ки ваҳми дурандеш ба сарҳадди адои он тавонад расид ё нозими иборат дар силки баён тавонад кашид.

Иштиёқӣ биқурби ҳазратикум
Шарҳуҳу лоятимму билқалами.

[Назм]:

Ба Худое, ки зоти ақдаси ӯст
Бартар аз васфи чунию чандӣ,
Ки маро аз қиёс афзун аст
Ба лиқои ту орзумандӣ.

Ҳазрати иззат, азза шаънаҳу [ва азма султона] ғарраи ғарои саодат мушоҳидаи ҷамоли ҷаҳоноро, ки унвони ҷароиди саодот ва дебочаи дафотири муродот аст, ба зудӣ рӯзӣ гардонод! Иннаҳу қарибун мӯҷибун[2]. Баъд аз арзи ниёзу убудийят маърузи [замири] кимиётаъсир он, ки муддати мадид ва аҳди баид аст, ки ин маҳҷур зовияи хумулро доияи тақбили остони фалакошёни он ҷаноб мусаммам гашта, ҳамвора [мутарассид] ва мутараққиби амре, ки мутазаммини ҳусули ин матлуб бошад, буда ва мебошад. Аммо ба воситаи ин муқаддимаи содиқа, ки [Байт]:

Соликон бе кашиши дӯст ба ҷое нарасанд,
Солҳо гарчи дар ин роҳ такопӯй кунанд

ин мақсуд аз паси пардаи ғайб ҷамол наменамуд, то он ки дар ин авқоти хуҷастасоот, ки он ҷаноб боиси ин инояти шоҳона ва риоёти хусравона гаштаанд, ки аз даргоҳи олампаноҳи ҳазрати салтанатшиорӣ ва мамлакатпаноҳӣ ба номи ин бандаи камина нишоне машҳун ба фунуни ривояти раъфат ва мақрун ба сунуфи риояту отифат каамсоли-л-луълуил-макнуни[3] ав ка ҷаннатин вуъид ал-муттақуна[4] нузули иқбол ва ҳулули иҷлол намуд, аз фарқ [ва] дида қадам сохта мехост,

1 Қуръон, сураи 4, ояи 79 ва сураи 48, ояи 28: ва кафи биллоҳ шаҳидо.
2 Қуръон, сураи 11, ояи 61: он раби қариб муҷиб.
3 Қуръон, сураи 56, ояи 23.
4 Қуръон, сураи 47, ояи 15 ва сураи 13, ояи 25: мисли алҷанната-л-латӣ.

ки филҳол мутаваҷҷеҳ шавад, аммо ба воситаи якчанд китоб, ки ин каминаро бағоят зарур аст ва он чиз дар Самарқанд ёфт намешавад, ҳусули вай низ ҷуз ба тариқи китобат даст намедиҳад ва ҳоло шабу рӯз ба китобати он машғул аст ва андаке монда, чанд рӯзе таваққуф лозим буд, ҳамл бар тақсир нафармоянд ва ин таваққуфро, агарчи ба ҳасби зоҳир тақсирнамост, аммо аз он ҷо, ки ҳусни сирату лутфи сарирати он ҷаноб аст, ба муқтазои инна мин-ал-баёни ласиҳран муқаррар аст, ки дар либос ба арзи ҳумоюн хоҳанд расонид ва арзадошти ин бандаро ба навъе хотирнишон хоҳанд фармуд, ки мӯҷиби издиёди иноёти шоҳонаву авотифи хусравона гардад. Давлати дорайн муяссар бод!»

Ин мактуб ба ҷаноби аморатмаоб Муҳаммадамини Мирак навишта шуд:

«Эй мулку дин зи лутфи ту боравнақу низом,
Осуда дар ҳимояти лутфи ту хосу ом.

Таваҷҷуҳи вуфуди саодати осмонӣ ва вуруди қавофили таъйидоти ҷовидонӣ ба суддаи рафеъ ва атабаи манеи олиҷаноби аморатмаоби маолиинтисоб, қудваи аозиму-л-умаро би маолии-л-ҳиммат ва-л-эҳсон, ал-мустағнӣ фӣ нусрати-д-дин ва ҳимояти аҳлу-л-имон ан иқомата-л-ҳуҷҷати ва-л-бурҳон, минтақату зирвату-ш-шаҳомат ва-л-ҷалол, нуқтату доирати-л-аморат ва-л-омол, малҷоу-л-мазлумин би кифояти-л-маҳом малозу-л-малҳуфин би-р-риоя ва-л-эҳтимом, ал-мухтас би авотифи-л-мулуки-л-қавии-л-матин Хоҷа Муҳаммадамин модому-л-малвон мутаоқибу мутаволӣ бод! Ва дуогӯйи қадиму мухлиси қавим, ки дар мизмори масофот ба эҳрози қасабуссабақ мубодарат намуда ва менамояд, мароссими убудийяту лавозими зироат, ки дар зовияи замир мутамаккину росих аст, муҷадад сохта, вазоифи хидмат дар силки арз мунтазам мегардонад ва давоми интисоқи умури давлат ва интизоми маҳомми ҳишмату шавкати он ҳазратро аз боргоҳи воҳибу-р-рағоиб ва муяссару-л-маориб, ҷалла шаънаҳу ва изама султонаҳу мустадъӣ мебошад. Иштиёқ ба илтиқои лиқои шариф, ки василаи ҳусули ҷамоли ҳузур ва зариаи вусул ба камоли баҳҷату сурур аст, аз тасаввури авҳом ва идрокоти афҳом даргузашта. [Назм]:

Бад-он Худой, ки дар боғи сунъи ӯ ҳар дам
Гули вуҷуд зи хори адам шукуфта шавад,
Ки шавқи банда ба хидмат зиёдат аст аз он,
Ки шарҳи он ба тасвири хома гуфта шавад.

Баъд аз арзи убудийят инҳои раъйи оламорои он ки мухлиси дуогӯйро муддатест, ки доияи он аст, ки дар силки худдоми олимақоми он остона мунтазам бошад ва он мавқуф ба он бувад, ки аз он ҷониб ишорате воқеъ шавад, то ба муқтазои [байти]:

Аз дӯст як ишорат,
Аз мо ба сар давидан

сари иродат бар он остони саодат ниҳода шавад. Лиллоҳил-ҳамду ва-л-миннаҳ, ки он маъмул ба ҳусул пайваст, ки ба таҳрику истисвоби он ҷаноб нишони ҳазрати салтанатшиорӣ, хуллида мулкуҳу, ба номи ин бандаи ҳақир нузули иҷлол фармуд. Вуруди он футуҳоти ғайбӣ ва нузули он фуюзоти лорайбиро ба қадами иҷлол истиқбол намуда, сабаби мубоҳоти дунёву охират донист. Хост, ки филҳол аз сар қадам сохта, мутаваҷҷеҳ гардад, баъзе муҳиммоти зарурӣ, ки ҳанӯз саранҷом наёфта буд, хост, ки бе дағдағаи хотир дар мулозамати маходим бошад, бинобар он чанд рӯзе дар омадан таваққуф намуд. Умед аст, ки анқариб ҳиҷоби дуриву маҳҷурӣ тай гашта, дидаи рамаддида ба хоки остони олишон, ки куҳлулҷавоҳири саодат аст, мунаввар гардад. Матмӯъ ва маъмул аз макорими ахлоқи он махдум ба истеҳқоқи он ки арзадошти ин каминаро ба ваҷҳе ба арз расонанд, ки маҳмул ба тақсир нагардад. Зилли залили олӣ лоязолӣ бод!

Ин мактуб ба Мавлоно Қатилӣ, ки ба илми нуҷум мансуб буд, навишта шуд:

«Эй зи тақвими ту равшан сафҳаи Хуршеду Моҳ,
Муштариву Зуҳра бар саҳми саодотат гувоҳ.

Зойҷаи таъзиму икром ва саҳифаи такриму эъзом, олиҷаноби фазоилмаоби камолотиктисоб, мавлонои аъзам, маҷмаъу-л-улум ва-л-ҳиким маҳраму-л-асрори-л-фалакия, маҳбату-л-анвор ал-мулкия, ал-ориф би авзоъи-л-афлоку-д-доирот, ал-воқиф алоҳаракоти-н-наййироти-л-соирот, қутби

фалаку-л-фазоил, меҳвари кураи маҳосину-л-ахлоқ ва-ш-шамоил, аънӣ Мавлоно Қатилӣ, дома зиллаҳу ба арқоми тақвимэҳтишом ва аҳкоми далоилэҳтиромаш ороста бод. Ва мавоҳиби ҳадоёи фалакӣ ва мавоиди атоёи малакӣ дар ҳаққи зоти хуҷастасифоташ нокоста. Мухлиси дуогӯй, ки сафаҳоти тақвими видодро ба руқуми назароти кавокиби ихлос ва иттиҳод музайян дорад, таҳиёте, ки зиёда аз ҳаракоти афлок ва хадамот афзун аз мудракоти арбоби фаҳму идрок, матруҳи маҳфили олӣ мегардонад. Баъди [ҳозо] анҳои замири мунири офтобтанвири он, ки чун [офтоби оламтоби ҷаҳонорои зулматзудои илтифоти султонӣ ин зарраи ҳақирро аз ҳазизи нестӣ ба авҷи зирваи ҳастӣ расонид, хост, ки зарравор рақскунон дар ҳавои он остони рафеъулмакон ҷавлон намояд. Аммо ба воситаи монее чанд рӯзе таваққуф зарурат буд, арзадоште муштамил ба маъзарат ирсол намуд. Таваққуъ аз макорими ахлоқ он ки агар бар саҳвеву залале ва хатоеву халале иттилоъ ёбанд, дар нуктагирӣ накӯшанд ва ба зайли афву иғмоз бипӯшанд. Дигар абвоби банданавозӣ мафтуҳ дошта, дар бораи ин фақир он чи муносиб бошад, иноят дареғ нафармоянд. Давлати дорайн муяссар бод!]»

Чун ин арзадошту макотиб ба арзи [ҳазрати] султони динпаноҳ ва наввоби даргоҳи сипеҳриштибоҳ расид, муҳаррики силсилаи муҳаббату видод гардид ва шуълаи ноираи шавқро муштамил гардонид.

* * *

Ҷиҳати Абусаид Султон мактубе ва ба номи акобири Самарқанд нишоне марқуми хомаи гавҳарнисори муншиёни даргоҳи олампаноҳ гардида, масҳуби Ҳоҷим Тархони Туркистонӣ ба Самарқанд омад. Абусаид Султон Хоҷаи Офоқ – вазирро фармуд, ки яроқу сохтагӣ намуда, ин каминаро ба кирёси сидраасоси салтанатмаоби маъдалатнисоби макраматшиори отифатдисор, соҳиби оёта-н-насафат ва-л-ъадола, носиби роёту-с-салтанат ва-л-иёла, ал-мухтас би авотифи малики-л-маннон Келдимуҳаммад Султон расонанд. Ба ҳукми ал-арвоҳу ҷунудун муҷаннадаун фа мо таъорафа минҳо аъталафа ва мо танокара минҳо ахталафа лутфу иноятти он шоҳи ҷамҷоҳ ба ин хоки роҳ монанди ширу шакар ва мисли нуру қамар даромехт. [Назм]:

Ҳар шодие, ки чарх зи мо фавт карда буд,
Онро ба як латифа қазо кард рӯзгор.

Моҳи манҷуқи эътибору маолӣ рӯз ба рӯз мутаолӣ мегардид ва кавкаби маҷду рифъат соат ба соат ба дараҷаи саъд мерасид. Ақл, ки носиби роёти таҷориб аст, остони рафъати ӯро маҳозии кайвон метофт ва уқоби ҳиммат ба ҳампарвозии насрайни чарх мешитофт.

Дар маҷлиси аввал, ки атабаи улёи қудсинишони қудсиошён ба лаби адабу ихлос мақбулу малсум гардид, ҷаноби фазоилмаоби камолотиктисоб Мавлоно Қатилӣ, ки ба анвори нуҷуми улуму аҳком ва анзори шумуси фазоилу икром мустасъид буд ва осори адвори саъдайн ба атвори саодатманқабаташ муктарин менамуд ва бар соири фузало, ки дар ҳавзаи маҳфили олимартаба ҷулус доштанд, рутбаи тақаддум дошт, ҳозир буд. Фақир қасди он намуд, ки ӯро бар худ муқаддам дошта, аз ӯ фурӯтар нишинад, вай низ тариқи тавозуъ маслук дошта, фақирро ба зӯру таклиф бар худ гузаронид. Ҳазрати салтанатмаобиро тараддуд шуд, ки магар Мавлоно Қатилӣ дар тақаддуми ин фақир музоиқае дорад ва тариқи иноду истикбор месипорад ва ин ояти карима бар забони он подшоҳи зиҷоҳ ҷорӣ гардид, ки: иннаҳу лоюҳиббу-л- мустакбирина[1] ва ба назари хашм мутаваҷҷеҳи вай шуд. Фақир гуфтам:

– Шоҳо! Шаҳрёро! То тақаддуми Офтоби мунир бар Моҳ ва соири нуҷуми фалаки мустадир муайян аст, тақаддуми зоти олисимот дар маҷлиси убуҳҳату азамат ва маҳфили салтанату шавкат [бар] ҷамеъи хавоқини олимиқдор ва салотини ҷамиқтидор муқаррар бод ва таназзули аодии ҷоҳат дар саффи ниол зери дасти арзол дар мақоми поймоли вабол муқаддар. Бар замири мунир пӯшида намонад, ки Мавлоно Қатилӣ дар тақдими ин камина бар худ кӯшиш намуданд, на дар тақдими худ бар ин фақир. Ҳазрати султонӣ мунбасит гардида фармуд, ки ҳароина аз амсоли шумоён ин шева ба ғоят марғубу мустаҳсан аст. Ва дар чанд маҷлис ин ҳикоятро бар сабили муфохарату мубоҳот зикр карда.

Дар ҳамин маҷлис дар атабаи боргоҳ ду кас муониқу муло-

1 Қуръон, сураи 16, ояи 23.

биси якдигар ситода буданд. Ҳазрати салтанатмаобӣ замон-замон ба ҷониби эшон нигоҳе мекарданд ва табассуме мефармуданд. Охир ба ин фақир хитоб намуда гуфтанд, ки:

– Ин ду касро мешиносед ва бар моҳияти эшон ҳеч иттилое доред?

Фақир гуфтам, ки:

– Эшонро надидаам ва намешиносам.

Фармуданд, ки:

– Аз ҳар кадом нақлу нуқле бар табақ изҳор кунам, ки ҳақиқати эшонро камо [ҳува] ҳаққуҳу донед.

Ба яке аз он ду ишорат фармуданд, ки эшонро Мавлоно Ҳоҷимуҳаммад мегӯянд, мардум толибилманд ва бисёре худро муътақиданд ва аз барои тамасхури арбоби фазилат омода [ву] мустаид. Агарчи тақлиди мансаб ба амсоли эшон номаъқул, бинобар маслаҳате мансаби китобдории ин даргоҳ ба ӯ мавсуф ва мавкул аст. Мавлоно Нодирӣ, ки Ҳассони асру Саҳбони даҳранд, ин ҷо ташриф оварда буданд ва изҳори музмаре гуфта буданд, ки аз исми Султон Муҳаммад ҳар ҳарфе, ки дар хотир мегирифтанд ба хондани ин рубоӣ онро меёфт ва он мушкилро мешикофт. Мавлонои мушорунилайҳ фармуданд, ки: «Мо ҳарфе аз Султон Муҳаммад дар хотир гирифтем, шумо онро намеёбед». Мавлоно Нодирӣ он рубоиро хонданд ва пурсиданд, ки: «Он ҳарфи музмар дар кадом мисраъ аст [ва дар кадом нест]»?

Гуфт:

– Дар ҳеч мисраъ нест.

Ҳама тааҷҷуб карданд [ва] гуфтанд:

– Ин наметавонад буд, ки дар ҳеч мисроъ набошад, боре иноят кунед ва фармоед, ки он кадом ҳарф аст [ва дар кадом мисроъ бошад]?

Фармуданд, ки он ҳарф ъайн аст, аз он ҷо маълум мешавад, ки [эшон] инсони ъайн ва ъайни инсонанд. Ва Мавлоно Нодирӣ изҳори музмари дигар аз барои ҷавоне Низом [ном] гуфтаанд ва бағоят хуб воқеъ шуда ва он ин аст, ки навишта мешавад:

Мани дилшикаста гӯям сифати Низом номе,
Ки надошт бе висолаш дили нотавон низоме.

Ҳар ҳарф аз ин байтро аз ин рубоӣ маълум метавон кард [Рубоӣ]:

Ранҷураму дар дил аз ту дорам сад ғам,
Бе лаъли лабат ҳарифи дардам ҳама дам.
З-ин умр малулам мани мискини ғариб,
Хоҳам шавад оромгаҳам кӯйи адам.

Мизон [ин аст]: сифати сунбул шоҳид гӯям.

Ва фармуданд, ки:

– Он дигареро Паҳлавонзодаи Тарроҳ мегӯянд. Шабе тарҳи суҳбате андохта будем ва маҷлисе ҳамчун базми Кайковус ороста ва аҳли ҳусн ва арбоби созу навоз лоюад ва лоюҳсо буданд. Аз ашъори ҳазрати кароматманзилати хоқонмартабат, қофиласолори явма наҳшуру-л-муттақина илоа-р-раҳмани вафдан[1] соҳиби асрори манитаххаза ъинда-р-раҳмани аҳдан[2]. [Байт]:

Он ки ҳаст андар баҳористони фазл аз файзи ӯ
Бӯстон дар бӯстону гулситон дар гулситон

ғавсу-л-ислом ғиёсу-л-муслимин, нуру-л-ҳақ в-ал-ҳақиқа в-д-дин Мавлоно Нуруддин Абдурраҳмони Ҷомӣ, қаддаса сирраҳу-с-сомӣ, хонда мешуд.

Фақир гуфтам:

– Ҳазрати Мулло чӣ каси бузургвори азизе будаанд, хуш ҳоли касе, ки дидаи рамаддидаи ӯ ба ҷамолу бо камоли он ҳазрат мунаввар шуда бошад. Оё дар вилояти мо касе, ки он ҳазратро дидааст, ёфт шавад?

Паҳлавонзода фармуданд:

– Бале, султонам! Фақир эшонро дидаам ва мулозамат кардаам. Ҳазрати Мулло марди сабзе буд, хушкинаи миёнаболое, холӣ аз идроке набуд.

Инро ки гуфт, фиғону ғирев аз аҳли маҷлис баромад, аз он вақт эшон мусаммо ба Паҳлавонзодаи холӣ аз идрок шудаанд. Фақир гуфтам, ки:

– Дур набошад, ки Паҳлавонзода ин суханро аз рӯйи он гуфта бошад, ки [Мисраъ]:

Ҷомии дилшуда ҳам холӣ аз идроке нест.

---

1 Қуръон, сураи 19, ояи 88.
2 Қуръон, сураи 19, ояи 90.

Ҳазрати султон хандаи бисёр карданд ва фармуданд, ки:

– Ло валлоҳ ӯро ин миқдор идрок нест.

Баъд аз он он олиҳазрати салтанатмаоб, хуллида мулкуҳу, суол фармуданд, ки:

– Абёти ҳазрати Махдумӣ, қаддаса сирраҳу, ба чанд расида ва нуқуди нафоиси эшон ба чӣ миқдор кашида?

Мавлоно Қатилӣ фармуданд:

– Он чи машҳур аст, абёти он ҳазрат аз навад ҳазор даргузашта ва ба сад ҳазор нарасида.

Ҳазрати салтанатмаобӣ фармуданд, ки:

– Муроди ман он аст, ки абёти ҳазрати Мавлавӣ, ки ба эътибори он он ҳазрат аз [соири] шуарои мутақаддам ва мутааххар мустасно ва мумтозанд, чӣ миқдор бошад?

Мавлоно Қатилӣ ба самти сукут иқбол намуд ва забон ба такаллум нагушуд.

Аз ин камина истифсор фармуданд. Фақир гуфтам:

– То куллиёти Махдумӣ чанд рӯзе манзури назар набошад, ҳукм ба камийяти он наметавон кард ва аз он мақула ҳадисе бар забон наметавон овард.

Он ҳазрат кас фиристода куллиётро аз урду ҳозир сохтанд ва фармуданд, ки:

– Абёте, ки мутаассиру-л-ҷавоб, балки мутааззиру-л-ҷавоб бошад, интихоб намоед.

Фақир се рӯз ба татаббуъ ва тасаффуҳ иштиғол намудам [ва] даҳ қитъа кор аз савонеҳи афкор ва бадоеи ашъори абкори он зулиқтидор барчидам. Аввал таърифи «Бисмиллоҳ», ки девони аввали он ҳазрат ба он масдар аст ва он ин аст:

Бисмиллоҳи-р-раҳмони-р-раҳим
Аъзами асмои Алими Ҳаким.
… … … … … … … … … …
Ҷомӣ, агар хатм на бар раҳмат аст,
Баҳри чӣ шуд хотимаи он Раҳим.

Қасидае, ки дар девони он ҳазрат маънун ба он мисроъ аст, ки ҳам дар он ҷо маънӣ зоҳир бувад ва ҳам таъмия ва он қасида ин аст:

Ҷоҳ дорӣ ҷоҳилосо дар сар, эй комил, мудом!
Ҷоҳилат хонам, на комил, чун туро ҷоҳ аст ком!

Номи хоси хеш кардӣ олим, аммо олиме,
К-аш бувад рӯй аз лаимӣ доиман бар пойи ом.
Умр сарфи касби номи нек кун, к-он номаро
Чун аҷал кӯтаҳ кунад, боқӣ намонад ғайри ном…

Ва дигар чанд байт, ки дар садри қасида, ки дар мадҳи Яъқуббек воқеъ шуда:

Қосид расиду сохт муаттар машоми ман,
Дар чини нома дошт магар нофаи Хутан?!..

Ва дигар қасидаест, ки дар ҷавоби Маликуттуҷҷор фармудаанд:

Марҳабо, эй қосиди мулки маонӣ, марҳабо!
Ассало, к-аз ҷону дил нузли ту кардам ассало!...

Дигар ғазали зуқофиятайни он ҳазрат [аст] ки Амир Алишер шуарои Хуросонро ба татаббуи [он] фармуда буд. Ба ғайри Хоҷа Осафӣ ва Малолӣ аксари шуаро гуфтанд. Ҷаноби Мир он ду касро, ки ҷавоб нагуфта буданд, сила доданд ва таҳсини балеғ намуданд ва фармуданд, ки:

– [Маълум шуд, ки] шуморо дар шеършиносӣ яди тӯло ва қуввати узмо буда. Он ғазал ин аст:

Эй бо лаби ту тӯтии ширинзабон забун,
Кардӣ инон зи панҷаи симинбарон бурун…
Ҷомӣ алам ба олами девонагӣ фарохт,
Чун сохт ишқ рояти фарзонагон нигун.

Дигар қасидаест аз барои Мавлоно Ҳамиди Ақраъ гуфтаанд, ин аст:

Каломат бас дақиқ афтода, калло,
Ки дар диққат зи мӯ фарқаш тавон кард.
Латофат дар суханҳои дақиқат,
Сарат калмои ав ка-л-лавни фи-л-вард.

Дигар ғазали мақтӯъ ва мавсули он ҳазрат аст ва он ин аст:

Рухи зард дорам зи дурии он дар,
Зада доғу дардам даруни дил озар.

Дигар дар наъти ҳазрати пайғомбар, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, фармудаанд дар китоби «Силсилат-уз-заҳаб» ва он ин аст:

Омад «ал-Ҳамд» аввали Қуръон,
Пас алиф, лому мим аз пайи он,

Яъне «ал-Ҳамд»-ро бихон аввал,
Кун алиф-ломи ӯ ба мим бадал.
То ки ҳосил шавад бад-он табдил
Номи ӯ дар бидояти танзил.

Ва дигар ду байт дар зифофи ҳазрати Юсуф, алайҳиссалом ва Зулайхо фармудаанд, ин аст:

Ду ғунча аз ду гулбун бардамида,
Зи боди субҳдам бо ҳам расида.
Яке нашкуфта в-он дигар шукуфта,
Нуҳуфта ношукуфта дар шукуфта.

Баъд аз се рӯз ба маҷлиси он олиҳазрат омада хостам, ки савонеҳро изҳор намоям ва парда аз рӯйи он ароиси абкор бардорам. Он ҳазрат фармуданд, ки:

– Суръат манамоед ва сабр кунед, ки Мавлоно Қатилӣ ҳам дар ин луҷҷаи амиқу уммон таҳқиқи ғаввосӣ намоянд. Мо бубинем, ки вай чӣ дар канор меорад.

Мавлонои мушорунилайҳ куллиёти Мавлавиро гирифта, ба хона рафтанд. Баъд аз се рӯз омада гуфтанд, ки:

– Ман ҳам даҳ чиз ихтиёр кардаам.

Чун муқобала карда шуд, ихтиёроти ин каминаву ихтиёроти вай мувофиқ афтода буд, било тафовут. Ин аз ҷумлаи аҷоибу ғароиби олам аст. Он олиҳазрати салтанатмаобӣ ба ҳар кадом аспи ба зину лаҷом ва сарупои муносиб инъом фармуда, баъдан гуфтанд, ки:

– Дар «Шоҳнома» Фирдавсӣ чӣ мегӯяд?

Мавлоно Қатилӣ фармуданд, ки:

– Дар маҷлиси Яъқуббек ин сухан дар миён афтода буда. Қозӣ Исо, ки садри Яъқуббек буд [ва] бар афозили офоқ ҷуръаи ғусаси рашк мепаймуд, фармуд, ки:

– Ман ҳарчанд тафаҳҳус [ва тафаррус] намудам, дар «Шоҳнома» зиёда аз шаст байт, ки аз итён ба мисли он дигаре оҷиз ояд, наёфтам.

Баъд аз он ҳазрати султон фармуданд, ки:

– Достони Фирдавсиро ончунонки олиҳазрати ҳақоиқпаноҳи фазилатдастгоҳӣ дар «Баҳористон» овардаанд ва баъзе аз афозили дигар дар баъзе [аз] кутуб эрод намудаанд, бисёр мухтасар аст, аммо агар батафсил мазкур гардад, бағоят матлубу марғуб аст.

## ОҒОЗИ ДОСТОНИ ФИРДАВСИИ ТӮСӢ

Овардаанд, ки дар замони Султон Маҳмуди Ғазнавӣ марде буд аз акобири деҳқонони Тӯс ва ӯро Алии Дайлам гуфтандӣ ва ӯро ду писар буд: Абулқосим ва Абулмансур.

Абулқосим шоиру фозил ва ягонаи даврон буд. Чун падарашон аз дунё реҳлат намуд, омили Тӯс ба эшон хусумат дошт, барояшон зулму тааддӣ бунёд кард. Эшонро дӯсте буд, ӯро Муҳаммад-ал-Аскарӣ хондандӣ, бар вай машварат карданд, ки зиёъу иқори худро фурӯхта, тарки ватан ихтиёр карда, тиҷорат намоянд. Ризо надод ва гуфт:

– Султон Маҳмуд шуароро дӯст медорад ва Абулқосимро ба Ғазнин бояд рафт ва дафъи шарри омил бояд намуд.

Бар ин қарор ёфт ва Абулқосим мутаваҷҷеҳи Ғазнин шуд. Чун ба наздики Ғазнин расид, султонро чаҳорбоғе буд, монанди бӯстони Ирам ороста ва чун рухсори ҳавории ин пироста. Унсуриву Фаррухӣ ва Асҷадиро дид, ки дар он боғ ба ишрат машғуланд. Азимат кард, ки пеши эшон равад. Чун шоирон диданд, ки шахси бегона мутаваҷҷеҳи эшон шуд, гуфтанд, ки:

– Ин шахс авқоти моро мунағғас хоҳад кард. Ҳилае бояд намуд, ки аз ташвиши ӯ эмин бошем.

Бо ҳам қарор доданд, ки ҳар кадом мисрае мегӯем, ки қофияи чаҳорум надошта бошад ва ӯро мегӯем, ки мо шоиронем ва ба ғайр аз шоир ихтилот намекунем. Ҳар кас мисраи чаҳоруми [рубоии] моро мегӯяд, мусоҳиби мост ва илло заҳмати худ аз мо дур дорад.

Унсурӣ гуфт:

– Чун рӯйи ту Хуршед набошад равшан,

Фаррухӣ [гуфт]:

– Ҳамранги рухат гул набувад дар гулшан.

Асҷадӣ [гуфт]:

– Мижгон-т гузар ҳамекунад аз ҷавшан,

Фирдавсӣ гуфт:

– Монанди синони Гев дар ҷанги Пашан.

Чун шоирон ин мисраъ шуниданд, бағоят писандиданд ва

ӯро эъзозу икром карда, аҳвол пурсиданд. Шаммае аз аҳволи худ боз намуд. Шоирон андеша карданд, ки агар ин шахс пеши султон раҳ ёбад, моро қадру манзилате намемонад. Роҳи ихтилоти султон ба муқаддамот бар вай масдуд гардониданд.

Фирдавсӣ ҳафтод рӯз дар Ғазнин буд, ба ҳеч ваҷҳ натавонист ба султон ӯро ошноӣ рӯй диҳад. Кор бар вай мушкил шуд. Рӯзе дар масҷиде нишаста буд ва сари тафаккур бар зонуи таҳайюр монда, ногоҳ ҷавоне дид хубрӯй ва хушталъат бо либоси фохир дар масҷид даромад. Фирдавсӣ аз шахсе пурсид, ки:

– Ин чӣ кас аст?

Гуфтанд, ки:

– Инро Моҳаки Мушаъбид мегӯянд, надими хосси маҷлиси султон аст. Фирдавсӣ бо худ гуфт, ки шояд кори ман аз пеши вай гушоише ёбад. Пеши вай рафт ва шаммае аз аҳволи худ бо вай арз кард. Моҳакро суҳбати вай бағоят хуш омад ва ӯро ба хона бурд ва эъзозу икроми бисёр кард ва ҳар рӯз, ки аз маҷлиси султон ба хона боз мегашт, суҳбате ангез мекард ва бо Фирдавсӣ ба ишрат мегузаронид.

Рӯзе Абулқосим Моҳакро гуфт:

– Агар фурсат ёбӣ, ҳоли маро ба ҳазрати султон арза дор.

Гуфт:

– Имрӯз фурсат буд, аммо шуаро [ки] «Сияр-ул-мулук»-ро ба назм меоварданд, ҳозир буданд ва ҳар яке достоне ба назм оварда, арза медоштанд.

Абулқосим пурсид, ки:

– Шеъри кадом писандида афтод?

Гуфт:

– Аз Унсурӣ.

Абулқосим гуфт, ки:

– «Сияру-л-мулук»-ро пештар ба назм овардаанд.

Моҳак гуфт:

– Мумкин набошад. Агар будӣ, мунташир мешуд.

Абулқосим гуфт:

– Ман достоне дорам.

Ва онро ба Моҳак дод ва он достон ба арзи султон расонид, бисёр мақбулу матбуи султон афтод. Пурсид, ки:

– Онро аз куҷо овардӣ?

Гуфт:

– Марде фозил [ва] шоире [комил] аз Тӯс аз ҷаври омил гурехта, дар хонаи ман мебошад. Ҳикояти «Сияру-л-мулук» мегузашт, гуфт: «Ман достоне дорам» ва шояд ки тамом гуфта бошад.

Султон фармуд, то ӯро ҳозир кунанд, то маълум шавад, агар пеш аз ин гуфта бошад, заҳмат набарем. Чун Фирдавсӣ ба маҷлиси султон ҳозир шуд, аҳволи худ арзадошт намуд, гуфт, ки:

– Ин китоб, ки шумо металабед, ман баъзеи онро назм кардаам.

Султон Худойро шукри бисёр гуфт, ки инчунин шоиреро бад-ӯ арзонӣ дошт. Пас султон шуароро фармуд, ки рубоие дар васфи хатти Аёз бигӯянд. Ишорат ба Абулқосим карданд. Дар бадеҳа гуфт:

Мастист турову чашми ту тир ба даст,
Бас кас, ки зи тири чашми ту сина бихаст.
Пӯшида зireҳ орази ту, узраш ҳаст,
К-аз тир битарсад ҳама кас, хоса зи маст.

Султон чун бишунид, гуфт:

– Шод бош, эй, Фирдавсӣ, ки маҷлиси моро чун фирдавс гардонидӣ!

Ва силаву инъоми вофир бад-ӯ арзонӣ дошт ва ҳукм кард, ки баъд аз он ӯро Фирдавсӣ гӯянд ва ҳукм шуд, ки «Шоҳнома»-ро ба назм оварад. Ва дар ҷавори худаш ҷой дод.

Ва чунин гӯянд, ки дар муқаддимаи китоби «Шоҳнома» чанд касро аз аъёни даргоҳи султон мадҳ гуфт, магар Хоҷа Ҳасани Маймандиро, ки вазири султон буд, зеро ки Фирдавсӣ шиа буд ва Хоҷа Ҳасан аз ҷумлаи навосиб. Баъзе аз дӯстон Фирдавсиро насиҳат карданд, ки бояд Хоҷа Ҳасанро мадҳ кунӣ, қабул накард ва гуфт:

– Ғарази ман аз ин назм номи боқӣ аст, на атои султон, то миннати девонашро бояд кашид.

Ва соҳибони ағроз суханони Фирдавсиро ба Хоҷа Ҳасан мерасониданду адовати вайро дар дили вай мутамаккин мегардониданд. Хоҷа Ҳасан фурсат нигоҳ медошт, ки мукофоти

он дар вақт адо намояд. Чун Фирдавсӣ шаст ҳазор байт бигуфт ва ба ҳазрати султон арз намуд, бағоят мақбул афтод. Хоҷа Ҳасани Маймандиро фармуд, ки сад ҳазор дирам зари сурх ба Фирдавсӣ фирист, ки аз аҳди Одам то ин дам ҳеч кас чунин назме нагуфта ва нахоҳад гуфт. Хоҷа Ҳасан кинаи Фирдавсӣ дар дил дошт, фурсат ғанимат шумурд ва гуфт:

– Ҳиммати султон ва шеъри Фирдавсӣ аз он бартар аст, ки шарҳ тавон кард ва изъофи ин инъом ҳанӯз дуни ҳаққи вай набошад, лекин [ин] отифат ба тадриҷ ба вай бояд расонид.

Султон дар хашм шуд ва гуфт, ки:

– Дар хизонаи ман ин миқдор зар нест магар?

Хоҷа Ҳасан гуфт:

– Султон агар хоҳад, сад ҳазор чандин фармояд, ҳаст, аммо одаме чунонки аз ғам ба ифрот баногоҳ мемирад, аз нишот ба ифрот низ ҳалок мешавад ва ҳайф бошад, ки Фирдавсӣ агарчи рофизӣ ва муътазилӣ аст – ва бар рафзи вай ин абёт далел овард:

Агар чашм дорӣ ба дигар сарой,
Ба назди набиву васӣ гир ҷой.
Гарат з-ин накоҳад, гуноҳи ман аст,
Чунин аст ин дину роҳи ман аст.

Султон Маҳмуд марди мутаассиб буд, ин сухан дар вай асар кард ва ба ХоҷаҲасан гуфт:

– Ту медонӣ, чунонки салоҳ аст, ризои вай биҷӯй.

Фармуд, то шаст ҳазор дирам ба Фирдавсӣ бурданд. Фирдавсӣ дар ҳаммом буд. [Чун бадар омад] бадраҳо бад-ӯ арз карданд. Пиндошт, ки зари сурх аст. Чун сафед буд, азим биранҷид ва маълум кард, Ҳасан кайд кардааст. Бист ҳазор дирам ба ҳаммомӣ дод ва бист ҳазор дирам ба фуқоъ ва бист ҳазор дирам ба касе, ки оварда буд ва гуфт:

– Султонро заминбӯс бирасон ва бигӯ ин хидмат банда аз барои номи боқӣ карда, на аз барои моли фонӣ.

Ин сухан чун ба султон расид, ба Хоҷа [Ҳасан] дуруштӣ кард, ки:

– Ин фитна ту барангехтӣ ва моро дар забони шоирон андохтӣ ва бадном сохтӣ!

Хоҷа Ҳасан гуфт:

– Эй подшоҳ, ҳар чӣ аз султон ояд, мартабаи он бузург бошад, боистӣ ки агар муште хок бад-ӯ додӣ, онро хор надоштӣ ва камҳурматию беилтифотӣ накардӣ. Ин шахс аҳмақ аст, ки силаи чун шумо подшоҳеро хор дошт.

Султон мутағаййир шуд [ва] гуфт:

– Бифармоям, то ин қарматиро дар пойи пил андозанд!

Чун хабар ба Фирдавсӣ расид, мутаҳаййир шуд. Аз хонаи вай ба хонаи султон роҳе буд. Худро ба боргоҳи султон расонид. Чун султон берун омад, то вузӯ кунад, Фирдавсӣ дар пойи султон афтод ва гуфт:

– Агар Худованд дар бораи банда занн бурдаанд, занни ӯро хилоф нашояд кард, аммо дар мамолики султон ба хилофи мусалмон аз ҳар миллат мардум ҳастанд, ки дар зилли ҳишмати султон рӯзгор мегузаронанд. Агар бандаро яке аз эшон шуморанд, то аз куштан эмин гардад, чӣ шавад?

Султон аз ин хиҷил шуд ва гуфт:

– Аз ҷон амон додам, аммо бояд ки гирди даргоҳи ман нагардӣ.

Фирдавсӣ заминбӯс кард ва аз хидмат берун омад ва мутааллиқони худро ба Тӯс фиристод ва ӯро ба Аёз дӯстӣ буд, чанд байт навишт ва ба Аёз дод ва гуфт:

– Баъд аз бист рӯз ба султон деҳ.

[Ва] худ аз Ғазнин берун омад. Аёз баъд аз муддате он коғазро ба султон дод. Султон ба ишрат машғул буд, онро ба Унсурӣ дод, то бархонад. [Ин абёт навишта буд]:

Аё шоҳ, Маҳмуди кишваргушой,
Зи ман гар натарсӣ, битарс аз Худой,
Ки пеш аз ту шоҳон фаровон буданд,
Ҳама тоҷдорони кайҳон буданд.
Фузун аз ту буданд яксар ба ҷоҳ,
Ба ганҷу сипоҳу ба тахту кулоҳ,
Накарданд ҷуз хубию ростӣ,
Нагаштанд ҳаргиз суйи костӣ.
Ҳар он шаҳ, ки дар банди динор буд,
Ба наздики аҳли хирад хор буд.
Кунун чун замона ба шоҳӣ туро́ст,
Нагӯйӣ, ки ин хира гуфтан чарост,

Ки бадгӯю бадкеш хонӣ маро,
Манам шери нар, меш хонӣ маро.
Маро бим додӣ, ки дар пойи пил
Танатро бисоям чу дарёи Нил.
Натарсам, ки дорам зи равшандилӣ
Дилу ҷон ба меҳри набиву Алӣ.
Ман аз меҳри ин ҳар ду барнагзарам,
Агар теғ борад ҳаво бар сарам.
Агар Шоҳ Маҳмуд аз ин бигзарад,
Мар ӯро ба як ҷав насанҷад хирад.
Хирад нест мар Шоҳ Маҳмудро,
Навозад ҳаме монеи ҷудро.
Касеро, ки сифла бувад пешкор,
Аз ӯ ҷуз табоҳӣ таваққуъ мадор.
Ба анбарфурӯшон агар бигзарӣ,
Шавад ҷомаи ту ҳама анбарӣ.
Агар бигзарӣ сӯйи ангиштгар,
Аз ӯ ҷуз сиёҳӣ набинӣ дигар.
Агарчи Ҳасан ном кардаш падар,
Ту бар вай ба некӣ гумоне мабар.
Дарахте, ки талх аст ӯро сиришт,
Гараш дарнишонӣ ба боғи биҳишт
В-ар аз ҷӯйи хулдаш ба ҳангоми об
Ба бех ангубин резиву шаҳди ноб,
Саранҷом гавҳар ба кор оварад,
Ҳамон меваи талх бор оварад.
Сари нокасонро барафроштан
В-аз эшон умеди беҳӣ доштан
Сари риштаи хеш гум кардан аст,
Ба ҷайб-андарун мор парвардан аст.
Зи нокас мадоред чашми умед,
Ки зангӣ ба шустан нагардад сафед.
Зи бадасл чашми беҳӣ доштан
Бувад хок бар дида анбоштан.
Чу ту подшоҳию бахшандаӣ,
Зи шоҳони гетӣ дурахшандаӣ,
Накардӣ дар ин номаи ман нигоҳ,
Зи гуфтори бадгӯят омад гуноҳ.

Ҳасад кард бадгӯй дар кори ман,
Табаҳ шуд бари шоҳ бозори ман.
Маро ғамз карданд, к-он пурсухан
Ба меҳри набиву Алӣ шуд куҳан.
Манам бандаи ҳар ду то растахез
В-агар шаҳ кунад пайкарам рез-рез.
Бар ин зодаму ҳам бар ин бигзарам,
Чунон дон, ки хоки дари Ҳайдарам.
Агар меҳрашон ман ҳикоят кунам,
Чу Маҳмудро сад шикоят кунам.
Ман ин номаи шаҳрёрони пеш
Бигуфтам бад-ин хуб гуфтори хеш.
Ба сӣ сол бурдам ба «Шаҳнома» ранҷ,
Ки то шоҳ бахшад маро тоҷу ганҷ.
Ба подош чун ганҷро дар гушод,
Ба ман ҷуз баҳои фуқоъе надод.
Фуқоъе наярзид он ганҷи шоҳ,
Аз он ман фуқоъе харидам ба роҳ.
Надорам зи динори хусрав сипос,
Ки ӯ нест шоҳи ҳақиқатшинос.
Чу гавҳар на воло бувад шоҳро,
Ба хок андарорад сари гоҳро.
Агар шоҳро шоҳ будӣ падар,
Ба сар барниҳодӣ маро тоҷи зар.
В-агар модари шоҳ бону будӣ,
Маро симу зар то ба зону будӣ.
Чу андар табораш бузургӣ набуд,
Наёрист номи бузургон шунуд.
Ту ин номаи шаҳрёрон бихон,
Сар аз чархи гарданда-бар бигзарон.
Аз он гуфтам ин байтҳои баланд,
Ки то шоҳ гирад аз ин кор панд.
Бидонад, к-аз ин пас чӣ бошад сухан,
Барандешад аз гуфти пири куҳан.
Дигар шоиронро наёзорад ӯ,
Ҳамон ҳурмати худ нигаҳ дорад ӯ,
Ки шоир чу ранҷид, гӯяд ҳиҷо,
Бимонад ҳиҷо то қиёмат ба ҷо.

Султон Маҳмуд чун ин абётро шунид, азим биранҷид. Нақибони лашкарро бифармуд, ки ҳар кас Фирдавсиро биёрад, даҳ ҳазор динораш медиҳам. Муддате талаб карданд, ӯро наёфтанд. Аз ин сабаб Султон Маҳмуд Хоҷа Ҳасани Маймандиро ба қатл расонид.

Чун Фирдавсӣ аз Ғазнин рафт ба Ҳарӣ, дар хонаи Исмоили Варроқ – писари Азрақӣ шаш моҳ мухтафӣ буд, чун толибон бозгаштанд, Фирдавсӣ эмин шуд. Аз Ҳарӣ ба Тӯс омад ва «Шоҳнома»-ро гирифта, ба Табаристон рафт, пеши Шерзод, ки подшоҳи он ҷо буд.

Гуфт:

– Инро ба номи ту мекунам, ки ин китоб ҳама осори обову аҷдод [ва] падарони туст.

Шерзод ӯро бинавохт ва гуфт:

– Эй [устод], султонро бар он доштанд ва ба шарт ба арзи ӯ нарасониданд, дигар ту марди шиамазҳабӣ ва ҳар кӣ тавалло ба хонадони Расул кунад, ӯро дар дунё ҳеч кораш пеш нара-вад, чунончи эшонро.

[Ва] гуфт:

– Султон Маҳмуд худованди ман аст. Ту «Шоҳнома»-ро ба номи ӯ бигузор ва ҳаҷви ӯро ба ман бифурӯш.

Фирдавсӣ қабул кард ва ба хона рафт. Дигар рӯз сад ҳазор дирам фиристод ва он сад байт, ки дар ҳаҷви [Султон Маҳмуд] гуфта буд, бихарид ва бисӯхт. Ва он ҳаҷв мундарис гашт. Алҳақ некӯ хидмате ба ҷо овард. Баъд аз он Фирдавси-ро ба Мозандарон фиристод, ки дар он вилоят подшоҳи шиа буд ва аз ҷумлаи худдоми султон. Фирдавсӣ он ҷо қарор ги-рифт ва «Шоҳнома»-ро ислоҳе мекард. Рӯзе ба яке аз маҳра-мони [он подшоҳ] гуфт:

– Агар тақрибе ёбӣ, шаммае аз ҳоли ман ба подшоҳ арза дор.

Чун ба арз расонид, подшоҳ гуфт:

– Ман аз мулозими Султон Маҳмудам мабодо, ки ӯро та-лаб кунад ва кор мушкил шавад.

Ӯро инъоми бисёр кард ва гуфт:

– Муносиб чунон менамояд, ки аз ин ҷо реҳлат намоӣ.

Фирдавсӣ аз он ҷо рӯй ба Бағдод ниҳод ва чун бад-он ҷо расид, ба хонаи бозоргоне фуруд омад. Ва он бозоргон ба ва-

зири халифа дӯстӣ дошт. Аҳволи Фирдавсиро [ба вазир гуфт]. Вазир ба халифа расонид. Ӯро шаст ҳазор мисқол тило [бо хилъати фохира арзонӣ] дошт ва бифармуд, ки аз сари фароғат авқоте мегузарон ва мулозими халифа бошад. Чун Султон Маҳмуд воқиф гардид, ба Дорулхилофа навишт, ки: «Агар он қарматиро ба наздики ман нафиристӣ, Бағдодро ба зери суми пил биспарам». Чун навишта ба халифа расид, дар ҷавоб навишт, ки: «Бисмиллоҳи-р-раҳмони-р-раҳими алам». Ва расулро боз фиристод. Чун ба хидмати султон расид, номаро бигушод. Ба ҷуз се ҳарф навишта набуд. Мутааҷҷиб шуданд, ки ин чӣ рамз тавонад буд. Ҳама уқало аз ҳалли ин оҷиз шуданд. Дар он хайл ҷавоне буд, гуфт:

– Агар султон ишорат фармоянд, ман ин мушкилро ҳал намоям.

Султон гуфт:

– Сипосдорам.

Ҷавон гуфт:

– Султон фармуда буд, ки агар хилофи мурод ҷавоб ояд, Бағдодро ба пайи пил биспарам. Ҷавоб навишта[анд], ки «алам тара кайфа фаъала раббука би асҳобил-фил»[1].

Султонро хуш омад. Ҷавонро тарбият намуд.

Баъд аз чанд гоҳ султонро бо Ғуз масоф афтод. Мактубе [ба Ғуз] навишт ва бо яке аз вузаро гуфт, ки:

– Оё ҷавоб чӣ нависад?

Гуфт:

Агар на ба коми ман ояд ҷавоб,
Ман[у] гурзу майдони Афросиёб.

Султон гуфт:

– Ин байт кирост, ки аз ӯ мардиву таҳаввур меборад?

Яке гуфт:

– Бечора Фирдавсиро, ки сӣ сол ранҷ бурд ва чунон китобе тамом кард [ва] ҳеч самара надид.

Султон гуфт:

– Чун ба Ғазнин расем, ба ёди ман деҳ.

Чун омаданд, Хоҷа Аҳмад ибни Ҳасан ба арз расонид.

---

1 Қуръон, сураи 105, ояи 1.

Султон фармуд, то сад ҳазор мисқол тило найл диҳанд ва ба шутурони хос бор карда, ба Тӯс баранд [ва ба Фирдавсӣ диҳанд ва узри мофот хоҳанд. Хоҷа Аҳмад муддатҳо буд, ки дар ин орзу буд. Дарҳол бад-он муҳим машғул шуд ва найл равон гардонид].

Чун Фирдавсӣ аз Бағдод мурочаат намуд, ба Тӯс даромад, дар бозор мегашт, кӯдаке ба овози ҳазин мехонд:

Чу Рустам падар бошаду ман писар,
Ба гетӣ намонад яке тоҷвар!
Чу равшан бувад рӯйи Хуршед [у] Моҳ,
Ситора чаро барфарозад кулоҳ?!

Чу Фирдавсӣ бишнид, оҳ кашид ва беҳуш бияфтод. Ӯро ба хона бурданд. Баъд аз се рӯз вафот кард. Аз дарвозаи Рӯдбор шутурони султонро даровper and ва ҷанозаи Фирдавсӣ аз дарвозаи Разон берун мебурданд. Дар Тӯс музаккире буд, таассубгаре, гуфт:

– Нагузорам ҷанозаи ӯро дар гӯристони мусулмонон, ки ӯ рофизӣ буд.

Ӯро дар боғи ӯ дафн карданд. Аз Фирдавсӣ духтаре монда буд. Силати султон бад-ӯ арз намуданд, кабул накард. Ба султон арзадошт карданд. Ҳукм омад, ки музаккири фузулро аз шаҳр берун кунанд ва он ваҷҳро ба Имом Исҳоқ [диҳанд], то дар ваҷҳи мазору хонақоҳу авқоф сарф намояд. [Ҳамчунон карданд.] [Байт]:

Намонд шавкати Маҳмуду дар замона бимонд
Ҳамин қазия, ки нашнохт қадри Фирдавсӣ.

## [11]
## ГУФТОР
### дар зикри баъзе фазоил ва камолоти султон саъиди шаҳид Улуғбек-Мирзо, навваруллоҳу марқадаҳу ва бархе аз шамоими ахлоқи амири кабир Амир Алишер, раваҳаллоҳу рӯҳаҳу [ва зода фӣ ғураф-ил-фародиси футуҳаҳу]

Рӯзе олиҷаноби садоратмоб Шайхулолам Шайх ва ҷаноби аморатмаоб Муҳаммадамини Мирак ба бандахона омада, вазоифи банданавозӣ ва маросими адӯгудозӣ ба тақдим расонида, фармуданд, ки:

– Ҳазрати султон, дома мулкуҳу, ба мусоҳибати шумо ифтихор ва истизҳори тамом изҳор менамоянд ва мефармоянд, ки аз макорими ахлоқу шамоими ишфоқи Мавлавӣ матмӯъ ва маъмул он аст, ки ҳар субҳгоҳ, ки гирди хони фалаки забарҷадиро хонсолори матбахи малои аъло аз ақроси майдаи кавокиб ва риштаҳои дақиқи шиҳоби соқиб вопардозад ва қории хушовози нағмапардози дорулҳуффози олами малакут ба каломи муъҷизнизоми фамаҳавно оята-л-лайли ва ҷаъално оята-н-наҳори мубсиратан[1] овоз бароварад, баъд аз фароғи акли таом аз каломи раббонӣ ва танзили субҳонӣ ушре тиловат фармоянд, то миннати он ба рӯзгори саодатосори мо фойиз [ва оид] гардад. Ва дигар ҳикоёти мавъизатангез [ва нукоти ҳикматомез], ки муштамил бар насоеҳ ва муҳтавӣ бар мавоиз бошад, бар ваҷҳе ки аз он ташҳизи табиат ва тафреҳи қариҳат лозим ояд, ба тақдим расонанд. Ва дигар чун тамомии ҳиммати олинаҳмат бар он масруфу маътуф аст, ки пурсиши додхоҳони мазлум ва малҳуфоти мағмум бар вифқи шариати муҳаммадӣ [ва бар тибқи дину миллати аҳмадӣ] бошад. Бошад, ки дар вақти пурсиш ҳозир бошанд, то ба имдоду муованати эшон он қазоё ба ваҷҳи шаръ файсал ёбад.

Чун ба ғайри талаққӣ каминаро тариқе набуд, тавъан ва рағбатан он мултамасотро қабул намуд. [Байт]:

Рӯзи дигар к-ин ҷаҳони пурғурур
Ёфт аз сарчашмаи хуршед нур,

1 Қуръон, сураи 17, ояи 12.

оличаноби салтанатмаоби адолатпаноҳ, подшоҳи аъзами аъдал, шаҳаншоҳи ақдами афзал, соҳиби оёти-л-адли ва-л-эҳсон, носиби роёти ал-амни ва-л-амон, муҳйи маросими-л-фазли ва-л-ифзол, муълои маолими-л-иззи ва-л-иқбол. [Байт:

Гуҳари кони иззату давлат,
Халаф-ус-сидқи Одаму Ҳавво]

Соиқи суфуни-л-ҷалолат фӣ биҳори-л-маворики ва-л-масоф, муқаддами мизмори-л-муборазат фи-л-ақтори ва-л-акноф ал-мухтасси биавотиф-ил-малик-ил-маннон Келдимуҳаммад Султон, маддаллоҳу таоло зилола давлатиҳи ва маъдалатиҳи ли-эълои аъломи-л-мамлакати ва-с-салтанат, бар тахти бахти шоҳӣ ва сарири шаҳаншоҳӣ қарор гирифт. [Назм]:

Нишаст шоҳи ҷаҳону шаҳаншаҳи офоқ
Фарози тахти салотин зи рӯйи истеҳқоқ.
Шаҳаншаҳе, ки барои нисори маҷлиси ӯст
Пур аз ҷавоҳири анҷум сипеҳрро атбоқ.

Аркони давлат ва аъёни ҳазрат ҳар як дар мақоми иззат ва макони ҳурмат қарор гирифта буданд, ки он ҳазрат дари дурҷи ҳикмат гушуда, фармуд, ки:

– Машҳур аст, ки дар боби фаросату киёсат ва адолату насафат ва илму фазилат мисли Улуғбек-Мирзо подшоҳе бар сарири салтанат ва арикаи ҳишмат нанишаста, агар аз маноқиб ва фазоили [вай] шаммае мазкури маҷлиси олӣ гардад, дур наменамояд.

Маъруз дошта шуд, ки:

Рӯзе шахсе пеши Улуғбек-Мирзо омада, гуфт, ки:

– Шоҳо, маро мушкили амре воқеъ шуд ва қазияи аҷибе даст дода, ки дар ҳалли он ақли ман, балки уқули ҳамаи уқало ҳайрон аст. Ва он қазия ин аст, ки ман аз Ироқ меоям ва ҳамроҳи корвони Хуросон мутаваҷҷеҳи Самарқанд шуда будам. Чун корвон ба лаби [оби] Ҷайҳун фуруд омаданд, ман ба гӯшае рафтам ва ҷомаҳои худро берун кардам. Ва бо худ лаълпорае қиматӣ доштам, онро дар пораи чарме гирифта дар бозуи худ баста будам. Онро гушода бар болои пираҳани худ ниҳода, дар об даромадам, чун баромадам, он лаълпорaро наёфтам. Чун маҷзумун биҳ [буд], ки касе бар ин ҷониб убур нанамуда буд, шарм доштам, ки онро аз аҳли корвон та-

фаҳҳус ва тафтиш намоям. Ҳол ин аст ва аҳвол инчунин. Подшоҳ фармуд, ки:

– Туро дар ин амр як сол сабр бояд кард, агар пайдо шавад, фабиҳо [ва наъам] ва илло ҳар чӣ қимати он бошад, ба ту расонам.

Он шахс замини хидмат бибӯсиду бирафт.

Ҳазрати подшоҳ девонро талаб намуд [ва] фармуд, ки аворичаи тамоми қаламрави ӯро ном ба ном тӯморе ба насхи таълиқ навишта, таслим намуд. Подшоҳ онро мутолаа мекард. Чун сол нав шуд, боз девонро фармуд, то муҳосабаи санаи отияро ба ҳамон тариқ аворичa намуданд. Ҳар ду тӯморро муқобала кард. Дид, ки шахсе дар Қарокӯл [дар] соли гузашта воҷибии моли ӯ панҷоҳ танга буда, дар ин сол ба понсад танга расид. Фармуд, ки он шахсро дар хилвате ҳозир сохтанд. Аз ӯ пурсид, ки:

– Сабаби ин тафовут чист? Инчунин тараққиву тараффуъ, ки туро ҳосил [шуда] чизе ёфта, ё хонаи касеро шикофта, ё аз моли мерос ғанӣ шуда, ё аз инъоми соҳибкараме инчунин мустағнӣ гаштаӣ? Ростӣ пеш ор ва тариқи кизб маспор! [Байт]:

> Ростӣ кун, ки ба манзил нарасад каҷрафтор,
> [Мор то рост нагардад, наравад дар сӯрох].

Гуфт:

– Шоҳо, ман марди бофандаам ва дар қасабаи Қарокӯл мебошам. Рӯзе ба кори худ машғул будам ва дар миёнаи сарои ман дарахтест, дидам ки акка бар сари шохи он дарахт нишаста ва дар минқори вай гӯштмонанд чизест. Ногоҳ аз минқори вай бар замин афтод. Акка мутаваҷҷеҳ шуд, ки онро бардорад. Ман аз ҷой ҷастам ва онро баргирифтам; порчаи чарме буд. Чун онро шикофтам, дар даруни вай порае лаъл ёфтам, ки аз шаъшааи фурӯғи ӯ офтоби [ховарӣ] хира мешуд ва аз рашки ламъаи ӯ ёқути лаби дилбарон хушку тира мегардид. Онро атияи илоҳӣ донистам ва тухфаи номутаноҳӣ шинохтам. Ва филҳол мутаваҷҷеҳи Самарқанд шудам ва онро ба ҷавҳарӣ намудам, ки [Мисраъ]:

> Қадри зар заргар шиносад, қадри ҷавҳар ҷавҳарӣ.

Чун онро бидид, ҷазъи дида дар ҳуққаи ҳадақа ба гардиш даромад ва ранги рухсораш монанди лаъли руммонӣ барафрӯхт. Ман донистам, ки он сангпорае қиматист. Пас гуфт, ки:

– Инро аз куҷо овардӣ?
Ман гуфтам:
– Туро ба ин тафаҳҳусу таҷассус чӣ кор? Агар харидорӣ, санг дар тарозу неҳ ва илло колои маро ба дасти ман деҳ.
Гуфт:
– Инро ба чанд мефурӯшӣ?
Гуфтам:
– Ба ду ҳазор танга.
[Гуфт]:
– Ин лаъл ба ҳазор танга] меарзад.
Билахира ба ҳазору понсад хонӣ ба вай фурӯхтам ва ба бозор даромада, ғулому канизаке ва асбоби зебу зинати хона аз гилему мис ва аспи базину лаҷом харидам. Мутаваҷҷеҳи ватан шудам. Ҳар кас, ки кайфияти ҳол пурсид, гуфтам, [ки]:
– Дар Самарқанд хеши мунъиме доштам ва ҷуз аз ман ворисе надошт. Вай вафот кард. Инҳо аз вай мерос расид.
Ҳазрати Улуғбек-Мирзо фармуд, ки ҷавҳариро ҳозир сохтанд. Иқрор кард ва он лаъл аз ҳуққаи хафо бар минассаи зуҳур овард. [Мисраъ]:
Ҳумоюн кишваре к-он арсаро шоҳе чунин бошад.
Пас ҳазрати подшоҳ он ҷавҳариро заҷру итоб намуд, ба воситаи он ки ноинсофӣ карда [мусоҳибашро фиреб дода буд ва ба ҷиҳати он ки дар аввал инкор намуда буд]. [Мисраъ]:
Ҳазор ҷони гиромӣ фидои тадбираш.
Баъдаҳу маъруз дошта шуд, ки:
Рӯзе шахсе пеши подшоҳи мазкур омада, гуфт, ки:
– Шоҳо, то замоне ки дирамҳои кавокиби дурахшон дар ҳамёни Каҳкашон маҳфуз аст, нақди ҳаёти зоти бобаракот дар сурраи умру зиндагонӣ аз дастбурди таррори маккори аҷал масуну маҳрус бод! Бар замири мунири офтобтанвир пӯшида намонад, ки маблағи ҳазор ашрафиро дар ҳамёне карда, сари онро ба муму муҳр мустаҳкам сохта, ба шахсе супурда будам. Баъд аз муддате, ки онро талаб намудам ва сари онро гушудам, сад ашрафӣ кам баромад. Ба вай ки мегӯям, ба ман тамасхур мекунад ва мегӯяд, ки:
– Сари ҳамён, ки ба муҳри ту буд ва дар он худ ҳеч тағйире нарафта буд ва дар ҳамёни ту ҳеч поргӣ ва дарзе нест, ба ҷуз

ин наметавонад буд, ки фаромӯш кардаӣ ва туро саҳве шуда ва [ашрафиҳои ту] ҳамон нуҳсад буда.

– Эй подшоҳ, ҳамчунон ки дар ягонагии Худой таоло маро шаккеву тардиде нест, дар ҳазор будани ашрафиҳо тардиде надорам.

Подшоҳ гуфт:

– Баъд аз ду рӯз биё, ман ин муҳимми туро кифоят кунам.

Подшоҳро гирдболише буд аз атласи хитоии ҳафтранг, ки дар шаб ба болои он нишаста, мутолаа мекард. Вақти субҳдам, ки шоҳи гардун дарроҷаи атласи байзои субҳро чок зад, ҳазрати подшоҳ аз рӯйи он гирдболиш бархост ва гӯшаи онро ба унф гирифта бидарид. Аз хона берун рафт. Канизаки тушакчӣ омада, он ҳолро дид. Гӯё либоси зиндагонии ӯ бидарид. Ӯро шавҳаре [буд], ҳолро ба вай арз намуд. Гуфт:

– Ғам махӯр, ки инро тадорук намоем ва ин гиреҳ аз кори ту бигушоем.

Ӯро мусоҳиби руфӯгаре буд, ки ба ғайр аз даридагии либоси зиндагонӣ ҳар чокро ба ваҷҳе руфӯ кардӣ ва бофтӣ, ки мубассирони борикбин, – ки ситораи Суҳоро дар нисфуннаҳор бар фалаки лоҷвардӣ мушоҳада кардӣ – ташхиси он накардӣ. Ба ӯ фармуд, ки он тушакро руфӯ кард. Чун шаб шуд, тушакчӣ ба тариқи маъҳуд он болишро бияндохт.

Подшоҳ назар кард, осор аз он поргӣ дар назари ӯ дарнаёмад. Гуфт, ки:

– Ман субҳ, ки аз рӯйи тушак бархостам, ба нохуни пойи ман гӯшаи тушак дарида буд, ҳоло аз он осоре пайдо нест.

Тушакчӣ кайфиятро машрӯҳ ба арз расонид. Подшоҳ фармуд, ки:

– Руфӯгарро ҳозир гардон!

Бо вай гуфт:

– Агар рост гуфтӣ, растӣ ва илло, соғари зиндагонии худро ба санги ҷаҳолат шикастӣ. [Байт]:

Аз каҷӣ афтӣ ба каму костӣ,
Аз ҳама ғам растӣ, агар ростӣ.
[Аз ростист ҷойи «алиф» дар миёни «ҷон»,
«Вов» аз каҷӣ ҳамеша бувад дар миёни «хун»].

– Рост баргӯй, ки дар [ин] айём ҳеч кас ҳамёне пур аз ашрафӣ [пеши ту] овард, ки онро шикофта яксад ашрафӣ гирифта, онро руфӯ карда бошӣ?

Гуфт:

– Бале, шахсе ҳамёне пур аз ашрафӣ пеши ман овард, онро ба иттифоқ пора кардем ва сад ашрафӣ гирифтем, даҳ ашрафӣ ба ман дод, боқиро худ гирифт ва ман онро руфӯ кардам.

[Подшоҳ фармуд, ки] он шахсро ҳозир сохтанд, заҷру сиёсат фармуд, ҳаққи он касро гирифта, ба вай таслим намуд.

Баъдаҳу мазкур шуд, ки рӯзе шахсе пеши Улуғбек - Мирзо омада, гуфт, ки:

– Шоҳо, маро доияи сафари Рум шуд. Маблағи панҷ ҳазор ашрафӣ доштам, ки аз мояҳтоҷи ман зиёда буд. Ба хотир расид, ки дар ин шаҳр ба диёнату амонати қозӣ дигаре нест. Онро дар офтобае кардам ва ба қозӣ супурдам. Баъд аз он ки аз сафар бозгардидам, он амонатро аз қозӣ талабидам. Маро мегӯяд, ки:

– Ту девона шудаӣ ва ман дар куҷо туро дидаам? Дигар ин ҳикоят магӯй, ки мефармоям, дандонҳои туро мешикананд, балки забони туро аз паси сар берун мекунанд.

Подшоҳ фармуд, ки:

– [Ман] фардо ба хонаи қозӣ хоҳам рафт. Дар вақти савор шудан зону зада, ҳикояти худро бигӯй.

Баъд аз он подшоҳ қозиро талаб намуда, хилвате сохт ва гуфт:

– Эй қозӣ, ман дар баҳри фикри аҷибе афтодаам ва дар луҷҷаи андешаи ғарибе мустағриқ гаштаам. Маро нуқуду нафоис ва ҷавоҳиру лаолӣ он миқдор ҷамъ гашта, ки дар хизонаи хаёли ҳеч кас дарнамегунҷад ва ганҷинаи андешаи ҳеч муҳосибе роҳ намеёбад ва ғараз аз ҷамъи ин ашё он аст, ки баъд аз вафоти ман дар вақте ки фарзандони маро воқеаи мушкиле ва ҳодисаи ҳоиле пеш ояд, инҳо эшонро ба кор ояд. Агар инҳо дар силсилаи мо бошад, дар ҳамон рӯзи вафоти [ман] арсаи талаф мешавад ва ба вақти ҳоҷат ба василаи рӯзгори эшон наменишинад. Ва ба касе эътимод надорам, ки инҳоро ба хонаи ӯ гузорам. Ба хотир расид, ки шумо ҷониши-

ни ҳазрати пайғомбаред, ба диёнату амонати шумо имрӯз касе нест, мехоҳам, ки ин амонатҳоро дар хонаи шумо гузорам ва ин розро шумо донеду ман.

Қозӣ, ки инро шунид, наздик ба он расид, ки аз шодӣ рӯҳ аз баданаш муфорақат намояд, [боз] худро ба такаллуф нигоҳ дошт. Подшоҳ гуфт:

– Шумо равед, ман ба хонаи шумо меоям, то аз барои дафина ҷой ихтиёр намоям.

Алқисса, подшоҳ ба хонаи қозӣ омад ва тамоми манозилу мавозеашро эҳтиёт карда, ҷое таъйин намуд. Дар вақти савор шудани подшоҳ он шахс ба зону даромада, гуфт:

– Шоҳо, ман амонате дар хонаи қозӣ гузоштаам.

Ба муҷарради ин гуфтан қозиро кайфияти ғарибе даст дод. Бо худ гуфт:

– Агар инкор намоям, подшоҳ дар бораи ман дар шакк афтад. Беҳ аз ин нест, [ки] эътироф намоям.

Қозӣ гуфт, ки:

– Ту девона шудаӣ, зону задан чӣ маънӣ дорад? Ту кай аз ман талаб намудаӣ, ки ман эҳмол карда бошам?

Қозӣ ғуломи худро гуфт:

– Зуд он амонати вайро барор ва бад-ӯ супор.

Ғулом офтобаро баровард ва дар ҳузури подшоҳ ба соҳибаш супурд.

Чун ин ҳикоят ба самъи султон ва ҳуззори маҷлис расид, бар ҳусни раъю тадбир ва диққати назари он подшоҳи беназир таҳсину офарини балеғ фармуданд. Ҳазрати султон фармуданд, ки:

– Аз он подшоҳи олиҷоҳ дигар ҳикоят гӯянд.

Ба арз расонида шуд, ки:

Рӯзе назди Улуғбек-Мирзо касе омада гуфт, ки:

– Ман аз Самарқанд ба Бухоро мерафтам ва ҳамёне дар вай ҳазор танга ҳамроҳ доштам. Чун ду фарсанг аз шаҳр баромадам, бар лаби обе дар сояи дарахте нишаста, таом мехӯрдам. Маро ёре буд, аз роҳ расид. Ӯро талаб намуда, бо ҳам таом тановул кардем. Маслиҳат чунон шуд, ки он ҳамён ҳамроҳ ба ман набошад. Онро ба мусоҳиби худ супурда, гуфтам, ки:

– Инро ба хонаи ман супор!

Чун аз Бухоро бозгаштам, маълум шуд, ки он амонатиро ба хонаи ман насупурда буда. Чун аз вай талаб менамоям, мегӯяд, ки:

– Ман туро ҳаргиз надида[ам].

Подшоҳ фармуд, ки ӯро ҳозир сохтанд. Аз вай пурсид. Гуфт, ки:

– Ман ҳаргиз ӯро ва он дарахтро, ки мегӯяд, надидаам ва намедонам, ки дар кучост.

Подшоҳ муддаиро гуфт:

– Бирав [ва аз он] дарахт чанд барге биёр.

Ва он шахс, ки мункир буд, пеши худ нигоҳ дошт ва бо вай ба ҳикоят машғул шуд. Дар асnои гармии ҳикоят пурсид, ки:

– Оё он шахс ба пеши он дарахт расида бошад?

Он мункир ғофил буд, гуфт:

– Зоҳиран ҳанӯз нарасида бошад.

Подшоҳ ба ханда даромада гуфт:

– Ту нагуфта будӣ, ки ман он дарахтро надидаам ва намедонам, пас, чӣ гуна донистӣ, ки [он шахс] нарасида бошад? Бархезу муҳмал магӯй ва тариқи кизб мапӯй! Дар роҳи инсоф дарой ва амонатро ба вай таслим намой!

## [12]
## ГУФТОР
## дар суол фармудани ҳазрати салтанатшиории маъдалатосорӣ аз ғароиби ҳикоёт ва аҷоиби тадбироти Амир Алишер ва [диққати табъ] ва назокати мизоҷу латофати хисол ва ҳусни имтизоҷаш ба аҳли фазл ва арбоби камол

Дар таърихи ошири муҳарраму-л-ҳароми санаи сабъа ва ишрина ва тисъамиа буд, ки олиҷаноби салтанатаёби иёлатманоб, мушаййиди қавоид, ал-амн ва-л-амон, муаккиди мабонӣ, ал-адл ва-л-эҳсон, рофеъи маолими ар-раъфат ва-л-инсоф, қомеи абнияи ал-ҷавр ва-л-эътисоф, натиҷаи имтизоҷи аркони салтанат, хулосаи маводи аносири мукнату ҳишмат [ал-мухтас, би авотифи мулуки-л-аҳд Музаффаруддин] Султон Муҳаммад [раваҳаллоҳу рӯҳаҳу], дар даруни девонхонаи давлат бар тахти бахти салтанат нишаста буд ва аркони давлати қоҳираву аъёни ҳазрати боҳира ҳар кадом дар мақоми иззат ва маснади ҳурмат қарор гирифта буданд, ки он олиҳазрат ба ин каминаи хоксор хитоб фармуданд, ки:

– Инчунин ба масомеи ҷалол [расид ва] мерасад, ки шуморо шарафи муҷоласат ва муонасат бо зоти қудсисифоти ҷаноби рукну-с-салтана умдату-л-мамлакат, қудваи арбоби дину давлат, зубаи асҳоби мулку миллат муваффақа-л-хайрот, муассиса-л-мубаррот Амир Алишер муяссар буда ва ҳикоёти ғарибаву ривоёти аҷиба аз латоифи атвору зароифи авзои он бузургвор ба хотир доштаед. Агар саҳоифи авроқи маҷлиси мо ба дурари ғурари зикри латоифи он музайяну мувашшаҳ гардад, ғарибу бадеъ нахоҳад буд.

Маъруз дошта омад, ки:

– Ин камина дар синни шонздаҳсолагӣ, ки аз ҳифзи Каломи Маликулолам вопардохта буд ва камари ҳиммат ба эҳрози улум муҳкам сохта, саъю кӯшиши балиғ менамуд. Рӯзе бо ҷамъе аз шуарову фузало дар бозори малики Ҳирот сайр мекардем, ки муфаттини пурошӯбу шайн Ҳофизи Ҳусайн [Байт]:

Ал-мулаққаб ба Ҳофизи Ғамза,
Табъи ӯ кач ба ҳайати ҳамза

расид ва дар дасти ӯ китобе буд. Фақир пурсидам, ки:

– Он нусхаи чист?

Гуфт:

– Рисолаи муаммои Мавлоно Сайфии Бухороӣ [аст].

Чун дар он замон мақсади ақсо ва матлаби аълои ҳама аҳли фазл [ва камол] бар он мақсур [ва маҳсур] буд, ки манзури назари кимиё асари Амир Алишер гарданд ва аз барои тақарруб бад-он ҷаноб ҳеч василае баробари муаммо набуд. Аз Ҳофизи Ғамза илтимос намуда шуд, ки он рисоларо ҷиҳати китобат ба расми орият карам фармоянд. Ҳофиз ханда карда, фармуданд, ки:

Ғори мушу гулоб, яъне чӣ?
Гӯши карру рубоб, яъне чӣ?

Аз [ин] ташнеъ ва таарруз бар ман ҷаҳон ба масобаи ғори муш тангу тира гардид [ва гулоби] сиришк аз гулобзани дида бар саҳифаи чеҳра борид ва муғаннии ғайрат гӯши рубоби ҳамийятро тоб дод. Рагҳои ҷони ҳазин монанди тори рубоб ба нолаи зор даромад. Гирёну нолон мутаваҷҷеҳи хона шудам ва дар гӯшае нишастам ва дари ошноии мардум ба рӯйи худ бастам. Намози дигар ба масҷид рафтам. Баъд аз намоз шахсе дидам, дар гӯшаи масҷид такя карда ва намаде ба рӯйи худ кашида [ва] нолаи ҳазине дорад. Пеши вай рафтам ва намад аз рӯйи вай бардоштам. Пиндоштам, ки офтобе аз зери пардаи саҳоб сар барзад. Ҷавоне буд дар ғояти ҳусну ҷамол, аммо ранги [рӯйи] вай шикаста ва гарду ғубори ғарибӣ бар гирди рухсораш нишаста. Ту гуфтӣ, ки офтоби Ховар аст, ки дар вақти ғуруб рӯ ба зардӣ ниҳода, ё моҳи шаби чаҳордаҳ аст, ки дар ваболи хусуф афтода. [Байт]:

Бадри рӯяш ҳилол гардида,
Сарви қаддаш ҳилол гардида.

Пеши ӯ нишастам ва аҳвол пурсидам, гуфт:

– Фарзанди Табрезам ва маро Абдурраҳмони Чалабӣ мегӯянд. Маро доияи сафари Хуросон шуд. Падарам розӣ набуд. Бе рухсату иҷозати вай бо маблағи мол мутаваҷҷеҳи ин диёр шудам. Чун ба Хушкрӯди Соқи Салмон – ки дар

якфарсахии Хуросон аст, расидем, аҳли корвон изҳори хушҳолӣ намуданд ва гуфтанд, ки: «Лиллоҳ-ил-ҳамд, аз хавфу хатари роҳ фориғ шудем [ва] аз тарси роҳзанону қотеони тариқ мустаъман гардидем».

Корвониён тариқи ҳазму эҳтиёт дарнавардиданд ва рахт ба сарманзили фароғату амон кашиданд. Иттифоқан дар ҳамин шаб ҷамъе аз ҳаромиён, ки аз Табрез [боз] дар камин буданд ва фурсат металабиданд, бар сари мо тохтан оварданд ва ҷамоати туҷҷорро, ки сурайёсон муҷтамеъ буданд, монанди Банотун-наъш пароканда карданд. Ногоҳ дар ҷанггоҳ тире дар бозуи ман тарозу гардид, ки даллоли фитнаву бало матои ҳастии маро ба он мизон ба бизоати музҷоти ранҷ [ва меҳнат] расонид. Бештари корвон арсаи талаф гардид. Ман ба ҳоле, ки аз он бадтар набошад, афтону хезон худро ба ин ҷо расонидам.

Фақир гирён шуда, ба хона рафта тахти равоне оварда, ӯро ба хона бурдам. Дар ҳамсоягии ин фақир ҷарроҳе буд. Ӯро оварда, захмро ба ӯ намудем. Ба андак замоне онро ба ислоҳ оварда.

Рӯзе он ҷавон изҳори миннатдорӣ ва ифшои шукргузорӣ мекард ва мегуфт, ки:

– Ман дар шаҳри Табрез дар ду илм, – ки он илми муаммо ва нуҷум аст, – алами тафарруд ва ливои тафаввуқ афрохта будам ва тарҳи даъвии иннӣ аъламу, мо ло таъламуна[1] дар майдони аҳли фазл андохта, ба хотир чунон мерасид, ки аз барои ҳақгузории эҳсони шумо – ба муқтазои: ҳал ҷазо-ул-эҳсони илла-л-эҳсону[2] – он ду илмро бар саҳифаи хотири шумо нигорам ва аз худ назди шумо ёдгоре гузорам.

Чун номи муаммо шунидам, хаёл кардам, ки аз олами боло саҳифае ба номи ман нозил шуд. Гуфтам, ки:

– Эй азиз, маро таҳсили илми муаммо зарурат аст, агар ба тасҳили он саъй фармоед, то дар он фан такмил ҳосил шавад, аз ғояти лутфу эҳсон хоҳад буд.

Давоту қалам талабида, аз барои табаррук ва таяммун муаммое, ки аз амирулмуъминин ва яъсубу-л-муслимин асадул-

1 Қуръон, сураи 2, ояи 30.
2 Қуръон, сураи 55, ояи 60.

лоҳу-л-ғолиб, Алӣ ибни Абитолиб, раҳматуллоҳу алайҳ, ба исми Муҳаммад машҳур аст, дар амали талмеҳ навишт ва онро ба ин фақир таълим кард. Ва он муаммо ин аст:

Аяъхузу ваъда Мусо марратайн,
Вазаъ асла-т-табоеъи таҳта зайн.
Ва амсик хона шатранҷ фахузҳо,
Ва адриҷҳо хилола-д-дурҷатайн.

Ва қавоиду истилоҳоти фанни муамморо [ба тамом] машрӯҳ навишта, хотирнишон сохт. Дар ин асно мардуми Ироқ омада, он хоҷазодаро ба таклифи тамом ва муболағаи молокалом ба ҷониби Ироқ бурданд ва ҷону дили [ин] меҳнатзадаро ба дасти шаҳнаи меҳнату андуҳ супурданд. Аммо ба ҳиммати он соҳибдавлат ин каминаро дар фанни муаммо ин миқдор қудрату маҳорат ҳосил шуд, ки аксари муаммиёт, ки масмӯъ мегардид, ном ногуфта, шикофта мешуд. Ва ин дар шаҳри Ҳирот дар [миёни] муаммоиён иштиҳори тамом ёфт. Кор ба ҷое расид, ки ҷамъе касир ва ҷамми ғафир бо ҳам шарту гарав дар миён меоварданд ва аз ҷониби [ин] фақир шартро мебурданд. Чунончи муаммоие румӣ ба Хуросон омада буд ва муаммиёти мушкила аз вай нақл мекарданд. Яке аз муаммиёти [вай] ин буд, ки:

Фасли баҳору лолаву рӯйи нигори мост,
Соқӣ зи баъди ин ду-се давр ихтиёри мост.

Яке аз ёрони ин фақир ба он муаммой маблағи яксад танга гарав баст, ки фалонӣ ин муамморо бе ном мешикофад ва бо ҷамъе ба хонаи ин фақир омаданд. Иттифоқан панҷ рӯз буд, ки фақирро марази ҳисба рӯй дода буд ва соҳибфирош будам. Чун ин ҷамоат бар сари болини ман ҷамъ шуданд, гуфтанд, ки:

– Ҳаққо, ки мо аз ин ҳол хабардор набудем.

Яке аз он ҷамоат изҳори ин маънӣ намуд. Фақир гуфтам, ки:

– Он муамморо бихонед.

Гуфтанд:

– Чӣ маҳалли ин аст? Фикри муфрит [мӯҷиби] иштидоду имтидоди мараз мешавад.

Фақир муболаға карда он ҷамоатро ба хондани он муаммо савганд додам. Чун он муаммо хонда шуд, ба андак тааммул гуфтам, ки:

– Номи Сайфӣ аз ин муаммо истихроҷ карда шуд, намедонам ки ҳамин аст ё ғайри ин?

Он муаммоиро ҳайрати ғарибе даст дод ва маблағе, ки гарав баста буданд, ҳамон ҷо таслим кард ва фӯтаи яздӣ, ки ба панҷоҳ [тангаи] хонӣ арзид, ба ин фақири ниёз кашид.

Мавлоно Соҳиби Доро, ки аз ёрони номӣ ва мусоҳибони гиромии амири кабир, фалакҷаноби муштарираъйи уторидиктисоб, вилоятпаноҳ, ҳидоятдастгоҳ, матлаи анвори раҳмати илоҳӣ мазҳари осори авотифи подшоҳӣ, низому-л-ҳақ ва-л-ҳақиқату-д-дунё ва-д-дин Амир Алишер, раввaҳаллоҳу рӯҳаҳу [ва зода фӣ ғурафи-л-ҷинон футӯҳаҳу] буд, чун офтоби умри ин амири кабир ба сарҳадди завол расид ва тоири рӯҳи мутаҳҳараш қафаси қолабро шикаста, бар фарози кунгураи арши маҷид манзил гузид, сағиру кабир, амиру вазир аз суубати ин мусибат нолаву нафир ба авҷи осмон ва айвони Кайвон расониданд [ва] хунобаи дил аз роҳи дида ба сони борони саҳоби баҳорон чакониданд. Чун Мавлоно мумиилайҳ аз соири мулозимони амири ҳидоятпаноҳ ба мазиди тақарруб ихтисосу имтиёз дошт ва ҳамвора машмули авотифи бедареғи он ҳазрат буд, дар ҳасби ҳоли худ ин байтро аз каломи муъҷизнизоми он ҳазрат шунуда, ки:

> Менга ул ким анису соҳиб дур,
> Тун[у] кун ҳамдаму мусоҳиб дур.

Таърих ва марсияи он амири фархундасифотро ба ваҷҳе дар силки назм овард, ки аз манзумоти амсолу ақрон ба мазиди санъату ғаробат мумтозу мустасност. Балки метавон гуфт, ки аз замони вафоти ҳазрати Одам ило явмино ҳозо инчунин назме аз ҳеч фозиле бар саҳифаи баён наёмада ва аз ин дам то инқирози олам аз қабили муҳолот аст, аз касе мисли ин сар барзанад. Арбоби фазл, ки аҳли инсофанд, медонанд, ки фақир чӣ мегӯям. Мисраи аввали ҳар байташ ба ҳисоби ҷумал аз таърихи валодати он ҳазрат [ба ҷуз мавҳибат] хабар медиҳад ва мисраи сонӣ аз соли вафот.

> Ин назм, ки хуштар омад аз оби ҳаёт,
> Таърихи валодат асту таърихи вафот.

[Ва ҳия ҳозиҳи, наввара марқадаҳу]
Эй фалак, бедоду бераҳмӣ бад-ин сон кардаӣ
В-эй аҷал, мулки ҷаҳонро боз вайрон кардаӣ.
Карда бар ҷонҳо камин, бинҳодаӣ доми ано,
Ҳар замон аз кинаҷӯйӣ сайди сад ҷон кардаӣ.
Бар ҷаҳонбонон, чӣ мегӯйӣ, ҳасад навбад маро,
Аз ҳасад боре ҷаҳонро беҷаҳонбон кардаӣ.
Кардаӣ гоҳ аз ҷафо ҳайрон дили сад аҳли дин,
Гаҳ зи кин қасди ҳалоки сад мусулмон кардаӣ.
Оламеро кардаӣ аз ҳузн пажмон дам ба дам,
Аҳли оламро ба кин маҳзуну пажмон кардаӣ.
Кай раҳо созӣ азизонро зи зиндони ҳазан,
Аз ҷафокорӣ, ки чун Юсуф ба зиндон кардаӣ.
Осмоно, бар дил[у] ҷонҳои диндорон аз он
Ҷаври беҳадду ҷафоҳои фаровон кардаӣ,
К-аз дилу ҷонҳои эшон ҳеч [ҷо] н-ояд бурун,
Ноумедиву ано, ранҷу бало гардад фузун.

Дод, дод аз реви даҳри одамикуш, дод, дод,
К-ӯ бувад бодии ҷавру қотили аҳли садод.
Оҳу фарёд аз аз ҷафои осмону сайри ӯ,
К-аш бувад бо комилони кавн пай дар пай инод.
Гаҳ ба қасди беадилӣ бесабаб новак кашид,
Гаҳ ба рӯйи бедилӣ абвоби бераҳмӣ гушод.
Инак, он бедил манам, к-аз вори даҳру кини ӯ
Дам ба дам гардад нишотам кам, вале андуҳ зиёд.
Не ҳамин ман мондаам маҳзун, ки афъоли фалак
Ҳамчунон н-омад, ки ҳаргиз кас аз ӯ бинад мурод.
Баҳманойине шуд акнун аз замон, к-аз сӯги ӯ
Ҳеч касро ёд меноят зи Ҷамшеду Қубод.
Қасди ҷонҳо гӯ намой ин дам ҷаҳон аз рӯйи уҷб,
К-он сари аъён, дило, пой аз ҷаҳон берун ниҳод.
Он ки ӯро ҷисму ҷон баҳри набӣ буду Алӣ,
Мояи дин, зубдаи имон Алишери Валӣ.

Оҳ, к-он волии мулки илм дар олам намонд,
В-он Алиразми Муҳаммадкоми Исодам намонд.

Бо нидои ирҷиъӣ по монд берун з-ин ҷаҳон,
З-он ки рози олами боло бар ӯ мубҳам намонд.
Бо фироқе инчунин ҷон ҷуз адам чизе надид
В-аз чунин ҳаҷре касеро дидаҳо бенам намонд.
Мавҷ бар авҷи само зад ашки аҳли дин ҳама,
Аз чунин тӯфон бино афлокро муҳкам намонд.
З-одаму олам маҷӯй эй дил, кунун қатъан мурод,
З-он ки оини тараб дар одаму олам намонд.
Аҳли давронро, ки набвад ҷуз балои ҷон насиб,
Ҷон зи бедоди ҷаҳон в-аз ҳузни ин мотам намонд.
Аз ҷаҳон, эй ҷон, талаб кардан даво бошад муҳол,
Чун пайи озори ҷони комилон марҳам намонд.
Н-оядат бок, эй фалак, аз нолаи ҷонкоҳи мо,
Кардӣ, эй даврон, ҷаҳонеро сияҳ аз оҳи мо.

Ваҳ, ки дар олам намонд он соҳиби дини мубин,
Қиблаи асҳоби имон, фотеҳи абвоби дин.
Аҳли лутфу доду донишро зи сӯги ӯ бувад
Дида пуробу ҷигар бирёну дил андуҳгин.
Он ки шуд фонӣ зи бедоди ҷаҳон в-аз реви ӯ,
Ганҷи боқӣ буд, аз он шуд ҷойи ӯ зери замин.
Сад ҳазор афсӯс аз он олиҷанобе, к-аз ниёз
Бар ҷаноби ӯ шаҳони мулк месудӣ ҷабин.
Чун нагардад дил зи ҷон навмед аҳли ҳузнро,
К-аз азои ӯ бувад ҷон мустаманду дил ҳазин.
Пой агар берун ниҳод аз дунйии фонии дун,
Он амири бонаво в-он солики роҳи яқин,
Бод доим он шаҳи Доровало, к-омад зи адл
Молики мулки Сулаймон, довари рӯйи замин.
Он ки ёбад даҳр з-ойини бисоташ зебу зайн,
Ҳориси олампаноҳи мулку дин Султон Ҳусайн.

Ҷон ба ҷонон дод агар он мири боиқболу ҷоҳ,
Бод, эй дил, ин шаҳи Ҷамшедҷоҳи динпаноҳ.
Гар намонд он моҳи авҷи ҷоҳу набвад ҷон маро
З-ин алам бе нолаи шабгиру оҳи субҳгоҳ.
Бар сипеҳри дину эҳсон бод боқӣ ҷовидон
Ин шаҳи Баҳромҳайҷо в-ин маҳи анҷумсипоҳ.

Гар ба ногаҳ ҷониби дори абад бинҳод рӯй,
Он амири доду дину зубдаи мардони роҳ,
Бар фарози маснади толеъ пайи зеби ҷаҳон,
Эй дил, ин Ҷамшедойинро нигаҳбон бод Илоҳ!
В-ар зи дунё по бурун монд он муҳибби аҳли дин,
Ҷовидон бодо ба олам шоҳии ин подшоҳ!
Бод ин султони мулки адл модом, ар намонд,
Соҳибо, он умдаи даврон, амири динпаноҳ.
Соли он к-омад ба иқлиму зи дунё шуд ба ком,
Ҷӯй, эй комил, зи ҳар мисроъи ин зебокалом.

Дар мадҳи ҳазрати хоқони акбар ва хони адолатгустар, қаҳрамони салотини рӯзгор, моликриқоби хавоқин, Ҷамиқтидори маликулмулук фӣ-л-офоқ, ҳокиму-л-мамолик би-л-ирс ва-л-истеҳқоқ, ал-хоқон ибна-л-хоқон муъиззу-л-хилофат ва-д-дунё ва-д-дин Муҳаммад Шайбонихон имому-з-замон ва халифату-р-Раҳмон, ки бо суръати рахши азмаш тавсани хаёл ланг буд ва бо суродиқоти ҷоҳаш арсаи ҷаҳон танг, дар авохири зулҳиҷҷаи санаи 912 дар хилоли чордаҳ рӯз аз шаҳри Нахшаб, ки онро Қаршӣ ва Насаф [низ] хонанд, мароҳил тай карда, чун бадри комил аз уфуқи доруссалтанаи Ҳирот тулӯъ фармуд, қасидае гуфта, ки зоҳираш бар дуои давлати гардунсубот ва бар ботинаш бар таърихи таваҷҷуҳ ва нузул ба доруссалтанаи Ҳирот аст. Ҳамагӣ аркони мисраи аввал ба ҳисоби ҷумал бар таърихи таваҷҷуҳ [ва] тамомии аҷзои мисраи ахир бар нузулу фатҳи хони гардунсарир далолат менамояд. Муносиб намуд, ки ин китобро ба ин ду назми латиф музайян [ва муҷалло] гардонем. Ҳозиҳи-л-қасидати-л-мазкура:

Шод зӣ, эй дил, ки омад Довуди дори ҷаҳон,
Подшоҳи ҷумла даврон, босити амну амон.
Волии иқлими давлат, бонии бунёни ҳукм,
Ҳокими кулли мамолик, довари соҳибқирон.
Чобуки майдони ҳайҷо, толиби хайли адӯ,
Он ки аз ваҳми набардаш ҷумла аъдо дода ҷон.
Фавҷи ҳосидро ҳусоми қаҳри ӯ созад ҳалок,
Пири оламро нами алтофи вай созад ҷавон.

Гар ба вай душман дам аз ҳайҷо занад, ёбад фано,
Лоҷарам з-он ҳол суде набвадаш илло зиён.
Он қубодойини Дороҳукми Афридунпаноҳ,
В-он Ҷамавсофи Сикандаркоми Афлотунбаён.
Хони боҷоҳу ҷалол, он зубдаи дину дувал,
Зубдаи иқболу давлат, умдаи мулку милал.

Шоҳ Шайбон, ҳодии дунё, паноҳи аҳли дин,
Қиблаи иқболи шоҳон, умдаи дини мубин.
Ҳам шаҳи дину дувал, ҳам довари мулку милал,
Ҳам имоми аҳли дин, ҳам соҳиби тоҷу нигин.
Носиби эъломи миллат, малҷаи дини худо,
Аълами арбоби маънӣ, ҳодии роҳи яқин.
Фотиҳи абвоби эҳсон, соҳиби иқлиму ҷоҳ,
Қудваи аҳли ҷаҳон, фармондиҳи рӯйи замин.
Довари олиҳимам, шоҳе, ки биттабъ омада
Кӯҳҳилму абртабъу конясору ямямин.
Аз кафи родӣ фалакҷоҳе, ки мемонад аҷаб
Аз нами эҳсони ӯ дине ба фирдавси барин.
Оламорое, ки алҳақ шуд ҷаҳон обод аз ӯ,
Шуд ҷаҳон з-иқболи вай ободу ҷонҳо шод аз ӯ.

Қиблаи рӯйи Замин, он подшоҳи беҳамол,
Сояи Ҳаққ, изза шаънаҳ, қудваи мулку камол.
Молики мулки умам, равнақдиҳи иқлими адл,
Зубдаи лутфу карам, он маъдани бирру навол.
Моҳии ҷавру тааддӣ, ҳомии аҳли ҷаҳон,
Дуррии бурҷи ҷавод, он дурри Уммони ҷалол.
Аз пайи тасвиди мадҳи он Ҷами Дорониҳод
Дар дами имло найи килкам ҳамепошад лаол.
Мекунад бар ҳоли аъдо гиряи беҳад чу абр,
Дурри самсоми варо чун дида ҳангоми ҷидол.
Назди ӯ бошад ҳақире ҷоҳи Ҷам, алтофи Кай,
Оҷизи ӯ рӯзи майдон накди Сому пури Зол.
Кайқубоди Баҳманэҳсон, Кисрии Доронажод,
Бандаи даргоҳи ӯ Кисрову Дорову Қубод.

Он шаҳи комил, ки ҳамноми паямбар омада,
Чун набӣ дар ҳилму дар ҳайҷо чу Ҳайдар омада.
Ҷумла дунё аз саҳоби ҷудаш ободон шуда,
Олам аз нури улуми вай мунаввар омада.
Аз насими варди лутфи вай ба чашми аҳли дин
Ҳар замон гӯйи Замин чун гӯйи анбар омада.
Довари шоҳони ислом он, ки гоҳи базму ҳазм
Бо нишоти Баҳману баъси Сикандар омада.
Дода сар бар боди навмедӣ зи ранҷи ҷоҳилӣ
Чун адӯ бо ӯ гаҳи кин дар баробар омада.
Бандаи иқболи вай Парвизу Ҷамшеду Қубод,
Ҳоҷиби даргоҳи ӯ Дорову Қайсар омада.
Он имоми аҳли ирфон, ҳодии роҳи сулук,
Сарвари ҳуккоми олам, акмали кулли мулук.

Эй карими базми олам, манбаи ҷуду карам
В-эй сипеҳри меҳри эҳсон, ҳокими олиҳимам,
Ҳам маҳи авҷи атоӣ, ҳам гули бустони адл,
Ҳам паноҳи аҳли динӣ, ҳам шаҳи мулки карам.
Мулки дунёро ҳумомӣ, аҳли оламро имом,
Аълами арбоби илмӣ, фориди кулли умам.
Кардӣ ободон басити мулки оламро ба адл,
З-он ки бо инсофи Кисро омадиву раъйи Ҷам.
Чун ба савби муддаӣ рӯй оварӣ ҳангоми кин,
Кай бувад аъдотро ҷо ҷуз биёбони адам.
Динпаноҳо, ёбад аз давлат насиб он кас, ки вай
Гӯядат аз ҷон дуо монанди Соҳиб дам ба дам.
Эй қубодилҳоми дороадли афридунҷаноб,
Ҷовидон бошӣ ба олам, компрону комёб!

Ва ин фақири ҳақирро ба Мавлоно Соҳиби Доро аз ҷониби волида хешии наздик буд. Рӯзе бо волиди худ ба хонаи эшон рафтем. Бисёре аз аҳли камолу арбоби фазилат ҳозир буданд. Ба волиди ин фақир хитоб фармуданд, ки:

– Муддати мадиду аҳди баид аст, ки шунида мешавад, ки писари шумо толибилми мутаваҷҷеҳ ва ҳофизи хушхон ва шоири паҳлавон буда ва шуҳрати тамом дорад, ки ҳар муаммои мушкилеро, ки мехонанд, ном ногуфта мешикофад.

Ва ин муамморо ҳонданд, ки:

Он шоҳи ҳусн аз дили маҷрӯҳи ҳар касе
Бинад сипоҳи бесарупо ҳар тараф басе.

Ба андак тааммуле гуфтам, ки:

– Поянда.

Ҳуззори маҷлисро тааҷҷуби ғарибе даст дод. Мавлоно Соҳиб фармуданд, ки:

– Ин муамморо дӯш гуфтаам ва ба ҳеч кас нахондаам ва илло бар он ҳамл мекардам, ки шояд шунида бошад. Ниҳояти ҳадси фитрату ғояти заковати табъ ҳамин аст.

Чун ба хонаи худ мурочаат намудем, баъд аз лаҳзае пайки Мавлоно Соҳиб омада гуфт, ки:

– Хоҷаи ман шуморо металабад.

Чун ба хидмат расидем, ҷаноби Мавлоно фармуданд, ки:

– Ба мулозамати Амир Алишер рафта будем ва даъбу одати Мир он аст, ки ҳар рӯз фақирро талабида мепурсанд, ки «[имрӯз] дар [ин] шаҳр аз аҷоибу ғароиб чӣ дидӣ ва чӣ шунидӣ?»

Гуфтам, ки:

– Шахсеро дидам, ки дар синни шонздаҳ ё ҳафдаҳсолагӣ бошад ва ҳар муаммои мушкилеро, ки мехонанд, ном ногуфта мешикофад ва дар толибилмиву ҳофизӣ ва шоирӣ низ шуҳрати тамом дорад.

Мир тааҷҷуби бисёр карданд ва гуфтанд, ки:

– Ту ӯро имтиҳон кардӣ?

Гуфтам:

– Бале. Ман ин муаммои мушкил [бар] вай хондам. Ба муҷарради хондан шикофт.

Ҳазрати Мир ба фақир эътироз карданд, ки:

– Чаро ӯро наёвардӣ?

– Ман аз ин гуфтаи худ пушаймон шудам, бинобар он ки суҳбати Мир ҳайратафзо ва даҳшатангез аст. Филмасал агар номи касеро дар он маҷлис пурсанд, яҳтамил, ки натавонад гуфт; мабодо ки муаммое хонда шаваду наёбӣ, мӯҷиби шармандагӣ ва инфиоли ман шавад; боре ҳозир бош ва пагоҳтар ин ҷо ҳозир шав, ки ҳазрати Мир бисёр мутаваҷҷеҳи туст.

Шаб, ки ба хона омадам, маро кайфияти ғарибе пайдо шуд, шабеҳи моргазида паҳлу ба паҳлу меғалтидам ва ором намегирифтам. Волиди фақир аз изтироби ман воқиф шуд ва гуфт:

Эй ҷони падар, чӣ ҳол дорӣ?
Аз рӯйи чӣ дард беқарорӣ?

Гуфтам:

– Эй падар, чӣ мепурсӣ? Фардо ба маҷлиси Амир Алишер меравам. Намедонам, ки ҳоли ман ба чӣ минвол хоҳад гузашт.

Падарам гирён шуду гуфт:

– Эй ҷони падар, туро аз суҳбати махлуқе ин қадр тарсу бим аст, вой ба ҷони мо дар рӯзи ҳашр, ки дар ҳузури Холиқи Акбар номаи аъмоли моро ба дасти мо диҳанд ва хитоби мустатоби [ҳазрати] Раббу-л-арбоб даррасад, ки иқраъ китобака кафо бинафсика-л-явма алайка ҳасибан[1] фармоянд, ки муаммои асрори худро изҳор намоянд; вой дар он мақоми ташдид, агар тахфифе воқеъ нашавад ва дар вақти таҳрики силсилаи ҳаёт таскини қаҳри ӯ ба зуҳур наёяд.

Алқисса, сабоҳ ба хонаи Мавлоно Соҳиб ҳозир шудам. Паси ин фақир дар пеши Мавлоно Соҳиб се толибилм ҳозир буданд. Фармуданд, ки:

– Дар маҳал омадӣ, ин се касро низ пеши Мир таъриф кардаам.

Яке аз онҳо муаммоӣ буд, чунончи ӯро адили Мавлоно Ҳусайни Нишопурӣ медоштанд ва ин муаммо аз вай аст, ба исми Илёс:

Чӣ хуш бувад, ки ду зебохироми раъночеҳр
Яке ду бо лаби ҳам бӯсае зананд аз меҳр.

Ва дигар ба қасидагӯӣ шуҳрат дошт ва ин матлаъ аз ӯст, ки:

Фирӯзаи сипеҳр дар ангуштарини туст,
Рӯйи замин тамом ба зери нигини туст.

---

1 Қуръон, сураи 17, ояи 14.

Ва дигаре маснавиро бисёр нек мегуфт ва ин байти тавҳид аз гуфтаи ӯст:

Барафрозандаи гардуни гардон,
Барафрӯзандаи хуршеди тобон.

Чун ба он маҷлиси олӣ ва маҳфили мутаолӣ расидем, ҷуласову нудамои ҳазрати Мир [ҳама] ҳозир буданд. Ҷаноби Мир ба ҷониби мо нигоҳ карданд ва ба фақир ишорат карда, гуфтанд, ки:

– Ҳарифе, ки муаммои беном меёбад, ҳамин аст?

Мавлоно Соҳиб гуфтанд:

– Бале, махдум, ҳамин аст.

Мавлоно [Муҳаммади] Бадахшӣ гуфтанд:

– Махдумо, худовандгоро, муаммошикофии шумо нисбате надорад ба муаммо шикофтани вай.

Мир фармуданд, ки:

– Ман аз мушоҳадаи чашмҳои вай дарёфтам, зеро ки асари фикр дар вай зоҳир буд.

Баъд аз он ин муамморо хонданд:

Боғро бин, аз хазон бефарру сарв аз ҷо шуда,
Булбулаш бар ҳам зада минқору ногӯё шуда.

Иттифоқан ман ин муамморо ёд доштам. Дар тааммул шудам, ки оё тағофул кунам ва маҷлисро баргузаронам ё рост гӯям. Оқибат раъйи ростӣ роҷеҳ омад. Гуфтам:

– Махдум, ман ин муамморо ёд дорам.

Ҳазрати Мир муддате сар дар пеш афкананд, [баъдаҳу] фармуданд, ки:

– Азизон, медонед, ки сухани вай чӣ маънӣ дорад? Изҳори қудрат мекунад ва мегӯяд, ки агар ин набошад, дигаре.

Дар он маҷлис ҳазрати Мир дигар муаммо нахонданд ва лутфи бисёр фармуданд ва ба Мавлоно Соҳиб гуфтанд, ки:

– Мо даъвии вайро мусаллам доштем.

## [13]
## ГУФТОР
### дар зикри назокат ва латофати мизоҷи Амир Алишер

Манқул аст аз Мавлоно Соҳиби Доро, ки фармуданд:

– Рӯзе ҳазрати Мир ангези суҳбате доштанд, ҷамъе аз фузалову шуаро ва нудамо ҳозир буданд. Ба ин камина фармуданд, ки:

– Ҳазрати махдумӣ устоде мадда зиллаҳу-л-олӣ муддатест, ки маризу соҳибфирошанд ва ин фақир ба аёдат натавонист расид, меравию маросими узрхоҳӣ ба тақдим мерасонӣ.

Баъд аз рафтани ин фақир таом кашидаанд ва баъд аз таом ҳуззори маҷлисро ба хотир расида [бошад], ки шояд ҳазрати Мирро касрат хуш наёяд ва ваҳдат матлуб бошад, ба ҳукми: фа изо таъимтум фаанташиру вало мустаанисина ли ҳадисин[1] дар якдигар нигоҳ карда, бархоста, берун рафтанд. Мирро худи он рӯз доияи мусоҳабат [ва мухолатат] буда, он ҷамоат, ки берун рафтаанд, Мир дар эърозу ғазаб шуда, гуфта, ки:

– Ҳароина хонаи Алишер дукони ошпазӣ асту Алишер ошпаз аст, ҳарифон меоянду ош мехуранду меравand.

Мир дар айни ғазаб буданд, ки фақир даромадам, аз камоли эъроз Мирро фаромӯш шуда, ки ба аёдати Мавлоно ва устодино фиристодаанд. Бунёд карданд, ки:

– Ҳала, эй Соҳиб, туро чӣ шуд, ки як замон баъд аз ош пеши ман намебошӣ, ту низ тақлиди он мардакони пасти шикампараст мекунӣ?

Фақир ба зону даромада гуфтам, ки:

– Махдумо, то замоне, ки бадани одамӣ мавриди сиҳҳату мараз аст, ҳамвора зоти малакисимоти шумо мавтини сиҳҳату саломат бод! Ва ҷисми душмани ҷоҳат ҳамеша макмани амрозу сақаму иллат! Бар замири мунири офтобтанвир пӯшида набошад, ки шумо фақирро ба аёдати охунд фиристода будед.

Инро ки гуфтам, гӯё Мир шуълаи оташе гардиду дар нишастану хостан шуд. Ва гуфтан гирифт, ки:

---

1 Қуръон, сураи 33, ояи 53.

– Лаънат бар мардаке, ки ба ин навъ мардум ошноӣ мекунад [ва мусоҳиб бошад].

Ба ин эъроз бархосту ба ҳарам даромад. Фақир ба баъзе мардум, ки он ҷо ҳозир буданд, гуфтам:

– Ёрон, ҳеч мебинед, ки моро чӣ балое пеш омада? [Байт]:

Ба даст оҳаки тафта кардан хамир,
Беҳ аз даст бар сина пеши амир.

Ҳосил, ки аз умри худ безор гашта, ба хонаи худ бозгаштам. Намози пешин ба тариқи маъҳуд ба мулозамати Мир рафтам. Мир дар бунафшазоре ситода буд, чун маро дид, бунафшавор гардан тоб дода, рӯйи худро гардонид ва ҳар мартабае, ки мутаваҷҷеҳ ба мувоҷаҳа шудам, ҳамин амал намуд. Ба хонаи худ рафтам. Рӯзи дигар, ки омадам, ба ҳамин навъ муомала намуд. Ба худ азм [ва] ҷазм кардам, ки меравам ва дигар намеоям. Чун ин маънӣ ба хотир гузашт, ба ҳукми он ки арбобу-д-дувал мулҳамун гӯё ки мулҳам шуд ба ин маънӣ. Маро талабида, гуфт, ки:

– Эй Мавлоно Соҳиб, касе, [ки] бар ӯ ғалату хато раво нест [ба ғайри] зоти воҷибулвуҷуд аст. Ман аз камоли эъроз фаромӯш карда будам, ки туро ба аёдати устоди охунд фиристодаам, бар ту эътироз кардам, чӣ лозим буд, ки ба зону дароӣ ва мунодӣ кунӣ, ки Алишер чи мабхут шуда, ақл аз вай рафта, фартут шуда ва маро дар назари мардум шармандаву хиҷил созӣ, дар олами ёрӣ чӣ мешуд, ки тағофул мекардӣ ва ин хатои маро мепӯшидӣ ва маро ба сифати мабхуте ба мардум наменамудӣ?

Мавлоно Соҳиби Доро инсоф медод, ки дар воқеъ ҳақ ба ҷониби Мир буд ва хато аз ҷониби мо воқеъ шуда буд.

[Мисраъ]:

Хато бар бузургон гирифтан хатост.

Мавлоно Соҳиби Доро мефармуданд, ки:

Шоҳ Абулғозӣ Муиззуддавла, каҳфу-л-хофиқайн,
Офтоби авҷи бурҷи салтанат – Султон Ҳусайн -ро

як нафар амире буд, ки то фарроши қазо гилеми аморату зилуи ҳукуматро дар девонхонаи убуҳҳату азамат андохта, мисли ӯ касе бар маснади аморату ҷалолат нанишаста. Ӯро Муҳаммадвалибек мегуфтанд. Саҳифаи рӯзномачаи аҳволаш ба оёти

кифояту киёсат ва осори дирояту фиросат бар манҳаҷи диловарӣ ва доварӣ ба сифату насафату коргузорӣ мувашшаҳ буд. Изҳоран, лилғояти фӣ шаъниҳи, ҳазрати подшоҳ доруғагӣ [ва] ҳукумати шаҳри Ҳиротро маа тавобеъ ва музофоту мансубот ба уҳдаи эҳтмимому иҷтиҳоди ӯ карда буд. Ва ӯро мулозиме буд, ки [ӯро] Хоҷагӣ Муҳаммадчанор мегуфтанд. Ва амири мазкур ӯро фарзанд хонда буд ва доруғагии шаҳрро аз қибали худ бад-ӯ ҳавола карда буд. Ва ӯ дар фисқу бадмаошӣ ва хабосату авбошӣ ба дараҷае буд, ки Банотуннаъш агар ба сифати зукурат мавсуф будӣ, аз пештоқи равоқи гардун аз тарси ӯ ҷамол нанамудӣ, вагарна хуршеди оламтоб худро дар либоси унусату миъҷари нисвон ёфтӣ, аз тарси он бешарми беозарм дар саропардаи шарқ мухтафӣ гашта, партави рухсораш бар ҷаҳон натофтӣ. Ҳар киро писари соҳибҷамоле будӣ, падару модар ӯро мисли духтарони дӯшиза дар пардаи афоф нигоҳ медоштанд ва ӯро аз хона берун намегузоштанд.

Бибигули Кӯкалтошро писаре буд, Шоҳмуҳаммад ном, ки халқи Хуросон мегуфтанд, ки баъд аз ҳазрати Юсуф ба ҳусну ҷамоли ӯ дигаре набуда. [Байт]:

Юсуф набуд чун ӯ дар некуӣ мукаммал,
Наққош нақши сонӣ беҳтар кашад зи аввал.

Ва Хоҷагӣ Муҳаммадчанор васоиту васоил сохта буд, ки ба он ҷавон ихтилот кунад. Маҳмуди Турбатӣ, ки соҳибҳаҷви Саййидғиёсуддини Шурфа аст, аз барои он ҷавон рубоӣ гуфта; чун он рубоӣ ба он ҷавон расид, аз ихтилоташ мамнӯъ гардид. Он рубоӣ ин аст:

Эй сарвқади суманбари лолаъузор,
Зинҳор мабош ҳамнишин бо хасу хор.
Ҳарчанд чанор сарфарози чаман аст,
Ту шохи гулӣ, туро чӣ нисбат ба Чанор?

Ва ин маъниро ҳеч кас заҳра надошт, ки аз тарси Амир Муҳаммадвалибек ба арзи султон расонад.

Чунин гӯянд, ки Мирзо шахсеро таъйин карда буд, ки ба расми навкарӣ дар мулозимоти Амир Алишер камар баста буд ва ҳар чӣ дар маҷлис воқеъ мешуд, кироман котибин[1] он-

1 Қуръон, сураи 82, ояи 11.

ро дар тӯморе сабт карда, ҳар рӯз он рӯзномаро ба мутолиаи подшоҳ мерасонид. Ва ҳеч аҳаде ба ин роз мутталеъ набуд, магар Амир Алишер, ки ба қуввати ҳадсу фиросат онро дарёфта буд.

Рӯзе шахсе Мусҳафеву камоневу каллақанде ба расми пешкаш ба пеши Амир Алишер овард. Мир аз вай пурсид, ки:

– Ту чӣ касӣ ва ин туҳфаҳоро ба пеши ман ба чӣ арз овардӣ?

Гуфт:

– Ман писари фалонам, ки яке аз мулозимони даргоҳи сипеҳриштибоҳ буд ва арзи ман он аст, ки ба ҳукми инно ваҷадно обоано ъало умматин ва инно ъало осориҳим муҳтадуна[1] дар хидмату мулозимат саъйи мавфур ба зуҳур расонам ва аз фавоиди инъому авоиди икроми ин остони аршэҳтиром мустафизу мустафид бошам.

Мир фармуданд:

– Эй ҷавон, ту ҳарчанд маро хидмати шоиста ва мулозимати пайваста намоӣ ва ҳар рӯз давлатвору иқболкирдор бар ин остона оӣ, ҳар сол аз маблағи понсад хонӣ дар мулозимати ин фақир бештар ҳосил натавонӣ кард, [аммо] ман туро ба коре раҳнамунӣ мекунам ва туро ба муҳимме менамоям, ки ҳар рӯз ақалмартаба понсад танга ҳосил шавад.

Он шахс гуфт:

– Ройи олӣ ҳоким аст.

Мир фармуд, ки:

– Ин Мусҳаф туро ба сад танга ҳадя мекунанд ва ин камону ин [калла]қанд ба бист танга мегиранд. Маҷмӯъ яксаду бист танга мешавад. Инҳоро мефурӯшӣ ва ба бист танга қабои парчокӣ мегириву фӯтаи зарбафти яздӣ ба панҷоҳ танга мехарӣ ва арабии тукмадоре ба даҳ танга меситониву корди яковезе ба даҳ танга ва тоқияи барраи сиёҳи жингиламӯй ба бист танга мегирӣ ва чӯби арғавонӣ ба даст гирифта, ба сари бозори малик меистӣ. Ногоҳ дидӣ, ки ҷавони хоҷазодаи соҳибҳусне мегузарад, пеши ӯ меравӣ ва остини ӯро асасвор мегирӣ ва мегӯӣ, ки:

---

1 Қуръон, сураи 43, ояи 22.

– Шуморо Хоҷагӣ Муҳаммадчанор металабад. Он ҷавон гирён мешаваду дар пойи ту меафтад, ки: «Эй паҳлавон, ман чӣ кор кардаам ва аз ман чӣ воқеъ шуда?» Ту мегӯӣ, ки: «Ман маъмурам, ки шуморо ба пеши вай мебарам, дигар намедонам». Он ҷавон зорию тазарруъ хоҳад намуд, ки: «Эй паҳлавон, чӣ шавад, агар тағофул кунӣ ва шутурро дидӣ, не – гӯён маро гузорӣ, ки ба обрӯву номус ба хонаи худ равам, ҳар чӣ дорам, аз сару по ҳама туфайл чакману фӯтаи ӯро, ки мегирӣ, ақал мартаба сад хонӣ аст. Панҷ ҷавонро, ки ҳамчунин миёнгирӣ мекунӣ, муроди ту ҳосил аст.

Он шахс туҳфаи худро гирифту остони хидмат бибӯсид[у] бирафт.

Шахсе, ки ба воқеанависӣ муқаррар буд, ин қазияро дар силки тақрир кашид ва ба мавқифи арз расонид. Чун подшоҳ он саҳифаро мутолиа кард, монанди ман утия китобаҳу бишимолиҳи[1] авваро заҳриҳи[2] мушоҳида намуд, ангушти ҳайрат ба дандони ғайрат газидан гирифту гиребони надомат ба дасти ғаромат даридан оғоз ниҳод. Фармуд, ки:

– Раведу Муҳаммадвалибекро ҳозир созед.

Ливои сиёсат афроштанду ӯро оварда, дар мақоми итоб доштанд. Подшоҳ гуфт:

– Эй саги ҷаҳаннамӣ ва эй воҷибулқатли куштанӣ, аз Худо наметарсӣ ва аз халқ шарм намедорӣ? Ман рамаи гӯсфандеро ба ту супурдам ва туро шубони эшон сохтам, то он гӯсфандон дар ҳавзаи ҳимояти ту аз чанголи гургон эмину мутмаин бошанд ва ту эшонро ба чанголи гурги хунхоре гирифтор месозӣ?! Агар на ҳуқуқи обову аҷдоди ту монеъ омадӣ, имрӯз туро пора-пора месохтам ва хокистари туро бар бод медодам. Зуд баргарду он саги ҳаромзодаро аз ин шаҳр овора кун, [ки] агар як лаҳзаи дигар касе ӯро дар ин шаҳр бубинад, туву ӯро ибрати оламиён созам ва нитоҷу зуррияи шуморо аз рӯи замин бармеандозам.

Амир Муҳаммадвалибек баргашту Хоҷагиро талабид. Фармуд, ки андохта, сад чӯб заданд ва ҳукм кард, ки:

---

1 Қуръон, сураи 69, ояи 25.
2 Қуръон, сураи 84, ояи 10.

– Ҳамин соат овора мешавӣ, ва илло хокистари ману ту бар боди фано меравад.

Хоҷагӣ ҳам аз хонаи Амир Муҳаммадвалибек ба хонаи худ норафта, чунон ба савби бодияи оворагӣ шитофт, ки ҳеч кас ному нишонаи ӯро дигар наёфт.

Манқул аст аз **Мавлоно Соҳиби Доро**, [ки] мефармуданд:

– Султон Ҳусайн Мирзо Бойқаро амире дошт, ки дар айёми қазоқиҳо дар чӯлҳо ва бодияҳо соясифат сар аз қадами он зилли илоҳӣ барнадошт ва аз барои дафъи ҳарорати офтоб шомиёнасифат бар фарози он сарвқомат аз ҷисми худ соябон барафроштӣ. Ӯро Амир Ҷаҳонгири Барлос мегуфтанд. Чун офтоби оламтоби подшоҳӣ бар сипеҳри ҳишмату азамати номутаноҳӣ толеъ ва ломеъ гардид, кавкаби толеи он бетолеъ уторидсифат дар таҳти шуои офтоби иззаташ муаззаб ба оташи эҳтироқ омада буд ва бағоят хору зору мутабаддилу беэътибор монда буд. Ва ҳеч кас бар ин сари иттилоъ надошту аномили хотир ба ҳалли ин мушкил намегумошт. Ва ба ин ҳама бадбахтӣ, ба Амир Алишер дар ғояти суимизоҷ ва бадӣ буду Мирро бисёр иҳонатҳо мерасонид. Ҳазрати Мир тағофул карда, ҷаримаи ӯро мегузаронид ва ба мақулаи қулиллоҳу сумма зарҳум[1] амал менамуд. Солҳо бар ин минвол гузашт. Рӯзе Султон Ҳусайн Мирзо бо Амир Алишер дар хилвате нишаста буданд ва аз ҳар бобе ҳикояте дарпайваста. Мирзо дари дурҷи ҳикмат гушуду аз Мир Алишер суол фармуд, ки «[халоиқи фақирнинг ҳақидана сӯз ойтадурлар]»? Мир Алишер дар ҷавоб маъруз доштанд, ки:

– Шуморо ба доду адлу лутфу караму саховату шуҷоату баҳодуриву диловарӣ [мардум медонанд].

Мирзо гуфт:

– Мақсуди ман он аст, ки мардум дар ғайбати ман аз айби ман чӣ мегӯянд?

Амир Алишер маъруз дошт:

– Бегоҳӣ дар роҳе мерафтам. Аз болохонае овозе ба гӯши ман расид. Истироқи самъ намудам. Касе мегуфт, ки: «Ҳама

1 Қуръон, сураи 6, ояи 91.

атвору авзоъ ва ахлоқи Султон Ҳусайн Мирзо [бар]гузидаву писандидаву хубу марғубу дилпазиру беназир аст. [Байт]:

Зи хубӣ ҳар чӣ бояд нозанинонро, ҳама дорӣ,
Валекин аз вафо холӣ бар он рухсор боистӣ.

Дар вай нишони бемурувватӣ ва беҳақиқатӣ мушоҳида карда мешавад, ки баъзе аз хидматгорони қадимулихлосу бандагони қадимулихтисос, ки солҳост, ки камари итоат ба миёни ҷону ғошияи бандагӣ бар дӯш изъон доранд [аз] назари иноят андохта ва [эшонро] ба хоки роҳ баробар сохта. [Байт]:

Он ки мардуд шуд ба унфу ғазаб,
К-они ман ғайри иллат асту сабаб.

Касе аз вай пурсид, ки: «Он кадом аст?» Гуфт: «Амир Ҷаҳонгири Барлос, ки мин-ал-маҳд ила-л-аҳд нақди умри азизи худ сарфи хидмат карда ва ҳоло аҳволе дорад, ки аз он бадтар набошад. [Мисраъ]:

Ваҳ, чӣ ҳол аст, он ки дорад, саг ба ҳоли ӯ мабод».

Мирзо чун инро шунид, мутағаййир гардиду гуфт:

– Махдум, шумо намедонед, ки ӯ чӣ гуна касест. Агар аз ман андак мулоиматӣ [дар]ёбад, сари такаббур ба авҷи Сурайё мекашад ва ҳар рӯз касеро мекушад. [Байт]:

Партави некон нагирад, он ки бунёдаш бад аст,
Тарбият ноаҳлро чун гирдакон бар гунбад аст.

[Байт]:

Тараҳҳум бар паланги тездандон
Ситамкорӣ бувад бар гӯсфандон.
Накӯӣ бо бадон кардан чунон аст,
Ки бад кардан ба ҷони некмардон.

Мир фармуданд, ки:

– Шумо рост мефармоед, аммо халқ инро намедонанд. Муносибат чунон менамояд, ки ӯро риоят кунеду тарбият намоед. Агар дар кӯраи риёзат нақди вуҷудаш аз ғаши сифоти замима ва малакоти баҳима пок шуда бошад, фабиҳо ва наам ва илло ба ҳукми ин аҳсантум аҳсантум лианфусикум ва ин асаътум фалаҳо[1] ҳар чӣ кунад подош аст, онро бинад.

Ҳар кӣ ӯ нек мекунад ё бад,
Неку бад, ҳар чӣ мекунад, ёбад.

1 Қуръон, сураи 17, ояи 7.

Мирзо фармуданд:

– Ихтиёри амри ӯро муфавваз мавкул ба ройи олии шумо гардонидем.

Мир ба хона омаданду касеро пеши Амир Ҷаҳонгир фиристоданд, ки воқеаро ба тамом машруҳан ба ӯ расонид. Чунин гӯянд, ки вай маҳосини худро гирифта, тапонча ба рӯйи худ заду гуфт: «Эй дареғ, мо қадри Амир Алишер надонистему бо вай чӣ нохушиҳо кардем, ӯ ба мо чӣ лутфҳо менамояд». Филҳол ба хонаи Мир омада, узрхоҳии бисёр ба ҷо овард. Ҳазрати Мир фармуданд, ки:

– Олиҳазрати хоқонӣ, сулаймонмаконӣ, ихтиёри муҳимми шуморо ба кафи кифояту яди дирояти ин фақир гузоштанд. Шумо чӣ мефармоед?

Амир Ҷаҳонгир гуфт:

Зиҳӣ толеъ, зиҳӣ давлат, зиҳӣ иззат, зиҳӣ ҳишмат,
Ки амри ман муфавваз шуд ба ройи олии аъло.

Амир фармуданд, ки:

– Ба хотир чунон мерасад, ки вилояти Туршезро, ки аъзами қасаботи вилояти Хуросон, аз барои шумо бигирему бо тавқу нақора шуморо он ҷо фиристем, ки дар он сарҳад подшоҳ бошед. Амир Ҷаҳонгир ба ҷои ҳар таъзиму такаббур, ки карда буд, ҳазор тавозуъ ва тазаллул ба тақдим расонид.

Алҳосил, Мир ӯро ба кавкабаи тамому дабдабаи локалом бо тавқу нақора ва мулозимону навкарони берун аз шумор ба он вилоят фиристод. Лекин он вилоятест, ки мардуми он саркашу мутакаббир ва Намрудсифатанд. Аксар чунон воқеъ шуда, ки ҳокиму доруғаи худро, агар пой аз андоза берун ниҳоданд, бе рухсати подшоҳ [ба сарҳади адам] фиристодаанд.

Чун Амир Ҷаҳонгир ба он вилоят расид, тоифае аз авбошу лавониду аҷомира, ки эшонро чуғул низ мегӯянд, пеши вай ҷамъ шуда, оғози фитнаангезӣ намуданд ва ӯро бадомӯзӣ карда, то даст ба амволи мардумон дароз карду занону фарзандони мусулмонро пардаи номус дарид. Кори эшон ҷое кашид, ки ҷамъи касир ба пеши Амир Алишер ба додхоҳӣ омаданд. Мир мулоҳиза карда дид, ки ҳанӯз амри мутааддия аз барои ифнои ӯ ба зуҳур наёмада ва иллати мустақила ҷиҳати қатли ӯ ба вуқӯъ наанҷомида. Ба ҷамоаи додхоҳ дуруштӣ намуда, гуфт:

– Ҳамеша шеваи шумо иноду саркашӣ ва дуруштиву нохушист. Ҳамвора ба ҳокиму доруғаи худ дар мақоми мухосима ва муонида мебошед; дигар вақти он шуда, ки шуморо таъдибу таъзиб намоянд!

Таҳдиди бисёр доду эшонро баргардонид ва нагузошт, ки пеши подшоҳ арзи ҳоли худ кунанд. Амир Ҷаҳонгир ба ҳимояти Амир Алишер эътимод намуда, аз ҷамоати додхоҳон се каси муътабарро ба қатл расониданд. Мардуми [Туршез] сиёҳпӯш шуда, қариб ба дивист кас ба дари чаҳорбоғи Ҷаҳоноро омада, фиғон кашиданду тантанаи нолаву нафир ба чархи асир расониданд, чунончи Мирзо дар даруни ҳарам аз ғиреви эшон тарсида, пурсиданд, ки:

– Воқеа чист ва боиси ин машғала кист?

Гуфтанд, ки:

– Мардуми [Туршез] ба додхоҳӣ омадаанд аз Амир Ҷаҳонгир [-и Барлос].

Мирзо Мир Алишерро талабиду ба таъну сарзаниш гуфт:

– Додхоҳони тарбияткардаи худро ба дод расед!

Мир фармуданд, ки анносу маҷзиййуна би аъмолиҳим, ин хайран фахайран ва ин шарран афашарран. Ба муқтазои шаръ амал бояд намуд. Баъд аз субути хатоё ва ҷиноёи Амир Ҷаҳонгир мардуми Туршез нишоне аз барои қатлаш ҳосил карда [рафтанду] ӯро бар дор [карда], тирборон карданд. [Байт]:

Ба нармӣ хасмро бишкан, ки ҳар море ки ғолибтар,
Ба миқдори намад кандан тавон аз пеш дандонаш.

Мирзо Султон Ҳусайн Баҳодурхонро мулозиме буд, ки ӯро Мир Ҳоҷӣ Пири Баковул мегуфтанд. Аз он замона, ки Баковули қазову қадар гирдаи Моҳу Меҳру пиёлаҳои кавокибро ба гирди хони лоҷвардии зарафшони сипеҳр ниҳода ва дасторхони Каҳкашонро дар пеши меҳмонони малаулаъло густарда, ҳеч шоҳеву шаҳрёреро мисли ӯ баковул набуда. Рӯзе бар тахти равоне аз ҳарами муҳтарам берун меомад. Дар маҳалле, ки Амир Алишер қадам дар дарвозаи ҳарам ниҳода буд, расиду гуфт:

– Махдумо, имрӯз аз мулозимони шумо дар пеши ҳазрати Мирзо ғариб суханоне гузашт.

Ин бигуфту баргашт. Ва дар он вақт арочифе [дар афвоҳ] афтода буд, ки мизоҷи подшоҳ ба Мир андак инҳирофе пайдо карда. Аз ин ҷиҳат Мир музтариб гашта, аз пайи тахти равон давид [ва гуфт:

– Махдум, соате таваққуф фармоед.

Гуфт, ки:

– Маъзур доред, ки Мирзо маро аз пайи муҳимме фиристодаанд ва таъҷил дорам].

Чунин гӯянд, ки Мир қариб ба бист қадам дунболи тахти равонаш давида буд. [Байт]:

Наздиконро беш бувад ҳайронӣ,
К-эшон донанд сиёсати султонӣ.

Чун Мир ба ҳазрати Мирзо мулоқот карданд, аз он чи мутаваҳҳим буданд, асаре ба зуҳур напайваст. Чун аз мулозимат баргаштанд, аз баъзе наздикон пурсиданд. Гуфтанд, ки:

– [Мирзо] имрӯз шуморо ба навъе ёд карданд, ки [ҳаргиз] ҳеч мuриде пири худро ба он таъзим[у] такрим ёд накарда.

Маълуми Мир шуд, ки ғараз Мир Ҳоҷии Пир он буда, ки худро ба мардум намояд, ки ман ба Мир Алишер ҳамчунин ихтилот мекунам. [Байт]:

Аз бари ӯ маст берун оям[у] дар пеши халқ
Чун гадои навтавонгар худнамоиҳо кунам.

Мир ин кина дар дил гирифт, то аз ин воқеа соле гузашт. Рӯзе дар вақти намоз ба мулозимати Мирзо омаду дар он [вақт] мулозимат хилофи маъҳуд буд. Мирзо пурсид, ки:

– Аз куҷо меоед, ки [осори] ғубор бар чеҳраи шумо зоҳир шуда?

Мир фармуданд, ки:

– Ба мулозимати Дарвеш Алишоҳ рафта будам ва аз он ҷо баргашта, чун ба Дарвозаи Фирӯзобод расидем, аз даруни дарвоза ғулғулаву ғавғо пайдо шуд, ки бандагонро гумон шуд, ки магар мулозимони шумо бошанд. Ҷамъе ҷавонони соҳибҷамол, офтобталъат, анбармӯй, бар аспони тозинажоди бодпой савора расиданд, ки дар ин шаҳр ба хубии эшон мо ҳаргиз ҷавоне надидаем. Аз пайи эшон ҳаёҳуй баромад. Ясовулон мардумро дур сохтанд, «тароқу» – гӯён роҳро аз халқ пардохтанд. Фақир низ худро ба гӯшае кашида, назоракунон

ба байғулае орамидам. Амир Ҳоҷӣ Пир пайдо шуданд бар тахти равоне мурассаъ ва мукаллал ба ҷавоҳиру явоқити қиматӣ, ки аз шаъшааи ламаоти он офтоби оламтоб хираву тира мегардид. Ҷомаи катонии гулипунбаӣ, ки ҷайбу тирози он ба зару гавҳар музайян буд, дар бар ва тоқияи ҳазор бахяи гули шафтолу бар сар санҷоқи онро даршикаста ва рӯймоли катонии кабуде бар кафи даст печида ва чӯби арғавоне ба даст гирифта. Ва он тахти равонро чаҳор ҷавон бар дӯш ниҳода, ки моҳу офтоб аз рашки оразии эшон тираву хира мегардид. Ва дар пеши тахти равон қариб ба даҳ ҷавон суроҳиҳои тилову нуқраву чиниву амсоли он ва пиёлаҳои лаълу фирӯзаву забарҷаду ёқут бар даст гирифта, [ҳар]чанд қадам, ки тахти равон мерафт, пиёлае менӯшиду ғазак аз лаъли нӯшини он бутон металабид. [Байт]:

Гуфтам, ки майи туро газак чист?
Дар ман нигаристу лабгазак кард.

Ба ин асосу кавкабаву дабдабаву ҳишмат мехиромид. Бағоят ҳушҳол шудему Худойро шукр гуфтем, ки:

– Алҳамдулиллоҳ, ки мулозимони подшоҳи моро [ин] асосу таҷаммуле даст дода, ки Кайковусу Афросиёбу Хусрави Парвизу Баҳром ва салотини изому хавоқини завилэҳтиромро муяссар набуда.

Чун Мирзо ин ҳикоятро шунид, бар худ бипечиду ангушти ҳайрат ба дандони ғаромат газид. Сабр кард, ки Мир аз маҷлис бархост. Фармуд, ки Бекинаву Ҷонаку Баданаву Абушаҳмаро ҳозир сохтанд. Ин чаҳор кас буданд, ки эшонро малоикаи азоб мегуфтанд. Мирзо фармуд, ки:

– Мераведу хонаи Ҳоҷӣ Пири Баковулро ва ҷамеи тавобеъ ва лавоҳиқи ӯро ба навъе ғорату тороҷ мекунед, ки ҳеч шайъе, [ки] номи шайъӣ бар он итлоқ [тавон] кард, [он ҷо] ёфт нашавад; ва агар бар хилофи ин кунед, бинед, он чи бинед.

Дар як соати нуҷумӣ силсилаи Ҳоҷӣ Пирро ба хок баробар сохтанду ӯро аз авҷи саодат дар ҳазизи мазаллат андохтанд.

Ҷаноби мавлонои аъзам, ҳовии фунуни камолоту аҳосинушшиям [байт]:

Он ки килки рӯҳбахши ӯ ба ҳангоми сухан
Дар яди байзо дам аз эъҷози Исо мезанад

алмухтас ба авотифулмулкулҳодӣ **Хоҷа Маҳмуди Тойбодӣ** мефармуд, ки:

– Ҳазрати Амир Алишер дар сари хиёбони Ҳирот, қариб ба тахти Аллоҳу Акбар тарҳи иморати работе андохта буд [ва] дар [итмоми] он эҳтимом[у] саъйи тамом менамуд. Рӯзе бо ҷамъе аз фузалову зурафо бар рӯйи курсии иморат нишаста буданд ва меъморону муҳандисону банноён бароварди он иморат менамуданд. Ногоҳ шахсе тоқияи барраи сиёҳу қабои парчокӣ дар бару фараҷӣ уреб карда, бар дӯш афканда ва арабӣ дар пой, бар рӯйи курсӣ давиду [ду] ангушт дар даҳон ниҳода, сафир кашид. Ва дар рӯйи ҳаво кабӯтарон дар парвоз дид, даст бар ҳам задан гирифт. Яке мехост, ӯро манъ кунад, Мир фармуд, ки:

– Ҳечаш магӯй, то бибинем, ки чӣ хоҳад кард.

Баъд аз он равон шуду аз миёни доирае, ки Мир нишаста, даромаду аз ҷониби дигар берун рафт, чунончи гӯшаи фараҷии ӯ бар дӯши Мир расид.

Мир фармуд, ки:

– Ин шахс ё Шамс ном дорад, ё Аҳмад, ё Тоҷуддин. Боре тафтиш намоед.

Яке аз аҳли маҷлис бархосту гуфт:

– Эй бузургвор, азизон мепурсанд, ки номи шумо чист?

Гуфт:

– Фақирро Шамс Аҳмади Тоҷуддин мегӯянд.

Ғирев аз аҳли маҷлис бархост. Хоҷа Маҳмуд мегуфт, ки:

– Ҳаргиз Мирро бар он фараҳу нишоту шодмонӣ надидаем. Баъд Мир фармуданд, ки:

– Ин асомии салоса тахаллуф намекунад дар ин ки мусаммо ба вай дар ғояти балодату ҳамоқат мебошад, илло нодиран; ва ин байтро хонданд:

Хуршед агар ба хубӣ даъво кунад ба рӯят,
Маъзур дораш, эй ҷон, к-ӯ номи Шамс дорад.

Ҷаноби фасоҳатмаоб, балоғатшиор, бадоеъосор, нодиратуззамони хазоинушшеър, кунузурраҳмон, мабдаулғароиб, мухтареурраġоиб Ҳассону-л-аср, Саҳбону-д-даҳр **Мавлоно Биноӣ**, ки иъноқи фазлу фасоҳат ба бадоеи афкораш мувашшаҳ буд ва наттоқи нутқу балоғат ба саноеи ашъораш мурассаъ менамуд, фармуд, ки:

– Мавлоно Муҳаммад Пири Шамс, ки аз ҷумлаи фузалову зурафои Хуросон буд ва бар саманди зарофат майдони латофатро ба навъе мепаймуд, ки сипаҳсолорони майдони баён дар баробараш сипари аҷз дар рӯй мекашиданд ва баҳодурони мизмори балоғат аз тарси теғи тааррузу саҳму сиҳоми душномаш ҷавшани ниёзмандиву фурӯтанӣ мепӯшиданд, бемулоҳизагиву беэътидолияш дар ин мартаба буд, ки рӯзи ҷумъа, бисту ҳафтуми моҳи Рамазон шароб хӯрда, маст ба пушти тоқи Масҷиди ҷомеи Маликон баромада, бар сари мардум бавл карда. Халоиқ ҳуҷум намуда, ӯро фуруд оварданд. Аммо ба ҷиҳати хотири отири олиҷаноб, вилоятаёб, ҳидоятмаоб, ирфондисор, ҳақоиқосор, мазҳари алтофи раббонӣ ва мазҳари анвори субҳонӣ, кошифи асроруттариқа, маҳбити анворулҳақиқа алмухтас биавотифи-л-малики-л-маннон, нурулҳақ ва-л-ҳақиқат ва-д-дунё ва-д-дин Мавлоно Абдурраҳмон ал-Ҷомӣ, қаддасаллоҳу сирраҳу-с-сомӣ, ки нисбати шогирдӣ ба падараш Мавлоно Пири Шамс доштанд, дасти тааррузи халоиқ аз вай кӯтоҳ буда. Ва дар вақти подшоҳи олиҷоҳ Султон Ҳусайн Мирзо, Хоҷа Ҳасани Кирнакиро бар маснади садорат мустанад гардонида буд ва ҷаридаи садораташро ба туғрои ғаррои фаман шараҳаллоҳу садраҳу лилислом[1] мувашшаҳ сохта, Мавлоно Муҳаммадро пеши вай бурданд. Дар замоне ки умарои саодатнишони садрнишин ва вузарои муншареҳуссудури давлатқарину наввоби атабаи гардун ва ҳоҷиби суддаи сипеҳрҷанобу соири аркони давлати улё ва боқӣ аъёни ҳазрати фалакиртиқо дар маҷлиси вай ҳозир буданд, Мавлоно [Муҳаммад] чун қадам дар он маҷлис ниҳод,

1 Қуръон, сураи 39, ояи 22.

раъша бар аъзои ҳуззори маҷлис афтод. Аз ҳама акобир [дар] гузашту бар садри маҷлис, дар маҷлиси садри мурабба нишасту даст бар китфи садр ниҳода гуфт, ки:

– Лоло Ҳасан, шунидаем, ки садр шудаӣ, [байт]:

Агар садри олам шудӣ, эй Ҳасан,
Вале банда ҳам мисли ту садриям.

Хоҷа Ҳасан мутағаййир шуда, ба он мардум итоб оғоз кард, ки:

– Ин азизро аз барои чӣ маслиҳат ин ҷо овардаед ва аз барои ман рӯ ба роҳ кардаед?

Кайфияти ҳолро чунонки буд, ба арз расониданд.

Хоҷа Ҳасан ба он мардум хитоб карданд, ки:

– Маходим мулоҳиза фармоянд, ки дар рӯзи ҷумъа, бисту ҳафтуми Рамазон [касе] шароб хӯрда, маст бар айвони масҷиди ҷомеъ баромада, бар сари мардум бавл мекунад, аз ин кори ракиктару қабеҳтар метавонад буд?

Аз ин ҷамоат ҳеч кас аз тарси забонаш забон ба такаллум натавонист гушуд, ҳама сар дар пеш дарафкандаанду муҳри сукут бар даҳон ниҳода. Мавлоно Муҳаммад фармуд, ки:

– Ҳамчунин, Лоло Ҳасан, хуб мефармоед. Ин ки туро садр сохтаанд, аз ин кори қабеҳтар нест. Мехоҳӣ, ки забон баргушояму батафсил баён намоям. [Мисраъ]:

Забон хамӯш, валекин даҳон пур аз арабист.

Гуфт:

– Махдум, аз барои Худо, моро ба шумо ҳеч кору муҳимме нест.

Мавлоно Муҳаммад бархосту аз маҷлис берун омада, он ҷамоатро гуфт:

– Ҳон, кайдиён, садри худро дидеду озмудед? Он ҷамоат ғулув карданду фиғон баровարданд, ки [мисраъ]:

Мусулмонон, мусулмонӣ куҷо шуд?

ки дар чунин шаҳри қуббатулислом инчунин мункаре ҳодис шавад, ки онро дафъу манъ натавон кард? Оқибат иттифоқ намуданду гуфтанд, [ки]:

– Ӯро пеши Мир Муғул мебарем, ки сазои ин навъ муфсидонро ӯ медиҳад ва мулоҳизаи хотири ҳеч кас намекунад.

Боз дар Мавлоно Муҳаммад даровехтанду аз [барои] таъзиби вай маҳлакае ангехтанд ва ӯро пеши Мир Муғул оварданду кори ӯро машруҳи арз карданд. Мир Муғул барошуфту гуфт:

– Чӯб биёред, ки ман имрӯз ин фосиқро сиёсате кунам, ки [дар] даври даввор бар саҳифаи рӯзгор [аз ман] ёдгоре монад.

Навкарон дар чӯб овардан эҳмол мекарданд. Мир дар эъроз шуда, навкаронро душном медоду ғавғо мекард. Мавлоно Муҳаммад гуфт, ки:

– Эй муғули ғӯли беақли беидрок ва эй чуғули бетамизи аҳмақи бебок, соате сабр намой ва эъроз мафармой; агар бисёр таъҷил дорӣ ва таҳаммул намеорӣ, бифармой, то маро гарданӣ мезада бошанд, то чӯб биёранд.

Мир Муғул, ки ин суханро шунид, бихандиду теғи хашмаш дар ниёми мулоимат орамид. Мавлоно Муҳаммад пеш давиду Мирро дар бағал гирифта, ҳаракоте кард, ки Мир аз ханда бар замин ғалтиду гуфт:

– Алҳамдулиллоҳ, ки ин шахсро наёзурда будам.

Ба ӯ гуфтанд, ки:

– Ин устодзодаи Мавлоно Ҷомист.

Мир ӯро таъзиму такрими бисёр карду чакмани сақарлоту аспи базину лаҷом [ба ӯ] инъом кард.

## [14]
## ГУФТОР
### дар баёни таҳорати зайл ва адами майли табъи Амир Алишер, раввахаллоҳу рӯҳаҳу, ба шаҳвати нафсонӣ ва иқтисори ӯ ба ҳузузи рӯҳонӣ

**Хоҷа Маҳмуди Тойбодӣ** мефармуд, ки рӯзе ҳазрати султону-л-аъзам, ал-хоқону-л-муҳташам, мавло мулуку-т-турк ва-л-Араб ва-л-Аҷам [байт]:

Шоҳ Абулғозӣ Муизуддавла каҳфулхофиқайн,
Офтоби авҷи бурҷи салтанат Султон Ҳусайн

дар таърифу тавсифи порсоӣ ва таҳорати зайли Амири Кабир Алишер сухан бад-ин ҷо расонида буд, ки аз он замон ки он ҷаноб аз ҷилбоби адам хайма ба саҳрои вуҷуд зада, хилъати ҳастӣ пӯшида, домани исматаш ба лавси шаҳват наёлуда ва тукмаи луълуъи гиребони футувваташ ба модагии ҳавову ҳавас муқайяд нагардида. Билқиси замону Зубайдаи даврон Хадиҷабегимро ин сухан бовар наёмаду гуфт, ки:

– Магар ҷаноби Мир ба сифати аниният ва ба иллати адами руҷулият мавсуф буда бошанд?

Ва ба ин ҳикоёт ратбуллисон гардиданд, [ки] шахсе аз Рум дар пеши ҷаноби ҳақоиқпаноҳӣ, мазҳари асрори илоҳӣ, Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ қаддаса[ллоҳу] сирраҳу-с-сомӣ таърифи порсоёни Рум мекард, ки дар он вилоят касоне пайдо мешаванд, ки агар хилвате бо маҳбуби соҳибҷамоле муяссар шавад ва он маҳбуб дар ниҳояти ғанҷу далол бошад, эшон худро метавонанд, ки маҳфуз нигоҳ доранд. Дар вилояти шумо инчунин касон пайдо мешаванд?

Ҳазрати Мавлавӣ фармуданд, ки:

– Оре, пайдо мешаванд? Аммо дар ин вилоят эшонро ҳез мегӯянд.

Ва Хадиҷабегимро духтархонаи парипайкаре, моҳманзаре буда, Давлатбахт ном, ки моҳи сипеҳри нилгун аз рашки оразу абрӯ ва пешонияш гоҳ худро рӯву гаҳ абрӯву гаҳ пешонӣ месохт. Ва офтоби фалаки миноӣ аз тоби ҷамолаш девона

гашта, сару рӯйи бараҳна бар боми гардун медавид. Агар на ба занҷири анвор муқайяд будӣ, монанди партави хеш ҷисми худро ба хоки пояш меандохт. Ва миёни Султон Ҳусайн Мирзо ва Хадиҷабегиму Амир Алишер ҳикоёти махфиву мақулоти лояқолиро ба ғайри вай маҳраме набуд. Ва ҳамвора тоири ҳумоюни хотири Мир дар фазои ҳавои ишқи ӯ парвоз менамуд. Хадиҷабегим аз барои кашфи ин роз [ба вай] муқаддамот омӯхта, ӯро ба хонаи Мир фиристод. Дар вақте ки наварӯси фалаки лоҷвардӣ дар саропардаи мағриб ниҳон гардид ва лиҳофи мушкин басмакории шаби дайҷурро бар болои худ пӯшид, ба хонаи Амир Алишер омад. Чун вақти ғайримаъҳуд буд, Мирро ҳайрат бар ҳайрат афзуд. Алқисса, ҳикоёти мураттабаро ало сабили-т-тафсил маъруз дошт. Дар аснои гармии сухан гуфт:

– Ух, чӣ созам, ки шаб бегоҳ шуд.

Мир фармуд, ки:

– Боке нест, имшаб ҳамин ҷо метавонӣ буд.

[Мисроъ]:

Ки меҳнатхонае дорем, ин ҷо метавон будан.

[Чун] муддаои вай ҳамин буд, аз ҷой аён намуд.

Мир фармуд, ки дар ҷавори хонаи худ аз барои вай ҷой таъйин намуданд. Чун аз шаб посе гузашт, он сарвари ано хиромон ба хонаи Мир даромад. Мир, ки ӯро дид, ба фаросат дарёфт, ки аз барои чӣ кор омада, аммо тағофул намуд. Он тӯтии шакаргуфтор ба гуфтор даромада, гуфт, ки:

– Эй махдуми оламиён [ва нури дидаи одамиён], ҳамчунон тасаввур кардам, ки ҳар мӯе, ки бар бадани ман аст, ба масобаи занҷир шуд ва маро кашон-кашон бад-ин ҷониб овард. Ғолибан, ин кашиш аз он аст, ки шуморо назари инояте ба ин канизаки камина ҳаст.

Мир фармуданд, ки:

– Ин таклифҳову талбисҳо ба кор намеояд. Маълум шуд, ки шумо аз барои чӣ кор қадам ранҷа фармудаед. Шуморо бо ҷамъе масъала сахт мушкил шуда ва гуфтугӯйи он дароз кашида. Иншоаллоҳ, ки кашфи он анқариб зоҳир шавад.

Ин бигуфтанду дасти ӯро гирифта, бар рӯйи зонуи худ ниҳоданд ва калиде, ки мутазаммини фатҳи қуфли мушкили ӯ буда, ба дасти вай доданду фармуданд, ки:

– Яқин шуморо шуда бошад, ки бад-ин мисқоб дурри мақсуд метавон шикофту бад-ин калид қуфли дурҷи мурод мегушода, гавҳари мақсуд метавон ёфт. Маълуми шумо бод, ки дорему метавонем, аммо накардаем ва намекунему нахоҳем кард.

Тарки лаззатҳои шаҳвонӣ сахост,
Ҳар кӣ дар шаҳват фурӯ шуд, барнахост.
Халқ пиндоранд, ишрат мекунанд,
Бар хаёли парри худ пар мекананд.

Ва ин қитъаи Мавлавӣ мутаранним гардиданд:

Эй зада лофи хирад, чанд ба шаҳват гирӣ
Гесуи шоҳиду занҷири ҷунун ҷунбонӣ?
Чӣ ҷунун бошад аз ин беш, ки пеши занаке
Бинишинӣ ба сари зонуву к…н ҷунбонӣ.

Чун ин ҳикоят ба самъи Мирзо ва Хадиҷабегим расид, эътиқоди [эшон] яке дар сад, балки яке дар ҳазор гардид.

**Мавлоно Муҳаммади Бадахшӣ** мефармуданд, ки чун Амири Кабир [Амир Алишер] китоби «Хамса»-и туркиро ба номи ҳумоюн Султон [Ҳусайн Мирзо] машҳун сохта гузаронид, Мирзо фармуданд, ки:

– Муддати мадид ва аҳди баид аст, ки миёни мову шумо моҷарое дар миён аст. Имрӯз вақти он аст, ки он амр қарор ёбад.

Ва моҷаро он буд, ки Султон Ҳусайн Мирзо ба Мир Алишер изҳори иродат менамуд ва Мирро пири худ мегуфт ва Мир мефармуданд, ки Аллоҳ-Аллоҳ, чӣ ҷойи ин сухан аст, мо муридему шумо пири ҳама. Чун ин гуфтугӯй ба татвил анҷомид, Мирзо фармуданд, ки:

– Пир кадом асту мурид кадом?

Амир фармуданд, ки:

– Мурид он аст, ки ҳар чӣ муроди пир бошад, муроди мурид ҳамон бошад.

Мирзо фармуданд, ки аспи ашҳабро биёварданд ва он чунон таковаре буд, ки то адҳами шаб ва ашҳаби рӯз бо ҳам ҷуфт гардиданд, чун он саманде дар марғзори ҷаҳон касе надида буд. Мирзо фармуданд, ки:

– Чун шумо мурид шудеду мо пир, муроди мо он аст, ки бар ин асп савор шаведу мо дар ҷилави шумо равем.

Мирро ҳеч чора намонд ба ғайр аз савор шудан. Чун Мир қадам дар рикоб ниҳод [ва] он аспе буд, ки ба ҷуз шоҳро саворӣ намедод ва рамидан оғоз кард. Мирзо ҳай бар ӯ зад, ки бар ҷойи худ қарор гирифт, то Мир савор шавад. Чун Мирзо ба ҷилав даромаданд, Мир бар болои асп беҳуш шуд, чунончи ӯро гирифта, фуруд оварданд.

## [15]
## ГУФТОР
## дар зикри [фазоили] Мавлоно Биноӣ ва зарофатҳои вай ба Амири Кабир Амир Алишер

**Мавлоно Муҳаммади Бадахшӣ** мефармуданд, ки Амир Алишер Мавлоно Биноиро бисёр муътақид буданд ва дар тазкират-уш-шуарои туркӣ, агарчи ӯро тааррузоту ташнеъот кардаанд, аммо бар афозили закиюлфаҳм махфӣ нест, ки мутазаммини таърифи бисёр аст. Мир чунин фармудаанд, ки: «Мавлоно Биноӣ авсотунносдин дур. Мавлуди Ҳарӣ дур. Бағоят қобилияти бор. Аввал таҳсилға машғул бӯлди. Унда кӯб рушди бор. Эрди, бот тарк қилди. Хатға доғи ишқ пайдо қилди. Оз фурсатида ободон бетди. Мусиқий фаниға майл кӯр гузди. Бот ӯргониб, ҳейле ашлар тасниф қилиб, рисоладағи адворда бетди. Аммо муъҷибу мақсурлиғидин эл кӯнглига мақбул бӯлмади. Бу сифат сабаби учун факр тариқин ихтиёр қилди ва риёзат ҳам тортди. Чун пирӣ йӯқ эрди, ӯз бошича қилғони учун ҳеч фоида бермади. Эл таъну ташнеъидин Ҳарида туролмади. Ироқға борди. Андин доғи ушбу рангда овозалар йуборди.

Аммо чун йигитдуру қобил ва кӯб ғурбату шикасталик тортди. Умед бор, ким нафсиға ҳам шикаст этмиш. Бӯлғай, ҳар тақдир била бу матлаъ онинг дур. Матлаъ:

Ба сурма он ки сияҳ кард чашми ёри маро,
Ба сони сурма сияҳ кард рӯзгори маро».

Ва Мавлоно Биноӣ низ ба ҷаноби Мир ақидаи ғарибе дошта. Чунончи, аз хотимаи «Маҷмау-л-ғароиб», ки ба забони авоми Хуросон гуфта, маълум аст. Якчанд байт аз он навишта шуд. Ва он ин аст:

Он мулаққаб ба соҳибулхайрот,
Ал-муқарраб ба ҳазратуссултон.
Маҷмаъулфазл, матлаъулифзол,
Боситуладл, ноширулэҳсон.
Дофеъушшарр, рофеъуласрор,
Қомеъулкуфр, қомеуттуғён.
Он Амири Алисияр, к-ин васф
Сурати номи ӯст дар азҳон.

Сабаби иқтирони ҳафт ахтар,
Боиси имтизоҷи чор аркон.
Зоти ӯ подшоҳу Мир лақаб,
Номи ӯ подшоҳу шоҳнишон.
Ҳамчу Мӯсо муқаррабулҳазрат,
Ҳамчу Одам халифатурраҳмон.
Чун Масеҳо ба оби чашмаи меҳр
Шуста аз лавси шаҳваташ домон.
Аз азал мояи саодатро
То абад номи ӯ шуда унвон.
Менамояд чу анҷум аз хуршед
Дар зилоли шукӯҳи ӯ ақрон.
Барнаёрад зи бими теғаш хасм
Сар зи сандуқи сина чун саратон.
Гар на дарё хиҷил шуд аз кафи ӯ,
Панҷа бар рӯ чаро зад аз марҷон?
Шарбати лутфи ӯ табиатро
Сар шавад дасти ёр дар абдон.
Бурд аз рӯи маҳ саводи калаф
В-аз рухи меҳр суфраи яроқон.
Ҳам биноҳои ӯ ҷалилулқадр,
Ҳам имороти ӯ рафеъушшон.
Чӣ аҷаб, гар кунад маҳобати ӯ
Фазли нутқ аз ҳақиқати инсон.
Эй ки дар дафъи ҳуҷҷати аъдост
Теғи тези ту қотеъулбурҳон.
В-эй ба тавзеҳи муфзилоти умур
Нури ройи ту қотеъуттибён.
Бо вуҷуди кафи ҷаводи ту нест
Баҳрро номи ҷуд, ҷуз буҳтон.
Чарх бар даргаҳи ту дарбон аст
Чӯб дар каф зи шакли Коҳкашон.
Поси адлат расида то ҳадде,
Ки ба рӯи дурушт ҳеч авон
Хурда аз дасти кас наёрад бурд,
Магар аз дасти заргарон сӯҳон.
Менамояд чу жожи Боқил паст
Пеши шеърат фасоҳати Саҳбон...

Сарфарозо, қасидаест ғариб,
Ҳайратафзои фозилони замон.
Кардамаш «Маҷмаъ-ул-ғароиб» ном,
Ки ғариб омад ин хуҷаста баён.
Адади байти ӯ агар талабанд,
Соли шамсӣ мувофиқ аст бар он.
То ки дар айн зоҳиранд ашбоҳ,
То ки дар илм собитанд аъён,
Бод зоти ту дар ҷаҳон лоеҳ,
Чун вуҷуди зуҳур дар аквон!

## Ҳикояти Мавлоно Биноӣ

Дар вақте ки [ҳазрати] Мавлоно Шайбонихон вилояти Хуросонро дар тахти тасарруф даровард, рӯзҳои ҷумъа баъд аз намоз дар масҷиди ҷомеи Маликон Мавлоно Биноӣ маҷмаъе месохт ва тарҳи маҷлисе меандохт. Рӯзе дар сари суффаи мақсура рафтани худро ба Ироқ ва ихтилоти худро ба Дарвеши Деҳакӣ ва Султон Яъқуб ба ин услуб ҳикоят намуд…

Чун ба вилояти Ироқ расидем, ба қасабаи Деҳак, ки мавтини Дарвеши Деҳакӣ аст, ки саромади шуарои Ироқ аст, нузул намудем. Мутаваққеъ будем, ки Дарвеши мушорунилайҳ ба мулоқот сабқат хоҳад намуд [ва дар мубодарат суръат хоҳад намуд]. Се рӯз он ҷо будем. Ҳеч асаре зоҳир нашуд. Аз он ҷо, ки олами башарият аст, мутағаййир шудем. Баъзе аз муътақидони Дарвеш забони эътизор баргушода, гуфтанд, ки доби Дарвеш он аст, ки ба ҳеч кас ихтилот намекунад ва муонасат намепазирад. [Дар зимистон] ба хиштрезӣ машғул аст ва дар тобистон ба шеваи амирулмуъминин Умар [разияллоҳу анҳу] иштиғол дорад. Эшонро хаттеву савод нест. Китобе аз авроқи мулавван дар ғояти такаллуф тартиб додаанд ва он девони ӯст. Ҳар гоҳ ки ӯро хаёле ё маъние ба хотир меояд, ҳар кас ба вай пеш меояд, ки хатту саводе дорад, онро дар он авроқ сабт менамояд.

Чун инро шунидем, моро ба вай муҳаббатеву шавқе пайдо шуд[у] шефтаи вай шудем [ва] гуфтем, ки касе қаловузи [мо] шуда, моро ба мулозимати эшон расонад. Хатиби он қасаба он ҷо ҳозир буд, мутазаммини он шуд ва моро ба хидмати

эшон бурд. Чун даромадем, дар коргоҳи ҷулоҳагӣ нишаста буданд ва бофандагӣ мекарданд. Чун моро диданд, бар пой хостанду таъзим ба ҷой оварда, ишорат ба ҷулус карданд, ки:

– Хайра мақдам, аз куҷо ташриф меоред?

Гуфтам:

– Аз қуббатулисломи Хуросон.

Гуфт:

– Аз пеши Пири Ҷом меоед?

Гуфтам:

– Оре.

Гуфт:

– Ҳазрати эшонро суханони [хубу] марғуб бисёр аст, аммо моро ду матлаъ аз эшон хуш омада ва ҳирзи ҷон гардида, яке он ки:

Шабам дар мотами ҳиҷрон ду абру дар хаёл омад,
Ба сина ҳар куҷо нохун задам, шакли ҳилол омад.

Дигар он ки:

Лабам аз шуълаи шавқ обилаи пурхун зад,
Баҳри побӯси ту ҷон хайма зи тан берун зад.

Ва ин каминаро [низ] аз абёти худ ду матлаъ писанд афтода, яке он ки:

Чун зи дарди Кӯҳкан бар Бесутун гиряд саҳоб,
Сурати Ширин бигардонад равон дар дида об.

Дигар он ки:

На ба худ нола ҷарас аз дили ношод кунад,
Гираҳе дар дили ӯ ҳаст, ки фарёд кунад.

Баъда аз тахаллуси фақир пурсиданд. Гуфтам:

– Биноӣ.

Филҳол бархостанду фақирро пеши худ талабиданду ба ҷабини ин мухлис тақбил намуданду гуфтанд, ки:

– Мо даврони худ гузаронидем, [байт]:

Шуморост навбат бар ин хон нишаст,
Ки мо аз танаъъум бишустем даст.

Аз ин фақир шеър талабиданд. Ин шеър бар забон ҷорӣ шуд, ки:

Ба ҷон аз нолаи ман халқу ман аз нола кардан ҳам,
Куҷоӣ, эй аҷал, то вораҳанд эшон зи ман, ман ҳам.

Дарвеш лутфи бисёр намуданду ин абёт мукаррар хонданд.

Чун ба вилояти Табрез расидему ба мулозимати Яъқуббек мушарраф гардидем, он шоҳи дилнавоз фармуд, ки:

– Шуморо дар диёри мо чӣ чиз хуш омада?

Гуфтам, ки:

– Ҳеч чиз моро хуштар аз суҳбати Дарвеши Деҳакӣ наяфтода.

Ва Дарвешро он миқдор маддоҳиву вассофӣ намуда шуд, ки фавқи он мутасаввир набошад. Ва дар сухан чунин маълум шуд, ки шоҳу Дарвешро ҳаргиз мулоқот воқеъ нашуда. [Ва] ҳикоёт гузашт, ки шоҳро хиҷолату шармандагӣ даст дод. Филҳол мунширо талаб намуда, номаи шавқангези муҳаббатомез ба талаби Дарвеш иншо намуд; ва садри худро масҳуб [ба] туҳафу ҳадоё мисли аспи лоиқ ба зину лаҷом ва сарупойи муносиб ба Дарвеш фиристод. Чун Дарвеш он ҳадоёро [дид], писандиду подшоҳро дуову санои дархуру лоиқ ба ҷой оварду гуфт:

– Маълуми ройи оламорой хоҳад буд, ки ман худро дархуру лоиқи суҳбати подшоҳ намедонам, ба ӯ тақарруби ман ин қадар бас аст, ки ҳаст.

Ба зери нуҳ фалак[у] рӯи як замин маъман
Ҳамин бас аст, ки мо дар вилояти ӯем.

Ва дуов[у] санои ҷоҳу ҳишмати ӯ мегӯем, маро талаб мафармояд. Ҳарчанд муболаға намуданд, Дарвеш қабул нанамуд. Ва садр арзадоште [навишту] ба пеши Яъқуббек фиристод. Чун мазмун маълум шуд, подшоҳ ба садр кас фиристод. Дарвешро гӯед, ки мутаваҷҷеҳи инҷониб шаванд ё он ки яроқи он созанд, ки мо ба хонаи эшон меоем, Ҳол мунҳасир дар ин ду сурат аст.

Дарвеш гуфт:

– Чора нест, ба мулозимати подшоҳ мебояд рафт.

Дарвеш хараке дошт, ки онро гоҳе савор мешуд. Бар ҳамон қарор дод. Ҳарчанд садр муболаға намуд, ки: «аспи хоссаи худро савор шавед», қабул нанамуд. Ба ҳамон маркаби худ савор шуду дар мадҳу насиҳати Яъқуббек дар роҳ ғазале фармуд. Чун ба шоҳ ихтилот намуд, он ғазалро гузаронид. Қариб сад кас буд дар он маҷлис. Ҳамаро риққату кайфият

даст дод. Подшоҳ гуфт, [ки «ҳазрати] Дарвеш аз фақир чизе талаб фармоянд».

Дарвеш гуфт:

– Моро ҷондарозии подшоҳ бояд.

[Подшоҳ] гуфт, ки:

– Албатта, чизе талаб фармоянд.

Чун муболаға ва илҳоҳ аз ҳад даргузашт, гуфт:

– Аз шумо он металабам, ки дигар маро ба суҳбати олии худ талаб мафармоеду бигзоред, ки ба ҳузури дил ба дуои давлати шумо машғул мебошам.

Подшоҳ гуфт, ки:

– Моро чунон маълум шуд, ки шуморо боғчасароесту [дар] он ҷо ба қадр маҳсулест. Онро қабул фармоед, ки муофу мусаллами шумо дорем.

Дарвеш гуфт:

– Шумо мефармоед, аммо фақирро мулоҳиза он аст, ки ҷамоаи дарвешони дигар [ҳам] ҳастанд. Чун инро шунаванд, хотири эшон малул гардад, ки Дарвеш пеши подшоҳ рафт[у] худро халос кард ва мо дар зери бор мондаем.

Подшоҳ гуфт:

– Эшонро ҳам халос созем.

Дарвеш гуфт:

– Подшоҳо, мардум лоюадду лоюҳсоянд, ҳамаи эшонро халос гардонидан тааззуре дорад. Ин осонтар аст, ки мо ҳам мисли эшон бори худро бикашему боре бар дили эшон нaниҳем.

Ба ҳамин қарор гирифт. Дарвеш подшоҳро дуову сано гуфт ва ба ватани худ бозгашт.

**Манқул аст аз Мавлоно Муҳаммади Бадахшӣ**, ки мефармуд, [ки] дар ҳар ид доби Мир он буд, ки аз барои ёрону мусоҳибон ва нудамову фузалое, ки дар мулозимати эшон мебуданд, сарупои лоиқу муносиб инъом мефармуданд. Рӯзи иде ба тариқи маъҳуд ҷомаҳое пеши ҳуззори [маҷлис] оварданд. Дар пеши Мавлоно Биноӣ буғчаи зарбафте дар ғояти азамат оварда ниҳоданд. Чун гушоданд, дар вай полони харе буд. Мавлоно Биноӣ бархост[у] рӯ ба қибла саҷда ба ҷой овард. Аҳли маҷлис гуфтанд:

– Ин чӣ гуна саҷдаест?

Гуфт:

– [Ин] саҷдаи шукр аст, зеро ки дар афвоҳу алсина афтодааст, ки мазоҳи ҳазрати Мир ба Биноӣ дар ғояти бадист. Алҳамдулиллоҳ, ин замон ҳозир шуд, ки ин ғайри воқеъ буда ва [Мир] ба ин камина дар ғояти лутфу марҳамат будаанд. Намебинед, ки аз барои ҳама ҷомаҳои ташрифӣ фиристода ва аз барои ин камина ҷомаи хоссаи худро фиристодаанд?!

Рӯзе ҷаноби Мир Мавлоно Биноиро талабиданд. Чун аз дур пайдо шуд, Мир ба навъе нигоҳ кардан гирифт, [ки] гӯё ӯро намешинохта [бошад]. Чун наздик расид, Мир гуфт:

– Биноӣ, ту будӣ? Чун аз дур пайдо шудӣ, ман хаёл кардам ҳиморест, ки [меояд].

Биноӣ гуфт:

– [Бале махдум], ман ҳам [ки аз дур] шуморо дидам, хаёл кардам, ки он ҷо одаме нишаста.

Ва дигар Мир гуфтанд:

– Туро аз барои [он] талабидам, ки аз риши ту калоғе гирем.

Биноӣ гуфт:

– Мо ҳам аз барои ин кор омадаем.

Мир даст дар риши ӯ зада, гуфт:

– Эй Биноӣ, ин риши ту гӯё дафи ҳезон аст.

Биноӣ гуфт:

– Оре, аз баҳри ҳамин мекашедаш.

Баъд аз ин Мир пойи худро бар қафои Биноӣ заду гуфт:

– Имрӯз аҷаб ҳолатест, ки пой дароз мекунӣ, ба к….ни шоир меравад.

Биноӣ гуфт:

– Махдумо, агар ҷамъ мекунед, ҳамин ҳукм дорад.

**Мавлоно Соҳиб Доро** мефармуданд, ки:

Дар таърихи санаи салоса ва тисъамиа дар шаҳри Ҳирот ҷамъе аз авбошу бадмаошу лавониду аҷомираву айтом зуҳур карда, кор ба ҷое кашид ва муҳим ба мартабае анҷомид, ки шабҳо дар сари ҳеч кӯчаву маҳалла набуд, ки куштае ё маҷрӯҳе наяфтода буд. Чун ин фитнаву фасод аз ҳад таҷовуз намуд, Ҳазрати Султон Ҳусайн Мирзо рӯзи Ошуро буд, ки

бахромсифат либоси сурх пӯшидаву тоҷи қирмизӣ бар сар ниҳода, ҳукм фармуд, ки дар ҳар кӯю кӯчаву маҳаллае, ки авбошу бадмаош бошад ва аҳли он кӯю маҳалла ӯро гирифта наёваранд, он маҳалларо ғорат кунанд ва аҳли онро ба қатл расонанд. Он ҷамоатро тафтишу тафаҳҳус намуда, гирифта ба анвои уқубат мекуштанд. Баъзеро мех мезаданду баъзеро дами оҳангарӣ дар мақъад ниҳода медамиданд ва баъзеро арра бар сар ниҳода, дуним месохтанд ва баъзеро аз бағал овехта, санг бар по баста, аз миён қалам мекарданд. Ва дар миёни ин ҷамоат бисёре аз бегуноҳон [дар] арса талаф мешуданд. Чун инро ба арзи подшоҳ расониданд, таҳқиқи ҳоли он ҷамоатро ба Амир Алишер тафвиз фармуданд. Ятиме буд, ки ӯро Носири Рангрез мегуфтанд. Дар водии ятимӣ алами ошӯбу фитна бармеафрошт, латифаҳои ширину зарофатҳои рангини бисёр аз вай манқул аст. Ӯро гирифта, пеши Амир Алишер оварданд. Мир бар ятимии вай гувоҳӣ талабиданд. Чаҳор толибилми муваҷҷаҳ бар ин маънӣ гувоҳӣ доданд.

Мир [ба Носир] фармуданд, ки:

– Ҳеч дафъеву ҷарҳе дорӣ?

Носир дар эшон нигоҳ кард, пӯстинҳои бӯр дар бар доштанд, гуфт, ки: «Ва занантум заннассавъи ва кунтум қавман бӯран»[1]. Мир хандон шуданду ӯро аз ятимӣ тавба доданд[у бахшиданд]. Баъд аз се рӯз боз ӯро ба ятимӣ гирифта оварданд. Мир фармуданд, ки:

– Ин шахси бад менамояд, ӯро мех мебояд зад.

Гуфт:

– Ҳай амир, ин чӣ ҳикояти ноятимона буд, ки фармудед? Ба сари азизи шумо дорам, ки нагузорам, ки дар ман кунҷиде зананд.

Мир бисёр хандиду ӯро насиҳат карда, боз бахшиданд.

Баъд аз як ҳафта боз ӯро ба ятимӣ гирифта оварданд. Мираки Мирғиёс ҳозир буд, гуфт:

– Ин мардакро дам мебояд кард.

Гуфт:

– Ҳай Мирак, дам ба худ кун, ин чӣ ҳикояту чӣ маърифат аст?

---

1 Қуръон, сураи 48, ояи 12.

Мир Алишер бисёр мунбасит гардиду гуфт, ки:

– Ҳайф бошад, ки чунин хуштабъе ва зарифе ба иллати ятимӣ кушта шавад.

Ӯро ба ғилозу шидод савганд доданд, ки дигар ятимӣ [накунад] ва ӯро гузоштанд. Баъд аз даҳ рӯз ӯро боз гирифта, пеши Мир оварданд. Фармуданд, ки:

– Дигар аз ҳад таҷовуз намуда. Ӯро бибаред[у] аз ҳалқ баркашед.

Гуфт, ки:

– Эй Мир, шумо чаро ба ояти Қуръон амал намекунед?

Мир пурсиданд, ки:

– Ба кадом оят?

Гуфт: «Фастаъиз биллоҳи мина-ш-шайтони-р-раҷим, фамм алятима фало тақҳар».[1]

Мир бағоят мутаассир шуданду гуфтанд, ки:

– Ин воҷибуларз аст.

Чун ин ҳикоёт ба Мирзо расид, [ӯро] бахшиданду бисёр инъом фармуданд.

Мир гуфтанд:

– Тардан лилбоб ҳамаи ятимонро метавон бахшид.

Мирзо қабул карда, ҳамаро бахшиданд.

**Шайх Баҳлул** мефармуданд, ки:

Мавлоно Наҳвии Ҳиравӣ, ки аз фуҳули шуарои Хуросон буд, мардуми мулки Нимрӯзро, ки иборат аз Сиистон аст, ҳаҷв карда буд. [Ва] баъзе абёти қасидаи ҳаҷвӣ ин аст:

Саргаштатар зи ахтарам аз гардиши фалак,
Толеъ мадад намекунаду бахт ҳеч як.
Афтодаам ба хиттаи вайронае, ки ҳаст
Бодаш самуми оташею хоки ӯ намак.
Ҳар сӯ бар ӯ равӣ, ба раҳат дузд дар камин
Бар қасди ҷон нишаста чу бемории лакак.

Ин байтро ба забони сиистонӣ гуфта, холӣ аз ғаробате нест:

Вашту чунон дӯста, ки кӯйи кама ғалӣ,
Ҳонӣ, ки бар ғалла зи сарву хезаву катак.

---

1 Қуръон, сураи 93, ояи 9.

Ва қозии Сиистонро писаре буд, бағоят зарифу хуштабъ. Қасидаи Мавлоно Наҳвиро ҷавоб гуфта ва як байт аз қасидаи вай ин аст, ки:

Гар айби хоки поки Сиистон кунад касе,
Дарё палид менашавад аз даҳони саг.

Қасидаи вай ба Амир Алишер расид. Фармуд, ки:

– Писари қозии Сиистон бисёр бафазилат буда, аммо ин ғариб аст, ки бо мо ошноӣ накарда.

Ин суханро баъзе аз ҳаводорон ба ӯ расониданд, боиси омадани ӯ шуд. Чун ба маҷлис ҳозир гардид, Мир фармуданд, ки:

– Қозизода, хайри мақдам, хуш омадед. Шунида шуд, ки шумо қасидаи афсаҳушшуаро Мавлоно Наҳвиро ҷавоб гуфтаед. Аз шумо инсоф металабам, ки шумо беҳтар гуфтаед ё Мавлоно Наҳвӣ?

Гуфт:

– Ман беҳтар гуфтаам.

Мир мутааммил шуд, ки ин маҳалли касри нафс буд ва қозизода ба толибилмиву хуштабъӣ машҳуру маъруф аст, ин бағоят бадеъ ва ғариб менамояд.

Мир гуфтанд:

– Чӣ гуна шумо беҳтар гуфтаед?

Гуфт:

– Бинобар он ки ҳар чӣ Мавлоно Наҳвӣ дар ҳаққи вилояту мардуми вилояти мо гуфта, ҳама рост гуфтааст ва ҳар чӣ ман дар таърифи он вилоят гуфтаам, ҳамаро дурӯғ гуфтаам. [Мисраъ]:

Аз акзаби ӯст аҳсани ӯ.

Мирро ин таъвил бағоят хуш омад ва қозизодаро инъому инояти бисёр фармуд.

Иттифоқан, ҳамин рӯз Мир ба мулозимати ҳақоиқпаноҳӣ, мазҳари асрори номутаноҳӣ, мазҳари анвори илоҳӣ, нуру-л-ҳақ ва-л-миллата ва-д-дин Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ, қаддаса сирраҳу, рафта буданд. Ҳикояти қозизодаро ба арзи Мавлавӣ расониданд. Мавлавиро бағоят хуш омада фармуданд, ки:

– Мо агар манзилу мавтини эшонро медонистем, ба мулозимат мусаддеъ мешудем.

Мир чун бозгаштанд, ба наввоб гуфтанд, ки қозизодаро пайдо созанд ва ба илтифоти махдумӣ ӯро муаззазу сарафроз гардонанд ва фармоянд, ки зуд мутаваҷҷеҳ шавад ва эҳмол ҷоиз надорад.

Чун қозизода аз ин маънӣ хабар ёфт, бирраъси ва-л-айн мутаваҷҷеҳи [тақбили] атабаи қудсинишони малоикошён гардид. Аммо қозизода ҳаргиз ба Ҳарӣ наёмада буд. Ҳазрати Мавлавиро ончунон тасаввур карда, ки ҷомаҳои нафис [ба такаллуф мисли суфу сақарлоту катону амсоли он] мепӯшида бошанд, [чунонки тариқаи акобиру аолӣ аст ва дастори муаққад дар ғояти бузургӣ бар сар ниҳода бошанд, ҳамчунонки қоидаи маволӣ аст]. Ва махдумӣ дар тобистону зимистон қабои пури пунба мепӯшиданд ва фӯтаи ҳаммомӣ бар миён баста [ва сарҳои фӯта овезон] ва тоқияи хоҷаубайдӣ [бар сар]у дасторе дар камоли хурдӣ [ба гирди вай] печида ва асои ҷавдона, ки як ваҷаб аз сар гузашта [бар даст]. Қозизода ба дари хонаи махдумӣ омад, дар вақте ки ҳеч кас набуд. Дар долон [бар сари] суффа нишаста, пойҳо овезон, [ки] ҳазрати Мавлавӣ аз хона берун омаданд. Қозизода чунон хаёл кард, ки [ин] яке аз мулозимони камини Мавлавӣ аст [ҳезумкаше ё боварчӣ ё матбахӣ ва амсоли инҳост, барнахосту таъзим накарда] пурсид, ки:

– Пирон, ҳазрати мулло дар хона ҳастанд?

Мавлавӣ фармуданд, ки:

– То ин замон дар хона буданд. Ва табассуме карданд.

Қозизода гуфт:

– Субҳоналлоҳ! Дар мулозимоти ин навъ азизон чӣ гуна мардум мебошанд, ки ҷавоб нодарбаробар мегӯянд ва бе тақриб механданд.

Баъд аз лаҳзае қозизода гуфт:

– Эй мабҳут, чӣ шавад, ки равӣ ба махдумӣ арза дорӣ, ки писари қозии Сиистон омада, доияи мулозимат дорад. Агар қадаме ранҷа фармоянд, дур наменамояд.

Ҳазрати Мавлавӣ хандон шуданд. Қозизода дар эъроз шуда, гуфт:

– Боракаллоҳ, ин хандаи шумо чӣ бало зебанда [аст].

Иттифоқан, дар ин ҳол акобир[у аъолии] Хуросон ба мулозимати ҳазрати махдумӣ омаданд. Чун аз сари кӯча пайдо

шуданд, ҳама аз аспон пиёда шуда, дастҳо дар пеш гирифта, мутаваҷҷеҳи атабаи улё шуданд. Диданд, ки шахсе нишаставу пойҳои худ овехта ва ҳазрати Мавлоно истода, такя бар асо доранд. Аммо қозизода чун дид, ки акобир ба ин таъзим меоянд, гуфт: «Субҳоналлоҳ»! Мавлоно Ҷомиро чӣ дастгоҳев[у чӣ азамату ҷоҳе,] ки аз барои камина мулозими даргоҳаш ин миқдор таъзим муболаға мекунанд.

Алқисса, ба меҳмонхона даромаданд. Ва [доби] ҳазрати Мавлавӣ [он буд, ки дар маҷолис] дар саффи ниол менишастанду дигарон ҳар кас ба мақоми худ қарор мегирифтанд. Қозизода дар паҳлуи Амир Атоуллоҳ афтода буд. Оҳиста гуфт, ки:

– Ҳазрати Мавлавиро касе хабар накарда, ки маходим омадаанд?

Амир Атоуллоҳ гуфт:

– [Махдум], шумо [магар] аз ин шаҳр нестед? Ҳазрати Мавлавӣ ин аст, ки дар кафшгоҳ нишаста.

[Қозизода гуфт:

– Махдум, шумо зарофат мекунед ё рост мегӯед?

Ҳазрати] Мавлавӣ чун ба такаллум даромаданд, қозизода аз ҷой бархост[у] берун давид. Ҳазрати махдумӣ фармуданд, [ки:

– Қозизодаро] зинҳор магзоред [ва филҳол пеши мо оред].

Аз пеш давиданд, ӯро гирифта оварданд. [Ӯ] зорӣ мекард, ки:

–Алғарибу кал-аъмо [Худоро, маъзур доред ва аз ман даргузаронед.

Ва ӯро гумон он ки ҷиҳати беадабиҳо ки карда, ӯро адаби балеғ хоҳанд кард].

Чун ӯро оварданд, Мавлавӣ таъзиму такрим намуда гуфтанд, [ки

– Биллоҳилазим, ки] мо дар умри худ [ҳаргиз] аз ихтилоти ҳеч кас ин миқдор маҳзуз нашуда будем. [Ва ҳар нафас худро ба коми худ дар маҷлиси саодатсаранҷоми эшон ёфтем].

**Шайхзода Ансорӣ** мефармуд, ки:

Ҳофиз Ғиёсуддини Деҳдор аз вилояти Озарбойҷон ба вилояти Хуросон омад ва ӯро доияе шуд, ки ба Амир Алишер ихтилот кунад. Ба ҳукми каломи саодатфарҷом, амлаҳу-ш-шуаро ва афсаҳу-л-фусаҳо Шайх Саъдӣ, қаддаса сирраҳу, ки:

Дари миру вазиру султонро
Бас васила магард пероман.
Сагу дарбон чу ёфтанд ғариб,
Ин гиребон бигирад, он доман.

Хост, ки ин ба васотати яке аз нудамои Мир бошад. Пеши Мавлоно Бадахшӣ омаду изҳори ин маънӣ кард. Мавлоно Муҳаммад тафтиши ҳоли вай намуд. Дар ҳар водӣ, ки такрибу сухан сохт, ӯро фориси мазомири он майдон ёфт ва дар ҳар фан, ки нукта дар миён андохт, дар пайи самандаш ба борагии фаҳм натвон шитофт. Бо худ гуфт, ки:

– Маозаллоҳ, ки ин мард ба Мир ошно шавад, дигар моро обрӯй намемонад ва моро дар пеши чарху дук менишонад. Муносиб он аст, ки ӯро аз суҳбати Мир танфир намоему нақши орзуи ошноии Мирро аз саҳифаи хотираш бизудоем. Гуфт:

– [Эй азиз,] ин чӣ орзуст, ки кардаӣ ва ин чӣ гуна таманност, ки дар хотир роҳ додаӣ? Ба Мир ошноӣ кардан дар камоли ишкол асту мувофиқи мизоҷи ӯ будан мундариҷ дар доираи муҳол.

Ҳофиз Ғиёсуддин донист, ки вай ба ин маънӣ розӣ несту ин [мушкил] аз пеши вай намегушояд, мутаваҷҷеҳ ба мулозимати [Мавлоно] Соҳиби Доро шуд. Вай низ, ки тафаҳҳуси аҳвол[у авзои ӯ] намуд, ӯро бағоят ғолибу забардаст ёфт. Вай низ мунфарот гуфтан гирифт. Ҳофиз мутаҳаййир шуд ба ҳукми изо таҳаййартум фил умури, фастаъину мин аҳли-л-қубури мутаваҷҷеҳи мазори фоизу-л-анвор, кошифу-л-астори носутӣ, маҳрами боргоҳи лоҳутӣ, маҳрами ҳазрати борӣ Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ гардид ва Амир Алишер он ҷо чаҳорбоғе сохта буд, ки Боғи Ирамро аз рашку ҳасад лолаҳои оташини [ӯ] сад ҳазор доғ бар дил буд. Ва санавбари Хаварнақро аз ҳасрати дурахшонаш пойи ҳайрат дар гил. Ҳофиз дар он боғ даромаду сайр мекард. Ровӣ гӯяд, ки:

Дар ҳамин рӯз вақти сафедадам, ки гурбаи буроқи субҳи содиқ бар чинихонаи сипеҳри лоҷвардӣ давида ва олоти чинии фағфурии кавокиби дурахшонро аз токчаҳои гардун сарнигун гардонид, ҳазрати Мир ҷиҳати таҷдиди вузу дари ҳуҷраро гушод. Гурбае дар хона даромада, бар токчаҳо ҷастан

гирифту олоти чинӣ, ки дар он токчаҳо буд, биандохту шикаст. Ва Мирро ғариб тағйире даст дода, ки ҳеч касро заҳраи он набуд, ки наздики вай ояд. Баъд аз намоз ба хотири Мир гузашт, ки ба сайри боғи Гозургоҳ равад. Мутаваҷҷеҳ шуд, мулозимону мусоҳибон аз қафо мерафтанду бо вай маҷоли сухан надоштанд. Дар миёнаи боғ чаҳортоқе буд. Мир бад-он фуруд омаданду мусоҳибон ҳама бар дари дарвоза истода буданд. Ҳофиз Ғиёсуддин дид, ки Мир танҳо нишаста, [фурсат] ғанимат дониста, мутаваҷҷеҳ шуд. Мир, ки аз сояи худ гурезон буд, бегонаеро дид, ки ба ҷонибаш меояд. Дар эъроз шуда, гуфт:

– Бобо, ту чӣ касиву аз куҷоӣ ва пеши ман чаро меоӣ?

Ҳофиз ба зону даромаду гуфт:

– Аз ин ҷиҳат пеши шумо омадаам, ки худро таърифи ҷомеъ ва монеъ кунам.

Мир, ки ин каломи ғарибу ин ҳадиси аҷиб шунид, гуфт, ки:

– Пештар о, ки аз каломи ту аҷаб осудам. Баён кун таърифи ҷомеъ ва монеатро, ки кадом аст.

Гуфт:

– Аввал он ки ҳофизаму Қуръонро ба ҳафт қироат ёд дорам ва ушре, ки аз Қуръон мехонам, мустамеинро риққату ҳолати тамому шавқу завқи локалом даст медиҳад. Ва як-ду байт ончунон тараннум менамоям [ва нағма месароям,] ки аҳли ваҷду ҳол гиребон медаранд ва ба боли шавқ бар фарози кунгураи лоҳут мепаранд. Ва дигар қиссахонеам, ки қиссаи Амир Ҳамза ва Абумуслиму Доробро бар навъе мехонам, ки суханварони олам, ки қиссаи маро мешунаванд, муҳри сукут бар даҳон мемонанд. Ва дигар, муқаллидеам, ки ба таҳқиқ пайваста, ки дар ин шева ҳаргиз мисли ман набуда. Ва дигар, толибилмеам, ки аз ҳар илм, ки гуфтугӯ мекунанд, аҳли фазл маро дар он боб саромад медонанд. Ва дигар, [дар] даллокӣ қудратеву маҳорате дорам, ки ҳар киро кӯфтеву озоре дар бадан бошад, чунонки мӯйро аз хамир берун меоранд, он кӯфту дардмандиро аз баданаш берун меорам. Ва дигар, таббохеам, ки ошҳову таомҳое ихтироъ кардаам, ки ҳеч боварчӣ номи онҳоро намедонад.

Мир ҳайрон монду гуфт:

– Эй азиз, аз ин чизҳо, ки гуфтӣ, агар яке баёни воқеъ бошад, мисли ту анисеву ҷалисе дар олам намебошад.

Дар вақти гуфтугӯй Мавлоно Муҳаммади Бадахшӣ ба Мавлоно Соҳиби Доро гуфт:

– Ин ҳамон шахс нест, ки пеши мо омада буд ва ба мулозимати Мир тавассул меҷуст?

Гуфт:

– Оре, ҳамон аст, ки ҳамгинонро офату балои дилу ҷон аст.

Мир овоз доданд, ки:

– Азизон, биёеду мақолот шунавед, ки ҳаргиз нашнидаеду хаёл накардаед.

Ҳама ҷамъ шуданд. Мир ба Ҳофиз Ғиёсуддин фармуд, ки:

– Лофҳо ки задеду даъвоҳо, ки изҳор намудед, маҳалли изҳори он аст.

Аввал ушре [аз] Қуръон хонд, ки ҳуш аз аҳли маҷлис ситонд. Баъд аз он ин ғазалро бунёд кард, ки:

Хӯи ту басе нозуку моро адабе нест

В-ар з-он ки бигирад дилат аз мо, аҷабе нест.

Ва таҳриркориву нағмапардозӣ ба навъе намуд, ки овози «ал-аҳсан» аз дӯсту душман ба гӯши ӯ расидан гирифт. Дигар оғози қиссаи Амир Ҳамза намуд ва достоне густаронид, ки ҳуш аз аҳли маҷлис рабуд. Баъдаҳу ба тақрибе ба қиссаи Абумуслим интиқол кард. Аз он ҷо низ сеҳр пардохту ихтимоми маҷлис ба қиссаи Дороб сохт. Доҳу ғуломи боғбон ситода буд; эшонро тақлиде карда, ки ҳама аз ханда шикам бар замин ниҳоданд. Ва дигар, ҳар кадом аз наввоб аз илме мабҳасе дар миён андохтанд. Ба навъе гуфтугӯй кард, ки бар ҳама ғолиб омад. Дигар, бархост[у ба] пеши Мир омаду гуфт:

– Ҳамчунин маълум шуд, ки имрӯз шуморо аърози нафсонӣ воқеъ [буд] ва он мӯҷиби кӯфти баданӣ шуда [бошад]. Агар рухсат шавад, ходиме ба тақдим расад, ки сабаби хиффати бадани шариф ва унсури латиф гардад.

Ин бигуфту даст ба китфи Мир ниҳоду Мирро аз он кӯфт мустахлас гардонид. Баъдаҳу Мир фармуданд, ки даҳ раъс гӯсфанд оварданд маа масолеҳ.

Исботи таббохиро ба навъе намуд, ки писандидаи ҳамгинон афтоду ба ин васила муқарраби ҳазрати Мир шуд, ки аҳаде аз вай ба Мир наздиктар набуд.

# [16]
# ГУФТОР
## дар [зикри] фазоилу камолоти Паҳлавон Муҳаммад Абусаид ва соири куштигирони силсилаи Султон Ҳусайн Мирзо

Рӯзе дар мавзеи Лаклакон, ки яке аз манозилу мавозеи яйлоқи Шоҳрухия аст, ҳазрати султону-л-аъзам, ал-хоқону-л-муҳташам, носиби роёту-л-адл ва-л-инсоф, рофеи оёту-л-ҷавр ва-л-эътисоф, соҳиби ливои инналлоҳа яъмуру би-л-адли ва-л-эҳсон[1], фармонфармои арбоби ҳукму фармону-л-муайид мин ал-асмоу-л-Музаффар ила-л-аъдо, муиззу-с-салтана ва-л-хилофи би-л-истиҳқоқ, ал-манзур бо назору-л-мулку-л-халлоқ ал-лазӣ йанҳо ва йаъмару-л-мамдуҳ би-л-лисони-л-абд ва-л-ҳур Султон Муҳаммад Баҳодур дар даруни боргоҳи сипеҳриштибоҳ, бар тахти шоҳӣ ва сарири шоҳаншоҳӣ нишаста буд. Умарову аркони давлат ва фузалову асҳоби фазилат ҳар як дар мақоми муқаррар ва маскани муайян қарор ёфта буданд, ки ба ин бандаи каминаи дерина хитоб фармуданд, ки:

– Шуҳрати тамом дорад, ки Паҳлавон Муҳаммад Абусаид бо вуҷуди маҳорату камол дар фанни куштӣ, дар ҷамеи улуму фунун [ва] фазоил фариди асру ваҳиди даҳр буда. Агар шаммае аз фазоили ӯ мазкур гардад, муносиб менамояд.

Маъруз дошта шуд, ки:

– Шоҳо, шаҳрёро, то паҳлавони зарринкокули румии рӯз дар майдони сипеҳри нилифом куштигири сияҳпарчами зангии шомро рӯ ба роҳ карда забун месозад ва ҳар вақт субҳдам дар замини ӯ даромада ба фан каллаи зангӣ аз хокдони даҳраш бардошта, бар қафо меандозад, мисли ӯ паҳлавоне бар сари қадам наёмада. Ва машҳур аст, ки ҳеч паҳлавоне зонуи ӯро ба замин нарасонида. Ва паҳлавон дар ҷамеи улуму фазоилу камолоту фунуни мутадовила ва ғайраҳо адиму-л-мисл ва маъдуму-н-назир буда, ва ҷаноби амири кабир Амир Алишер Паҳлавон Муҳаммад Абусаидро дар тазкиратушшуарои худ бар ин ваҷҳ таъриф карда ки:

1 Қуръон, сураи 16 ояи 90.

«Паҳлавон Муҳаммад ким кӯп фазоил била оростадур ким, хусусан, куштигирлик фанинда бовуҷуд ул ким аввалфан онинг ҳаққи ва мулкидур. Маълум эмасдур ким ҳаргиз бир кимса бу фанда индоқ пайдо булмиш йулағой узко фазоили кокуродун мартабасидур ва мусиқиву адвор илмининг беназирдур. Чун камолоти азҳар мина-ш-шамс дур, шарҳ қилимоқ эҳтиёҷ эмас. Фақир Астарободин бу рубоини Паҳлавон хизматлар якобтиб биёрдим ким, рубоӣ:

Дар Каъбаву дайр мо ба иршоди туем,
Дар савмааву майкада бо ёди туем,
Зокир саҳару шом ба авроди туем,
Яъне, ки ятими неъматободи туем.

Паҳлавон бу рубойини ҷавоб ойтиб юборди. Рубоӣ:

Эй Мир, ту пиру мо ба иршоди туем,
Доим ба дуогӯиву бо ёди туем.
Ин шаҳр ба ту хуш асту мо бо ту хушем,
Мурдему хароби Астарободи туем.

Бу матлаъ Паҳлавондин дур ким, айтғонда подшоҳ ӯн минг олтун ила иноят қилдилар ким, матлаъ:

Гуфтамаш: «Дар олами ишқи ту корам бо ғам аст».
Гуфт хандон зери лаб: «Ғам нест, кори олам аст».

Бар хуштабъони закиюлфаҳм [махфӣ ва] маҳҷуб нахоҳад буд, ки маҷлиси чаҳоруми тазкиратушшуаро Мир, ки сардафтари зикри Паҳлавон Муҳаммад аст, зикри донишмандони фаҳул, фузало ва уламои Хуросон аст, мисли Мавлоно Масъуди Шервонӣ ва Амир Атоуллоҳу Мир Муртозу Мавлоно Ҳусайни Воиз ва Мавлоно Муини Воизу Амир Камолуддин Ҳусайну Қозӣ Ихтиёру Мавлоно Мир Ҳусайни Муаммоӣ [ва Мавлоно Номӣ] ва Мавлоно Абдулвосеи Муншӣ ва ғайра золика. Аз тақдими зикри Паҳлавон улувви мартабаву рифъати дараҷаи ӯ маълум мешавад. Ал-оқилу якфиҳи алишорату.

Манқул аст, ки дар иҷлоси мавлонозода Мулло Усмон миёни Шайхулислом ва Қозӣ Низом мунокишае афтод. Шайхулислом фармуданд, ки:

– Ин сухан дар «Шарҳи Мифтоҳ»-и Мир Саййид Шариф ва Мавлоно Саъдуддин мазкур аст.

Ва Мавлоно Низомуддин гуфтанд, ки:

– Ғайривоқеъ аст.

Гуфтанд, ки «Шарҳайн»-ро ҳозир созанд.

Паҳлавон Муҳаммад Абусаид фармуданд, ки:

– Эҳтиёҷ ба он нест.

Ва он мабҳасро хондан гирифту аз ҳар шарҳ мувозӣ як сафҳа хонд, ки хурӯш аз аҳли маҷлис баромаду муддаои Қозӣ Низом ба субут расид.

Дар рӯзе, ки акобиру аоливу маволию ашроф дар маҷлиси Мирзо [Султон Ҳусайн] ҳозир буданд, масъалае дар миён афтод. Шайхулислом ду навбат тақрир фармуданд. Мирзо[ро] дарнаяфтод ба воситаи он ки Шайхулислом бағоят батиу-л-калом буданд. Паҳлавон Муҳаммад мабҳасро тақрир намуд, ки филҳол Мирзо онро дарёфт. Чун маҷлис мутафарриқ шуду Шайхулислом берун омаданд, фармуданд, ки:

Дар маҷлиси инчунин подшоҳе, ки инчунин уламо ҳозир бошанд, чӣ маънӣ дорад, ки куштигире маликулкалом бошад?

Ин суханро ба Мирзо расониданд.

Мирзо фармуданд, ки:

– Ин маҷлис тааллуқ ба Шайхулислом [ва уламо] дорад. Ман марди туркеам. Агар Паҳлавон Муҳаммад қобилияту истеҳқоқи он надорад, ки дар [ин] маҷлис сухан гӯяд, [бояд ки] Шайхулислом ӯро манъ намоянд ва агар рутбаи такаллум дорад, шайх чӣ мефармоянд?

Ин сухани Мирзоро ба Шайхулислом расониданд. Дар маҷлисе, ки акобир ҳозир буданд, шайх гуфтанд, ки:

– Шумо чӣ мегӯед?

Акобир гуфтанд, ки:

– Шумо сухане гуфтаед ва Мирзо ҷавоби шуморо фиристодаанд.

Шайх фармуданд, ки:

– Дар воқеъ, инсоф он аст, ки Паҳлавон Муҳаммадро аз сухан гуфтан манъ наметавон кард.

Ва Паҳлавон Муҳаммад дар фанни куштӣ китобе тасниф сохта ва он миқдор латоифу зароиф дар он пардохта, ки муншиёни майдони фасоҳат ва суханварони маъракаи балоғат, ки

онро мебинанд, зонуи аҷз бар замин мениҳанд. Ва машҳур аст, ки Паҳлавон Муҳаммад аз бештари абёти ғазалиёти Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ асомӣ истихроҷ намуда ва аз он ҷумла ин байт аст, ки исми Шуҷоъ истихроҷ намуда:

Дарахти дӯстӣ биншон, ки коми дил ба бор орад,
Ниҳоли душманӣ баркан, ки ранҷи бешумор орад.

**Хоҷагӣ Абдуллоҳи Садр** мефармуданд, ки:

– Рӯзе дар маҷлиси Султон [Ҳусайн Мирзо] афозил[у аолӣ] ва акобир[у аҳолӣ] ҳозир буданд. Паҳлавон Муҳаммад Абусаид дар он маҷлис изҳори кулфате менамуд ва малолате зоҳир мефармуд. Ҳазрати пошоҳ дар садади таҳқиқ[у тафтиши] он шуданд. Паҳлавон гуфт:

– Ҳазрати подшоҳ [хуллида мулкуҳу] ин каминаро ба паҳлавони олам мулаққаб гардонида[анд] ва [сари муфохарат бар авҷи мубоҳат расонида ва] ин лақабро ба худ мутобиқи воқеъ намебинам [ва муносибу мувофиқ намеёбам], зеро ки дар пойтахт мисли Паҳлавон Муҳаммади Молонӣ паҳлавон бошад ва ин камина бо ӯ куштӣ нагирифта ва ӯро наяндохта, чӣ гуна ба ин лақаб сазовор бошам?

Мирзо ва Амир Алишер ангушти ҳайрат ба дандон гирифтанд, ки:

– Эй паҳлавони олам, Муҳаммади Молонӣ аз ҷинси башар нест. Ӯ яке девест ба сурати одамӣ. Раво бошад, ки шумо бо вай дар мақоми мубаразат мешавед?

Дар ин ҳикоят буданд, ки [Паҳлавон] Муҳаммади Молонӣ пайдо шуд. Мирзо ба вай гуфтанд, ки:

Чӣ мегӯӣ?

Гуфт:

– Ҳошо, ки ба он ҷаноб ин густохиро ба хотир гузаронам [ва ин ҷуръат тавонам]. Ман шогирди каминаи падари эшонам, эшон [махдуму] махдумзодаи мананд. [Байт]:

Бо валинеъмат ар бурун оӣ,
Гар сипеҳрӣ, ки сарнигун оӣ].

Ҳама ҳуззори маҷлис ба Паҳлавон Муҳаммади Молонӣ офарин[у таҳсин] карданд. Паҳлавони олам фармуданд, ки: ҳар кас аз вай куштӣ талаб намояд, ибо накунаду узр нагӯяд.

[Мисраъ]:

Агар Ҷамшед меояд, биё гӯй.

Алҳосил, подшоҳ фармуд, ки паҳлавонон тунбон пӯшиданду дар мухосимат кӯшиданд. Паҳлавон Муҳаммади Молонӣ ба худ қарор дод, ки на худро ва на ӯро андозад, балки куштиро қоим созад. Чун муқаддамоти талош ангехтанд ва бо якдигар даровехтанд, Паҳлавони олам ӯро ғофил сохту линги камарӣ андохт, [Паҳлавон] Муҳаммади Молонӣ ба паҳлу бар замин ғалтид. Паҳлавони олам филҳол ба пеши подшоҳ ба зону даромад. Подшоҳ гуфт:

– Эй паҳлавон, ин шеваро беҳ аз шумо кӣ донад? Муқаррар аст, то пушт ба замин нарасонанд, маҳсуб нест.

Паҳлавон гуфт:

– Эй подшоҳ, [ин чӣ ҳикоят аст?] Манораро пушту паҳлу намебошад.

Паҳлавон Муҳаммади Молонӣ аз замин бархост. Чун пили маст мутаваҷҷеҳ шуд. Паҳлавони олам назар кард, дар қафои Мирзо иморате буд ва panҷараи оҳанӣ дошт. Ва паҳлавон даст дар он панҷара зада худро муҳкам сохт. Паҳлавон Муҳаммади Молонӣ як даст дар миёни ду пойи паҳлавон дароварда, ба як дасти дигар гардани ӯро гирифта, ба навъе кашид, ки он панҷара аз девор ҷудо шуда ва бинои он девор аз ҳам фурӯ рехт. Паҳлавони оламро ба он панҷара бар сари даст карда, хост, ки бар замин занад. Мирзо бар пой хосту гуфт:

– Ба сари ман дорӣ, ки паҳлавонро ба замин назанӣ. Муҳаммади Молонӣ паҳлавонро ба саломат бар замин гузошту даст аз вай боздошт. [Байт]:

Худое, ки болову паст офарид,<br>Забардасти ҳар даст даст офарид.

[Қудвату-з-зурафо, зубдату-л-урафо ал-махсус биавотифи-л-малики-л-ҳодӣ] **Хоҷа Маҳмуди Тойбодӣ** мефармуд, ки:

– Хоҳарзодаи Паҳлавон Муҳаммад Абусаид, ки Дарвешмуҳаммад ном дошт, дар синни ҳафдаҳсолагӣ яке аз ҷамоати муҳраи исноашарияи дарси Мавлоно Шайх Ҳусайн буд, ки дар «Шарҳи Ҳидояи Ҳикмат» [бо] Мираки Чангӣ ҳамсабақ буданд. Ва Мавлоно мефармуданд, ки Дарвешмуҳаммад

[хоҳарзода] бо ҳар кас дар мубоҳиса [ва мунозира] мешавад, маро ба он кас раҳм меояд, зеро ки то ӯро мутаоқиб мулзам[у сокит] намесозад, даст аз ӯ бознамедорад. Ва «Шарҳи Ҳидояи Ҳикмат»-ро ба навъе назм карда буд, ки қомати аҳли фазл чангсифат аз рашк хамида ва синаи эшон ба нохуни ҳасад харошида [буд]. Баъзе абёташ ин аст:

Гар ту дар сози фазл якрангӣ,
Бишнавӣ қавли Мираки Чангӣ,
К-ӯ ба қонуни фазл рӯҳафзост,
Мекунад қавли мустадалро рост.

Аммо ба ҳукми ли кулли шайъин офатун вали-т-таҳсили офот, овоза дар шаҳри Ҳирот афтод, ки куштигире аз Ироқ мутаваҷҷеҳи Хуросон шуда, ки аз тамоми подшоҳони рубъи маскун хатти мусалламӣ ситонида. Номаш Паҳлавон Алии Рустоӣ аст, ки ҳаргиз ба паҳлавонӣ [ва забардастии] ӯ дар арсаи ҷаҳон [ва маъракаи кайҳон] паҳлавоне бар сари қадам наёмада. Ва даъвои ӯ он аст, ки ба Ҳирот [ки] меравам, паҳлавони сари такянишинро ҳалқа ба гӯшу ғошия бар дӯши худ месозам.

Паҳлавон Муҳаммад Абусаид Дарвешмуҳаммадро аз хондан боздошту ба варзиши куштигирӣ гумошт. Аз вушоқони саромади навхоста даҳ нафар муқаррар гардонид, ки Дарвешмуҳаммад миёнгирӣ мекард ва ҳар кадомро ба навъе меандохт. Кор ба ҷое расид, ки чаҳор касро мефармуд, ки ба як бор дар вай мечасфиданд ва ӯро дар хок мемолиданд. Ва ӯ ҳар чаҳорро ба болои якдигар меандохт[у забун месохт]. Дигар мефармуд, ки қанореро пур аз реги намнок мекарданд қариб ба сад ман ба санги Хуросон. Як даст дар таҳи қанор дармеоварду ба дасти дигар гиребонашро гирифта, аз замин бардошта, бар паси [сар] меандохт. Варзиш ба ҷое расид, ки он қанорро ба вазни дивист ман расонид. Баъд аз он [он] ҷуволи пур аз регро аз равзани хона овехта ва онро ҷамъе ба як ҷониб мекашиданду Дарвешмуҳаммад дар муҳозии равзан меистоду он ҷамоат даст бозмедоштанд. Он ҷувол бар китфи вай меомад ва ӯро дур меандохт. Рафта-рафта кор ба ҷое кашид, ки ҳарчанд он ҷуволро дур мебурданду мегузоштанд ва он ба китфу сару рӯю гардани ӯ мерасид, аз ҷой намеҷунбид. Варзиш ки ба ин наҳҷ расид, паҳлавони олам гуфт, ки дили мо

филҷумла ҷамъ гардид, аммо мебоят, ки ба ҳамин варзишҳо шабу рӯз машғул буд. Баъд аз се сол ин паҳлавон ба Хуросон омад. Чун ба қасабаи Кусав расид, Паҳлавон Муҳаммад Абусаид куштигирони номдори муътабари пойтахти Ҳиротро ба истиқбол фиристод, ки ҳама ба туҳафу ҳадоё пеши ӯ рафтанду ӯро эъзозу икрому эҳтироми локалом намуданд ва ба иззати ҳар чӣ тамомтар ба шаҳри Ҳирот даровsecurityарданд. Паҳлавони олам муқаррар сохт, ки чиҳил рӯз паҳлавонро куштигирон меҳмондорӣ кунанд [ва] Дарвешмуҳаммадро дар ин чиҳил рӯз варзиш фармоянд. Султон Ҳусайн Мирзо аз паҳлавони олам пурсид, ки:

– Фикри ин паҳлавонро чӣ навъ кардаед ва бо вай кадом паҳлавон куштӣ хоҳад гирифт?

Паҳлавони олам гуфт, ки:

– Ятимакест, ки такяро руфтурӯб медиҳад, ин амрро ба вай ҳавола намудаем.

Мирзо пурсиданд, ки:

– Ин кист?

Паҳлавон гуфтанд, ки:

– Дарвешмуҳаммад аст.

Мирзо ангушти ҳайрат ба дандон гирифтанду гуфтанд, ки

– Ӯ хурдсол аст. Ногоҳ беномусӣ ҳосил шавад?

Паҳлавони олам гуфт:

– Умедворам, ки сабаби обрӯву номус гардад.

Баъд аз чиҳил рӯз Мирзо ҳукм фармуданд, ки куштӣ гиранд.

Ҳавзи Боғи Зоғонро хушк карда буданд. Дар таҳи ҳавз майдони куштӣ муқаррар шуд. Чун Дарвешмуҳаммад аз ҷома берун шуд, гӯё рӯҳи муҷассаме буд ва Мирзо фармуд, ки:

– Ҳеч лаззате баробари он нест, ки касе назораи бадани Дарвешмуҳаммад намояд.

Ва лиҳозо ӯро ба типчоқи куштигирон мулаққаб гардонида буданд.

Ва Паҳлавон Алии Рустоӣ дар баробари ӯ дар камоли беандомӣ ва ноҳамворӣ намуд.

Алқисса, чун ба ҳам даровехтанд, Дарвешмуҳаммад ӯро ба масобаи тифле аз замин баргирифту бар сари даст карда, чар-

хе заду бар замин андохт, ки саҳни майдон мисли кӯраи симоб дар ларза даромад. Аз [паси] сар то пошнаи по бар замин нақш баст. Ғирев аз халқ баромад. Паҳлавон Алӣ бархосту дар гиря шуду гуфт:

– Шоҳо, ин ҷамоат сеҳр карданду маро бастанд, ки маро ёрои ҳеч қуввату ҳаракат намонд.

Мирзо гуфт, ки:

– Инҳо муҳмалот аст, дигар куштӣ мегирӣ? Чун се навбат дастур аст.

Гуфт:

– Шоҳо, агар ман одамӣ бошам, ҳамин бас аст.

Мирзо ба умарову аркони давлат гуфт:

– Ҳар кӣ сари маро дӯст медорад, ба Дарвешмуҳаммад инъоме кунад. Чунин гӯянд, ки қариб ба сад ҳазор дирам ба Дарвешмуҳаммад инъоме шуда буд. Дарвешмуҳаммад ҳамаи онҳоро ба Паҳлавон Алии Рустоӣ бахшиду гуфт:

– Маро ҳамин обрӯ бас аст. Ӯ ҳам ба умедворӣ ба ин диёр омада, маҳрум нашавад.

Паҳлавон Дарвешмуҳаммад аз рӯи улум нисбат дар миёни ин тоифа муфохиру мубоҳӣ буд, зеро ки аз ҷониби падар ба силсилаи Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ мепайваст ва аз ҷониби модар риштаи интисоби худро ба хирқаи Султон Абусаиди Абулхайр мебаст. Аммо чун ҷумҳури силсилаи куштигирон ба ҳасбу насаб матъун ва аз доираи усул берунанд, ки эшонро ҷат ва лӯлӣ мегӯянд.

Султон Ҳусайн Мирзо ҳар гоҳ бо лашкар ва сафаре мерафтанд, Хоҷагӣ Абдуллоҳи Садрро мефармуданд, ки аз барои Дарвешмуҳаммад мактубе муштамил ба зарофату муҳтаво ба мутоиба ва латофат иншо мефармуданд ва Дарвешмуҳаммадро бад-он муаззазу сарафроз менамуданд. Чун Дарвешмуҳаммад дар иншо бемислу адимунназир буд, ҳукм фармуда буданд, ки дар баробари ҳар мактубе арзадоште иншо карда, баъди адои даъвоту таҳиёт, арзи ҳоҷоту мултамасоти худ маъруз дорад. Хоҷагӣ Абдуллоҳ мефармуданд, ки:

– Он муносибат ва салиқае, ки Дарвешмуҳаммад дар иншо дошт, мо дар ҳеч муншӣ ва суханофарине мушоҳида накардаем…

## [17]
## ГУФТОР
## дар суол фармудани олиҳазрати салтанатшиории маъдалатдисорӣ, хуллида мулкуҳу, аз фазоил ва камолоту ғароиби ҳикоёти султони асотинулҳукамо муғису-н-нуфус би иҷмоъи-л-уламо шайх Абуалӣ Сино, хусусан аз фанни шаъбада ва илми симиё

Чун ба амри ҳакими ламязал ва фармони Қодири қадими азза ва ҷала сабоҳи понздаҳуми шаҳри сафар хутима билхайри ва-з-зафар ва мушаъбиди қазову қадар ҳуққаҳои минои фалаки нилгунро аз муҳраҳои симини кавокиби дурахшон бипардохт ва муҳраи заррини меҳри анварро, ки ҳангоми шом дар ҷайби Мағриб ниҳон сохта буд, дар вақти субҳдам аз даҳони Машриқ берун андохт [ли муаллифиҳи]:

Саҳар, ки шаъбадабози сипеҳри буқаламун
Фиканд пардаи байзои субҳ бар гардун,
Ба чобукиву сабукдастӣ аз савобит кард,
Ба зери парда ниҳон сад ҳазор муҳра фузун.
Магар ки буд зи симоб муҳраҳош, ки кард
Ҳама якеву аз он қурси зар фиканд бурун.

Ҳазрати султон ибни султон мазҳари анвору-л-фазл ва-л-эҳсон ғиёси нуфуси коффату-л-умам малози умуму-л-Араб ва-л-Аҷам нуру айни-с-салтанати-л-ғарро, айни нуру-л-хилофати-л-байзо, молики амоҷиди-л-машриқайн, малики аъозими-л-хофиқайн [байт]:

Шоҳе, ки мулк ҷумла ба зери нигини ӯст,
Фирӯзаи сипеҳр дар ангуштарини ӯст

ал-мухтас би инояти-л-малики-л-аҳад музаффаруддин Султон Муҳаммад Баҳодур, хуллида мулкуҳу, дар даруни девонхонаи шоҳӣ бар тахти бахти шаҳаншоҳӣ қарор гирифт, умарову арокони давлат ва нудамову арбоби фазилат ҳар кадом ба мақоми муқаррару маскани муайян мутамаккин гашта буданд [ва] истифозаи ҳикмату истинораи маърифат аз он махзани ниъаму сипеҳри ҷуду карам менамуданд, то он ки он олиҳазрати салтанатманқабат дари дурҷи ҳикмату маърифат гушуд ва суол фармуд, ки:

– Аз Шайхурраис чунин манқул аст, ки дар ҷамеи улум моҳиру дар анвои фунун комилу мутабаҳҳир будааст ва илми шаъбадаву симиёро некӯ медониста ва дар ин фан аз вай умури ғариба ва афъоли аҷиба [бисёр] манқул аст. Оё мутобиқи воқеъ буда бошад?

Муҳаррири ин воқеот ва муқаррири ин каламот [бандаи] каминаи даргоҳ – Восифӣ татаббуъ ва тафаҳҳуси таворих намуда ва ба қадами истиқро тариқи истимоъи ахбори ғариба ва ҳикоёти аҷиба паймуда, маъруз медорад, ки:

– Дар «Таърихи Муъинӣ» овардааст, ки Шайх Абуалӣ Сино дар синни бистсолагӣ эҳрози ҷамеи улуми мутадовила ва ғайра карда буда ва улуми ғариба, ҳатто ки сеҳру шаъбадаро бағоят нек медониста, аммо он аъмол [ва афъол], ки дар шаъбадаву симиё ба вай мансуб медоранд ва ӯро аз фирқаи мушаъбидон мешумуранд, ғайривоқеъ аст, зеро ки улувви шаъну рифъати макони вай аз он олитар аст, ки ӯро ба ин аъмоли хасиса мансуб [тавон] дошт ва ӯро дар силки ин тоифаи дания тавон ангошт. Он чи мушаъбидону аҳли маорик аз симиё нақл менамоянд, дар ҳақиқат ба Абуалии Мушаъбид, ки ба Шайх муосир буда, мансуб аст. Аз вай ҳикоёти аҷибу ривоёти ғариб машҳуру маъруф аст. Баъзе аз он дар хотимаи маҷлис симати таҳрир хоҳад ёфт, иншоаллоҳу таоло.

Ва Шайх Абуалӣ Синоро аз ҳукамои исломия медоранд ва дар силки уламои аброр мешуморанд. Ва ин рубоӣ ба вай мансуб аст ва ҳақиқати ҳоли ӯ аз ин рубоӣ зоҳир мешавад. Ва он рубоӣ ин аст:

Куфри чу мане газофу осон набувад,
Муҳкамтар аз имони ман имон набувад.
Дар даҳр чу ман якеву он ҳам кофир?
Пас, дар ҳама даҳр як мусулмон набувад!

Падари Шайх Сино ном дошта ва аз вилояти Балх будааст. Чунин гӯянд, ки Сино дар илми сиёқ ба масобае моҳир будааст, ки аҳли сиёқу арбоби дафтар аз бими бозёфти аворича ва дақоиқи муҳосабаи [ӯ] аз намаки оби шӯри дидаи худ ҳамвора дар шиканҷа буданд ва аз бадоеи тавҷеҳу латоифи тақрираш мутағаллибаи арбоби молро мисли арбоби таҳовил ҳангоми муқобалаи тӯмори ҳаволат дил дар изтиробу ранҷа; хар-

чанд муставфиёни мудаққиқи хабир ва мушрифони дақиқаҷӯйи нуктагир муҷмалу муфассали авроқи муҳосибаи ӯро ба арқоми минҳо ва манзолика муқобала намудӣ, ҳашве аз қалами зеборақами ӯ бориз нагардидӣ ва бар дафтари рӯзномачаи аҳволи вай, ки феҳристи муфрадоти ростӣ ва кӯтоҳдастӣ буд, бар зилъи ҳеч фарде рақами тасарруфу хиёнати ҳеч кас надидӣ. [Қитъа]:

Ҷаҳони макрумат, баҳри аёдӣ,
Паноҳи мамлакат, дастури аъзам,
Набуду баъд аз ин мушкил, ки бошад
Вазире мисли ӯ, валлоҳу аълам.

Овардаанд, ки дар вилояти Бухоро [муддати] ҳафт сол бар маснади вазорати Наср ибни Нуҳи Сомонӣ мустанид буд ва бар маркаби давлату саодат тариқи ихтиёру сабили эътибор мепаймуд. Баъд аз он тавфиқи илоҳӣ рафиқи [ҳоли] вай гардид, то ба қалами ҳиммат рақами батолат бар дафтари эътибори беэътибори вазорат кашид. Аз подшоҳ истеъфо намуда, худро аз он мансаб азл гардонид ва дар гӯшаи узлате махфӣ гардид. Вирди забонаш ин буд [байт]:

Узлате хоҳам, ки гар чархи фалак чун гирдбод
Хокдони даҳрро безад, наёбад гарди ман.

[Рубоӣ]:

Онон, ки ба кунҷи офият биншастанд,
Дандони сагу даҳони мардум бастанд.
Коғаз бидариданду қалам бишкастанд,
Аз дасту забони ҳарфгирон растанд.

Дар кунҷи зовия ба тоату ибодат машғул буд, то замоне ки қобизи арвоҳ дар девонхонаи куллу шайин ҳолика, илло ваҷҳаху[1] баравоти нақди равонашро ба сабти куллун илайно роҷиъун[2] расонид ва муҳассили ҷонситони малакулмавтро ба таҳсили он нақд баргумошт ва ӯро ба ҳукми фаизо ҷоа аҷалуҳум, ло ястаъхируна соъатан ва ло ястақдимуна[3] муҳлат надода, ҷонашро дар ваҷҳи он барот ба тан бардошт.

1 Қуръон, сураи 28, қисмате аз ояи 88.
2 Қуръон, сураи 21, қисмате аз ояи 93.
3 Қуръон, сураи 7, қисмате аз ояи 34.

Овардаанд, ки дар он вақт он дурри ягона ва он гавҳари фарзона, яъне Буалӣ, яксолаву ним буд, ки ятим гардид. Баъд аз он модари Абуалӣ, ки Ситорабону ном дошт, ба шаҳри Бухоро омад.

Манқул аст, ки рӯзе канизаке Абуалиро бар дӯш гирифта, дар бозор сайр менамуд. Гузараш ба дари мадрасае афтод, ки тоқи айвонаш ба сони абруи хубон тоқ буд ва хишти фарши суффаи олимаконаш монанди наййири аъзам дар сафову нур шуҳраи офоқ. Рифъаташ ба дараҷае, ки агар хуршеди анварро гузар бар гӯшаи айвонаш афтодӣ, монанди моҳи нав паҳлу тиҳӣ кардӣ ва каманди босира аз шурфаи ғурфаи манеъ [-и рафеъаш] чун назари дунҳимматон кӯтаҳӣ намудӣ.

Ҷамъе аз асҳоби таҳсилу арбоби қолу қил дар дарунаш ба мунозираву мубоҳиса машғулӣ менамуданд ва ба ғулғулаву муҷодала зилзила дар гунбади нилгуни [афлок] андохта буданд.

Чун Абуалӣ нидои ин ҷамоат шунид ва садои мунозираи эшон ба гӯшаш расид, ҷониби эшон мутаваҷҷеҳ гардид. Чун канизак таваҷҷуҳу майли хотири ӯро ба ҷониби онҳо донист, қадам дар даруни мадраса ниҳод ва назоракунон ба канораи ҳавзаи дарс истод. Мударрисро чун назар бар сафҳаи рухсори вай афтод, аз рӯи имъони назар дидаи басират бар саҳоифи талъати ӯ гушод ва осори дақоиқи фаҳму фиросат ва анвори ҳақоиқи ҳадсу заковат бар ҳошияи ҷабини мубинаш мутолаа намуд, бо худ тааммул кард ва сар ба ҷайби тафаккур [дар] оварду гуфт, ки: «Ин истидлол, ки [ман] бар идроки ин кӯдак намудаам, агар изҳор намоям, бе тахаллуф ин ҷамоати муддаиён забон ба манъи ин муқаддима гушоянд ва ба муҷарради манъ дар мақоми нақзу муораза дароянд ва ин қазияро санади худ сохта, дар ҳар маҷлис нақл намоянд, [байт]:

Ҳошалиллаҳ, ки тавон гуфт бад-ин муддаиён,
Он чи ман дар паси ин парда ниҳон мебинам.

Чун ҳуззори ҳавзаи дарс устоди худро дар гирдоби ҳайрату андеша мустағриқ ёфтанд, дар тариқи тафаҳҳусу тафтиши он ба эҳтимом шитофтанд. Аз вай суол намуданд, ки:

– Махдумо, истизҳоран муддати мадид аст, ки шуморо мутаваҷҷеҳи ин кӯдак мебинем ва осори тааҷҷуб аз аҳволи шумо мушоҳида менамоем.

Мударрис гуфт, ки:

– Эй дӯстони мувофиқ ва эй хуштабъони мудаққиқ, он чи ман аз ин тифл мулоҳиза ва мушоҳида намудаам, назди шумо бутлони он аз аҷиллои бадеҳиёт аст ва қабули ин пеши шумо аз [қабили] мумтанеъот. [Ман] чӣ гуна кашфи ин маънӣ намояму сирри ин роз кушоям?

Ҳамгинон фармуданд:

– Ҳошо ва калло, ки он чи бар замири мунири шумо симати зуҳур ёфта бошад, ғайри мутобиқи воқеъ ва хилофи нафсуламр бошад, иноят намуда, изҳори он намоянд ва кашфи он фармояд, ки аз фақирон ба ғайри тасаллуму қабул шевае зоҳир нахоҳад шуд. [Байт]:

Хилофи ройи шумо нест ғайри саҳву хато,
Чаро ки ройи шумо айни ҳикмат асту савоб.

Мударрис фармуд, ки:

– Ман аз аҳволи ин кӯдак чунон дарёфтам ва тафаррус намудам, ки вай бар ҷамеъи мубоҳисоту мунозироти мо ҳозиру нозир аст ва тамомии мақулоту музокирот ӯро макнузи хазинаи хотир.

Чун ҷамоаи талаба ин сухан шуниданд ва ин ҳикоёт истимоъ фармуданд, ҷазм карданд, ки мавлавии мударрисро кибари син дарёфта ва сарпанҷаи шайбу харофат соиди фаҳму киёсати ӯро бартофта, ҳама табассумкунон дар зери лаб ин байт гӯён, ки:

Пирӣ буваду ҳазор иллат,
Иллат чӣ, ки сад ҳазор зиллат.
Ҳарчанд ки пир зуфунун аст,
Дар пеши ҷавон басе забун аст.

Чун мударрис донист, ки ӯро тахтиа менамоянд ва бар вай дари тамасхур мегушоянд, он кӯдакро талаб намуд ва бар сари зонуи худ нишонида, шогирдонро фармуд, ки оғози мубоҳиса кунанд ва мабҳаси гузаштаро дар миён оваранд. Мударрис якеро фармуд, ки:

– Сухан хориҷмабҳас дар миён андоз ва гуфтугӯйро номаъқулу нодир баробар соз!

Чун аз қонуни мунозираи маъқул ва тариқаи мубоҳисаи муваҷҷаҳу мақбул инҳироф намуд, Абуалӣ рӯй дарҳам кашиду

осори танаффур аз вай зоҳир гардид. Боз мударрис гуфт, он варақро бигардонанд ва силсилаи гуфтугӯйро ба водии маъқулият кашиданд. Абуалӣ изҳори инбисот намуд ва дам ба дам фараҳу нишоти вай бияфзуд. Ва ҳамчунин чун имтиҳон [муқаррару] мукаррар гардид [ва мумтаҳан шуд] бар ҳамгинон муқаррару муайян шуд, ки сухани мударрис ба воқеъ мутобиқ аст ва тафарруси вай ба нафси амр мувофиқ [байт]:

На дар ҳар сухан баҳс кардан равост,
Хато бар бузургон гирифтан хатост.

Ҳама забони эътизор баргушоданд ва сари аҷзу ифтиқор бар замин ниҳоданду гуфтанд, ки:

– Худовандгоро, моро маъзур доред, ки мо ҳаргиз мисли ин амре надидаем ва чунин қиссае нашунидаем. Магар ин тифл рӯҳулқудус ва нафси қудсист, ки мусаввар бад-ин сурат гаштааст.

Мударрис гуфт, ки:

– Рост мегӯед.

Ва узри эшон пазируфт. Ва рӯй ба он канизак карда гуфт, ки:

– Ин кавкаби некахтари саодатпартав аз кадомин бурҷ ва ин дурдонаи ягонаи покизаҷавҳар аз кадомин дурҷ аст? [Назм]:

Охир, ин ғунчаи хандон зи кадомин чаман аст,
Ки зи сар то қадам ошӯби дилу ҷони ман аст.
Гарчи тифл асту ҳанӯзаш шакар олудаи шир,
Дили сад пиру ҷавон аст ба савдош асир.

Эй канизак, ин фарзанд ҷигарбанди кист ва ин нури дидаву сурури синаи кист?

Он канизак ба гиря даромаду гуфт [байт]:

Ин дурри ятим Ибни Синост,
К-аз талъати ӯ ду дида биност.

Эй азизон, фарзанди арҷманди саодатманди Синост ва ӯ муддати се моҳ аст, ки фавт намуда ва рахти иқомат аз дори фано ба сарманзили бақо кашида.

Чун мударрис ин сухан шунид, гирён шуд ва қатароти абарот бар чеҳра равон гардонидаву гуфт [фард]:

Дареғу дард аз он дӯстдори ҷонии ман,
Дареғу дард аз он ёри дуҷаҳонии ман.

Гиряву нолаи ҷонсӯз мекард ва ин назмро муносиби ҳол бар забон меронд, [назм]:

Эй нури ду дидаи ҷаҳонафрӯзам,
Рафтиву зи фурқати ту шаб шуд рӯзам.
Гӯё ману ту ду шамъ будем ба ҳам,
К-айём туро бикушту ман месӯзам.

Баъд аз он гуфт:

– Эй азизон, маро дар ин гиряву изтироб маъзур доред, ки миёни ману Сино мина-л-маҳди ила-л-аҳад дӯстиву муҳаббати тамом ба иттиҳоду мусодақати молокалом буд. [Байт]:

Гар гиря кунам ба хуни дил, маъзурам,
К-имрӯз аз он ҷону ҷаҳон маҳҷурам.

[Байт]:

Ва куллу ахин юфориқуҳу ахуҳу,
Лаъамри абика илла-л-фарқадон.[1]

– Оре, эй азизони ман, кадом ниҳоли иқболи ҷавонӣ дар ҳарими ҷӯйбори ҷаҳони фонӣ сар кашид, ки оқибат сарсари аҷал ӯро аз беху бунёд барнаканд? Ва кадом ғунчаи сероби зиндагонӣ бар гулбуни нашву намо шукуфта гардид, ки тундбоди марг ӯро бар хоки мазаллат наяфганд? [Назм]:

Ба дунё дил набандад, ҳар кӣ мард аст,
Ки дунё сар ба сар андуҳу дард аст.
Ба гӯристон назар кун, то бибинӣ,
Ки дунё бо ҳарифонат чӣ кардаст.

[Байт]:

Устухони сар, ки пурдандон ба гӯристон дар аст,
Ханда дорад бар касе, к-ӯро ғуруре дар сар аст.

Алқисса, ҷаноби мударрис акобиру аъён ва аъоливу ашрофи вилояти Бухороро талаб намуда ва маҷмае сохт ва тарҳи таъзияте андохт. Ва аз барои Сино ба муқтазои расми замон таъзият дод. Баъдаҳу хотир ба тарбияти Абуалӣ баргумошт ва волидаи ӯро ба ақди никоҳи худ даровард.

Овардаанд, ки чун он дурри ягона аз луҷҷаи адам ба соҳили вуҷуд афтод, дояе, ки ғаввоси баҳри вилодат аст, ӯро дар таште ғусл медод. Дар аснои он ҳол ангуштарии он доя, ки дар вай фирӯзаи қиматӣ буд, ғоиб гардид. Бар канизаке

1 Ҳар бародаре бародараш аз ӯ ҷудо хоҳад шуд,
Қасам ба бақои ту, магар фарқадон.

гумон бурданд ва он бегуноҳро монанди ҳалқаи ангуштарӣ дар [кӯраи] оташи уқубат андохтанд ва баданашро ба зарби чӯб чун нигини фирӯза кабуд сохтанд. Ҳарчи гоҳ ки ба изову ҷафои он канизак машғул мешуданд, Абуалӣ дар ҷазаъу фазаъ мешуд ва овози гиряву фарёд дармекашид ва чун даст аз вай бозмедоштанд, таскин гирифта, хомӯш мегардид. Ҳамгинон аз он ҳол тааҷҷуб намуда, даст аз ҷафои он канизак боздоштанд ва он ангуштариро нобуда ангоштанд, то он замоне ки лаъли дуррафшони Абуалӣ ба такаллум даромад. Аввал каломе, ки бар забони ӯ ҷорӣ гашт, он буд ки:

– Шумо дар ҳаққи он канизак аҷаб зулму ситам намудед. Дар вақте ки маро доя ғусл медод, дидам, ки ангуштарии вай дар ташт афтод, аммо маро маҷоли ҳарф набуд, ки шуморо аз он ҳол хабардор гардонам.

Пас бифармуд, ки он мавзеъро, ки [канизак] оби ташт рехта буд, талаб намуданд, ангуштариро ёфтанд.

Чун аз умри Абуалӣ чаҳор солу чаҳор моҳу чаҳор рӯзу [чаҳор соат] гузашт, тахтаи таълим ба дасти ӯ доданд ва он тойири ошёни қудсиро ба дому донаи ашколи ҳуруфу нуқот муқайяд сохта, банди таклифи ҷидду ҷаҳд барпо ниҳод. Чун арқоми ҳуруфи бистуҳаштгонаро ва кайфияти таркиби баъзе ҳуруфро ба баъзе дигар бар лавҳи замири вай бингошт, чунин гӯянд, ки аз ибтидои [бои] басмаллаҳ то сини хатми Нос, ки муаддои он бас аст, дигар эҳтиёҷ ба таълим надошт. Каломи Малики мутаолро дар муддати як сол ба ҳафт қироат [ёд] гирифта, илми дақоиқу никоти қироати сабъаро ба итмом расонид ва воқиф бар мавоқифи вуқуфу ориф ба дақоиқи адоу-л-калимот ва-л-ҳуруф гардид [фард]:

Гардид дар фунуни қироат ба эҳтимом,
Ҳам Осимулқавоиду ҳам Нофеъуланом.

Ҷавоҳири завоҳири муъҷаз низоми мулки аломро ба муқтазои ва раттили-л-Қуръона тартилан[1] аз рӯи курсии сиву ду пора дандон ба навъе бар табақи таҷвид овардӣ, ки мусаббиҳони Аршу Курсӣ ва каррубиёни қудсӣ ба ҷойи ҳамду тасбеҳ бар вай таҳсину офарин кардӣ, наварӯси дилрабои

[1] Қуръон, сураи 73, қисмате аз ояи 4.

рӯҳафзои каломи раббониро ба ҳукми ман лам ятағанна бил-Қуръони фалайса миннӣ ба либоси нағамоти хушу хилъати тараннумоти дилкаш бар ваҷҳе биёростӣ, ки рост монанди ушшоқи бенаво нолаи зори ҳусайнӣ аз бузургу кӯчаки Ироқи Арабу Аҷам бархостӣ. [Байт]:

Ҷону дил аз нағмаҳояш рӯҳу лаззат ёфтӣ,
Синаро баҳҷат фузудӣ, рӯҳ роҳат ёфтӣ.

Баъд аз он инони саъю ҳиммат аз савби муқтазиёти туфулият сарф намуда, ба наҳву таҳсили улум маътуф гардонид. Чун ба илми сарф иштиғол намуд ва сиғаи табъи адимулмисолаш аз сифати иъвиҷоҷу иллати инҳироф саҳеҳу салим буд, майлаш ба иштиқоқи сияғи [сунъи?] ифзолу дониш аз масдари сайю кӯшиш замон-замон музоаф мегардид.

Чун авқоти фархундаи таҳсилро аз айёми таътил мафруқ сохта буд ва соати хуҷастасимоти худро мақрун ба ҷидду ҷаҳд гардонида, ӯро эҳтиёҷ ба амру наҳй ва таъкиди муаллим набуд ва заҷри хитобу кулфати ғибати ҳеч мутакаллиме намешунид. Чунон ба забти қавоиди тасриф истиқбол намудӣ, [ки] илми сарф ҳоли вай гашта буд. Номи сарфиёни мозӣ монанди ҳарфи мудғам [аз китобат] ва алиф ҷамъ аз иборат маҳфуз гардонид. Ва дар миёни ақрони худ мисоли мизони каломи араб, ки миқёси завоид ва усул аст, мумаййизи ҳар маъқулу номаъқул гардид. [Байт]:

Ба илми сарф гардидончунон комил, ки дар пешаш
Намудӣ Сибвайҳ аз аҷз монанди бузи Ахфаш.

Чун майли хотираш ба наҳви [илми] эъроб ва бино, ки иборат аз илми наҳв аст, мунсариф гардид, ҳазрати алломулғуюб ба ҳидояи кофия ва инояи вофия лубби лубоби илму маърифатро дар зарфи замири бебадалаш андохта ва сарриштаи хотири фархундамаосираш ба ишораи олия ва ба кинояи шофия бе василаи тавкиди арбоби таълим ва безареаи тасдеи асвоти аҳли тафҳим ба дақоиқу ғавомизи ин илм мавсул сохт. Муаллимаш низ чун тамйизи [ҳоли] хуҷастамаолаш намуда буд, ӯро дар тарбият аз ҷумлаи ақрон мустасно дошт ва ҳамагӣ ҳиммат бар рафъи осори касолату насби аъломи бароаташ, ки фатҳи абвоби ҳидояту касри асбоби залолат дар зимни он зам аст, ба ҷазм баргумошт. [Байт]:

Чунон расид ба ҳадди камол андар наҳв,
Ки сохт аз варақи даҳр номи Фарро маҳв.

Баъд аз таҳсилу такмили завобиту кавоиди илми эъроб, рахши [саъй]-ро чун ба савби майдони илми маонии баён ҷавлон намуд, гӯйи фасоҳат ба чавгони балоғат дар ҷойгоҳи бароат аз ҷамеи ақрони худ даррабуд. Иртифои нишони фасоҳату иртиқои макони балоғаташ ба дараҷае расид, ки сухан ҷуз мутобиқи муқтазои ҳол нагуфтӣ ва ба муколамоти муштамилунникот чун соҳиби «Далоилу-л-эъҷоз ало ваҷҳ-ил-эҷоз» дурари маонии бадеъ суфтӣ. Абвоби қасри маонии муғлақаро ба мифтоҳи баён ба таҳрири як фасл иншо мухтасар бигушодӣ ва итноби мутаввалитноби ибороти қавмро ба эътибороти муносибу истимолоти [дар нусхаи дигар – эҳтимолот] мулоим ба дурару лаолии вуҷуҳи таҳсин зебу зинат додӣ. [Байт]:

Ба илми маонӣ баён чун шитофт,
Касе чун худ андар фасоҳат наёфт.
Шуд ӯро лақаб дар тамоми диёр
Фасоҳатшиору балоғатдисор.

Чун майли табиати маъқули фитраташ аз тариқи татаббуи манқулот ба савби водии маъқулот кашид ва муқаддамоти мантиқ, ки қистоси зеҳни мустақим ва миқёси фитрати салим [ва] сақим аст, маълум гардид, узори шамсияту-л-ламаоти истеъдодаш аз матолеи мутолиааш тулӯъ намуда, партави анвори тараққӣ бар ҳавошии аҳволаш андохт ва зулумоти шубаҳот шакку ваҳмро ба яқин аз ҳудуди хотираш бипардохт; ҳолати таваҷҷуҳаш ба дараҷае расид, ки қазоёи муҳмалаи номуҳассала мин ҳайси-с-сурати ва-л-моддаро аз рӯи ҳуҷҷату далел ва муқаддамоти истиқро ва тамсил аз ҷумлаи қазоёи муваҷҷаҳ гардонидӣ ва қуввати тақрираш ба масобае анҷомид, ки масоили яқинаро, ки аз қабили мусалламоту мақбулот аст, ба муқаддамоти муғолата ва мубоҳисоти сафсата бар ҳар зибасирате ба мартабаи ваҳму дараҷаи шак расонид. Баръакси расми ноқиси аҳли даврон, ки нафю салби ғайр аз мӯҷиботи зоту лавозими моҳияти эшон аст, ҳамвора таърифу тавсифи икфои худ мефармуд ва бад-ин шаклу қиёс

баёни моҳияти худ намуда, худро мавзӯи масъалаи ман саннафа фақадиастаҳдафа[1] менамуд. [Байт]:

Ба фанни мантиқу мизон чунон гирифт камол,
Ки ақли нотиқа шуд пеши мантиқи ӯ лол.

Баъдаҳу чун ба муқтазои муаддои яъти-л-ҳикмата ман яшоу ва ман юъта-л-ҳикмата фақад утия хайран касиран[2] табиаташ ба илми ҳикмати табиӣ майл намуд, ба ҳидояи ишороти ҳикматулайни файзи азалӣ ва ба иноятии башороти айни ҳикмати ламязалӣ ҳазрати алими ҳаким [ва] воҷибулвуҷуди карими қадим, ки зоти муқаддаси ӯ аз ҳаюлову сурат ва сукуну ҳаракат мубарро ва муарро аст; абвоби маърифати ҳақиқати мавҷудотро ба ҳикмати шомила ва қудрати комила бар ҳоҷиби замири мунири ӯ бигушуд ва рахши тезгоми фалакхироми фикраташ монанди Буроқи барқкирдори мустафавӣ аз ҳаййизи кавну фасоди ибтоли масъала харқу илтиёми аҷроми фалакӣ намуда, бар фарози нуҳ фалаки мустадир сайр менамудӣ ва ҷавҳари фарди ҷисми латифу унсури шарифаш дар кӯраи риёзату муҷоҳадат таҳсили илми ҳикмат, ба навъе басит гашта буд, ки ба ҳамон модда нақзи истидлоли ибтоли ҷазъи лоятаҷаззиро ботил кардӣ; хутути мавҳума, ки ҳукамо ва фалосифа бар тӯлу арз ва умқи аҷроми улвияи фалак фарзу иртисом намудаанд, монанди сатҳи миҷарра дар назари вай зоҳиру ҳувайдо буд ва ба ҳар вазъу кайфу кам онӣ ва замонӣ аз мулоҳизаи [зот] ва сифоти қадиму мушоҳидаи маснуоти самади воҷибуттаъзим тахаллуф менамуд. [Назм]:

Чунон дар илми ҳикмат гашт комил,
К-аз ӯ ҷустӣ Арасту ҳалли мушкил.
Гар Афлотуну Луқмон зинда гаштӣ,
Зи рӯи ҳикмат ӯро банда гаштӣ.
Мусоҳиб гар ба ӯ будӣ Сикандар,
Кунун мебуд чун Хизри паямбар.

Баъд аз таҳқиқи масоили ҳикамия ва тафтиши расоилу кутуби ҳукамои машшоия ва ишроқия, чун эҳтимоми локалом [ба таҳсили илми калом], ки мин ҳайси-л-мавзӯъ ашрафи улум аст, мабзул фармуд, дар мавоқифи риёзат чеҳраи ҳусули

---

[1] Касе даст ба тасниф барад, худро ҳадаф қарор додааст.
[2] Қуръон, сураи 2, қисмате аз ояи 269.

мақосид аворифи субҳониро дар саҷанҷалуларвоҳи дил ба юмни таволеи анвори лутфи раббонӣ ва файзи ақоиди асрори фазли раҳмонӣ мутолиа ва мушоҳида намуд. Назар дар тааққули зоту сифоти борӣ, азза ва аъло ва тафаккур дар савобу иқоб ва афву азоби рӯзи ҷазо ба навъе гумошт, ки мавҷудоти хориҷияву ҷавоҳири кавния дар назари эътибораш монанди аъроз бақои мустамирре надошт. [Ва] чун асҳоби мазоҳиби ботила, лаънатуллоҳи алайҳим, аз ҷабрия ва қадария ва муътазила ва ғайриҳим [дар замонаш] монанди шарики борӣ дар хориҷ манфӣ ва мумтанеъ буд ва ҳукамои Лубнону Юнон дар маҷлиси олияш монанди дунон дар маҳфили олии ӯ муҳри сукут бар даҳону хомӯшу мустамеъ гашт. [Маснавӣ]:

Гашт росих чунон ба илми калом,
Ки аз ӯ гашт кори дин банизом.
Буд доим ба рағми муътазилӣ
Нозир андар ҷамоли ламязалӣ.
Гар бар аҳли мазоҳиби ботил
Доштӣ сабқати замон ҳосил,
Нашунидӣ ба даҳр кас мутлақ
Мазҳаберо ба ғайри мазҳаби Ҳақ.

Чун мақулаи ман лам яърифи-л-ҳайата фаҳува ъиннайн фӣ маърифати-Лоҳи таъоло инони азиматашро ба савби мутолиаи илми ҳайат кашид. Сатҳи муҳаддабу муқаъъари зоти фалакисимоташ ба кавокиби фазоили зоҳирӣ ва савобити хасоили ботинӣ музайян гардид. Офтоби оламтоби фазлу камолаш чун бар авҷи фалаки эътибор ба хатти истивои иртифоъ расида, партави иштиҳор бар атрофу акнофи ақолими сабъа андохт, давоири фалаки мумосили маҷолису маҳофили арбоби фазоилро аз нуҷуми савобити мадеҳи хештан монанди саҳни доираи фалакалбуруҷ музайяну ороста сохт, хуршеди зоти нуронисимоташ дар иқди раъси камол ба дараҷае тараққӣ ва тасоуд ёфт ва талоеи анвори фазоилаш ба мартабае ба машориқу мағориби олам тофт, ки ҳар кас ба даъвои дониш ба муқобалаи вай рӯй ниҳодӣ, монанди қамар дар укдаи занаб дар хусуфи ваболу ҳазизи инфиол афтодӣ. [Байт]:

Ҳайати аҷроми улвӣ буд пеши ӯ чу гӯй,
Зиҷро дар баҳри илми ӯ кам [аз] як қатра гӯй.

Чун ба забти қавоиди бароҳини яқинӣ, ки иборат аст аз илми ҳандаса, таваҷҷуҳ фармуд, ашколи таъсиси давоири фалаки мустадирро бар сатҳи саҳифаи хотири мустанир монанди ашколи Уқлидус таҳрир намуд. Ҳар гоҳ ки паргори пуркори хаёлро ба сафҳаи хотири хатир баргушудӣ, кураи азимаи фалаки тосеъ маркази доираи паргораш будӣ ва ҳар чӣ гоҳ бадри зовияи тафаккур амуди килкро дар мусалласи банон таркиб намудӣ, шакли ҷисми таълимӣ аз барои тамсили арбоби таҳсили ин фан насб фармудӣ, сатҳи фалаки мустадир бо нуқоти кавокибу хутути шиҳоби соқиб сафҳае аз китоби ҳандасаи вай будӣ ва далоили Уқлидусу бароҳини Батламиюс назди ҳуҷҷати вай мусодара бар матлуб менамуд.

Баъд аз он, чун ба илми нуҷум иштиғол намуд, ба андак замоне дақоиқи аҷроми афлоку сувари савобит ва ақдори эшон аз Суҳо то Симок ва мавозеи сууду наҳус ва мавоқеи азноб [ва руус] ва тавзеҳи марокизу авҷот [ва авсот] ва хавосе таъдилот ва осори анзору матореҳи анвори кавокиби сайёраро таҳқиқ намуд. Кавокиби толеаш ба василаи ин илм аз ҳубути нуҳусати фалокат ва ифлосу ҳазизи хасосати ҳирмону яъс ба авҷи шарафи иззату иқбол интиқол ёфта, соат ба соат офтоби давлату саодаташ ба авҷи бурҷи мукнату ҳурмат рӯ дар тараққӣ доштӣ. Ва акобиру асоғир дар тариқаи эъзозу икромаш дақиқае номаръӣ нагузоштӣ. [Байт]:

Ҳама зиҷи фалак ҷадвал ба ҷадвал
Ба устурлоби ҳикмат карда мадхал.

Баъд аз он, чун ба таҳсили илми рамл шитофт, шаҷараи пурсамараи ин фанни шариф дар ҷӯйбори замираш ба андак замоне чунон нашъу намо ёфт, ки хавосу авом барои нусрат бар мақосиду маром хориҷи атабаи ӯро бӯса додӣ, қутби сипеҳри аъзам дар мактабхонаи таълимаш бар саҳни фалаки лоҷвардӣ ҳар шаб аз кавокиби сайёру нуҷуми савобит нуқоти заррин ниҳодӣ; Уторид, ки дабири фалаки асир аст, барои қуръаи тахтаи рамлаш ҳамоили Ҷавзоро дар сими заррини шиҳоби соқиб кашидӣ ва подшоҳи оламафрӯзи рӯз ҳар рӯз дароҳиму данонири кавокиби мустанирро баҳри имтиҳон дар зери пардаи кофурии субҳ нуҳуфта, аз вай нишонӣ пурсидӣ.

Баъд аз истеҳсоли улуми ақлия ва нақлия ва истеҳзори фунуни ғариба ба илми тафсир, ки мақсади ақсо ва матлаби аълои асҳоби таҳсил аст, иштиғол намуда, хавз дар дақоиқу никот ва рамузу ишороти муҳкамоту муташабеҳоти каломи малики аллом ба навъе фармуд, ки ҳақоиқи анвори танзилу дақоиқи асрори таъвил ва мо яъламу таъвилаҳу иллаллоҳу ва-р-росихуна фи-л-илм[1]-ро ба лисони муъҷизулбаёни кашшофи муъзалот ва мифтоҳи мушкилот буд. Ароиси абкори афкори эъҷози қуръонӣ ва зароифу латоифи ҳақиқат ва маҷози сабъулмасонӣ мутаҳаллӣ баҳиляи ҳусну-т-тақрир ъало лисони арбоби-т-тафсир бар минассаи баён бар ваҷҳе ҷилва додӣ, ки Ҷоруллоҳи Аллома, балки Ибни Аббос, разияллоҳу анҳумо, дар назари вай пардагиёни ҳаҷлаи афкору дӯшизагони пардаи анзор худро аз хиҷолат рӯй нагшодӣ. [Байт]:

Нуктаи таъвили Қуръон зоҳир аз тибён-ш буд,
Ояти тафсир гӯӣ ояте дар шон-ш буд.

Чун ба татаббуъ ва тасаффуҳи кутуби аҳодиси набавӣ ва истиқрори ахбору осори мустафавӣ, алайҳиссалому ва-т-таҳия, рӯй овард, ботинаш аз зиёи машориқи анвори ахбори муҳаммадӣ ва осори асрори каломи аҳмадӣ монанди мишкоту масобеҳ мунаввар гардид, ҳадисест саҳеҳ ва муттафақун алайҳ ва нақлест мусалсалу мутавотир ва муҷмаун алайҳ, ки дақоиқуссиҳоҳ ва ҳақоиқулҳисони аҳодиси набии мурсалро дар андак замоне чунон ба ҳитаи забт дароварда буд, ки мақбулу мардуд ва саҳеҳу мавзӯи аҳодисро ба муҷарради самоъ аз якдигар фарқ менамуд.

Машориқу анвори-л-улуми ҳадисуҳу,
Ва минҳу масобиҳу-л-улуми таваққуд.

Аз барои ташҳизи табъу тафреҳи хотир сафинаи фикрати сареъу-л-интиқолро чунон дар баҳри басити мадидуларзи [илми] арӯз ва муҳити тавилулумқи фанни шеър андохт, ки ба табъи вофири комил маонии ҷадиди қарибулфаҳм[ро] дар силки интизоми мушокилу мутақориб дурари манзум гардонида, дафотири фусаҳои Арабу давовини булағои Аҷамро матвию маҳзуф сохт. Аз барои рафъ ва изолаи қабзи хотир ва

[1] Қуръон, сураи 3, қисмате аз ояи 7.

кашфу тахлеи кулфати табъ мутадорики раҷаз[у] ҳазаҷи ғамзудоӣ ва рамали мунсареҳи дилгушой гашта, усули малолат аз ҳарими риёзи дил муқтазабу муҷтас гардонидӣ ва ахраби қасри абтари муддаиён музоҳаф намудӣ, даъвии лакунту-лявма ашъару мин Лабиди[ро] ба давоири муъталифаи афлок расонидӣ. [Назм]:

Ҳар дам зи баҳри хотири покаш баромадӣ
Назме ҳазор бор беҳ аз гавҳари хушоб.

Чун кайфияти тақтеъу зиҳофот ва каммияти буҳуру авзон [ва] саноеъу бадоеи ашъор ва маойибу маноқиби онро маълум гардонид, қавоиди фанни қофия ва шарҳи ҳоҷибу радиф ва соири мутаалliқоти ин илми шарифро, ки радифу мутаммими илми арӯз аст, пайравӣ намуда, ба қайди забт дароварда, чунон дар таъсиси маонӣ ва қавоиди ин санъат дахили нойираи шавқ гардид, ки мазиде бар он мутасаввар нест ва хурӯҷашро пеш аз ҳусули васли он мутааззир менамуд; дар тавҷеҳи қавоиди ин фан нафози қувваташ ба мартабае расид, ки дар пеши арбоби ин саноат мутлақан маъмулун беҳ гардид, хилъати инна мина-ш-шеъри лаҳикматан бар қомати боистиқомати назми покаш рост меомад ва ҳиляи инна мина-н-назмилаъибратан аз санъати ҳикмат симати шеъри латифаш нишон медод. Ин назм аз савонеҳи абкору натоиҷи ӯст, ки дар таърифи шароб фармуда, [назм]:

Ғизои рӯҳ бувад бодаи раҳиқулҳақ,
Ки рангу бӯш кунад рангу бӯйи гулро дақ.
Ақиқгунаву ёқутрангу лаълсифат,
Зи бӯ-ш анбару мушку гулоб бурда сабақ.
Ба ранг занг зудояд зи ҷони андуҳгин,
Ҳумой гардад, агар қатрае хӯрад з-ӯ бақ.
Зи Салсабил басе мушкбӯйтар гӯйӣ,
Зи оби чашмаи ҳайвон беҳ омада мутлақ.
Хароби он майи софам, ки аз рухи хубон
Бароварад ба ду ҷуръа ҳазор қатра арақ.
Шаробро чӣ гунаҳ, з-он ки аблаҳе бихурад,
Забон ба ҳарза барад, дасту по ба теғу дарақ?
Ҳалол бар уқалову ҳаром бар ҷуҳҳол,
Ҳаром гашта ба фатвои шаръ бар аҳмақ.

Ба таъм талх чу панди падар, валек муфид,
Ба назди ботил мубтил, ба назди доно ҳақ.
Чу Буалӣ майи соф ар хурӣ ҳакимона,
Ба ҳаққи Ҳақ, ки бигирад ҳама вуҷудат Ҳақ.

Чун офтоби оламтоби фазилату камоли Шайх Абуалӣ бар авҷи фалаки эътибор баромада, партави иштиҳор бар атрофу акнофи олам андохт ва ливои даъвии иннӣ аъламу мо ло таъламуна[1] дар мизмори салунӣ ъаммо дунал-арши-л-аъло дар миёни суккони фарши ғабро барафрохт, Яминуддавла ҳамагӣ ҳиммати олинаҳматро бар он гумошт ва тамомии хотир бар он дошт, ки сипеҳри салтанати улёманзилати худро ба он хуршеди оламафрӯзи илму фазилат зебу зинат бахшад ва тоҷи боибтиҳоҷи азамату ҳишмати худро ба он дурратуттоҷи иззату каромат ҳусну латофат диҳад, хост, ки ӯро дар силки суккону худдоми олимақоми даргоҳи олампаноҳи худ оварад ва мунхарит гардонад ва ба он васила муфохарату мубоҳот бар салотини Ҷаммиқдор ва хавоқини Искандариқтидор намояд. Аз рӯйи тавозуъ ба мулозимати Шайх Абуалӣ омада, қавоиди таъзиму шароити такрим ба ҷой оварда, илтимос намуда (фармуд), ки:

– Аз макорими ахлоқи он ҳакими баистеҳқоқ ва махдуми алалитлоқ матмуъ ва маъмул он аст, ки ҳар субҳдам, ки хусрави Ховар аз саропардаи Машриқ бар тахтгоҳи фалаки лоҷвардӣ қарор гирад ва чароғҳои афрӯхтаи анҷум аз дами посбони ва-с-субҳи изо танаффаса[2] фурӯ нишинад, сипеҳри маҷлиси моро ба офтоби зоти олисимоти худ мунаввару мушарраф гардонанд.

Аз он тараф напазирад камолашон нуқсон
В-аз ин тараф шарафи рӯзгори мо бошад.

Шайх Абуалӣ низ тавозуъ намуд ва тариқи мадҳу сано паймуда, гуфт:

Зиҳӣ, зи ақл алам гашта дар накӯкорӣ,
Мусаллам аст туро навбати ҷаҳондорӣ.
Кулоҳгӯшаи қадри ту аз тариқи нафоз
Рабуда аз сари гардун кулоҳи ҷабборӣ.

---

[1] Қуръон, сураи 20, қисмате аз ояи 30.
[2] Қуръон сури 81, ояи 18.

Бар замири мунири подшоҳи динпаноҳ махфӣ ва маҳҷуб нахоҳад буд, ки марди оқилро дар иртикоби ҳар амр [аз умури] мулоҳизаи ду фоида лозим, балки фариза ва мутаҳаттим: аввал, мулоҳизаи натиҷаи оҷил, ки аз он таъбир ба фоидаи дунявӣ менамоянд, ки табиати аксари аҳли олам ва авлоди банӣ Одам бар истеҳсоли ин фоида маҳсуру мақсур аст. Дуюм мулоҳизаи манофеи оҷил, ки онро натиҷаи ухравӣ мегӯянд, ки матмаҳи назари арбоби ақлу асҳоби ҳиммат бар истиҷлоби он фоида маҷбул ва мафтур аст. Ва ҳусули ин ду натиҷа агарчи дар мулозимати салотин ва хавоқин муяссару мумкин аст, аммо касрати мавонеъ ва ғалабаи мазоҳим онро ба сарҳадди истиҳола ва имтиноъ расонидааст, чи ҳусули ин ду амр ба илтифоту инояти подшоҳ мануту марбут аст. Ва мабонии ин мақсуд ба вусули ҳишмату чоҳ муҳкаму мазбут.

Ва ҳар чӣ гоҳ подшоҳ яке аз мулозимони худро ба мазиди алтоф ва шарафи аътоф махсус гардонид ва ӯро ба эъзозу икром ба ҷоҳу мансабе расонид, аҳли ғараз ва арбоби ҳасад ҳиммат бар он мегуморанд ва хотир бар он меоранд, ки ӯро аз авҷи сипеҳри иззаташ бияндозанд ва дар ҳазизи мазаллаташ ба хоки ҳавону хорӣ баробар созанд:

Нардбони халқ ин мову манист,
Оқибат з-ин нардбон афтоданест.
Ҳар кӣ болотар равад, аблаҳтар аст,
Устухони ӯ батар хоҳад шикаст.

[Мисроъ]:

Чаро оқил кунад коре, ки бор орад пушаймонӣ?

[Мисроъ]:

Ман лофи ақл мезанам, ин кор кай кунам?

Яминуддавла гуфт:

– Оре, он чи ҳакими замон ва фариди даврон мефармоянд, маҳзи ҳикмату айни ҳақиқат аст. Аммо вуқуъи ин амр дар вақтест, ки подшоҳ аз аҳли имтиёз набуда бошад ва камоҳӣ ҳоли ҳар як аз худдоми олимақоми худро надониста, бинои кор ва авомиру аҳкоми худро бар тақлид монда бошад, лекин вақте ки подшоҳ соҳиби киёсату фиросат аст ва камоянбағӣ аҳволу авзои худдому мулозимони худро дониста, ҳар кадомро ба мансаби лоиқу мартабаи мувофиқ расонида бошад,

муқаррару муайян аст, ки ба сухани соҳибғараз тағйиру табдил ба қавоиди он роҳ нахоҳад дод. [Байт]:

Чӯбро об фурӯ менабарад, ҳикмат чист?
Шармаш ояд зи фурӯ бурдани парвардаи хеш.

Абуалӣ гуфт, ки:

– Ҳазрати подшоҳ, дома мулкуҳу, магар ҳикояти Нуъмоншоҳи Яманӣ ва Некройи Шомиро нашнидаанд?

Яминуддавла гуфт:

– Он чӣ гуна будааст?

Абуалӣ гуфт:

– Овардаанд, ки дар шаҳри Яман шаҳрёре буд, ки ӯро Нуъмоншоҳ гуфтандӣ. Аз камоли ақлу доноӣ ва ниҳояти адлу ҷаҳонороӣ тирози хилъати ҳишматаш ба ҷавоҳири завоҳири маъдалат ороста буд ва бар фарози афсари шавкаташ дурратуттоҷи насафат нури дидаи ӯ ли-л-абасор меафзуд. Дар айёми давлати роҳатанҷомаш ба ҷуз ҷоми бода талхкоме набудӣ ва дар рӯзгори саодатсаранҷомаш ҷуз бар гӯшаи камон касе зӯрмандӣ нанамудӣ. [Байт]:

Ҳалқаи заррини чашми бозро аз рӯи лутф
Дасти адлаш зевари пойи кабӯтар карда буд.

Рӯзе он подшоҳи олиҷоҳ ба расми шикор берун омада буд ба асосу кавкабаи тамом ва ба сад ҳазор дабдабаву эҳтишом, то ба домани кӯҳе расид, монанди ҳиммати олиҳимматон дар ғояти баландӣ ва мисли [тамкини] соҳибони виқор дар ниҳояти бузургӣ ва арҷмандӣ. Чашмаҳои оби зулолаш оби чашмаи ҳайвонро ба хоки сиёҳ ниҳон сохта буд ва сабзаҳои рӯҳафзои марғзораш аз оташи шафақ машъалаҳои рашк дар бунафшазори фалак андохта. [Маснавӣ]:

Ба қад чун чархи атлас рафта боло,
Муламмаъ карда атласро ба хоро.
Чу бо хинги фалак ҳамтанг гашта,
Ба так аз қуллаи ӯ даргузашта.
Фалак аз теғи ҳамчун оҳани ӯ
Намуда сабзае дар домани ӯ.

Дар домани он кӯҳ ҷашни мулуконае сохту тарҳи шикоре андохт. Ҳашаму хадамро ба атроф[у акнофи] он кӯҳ фиристоду ба элҷор муқаррар кард, ки дар даҳфарсангии навоҳии ин кӯҳ ҳар даду давобе, ки бошад, он ҷо ҷамъ гардонанд ва бо ҷамъе

аз нудамову хос ва муқаррабони зумраи ихтисос дар домани он кӯҳи пуршукӯҳ ба айшу ишрат машғул гардиданд. Намози шом, ки ҷоми мушаъшаи [зарнигори] офтоби оламтобро соқии даврон дар хуми хусравонии мағриб ғӯта дод ва аз инъикоси он коси пурасос шароби ноби лолагуни шафақ мунфаҷир гашта, домани кӯҳи фалаки лоҷвардиро монанди пардаи дидаи хунбори ошиқон сурх гардонид, соқиёни гулъузор бодаҳои хушгуворро дар ҷомҳои мурассаъ рехтанд ва муғанниёни хушалҳон чанг дар қонуни дилнавозиву нағмапардозӣ зада, оташи шавқи дилбаронро дар конуни синаи ушшоқи бенаво аз боди найу оташи уд барангехтанд, [байт]:

Ҷоми зарро соқиён аз лаъл зевар сохтанд,
Духтари разро зи чинишиша миъҷар сохтанд.

Чун он сипоҳу лашкар ҷонварони шикориро дар домони он кӯҳ ҷамъ оварданд, алассабоҳ, ки хусрави Ховари оламафрӯз бози сафеди субҳро чуғуле зарринмеҳр ба гардан овехта, ба қасди шикори кабӯтарони анҷум аз домани кӯҳи фалаки нилгун берун тохт ва шоҳбози баландпарвози гардуншикори худро бар хайли он кабӯтарон андохт, [назм]:

Боз товуси меҳр чун анқо
Дар ҷаҳон баргушод боли зиё,
Зоғи шаб чун кабӯтарони нуҷум
Гашт аз ин марғзор нопайдо.

Нуъмоншоҳ бар асби бодпойи хокфарсойи оташнамойи заринсуми ғуҷғордуми тезгӯши бедорҳуш савор, [байт]:

Ки гар мард бар пушти ӯ ҳо задӣ,
Нахустин қадам бар Сурайё задӣ

бодсайре, ки аз ғояти суръат ҳангоми ҳаракат бар замон гузашта пеш гирифтӣ ва аз рӯи шитоб ба як-ду гом вақти ояндаро дарёфтӣ. Буроқе буд барқҳаракате, ки чаҳор наъли ҳилолсои ӯ бар рӯи замин ҳазор моҳи нав намудӣ ва шонздаҳ мехи собиташаклаш нишони сад ҳазор ситора бар кураи хок падид овардӣ [байт]:

Пурмоҳу пурситора шудӣ ҳар замон замин,
З-он шонздаҳ ситора, ки бар чоҳ моҳ дошт

ба ҷавлон даромад, сипоҳу асокири нусратшиор аз ҳар ҷониб ба ҷунбиш даромаданд. [Байт]:

Зи ҳар сӯ бонги ҳавлангез бархост,
Ту гӯӣ рӯзи растохез бархост.

Фармони ҳумоюнсимат нафоз ёфт, ки лашкариён ҷиргаро ба ҳам пайванданд ва доираи шикорро муҳкам барбанданд; ва муқаррар шуд, ки аз ҷониби ҳар касе ҷонваре берун равад, тани ӯро аз зарби теғи бедареғу захми ханданг монанди бабру паланг гардонанд.

Чун маҳфили шикор гарм гардид, ҷарғу бозу шоҳин чангҳои худро бо нойи гулӯи мурғон соз карда, парҳои эшонро мизроби чанги худ карданд; ва даду дом аз касрати парҳои сиҳом монанди уқоб дар миёни ҷирга пару бол бароварданд; шери жаёнро чун аз хавфи саҳми ялон иллати яроқон муставлӣ гашта буд, табиби қазо ӯро мушоҳидаи моҳиҳои ҷавҳари дарёи теғ фармуд; паланги тезчанг аз ҳавли зарбати ханданг азбаски тарсида буд, монанди сояи дарахти беди бар замин афтода ларза менамуд; харгӯши тезҳушро чун аз тантанаи ҳаёҳуйи лашкариён тапидани дил ва ранҷи хафақон ориз гардид, аз барои талаби қурси каҳрабо пеши дидаи шер медавид; оҳувони тирхӯрда бар сари гӯри мурда зор-зор нола мекарданд; рӯбоҳу гург дар он мусибати бузург мӯйинаҳои бозгуна пӯшида, аз нолаву фиғон шағолонро ба навҳагарӣ меоварданд; хирс монанди хуки тирхӯрдаи дар задугири юз афтода, аз вай ғуссаҳо мехӯрд; ва кафтори бевиқор дар он шикор аз ҳавл мӯйҳояш ба теғ баста паноҳ ба саги тозӣ меовард. [Назм:

Дидаи оҳу, ки селангез буд,
Хуфтани харгӯш аҷаломез буд.
Новаки ҳар қотили бадхӯнасақ
Ояти қатлу тани оҳу варақ].

Оварданд, ки дар айни гармии шикор дар миёни ҷирга оҳуе падидор шуд монанди чашми хубон дилнавозу диловез ва мисли ғамзаи ғизолони танноз фитнаангез; чун Нуъмоншоҳро чашм бар вай афтод, шоҳбози дили вай пайи сайдаш парвоз намуд. Ҳукм фармуд, ки ҳеч кас бар он оҳу тир наяндозад ва дар пайи вай натозад. Ва худ аз пайи вай мутаваҷҷеҳ гардид. Чун он оҳу дар муҳозии Нуъмоншоҳ расид, чаҳор дасту пойро гирд сохта, худро монанди гӯй аз болои сараш берун андохт. Подшоҳ дар пайи вай асп андохта, ба суръати тамом метохт, то

ғояте, ки он оҳу аз назари вай ғоиб гардид. Подшоҳ худро дар миёни биёбоне дид, ки каримаи касаробин бақиъатин яҳсабуҳу-з-замъону моа[1] аз он хабар медод. Дар он байдои карон-нопайдо ба ғайри чашмаи чашми ҷигари ташнагони хушклаб обе набуд; [ва] дар он луҷҷаи хунхору қулзуми заххор ба ҷуз аз косаҳои сари саргаштагон ҳубобе наменамуд; ту гуфтӣ аз вазидани бод афвоҷи амвоҷ бар рӯи рег намоён шуда буд, ё устухонҳои паҳлуи гумгаштагони он биёбон аз зери пардаи ғубор менамуд; ё худ адими замин аз шиддати тоби офтоб дар ҳам хазида буд; ё аз таҷарруи хуни лабташнагони талхкоми он регистони хуношом рӯй дарҳам кашида буд. Гоҳе аз суъубати ҳарорат соя дар зери хори муғелон маскан кардӣ ва гоҳе аз ғояти изтироб худро дар чоҳ афкандӣ. [Байт]:

Оҳу, ки дар офтоб мегашт,
Бо равғани худ кабоб мегашт.

Дар миёни он биёбон дарвешеро дид, ки пӯсти оҳуеро либоси худ гардонида ва монанди соя дар зери хори муғелон маскан сохта ва саҷҷодаи ибодат андохта. Нуъмоншоҳ рӯй ба ҷониби вай оварда, салом кард. Дарвеш ҷавоби салом боздоду билфавр рӯй ба ҷониби бодия ниҳод. Подшоҳ гуфт:

– Эй азиз, ба ҳурмати он Худой, ки туро ин ҳолат дода ва ин манзилат бахшида, аз ман рӯй матоб ва бо ман сухан нокарда ба бодияи мунофират маштоб.

Дарвеш гуфт:

– Эй азиз, бо ман чӣ мегӯӣ ва аз ман чӣ меҷӯӣ? Ман чун аз халқи олам вафое наёфтаам, аз мухолатат ва мусоҳабати эшон рӯй бартофтаам. [Байт]:

Чунон дар ишқи он хуршед хӯ кардам ба танҳоӣ,
Ки гар дастам диҳад, аз сояи худ низ бигрезам.

Дар ин биёбон аз ҷафои фарзандони Одам гурехтаам ва бо оҳувони дашт даромехтаам.

Мардум чу бевафост, хуш он ҷуғди некрой,
К-оромгоҳи хеш ба вайрона сохта.

Подшоҳ гуфт:

– Эй давреш, бидон, ки ман муҳиббу мухлиси дарвешонам ва

[1] Қуръон, сураи 24, қисмате аз ояи 39.

ҳамвора сари ихлосу иродат ба пойи эшонам. Ҳамеша ҷӯёи суҳбати кимиёхосияти эшон мебошам ва тухми муҳаббати эшон дар мазраи синаву замини дили худ мепошам ва муҳаббати эшонро василаи вусули давлати дорайн медонам ва хидмати эшонро зареаи ҳусули салтанати хофиқайн мехонам. [Байт]:

Равзаи хулди барин хилвати дарвешон аст,
Мояи муҳташамӣ хидмати дарвешон аст.

Эй дарвеш, Худоро, ки аз ман соате магрез ва бо ман лаҳзае даромез, то аз суҳбати саодатманқабати ту лаҳзае маҳзуз шавам ва ба айни инояту илтифоти ту ламҳае малҳуз гардам. Дарвеш мултамаси вайро қабул намуда, ба ҷойи худ биншаст. Нуъмоншоҳ аз асп пиёда гашту рухи ниёз бар замини адаб ниҳода, ба таъзими тамом пеши вай ба зону даромад[у] гуфт:

– Эй бузургвор, мехоҳам бидонам, ки туро чӣ ном аст ва мавлиду мавтини ту кадом аст ва дар ин бодия саргашта чароӣ ва чӣ гуна маош менамоӣ?

Гуфт:

– Эй азиз, маро Некрой ном аст [ва] мавлидам Шом аст. Дар домани ин кӯҳ, ки менамояд, савмаае дорам монанди дили ушшоқи маҳҷур тангу торик ва ба олами хумулу гумномӣ басе наздик. Дар вай манзиле дораму дар он ҷо авқот мегузорам. Дар миёни ин регҳо гиёҳест, бехи вай ба қадре ширинӣ дорад ва ба андак аз он қаноат метавон кард. Ҳар чанд гоҳ меоям, аз он микдоре мебарам, онро қути худ сохта, қуввати онро ба тоати Худои таоло сарф менамоям. [Байт]:

Касе, ки ганҷи қаноат наёфт, ҳеч наёфт,
Касе, ки гӯшаи узлат надид, ҳеч надид.

Ва сабаби узлату инзивои ман он аст, ки ман мулозими Сулаймоншоҳи Шомӣ будам ва маро тақаррубу ниёбат дар пеши вай ба дараҷае буд, ки кифояти ҷузъиёту куллиёти муҳиммот сари кори салтанат муфаввазу мавкул бар рою тадбири ман буд ва эътибору ихтиёри ман явман фаявман мисли инояту алтоф ва ақидати подшоҳ нисбат ба ман соатанфасоатан меафзуд; тарфатулайн аз назари вай ғоиб набудам ва монанди соя аз пайравии он офтоби сипеҳри азамату ҷалол тахаллуф наменамудам. [Байт]:

Дар дилам буд, ки бе дӯст набошам як дам,

Чӣ тавон кард, ки саъйи ману дил ботил буд.

Дар мулозимати он подшоҳ ҳасуде буд, ки дуди оташи ҳасади вай конуни ботинашро чун дили мунофиқон сиёҳ сохта буд ва ҳаммолата-л-ҳатаби[1] ҳиммати малъунааш хирмани сабру тоқаташро бар зоталаҳаби[2] ҳиқду ҳасад андохта. [Назм]:

Тавонам он ки наёзорам андаруни касе,

Ҳасудро чӣ кунам, к-ӯ зи худ ба ранҷ-дар аст.

Бимир, то бираҳӣ, эй ҳасуд, к-ин ранҷест,

Ки аз машаққати он ҷуз ба марг натвон раст.

Он бадбахти наҷиси дун ва он воҷибулқатли малъунро ба ман адоватеву низое воқеъ шуд, муддатҳо буд, ки дар оташи ҳасад месӯхт аз барои сӯхтани пару боли парвонаи иқболи ман шамъи тадбир меафрӯхт; бо вуҷуди ин, бо ман изҳори муҳаббату дӯстӣ менамуд ва дар пеши подшоҳ худро дар силки дӯстону мухлисони ман мунхарит гардонида буд. [Мисраъ]:

Наузабиллаҳ, аз ин навъ душмани хунхор.

Ҳарчанд дар инҳидоми мабонии ҷоҳу ҳишмати [ман] саъйу эҳтимом кард, мурод ба ҳусул напайваст ва бинои иқболи ман ба санги тадбири ӯ нашикаст. [Мисраъ]:

Душман чӣ кунад, чу меҳрубон бошад дӯст?

Оқибатуламр кораш ба ҷону кордаш ба устухон расид. Ғуломе, ки муътамаду муътамани вай буд, ӯро дар хилвате талабид ва ба вай гуфт:

– Эй ғулом, умрҳост, ки ба давлати ман айшу комронӣ кардаӣ ва ҳар чӣ мақсуду матлаби ту буд, дар паноҳи ҳимояти ман ба даст овардаӣ. [Назм]:

Як ғулом андар ҷаҳон ҳаргиз наёфт,

Он чи ту аз давлати ман ёфтӣ.

Он чи мақсуди ту буд аз хайру шар,

Ҷумларо бар ваҷҳи аҳсан ёфтӣ.

Акнун, адои он ҳуқуқро, туро хидмате мефармоям ва коре ба уҳдаи ту менамоям, мебояд туро, ки аз он рӯ нагардонӣ ва сар бознакашӣ, то ман аз ту розӣ бошам. Ғулом гуфт, ки:

---

[1] Қуръон, сураи 111, қисмате аз ояи 4.

[2] Қуръон, сураи 111, қисмате аз ояи 3.

– Эй хоҷаи соҳибдавлат ва эй махдуми валинеъмат, ин бандаи каминаро дар бандагӣ чӣ эҳтиёҷ ба ин ҳама муболиға ва таъкид аст? Мани банда ғулому хидматгорам. [Мисраъ]:

Ҳар чӣ фармоӣ, ба ҷон истодаам таслимро.

Гуфт:

– Эй ғулом, хидмати ту он аст, ки дасту пойи маро муҳкам мебандӣ ва маро сар мебурӣ ва бар боми хонаи Некройи Шомӣ бароварда, даруни сарояш чоҳест, дар он чоҳ меандозӣ.

Ғулом гуфт:

– Вовайло, эй хоҷа, шумо девона шудаед ва аз ақлу [хирад] бегона гаштаед? Ин чӣ сухани бемаънист ва ин чӣ ҳадиси молояънӣ? [Мисраъ]:

Чунин ҳарфе нагӯяд ҳеч оқил, балки маҷнун ҳам.

Магар шуморо ба ман сари ҳазлу масхарагист? Худоро, боз намоед, ки сари ин кор чист?

Гуфт:

– Эй ғулом, то кай аз оташи адовати Некройи Шомӣ бисӯзаму нори кинаву ҳасади ӯро дар сина афрӯзам? Ҳарчанд ки дар рафъи вай тадбир мекунам, тири тадбири ман бар ҳадафи тақдир намеояд ва ҳарчанд дар бастагии кораш [дари] фикру андеша мекӯбам, ба рӯйи ман даре намегушояд, ба ғайр аз ин тадбир[е] наёфтаам, ки маро кушта, дар чоҳи хонаи вай андозӣ, то авлиёи ман ӯро ба иллати он ба қисос кашанду ба хориву уқубати тамом ӯро бикушанд.

Ғулом гуфт:

– Ҳала, эй хоҷаи ғофил, чун аз сари худ мегузарӣ, чаро ӯро намекушӣ?

Гуфт:

– Эй ғулом, рост мегӯӣ, аммо бар вай даст намеёбам. Ва бар тақдир даст ёфтан мехоҳам, ки унвони саҳифаи аҳволам ба туғрои бал аҳёун инда раббиҳим юрзақуна фариҳина бимо отоҳуму-л-лоҳу мим фазлиҳи[1] машҳун бошад ва номаи аъмолаш ба ояти ваиду иборати таҳдиди ва ман яқтул муъминан мутаъаммидан фаҷазои уҳу ҷаҳаннаму холидан фиҳо[2] муан-

[1] Қуръон, сураи 3, қисмате аз ояи 170.
[2] Қуръон, сураи 4, қисмате аз ояи 93.

ван бошад, маро некномии дараҷаи шаҳодат ва ӯро бадсаранҷомии маломати хуни ноҳақ ҳосил бошад.

Алқисса, ҳарчанд ғулом мумониат менамудӣ, дар мубολиғат меафзуд, то оқибатуламр кори он беоқибат ба куштан қарор гирифт. Намози шом, ки ҳиндуи заломи шаби қирфом сари марзбони рӯзро бибурид ва дар ҷоҳи мағриб андохт ва суккони сарочаи оламро дар мотами вай монанди Оли Аббос сиёҳпӯш сохт, он ҳасуд бо ҷамъе аз дӯстону мусоҳибон ба хонаи ман даромад; чунончи расму қоидаи меҳмондорӣ ва тариқаи хидматгорӣ бошад, қиёму иқдом намудам ва забон ба адои шукргузории қудумаш бад-ин намат гушодам, ки:

Омадӣ, эй шамъу маҷлисро чу гулшан сохтӣ,<br>
Пой бар чашмам ниҳодӣ, хона равшан сохтӣ.

Ҳосил, ки то як пос аз шаб суҳбате доштем; ҳамгинон ӯро аз ҷумлаи муҳиббон мепиндоштанд, чун азизон азимати реҳлат намуданд, вай изҳори он кард, ки:

– Ман имшаб аз ин ҷо намеравам ва бо ту суҳбат медорам.

Гуфтам:

Эй ёри номӣ ва эй азизи гиромӣ, лутф менамоӣ ва илтифот мефармоӣ, вагарна [байт]:

Ман кӣ бошам, ки бар он хотири отир гузарам?<br>
Лутфҳо мекунӣ, эй хоки дарат тоҷи сарам.

Агар туро сар ба мусоҳибати ин камина фуруд ояд, маро сари муфохирату мубоҳот бар авҷи осмони саодат сояд. [Мисраъ]:

З-ин тафохур шояд, ар сар бар фалак сояд маро.

Ҳосил, ки бо якдигар нишастему аз ҳар даре суханон дарпайвастем, то вақте ки ду пос аз шаб даргузашт. Ногоҳ бархосту гуфт:

– Маро аҷаб муҳимми заруре ба хотир расид, албатта мебояд рафт ва илло он муҳим фавт мешавад.

Ин бигуфту аз хонаи ман берун шитофт. Аммо [бар] берун рафтанаш ҳеч кас иттилоъ наёфт. Баъд аз берун рафтан ба ғуломи худ фармудааст, [ки] ба куштанаш қиём намуда, сари ӯро бар бом бароварда, дар чоҳи хонаи ман андохт; ва ман аз ин амр тамом бехабар ва донои кулли ҳол Холиқи хайру шар; чун субҳи содиқ дамид ва гирандаи рӯз гиребони ҳиндуи шаброн чун пардаи рози ошиқон бидарид, он ҳасуд пайдо набуд.

Касони вай дар мақоми таҷассус шуданд ва дар талаби вай саъйу кӯшиш намуданд. Баъд аз ду рӯз гуфтугӯйи мардум бисёр шуд, ки бо якдигар мегуфтанд, ки:

– Дар ҳамон шаб, ки дар хонаи Некрой даромад, берун омаданашро касе надид.

Баъд аз чанд рӯз ин ҳикоят ба подшоҳ расид. Ҷамъе касир аз мулозимони даргоҳ ҳуҷум карданду ба хонаи ман даромаданд ва он ҳасудро аз чоҳи хонаи ман бадар оварданду дастҳои маро бар қафо баста ба ховиву уқубати тамом ба даргоҳи олампаноҳи подшоҳ ҳозир оварданд ва кайфияти ҳолро баён карданд. Сулаймоншоҳ рӯй ба ман карду гуфт:

– Эй Некрой, ин чӣ амали қабеҳ ва [ин чӣ] феъли мункар буд, ки аз ту дар вуҷуд омад? Аз Худо натарсидӣ [ва] аз халқ шарм надоштӣ, ки инчунин кори зишт кардӣ. [Байт]:

Эй марди Худо, чиҳост инҳо,
Аз ҳамчу туе равост инҳо?

Ман аз ту [ҳаргиз] ушри ашири ин тамаъ надоштам ва туро ин миқдор бадсирату бадкирдор намедонистам. [Мисраъ]:

Худ ғалат буд, он чи мепиндоштам.

Аз ин ҳол маро кайфияте ориз шуд, ки маҷоли мақол намонд,[мисраъ]:

Ки буҳтон мардро мабҳут созад.

Таҳайюру тафаккури маро далели вуқуи амали ман сохтанд ва душманони хуношом дар майдони интиқом дуаспа бар сари ман тохтанд. Ҷамоате, ки дар айёми фароғат бо ман лофи дӯстиву якҷиҳатӣ мезаданд, ҳамаро дар мақоми изо ва ҷафои худ дидам ва ҷумларо мутарассиди куштан ва мутасаддии сиёсати [худ ёфтам].

Инна-л-лазина таравнаҳум ихвонакум,
Юшфо ғалилу судуриҳим ин тазарраъу.[1]

[Мисраъ]:

Ёрони замона инчунинанд.

Ҳама дар куштани ман то ғояте ғалаба карданд ва ҳуҷум оварданд ва дебочаҳову ҳилаҳо ангехтанд, ки подшоҳ ҳукм ба қатли ман фармуд. Хуниёни хунхор ва муддаиёни кинадор

---

1 Онҳоеро, ки бародарони худ мепиндоред, кинаи синаҳояшон бо марги шумо тасалло меёбад.

дар ман овехтанд. Чун худро бад-ин ҳол мушоҳида кардам, овоз баровардаму гуфтам: [Байт]:

Агар, шоҳо, дилат аз куштанам хушнуд мегардад,
Вале ҳайф аз дами теғат, ки хунолуд мегардад.

– Шоҳо, шаҳрёро, дар уқубат таъхир кардан ва дар сиёсат тавaққуф фармудан добу суннати салотин ва дар мисли ин муҳиммот тааммулу тадбир намудан аз ҷумлаи воҷиботи дин. Бидон, ки домани исматам ба лавси ин гуноҳ наёлудааст ва ҳаргиз андешаи ин амал дар соҳати хотири ман набуда ва дар ин кор таъҷил макун ва сарриштаи ихтиёр аз даст мадеҳ ва илло оқибатуламр пушаймон шавӣ ҳамчун Одилшоҳи Кашмирӣ, ки бози худро бегуноҳ ҳалок сохт ва мурғи дили худро дар чанголи уқубати уқоби пушаймонӣ ва надомат андохт.

Сулаймоншоҳ пурсид, ки:

– Он чӣ гуна будааст?

Филҳол бархостаму гуфтам, ки:

– Шоҳо, ҳамеша шоҳбози иззату ҳишматро бар сари дасти давлату шавкатат нишеман бод ва кабӯтари дили душман аз осеби минқори шунқори қаҳру ғазабат монанди теҳу дар сарпанҷаи шоҳин дар изтиробу тапидан. Овардаанд, ки дар вилояти Кашмир подшоҳе буд, Одилшоҳ ном. Дар камоли адлу дод ва ба раоё ва бароё дар ниҳояти марҳамату видод. Ҳумои маъдалаташ дар фазои ҳавои салтанат чунон боли марҳамату утуфат гушуда буд, ки усфур аз барои ошёнаи худ аз бозу шоҳин пар талаб менамуд. Ин подшоҳ рӯзе ба кавкабаву дабдабаи тамом ба расми шикор берун омада буд. Иттифоқан, аз пайи сайде тохт ва ба ҷое расид, ки роҳи баргаштан гум кард. Ба домани кӯҳе расид, дар ғояти бузургиву баландӣ, ки сар ба фалаки лоҷвардӣ кашида буд; аз гаронияш пушти гови таҳти асирӣ шикаста ва аз нӯки теғи бедареғаш синаи гови фалак дарида буд, [байт]:

Гар фитодӣ дар паси он кӯҳи аъзам офтоб,
То қиёмат кас куҷо дидӣ ба олам офтоб?!

Ҳаво ба мартабае гарм буд, ки тоби ҳарорати офтоб ҷабалро монанди кӯҳи Тур сиёҳ сохта буд; дар доманаш лолазор наменамуд, балки аз шиддату уфунати ҳаво он кӯҳ мисли бемörони хунинҷигар хун барандохта буд. [Байт]:

Зи меҳр гармии он кӯҳ баски афзун буд,
Дарун зи лаъл[у] бурунаш зи лола пурхун буд.

Оташи аташ дар конуни синаи Одилшоҳ ба навъе барафрӯхта буд, ки ба оби шӯри дида дасти умед аз ҷони ширин шуста. Қатраҳои ашки хунин бар чеҳра мисли шарора менамуд. Ногоҳ дид, ки аз болои кӯҳ рашаҳоти оби зулол чун ашки ошиқон ба рӯйи санг меғалтид ё худ аз ҳарорати хуршед қатароти арақ аз масомоти санги хора мечакид. Одилшоҳ ҷоми заррин аз таркаш баровarda, дар зери он дошт, то замоне ки пури об шуд. Чун хост, ки он ҷомро ба лаб расонад ва оташи ташнагиро ба он фурӯ нишонад, он боз боли худро бар он ҷом зада, обро ба тамомӣ бар замин рехт. Одилшоҳ дар ғазаб шуда, он бозро бар гирди сар гардонида, чунон бар замин зад, ки боз ҳалок шуд. [Мисраъ]:

Шарме аз мазлимаи куштани он бозаш бод!

Чун ташнагӣ бағоят ғалаба намуда буд, ӯро таҳаммули он ки ҷом аз қатарот пур шавад, набуд. Аз асп фуруд омада, қадам ба домани он кӯҳ ниҳод, то худро ба сари чашма расонад. Чун бар камари кӯҳ расид, бар сари чашма аждаҳое дид кушта ва аз тоб афтода, заҳри он равон гашта, дар он чашма рехта ва оби он мисли мои ҳамим ба ҷӯш омада. Одилшоҳ чун он ҳолат бидид, наърае заду беҳуш шуд. Чун ба ҳоли худ омад, ташнагӣ бар вай фаромӯш гашта, Худойро шукри бисёр гуфту бар куштани боз таассуф мехӯрд ва зор-зор мегирист. Ва ҳамвора аз заҳри фироқи он боз чашмасори дидааш ғалаён намуда, хунобаи ҷигар бар чеҳра меовард ва аз забони боз ба худ хитоб карда мегуфт [мисраъ]:

К-аҳбоб чунин кунанд? Аҳсант, аҳсант!

Эй подшоҳ, чун бегуноҳии ман баъд аз сиёсат зоҳир гардад, ҳароина туро низ пушаймонӣ ва надомат рӯй хоҳад дод. [Мисраъ]:

Пушаймон гардиву судат набошад з-он пушаймонӣ.

Сулаймоншоҳ аз он сухан мутаассир гардиду куштани маро мавқуф гардонид ва маро ҳукм ба зиндон фармуд. Рӯзи дигар, ки Бежани хуршедро аз сиёҳчоҳи Машриқ баровaрданд ва ба силсилаҳои хутути шуоъӣ муқайяд сохтанд [ва] ба даргоҳи олампаноҳ Афросиёби рӯз ҳозир гардониданд, ҷамоати

хуниёни хуношому муддаиёни дурушти нофарҷом маро аз зиндон бароварда, банд карда, ба пеши Сулаймоншоҳ овар-данду аз вай талаби ҳукм ба куштани ман карданд. Пеш аз он ки Сулаймоншоҳ такаллум намояд, бархостаму гуфтам, ки:

– Шоҳо, [байт]:

Ба тундӣ сабук даст бурдан ба теғ
Ба дандон газӣ пушти даст аз дареғ.

Воқиф бошу дар ин амр таъҷил манмой, ки агар суръат намоӣ, бешак пушаймон гардӣ, ҳамчунонки Чиполшоҳи Ҳиндӣ аз куштани тӯтӣ пушаймон шуд ва ҳамаи умр гиря ме-карду оҳи сӯзнок мекашид ва пушти дасти таассуф ба дандо-ни надомату ғаромат мегазид[ва] ҳеч суде намедод.

Сулаймоншоҳ пурсид, ки:

– Он чӣ гуна будааст?

Гуфтам, ки:

– Подшоҳо, то замоне ки устоди азал тӯтии сабзи фалакро дар паси оинаи меҳри [анвар] сухан меомӯзад ва қанноди даврон аз шакарпораҳои кавокиб барои он тӯтӣ ғизо меанду-зад, коми тӯтии нотиқа аз шакари мадҳу санои ҳазрати под-шоҳ, хуллида мулкуҳу, муталаззизу ширин бод!

Овардаанд, ки дар шаҳри Бангола, ки аз муъзами билоди Ҳинд аст, подшоҳе буд [Чиполшоҳ ном], ки ситу садои адли ӯ аз Қоф то ба Қоф рафта буд ва дабдабаи ҳишмату тантанаи шавкаташ тамомии олам фурӯ гирифта. Тӯтие дошт монанди лаъли дилкаши хубон ширинтакаллуму дилпазир ва чун хатти сабзи нозуки маҳвашон пурошӯбу фитнаи дили барнову пир, ту гӯӣ, ки дасти қудрати ҳазрати бечун сабзаву оташи Ха-лилро ба ҳам омехта буд ё мусаввири кунфаякун аз барои ун-музаҷи хатти сабзу лаби дилбарони мавзун шангарфро дар зангор рехта буд, [байт]:

Буд дар хилқат чу Хизру дар такаллум чун Масеҳ,
Хуни мурғи рӯҳ дар гардан зи гуфтори малеҳ.

Рӯзе Чипол[шоҳи] Ҳиндӣ қафаси он тӯтиро дар пеши худ ниҳода буду бо вай гуфтушунуд менамуд ва ӯро ба он тӯтӣ завқеву шавқе ва тӯтиро дар гардан аз меҳру вафои ӯ тавқе. Чун ду ёри ҳамнафас бо якдигар ҳузуре доштанд, ки ногоҳ аз рӯйи ҳаво тӯтие падид гардид. Чун он тӯтиро дар даруни қа-

фас бидид, бар канораи айвон нишасту ба он тӯтӣ ҳикоят дарпайваст ба забоне, ки Чиполшоҳ онро намедонист ва дарку фаҳми он наметавонист. Баъд аз замоне тӯтӣ дар даруни қафас тапидану изҳори изтироб оғоз кардан гирифт ва бисёр бар худ биларзиду бияфтод ва беҳиссу ҳаракат шуд ва нафаси вай мунқатеъ гардид. Чиполшоҳ гуфт:

– Оҳ, вовайло, ин чӣ гуна мурғи ғарибе ва ҷонвари аҷибест. Ин уқоби аҷал буд, ки муниси мурғи рӯҳи маро сайд карду рабуд.

Дари қафасро гушод ва он тӯтиро бар даст гирифта, навҳаву гиряи ҷонсӯз мекард ва ин абётро муносиби ҳоли худ бар забон меовард:

Эй аниси хотири пажмони ман
В-эй ҳумоюнтар зи мурғи ҷони ман.
Лаъли ту, к-аз вай дилам мадҳуш гашт,
Ваҳ, намедонам чаро хомӯш гашт?
Дар фироқат дида гирён шуд чу меғ,
Эй дареғо, эй дареғо, эй дареғ!
Қадри рӯзи васли ту нашнохтам,
З-оташи ғам лоҷарам бигдохтам.

Ин абёти сӯзнок бар забон меронд ва сиришки андуҳу ҳасрат бар чеҳра меафшонд. Чун аз гиряву навҳа дил пардохт, он тӯтиро аз даст бияндохт. Аз дасти подшоҳ ҷудо шудан ҳамон буд, бар гӯшаи айвон дар паҳлуи он тӯтии [дигар] нишастан ҳамон. Чиполшоҳ ҳайрон шуд, ки ин чӣ гуна амри булаҷабе буд ва ин тӯтии айёр чӣ навъ макру шаъбадае намуд? Забон ба навозиши ӯ бигушод, ки:

– Эй гузидатар аз мурғи рӯҳ ва эй муфарриҳи дили маҷрӯҳ, эй мурғи шохсори зиндагонӣ ва эй муниси рӯзгори ҷавонӣ, аз мо чӣ тақсир дидаӣ, ки аз мухолатату мусоҳибати мо рамидаӣ? [Байт]:

Ҷоно, бигӯ, ки аз мани бедил чӣ дидаӣ,
К-аз доми мо чу тӯтии ваҳшӣ рамидаӣ?

Тӯтӣ забони шакарфишон ба маъзарати он шоҳи маъдалатнишон баргушоду гуфт:

– Шоҳо, [байт]:

Аз ту маймун гашта, шоҳо, бахти рӯзафзуни ман,
Гар зи ҳукмат сар кашам, дар гардани ман хуни ман.

Шоҳо, гумон мабар, ки ҳуқуқи неъмати шоҳи[ро] фаромӯш созам ва тавқи вафодориву ҳалқаи хидматгорӣ ва ҳаводории даргоҳи шаҳаншоҳиро аз гӯшу гардани ҷон бияндозам. [Байт]:

Чанд рӯзе мебарад бахти бад аз кӯйи туам,
Боз қуллоби муҳаббат мекашад сӯйи туам.

Кайфияти аҳвол он аст, ки ман подшоҳи хайли тӯтиён будам, умрҳо дар ҳавои фазои салтанату подшоҳӣ парвоз менамудам; аз он вақт ки сайёди қазову қадар маро ба доми мусоҳибати ту андохту гирифтори қафаси мулозимати ту сохт, ҷамъе касиру ҷамме ғафир аз тавобеъ ва лавоҳиқи ман атрофу акнофи оламро мепаймоянд ва маро талаб менамоянд, акнун ба ҳукми мақулаи ман талаба шайъан ваҷадда, ваҷада, ин тӯтӣ, ки дар паҳлуи ман нишаста мебинӣ, бародари ман аст, ки маро шинохту гуфт:

– Эй бародари арҷманд ва эй дӯсти ба ҷон пайванд, туро чӣ воқеъ афтод ва чӣ ҳодиса даст дод, ки тамоми хайлу сипоҳ ва маҳрамони ҳарами боргоҳ аз фироқи ту авқот ба мотам мегузаронанд ва монанди булбулони баҳор нолаву афғони ҳазорон доранд? [Байт]:

Субҳи мо бе ту ба ғам шом ба мотам гузарад,
Субҳу шоми касе аз ҳаҷр чунин кам гузарад.

[Фард]:

Он чи аз мо гум шуда, гар аз Сулаймон гум шудӣ,
Бар Сулаймон ҳам парӣ, ҳам Аҳраман бигристӣ.

Эй бародар, ҳарчанд туро аз мусоҳибати аҳбоб малолат буду табъи нозукат бар муҳоҷарату муфорақати асҳоб саъй менамуд, боре вақти рафтани баъзе аз дӯстон ва мухлисонро ахбор метавонистӣ намуд. [Байт]:

Рафтиву дар вақти рафтан ҳам нагуфтӣ хайрбод,
Бандаро ин доғ то рӯзи қиёмат бар дил аст.

[Гуфтам:

– Эй бародар, фард]:

На дурӣ далели сабурӣ бувад,
Ки бисёр дурӣ зарурӣ бувад.

Маро сайёди қазову қадар ба доми ин подшоҳи некусияр андохт ва ба қайди қафаси вай муқайяд сохта [байт]:

Зарурат аст, в-агарна Худой медонад,
Ки тарки суҳбати ёрон на ихтиёри ман аст.

Гуфт:

– Эй бародар, чӣ шавад, агар аз подшоҳ якчанд рӯз рухсат талаб намоӣ ва ба ҷониби ёрону дӯстони худ оӣ ва маҳҷуронро аз балои ҳиҷрон раҳонӣ ва боз худро ба хидмати валинеъмати худ расонӣ?

Гуфтам:

– Эй ҷони бародар, ин суханро подшоҳ ҳаргиз аз ман бовар надорад ва ба самъ қабул дарнаёрад, ки ман аз қафас халос ёбаму боз ба ихтиёри худ сӯйи вай шитобам. [Байт]:

Ҳеч кас бовар кунад инро, ки мурғе аз қафас
Вораҳад в-он гаҳ ба тавъи хеш гардад бозпас?

Гуфт:

– Пас, ман туро таълиме диҳам, ки худро аз ин қайд халос гардонӣ ва аз ин банду меҳнат вораҳонӣ. Мебояд, ки худро бехуд бияндозӣ ва ба мурдагӣ барсозӣ. [Мисраъ]:

То намирӣ, зи қайд вонараҳӣ.

Алқисса, бад-ин тадбиру тазвир худро халос кардам.

Ин бигуфту ба он тӯтии дигар парвоз намуд ва гуфт: [Байт]:

Кардам, эй султон, зи даргоҳи ту реҳлат, хайрбод,
То ба он вақте ки боз оям ба хидмат, хайрбод.
Умр агар боқӣ бувад, оям ба хидмат анқариб
В-ар бимурдам, бе манат рӯзи қиёмат, хайрбод!

Чиполшоҳ ба мартабае мутааллиму мутаассир шуд, ки гӯё мурғи рӯҳи вай аз қафаси қолабаш парвоз намуд, ҳамеша гиря мекарду навҳа менамуд ва вирди забонаш ин буд, ки:

Дидори туро шукр нагуфтам ба висол,
То давлати дидори туам ёфт завол.
Ношукркунандаро чунин бошад ҳол,
Бар рух наму дар дил ғаму дар дида хаёл.

Ҳосил, [ки] бад-ин минвол умр мегузаронид, то баъд аз чанд гоҳ ки бо хаёлаш маънус шуда буд ва аз висолаш маъюс гардида, дид, ки он тӯтӣ аз рӯйи ҳаво пайдо шуд ва дар минқори худ ниҳоли заифе гирифта, монанди фариштаи раҳмат пеши вай фуруд омад. Чиполшоҳро фараҳи фаровону басту нишоти беҳадду поён даст дод ва бад-ин тарона мутаранним гардид, ки:

Туӣ баробари ман ё хаёл дар назарам,
Ки ман ба толеи худ ҳаргиз ин гумон набарам.

– Эй тӯтӣ, дилат бор дод, ки маро инчунин дар балои фироқ гузорӣ ва мурғи ҷонам дар чанголи уқоби азоби иштиёқ супорӣ?

Гуфт:

– Шоҳо, бар замири мунират махфӣ намонад, ки силаи завиларҳом яке аз воҷиботи ислом аст ва тафаққуду тааҳҳуди дӯстон аз ҷумлаи [одобу] сунани фирқаи аном. [Байт]:

Он ки ӯро нест ёди дӯстон,
Кун фаромӯшаш, ки набвад дӯст он.

Муддати мадид ва аҳди баид буд, ки аз хешу ақрабои худ ҷудо гашта будам ва аз эшон хабаре надоштам, рафтам ва эшонро аз висоли худ хушнуд кардам ва боз рӯ ба даргоҳи халоиқпаноҳ овардам, [байт]:

Чанд рӯзе гарчи рафтам аз дарат, эй сарвиноз,
Боз рӯ бар даргаҳат овардаам бо сад ниёз.

Ва дигар бузургон гуфтаанд, ки касрати мусоҳабату давоми мухолатат мусталзими калолу малол мебошад, фалоҷарам ҳазрати набавӣ, алайҳи-т-таҳийяту вассалом, фармудаанд, ки ё Абоҳурайрат, зурнӣ ғиббан таздад ҳуббан, яъне ҳар рӯз маё, ки муҳаббат зиёда шавад, агарчи шарбати ҷонфизои дилорои висол занги дил мебарад ва роҳати ҷон меорад, аммо баъд аз таҷарруи муррулмазоқи фироқ дар тани мурдаи садсола равон меорад. Эй подшоҳи дилнавоз, якчанд рӯзе, ки аз давлати мулозамат дуру маҳҷур будам ва заҳри фироқ аз соғари ифтироқ паймудам, қадри нашъаи бодаи висол маълум кардам ва лаззати давлати ҳузури ту бар сар овардам. [Байт]:

Ман на онам, к-аз дарат ҷое равам, то зиндаам,
Гар аҷал дурам кунад аз кӯйи ту, маъзур дор.

Чиполшоҳ он тӯтиро навозиши бисёр карда, бо ӯ лутфу инояти беҳад намуду гуфт:

– Эй тӯтӣ, ин чӣ гуна ниҳолест, ки бо худ овардаӣ?

Гуфт:

– Шоҳо, ҳамеша ниҳоли давлату иқболи шоҳӣ ба рашаҳоти [саҳоби] инояти илоҳӣ сарсабзу арҷманд ва давҳаи ҳишмат[у иззати] шаҳаншоҳӣ ба меваи алтофи номутаноҳӣ хурраму ба-

руманд бод! Дар вақте ки эҳроми мулозамат мусаммам гардонида будам, аз дӯстон илтимос намудам, ки туҳфае, ки лоиқу муносиб ва ҳадяе, ки дархуру мувофиқи атабаи алия бошад, саранҷом намоянд. Яке гуфт, ки:

– Ман дар фалон ҷазира дарахте медонам, ки агар пир аз вай хурад, филҳол ҷавон мегардад ва агар мариз аз вай бинӯшад, марази вай ба сиҳҳат мубаддал мегардад.

Гуфтам, ки:

– Ҳеч туҳфае дар олам аз ин беҳтару лоиқтар нест.

Бо вай ба он ҷазира рафтам ва ниҳоле ба даст оварда, рӯй ба даргоҳи оламшаноҳ овардам.

Овардаанд, ки Чиполшоҳро яке боғе буд, ки равзаи Ирам аз рашки гулу раёҳинаш сад ҳазор доғи оташин аз лолаҳои рангин бар сина дошт ва аз ҳасрати болои раънои дарахтони нозанинаш ҳар тараф дуди оҳе аз сарви саҳӣ бармеафрошт. Дарахти санавбари фирдавси баринро аз ҳаваси шамшоди он ҳадиқаи ҷаннатойин нохуни ҳасрат дар дилу пойи ҳайрат дар гил буд. Боғбонро талаб намуда, фармуд, ки ин ниҳолро, ки самараи он мусмири сармояи ҷавонӣ ва мусталзими ҳаёти ҷовидонист, дар он равзаи ҷаннатосо тарбияту парвариш намояд. Пири боғбон он ниҳолро монанди алиф дар миёни ҷон нигоҳ медошт, то ба андак замоне чунон нашву намо ёфт, ки шоху болаш сар ба авҷи Сурайё кашид ва беху решаи печдарпечаш дар таҳтуссаро бар пушти гову моҳӣ расид, то баъд аз чанд сол ин ниҳол дар бор омад ва меваи ӯ пухта гардид. Иттифоқан, як меваащ пухтаву муҳарро гашта, бар замин афтода буд ва море бар вай расида, дандон дар вай фурӯ бурда ва заҳр дар вай рехта. Боғбон онро надониста, бар табақ ниҳода, пеши подшоҳ овард. Подшоҳ, ки он меваро дид, хост, ки филҳол онро бихӯрад ва зиндагонӣ аз сар гирад. Вазире дошт, гуфт:

– Шоҳо, подшоҳонро дар амсоли ин чизҳо тааммул воҷиб ва лозим аст, то ин меваро имтиҳон нафармоянд, тановул нанамоянд.

Алқисса, он меваро ба яке аз мулозимони худ хӯронид. Хӯрдан ҳамон буду ҷон супурдан ҳамон. Подшоҳро ҳолати аҷабе шуд ва тӯтиро гуфт:

– Эй бадбахт, ту бо ман инчунин душманиву ғадре мекунӣ ва бад-ин навъ қасд менамоӣ?

Ҳарчанд тӯтӣ гуфт, ки шоҳ дар ин боб тааммул ва тафаҳҳус намояд, ки аз ман ин дағову дағале наёмада, то дар ин чӣ гуна амре воқеъ шуда бошад. Ҳарчанд гуфт, ба ҷое нарасид. Ва фармуд, то он тӯтиро бикушанд. Ва баъд аз он подшоҳ фармуд, то он дарахтро барканеду бисӯзед.

Вазир гуфт:

– Шоҳо, ин мева низ дар хазинаи подшоҳ даркор аст аз барои дафъи душман доруе беҳ аз ин нест. Фармоед, ки онҳоро нек забт намоянд.

Боғбонро талабиданд ва [бо вай] гуфтанд, ки он мева заҳри қотил аст, воқиф бош, ки касе нодониста он меваро нахурад.

Боғбон аз вай бохабар буд [ва] ҳар кас ба боғ меомад, ӯро хабар мекард, [ки] «зинҳор аз он мева нахурӣ». Иттифоқо, вайро мусоҳибе буд, пир гашта, қомати вай монанди камон хам гардида, ба гашти он боғ омад. [Он] боғбон набуд, вай дар боғ сайр мекард, ба пеши он ниҳол расид, дид, ки хуш меваҳои пухтаи хуб, лоиқи дандони вай. Аз он меваҳо тановул кард, филҳол ҷавон гардид. [Аз ҳоли худ] мутааҷҷиб гашта, рӯй ба дари боғ ниҳод. Боғбон дид, ки ҷавоне аз пешони боғ мехиромад, дар хашм шуд ва ба ҷониби вай равон гардид. Гуфт:

– Туро кӣ дар ин боғ гузошта?

Он ҷавон гуфт:

– Эй бародар, ман фалон касам.

Гуфт:

– Чӣ номақул мегӯӣ! Ӯ марди пир асту ту ҷавон.

Гуфт:

– Эй бародар, ман дар пешони боғ меваҳо дидам ва аз он хӯрдам, маро ин кайфият пайдо шуд. Филҳол боғбон он ҷавонро бо табақ аз [он] меваҳо ба пеши подшоҳ бурд ва воқеаро арз кард. Подшоҳ боз имтиҳон фармуд, маълум шуд, ки тӯтӣ рост мегуфта ва дар он мева як сурате воқеъ шуда буда. Аз боғбон пурсид, ки:

– Ту он меваро аз дарахт канда будӣ ё аз замин бардошта будӣ?

Гуфт:

– Аз замин баргирифта будам.

Маълум шуд, ки мор дар вай заҳр рехта буда ва тӯтӣ бегу-

ноҳ буда. Баъд аз он подшоҳ аз куштани тӯтӣ пушаймон шуд ва ҳамаи умр мегирист, пушаймонӣ суд надошт. Акнун, эй шоҳ, [агар дар куштани ман суръат намоед, бешак] шуморо низ ҳамон пушаймонӣ даст хоҳад дод.

Подшоҳ чун ҳикоятро истимоъ намуд, дар сиёсати ман таваққуф фармуд [ва] боз маро ба зиндон фиристод. [Байт]:

Рӯзи дигар, к-ин ҷаҳони пурғурур
Ёфт аз сарчашмаи хуршед нур,

боз он ҷамоат маро [ба] пеши подшоҳ оварданд ва фарёд карданд, ки:

– Эй подшоҳ, агар доди моро намедиҳӣ, моему даст дар домани [ту] дар арсагоҳи қиёмат занем. Чаро дар қисоси хуне таъхир мекунӣ?

Подшоҳ боз мехост, ки ҳукм ба қисос фармояд, ки боз бархостаму ба зону даромадам ва гуфтам, ки:

– Шоҳо, ба сухани ин муддаиён инони ихтиёрро аз даст мадеҳ ва дар ҳаққи ман ин гумон мабар, ки ман аз ин мубарро ва муарроям. Ва ин дар бораи ман ифтиро аст, мабодо ки хатое кунӣ ва солҳо дар таассуфу надомати он дармонӣ. Ва аз таъҷил, ки алъаҷалату минашшайтони дар пушаймониву надомат афтӣ, чунончи Марзбони Ироқӣ, ки зани худро ва бародари худро ба гуфти ғуломи наммом бикушт ва то зинда буд, аз он андуҳу пушаймонӣ берун намеомад. Сулаймоншоҳ гуфт:

– Он кадом аст?

Гуфтам:

– Овардаанд, ки дар вилояти Ироқ хоҷае буд, моли бисёру сарвати бешумор дошт. Рӯзе ба бозор даромад, то аз барои худ ғуломе харад. Ғуломе дид, бағоят соҳибҷамол. Чун ӯро аз соҳибаш харидорӣ намуд, гуфт:

– Ин ғуломи ман як айб дорад, ки наммому суханчин аст, дигар ҳеч айб надорад.

Хоҷа гуфт:

– Саҳл аст, дурӯғгӯӣ ва наммомии ғулом чӣ хоҳад буд?

Зар бидоду он ғуломро бихарид ва ба хона овард. Он хоҷа канизаке сарвқомате, офтобталъате, анбармӯе дошт, ки сарви озод пеши қомати ӯ фурӯ мондӣ ва гулу раёҳин аз рашки оразi ӯ арақи шабнам бар рӯ овардӣ. Ин ғуломро ба он канизак

алоқаи таашшуқе пайдо шуд. Баъд аз чанд гоҳ ин [ғулом] ба баъзе аз мусоҳибони хоҷааш ин розро дар миён ниҳод ва он канизакро талабид. Хоҷааш дар он боб таааллуле менамуд. Он ғулом бибии худро монеи ин амр медонист. Аз бибӣ кина дар дил гирифт ва шабу рӯз дар фикри он буд, ки бибии худро аз суҳбати хоҷа дуру маҳҷур созад, то он ки рӯзе дар хона ба ғайр аз бибӣ ва ғулом ҳеч кас набуд. Ғулом замон-замон табассуме мекард ва саре меҷунбонид. Он аврат чун онро бидид, аз вай истифсор намуд. Гуфт:

– Эй бибии валинеъмати ман,

Чӣ гӯям, ки ногуфтанам беҳтар аст,
Забон дар даҳон посбони сар аст.

Яке сиррест ва яке рамзест, ки ман мушоҳида кардаам, ки [мисраъ]:

Гуфтан наметавону нуҳуфтан наметавон.

[Гуфтан бинобар он ки] метарсам, ки бетоқат шавед ва онро фош гардонед ва нуҳуфтан бинобар он ки маро бар шумо раҳм меояд, мабодо ки агар нагӯям, амре ба вуқӯъ ояд, ки шумо ба он дармонед.

Бибӣ, ки инро шунид, бетоқат гардид ва ба ғилозу шидод савгандҳо хӯрд, ки ин розро фош намегардонам. Ғулом гуфт:

– Эй бибии ман, маълуми шумо бод, ки хоҷаи ман дар ҷое таъаллуқе пайдо карда ва кор ба ҷое расидааст, ки дам ба дам аст, ки ба он маҳбуб дасти тараб дар оғӯш мекунад ва шуморо билкуллия фаромӯш гардонда.

Зан, ки ин суханро шунид, оташи ғайрат дар синаи вай афрӯхтан гирифт ва ашки надомат бар рухсораш рехтан гирифт. Гуфт:

– Эй ғулом, раҳмат бар ту бод, ки маро хабар кардӣ ва ҳаққи намак ба ҷой овардӣ. Акнун ман донам, ки бар вай чӣ мекунам.

Ғулом гуфт:

– Эй бибӣ, маслиҳат нест, ки шумо изҳори ин маънӣ намоед ва сари ин роз бигшоед, зеро ки сабаби ҷангу низоъ мешавад [ва] хоҷа дар таассуб меафтаду ба он кор бештар майл менамояд.

Бибӣ гуфт:

– Эй ғулом, чӣ созам, ки маро тоқат намонда.

Ғулом гуфт:

– Эй бибии валинеъмати ман, тадбири ин кор бикунам. Шумо бояд, ки вақте ки хоҷа дар хоб бошад, устураи тезе баргиред ва [ду] мӯй аз зери гулӯи хоҷа бибуреду ба ман диҳед, то ман бар он афсуне хонам ва риштаи ҷони хоҷаро ба муҳаббати шумо чунон пайванд созам, ки монанди мӯй бар оташи муҳаббати шумо дар печутоб шавад.

Бибӣ гуфт:

– Эй ғулом, агар ту ин кор кунӣ, ҳар чӣ матлубу муддаои ту бошад, раво гардонам.

Ғулом устураи тезе бар вай дод ва аз хона берун рафту хоҷаи худро пайдо карду пеши вай омада, худро малул гирифт. Хоҷа чун асари малол дар ғулом бидид, аз вай пурсид, ки:

– Эй ғулом, сабаб чист, ки туро чин дар чин мебинам ва [туро] малулу ғамгин меёбам?

Ғулом дар гиря шуду гуфт:

– Эй хоҷа, [байт]:

Дардест дар дилам, ки гар аз пеши оби чашм
Бардорам остин, биравад то ба доманам.

Аҷиб қазияеву ғариб воқеае! Гуфтани вай мӯҷиби фитнаву ғавғост ва нуҳуфтани он мусталзими меҳнату бало. Алқисса, ман чунин маълум кардаам, ки бибӣ аз шумо баргаштааст ва дил дар ишқи бародари шумо баста ва ҳар ду ба ҳам иттифоқ кардаанд ва камар ба хуни шумо бастаанд. Ман инро аз он ҷо мегӯям, ки як рӯз бародари шуморо дидам, ки ба дасти вай устураи тезе дод ва бо ҳам ҳикояти бисёр гуфтанд. Баъд аз чанд рӯз шумо дар хоб будед, ман дидам, ки бибӣ устураи тез аз остин бароварду даст ба зери гулӯи шумо бурд, шумо ҳаракате кардед, филҳол боз вай устура дар остин пинҳон кард.

Хоҷа чун ин сухан бишнид, бағоят мутараддид гардид. Гуфт:

– Эй ғулом, раҳмат бар ту бод, ки маро бар ин амр муттолеъ гардонидӣ.

Ва хоҷа дар мақоми имтиҳон шуду ба хона даромад ва аврати худро гуфт, ки:

– Ман имрӯз гаронӣ дар худ дармеёбам ва хоб бар ман ғалаба карда, бистар бияндоз, ки соате истироҳат кунам.

Ин бигуфту сар ба болин ниҳод [ва] худро ба хоб сохт, аммо ба чашми сар ҳозиру нозир [ва] ба гӯшаи чашм назора менамуд. Зани мазлуми фақир гумон бурд, ки вай дар хоб гаштааст, филҳол устураро аз остин бароварду даст ба зери гулӯи шавҳари худ дароз кард, [ки он] хоҷа барҷасту сари дасти ӯро бо устура бигрифту гуфт:

– Эй бадбахт, чӣ мехостӣ, ки кунӣ?

Ва ӯро маҷоли сухан надоду сари ӯро гӯш то гӯш бурид ва баъд аз он ба дари хонаи бародари худ омад ва ба хонаи худ бурду он фақири бегуноҳро низ ба қатл расонид. Фитнаву ошӯб бархосту авлиёи он зан хоҷаро азобҳо карданд ва басе зару моли вай талаф гардид. Баъд аз чанд гоҳ, ки аз он тафриқаҳо вопардохт, ба хонаи худ омада, ҷамеи фарзандонро дид, гарди ятимӣ бар рухсори эшон нишаста ва рангҳои эшон шикаста, бо рӯҳҳои зарду дилҳои пурдард пеши падар давидаанду навҳаву фарёду фиғон баркашиданд ва ғиреву нола ба чархи асир расониданд. Он хоҷа аз ғусса наздик буд, ки корде бардорад ва худро ба онҳо мулҳақ гардонад, аммо худ кардааст, ҳеч чораву тадбир набуд, то баъд аз чанд гоҳ хоҷа он канизакро ба никоҳи он ғулом даровард. Шабе хоҷаро хоб намебурд, аз дарди дили фарзандони худ бетоқат шуда, аз хона берун омад. Гузораш ба дари хонаи он канизаку ғулом афтод. Овози гуфтугӯи эшон ба гӯши вай расид. Гӯш дошт ва истироқи самъ намуд. Канизак оҳи дарднок баркашиду гуфт:

Дареғ аз он бибии валинеъмати ман, ки хоҷаи ман ӯро ба ҷавру ситам ҳалок кард.

Ғулом табассуме карду гуфт:

– Эй фалонӣ, сабаби куштани бибӣ ту шудӣ.

Канизак гуфт:

– Вовайло, чӣ мегӯӣ ва ин чӣ сухан аст?

Аз ғулом дар мақоми тафаҳҳус шуд, ки ин [сухан] чӣ маънӣ дорад?

Ғулом гуфт:

– Бар зан эътимоде нест, мабодо ки ту ин розро фош гардонӣ.

Канизак савгандҳо хӯрд, ки [ман] изҳори он нанамоям.

Ғулом воқеаро батамом ба он канизак шарҳ дод. Хоҷа ин

ҳикоят батамом истимоъ намуд, донист, ки ғулом макре карда будааст ва он заъифаву бародараш бегуноҳ будаанд. Гиребон дариду фарёд кардан оғоз кард ва ҳамаи умр дар он ғаму андуҳ буд [ва] ангушти надомат ба дандони ғаромат мегазид. Чора надошт. [Акнун], эй подшоҳ, ту низ мулоҳиза кун, ки мабодо баъд аз куштани ман туро инчунин пушаймонию надомат ҳосил шавад.

Чун ин ҳикоятро ба арз расонидам, подшоҳро риққате падид омаду бисёр бигрист, Рӯй ба муддаиён карда, гуфт:

– Дар ин қазия аз рӯйи мӯҷиби шаръи Муҳаммадӣ таҷовуз наменамоям.

Эшонро гуфт, [ки] руҷӯъ ба шаръ намоянд, агар ин амрро бар вай исбот намоед, баъд аз он ман ҳукм фармоям.

Алқисса, ба давлати шариати Муҳаммадӣ аз он қисоси ноҳақ халос гардидам. Аммо муддати ҳафт сол дар ҳабсу зиндон бимондам. Он ғулом, ки ҳасудро кушта буда, ҳазрати Рисолат[ро], саллаллоҳу алайҳи вассаллам, дар хоб дидаву гуфтаанд:

– Эй ғулом, он ҳасуди бадбахтро ту куштаӣ ва Некройи бегуноҳ муддати ҳафт сол аст, ки маҳбус аст. Акнун, агар умед ба шафоати ман дорӣ, бирав ва ин воқеаро пеши подшоҳ бознамой.

Он ғулом ба пеши подшоҳ омаду он қиссаро батамом шарҳ дод.

Чун бегуноҳии ман бар подшоҳ ва ҳамаи [аҳли] лашкару кишвар зоҳир шуд ва собит гардид, подшоҳ маро аз зиндон баровард ва ба либосҳои хоссаи худ мушарраф сохт ва узрхоҳии бисёр намуду боз ҳамон мансабро ба ман тафвиз намуд. Беҳақиқатии аҳли олам ва бемурувватии эшонро дониста будам, сар ба он фуруд наёвардам ва ҳиммате варзидаму ҳамаро пушти по зада, бисоти танаъъум дарнавардидам ва дар гӯшае мунзавӣ гардидам. Подшоҳ маро аз ҳад берун таклиф менамуд ва [маро] ба ҳоли ман намегузошт. Бинобар он ман он вилоятро бозгузошта, дар ин биёбон бо даду дом унс гирифтаам ва мегӯям, ки:

Узлате хоҳам, ки гар чархи фалак чун гирдбод
Хокдони даҳрро безад, наёбад гарди ман.

Нуъмоншоҳи Яманӣ чун ин ҳикоятро шунуд ва ин мақолатро истимоъ намуд, гуфт:

– Эй Некрой, ба иззати он Худованде, ки ҳаждаҳ ҳазор олам дар қабзаи қудрати ӯст, то замоне ки зинда бошам ва маро қуввату қудрати он бошад, [ки] бо ту мухталит ва мусоҳиб бошам, аз ту як замон ҷудову маҳҷур набошам; зинҳор, ки ин сухан магӯй ва оҳани сард макӯб ва хотир бар мусоҳибати ин фақир қарор деҳ, ки ҳар навъ ройи ту муқтазои он бошад, ҳаргиз як сари мӯй аз он инҳироф нанамоям.

Ҳарчанд, ки Некрой мумониат намуд, вай дар муболиғат афзуд, то он ки ба ҳукми аззаруроту тубиҳу-л-маҳзуроти онро қабул намуд. Ногоҳ сипоҳи нусратпаноҳи зафарқарин, ки дар талаби Нуъмоншоҳи Яманӣ мутараддид буданд, расиданд ва подшоҳ Некройро ба навъе бардошту эъзозу икром ба ҷой овард, ки аҳли лашкар ҳайрону вола шуданд.

Чун Нуъмоншоҳ ба мустақарри хилофат бозгашт, бо Некрой тарҳи мухолатат мусоҳибат андохт. Аз вай чандон осори ақлу фаросат ва диёнату киёсат эҳсос намуд, ки [ӯро] мусташору муътамани худ сохт.

Овардаанд, ки подшоҳро мулозиме буд дар ғояти тақарруб, ки нафси нотиқаи вай буд, подшоҳ бе вуқуфи вай ба ҳеч коре мубодират наменамуд. Чун дид, ки кори Некрой рӯз ба рӯз рӯй дар тараққӣ дорад, оташи ҳасад дар конуни синаи вай иштиол ёфт, ба сӯйи водии тааммулу тафаккур шитофт, бо худ гуфт: «Агар ин шахс бар ин минвол монад, моро ҳеч қадреву қимате намонад, тадбире бояд кард, ки ӯро аз назари подшоҳ бияндозам ва аз мулозиматаш дуру маҳҷур созам».

Рӯзе подшоҳ дар хилвате нишаста буд, бо вай аз ҳар бобе сухане дарпайваста. Ҳикоят бад-он ҷо расид, ки баъзе аз одамиён аз қабили онанд, ки эшон қобили риояту [лоиқи] тарбияти подшоҳ нестанд. [Байт]:

Партави некон нагирад, ҳар кӣ бунёдаш бад аст,
Тарбият ноаҳлро чун гирдакон бар гунбад аст.

Подшоҳ пурсид, ки:

– Ғараз аз ин ҳикоят чист?

Гуфт:

– Шоҳо, ман вақте ифшои ин роз менамоям ва қуфл аз да-

ри дурҷи ин асрор мегушоям, ки ҳазрати подшоҳ, хуллида мулкуҳу, шарт фармоянд, ки ҳикояти маро камоянбағӣ тафаҳҳусу тафтиш намоянд ва хатти бутлон бар ҳадиси ман накашанд ва теғи сиёсат кашида, маро бегуноҳ накушанд.

Подшоҳ бар вифқи муддаои вай ӯро мустаъман гардонид ва муставсақ сохт. Гуфт:

– [Шоҳо], ба ҷон зинҳор, ки ин дарвеши бадкешро, ки шумо Некрой мехонед ва ӯро паҳлуи худ менишонед ва ӯро маҳрами асрору кошифи астори худ гардонидаед ва воқиф бар сароири замоири худ сохтаед, [вай] шуморо ғийбат мекунад ва айбе, ки зоти покизасифоти малаксимоти шумо аз он бариву орӣ аст, бар шумо исбот мекунад ва мегӯяд, ки аз димоғи подшоҳ бӯйи баде зоҳир мешавад, ки ман аз он бисёр ба тангаму бағоят ранҷу азоб мекашам. Ва ҳамвора, дар вақте ки [шумо] бо вай роз мегӯед, ӯ остин бар даҳони худ мегирад.

Подшоҳ бар мисоли ғунча сар ба ҷайби таҳайюр фурӯ бурд ва бар худ бипечиду гуфт, ки:

– Ман ӯро марди салимуннафсу саҳеҳулқавл эътиқод доштам ва ӯро дар ин мартаба хабистабъ намепиндоштам; вай чӣ гуна инчунин ифтирову кизбе сареҳ дар ҳаққи ман мегуфта бошад?

Он ҳасуди бадбахт гуфт:

– Шоҳо, ҳақиқату фитрати касеро ба осонӣ наметавон донист ва муталлеъ бар моҳияти касе гардидан дар камоли душворист.

Ба як-ду рӯз зи аҳволи кас тавон донист,
Ки то куҷош расидаст пойгоҳи улум.
Вале зи ботинаш эмин мабошу ғарра машав,
Ки хубси нафс нагардад ба солҳо маълум.

Подшоҳ гуфт:

– Ин амри ғарибу сурати аҷиб аст, маро бовар намеояд.

Он ҳасуди бадбахт дасторро аз сар бардошту сар бар замин ниҳоду гуфт:

– Ҳазрати подшоҳ, дома мулкуҳу, вайро имтиҳон фармоянд, агар сухани ман хилоф воқеъ шавад, ҳар уқубате, ки фармоянд, сазовор бошам.

Он бадбахти [малъуни] сиёҳрӯй ва матруди мардуди

дурӯғгӯй аз пеши подшоҳ берун омад ва дар хонааш, ки бар сари роҳи Некрой буд, биистод. Чун он номурод расид, филҳол пеш давиду изҳори тамаллуқу гармхӯӣ намуду гуфт:

– Бошад, ки ба юмни қудуми шарифи худ хонаи фақиронро мушарраф гардонед.

Некрой аз камоли лутфу хулқе, ки дошт, даъвати вайро қабул карда, ба хонаи вай даромад. Он малъун таоме пухту дар вай сири хом бисёр омехт ва пеши Некрой оварinternal. Чун он таомро чашид, таъому-л-асим[1] калмуҳли яғлӣ фил-бутуни[2] кағалийи л-ҳамими[3] ба хотираш расид, аммо аз хотири мизбон чора надид ва аз таом тановул кард. Ба хотир қарор дод, ки он рӯз ба мулозимати [подшоҳ] наравад. Чун аз хона берун омад, қосиде аз пеши подшоҳ омаду гуфт, ки:

– Подшоҳ туро талабидааст.

Некрой ҳеч маъзарате наёфту ба ноком ба даргоҳи олампаноҳ шитофт. Чун ба мавзеи маъҳуди худ қарор гирифт, подшоҳ сар ба пеши вай овард, ки бо вай роз гӯяд ва ҳозиру нозир, ки [осор]у аломати сухан, ки шунида аз вай ба зуҳур меояд ё на.

Некрой чун дид, ки подшоҳ сар ба пеши вай фуруд овард, бо худ гуфт, ки: «Оҳ, чӣ чора кунам, ки чунин таоми мунтине хӯрдаам ва бӯйи нохуш аз даҳони ман меояд, алиёзубиллоҳ, ки ин бӯй ба машоми подшоҳ расад, аз ману суҳбати ман мутаваҳҳиш гардад» – ва аз барои дафъи бӯйи даҳони худ остинро бар даҳон гирифт. Подшоҳ чун онро бидид, сухани он наммоми бадбахт бовараш омад ва аз вай ба ҷон ранҷиду бисёр бар худ бипечид, аммо чунон накард, ки кас бар он мутталеъ шавад. Бо вай оғози мулоимату изҳори илтифот намуду гуфт:

– Эй Некрой, муддати мадид[ва аҳди баид] аст, ки бар ин остон ба қадами хидмату иститоат истодаӣ ва вазоифи хидматгориву шароити бандагӣ ба тақдим расонидаӣ, аммо инъому икроме, ки муносибу лоиқ буда бошад, воқеъ нагаштааст. Имрӯз ба хотир чунон расида, ки туро ба навъе навозишу пар-

[1] Қуръон, сураи 44, ояи 44.
[2] Қуръон, сураи 44, ояи 45.
[3] Қуръон, сураи 44, ояи 46.

вариш намоям, ки то даври даввор бошад, дастуруламали подшоҳони комгору хусравони номдор гардад.

Овардаанд, ки подшоҳро дар даҳфарсангии шаҳри Яман қалъае буд, ки онро қалъаи Суълук мегуфтанд ва подшоҳ онро ба яке аз муътамадони худ супурда буд. Подшоҳ давоту қалам талабиду ба кутволи қалъа руқъае навишт, мазмун он ки: «Оварандаи мактуб ҳар гоҳ, ки расад, филҳол сари ӯро аз тан ҷудо карда, ба пояи сарири аъло фиристад ва як сари мӯй дар он тааллулу тақсир ҷоиз надорад». Ва он китобат навишта, ба муҳри худ расониду бипечид ва риштае дар вай баста, муму муҳр карда, ба Некрой доду гуфт, ки:

– Маро сандуқи ҷавҳарест, ки аз падар мерос расидааст, ки дар хазоини ҳеч подшоҳе мисли он ҷавҳар набудааст. Имрӯз баҳри карами мо мавҷ бар авҷи бахшиш расонида, онро дар домани муроди ту андохт. Ин руқъаро бигиру ба пеши кутволи фалон қалъа бар.

Некрой хушҳол гашта, аз пеши подшоҳ хиромон берун омаду Худойро шукр мегуфт ва ғофил аз он ки дар он руқъа навишта чист. Ногоҳ он ҳасуди мардуд ба вай расиду ӯро хушҳол дид, сабаб пурсид. Гуфт:

– Подшоҳ дар мақоми банданавозӣ ва заррапарварӣ шудаанд ва мактубе навиштаанд ба кутволи фалон қалъа ва дурҷи дурре ба ман инъом фармудаанд.

Он малъун, ки ин ҳикоят шунид, дурҷи дилаш монанди миҷмар пур аз ҷамароти оташи ҳасад гардид ва дуд аз конуни синаи [пуркина] баркашиду алами оҳ бароварда, димоғи савдоии ӯро чун дили пурғили вай сиёҳу торик гардонид. Бо худ гуфт: «Оҳ, [ин] тадбири ман мувофиқ ба тақдир наяфтоду ин андеша, ки кардам, ҳеч коре нагушод. Акнун кори вай рӯй дар тараққӣ ниҳод. Чӣ созам ва чӣ макру ҳила пардозам?» Бо худ гуфт: «Ҳеч беҳтар аз он нест, ки ин руқъаро ба тадбир аз вай биситонаму онро ба кутвол расонам ва он ганҷро гирифта, фирор намоям ва ӯро аз ин давлат маҳрум созам». Бо вай гуфт:

– Эй бародар, маро дар он қалъа [муҳимми] зарур аст. Чанд рӯз аст, ки аз подшоҳ иҷозат талабидаам ва имрӯз мехостам, ки биравам. Агар ин хидматро ба ман фармоӣ, ман ба ҷон миннатдорам ва ин хидматро камоянбағӣ ба ҷой орам ва ин амонатро бе шоибаи хиёнат таслим намоям.

Некрой гуфт:

– Эй азиз, ин ба ғояти карам аст, ки дар бораи ин фақир ба ҷой меоред. Чун ин хидматро бигузорӣ, ман низ он чи қоидаи дӯстиву ёрӣ аст, ба тақдим расонам.

Ҳосил, ки он руқъаро гирифту ҳамчун бахтбаргаштае худ рӯй бад-он қалъа ниҳод. Чун он руқъаро кутвол баргушоду мутолиа кард, фамуд, ки ҷаллодро талабед. Он мардакро ҳолати аҷибе шуд. Гуфт:

– Ҷаллодро чӣ мекунед?

Гуфтанд:

– Сари туро [аз тан] ҷудо карда, пеши подшоҳ мефиристем.

Гуфт:

– Вовайло, ин чӣ суханест! Ман аз пайи дурҷ омадаам.

Кутвол он хатро ба вай намуд. Чун мазмунро бидид, котиби қазо сиҷилли умри ӯро дарнавардид. Гуфт:

– Эй амир, ин хат аз ман нест, аз каси дигар аст, дар ҳақиқат ман дорандаи ин мактуб нестам; агар гӯянд, ман ҳамин дам соҳиби хатро ҳозир созам.

Ҳоким гуфт:

– Муҳмал магӯй!

Ва ҷаллодро ҳукм кард, ки ӯро гардан зад ва сари ӯро филҳол ба пеши подшоҳ фиристод.

Чун қосид сари ӯро пеши подшоҳ овард, назар кард, дид, ки сари надими вай аст. Подшоҳ ангушт ба дандон газидан гирифту гуфт:

– Субҳоналлоҳ, ин чӣ амри булаҷаб аст! Ман ин хатро ба каси дигар дода будам. Боре, Некройро талаб намуд ва кайфияти ҳолро пурсид. Некрой ҳоли худро ва мусоҳибати ӯро ва хӯрдани таоми ӯ ва остин бар даҳон монданро ба тамомӣ шарҳ дод. Подшоҳро маълум шуд, ки он ҳасуд дар ҳаққи вай макру ғадре карда будааст. Худойро шукри бисёр гуфту Некройро узр[хоҳии] беҳад намуд.

Алқисса, чун Шайх Буалӣ ин ҳикоятро гуфт ва ин дурри маърифат суфт, Яминуддавла фармуд, ки бар замири мунири офтобтанвири ҳакими рӯзгор ва файласуфи номдор махфӣ ва маҳҷуб нахоҳад буд, ки ба ҳукми ан-носу маҷзийюна биаъмо-

лиҳим ин хайран фахайран ва ин шарран фашарран[1] ҳар кас ба ҷазову сазои амал расида ва мерасад, аз ин андеша намебояд кард. [Байт]:

Ҳар кӣ ӯ нек мекунад ё бад,
Неку бад ҳар чӣ мекунад, ёбад.

Ин аҳсантум аҳсантум лианфусикум ва ин асаътум фалаҳо[2]ва ло яҳику-л-макру-сиййму-илло биаҳлиҳи[3]

Ту бо Худойи худ андоз кору дил хуш дор,
Ки раҳм агар накунад муддаӣ, Худо бикунад[4].

– Эй ҳаким, дар адами ихтилоти ман баҳона маҷӯй ва маъзарат магӯй, ки ба муқтазои иннама-л-аъмолу бин-нийёти [ки] ҳадиси Пайғамбар аст, саллаллоҳу алайҳи вассаллам, дигар он чи дар мулозимати салотину хавоқин ҳосил мешавад, дар ғайри он муяссар ва муҳассал намегардад. Ва дар кутуби муътабар мастур аст, ки бисёр аз авлиёи кибор дар хидмати салотин будаанд.

Чунончи манқул аст, ки азизе дар мулозимати подшоҳе мансаби асасӣ ихтиёр карда буд. Ҳазрати Хоҷаи Хизр, алайҳиссаллоту вассалом, бо вай мусоҳиба мекард. Бо худ андеша кард, ки бо вуҷуди он ки ман муртакиби чунин амри хабисе гашта[ам], Хизр, алайҳи-с-саллот ва-с-салом, бо ман мусоҳибату ихтилот мекунад. Агар ман тарки ин шева кунам ва дар кунҷи савмаа нишинам, қиёс чунон аст, ки Хизр аз мусоҳибати ман муфориқат нанамояд. Бинобар ин, тарки ин амр карда, дар гӯшае мунзавӣ гардида, ба тақвову риёзату ибодат машғул гардид ва муқайяд гашт. Муддати мадид баргузашт ва Хизр, алайҳиссалом, бар вай зоҳир нашуд. Гуфт:

– Уҳ, чӣ кор кардам ва аз ман чӣ амал воқеъ шуда бошад, ки монеи суҳбати он бузургвор шуда бошад?

Баъд аз муддате боз ба амали худ муовадат намуд; ҳамон рӯз ҳазрати Хизр, алайҳиссалом, бар вай зоҳир шуд. Он

---

[1] Ба мардум бо амалҳояшон ҷазо ва подош дода мешавад, агар хайр бошанд, подоши хайр ва агар бад бошад ҷазои бад.

[2] Қуръон, сураи 17, қисмате аз ояи 7. Агар нек кунед, барои худ кардаед ва агар бад кунед, барои худ кардаед.

[3] Қуръон, сураи 35, қисмате аз ояи 43. Макри бад фуруд намеояд, магар ба (сари) аҳли худ.

[4] Ин байт нақли қавли Қуръон аст.

дарвешро ҳайрате шуд, ки ин чӣ навъ амри булаҷабест! Ба Хизр, алайҳиссалом, изҳори ин намуд. Хоҷа фармуданд, ки:

– [Эй] дарвеш, ту мапиндор, ки мо аз барои тоату ибодат ба ту ихтилот мекардем, Худойро бандагоне ҳастанд, ки ба навъе бандагиву ибодат мекунанд, ки агар ту ҳазор сол ибодат кунӣ, ба эшон баробарӣ натавонӣ кард ва эшон дар орзуи суҳбати ман будаву мебошанд ва ман ба эшон ихтилот намекунам ва мусоҳибати ман бо ту аз барои он буда, ки дар мулозимати подшоҳ баъзеро, ки бар эшон туҳмате воқеъ мешавад, ту дар мақоми таҳқиқу тафтиши он мешавӣ ва ӯро аз уқубати подшоҳ халос мегардонӣ, ин амр писандидаи мо буд.

– Эй ҳаким, аз суҳбати ман иҷтиноб макун ва аз ихтилоти ман эҳтироз манмой, ки ба имдоду муованати якдигар муҳиммотро мукаммал созем. Ту мутафаҳҳису ҳозир мебош ва муҳиммоти халоиқро таҳқиқ карда, ба ман арз намой. Ман низ ба истисвоби ту кифояти муҳиммоти эшон намояму бисоти адолату насафат баргушоям. Эй ҳаким, он ҳикоятро шунидаӣ, ки дар «Тазкирату-л-авлиё»-и Шайх Фаридуддини Аттор мастур аст, ки яке аз муридони Шайх Шақиқи Балхӣ ба тавофи Каъба эҳром баста буд. Чун аз шайхи худ рухсат талабид, шайх фармуданд:

– Бояд, ки аз роҳи Бағдод равӣ ва Ҷунайдро зиёрат кунӣ. Он мурид қабул карда, мутаваҷҷеҳ гардид. Чун ба Бағдод расид, ба хонаи Ҷунайд омад. Гуфтанд:

– Ба хидмати халифа рафта.

Дарвешро [инкоре] ба хотир афтода, ки Ҷунайдро аз авлиёи кибор мешумуранд, валиро ба хидмати халифа чӣ кор? Дар ин тахайюлу андеша буд, ба бозор даромад. Иттифоқан, дузде гурехта буда ва ҷамъе дар пайи вай муддате мутарассиду мутароққиб будаанд, он дарвешро, ки диданд, гумон бурданд, ки дузд вай аст ва ба ғалат ӯро гирифта, дасту гардан баста, ба даргоҳи подшоҳ оварданд ва кайфият боз намуданд. Халифа ҳукм фармуд, ки дасти ӯро бибуранд. Чун ӯро берун бурданд, Шайх Ҷунайд, раҳматуллоҳи алайҳ, дар маҷлис буд; бар вай зоҳир шуд, ки ин дар ҳаққи вай туҳмат аст. Ба подшоҳ гуфт, ки:

– Ин шахс гуноҳе надорад ва ин дар ҳаққи вай туҳмат аст.

Халифа фармуд, ки:

– Чун бегуноҳии вай бар замири мунири шумо собит гашта бошад, ӯро халос фармоянд.

Шайх [ба таъҷил] берун омаданд. Дар вақте буд, ки дасти ӯро ба чӯб баста буданд ва ҷаллод мехост, [ки] теғ ронад, Шайх расиду наъра зад, ки:

– Эй ҷаллод, даст нигоҳ дор!

Ва ӯро манъ карду дасти он дарвешро гирифта, аз он уқубат халос гардониданд. Баъд аз он шайх фармуданд, ки:

– Эй дарвеш, аз барои инчунин маслиҳатҳо мулозимати подшоҳро ихтиёр кардаем, ки дасти бегуноҳон бурида нашавад.

Он дарвеш дар пойи шайх афтоду узри бисёр хост ва тавба намуд.

Алқисса, Абуалиро ҳуҷҷате намонду мулозиматро қабул намуд.

Овардаанд, Насри Сомонӣ фармуд, ки аз барои Абуалӣ курсие сохтанд ва онро мурассаъ ва мукаллал карда, ба ҷавоҳиру явоқит пардохтанд ва шаддае аз марворид дар пеши он курсӣ овехтанд ва он курсиро бар дасти рости худ муқаррар фармуд. Абуалӣ монанди найири аъзам, ки бар сипеҳри лоҷвардӣ як найза барояд, бар болои он курсӣ баромаду нишаст ва маҷлиси Яминуддавларо рашки фирдавси барин мегардонид. Манқул аст, ки рӯзе Абуалӣ ба Насри Сомонӣ гуфт, ки:

– Вақти мутолиаи ман саҳар аст ва дар он ҳангом ҷамоати рангрезон ба овози каданг музоҳиму мушаввиши авқоти ман мешаванд.

Яминуддавла ҳукм фармуд, ки дигар дар вақти саҳар он кор накунанд. Баъд аз чанд рӯз гуфт, ки:

– Кадангкӯбони Самарқанд маро мушавваш медоранд.

Яминуддавла тааҷҷуб намуд, ки ин чӣ навъ бувад, ки аз Самарқанд касе овози кадангро шунавад, аммо ҳеч изҳори [он] накард. Абуалӣ донист, ки Яминуддавла ин суханро бар газоф ҳамл намуд. Лекин Абуалӣ низ дар ин боб муболиға нанамуд, то баъд аз муддате гуфт:

– Дӯш овози каданг маро музоҳим набуд.

Яминуддавла фармуд, ки филҳол таърих навиштанд ва кас

ба Самарқанд фиристоданд. Хабар оварданд, ки дар ҳамон шаб калонтари рангрезон мурда будааст ва он шаб каданг назада будаанд. Чун Яминуддавла ин ҳолатро аз Абуалӣ мушоҳида намуд, эътиқоду иродати вай нисбат ба Абуалӣ бияфзуд.

Нақл аст, ки рӯзе Насри Сомонӣ фармуд, ки дар зери чаҳорпояи курсии Абуалӣ чаҳор танга ниҳоданд ва Абуалиро аз он хабар набуд. Чун омаду бар болои курсӣ нишаст, рӯй ба ҷониби осмон карду боз ба ҷониби замин нигоҳ кард ва аз рӯйи таҳайюру тааҷҷуб сар меҷунбонид. Насри Сомонӣ гуфт, ки:

– Ҳакими замонро чӣ чиз мутаҳаййиру мутааҷҷиб сохта ва дар водии тафаккуру андеша андохт?

Абуалӣ гуфт ки:

– Имрӯз инчунин дармеёбам, ки тахти ман миқдори пушти корде баланд гашта, ё осмон он миқдор паст гардида.

Насри Сомонӣ ва аркони давлаташ ба камоли ҳадсу эҳсоси вай таҳсину офарин намуданд.

Нақл аст, ки рӯзе Яминуддавла дар хонае нишаста буд, ки он хонаро чаҳор дар буд. Аз Абуалӣ савол кард, ки:

– Эй ҳаким, мехоҳам ҳукм фармоӣ, ки чун ман имрӯз аз маснади худ бармехезам, аз кадом дар берун хоҳам рафт?

Абуалӣ гуфт:

– Шоҳо, шумо дар мақоми имтиҳони манед ва қасди шумо он аст, ки маро илзом намоед. Муқаррар аст, ки ман он чи гӯям, шумо бар хилофи он хоҳед кард. Давоту қалам талабиду бар коғазпорае чизе навишту дар зери сарири Яминуддавла ниҳоду гуфт:

– Шумо бархезеду аз як дар берун равад ва дароед ва баъд аз он коғазро бигшоеду бибинед, ки мувофиқ аст ё на?

Яминуддавла гуфт:

– Эй Абуалӣ, ман аз ҳеч як аз ин дарҳо берун намеравам.

Ва бифармуд, то кунҷи хонаро, ки миёни машриқу ҷануб буд, шикоф карданд ва аз он ҷо берун рафт ва дарун омаду бар тахти худ қарор гирифт ва он коғазро бардошту нигоҳ кард. Дар вай навишта буд, ки: «Чун подшоҳ аз тахти худ бархезад, аз кунҷи хонае, ки миёни машриқу ҷануб аст, берун ояд». Яминуддавла чун ин хатро мутолиа намуд, ҳукм кард, ки зар оварданд ва бар фарқи шайх нисор карданд.

Рӯзи дигар Яминуддавла ба Абуалӣ гуфт:

– Эй ҳакими даврон, агар шумо имрӯз ҳукми қатъие фармоед, ки ман аз тахти худ, ки бархезам, аз кадом дар берун хоҳам рафт, дигар ҳамвора ҳар чӣ фармоед, бе далелу ҳуҷҷате қабул фармоям.

Абуалӣ гуфт:

– Шумо имрӯз аз он даре, ки аз қафои шумост, берун хоҳед рафт.

Яминуддавла дар хотири худ қарор дод, ки ман албатта аз он дар берун нахоҳам рафт.

Овардаанд, ки Яминуддавларо яке бабре буд муқайяди занҷири тасхир монанди паланги ғазаби подшоҳон мутаҷаббиру хунрез ва мисли шери даврон бо аҳли вафо дар кинаву ситез, саври арсаи гардунро аз анҷуму ҳилол бар шикаму паҳлу аз нештари дандону ханҷари нохунаш захмҳо будӣ ва шери бешаи сипеҳри нилгун аз ҳайбату салобати сарпанҷаи ӯ дар кунҷу бурҷе ба харчангу хӯша қаноат намудӣ. [Байт]:

Бабре, ки гуфта шери фалак бо вай аз ниёз:
Кибри паланг чист ба мо, чун саги туем?

Яминуддавла фармуд, ки он бабрро биёваранд, то дар пеши вай ӯро туъма диҳанд. Чун калларо пеши вай андохтанд, бабрбонро фармуд, то калларо аз ӯ биситонаду бо вай талош намояд. Дар маҳалле, ки бо ҳам талош мекарданд, полҳанг аз гардани бабр берун омад, халоиқ ҳама рӯ ба гурез ниҳоданд. Он бабр қасди даруни хона кард. Яминуддавла бехуд гашта барҷасту аз даре, ки қафои вай буд, берун давид ва сухани Абуалӣ рост гардид.

Манқул аст, ки дар вилояти Бухоро ҷонваре пайдо шуд, ки ҳар кас вайро медид, ҳалок мегардид ва бисёре аз одамиёну ҳайвонот арзаи талаф гаштанд. Ҳамаи уқало дар тариқаи дафъи вай мутаҳаййиру оҷиз буданд. Оқибатуламр, ба пеши Абуалӣ омаданд ва чораи кор аз вай ҷустанд. Фармуд, то сипаре аз фӯлод сохтанду онро сайқал зада, монанди оина гардониданд. Пас фармуд, шахсе онро ба пеши рӯйи худ гирифта, мутаваҷҷеҳи он ҷонвар гардид. Чун аз хосияти сурати навъияи он ҳайвон буд, ҳамчунин ки сурати худро дар он оина мушоҳида намуд, филҳол бияфтоду бимурд ва халоиқ аз он балову офат халос ёфтанд.

Ҳосил, ки Буалӣ ҳаллоли мушкилоти замони худ буд [ва] ҳар уқдаву мушкилеро, ки ақли халоиқ дар ҳалли он мутаҳаййир гаштӣ, чун пеши вай овարданд[ӣ] филҳол онро мунҷалӣ сохтӣ; ва Яминуддавла тамомии муҳиммоти худро муфавваз ба ӯ дошта буд ва аз савобдиди ӯ [як] сари мӯй таҷовуз наменамудӣ.

Чунин гӯянд, ки Яминуддавларо андак маразе ориз шуд ва дар он вақт Абуалӣ ба илми тиб шурӯъ нанамуда буд. Дар вилояти Бухоро табибе буд, ки аз камоли ҳамоқат бодинҷонро аз сувранҷон [боз]нашнохтӣ ва фарбеҳиро аз омос фарқ накарда, мардуми лаҳмониро аз фарқ то қадам тило андохтӣ, заъфи меъда ва дарди шикамро гӯшти гову фатири хом фармудӣ ва дарди чашмро ба оҳаку зирниху бодинҷони [хом] муолиҷа намудӣ; шаомати мақдам ва нуҳусати манзараш ба масобае буд, ки дасти ҳар киро гирифтӣ, аз даст рафта, аз пой дар омадӣ; ва ҳар хастае, ки рӯйи ӯ мушоҳида намудӣ, дигар рӯйи некӯӣ надидӣ. [Қитъа]:

Он ки то даъвии табобат кард,
Малакулмавт рафт назди Худо,
Гуфт: «Ман доштам яке мансаб,
Ки набуд андар он шарик маро.
Гашта пайдо кунун яке шахсе,
Ки кунад қатл бандагони туро.
Ё кун ӯро зи мансаби ман азл,
Ё маро хидмати дигар фармо».

Манқул аст, ки Яминуддавла он табибро талаб намуду аз муолиҷаи маразн худ аз вай суол фармуд. Он ҷоҳил суханони парешон гуфтан гирифт ва изҳори ҳикмату доноӣ намуд. Чун Шайх Абуалиро аз он [илм] вуқуфе набуд, ҳеч гуна дахле нанамуд.

Алқисса, он маҷлисро тамом шуғл фармуд ва Яминуддавла тамом ба вай мутаваҷҷеҳ гардид ва ба Шайх Буалӣ напардохт. Оташи ғайрат дар даруни синаи Абуалӣ барафрӯхту гуфт: «Эй дареғ, ман ин илмро наварзидаам. Илм худ ин илм будааст». Чун маҷлис мутафарриқ гашт, Абуалӣ малул ба хона рафту ба худ қарор дод, ки то ин илмро камоянбағӣ ба даст наёрад, ба маҷлиси Яминуддавла наравад. Чун баъзе [аз ма-

соили] табибӣ мавқуф аст ба самоъ ва ба қуввати табъу мутолиа, онро наметавон донист, зарурат [шуд] ба муаллиме. Шунида буд, ки дар яке аз қурои Бухоро ҳакимест бағоят доно [ва] дар илми тиб адимулмисл. Китобҳои худро бардошта, мутаваҷҷеҳ ба пеши он ҳаким шуд, ба ваҷҳе, ки кас бар он мутталеъ нашуд ва ба пеши он ҳаким рафту аз вай илтимоси сабақе намуд. Он ҳаким авсофи камолоти вайро шунида буд, тавъан ва рағбатан қабул намуд.

Овардаанд, ки чун Абуалӣ махфӣ шуд, Яминуддавларо ҳолати аҷибе даст дод ва дар талабу тафаҳҳуси вай саъйу кӯшиши бисёр намуд, аз вай хабареву асаре наёфт, то баъд аз як сол, ки ин илмро ба тамому камол ба даст овард ва ба номи Яминуддавла китобе дар илми тиб тасниф намуду пеши вай овард ва кайфияти аҳволро баён кард. Яминуддавла Худойро шукри бисёр гуфт, ки боз дидаи рамаддида ба дидори вай мунаввар шуд.

Алқисса, Абуалӣ дар илми тиб чунон машҳуру маъруф гардид, ки ҳар маъюбу маълули мақтуъуттамаъро ба пеши ӯ оварданд[ӣ], ӯро филҳол муолиҷа кардӣ ва ҳеч муолиҷаи вай тахаллуф нанамудӣ.

Манқул аст, ки дар Бухоро шахсеро маразе воқеъ шуд, ки фарёд мекарду зорӣ менамуд, ки ман гов шудаам, маро бикушеду бихӯред. Ӯро ба пеши Абуалӣ оварданд. Фармуд, ки дасту пойи вайро барбастанд ва корде талабиду онро санг кашида тез сохт ва баъд аз он пеши вай омаду гуфт:

– Ғам махӯр, ки ман туро мекушам.

Ӯро зорӣ менамуд, ки зуд бош ва дар ин кор тақсир макун.

Абуалӣ даст бар паҳлуи вай расониду эҳтиёт кард ва гуфт, ки:

– Ин гов бисёр лоғар аст ва хӯрданро намешояд; чанд рӯзе ӯро тарбият бояд кард.

Ва ӯро гуфт:

– Агар мехоҳӣ, ки ба мақсуд расӣ, бояд, ки ҳар ғизову шарбате, ки ба ту фармоям, ихтиёр кунӣ.

Гуфт:

– Миннатдорам.

Ва қабул намуд.

Абуалӣ шарбатҳо ва ғизоҳое, ки тақвияти димоғ кунад, барои вай [таъйин] фармуд. Баъд аз чанд рӯз он мараз мундафеъ гардид.

Абуалӣ пеши вай рафта, гуфт, ки:

– Чун аст, фарбеҳ гаштаӣ, ки туро фармоям, ки бикушанд?

Вай музтариб гашта гуфт, ки:

– Ин чӣ сухан аст, ки ту мегӯӣ? Ҳар кӣ қасди ман намояд, ман ӯро пора-пора созам.

Ҳосил, ки Абуалӣ ӯро ба ин тадбир аз он мараз халос кард.

Овардаанд, ки яке аз аъёни Бухороро духтаре буд дар ғояти ҳусну ҷамол. Ӯро иллати қулинҷ пайдо шуд ба навъе, ки ҳар ду дасти ӯ бардошта, бар сари ӯ хушк монда буд ва фуруд намеомад. Абуалӣ фармуд, ки падари вай маҷмае сохту [ҳамаи] хешону ақрабои худро ҷамъ кард. Ва он духтарро фармуд, ки бар болои тахте нишониданд ва бародари вайро фармуд, ки ба он духтар оғози бозӣ кардан гирифт; гоҳе қасабаи ӯро мекашиду гоҳе миъҷари ӯро, ба навъе ки вай дар эъроз шуд ва бародараш дар он ҳаракот меафзуд, то ба ҳадде ки миъҷар аз сари вай ҷудо сохт ва сари вай бараҳна кард. Вай аз ғусса фарёд мекарду ҳеч кас ӯро аз он манъ намекард, то он ки он бародар ҷомаи ӯро аз танаш бикашиду пироҳани ӯро [низ] аз бараш кашид. Бо вай ҳамин изоре монда буд. Бародараш даст карду банди изораш бикашид ва духтар фарёд карду ҳарду дасти ӯ фуруд омад ва банди изори худ бигрифту бияфтод ва беҳуш шуд. Чун ба ҳуш [боз]омад, дастҳои вай ба ҳоли худ омада буд. Ин илоҷ аз мухтараоти Абуалӣ аст.

Овардаанд, ки беморонро меоварданду бар сари кӯчаи Абуалӣ менишонданд. Абуалӣ, ки аз хона берун меомад, бар як ҷониб нигоҳ мекарду мегуфт, ки инро фалон мараз аст ва [ӯро] илоҷ ин аст; ва дар бозгаштан ба ҷониби дигар нигоҳ мекарду ҳамин дастур илоҷ мефармуд. Рӯзе бемореро мулоҳизаи бисёр намуду дар илоҷи вай ҳеч сухан нагуфт ва ба дигаре мутаваҷҷеҳ шуд. Он беморро ҳолати аҷибе даст доду дил аз ҳаёту зиндагонӣ барканду гуфт, ки ӯро бардошта баранд ва ба хона гузоштанд. Гуфт:

– Эй азизон, фикри тобуту кафан созед, кори ман нашуд. Абуалӣ донистааст, ки марази ман илоҷпазир нест, бинобар

ин ба ман напардохт. Акнун чораи кор ризо ба қазоуллоҳ, иннолиллоҳи ва инно илайҳи роҷиъун[1]. Ва дил ба марг ниҳод.

Иттифоқан, дар кунҷи хона яке сӯрохе буд. Ин мариз дид, ки море аз он ҷо берун омаду бар гирди хона сайр намудан гирифт. Дар миёнаи хона косаи шире буд. Даҳон бар он ниҳоду тамоми ширро бихӯрд ва бисёре бар замин биғалтиду бар худ бипечид. Баъд аз он даҳон бар он коса ниҳода, он ширҳо қай карду дар сӯрох даромад. Он бемор бар худ андеша кард, ки чун ман мурданӣ шудаам ва дигар умедворӣ намонда ва ҳар соат маро амре даст медиҳад, муносиб чунон аст, ки ин ширҳоро бихӯрам ва худро халос гардонам. Бар ин хотир қарор дода, косаи ширро баргирифту тамомро даркашид. Чун замоне гузашт, дид, ки маразн вай рӯй дар таназзул ниҳод [ва] ӯро тахфифе даст дод ва замон-замон бар худ сиҳҳат зиёда меёфт, то ба ҳадде ки аз худ умедвор гардид. Фармуд, ки ӯро бар сари роҳи Абуалӣ ниҳоданд. Ба ғарази тааррузи Абуалӣ буд, ки:

– Ту маро даво накардӣ, инак Худои таоло маро бе миннати ту шифо арзонӣ дошт.

Чун Абуалӣ аз хона берун омад, ӯро бидид, дар тааҷҷуб шуду гуфт:

– Эй мард, ту қайи афъӣ аз куҷо овардаӣ ва ба чӣ кайфият ҳосил кардаӣ? Ман бинобар он дар мараз дахл накарда будам, ки илоҷи он мунҳасир буд дар хӯрдани қайи афъӣ ва ҳусули он мутаассир, балки мутааззир менамуд; боре, бигӯй, ки онро чӣ гуна ёфтаӣ?

Он бемор аҳволро чунончи воқеъ буд, батафсил арзадошт намуд.

Овардаанд, ки дар Табрез хоҷаи бозаргонеро писаре буд дар камоли ҳусну малоҳат ва дар ниҳояти латофату сабоҳат. Вай бемор шуд. Ҳарчанд ки ӯро муолиҷа намуданд, беҳ намегардид, то ба ҳадде, ки умедворӣ мунқатеъ шуда, ҷамъе падари вайро гуфтанд, ки:

– Дар вилояти Бухоро табибест, Абуалӣ ном. Илоҷи писарат вай метавонад намуд.

---

[1] Қуръон, сураи 2, қисмате аз ояи 156.

[Он] бозаргон писари худро гирифта, пеши Абуалӣ овард. Абуалӣ [чун] набзи ӯро гирифт, донист, ки [ӯ] ошиқ аст; [аммо] агар изҳори он намояд, он писар маҳҷуб мешавад ва мумкин нест, ки изҳори он кунад ва мақсуд фавт мешавад. Абуалӣ гуфт:

– Эй хоҷа, марди ҷаҳонгаштае меорӣ, ки вай [сухангӯй] ва ширинтакаллум бошад, то ман аз ӯ ҳикоят пурсаму гуфтугӯй кунам, то писари ту шифо ёбад. Ин хоҷаро мусоҳибе буд, ки тамоми рубъи маскун сайр карда буд, бо худ ҳамроҳ дошт, ҳозир сохт. Абуалӣ даст бар набзи писар ниҳоду аз он пири ҷаҳонгашта таърифи шаҳрҳоро мепурсид, то ба таърифи шаҳри Табрез расид, набзи он писар мутаҳаррик шуд. Абуалӣ донист, ки матлуби вай дар Табрез аст. Аз маҳаллоту мавозеи он шаҳр пурсидан гирифт; чун маҳаллаи Шакарфурӯшонро бар забон бурд, набзи вай бисёр музтариб гардид, маълум шуд, ки мақсуди вай дар он маҳалла аст.

Аз кадхудоёну мутаваттинони он маҳалла пурсид, чун номи фалон хоҷаро бар забон гузаронид, набзи вай суръат бунёд кард; аз аҳли хонааш пурсид, яке духтареро ном бурд, набзи [вай] ба мартабае изтироб намуд, ки наздик буд, ки қолаб тиҳӣ кунад. Абуалиро ҷазм шуд, ки манзури вай ҳамон духтар аст. Ба хоҷаи бозаргон гуфт, ки:

– Бархез[у] Табрез рав ва фалон духтар, ки мазкур шуд, [аз барои ин писар] хостгорӣ кун, ки илоҷи ӯ ҳамин аст.

Он низ аз мухтараоти Абуалӣ аст.

Манқул аст, ки подшоҳи Табрезро оризае рӯй дод, ки пойҳои ӯ аз кор рафта, шал гардид ва аз ҷой наметавонист ҷунбид. Ҳарчанд атиббову ҳакимони Табрез муолиҷа карданд, ҳеч асаре зоҳир нашуд. Он хоҷаи бозаргон ба пеши подшоҳ рафта, кайфияти писари худро арзадошт намуд. Подшоҳ гуфт, ки:

– Ба ғайр аз вай касе ин маризро илоҷ наметавонад намуд.

Он подшоҳро ба Яминуддавла дӯстиву муросилоте буд. Туҳафу ҳадоёи муносиб тартиб намуда, қосиде ба ҷониби Бухоро равона гардонид ва аз Яминуддавла истидъои ташрифи қудуми Абуалӣ намуд. Чун расул расид, Яминуддавла он мактубро ба пеши Абуалӣ фиристоду гуфт:

– Маслиҳат чӣ гуна аст?

Абуалӣ гуфт:

– Ройи подшоҳ ҳоким аст.

Яминуддавла гуфт:

– Бағоят муносиб менамояд рафтани эшон, зеро ки бинои дӯстиву муҳаббат миёни ману подшоҳи Табрез ба рафтани шумо истеҳкоми тамом мепазирад.

Алқисса, сохтагӣ намудаанду Шайх Абуалиро ба кавкабаву ҳишмати тамом мутаваҷҷеҳи Табрез гардониданд. Чун бар лаби оби Ҷайҳун расиданд, Абуалӣ гуфт, ки муҳол аст, ки ман дар киштӣ дароям, ин кор хилофи ақлу ҳикмат аст. [Мисраъ]:

Ман лофи ақл мезанам, ин кор кай кунам!

Он ҷамоат оҷиз шуданду ҳеч чора надоштанд. Ба Яминуддавла арзадошт карданд. Яминуддавларо аспе буд, ки дар зери зини фалак мисли он таковаре касе надида. Онро ба зину лаҷоми мурассаъ равона гардонид, ки он аспро дар киштӣ дароваранд ва бар он ҷониби дарё баранду гӯянд, ки ин аспро ҷиҳати шумо фиристодаанд. Шояд ки табиати вай майл намояд ва дар киштӣ дарояд.

Чунон карданд.

Абуалӣ гуфт:

– Баъд аз он ки ман дар ин дарё ғарқ гардам, он асп маро чӣ фоида диҳад?

Оқибат оҷиз шуданду [иттифоқ карданд] ва ба зӯри тамом Абуалиро гирифта, дар киштӣ андохтанду аз об гузарониданд. Абуалӣ гуфт:

– Шуморо дар аввал бо ман ҳамин муомила боист кард, то ин ҳама ташвиш накашидӣ.

Гуфтанд:

– Чун медонистед, ки мо шуморо нахоҳем гузошт ва албатта хоҳем гузаронид, пас, чаро ин ҳама музояқа намудед?

Гуфт:

– Аз он андешидам, ки агар ба ихтиёри худ дар киштӣ нишинам, шояд ки киштӣ ғарқ гардаду ман то рӯзи қиёмат матъун гардам [ки] арбоби ақлу асҳоби ҳикмат онро ба беҳикматии ман ҳамл намоянд. Чун маро ба заҷр дар киштӣ даровардед, бар тақдире, ки ғарқа гардам, аз ман он маломат марфуъ хоҳад буд.

Чун ба биёбони Марв расиданд, Абуалӣ аз асп фуруд омад, то ташаршур намояд. Иттифоқан, дар сӯрохе бавл намуд, ки ҷойи мукаллалтуррос будааст. Ва он ҳайвонест, [ки] пештар мазкур шуд, ки Абуалӣ ӯро ба чӣ ҳила дафъ намуда [буда]аст. Аз он ҷо ғуборе мутасоид гашт ва бар рӯйи мардумаки дидаи Абуалӣ нишаст; ба мартабае, ки ҳеч чизро наметавонист дид. Абуалӣ даст бар дида ниҳоду гуфт:

– Рӯ ба рӯйи ман кавкаби наҳсе тулуъ намудааст ва ман намехоҳам, ки чашми ман бар вай афтад. Бар ин баҳона чашми худро ба рӯймоле барбаст, то ба Марв расид. Дар корвонсарое фуруд омада буданд. Абуалӣ дар андеша фурӯ рафт, ки чӣ созад ва чӣ тадбир кунад, ки чашми вайро чунин оризае даст дода буд. [Мисраъ]:

Тарсам, ки табибро табибе бояд.

Ногоҳ овози шахсе баромад, ки [мегуфт]:

– Табибонему ҳакимонему ҷарроҳонем.

Ва ба расми турктабибон нидой мекарду худро меситуд. Абуалӣ гуфт:

– Раведу ӯро биёред.

Рафтанду ӯро ба пеши Абуалӣ ҳозир сохтанд. Абуалӣ аз вай пурсид, ки:

– Ту аз куҷоӣ ва ба куҷо меравӣ? Туро чӣ ном аст ва вилояти ту кадом аст?

Гуфт:

– Ман аз Ҳинд меоям ва ба Бухоро мераваму маро Ҳамораполи Ҳиндӣ ном аст. Ба даъвои Абуалӣ омадаам, ки гӯш аз сари вай биканам.

Абуалӣ [бо худ] гуфт: «Вовайло, дар чӣ маҳалле муддаие чунин ба сарвақти ман афтод».

Абуалӣ гуфт:

– Туро бо Абуалӣ чӣ нисбат аст ва бо вай чӣ низоъ дорӣ?

Гуфт:

– Қиссаи ман тӯле дорад ва ҳоло гунҷоиши он нест.

Абуалӣ гуфт:

– Боре, шаммае метавон гуфт?

Ҳамораполи Ҳиндӣ гуфт:

Дар ибтидо ғуломи Абуалӣ будаам ва вайро чиҳил ғулом

буд, ки эшонро тарбият карда, илми тиб меомӯхт ва аз ман ҳеч ҳисобе намегирифт ва маро лоиқи ин амр надониста, дар хидмати он ғуломон гузошта буд, то он ки маро ба сабабе озод карду ман ба Ҳинд рафтам ва аз ҳукамои Ҳинд илми тиббу ҳикмат омӯхтаам ва аз барои ин омадаам, ки худро ба вай намоям.

Абуалӣ гуфт, ки:

– Ман яке ғуломе дорам, ки ҳарду чашми вайро ғуборе гирифта ва сабаб он буд, ки дар ғоре бавл кардааст. Агар ӯро илоҷ кунӣ, ман туро пеши Абуалӣ мебарам ва ҳар даъво, ки дорӣ, аз пеш тавонӣ бурд.

Ҳаморапол гуфт:

– Он ғулом куҷост?

Гуфт:

– Ту доруе, ки дар чашм мекашӣ, ба ман деҳ, то ман дар чашми ӯ кашам.

Аз сари дастори худ коғазе бароварду дар вай доруе буд, ба вай доду гуфт:

– Инро дар рӯйи санг мепошӣ ва ба миле дар чашми вай мекашӣ, филҳол равшан мешавад.

Абуалӣ бархосту ба гӯшае рафт ва онро ба амал даровард. Филҳол чашми вай равшан гашт. Ба пеши он ғулом омаду гуфт:

– Эй ғулом, бидон, ки Абуалӣ манам.

Ғулом дар пойи Абуалӣ афтоду гуфт:

– Ҳазор ҷони ман фидои ту бод!

Алқисса, он ғуломро бо худ ҳамроҳ ба пеши подшоҳи Табрез овард, ӯро икрому эъзози тамом намуд. Баъд аз он ба иттифоқи он ғулом ба муолиҷаи пойи подшоҳ пардохт. Баъд аз чиҳил рӯз [муқаррар] фармуд, ки ҳаммомеро гарм битобанд ва подшоҳ танҳо дар ҳаммом нишинад ва аспе дар ғояти давандагӣ бар дари ҳаммом нигоҳ доранду дар гирду пеши ҳаммом касе набошад. Чунон карданд. Абуалӣ шамшере бар миён барбасту ба ҳаммом даромад. Подшоҳро дид, ки танҳо нишаста. Шамшерро аз ғилоф берун кашиду подшоҳро душном додан гирифт ва ҳар хориву фуҳше, ки аз он бадтар набошад, ба подшоҳ гуфтан гирифт ва нӯги шамшерро ҳар замон бар чашму рӯйи подшоҳ ҳавола мекарду мегуфт, ки:

– Ту он най, ки ба ҷиҳати ту маро дар киштӣ баста андохтанд?

Кор ба ҷое кашид ки подшоҳ наздик буд, ки аз қаҳру ғазаб ҳалок шавад. Як бор зӯр карда барҷаст. Абуалӣ дид, ки подшоҳ бархост, филҳол аз ҳаммом берун давиду бар он асп савор гардид ва рӯй ба гурез ниҳод. Подшоҳ наърае чанд барзаду боз бияфтоду беҳуш шуд. Мулозимони подшоҳ пайдо шуданду подшоҳи худро бад-он ҳол диданд. Гумон бурданд, ки Абуалӣ ӯро ҳалок карда. Дар талабу тафаҳҳуси вай шуданд. Баъд аз замоне подшоҳ ба ҳоли худ омаду гуфт:

– Абуалиро зуд бошед, пайдо созед. Чун ӯро биёбед, сари ӯро ба пеши ман оред. Ҷамъе ба дунболи Абуалӣ мутаваҷҷеҳ шуданд ва ӯро ёфтанд, аммо мулоҳиза карданд, ки мабодо подшоҳ аз ҳукми худ пушаймон шавад, ӯро накуштанд, аммо дасту гардан барбаста, ба пеши подшоҳ оварданд. Чун подшоҳ ба ҳуш омад, баъд аз замоне дид, ки дасту пойи ӯ ба қувват омада, чунончи бе таҳошӣ бар пой хост ва аз он мараз асаре боқӣ намонда буд. Подшоҳ донист, ки он ҳаракоти Абуалӣ бинобар маслиҳате буда, ки маро дар хашм созаду оташи ғазаби ман ҳама он маразро сӯзад. Гуфт:

– Вовайло, ман чӣ хатое кардам, ки дар бораи вай чунин ҳукме кардам.

Ҷамъе дигар мехост, ки аз пай фиристад, ки он ҷамоат расиданд ва Абуалиро бад-ин ҳолат оварданд. Подшоҳ Худойро шукри [бисёр] гуфт[ва] он навкаронро, ки мулоҳиза намуда буданд, эшонро навозиши бисёр карду ба маносиби алийя расонид ва Абуалиро узрхоҳии бисёр намуд ва илтимос кард, ки якчанд рӯз дар ин ҷо таваққуф намояд, то узри ин ҷиноят хоста шавад. Абуалӣ гуфт:

– Эй подшоҳ, ҳикояти ману ту мисли қиссаи дарвеши исфаҳонӣ ва аждаҳост.

Гуфт, ки:

– Чӣ гуна будааст?

Абуалӣ гуфт:

– Овардаанд, ки дар шаҳри Исфаҳон дарвеше буд ва яке вайрона боғе дошт монанди дили [парешони] мазлум абтару хароб ва чун дидаи сахти золим хушку беоб. Рӯзе ба расми

сайр дар он боғ сайр менамуду ашҷори хушкгаштаи он боғ ҳемаи ҳасрат бар оташи андуҳаш меафзуд. Ногоҳ сиёҳие азим ба назараш дар омад монанди манори дудхӯрда аз пой даромада ё худ чанори аз беху бун баромадае. Чун нек нигаҳ кард, аждаҳое буд дар ғояти азамату бузургӣ. [Назм]:

Ду чашмаш чун ду машъал буд равшан,
Даҳонаш оташафшон ҳамчу гулхан.
Зи оташ дуд хезад дар замона,
Задӣ з-он дуд оташҳо забона.
Ба гирди боғ гардидӣ чу девор,
Чу рафтӣ, хандақе гаштӣ падидор.

Дарвеш чун он бидид, дар байғулае хазиду аз тарс меларзид. Дар гӯшаи боғ яке ғоре буд монанди суъбони Мӯсо даҳон боз карда он аждаҳоро чун сеҳри саҳараи Фиръавн фурӯ бурд. Он дарвеш бо худ гуфт, ки ғолибан, дар даруни ин ғор ганҷест ва шунида буд, ки аждаҳоро ба шир майли [бисёр] мебошад. Ба хона омаду тағорачае пуришир карда оварду дар пеши он ғор ниҳод ва худ дар гӯшае хазид. Баъд аз замоне он аждаҳо аз ғор берун омаду он ширро тамом даркашид ва дар ғор рафту боз берун омад ва чизе аз даҳони худ дар он тағора андохту даруни ғор даромад. Дарвеш пеш омад, дид, ки зари сурхе дар он тағора андохта. Бағоят хушҳол шуд. Ҳар рӯз тағораи шире меоварду ба [ҳамин] дастур тангаи сурхе мегирифт. Чун бар ин минвол муддате гузашт, он дарвеш ғанӣ гашт. Ӯро писаре буд бағоят нохалаф. Чун падари худро соҳиби мол дид, аз ӯ пурсид, ки:

– Маншаи ин ҷамъияти мол чист ва сабаби ин мукнату фароғати ту кист?

Гуфт:

– Эй ҷони падар, туро ба ин пурсиш чӣ кор аст? Ҳар чӣ ҳаст, ҳамаро туфайли ту дораму аз ту дареғ намедорам.

Он писар гуфт:

– Ҳошо ва калло, агар ин розро бо ман нагӯӣ, туро дар пеши подшоҳ дар бало ниҳаму ҳар чӣ дорӣ, [ҳамаро] ба тороҷ[у] яғмо диҳам!

Падар дид, ки чорае нест ба ғайр аз гуфтан, бо вай он ҳолатро тамом шарҳ дод. Писар гуфт:

– Эй падар, ту ин хидматро ба ман фармой, то ман ин корро мекарда бошам. Ҳарчанд манъаш кард, дарнагирифт. Алқисса, тағораи ширро гирифт[у] пинҳонии падараш шамшере бо худ бибурд ва [бо худ] қарор дод, ки аждаҳо, ки аз ғор берун меояд, дар маҳалле, ки дар ғор [дарун] меравад, аз камингоҳ мебароям ва ӯро ба шамшер ду ним мезанам. Алқисса, тағораи ширро ниҳоду дар байғулае хазид. Чун аждаҳо ширро хӯрду дар ғор мерафт, он писар берун давиду шамшерро андохт. Иттифоқан, ба сари думи вай омаду миқдори чаҳор ангушт аз думаш бияфтод. Аждаҳо хашмнок аз ғор берун омад, он писарро захме заду ҳалок сохт ва дар ғор даромад. Он дарвеш дид, ки писараш бисёр дер кард, ба боғ даромад. Дид, ки писараш афтодаву мурда ва сари думи аждаҳо афтода. Донист, ки он бадбахт қабоҳате карда. [Падар] ба дари ғор омаду гуфт:

– Эй шоҳи морон ва баргузидатар аз ҳама ёрон, ин писари бадбахти ноаҳли ман агар нисбат ба шумо бадӣ кард, ба бадии худ гирифтор гардид. Акнун, дӯстие, ки миёни мову шумост, он мебояд, ки боқӣ бошад. Карам намуда [боз] ба ҳамон дастур он муомиларо маръӣ доред. Аз дарун овозе шунид, ки:

– Эй дарвеш, [дигар] муносиб чунон аст, ки миёни мову ту ошноие набошад, бинобар он ки ҳар гоҳ ту маро мебинӣ, туро аз писарат ёд меояду аз ман кудурате дар хотират меафтад ва чун ман туро мебинам, аз захми думи худ ёд мекунам ва аз ту кулфате дар дили ман меафтад, ҳозо фироқу байнӣ ва байника.[1] Дигар ҳарчанд зорӣ кард, ҳеч овозе нашунид.

Акнун, эй подшоҳ, ҳар гоҳ ки ту маро мебинӣ, туро он душномҳову беадабиҳои ман ёд меояд ва чун ман туро мебинам, аз ҷафоҳои ту ба хотир мегузарад ва аз якдигар мукаддару мутаваҳҳиш мегардем. Муносиб чунон аст, ки маро ҳам имрӯз иҷозат фармоӣ.

Он подшоҳ дари хазинаи худ гушоду он миқдор ба Абуалӣ инъому икром кард, ки адади он дар хазинаи хаёли ҳеч

[1] Қуръон, сураи 18, қисмате аз ояи 78.

муҳосибе нагунҷад. Он гоҳ Абуалӣ ба Бухоро омаду мариз гардид. Ӯро марази исҳол шуд то чиҳил рӯз. Рӯзи чиҳилум подшоҳ ба сари болини вай омад ва тамоми аъёни Бухоро ҳозир буданд. Подшоҳ гуфт:

– Эй ҳаким, ҳамаи оламро ту муолиҷа менамудӣ, хусусан, ин маразро. Акнун инчунин оҷиз шудаӣ.

Абуалӣ даст дар зери болини худ даровараду коғазе бардошт ва онро бигушод. Дар он доруе буд, фармуд, то дар хуми об заданд, баъд аз лаҳзае фармуд, он хумро бишкастанд, Он об ба масобае ях баст буд. Абуалӣ гуфт:

– Эй подшоҳ, ин як мисқол буд. Аз ин дору ман рӯзе ҳафт мисқол мехӯрам, шифое ҳосил намешавад,

Чун мухаббат шуд эътидоли мизоҷ,
На азимат асар кунад, на илоҷ.

[Байт]:

Агар сад сол монӣ в-ар яке рӯз,
Бибояд рафт аз ин кохи дилафрӯз.

[Чун ин достон ба поён расиду ин ҳикоят ба ниҳоят анҷомид ва маърузи ҳазрати соҳибқиронӣ, дома мулкуҳу, гардид, мӯҷиби нишоту боиси инбисоти он ҳазрат шуд].

## [18]
## ГУФТОР
## дар таърифи кардани ҳазрати салтанатшиорӣ, хуллида мулкуҳу, аълоҷаноби ақзалқузот Қозӣ Низомуддин, алайҳирраҳмаро ба бузургии дастор ва пӯшидани либосҳои фохир ва саворӣ кардан ба аспҳои тозинажоди бодрафтор

Алассабоҳи рӯзи чаҳоршанбеи шаввол [санаи] самона ва ишрина ва тисъамиа, ки қозии нурбахши фалак рахши оламафрӯзи рӯз ба ҳукми хитоби мустатоби аззиму амоматакум дар дорулқазои сипеҳри нилуфарӣ дастори нафиси ниловарии меҳр бар сар баст ва ба муқтазои хузузайнатакум[1] мулаббас ба либоси фохири атласи байзоии нур гашта, бар маснади қазои фалаки ахзарӣ нишаст, ҳазрати султону-л-аъдалулакмал ассоид би ақдомил-ҳимам ало қимамиддини ва-д-дувалу-л-молики мамолики-л-офоқ, вориси сарири-с-салтанати бил-истеҳқоқ [назм]:

Шоҳи кишваргири гетибахши гардуниқтидор,
Офтоби адлу эҳсон, сояи Парвардгор

қаҳрамону-л-мои ва-т-тин, қутбу-с-салтанати-д-дунё ва-д-дин Абулмузаффар Султонмуҳаммад Баҳодур, хуллида мулкуҳу, дар девонхонаи давлат бар тахти убуҳҳату сарири азамат қарор гирифт, ҳуззори маҷлис муҳри сукут бар даҳон ниҳода, гӯшу ҳуш бар фароиду фавоиди ҳукми он соҳибу-л-ҷуди ва-л-карам доштанд ва ҳамагӣ хотир бар истифоза ва истинораи он наййири сипеҳри азамату ҷалолат мегумоштанд, ки бар забони ҳикматфишони қазоҷараёни он ҳазрат гузашт, ки Қозӣ Низомуддин, алайҳирраҳмату ва-л-ғуфрон, ки аъламулуламо ва ақзалқузоти вилояти Хуросон буданд, аз эшон манқул аст, ки дар бузургии дастор ва нафосати либос ва ҷавдату латофати асп муболиға бисёр менамуданд. Ва филвоқеъ дастори он ҷаноб дар латофату назокат ба мартабае буд, ки ҳарчанд борикбинони дидавар аз имъони назар дар мулоҳизаи тори вай

---

[1] Қуръон, сураи 7, ояи 31.

мӯй шикофтӣ, охируламр, риштаи мақсудро ҷуз дар мушоҳидаи исми ӯ наёфтӣ. [Рубоӣ]:

Як тор зи насхи анкабутӣ бардор,
Он гоҳ зи ҳам шикоф онро сад бор.
Як тор аз он боз ба сад қисмат кун,
Он гоҳ нахи амомааш он пиндор.

[Ва] он амомаро печ бар печ ончунон бузург сохтӣ ва уқуди лозиматуссууди онро ба тарзе пардохтӣ, ки чархи барин амомаи муаққади наййири аъзамро ҳар рӯз аз рашки ӯ бар замин андохтӣ ва нафосати ҷомаҳояш ба масобае буд, ки ҳар чӣ гоҳ худро бад-он либосҳои фохир биёростӣ, қозии маҳкамаи дорулқазои фалаки ахзарӣ, ки иборат аз Муштарӣ аст, барои маҷлиси номуси худ, [мисраъ]:

Куҳанҷомааш орият хостӣ

ва ҳар киро назар бар он хилъати гаронмоя афтодӣ, забон ба васфаш бар ин намат кушодӣ:

К-ин либос аз хулд омад, к-ончунон боравнақ аст,
Абраи ӯ сундус асту остар истабрақ аст.

Ва он бузургвори донишманди арҷмандро яке саманде буд, ки рахши тезгоми сипеҳрхироми фикр, ки борагии майдони ҷавлонгаҳи хаёл аст, ба ҳангоми таговарӣ аз вай ба сад марҳала вопас будӣ ва ҷаъди мушкину кокули анбарини бутони моҳҷабин дар муқобили ёлу парчами ӯ кам аз хору хас намудӣ. [Байт]:

Бодпойи барқрафторе, ки андар ҳар даме
Мешудӣ ҳамчун сабо аз оламе то оламе.

Чун сухан бад-ин ҷо расиду таъриф бад-ин мартаба анҷомид, мустамеонро аз фаҳвои он каломи саодатфарҷом чунон фаҳм шуд, ки магар он ҳикоят бар сабили эътироз мебуда бошад. Бинобар он, ҳеч кас ба ҷавоби он мубодират нанамуд ва қуфли боби баёнро ба мифтоҳи забон нагушуд. Баъд аз он бар забони уқдагушойи ҳикматнамойи он ҳазрат гузашт, ки ин шеваи разия ва ин тариқаи марзия аз аҳли фазлу камол ва арбоби донишу ифзол, хусусан, аз аҳли маносиби шаръия бағоят муносиб аст, зеро ки авомунносро чашм бар зоҳир аст ва дидаи ботини эшон бар камолу фазилат ғайринозир. Пас, агар авом уламо ва аҳли фазлро дар либоси ҳақир бинанд,

ҳаройина ба чашми ҳақорат дар эшон назар кунанд ва басо, ки иҳонату истиҳонат бад-эшон расонанд ва ба сабаби ин, дар ҳовияи вабол ва бодияи залол афтанд.

Пас ба ҳукми ат-таъзиму ли амри-л-Лоҳ ва-ш-шафқату ало халқи-л-Лоҳи, агар уламо ва фузало дар зебу зинати либос такаллуф намоянд, муқаррару муайян аст, ки ношӣ аз камоли шафақат хоҳад буд нисбат ба умуми халоиқ ва мабнӣ бар ризои Холиқ. Аммо бояд, ки ба мӯҷиби иннамат-аъмолу би-н-ниётиин такаллуфот мабнӣ бар нияти хайр бошад, на [аз] рӯйи худороиву худнамоӣ ва тафохуру тааззум бар ақосӣ ва адонӣ. [Байт]:

Далқат ба чӣ кор ояду тасбеҳу мураққаъ,
Худро зи амалҳои накуҳида барӣ дор.
Ҳоҷат ба кулоҳи баракӣ доштанат нест,
Дарвешсифат бошу кулоҳи татарӣ дор.

Манқул аст, ки ҳазрати қутби фалакулҳидоя ва маркази доиратулвилоя матлаи анворилкаромот, манбаи осорилилҳомот, алмулаққаб би амлаҳишшуаро ва афсаҳилбулаға ҳазрати Муслиҳуддин Шайх Саъдӣ, қаддасаллоҳу рӯҳаҳу-л-азиз, рӯзе ба маҷлисе ташриф арзонӣ фармуда буданд ва ҷомаҳои эшон бағоят куҳна ва фарсуда шуда буд. Аҳли маҷлис эшонро нашинохтанд [ва] ба таъзими эшон напардохтанд. Ва он кӯҳи виқорро ба мизони эътибор вазне наниҳоданд ва дар саффи ниолаш ҷой доданд. Он офтоби авҷи бурҷи камол дар ҳазизи завол дар як дараҷа бо ҳилоли фалаки вабол иқтирон намуда ва он сарви гулистони фасоҳату нахли бӯстони балоғат дар зери пойи мурғони ошёни ҷаҳолат фарсуда, [байт]:

Замона ҳеч тааддӣ накард бо хосон,
Батар зи суҳбати мушти авоми каланъом.

Ҳазрати Шайх, қуддиса сирруҳу, филҳол аз он доира қадам берун ниҳоданду забон бад-ин тарона гушоданд, ки:

Гар беҳунар ба мол кунад фахр, эй ҳаким,
Куни хараш шумор, агар гови анбар аст.

Чунин гӯянд, ки он ҳазратро дар он диёр муриди мунъиме буд, ки тариқи хидматаш ба фарқи иродат мепаймудӣ. Аз вай ҷомаҳои нафисе орият хостанду худро бад-он либосҳои фохир биёростанд ва боз оҳанги он маҷлис намуданд. Чун даро-

маданд, он қавм якбор аз ҷой ҷастанду дастҳо аз камоли адаб бар синаи худ бастанд ва эшонро бисёр таъзим намуданду бар ҳама ҳуззори маҷлис тақдим фармуданд. Чун таом оварданд, ҳазрати шайх, қуддиса сирруҳу, ҳар ду остини ҷомаи худро бар рӯйи ҳам доштанду бар болои табақ гузоштанд. Он қавм аз ин маънӣ истифсор карданд ва ин гуфтугӯй дар миён оварданд. Ҳазрати шайх аз рӯйи ғазаб барошуфтанд ва ба он ҷамоат гуфтанд, ки:

– Эй қавми бебасирати ҷоҳил, эй тоифаи бемаърифати ғофил, эй зоҳирпарастони бефаросати бешуур ва эй кӯрботинони бекиёсати аз ақл дур, ман ҳамон касам, ки дар аввали маҷлис маро аз рӯйи мазаллат дар саффи ниол андохтед ва ба ҳақорату иҳонат поймол сохтед. Акнун, ки ин ҷомаҳои нафис пӯшидаму дар такаллуф кӯшидам, ин ҳама таъзиму таҡрим менамоед ва дар икрому эҳтиром мефизоед. Дар ҳақиқат ин ҳама тамаллуқу таъзими шумо аз барои ин ҷомаҳои нави ман аст, на аз барои ман. [Пас] лоҷарам ин заҳру зақум ва туъмаи шумро ба мақъади шумо ҳавола кардам ва ангушт ба он наёлудам.

Ин бигуфтанду бархостанд ва инони азимат аз он ҷо маътуф гардониданд. Ҳарчанд он қавм ба узрхоҳӣ пеш давиданд, аз ҷой инон нанамуданд ва ин рубоӣ дар бадеҳа фармуданд:

Понсад кухи Қофро ба ҳован судан,
Сар то сари офоқ ба сар паймудан,
Атрофи ҷаҳон ба хуни дил андудан
Беҳтар, ки даме ҳамдами нодон будан.

Мақсуд аз ин ҳикоят он ки агар дар ибтидои ҳол ҳазрати шайх, қуддиса сирруҳу, аз либосҳои нафис дар бар медоштанд, он иҳонату мазаллат бад-эшон намерасид ва пардаи номуси ин ҷамоат ба дасти таънаи бетамизӣ намедарид.

Манқул аст, [ки] дар таърихи санаи иҳдо ва тисъамиа дар мақсураи масҷиди ҷомеи Ҳирот, сонаҳа-л-Лоҳу таоло ани-л-офоти ва-л-ҳодисот,[1] ки иртифои он имορати рафеъ ва иртифои он бинои манеъ ба дараҷаест, ки агар офтоби оламтоб бар

[1] Худои таоло онро аз офоту ҳаводис маҳфуз дорад.

фарози гунбади аршэътилояш гузар намояд, манҷуқи Айюқфарсояш синаи ӯро дупора созад ва моҳи мунири фалаки асир, агар дар муқобили айвони кайвонманзилаш дарояд, бо шамсияи айвонаш мунтабиқ гашта, мазмуни ояи ва ҷумиъа-ш-шамсу ва-л-қамару[1] бар он китобаи олӣ мухайял ояд:

Бад-он имhouseholds олӣ сипеҳрро нарасад,
Ки дар муқобила ояд ба зинату тамкин,
Ки ҳар дуро чу ба мизони қадр санҷиданд,
Сипеҳр сӯйи само рафту ин ба рӯйи замин.

Ҷаноби зубдатулмуфассирин ва қудватулмузаккирин Мавлоно Муинуддини Воиз, ки бародари ҷаноби Қозӣ Низомуддин алайҳирраҳма буданд, милод мефармуданд, то муддати чиҳил рӯз, ҳар рӯз ҷомаи нафиси ғайримукаррар пӯшида буданд. Дар рӯзи хатм, ки уламо ва аъёну акобиру ашроф аз атрофу акнофи вилояти Хуросон муҷтамеъ буданд, дар аснои маҷлис фармуда буданд, ки аизза ва маходимро ба хотири отир нарасад, ки Муини девона раъноӣ ва худнамоӣ мекунад ва ҳар рӯз ҷомаи ғайримуқаррар мепӯшад ва ин ҳама такаллуф мекунад, балки ин аз барои он аст, ки асҳоби давлат ва арбоби мукнатро аз мамарри ин фақир хотир ҷамъ гардаду бидонанд, ки ин мискинро ғанои тамом ҳосил аст ва аз ҳайсияти маишат ӯро ба касе эҳтиёҷе нест.

Баъзе гӯянд, ки [ин] бинобар он будааст, ки дар санаи собиқа ҷаноби афсаҳулбулағо ва аблағулфусаҳо воқифи ғавомизи оётулкалом орифи дақоиқи аҳодиси саййидуланом Мавлоно Ҳусайн Воиз, раввҳаллоҳу рӯҳаҳу, дар хонақоҳи Султония милод, ки фармудаанд, дар рӯзи хатм подшоҳи мағфури марҳум Султон Ҳусайн Мирзо бо ҷамъи фарзандон ва умарову вузаро ва аркони давлат ҳозир буданд. Чунон манқул аст, ки дар он рӯз ҳаждаҳ пӯстини кабш ба ҷаноби мавлонои мушорунилайҳ дода буданд. Чун Мавлоно Муинуддин мулаббас ба либоси тақвову вараъ буданд ва аз ин навъ либос эҳтироз менамуданд, аз барои садди ин боб ин ҳикоят фармуданд.

Ва ҷаноби волиди бузургвори эшон Мавлоно Ҳоҷӣ Муҳаммади Фароҳиро, раҳматуллоҳи алайҳ, зуҳду тақвову

[1] Қуръон, сураи 75, ояи 9.

вараъ ба мартабае буд, ки аз эшон манқул аст, ки аз вилоят ба дидани фарзандони худ Мавлоно Низомуддин ва Мавлоно Муинуддин дар фурсате, ки дар мадрасаи Низомия ба таҳсил машғул буданд, ташриф оварда, ба хонаи мадраса даромаданд ва дар гӯшаи хона миқдори гандуме диданд анбошта. Пурсиданд, ки:

– Ин чист ва соҳиби ин кист?

Фарзандон фармуданд, ки:

– Ин гандум вазифа аст аз моли вақф.

Чун ҳазрати мавлоно ин сухан шуниданд ва ин мақолат истимоъ фармуданд, барошуфтанд[у гуфтанд]:

– Эй дареғу афсӯс аз заҳматҳои ман, ки дар пайи шумо зоеъ шуд. Ман хаёл мекардам ва умедвор мебудам, ки хонаи замири шумо аз чароғи илму маърифат нуронӣ шуда бошад ва ганҷинаи дили шумо аз ҷавоҳири ҳақоиқу маонӣ пур гашта бошад. Ботини шумо худ аз дуди таоми вақф тираву сиёҳ будааст. Шумо таоми вақф мехӯрдаеду дар пайи илм ранҷу заҳмати беҳуда мебурдаед.

Ва ин байтро хонданд, ки:

Фақеҳи мадраса дӣ маст буду фатво дод,
Ки май ҳаром, вале беҳ зи моли авқоф аст.

Мавлоно Низомуддин ва Мавлоно Муинуддин ба ғилозу шидод савгандҳо хӯрданд, ки мо ҳаргиз моли вақф нахӯрдаем ва орзуи он низ набурдаем ва ин гандум аз мусоҳиби мост, ки ба тариқи амонат дар хонаи мо гузошта. Ҳазрати мавлоно фармуданд, ки:

– Шумо бо касе, ки моли вақф мехӯрда бошад, мусоҳиб бошед, аз илму маърифат чӣ баҳра хоҳед ёфт ва ба сарманзили мақсуд ба кадом қадам хоҳед шитофт? [Байт]:

Ҳамнишини ту аз ту беҳ бояд,
То туро ақлу дин бияфзояд.

Ал-ахаиллоу явмаизин баъзуҳум либаъзин адуввун илла-л-муттақина[1]

Манқул аст, ки он соҳиби гандум[ро] Халил ном будааст. Ҷаноби Мавлоно Низомуддин [ин] ояи каримаро ҳасбулҳоли

[1] Қуръон, сураи 43, ояи 67.

худ хонданд, ки: «Ёвайлато лайтанӣ лам аттатхиз фулонан халилан»[1]

Ҷаноби мавлоно фармуданд, ки:

– Магар он мусоҳиби шуморо Халил ном будааст?

Фармуданд, ки:

– Бале.

Ҳазрати мавлоно аз камоли балоғати фарзанди худ мунбасит гардиданд ва ҷабини ӯро бӯсиданду ӯро таҳсину офарини бисёр карданд. Аз он ҷо, ки рашку таассуби миёнаи бародарон мебошад, Мавлоно Муинуддин бар худ мепечид ва дар муқобилаи он чизе ба хотираш намерасид. Ногоҳ Мавлоно Халил аз дари хона даромад. Мавлоно вайро мухотаб сохта, ин оятро хонданд, ки: «ё лайта байнӣ ва байнака буъдал-машриқайни фабиъса-л-қарину»[2]. Нишоту инбисоти мавлоно музоаф гардид ва ӯро низ ба таҳсину навозиши балиғ муаззизу сарафроз гардониданд.

Чун Мавлоно Низомуддин алайҳирраҳма, дар анвои улуми динӣ ва аснофи фунуни яқинӣ худро аз соири ақрону амсол мумтоз сохт ва алами аъламулуламоӣ дар майдони даъвои инни аъламу мо ло таъламуна[3] барафрохт, подшоҳи замон Султон Ҳусайн Мирзо, навваруллоҳу марқадаҳу, эшонро ба амри қазо ҷараёни фаҳкум байна-н-носи би-л-қисти[4] ишорат фармуда.

Мавлоно Низомуддин забон ба маъзарат ва ло таҳмил алайно исран[5] баргушуд ва ин ҳадиси саҳеҳро, ки манҷуъила ала-л-қазои фақад зубиҳа биғайри саккинин навишта ба подшоҳ ирсол намуд. Ва фармуд, ки:

– Подшоҳи ислом бояд, ки раво надорад, ки ин фақири мискин ба теғи бедареғи ин таҳдиду ваид ҳалок гардад. Мисраъ:

Раво мадор, Худоро, ки ман ҳалок шавам.

Подшоҳ дар ҷавоб чунин фармуд, ки:

– Бар замири мунири он ҷаноб азҳару мина-ш-шамс хоҳад

---

[1] Куръон, сураи 25, ояи 28.
[2] Қуръон, сураи 43, ояи 38.
[3] Қуръон, сураи 2, ояи 30.
[4] Қуръон, сураи 5, ояи 42 ба ҷойи ан-нос, байниҳим.
[5] Қуръон, сураи 2, ояи 286.

буд, ки ин ҳадис дар шаъни касе воқеъ шуда, ки вай дар амри шариат аз тариқи маъдалат инҳироф дорад [ва] аз ғояти беҳимматӣ ба сабаби ришваи аҳли ҷоҳ ҷайби диёнати худро ба дасти тамаъ пора созад ва худро аз дараҷаи улёи валлазина уту-л-илма дараҷотин[1] дар ҳазизи ва ман ятаъадда ҳудуда-л-Лоҳи фаъавва лаиъика ҳукму-л-золимуна[2] андозад.

Ва зоҳиру муайян ва муқаррару мубарҳан аст, ки зайли исмати он ҷаноб аз лавси риё ва мудоҳана мубарро ва муаррост. [Мисраъ]:

Доманат з-он поктар бошад, ки мо гӯем пок.

Ва ояти каримаи [ва] атиъу-л-Лоҳа ва атиъу-р-русула ва улил-л-амри минкум[3]-ро навишта ирсол намуд. Ва ҷаноби мавлоно ба ҳукми аззаруроту тубиҳу-л-маҳзурот мутасаддии мансаби ҷалилулқадри қазо гашта, алами ғаррои шариати мустафавиро, саллаллоҳу алайҳи васаллам, ба навъе барафрохт, ки муҳҷаи ливои волои оламафрӯзаш ҷаҳони самаку малакути симокро чун замири мунири арбоби дину диёнат равшан сохт ва чароғи миллати байзои дини аҳмадиро дар кошонаи рафеъулқазои миллати муҳаммадӣ, саллаллоҳу алайҳи васаллам, бар ваҷҳе барафрӯхт, ки шуои ламаоти анвори иззаташ мурғи дили аҳли фисқу фуҷурро монанди парвона болу пар бисӯхт. То муддати ду сол бад-ин минвол бар ин амри азимулқадр иштиғол намуд.

Баъд аз он худро аз [он] мансаб азл фармуд. Ва сабаби азл он ки ҳазрати подшоҳро мулозиме буд, Бобо Мирак ном, [ки] хуршеди бекарони рубъи маскун пеши вай чун холи кавокиб дар пеши офтоб будӣ ва қурси офтоби оламтоб назди ламаоти ашиъъаи ҷамолаш монанди заррае менамудӣ.

Он подшоҳи оқибатмаҳмудро муҳаббату ниёз бад-он сарви ноз мисли муҳаббату дӯстии Маҳмуди Ғазнавӣ буд ба Аёз. Ва он ҷавон дар тариқи бандагӣ ва ихлос ба он подшоҳи сарафроз монанди Аёз буд ба сад ҳазор ниёз. [Байт]:

Ҳар кӣ аз ҷон банда набвад дилрабои хешро,
Кофире бошад, ки нашносад Худои хешро.

---

[1] Қуръон, сураи 58, ояи 11.
[2] Қуръон, сураи 2, ояи 229.
[3] Қуръон, сураи 4, ояи 59.

Яке аз мулозимони он ҷавонро туҳмати хуне воқеъ шуда буд. Авлиёи мақтул ӯро ба дорулқазои мушорунилайҳ овар-данду бар вай даъво намуд[анд]. Баъд аз иқомати баййина, чун шавоҳиди удул набуд, қозӣ шаҳодати эшонро написан-дида, ҳукм нафармуд. Он ҷамоат [чун] аз пеши қозӣ берун омаданд, гуфтанд, ки:

– Қозӣ ба ҷониби Бобо Мирак майлу муҳобо намуд ва бар даъвои мо ҳукм нафармуд.

Чун ин хабар ба ҷониби қозӣ расид, фармуд, ки:

– Ман иртикоби ин шуғл аз барои он кардаам, ки халоиқро аз мазоиқи залолату ғавоиби ҷаҳолат ба тариқи садоду ҳидоят оварам. Чун халқ ба воситаи ин кори ман дар водии ғайбат, ки ашадду мина-з-зино аст, меафтода бошанд, авло ва ансаб, балки алзаму авҷаб он аст, ки ба ҳукми иттақу мавозиъа-т-туҳами ин корро тарк кунам.

Ин гуфтанду муқорини он фармуданд, ки:

– Ман худро аз ин мансаб азл кардам.

Чун ин хабар ба подшоҳ расид, бағоят малулхотир гардид ва бисёр бар худ бипечид ва бо аъёну аркони давлат машварат намуд, ки:

– Тадбир чист ва мутааҳҳиди саранҷоми ин амр кист? Кори шариатро мухтал наметавон гузошт ва қазияи қазоро муҳмалу мааттал наметавон дошт.

Оқибатуламр, бад-он қарор ёфт, ки олиҷоҳи ҳақоиқпаноҳӣ маорифшиорӣ Мавлоно Нуруддин Абдурраҳмони Ҷомӣ ва ҷаноби амири кабир Амир Алишер рисолати подшоҳро ба ҷаноби қозии мушорунилайҳ расонида, боз эшонро ба амри қазо таклиф фармоянд.

Чун азизони мушорунилайҳ ба пеши қозӣ омаданд, пайғом гузаронидand ва фармуданд, ки:

– Ҳазрати подшоҳ, хуллида мулкуҳу, мефармоянд, ки маълуми ройи анвар бошад, ки то ман подшоҳ ва ҳокими ин вилоят бошам, мумкин нест, ки эшонро аз ин шуғл муоф до-рам ва фориғ гузорам.

Қозӣ фармуданд, ки:

– Ба ҳазрати подшоҳ арза доред, ки таклифи эшон вақте воҷибу лозим аст, ки ба ғайр аз ман лоиқ ба ин амр касе

набошад ва дар мулки ҳазрат, алминнатулиллоҳ, касоне, ки мутасаддии ин амр ба истеҳқоқ тавонад шуд, аз ҳадду ҳаср берун аст.

Чун ин хабарро ба подшоҳ расониданд, ин ҳадис, ки ман қаллада инсонан ва фӣ раъиятиҳи ман ҳува авло миноҳу фақад хона-л-Лоҳа ва расулаҳа ва личамоъти-л-муслимина навишта фиристод. Маънӣ он аст, ки касеро мутақаллиди амре созад аз умури шаръия ва дар раияти вай касе бошад, ки аз вай авло бошад дар он кор, пас, ба дурустӣ, ки он подшоҳ хиёнат карда бошад Худову Расулро ва ҷамоати мусулмононро. Худойро, ки раво надоред, ки ман хоин бошам дар пеши Худову Расул, саллаллоҳу алайҳи васаллам ва ҷамеи мусулмонон.

Чун ин паёмро расониданд, қозӣ фармуданд, ки:

– Бинобар ин лозим [омад,] ки ман дар ин мулк набошам, то бар ҳазрати подшоҳ ин амр лозим наёяд.

Ин сухан ба подшоҳ расид. Гуфт:

– Ба ҷаноби қозӣ арза доранд, ки эшонро аз таваттун дар ҳар диёре, ки бошад, гурез нест. Пас, дар ҳар вилоят, ки тарҳи иқомат андохтанд, бар ҳокими ин вилоят ин амр лозим хоҳад омад. Агар ҳамин ҷо ин амрро қабул фармоянд, чӣ шавад? Ва илло чӣ гуна раво доред, ки ба воситаи эшон [он ҳоким] дар визру ваболи охират бошад?

Алқисса, қозиро ҳуҷҷате намонд ва ин амрро боз қабул фармуд.

**Ҳикоят**

Меоваранд, ки подшоҳро бар сипеҳри салтанат фархундаахтаре ва бар самои хилофат меҳранваре Абулмаъсум ном фархундаписаре буд, ки бар ҳар сари кӯй ҳазор Юсуфи Мисрӣ харидораш буд ва дар ҳар гӯшае аз ишваи наргиси фаттонаш монанди чашми дилбаронаш ҳазор бемор. Иттифоқан, дар ҳолати мастӣ аз дасти он шоҳзода хатое рафта, раиятзодаеро кушта будааст. Падару модар ва ҷамъе аз хешони он мақтул ҳама сиёҳпӯш ва палосҳои сиёҳ дар гардан ба масобаи ҳола дар гирди он моҳи шаби чордаҳ даромада, ӯро ба дорулқазои ҷаноби қозии мушорунилайҳ ҳозир оварданд ва бар вай даъвои хун намуда, исботи баййина карданд. Ҷаноби қозии мушорунилайҳ баъд аз субут ин ҳукм фармуд, ки:

– Ман ҳукм кардам шумоёнро, ки волиёни мақтулед, ин шахсро, ки бар вай даъвои шумо собит гаштааст ба ҳукми шариат, агар хоҳед, қисос кунед ва агар хоҳед, дият ситонед ва агар хоҳед, бибахшед.

Чун қозӣ он ҳукм кард, ранги рухсори арғавонии он шоҳзода заъфаронӣ гардид ва қатароти абарот монанди борони найсонӣ бар рӯйи гулбарги тар равон гардонид. [Байт]:

Жола бар наргис фурӯ бориду гулро об дод
В-аз тагарги рӯҳпарвар молиши уннob дод.

Чун аз маҳкама берун омаданд, он ҷамоат монанди хор, ки дар домани гул овезад, чанг дар домани он шоҳзода заданд. Он шоҳзода аз рӯйи ҳилму ниёз гуфт:

– Эй азизон, шуморо маълум бошад, ки ин амр, ки аз ман воқеъ шудааст, ба қасд набуда, балки аз сари мастиву бехудӣ буда ва илло ман ҳаргиз ба озори дили мӯре накӯшидаам. Агар ба дият розӣ шавед, ба ҷон ситодаам, дасти миннат бар сина ниҳода ва илло гардани ман асту ҳукми Худой.

Чун халоиқ ин ҳолатро бидиданд ва ин мақолатро шуниданд, фиғон баркашиданд ва ба ҳой-ҳой ба гиря даромаданд ва ба ҷойи об хун аз дидаи мардум равона гардид. Он ҷамоати сангдил гуфтанд, ки:

– Мо ба ғайри қисос розӣ нашавем.

Шоҳзода гирён-гирён даст аз ҷони ширин шуста гуфт:

– Инно лиллоҳи ва инно илайҳи роҷеун.[1]

Ва аз ин ҷамъ илтимос намуд, ки маро он миқдор муҳлат диҳед, то биравам ва падари худро видоъ кунам ва ӯро аз худ хушнуд гардонам.

Он ҷамоат розӣ намешуданд ва он шоҳзода бо ҳашаму хадами [худ] қариб ба ҳазор касситода ва халоиқ аз ҳадду адад берун бар дару бом, ҳама гирёну фиғонкунон. Ва ҳеч касро заҳраву ёрои он, ки ба он қавм сухан тавонад кард, набуд.

Оқибат, баъзе аз он ҷамоати наззорагӣ дар пойи он ҷамоат афтода [эшонро] розӣ гардониданд, ки он шоҳзода ба пеши падар равад.

---

1 Қуръон, сураи 2, ояи 156.

Алқисса, он шоҳзода мутаваҷҷеҳ шуд ва он қавм гирди ӯро фаро гирифта ва мардумон ҳама гирёну нолон ба Боғи Ҷаҳоноро рафтанд. Он шоҳзода қадам дар боргоҳ ниҳоду вирди забонаш ин буд, ки мегуфт: [Байт]:

Инак, инак, ин ҷамоат хору зорам мекушанд,
Гар зи куштан бозменастониям, боре, бибин.

Чун чашми падару писар ба якдигар афтод, зор-зор гиристанд ва ҷамеи умарову аркони давлат ҳама ба ҷойи об сели хун аз дида равон карданд.

Баъд аз он подшоҳ гуфт:

– Эй ҷони падар, агар он ҷамоат ба он розӣ шаванд, ки ман тамоми мамлакату салтанати худро дар халосии ту ба эшон бахшам, ҳеч монеъ нест ва илло, эй нури дидаи ман ва эй сурури синаи ман, дар баробари ҳукми Худо ва фармони қозии ислом маро маҷоли ҳимоят нест.

Баъд аз он эшонро пурсишу дилнавозии бисёр карду гуфт:

– Эй фақирони мазлум, яке ҳикоят дорам ва яке ривояте меорам. Накӯ гӯш доред ва хотир ба ман гуморед. Меоваранд, ки Султон Санҷари Мозӣ, раҳматуллоҳи алайҳ, фармудааст, ки пайкони тири ӯро аз тило созанд ва онро ба донаҳоиявоқит мурассаъ гардонанд. Ва ҳар рӯз ба боми қаср бар меомаду чизе ба назараш дароварда тир меандохт ва мунодие фармуда буд, ки ҳар кас он тирро ёбад, аз они ӯ бошад. Бадин тариқа, дар боби раияти худ эҳтимом менамуда. [Мисраъ]:

Зи шаҳ бар раият риоят хуш аст.

Иттифоқан, як навбат тири [вай] ба синаи кӯдаке омад ва ҳалок шуд. Модараш он кӯдакро бардошта, бо он тир ба пеши Санҷар оварду гуфт:

– Эй подшоҳ, ин писараки ман ба захми тири ту ҳалок шуда, доди ман бидеҳ.

Султон Санҷар гирён шуду гуфт:

– Вовайло, ин чӣ буд, ки аз ман воқеъ шуд. Эй модар, ин кор ҷиҳати рафоҳияту фароғати раияти худ хаёл карда будам. Акнун чӣ мефармоӣ?

Он заифа гуфт:

– Ту подшоҳи мусулмононӣ ва даъвои адолат мекунӣ ҳар навъ, ки адл иқтизо мекунад, ончунон кун.

Султон Санҷар фармуд, ки хоне пур аз зари сурху сафед карданду ханҷаре бар болои он ниҳода ба маҷлис оварданд. Он гоҳ Санҷар гуфт, ки:

Эй модар, инак зару инак Санҷару инак ханҷар. Ҳар кадом хоҳӣ, ихтиёр намой.

Чун подшоҳи динпаноҳ ин ҳикоят фармуданд, фиғон аз аҳли маҷлис баромад. Пас бифармуд, ки хоне пур аз зар карданду ханҷаре бар рӯйи он ниҳоданд ва ба маҷлис оварданд. Ва фармуд, ки:

– Эй ҷамоат, ман низ иқтидо ба суннати санияи он подшоҳи динпаноҳ [Султон Санҷар] карда, мегӯям, ки инак зар ва [инак] писар ва инак ханҷар. Ҳар кадом, ки хоҳед, ихтиёр намоед.

Он ҷамоат овоз баровcovered, ки:

– Шоҳо, агар тамоми маъмураи оламро пур аз зари сурху сафед созӣ, мо ба ҷуз қисос ба ҳеч чиз розӣ намешавем.

Чун подшоҳ инро шунид, ишорат ба Амир Муҳаммади Бурундуқи Барлос, ки амирулумаро буд, намуд, ки:

– Бархез [ва] ӯро бад-он ҷамоат супор, мабодо ки дар ҳукми Худо тақсире воқеъ шавад.

Амири мушорунилайҳ бархост ва рӯймоле, ки дар миёни он шоҳзода буд, бадар оварду дар гардани вай кард ва ӯро аз болои маснад поин кашид ва [ду] сари рӯймолро ба дасти падари он мақтул дод. Чун аз дари боргоҳ берун омаданд, ногоҳ овози ғулғула баромад. Подшоҳро мизанна шуд, ки магар он ҷамоат тааррузе ба он писар намуда бошанд. Кайфияти аҳволро пурсид. Гуфтанд, ки:

– Шоҳо, чун он ҷамоат берун омаданд, [ҳама] ба як бор дар пойи он шоҳзода афтоданду гуфтанд: «Сад ҳазор ҷон мисли мову фарзандони мо фидои ту ва падари ту бод. Мо ин ҳама печиш ва муболиға, ки намудем, ғарази мо ин буд, ки подшоҳи худро дар адл имтиҳон намоем. Ҳар чӣ дар боби адли вай мегуфтанд, ҳазор чандон аст. Лиллоҳилҳамд, [ки] подшоҳи худро чунонки мехостем, ёфтем. Фархунда шаҳру диёре

ва хуҷаста мулку кишваре, ки дар вай инчунин қозию шаҳрёре бошад».

Ва аз ҳама аҷибтару ғарибтар он, ки инчунин қози[ро] ба майлу мудоҳана муттаҳам доштанд. Оре, то ҷаҳон будааст, расм инчунин будааст:

Худоро, ки ҳамтову анбозу ҷуфт
Надорад, шунидӣ, ки тарсо чӣ гуфт:
Қила анна-л-илоҳа зу валадин,
Қила анна-р-расула қад каҳано.
Моначаллоҳу ва-р-Расулу маъан,
Мин лисони-л-варо факайфа ано.[1]

Аз ҳазрати ҳақоиқпаноҳӣ Мавлоно нуру-л-миллати ва-д-дин Абдурраҳмон ал-Ҷомӣ, қуддиса сирруҳу, латифа манқул аст, ки дар вақте ба хонаи ҷаноби қозӣ барои таклифи амри қазо ташриф намуда буданд, ҷаноби қозӣ ба ғилозу шидод савгад мехӯрдаанд, ки мардум маро ғайбат кардаанд, ки ман ба ҷаноби Бобо Мирак майл кардаам ва ҳол он ки ман ӯро надидаам ва аслан ба вай ошноӣ надорам.

Ҷаноби Мавлавӣ фармудаанд, ки:

– Махдум, шумо рост мефармоед, ки ӯро надидаед ва агар медидед, майл мефармудед.

Ва аз ҷаноби қозӣ ашъору латоифи бисёр машҳур аст. Аз ҷумлаи ашъор ин ду байт бисёр машҳур аст:

Ба даври рӯйи туам бутпараст мегӯянд,
Чӣ гӯям, эй бути ман, ҳар чӣ ҳаст, мегӯянд.
Маро, ки шишаи номуси худ задам бар санг,
Чӣ бок аз он, ки ҳарифон шикаст мегӯянд.

Ва аз ҷумлаи латоиф он ки мефармудаанд, ки:

– Ин Муини мо қобилияти бисёр дошт, ин зинапояи чӯбин ӯро зоеъ сохт.

Дигар он ки Мавлоно Муини Воиз, ки бародари эшон бу-

---

[1] Дар ҳаққи Худо гуфта шуд, ки фарзанд дорад,
Дар ҳаққи расул гуфта шуд, ки коҳинӣ кард.
Худову расул ҳарду наҷот наёфтаанд
Аз забони мардум, пас, ман чӣ гуна?

дааст, як навбат аз эшон истидъо намуда, ки дар маҷлиси ин камина ташрифи қудуми [шариф] арзонӣ фармоянд ва моро дар назари мардум сарафроз гардонанд. Ба ҷиҳати хотири бародар як навбат ба маҷлис ҳозир шудаанд. Иттифоқан, дар он маҷлис Мавлоно Муин бисёр изҳори фазилат фармудаанд ва арзи камол намудаанд. Маҷлис ба татвил анҷомида, дар аснои ваъз фармудаанд, ки:

– Як нақли дигар месозам ва [маҷлисро] хатм мекунам.

Баъд аз он ки маҷлис бартараф шуда [ба узрхоҳии ҷаноби бародар рафта] фармудаанд, ки:

– Махдумо, аз ин суханон, ки фақир гуфтам, шуморо кадом хуш омад?

Ҷаноби қозӣ фармуданд, ки:

– Маро ҳеч сухан аз он хуштар наёмад, ки гуфтӣ, ки: «Ҳамин нақлро мегӯям ва хатм мекунам».

## [19]
## ҲИКОЯТИ
### Амир Саййид Ҷалолуддини Марғинонӣ

Дар таърихи санаи исно ва салосина ва тисъамиа буд, ки оличанобӣ сиёдатмаоби нақобатиёб Амир Султон Ҷалолуддини Марғинонӣ ҷавоби қасидаи «Чор дар чор»-и Абдулвосеи Ҷабалиро дар мадҳи аълоҳазрати салтанатманқабати адолатшиори насафатдисор, мушаййиди арконулазамати ва-л-ҷалол, муассиси бунёнуссаодати ва-л-иқбол меҳри сипеҳри иёлат ва комгорӣ, дурри бурҷи рифъату бахтиёрӣ ал-мамдӯҳ би лисони-л-абди ва-л-ҳур Музаффаруддин Султон Муҳаммад Баҳодурхон [овард] ва сухани вай ин [буд], ки:

– Муддати як сол аст, ки аладдавом [балки субҳу шом] дар ин қасида машаққат кашидаам ва базли маҷҳуд ба тақдим расонида.

Ва мегуфт, ки:

– Аз дари Рум то ақсои Ҳинд салост ҳамаи шуарову фузало ва фусаҳову булағо[ро], ҳар кас аз уҳдаи ҷавоби ин қасида камоянбағӣ берун ояд, тамассуки бандагии худ бар заҳри он қасида навишта, ба вай таслим намоям.

Иттифоқан, дар он авқот ин каминаро оризае воқеъ шуда буд, ки ба тақбили атабаи қудсинишони қуддусиошён мустасъид наметавонист шуд. Ҳазрати салтанатмобӣ Муҳаммадамини Миракро, ки амирулумарои он даргоҳи гетипаноҳ буд, ба ин камина фиристод, ки:

– Фардо маҷлис аст, ки акобиру афозил ва аоливу аҳолии вилояти Самарқанду Бухоро ва Тошканд муҷтамеъ хоҳанд буд ва Амир Ҷалолуддини Марғинонӣ қасидаи худро мегузаронад, албатта бояд, ки он ҷаноб дар ин маҷлис бошанд. Вазифа он ки ба ҳеч ваҷҳ аз вуҷуҳ узр нагӯянд ва ба ҳар навъ, ки бошад, дар он маҷлис ҳозир шаванд.

Алассабоҳи рӯзи панҷшанбе, [ки] фаррошони ва-л-арза фарашноҳо фаниъма-л-моҳидун[1] ба ҷорӯби заррини офтоб май-

---
[1] Қуръон, сураи 51, ояи 48.

дони фатҳу-л-фазои ҷаъала лакуму-л-арза фирашо[1]-ро руфтурӯбе карданд ва шомиёнаи атласи қирмизии офтобро дар пештоқи равоқи чархи ахзарӣ барафроштанд, ҳазрати салтанатшиории маъдалатдисорӣ, хуллида мулкуҳу, бар фарози арикаи салтанат ва сарири ҳишмат қарор гирифт ва аркони давлати қоҳираву аъёни давлати боҳира ва акобиру ашрофу аъроф, ки аз атрофу акноф ташрифи ҳузури шариф арзонӣ фармуда буданд, ҳар кадом дар мақоми муқаррар ва маскани муайян қарор гирифтанд. Ин камина низ дар силки худдоми олимақом мунтазам гардид. Аз он ҷо, ки нахвату такаббур ва азамату таҷаббури Султон Ҷалолуддин буд, қасидаи худро ба касе фармуд, ки хонад ва ба арз расонад. Чун он қасида ба итмом расид, ҳазрати салтанатмаобӣ фармуданд, ки:

– Маходим дар шаъни ин қасида чӣ мегӯянд ва чӣ мефармоянд?

Аизза ҳама мутаваҷҷеҳи ин камина шуданду гуфтугӯйро ба ин фақир ҳавола намуданд. Фақир ба арз расонид, ки:

– Шайх Абдулқоҳири Ҷурҷонӣ, ки дар илми маонӣ ва баён китобе тасниф карда ва онро «Далоилу-л-эъҷоз» ном карда, ки мисли он китобе дар ин илм касе нанавишта. Дар он ҷо мазкур аст, ки каломе, ки аз фасоҳату балоғат холӣ бошад ва ба зевари саноеъу бадоеъ ва мазоё мутаҳаллӣ бошад, ҳукми он дорад, ки қилодаи заррини мурассаъ ва мукаммал ба ҷавоҳирро касе дар гардани хук овезад.

Чун ин сухан гуфтаму дурри маонӣ суфтам, Султон Ҷалолуддин барошуфту гуфт:

– Азизон, магар ин қасидаи ман маънӣ надорад?

Гуфтам:

– Каломе, ки дар ӯ фасоҳату балоғат набошад, лозим нест, ки бемаънӣ бошад. Инак, Мавлоно Ховарӣ аз рӯйи ҳазлу зарофат қасидае гуфта, ки баъзе аз абёти он ин аст:

Ба Худое, ки холиқулбашар аст,
К-оҳан аз обгина сахттар аст.
Дар Самарқанд гурба каҳ нахурад,
Дар Бухоро ҳама хурӯс нар аст.

---
[1] Қуръон, сураи 2, ояи 22.

Муқаррар аст, ки ин бемаънӣ нест, аммо дар ин калом ҳарчанд саноеъ ва бадоеъ дарҷ намоянд, ҳукми қилодаи мурассаъ ва гардани хук хоҳад дошт.

Дар фарёд шуд, ки:

– Эй маходим, Худоро инсоф диҳед, ки ин қасидаи ман ҳукми ин абёт дорад?

Гуфтам, ки:

– Кошки мисли ин абёт мебуд, боре мӯҷиби фараҳу инбисот мешуд. Инак, абёти қасидаи шумо ин аст:

Эй ки мепурсӣ зи роҳи лутфу эҳсону карам,
Бод беҳад умри ту, то солу маҳ гардад ба ҳам.
Ҷоҳилонро ҳолу дониш аз валои туст пур,
Муҳташам шуд бедирам аз тарбият монанди Ҷам.
Душман аз ваҳми ту чун ҳамдуна бинмуда фирор,
Дар тамошои ҷамоли ту на рӯбаҳрост рам.

– Эй мири бузургвор, шуморо шарму ҳаё монеъ намешавад, ки ба ин каломи қабоҳатанҷоми ракокатихтимом инчунин подшоҳи завилэҳтишомро мадҳ мегӯед ва фузалои оламро аз дари Рум то ақсои Ҳинд иҳонат мерасонед?

Аълоҳазрати хоқонӣ ва ҳуззори маҷлис ончунон хандон шуданд, ки аз ғулғулаи хандаи раъдсони эшон саҳоби дидаи Султон Ҷалолуддин ба масобаи абри найсон мутақотир гардид.

Ҳазрати салтанатмаобӣ ба ин камина фармуданд, ки:

– Эътирозот, ки дар вилояти Хуросон дар шеъри Осафиву Ҳилоливу Аҳливу Ҳиротӣ ва баъзе аз шуарои дигар фармудаед, агар мазкур гардад, [бисёр муносиб менамояд].

Ба арз расонида шуд, ки рӯзе дар маҷлиси Хоҷа Абдуллоҳ Садри Марворид шуарову фузалои Хуросон мисли Мавлоно Муҳаммади Асиливу Мавлоно Ҳилолӣ ва Мавлоно Аҳливу Фазлӣ ва Зулолии Ҳиротӣ ва Рӯҳиву Ҳолӣ ва Мавлоно Амониву Қобилӣ ва Муқбиливу Анварии Девона ва амсоли инҳо ҳозир буданд. Иттифоқан, дар ин маҷлис девони ҳазрати ҳақоиқпаноҳи вилоятдастгоҳӣ Мавлоно Нуруддин Абдурраҳмони Ҷомӣ, қаддасаллоҳу сирраҳу-с-сомӣ, ҳозир буд. Хоҷагӣ фармуданд, ки ҳасбулҳол гушоянд. Ин ғазал баромад, ки:

Соқиё, май деҳ, ки абре хост аз Ховар сафед.

Мавлоно Ҷонӣ фармуданд, ки:

– Акобиру афозил ғазали радифи «сафед» бисёр гуфтаанд, аммо ба латофати ҷаноби Хоҷа Осафӣ, ғолибан, кас нагуфта[аст] ва ин матлаъро хонданд:

То барафрӯхтӣ аз оташи май рӯйи сафед,
Шамъ пиронасар оташ зада дар мӯйи сафед.

Мавлоно Муҳаммад Асилӣ сар ба гӯши ин фақир оварда, гуфт:

– Як вақте ба ин матлаъ дахле мекардед, ба хотир дошта бошед?

Хоҷа Осафӣ ҳозир шуд, пурсид, ки:

– Гуфтугӯйи чист?

Мавлоно Муҳаммади Асилӣ фармуд, ки:

– Эшонро дар ин матлаъ дахле ба хотир расида буд.

Ҳама мутаваҷҷеҳ шуданд, ки оё ин чӣ гуна дахле бошад, ки муддатҳост, ки касеро ба хотир нарасида.

Хоҷа Осафӣ дар садади тафтиш шуд. Фақир гуфтам, ки:

– Ин ба хотир мерасад, ки дар ин ҳеч шак нест, ки шамъ аз рӯйи рашку ҳасад оташ дар мӯй мезада бошад. Ин расму одати куҷост, ки аз рашку ҳасад оташ дар мӯй зананд? Ин ба он мемонад, ки рухсори соҳибҷамоле аз оташ меафрӯхта бошад. Пирзоле аз рашк оташ дар мӯйи сафеди худ занад?

Ин ки гуфтам, ҳуззори маҷлис хандон шуданду Хоҷа Осафиро хиҷолати ғарибе даст дод. Ҷамъе оғози ҷадал карданд. Хоҷа фармуданд, ки:

– Мо ба ин ғавғои шумо розӣ нестем, вай рост мегӯяд.

Ва мусаллам доштанд.

Аз Мавлоно Ҳилолӣ шеър талабиданд. Ғазале хонд, ки як мисрааш ин буд:

Пур соз ҷоми айшу дил аз ғусса кун тиҳӣ.

Филҳол фақир гуфтам, ки:

– Мавлоно, магар шумо тахаллуси худро тағйир додаед?

Гуфтанд:

– Ин чӣ маънӣ дорад?

Гуфтам, ки:

– Ба хотир расид, ки шумо тахаллуси худро «Кунтиҳӣ» сохта бошед.

Чун маходим ин сухан шуниданд, аз ханда бар замин ғалтиданд.

Мавлоно Аҳлӣ аз барои Ҳакимбек, ки саромади хубони Ҳирот буд ва дар чавгонбозӣ ба мисли ӯ касе ёд намедод, ғазале гуфта буд. Чун ин байтро хонданд, ки:

Ҳар гоҳ, ки аз ноз барӣ даст ба чавгон,
Гӯйи дили ман дар хами чавгони ту бошад.

Фақир гуфтам, ки:

– Мавлоно Аҳлии ҷавон, шуморо магар оризаи исҳол будааст, ки фармудаед, ки:

Ҳар гоҳ ки аз ноз барӣ даст ба чавгон?

Мавлоно Ҳиротӣ ғазале хонданд, ки мақтааш ин буд, ки:
Эй Ҳиротӣ, зи сагони сари он кӯй маранҷ.

Гуфтам:

– Мавлоно Ҳиротӣ, аз ғазали шумо аҷаб бӯе меояд.

Гуфт:

– Чӣ бӯй?

Гуфтам, ки:

– Бӯйи тези сагон, ки фармудаед: «Эй Ҳиротӣ, зи сагони...»

Мавлоно Рӯҳӣ бағоят соҳибҷамол буд ва аз барои ҷавоне ғазале гуфта буд, ки матлааш ин буд, ки:

Он сарвро нигар, ки чӣ озод меравад,
Додам надод, бин, ки чӣ бедод меравад.

Фақир гуфтам:

– Мавлоно Рӯҳӣ, ҷавон шуморо ғариб бозӣ дода ва шумо аҷаб фиребе хӯрдаед.

Вай ҳайрон монд.

Гуфтам:

– Ҳоло худ гуфтаед, ки «додам», «надод», аз ин сареҳтар чӣ мебошад?

Аз Мавлоно Муқбилӣ шеър талабиданд, ин матлаъро хонданд, ки:

Агар гарде нишинад аз раҳи он нозанин бар ман,
Бувад боди саборо миннати рӯйи замин бар ман.

Мавлоно Зулолӣ ба фақир гуфт, ки:

– Дар ин матлаъ чӣ хоҳӣ гуфт ва чӣ дурри маърифат хоҳӣ суфт?

Гуфтам:

– Дахле, ки дар ин матлаъ ба хотир расида, аз ҳамаи ин дахлҳо адхал ва аз ҷумлаи он эътирозот акмал аст, зеро ки дар ин байт таҳқири туроби қудуми маҳбуб лозим меояд. Бинобар ин ки ин калом дар мақом истеъмол меёбад, ки мобиҳил-л-имтинон дархури миннат набошад, чунонки касе гӯяд, ки: «Фалонӣ ба мо ҷома инъом кард ва миннати рӯйи замин бар мо гузошт».

Дар он маҷлис шахсе буд аз Мовароуннаҳр ва Риёзиро бисёр муътақид буд ва ӯро бар шуарои Хуросон тарҷеҳ менамуд. Хоҷагӣ мутаваҷҷеҳи ин камина шуда, ба тариқи тафохур ишорате бар тааррузи ӯ фармуд. Фақир ба он азиз гуфтам, ки:

– Аз абёти Мавлоно Риёзӣ он чи муътақади мулозимон аст, иноят фармоянд. Ба ин матлаъ ратбуллисон гардид, ки:

Бе ҷамолат хори навмедӣ зи бустон меканам
В-аз дарахти гул ба ҷойи ғунча пайкон меканам.

Гуфтам, ки:

– Иборати «бе ҷамолат» далолат бар айёми фироқу ҳиҷрон мекунад ва дар он айём муқаррар аст, ки хори навмедӣ аз бӯстони дил медамад, на он ки хори навмедӣ аз бӯстони дил канда шавад ва аз дарахти гул ғунча кандан расму одат нест; чунончи баъзе аз шуаро гуфтаанд, ки:

Ҳар замон гӯям, ки дил з-он қадди мавзун барканам,
Боз гӯям, ғунчаро аз шохи гул чун барканам?

Он шахс барошуфт, аммо дар баробар ҳеч сухани маъқул натавонист гуфт.

Амир Султон Ҷалолуддин, ки ин ҳикоятро шунид, ҳолаш ба он ҷо анҷомид, ки [чун] аз ҷойи худ ҷунбид, пояш ба доман дарпечид, ба замин ғалтиду беҳуш гардид. Ду кас дар зери дӯши ӯ даромада, [ӯро] ба масҷиди Ҳарам расониданд. Камина аз қафо омадаму гуфтам:

– Эй амири соҳибдавлати [азизулвуҷуд], шуморо ин насаби олӣ ва маносиби мутаолӣ, ки иборат аз нақобати [вилояти Фарғона] ва шайхулисломӣ ва мансаби фатвоӣ бас нест [ва ин ном] ба ин тумтароқ, [ки] шуморост, баробарӣ мекунад, ба даҳсола касби фазилат чӣ лозим аст, ки дар амре дахл намоянд, ки мӯҷиби иҳонат [ва истиҳонати] мулозимон гардад?

Мир фармуданд, ки:

– Рост мефармоянд.

Ва дасти ин фақирро гирифта, фармуданд, ки:

– Шумо гувоҳ бошед, ки аз шеър гуфтан ба дасти шумо тавбаи насӯҳ кардем.

## [30]
## ГУФТОР
### дар ҳикояти Тоҷуннасаб, ки айёрае буд дар шаҳри Ҳирот

Дар таърихи санаи арбаъа ва салосина ва тисъимиа [буд, ки] дар яйлоқи Шаробхона олиҳазрати салтанатманқабати хуршедманзилати Ҷамшедҳишмат, Фаридуншавкат [давҳаи равзатуннисфати ва-л-адолат воситаи вишоҳи шавкату убуҳҳат, натиҷаи имтизоҷи аносири давлату азамат ал-муайяд би таъйидоти-л-малики-л-аҳад] Музаффаруддин Султон Муҳаммадхонро ба воситаи ифроти шурб ва идмон бар арақ тағйире дар мизоҷи шариф ориз шуд. Чун он мараз ба сиҳҳат мубаддал гардид, рӯзе дар маҷлиси олӣ акобиру [аолӣ] афозил[у аҳолӣ] ҳозир буданд, он ҳазрат ба ин қитъаи Ибни Ямин мутаранним гардиданд:

Шароб дар тани он к-ӯ шаробхора бувад,
Чу равған аст, ки резанд дар мағоки чароғ.
Агарчи зинда зи равған бувад чароғ, вале
Фузун зи қадр бувад мӯҷиби ҳалоки чароғ.

Афозил дар мазаммати шурби шароб ба далоили ақлӣ ва нақлӣ исботи мазаррати он намудаанд. Он ҳазрат фармуданд, [ки]:

– Беҳтарини суҳбатҳо [ва латифтарини маҳфилҳо] маҷлиси сӯфиёна аст, [ки фузало ва шуарову нудамо шабҳо нишинанду таомҳои лазизу ашриба ва ағзияву маоҷини латиф ихтиёр намоянд ва ба ҳикоёти ширину никоти рангин мазоқи ҷону коми рӯҳу равонро муфарраҳ ва мураввақ доранд]. Ва муқаррар фармуданд, ки ҳар шаби душанбе ва ҷумъа [фузалову шуаро ва аҳли созу арбоби навоз ҷамъ шаванд ва] суҳбати сӯфиёна доранд. Намози шом, ки фаррошони малаи аълохаймаи подшоҳисипеҳрро ба танобҳои заррини шиҳоби соқиб ва автоди симини кавокиб барафроштанд ва таббохони матбахи гардун косаҳои заррини нуҷумро бар гирди хони лоҷвардии фалак гузоштанд, ҳазрати подшоҳ дар даруни боргоҳ бар маснади шоҳӣ ва сарири шаҳаншоҳӣ қарор гирифт, дар хотимаи маҷлис ба ин камина хитоб фармуд, ки:

– Шайхулолам Шайх аз мулозимони [шумо] ҳикоёти ғари-

бу воқеоти аҷиб нақл мефармуд, аз он ҷумла, ҳикояти писари нақиби Нишопур буд. Агар ба ҷалол расад, хотир ба истимои он бағоят мутаваҷҷеҳ аст.

Маъруз дошта шуд, ки:

– Дар масҷиди ҷомеи Ҳирот баъд аз намози ҷумъа дар мулозимати олиҷаноби маолиинтисоб [ҷомеулфазоили валкамолот қудватулуламои-л-комилин сафватулбулағои-л-муҷтаҳидин] Мавлоно Сафиуддин Алӣ мисли таввофини Байтулҳаром ба гирди он масҷид тавоф менамудем, ки ҷавоне ба ғояти ҳусну ҷамол ва ниҳояти лутфу камол пеш омаду гуфт:

– Махдумо, писари Мавлоно Ҳусайни Воиз шумоед?

Мавлоно Сафиуддин фармуданд:

– Бале.

Гуфт:

– Бандаи каминаро ба мулозимон ҳикоятест ва арзи он муқтазии хилват аст, агар муяссар шавад, ба арз мерасад.

Ҳазрати махдумӣ ҳамаро рухсат доданд, магар фақирро ва гуфтанд:

– Ҳар чизро, ки мо маҳрамем, вай маҳрам аст.

Баъд аз он дар гӯшае нишастанд.

Он ҷавон гирён шуду гуфт:

– Эй махдум, фақир писари нақиби Нишопурам ва солҳо буд, ки дар орзуи шаҳри Ҳирот будам ва падар маро рухсат намедод. Оқибатуламр, бе иҷозати падар ба маблағи мол мутаваҷҷеҳи Ҳирот шудам ва дар корвонсаройи Мираки Сарроф, ки дар дарвозаи Ироқ аст, манзил гирифтам. Намози пешин буд, ки ба хотирам расид, ки сайре карда шавад. Мутаваҷҷеҳ ба дарвозаи Малик шудам. Рафта-рафта гузарам ба Мафраҳ афтод, ки он доруллутфи Хуросон ва хароботи шаҳри Ҳирот аст ва дар тамоми рубъи маскун мисли он ишратхона ҳеч раванда ёд намедиҳад. Ва аз каримаи фиҳинна қосироту-т-тарфи лам ятмисҳунна инсун қаблаҳум ва ло ҷоннун[1] каанпаҳунна-л-ёқуту ва-л-марҷону[2] хабар медиҳад, ба кӯчае расидам, ки тӯлаш як мил буд, аз ду ҷониб иморот буд сеошёна, ҳама муштамил ба дару панҷара ва тобадони тилову лоҷвард

---

[1] Қуръон, сураи 55, ояи 56.
[2] Қуръон, сураи 55, ояи 57.

ва аз ҳар хона овози созу навози дафу най ва уду чангу барбат ба гӯш мерасид; ба он ҷо расидам. Бар забони ман ҷорӣ шуд, ки ҳозиҳи ҷанноту аднин фадхулуҳо холидина. Ногоҳ дидам, ки парипайкаре, ҳурманзаре, нозаниндухтаре аз ғурфа сар баровард. Ту гуфтӣ, ки моҳи бадр аст, ки аз дебочаи ишқ чеҳра зоҳир сохта ё наййири аъзам аз ҳаждаҳ дараҷаи Ҳамал партав андохта. Чун ӯро дидам, ҳайрон шудам ва саросемаву саргардон дар он кӯча мерафтам. Ба дари сарое расидам, аврате дидам бар дари он сарой, бар лаби ҷӯйи обе нишаста. Чун маро дид, гуфт:

– Эй ҷавон, чаро тағофул мекунӣ ва мустағниёна мегузарӣ? Ту ба ҷое наяфтодаӣ, ки бе имдоду муовинати ман раҳ ба мақсуд барӣ. Он ки шаҳбози ишқи ӯ [мурғи] дили туро сайд карда, қароргоҳи ӯ бар дасти ман аст ва он новаке, ки синаи туро реш карда, аз шасти ман аст. Маро Тоҷуннасаб мегӯянд. Агар филмасал бар сари ду кӯҳ ду қӯчқор бошад, ман, ки ду лаб бар ҳам мезанам, он ҳарду калла бар калла мезананд. Ту мехоҳӣ бе василаву васотати ман ба мақсуд расӣ? Ин [хаёли] муҳол аст.

Чун ин сухан аз вай шунидам, гиребони ҷомаи шикеб даридам ва селоби ҳасрату андуҳ аз дида бар [чеҳра] гушодам ва сар бараҳна карда, рӯйи ниёз пеши вай бар замин ниҳодаму гуфтам:

– Эй модар, дасти умеди ман ба домани инояту лутфи туст ва ҳусули муроди ман ба ҳиммату ҳимояти ту.

Пурсид, ки:

– Ту чӣ касӣ ва чӣ ном дорӣ?

Тамомии тафосили аҳволу авзои худ бознамудам. Гуфт:

– Ғам махӯр, ки ихтиёри он духтар дар қабзаи иқтидор ва ихтиёри ман аст. Дояи ӯ ман будам ва он гаҳ модари ӯ манам. Эй ҷони модар, туро давлат роҳбарӣ карда ва саодат ёварӣ намуда, инналлоҳи таоло малакан бихайри-л-аҳли ила-л-аҳл ман, ки туро дидам, ҷомаи мувосилаташ ба қомати ту буридам. Он чи саъй аст, ман андар талабаш намоям.

Ман бо худ сесад танга ҳамроҳ доштам. Кушода пеши вай бар замин ниҳодаму гуфтам:

– Маъзур дор, ки иҷолатувақт ҳамин буд.

Гуфт:

– Эй ҷони модар, зарҳои худ харҷ макун, ки туро зар бисёр даркор хоҳад шуд, ман аз они туам.

Алқисса, гуфт, ки:

– Ба модару падараш сухан кунам ва баъд аз се рӯз туро хабар диҳам.

Ба корвонсаро омадам. Хидматгорону мутаалliқони ман гуфтанд, ки:

– Шуморо чӣ мешавад, ки ба ҳоли худ наменамоед? Шуморо бисёр парешон мебинем.

Ман ба эъроз ҳоли худро пӯшидам ва дар ихфои ҳол камоянбағӣ кӯшидам. Баъд аз се рӯз ба он ҷо расидам. Он авратро [тираву] мукаддар ёфтам. Дар пайи таҳқиқи он шитофтам.

Гуфт:

– Эй ҷони модар, қавму қабилаи он духтар ғавғову ваҳшат оғоз карданд ва дари фитнаву ҷанг боз карданду гуфтанд: «Ту девона шудаӣ ва аз ақлу хирад бегона гаштаӣ, [ки инро мегӯйӣ], ту намедонӣ, ки чӣ навъ касон ба хостгории вай ҳуҷум карда, дар талаби вай ғулув доранд. Алиёзубиллоҳ, агар он ҷамоа бар ин иттилоъ ёбанд, сад сар ба бод меравад».

Ва ба ин суханон оташи маро тез карда, шеваи макру фиреб ангез намуд. Маблағи дивист хонии дигар пеши ӯ гузоштам ва гуфтам, ки [мисраъ]:

Дар пойи ту резам, он чи дар дасти ман аст.

Он маккораи айёра гуфт:

– Ғам махӯр, ки ба ҳар навъ, ки бошад, ба муроди худ комрон хоҳӣ шуд.

Пас гуфт:

– Баъд аз ду рӯз аз ман хабар гир.

Ба вақти мавъуд омадам, дидам, ки дар пеши он зан ҷавоне ятимваше истода, [ки] аз гиреҳи абрӯйи ӯ гиреҳи дили бинанда мешикофт ва аз заҳри чашми вай коми айш тирагӣ меёфт. Он аврат гуфт:

– Тараддуд макун, ки ин писари ман аст ва туро дар ин воқеа мумидду муовин хоҳад буд. Акнун бо вай ба тими баззозон меравӣ ва муфассале, ки дорад, ҳамаро меситониву меоварӣ, ки эшонро маҷоли сухан намедиҳам ва нахоҳам дод.

Алқисса, бо вай [ва] ду ғулом мутаваҷҷеҳи бозор шудам. Эшонро дар каппони бозори Малик ваъда кардам ва ба корвонсаро рафта, маблағи ду ҳазор хонӣ бардоштаму бо эшон ба бозори баззозон даромадам. Ва он ҷавон муфассалро мехонду баззоз рухуту амтиа ва ақмишаро бар як ҷониб мемонд. Баъд аз ҳисоб маблағи ҳазор хонӣ боқӣ шуд. Фақир рафта, аз корвонсаро боқиро оварда, ба баззоз супурдам ва онҳоро ба пеши Тоҷуннасаб овардам.

Гуфт:

– Фардо, ки аттори субҳ каллақанди хуршеди ховариро аз пеши дукони [гардун] овезад ва қурси лиму ва бодому нахӯдқанди кавокибро дар қутии уфуқ резад, раведу панҷоҳ каллақанд ва панҷ ман қурси лиму ва панҷ ман бодоми қандӣ [ва панҷ ман нахӯди қандӣ] гиред. Баъд аз он ба бозори гӯсфанд рафта, панҷоҳ гӯсфанди фарбеҳ гирифта биёреду бист суфи мураббаъ ва панҷоҳ [тоқии] зарбафти ноинии аъло бихаред.

Рӯзи дигар ин ҳама саранҷом ёфт. Намози шом, ки гӯшагаҳи басмакории мушкфоми шомро аз пештоқи гардун овехтанд ва наварӯси наййири аъзамро дар паси парда ниҳон сохтанд, қузоту уламо ва афозилу акобир ва машоҳиру аъёни Хуросонро талаб намуданду ҷашне барангехтанд, ки чашми гардун мисли он маҳфил мушоҳида нанамуда. Маҳрия ба панҷоҳ ҳазор танга ва дивист ман абрешиму панҷ хонавор бардаи туркия ва ҳиндуя ва панҷ гилеми маҳфурӣ қарор ёфт. Чун вақти зифоф шуд, аз атрофу акноф мутрибону қавволон ва муғанниёну маҷлисороён ба нақшу суруд ва тағаннӣ иштиғол намуданд. Чунонки расм мебошад, ки домодро пеши арӯс меоваранд, ҷамъи даллолҳо фақирро ба пеши он духтар дар паси гӯшагаҳ даровар-данд. Чун парда аз рӯйи вай бардоштам, пиндоштам, ки дари дӯзахро ба рӯйи ман гушоданд, [байт]:

Яке зиштрӯе ба сад гуна айб,
Ту гуфтӣ, ки мурдор будаш ба ҷайб.

[Абёт]:

Фоли бад боз буду толеи зишт,
Дари дӯзах ба рӯйи аҳли биҳишт.
Нуқра андуда бар дар асту дағал,
Анбар омехта ба ганда бағал.

Як чашми вай ба масобаи донаи ангур аз пардаи айнии ҳадақааш берун омада ва доғҳои обила ба рӯяш аз чашмҳои кафгир афзун намуда. [Назм]:

Даҳонаш аз фарохӣ гӯш то гӯш,
Ду гӯшаш аз дарозӣ дӯш то дӯш.
Даҳони он қабеҳи зишти фартут
Чу гӯре буду бинӣ ҳамчу тобут.

Чун он сурати маҳибро дидам, сайҳае кашидаму беҳуш гардидам. Ҷамъе занон маро дар лат кашиданд ва ба зарби тапонча маро ба ҳуш оварданд.

Ман фарёдкунон, ки:

– О бибӣ, Тоҷуннасаб, ин чӣ аҳволу авзоъ аст?

Занон ғавғокунон, ки:

– Эй рустоии лода ва эй бетамизи сода, Хуршед бинти Шоҳ Ҷамшед ҳамин [духтар] аст, ки ба ту никоҳ кардаанд ва ту ӯро ба ақди [худ] даровардаӣ.

То сухан кардам, маро чандон заданд, ки шаби ид бар дуҳул назананд. [Назм]:

В-ин батар, к-он арӯси ҷонфарсой
Доманамро кашиду гуфт: «Дарой».
Ақрабам гӯ бизан, ту даст манеҳ,
Малакулмавт, гуфтам, аз ту беҳ.
Ту манора зи пой биншонӣ,
Шаҳватамро куҷо биҷунбонӣ?

Боре, ба ҳар навъе, ки буд, он шаб маро забун сохтанд ва чанбари ғирболи идбор дар гардани ман андохтанд. Ҳоло маро чӣ мегӯед ва чӣ роҳ менамоед?

Махдум гуфтанд:

– Агар қуввати гурехтан дорӣ, ал-фирору миммо лоютоқу мин сунани-л-мурсалинаро васила созу бигрез.

Ҳамон ҷо талаби фотиҳа карду рӯ ба ҷониби вилояти худ овард.

Ҳазрати султон мутаассир шуда, фармуданд, ки:

– Агар фатҳи Хуросон муяссар шавад, маҳаллаи Мафраҳро то ба рӯйи об биканам ва он зани айёраи маккораро, агар зинда ёбам, пора-пора кунам ва агар мурда бошад, оташ дар гӯри вай афканам. Ва фармуданд, ки:

– Ҳазрати амлаҳушшуаро ва афсаҳулфусаҳо Шайх Саъдиро, қуддиса сирруҳу, мисли ин сурат даст дода буда. Дар вақте ки он ҳазрат дар сайру сулук буданд, ба шаҳри Бағдод расиданд. Дар бозори Шакарфурӯшон мегузаштанд, назари эшон ба ғурфае афтод, бадеъулҷамоле ба назар даромад, ки офтоби ховарӣ дар баробари шаъшаъаи ашиъъаи ҷамолаш зарра менамуд ва сарви боғи Ирам аз рашки қомату рафтораш пойи ҳайрат дар гил буд.

Шайх, ки ӯро диданд, оҳи дардолуд аз дил баркашиданд. Саросема ва музтарибулҳол ба ҳар ҷониб тараддуд мекарданд ва аз бехудӣ рӯй ба ҳар сӯй меоварданд. Ногоҳ пирзане пеш омаду гуфт:

– [Эй] ҷавон, ҳоли ту чист ва мушаввиши аҳволи ту кист? Рози худ аз ман пинҳон мадор ва сарриштаи мақсуди худро ба аномили ихтиёру иқтидори ман бозгузор, ки бе васотати ман муҳол аст, ки ба сарманзили мақсуд расӣ.

Ҳазрати шайх ба вай ифшои рози худ карданд.

Он аврат гуфт:

– Акнун хотир ҷамъ дор, ки он ки матлаи назари туст, дар фармони ман аст ва саранҷоми муҳиммат [вобаста] ба эҳтимому сомони ман. Биёр, он чи дорӣ, то муҳимми туро кифоят кунам. Ҳазрати шайх маблағи дивист танга доштанд, гушода, дар пеши ӯ гузоштанд. Он аврат хонаи худро ба шайх намуда, як ҳафта муҳлат талабид. Баъд аз он мардуми маҳалларо ҷамъ карда, чунончи расму одат бошад, тарҳи тӯй андохт ва маҳфиле сохту гуфт, ки ин духтари фалон аст ва сари ифтихори қавму қабилаи ӯро ба фалаки атлас расонид ва маҳру кобини ӯро дар зиммаи шайх аз ҳад афзун ва аз андоза берун кард. Баъд аз инъиқоди никоҳ чун вақти зифоф шуд, шайх дар паси парда даромаданд ва ҳамон зан, ки восита буд, худро ороста нишаста. Шайх гуфт:

– Ух, чӣ созам ва чӣ ҳила пардозам? [Фард]:

Ҷуз ба тадбир кор натвон кард,
Бо фалак корзор натвон кард.

Гуфт:

– Эй бибӣ, аҷаб каромоте кардӣ! Муроди ман ту будӣ, ман аз ту шарм доштам, ки гӯям. Аҷаб хуб воқеъ шуд!

Ва шайх изҳори шавқу завқ намуданд ва он шаб он гандапирро хушвақт гардониданд. Баъд аз се рӯз шайх ба бозор рафта, чодаршабе харида ва ҷомахобеву болине ва порарухут аз сару по гирифта, дар вай андохта, ба пушти худ баста, ба хона даромад.

Он зан гуфт:

– Ин чист ва ин рухуту амтиаи кист?

Шайх гуфт:

– Эй бибӣ, ин шаҳри ғарибӣ аст ва маош намегузараду гадоӣ наметавон кард ва ман ғассолам ва дар вилояти худ ба ин амр иштиғол доштам ва туро аз барои он гирифтам, ки ману ту мардону занонро ғассолӣ намоему авқот гузаронем. [Ва] дар Бағдод аз ғассолу ғассола ба навъе эҳтирозу иҷтиноб менамуданд, ки аз мабрусу маҷзум наменамоянд.

Зан фарёд баровард, ки:

– Аз пеши ман дур шав ва аз хонаи ман [берун] рав, ки ман як лаҳза ба ту намебошам.

Шайх гуфт:

– Туро ба орзуҳо хостаам, акнун ба ройгонат намегузорам.

Он зан ҷамоате кадхудоёнро ҳозир сохт ва тарҳи ҷангу хусумате андохт.

Шайх фармуданд, ки:

– Маро маблағе харҷ шуда.

Он зан гуфт, ки:

– Ду миқдори он чи харҷ шуда, аз моли ман гиру маро талоқ деҳ. [Назм]:

Ҷанг бо зан чу иттифоқ афтод,
Оқибат сулҳ бар талоқ афтод.
Зинҳор, аз қарини бад зинҳор
Ва қино раббано азоба-н-нор.[1]

---

1 Қуръон, сураи 2, ояи 201 ва сураи 3, ояи 16.

## [31]
## ГУФТОР
### достони хамсаи мутаҳайййира

Дар таърихи ошири шаҳри ҷимодалохири санаи салоса ва салосина ва тисъамиа буд, ки олиҳазрати салтанатманқабати кайвонрифъат, муштариманзалат, хуршедсафват, миррихсадмат султонулаъзам, молик риқоб-ал-умам-ал-мухтас биавотифи малики-л-маннон Музаффаруддин Султон Муҳаммад Баҳодурхон ба қасди шикор мутаваҷҷеҳи канори Оби Парак гардиданд, ки дар якфарсахии шаҳри Тошканд аст. Дар миёни роҳ ба ин камина гуфтанд, ки:

– Хотир мутаваҷҷеҳ аст ба истимои ҳикояти хамсаи мутаҳайййира, ки аз фуҳули уламо ва рууси фузалои Хуросон буданд. Маъруз дошта шуд, ки:

– [Шоҳо,] то хамсаи мутаҳайййираи фалаки лоҷвардӣ дар равишу рафтори худ дар бурҷи забарҷадӣ мутаҳайййиранд, душманони ҷоҳу ҷалолат дар биёбони хизлон саргаштаву саргардон бод! Маълуми ройи анвар буда бошад, ки сари ин силсилаи оличанобии ҳақиқатинтисоб, офтоби фалаки фазлу камол, қутби сипеҳри донишу ифзол камолу-л-миллат ва-д-дин Мавлоно Нуруддин Абдурраҳмони Ҷомӣ, қаддасаллоҳу сирраҳу-с-сомӣ, буда ва дигар Камолуддин Шайх Ҳусайн ва дигар Мавлоно Довуд ва дигар Мавлоно Муини Тунӣ. Ин панҷ кас будаанд, ки ҳеч завилуқуле шашуми эшонро таҷвиз намекарда ва ин ҷамоат [аз ҷумлаи] таломизи Мавлоно Муҳаммади Ҷоҷармӣ будаанд. Ва Мавлонои мазкур ҳамчунон касе буда, ки дар синни ҳаждаҳсолагӣ дар вақте ки Амир Саййид Шариф, қуддиса сирруҳу, дар Боғи Зоғон дарс мефармуданд, дар ҳавзаи дарси эшон ҳозир будаанд ва масъалаи куҳл дар миён буда. Чунин гӯянд, ки Мир Саййид Шарифро ҳафт навбат аз сухан баргардонида будаанд. Ин ҷамоат дар пеши мавлонои мазкур «Шарҳи таҷрид»-и Мавлоно Алии Қушчӣ мехондаанд.

Машҳур аст, ки ин ҷамъро бар мударрис ба навъе истило даст дода буда, ки як суханро ба эшон ба итмом наметавонист расонид. Мавлоно шабе дар тааммул шуда, бо худ гуфт:

«Агар ҳол бар ин минвол бошаду иштиҳор ёбад, ман, ки аъламулуламои ин замонам ва дар мизмори донишварӣ қасабуссабақ аз шаҳсаворони майдони баён мерабоям, чунон зоҳир шавад, ки аз уҳдаи шогирдони худ намебароям, зиҳӣ шармандагиву зиҳӣ расвоӣ! Пас, фикру тадбир он аст, ки таморузе [ме]бояд кард ва узре пеш овард, ки чанд рӯзе эшонро бекор созему дар водии лавандӣ андозем».

Чун ба вақти дарс ҳозир шуданд ва ҷузвҳоро баровbooарданд, ҷаноби махдумӣ фармуданд, ки:

– Эй азизон, чанд гоҳ аст, ки [фақир] дар худ сиқлеву ташвише меёбам.

Ба хотир расида, ки танқеҳ бояд кард ва илло мараз муставлӣ мегардаду баъд аз истило дафъи он мутааззир аст.

Толибилмон гуфтанд, ки:

– Махдумо, маозаллоҳ, ки он зоти шариф ва унсури латифро оризае даст диҳад, заҳматҳои мо фақирон каан лам якун[1] мегардад.

Мавлоно фармуданд:

– Аз-заррурат тубиҳу-л-маҳзуроти, чиҳил рӯз мулоҳиза лозим аст.

Чун аз хонаи мавлоно берун омаданд, ҳазрати Мавлоно Ҷомӣ фармуданд, ки:

– Эй азизон, шумо ҳеч донистед, ки ҳазрати махдуми моро чӣ ориз шуда?

Гуфтанд:

– Надонистем.

Ҳазрати мавлавӣ фармуданд:

– Моёнем марази мавлоно, ки ба мо дармондаанду ҳеч илоҷе намеёбанд; мехоҳанд, ки моёнро чанд рӯзе бекор созанду ба худ пардозанд ва баъд аз он ҳамон нисбати собиқ пайдо мешавад.

Ҳама гуфтанд, ки:

– Ёрон, ҳеч маънӣ надорад, ки моён худро зоеъ созем, муносиб чунон аст, ки мо низ машғул бошему нақди авқоти худро дар пойи арозил напошем.

---

[1] Мисли нобуда, нобуд.

Мавлоно Довуд фармуданд, ки:

– Ба ҷуз ин натавонад буд, ки ба дарси яке аз мударрисони ин шаҳр ҳозир шавем ва гуфтугӯйро қоим созем.

Ҳазрати мавлавӣ фармуданд, ки кадом мударрис аст [дар ин шаҳр], ки тоби мунозираву мубоҳисаи мо дошта бошад; афхаму аъзами эшон Мавлонозодаи Баҳрободӣ аст, ҳама ҳозир будед, ки дар рӯзи таъзияи падари Хоҷа Исмоили Ҳисорӣ бар ӯ чӣ дору гире гузашт. Маслиҳат он аст, ки мо ҳам иттифоқ кунему ҳар рӯз ба таъйини қуръа, яке аз моён мударрис шавем.

Бар ҳамин қарор ёфт ҷойи дарс – Бодғисак Масҷиди [ҷомеи] Мулкон муқаррар шуд; он ҷо рафтанд. Қуръа ба номи Мавлавӣ Ҷомӣ афтод. Он рӯз эшон дарсе фармуданд, ки дар тасаввури эшон дарнаёмада буд. Ҳар рӯз яке аз он ҷамъ мударрис мешуданд то муддати чиҳил рӯз. [Ва] ҷаноби мударрис дар ин муддат [шабу рӯз] машғулӣ менамуданд ва муқаддамоти ғолибӣ ба заъми худ бар шогирдон тартиб мекарданд.

Чун чиҳил рӯз гузашт, мавлавиро хотир ҷамъ шуд, ки он миқдор сухан мураттаб гардид, ки то як сол шогирдон дар зери бори он мубоҳиса забуну мағлуб хоҳанд буд. Мавлавиро ғуломе буд, Фаттоҳ ном. Гуфт:

– Бирав, он ҷамоатро ҳозир гардон.

Гуфт:

– Онҳоро куҷо тавон ёфт?

Мавлавӣ фармуданд, ки:

– Дар шаробхонаи Мирзо Рустам ва Мирзо Баҳодур хоҳанд буд.

Чун ғулом ба сари чорсӯи Ҳирот расид, он рӯз [маходим] ба иттифоқ ба ҳаммоми Пири Ҳирот даромада буданд. Дар вақте ки аз ҳаммом баромаданд, ғулом расиду паёми мавлавӣ бад-эшон расонид. Ҳам аз он ҷо мутаваҷҷеҳ шуданд ва ба тақбили атабаи алийя мустасъид гаштанд ва ба рашаҳоти матароти букои шавқ сафаҳоти видоду муҳаббатро муҳашшо гардониданд ва гуфтанд:

– Махдумо, ҳам имрӯз ифтитоҳи сабақ менамоем.

Алқисса, ҷузвҳоро бароварданду оғози гуфтугӯй карданд. Мавлавӣ ҳар муқаддимае, ки бар он эътимод доштанд, чун

илқо мефармуданд, ҳарифон онро ба вуҷуҳ дафъ менамуданд, ки мавлоно дар дасти хамсаи мутаҳаййира шуда гуфтанд:

– Эй азизон, [мисраъ]:

Табл пинҳон чӣ занам, ташти ман аз бом афтод.

– Эй фарзандон, маро ҳеч маразе набуд, дар иқоли сарпанҷаи шумо оҷиз шудам ва аз уҳдаи сабақ гуфтани шумо берун наёмадам, тадбире карда будам. Акнун бидонед, ки аз он ҷо, ки шоҳбози торами чаҳорум, ки иборат аз хуршед аст, аз ошёнаи лоҷвардӣ парвоз менамояд, то ба он ҷо, ки пар ба дарёи мағриб мезанад, ҳеч аҳаде сабақи шуморо дар ҳеч илме наметавонад гуфт. Раведу дар ҳар куҷо, ки хоҳед ва ҳар чӣ хотири шумо хоҳад, дарс гӯед.

Чун аз пеши мавлавӣ берун омаданд, ҳазрати Мавлоно Ҷомӣ ба водии ишқу тасаввуф афтоданду Мавлоно Шайх Ҳусайну Мавлоно Муини Тунӣ ба таҳсил ва мутолиа машғул шуданд. Мавлоно Довуд ба мансаби садорати Султон Маҳмуд ибни Султон Абусаид мустанид гардиданд. Мавлоно Шамсуддин Соҳибкашф садри Султон Абусаид Мирзо шуд.

Чунин гӯянд, ки Мавлоно Шайх Ҳусайн ба мартабае ҷидду ҷаҳд намуд ва абвоби улумро ба навъе гушуд, ки шуҳрати тамом ёфт, ки дар мубоҳиса ва мунозира ҳеч кас ҳарифи ӯ набуд. Ба дарси ҳар мударрисе, ки рафтӣ, бинои фазилату илми ӯро мундарис гардонидӣ. Мударрисин иҷтимоъ намуданду гуфтанд, ки:

– Моро аҷаб мушкиле пеш омада, ки Шайх, ки аз шогирдони Мавлоно Муҳаммади Ҷоҷармӣ аст, ба навъе тараққӣ намуда, ки дар шаҳр ҳеч касро бо ӯ маҷоли муҷодалаву мунозара нест ва ин сабаби беномусии ҳама донишмандон мешавад. Маслиҳат чист?

Ҳама гуфтанд, ки:

– Салоҳ дар он аст, ки ӯро ба девонагиву хабти димоғ иштиҳор медиҳему диққатҳои ӯро ба ҳазёну молоязънӣ мебарорем. Бар ин қарор дода шуд. Кор ба Мавлоно Шайх Ҳусайн мушкил гардид ва муддати як сол бар ин минвол гузашт. Оқибатуламр, китобҳои худро дар ҷуволе карду ба пушти ҳаммоле дода [мутаваҷҷеҳ шуд] ба боғи шаҳр, ки девонхонаи

Султон Абусаид Мирзо он ҷо буд. Дар вақте ки акобиру аолӣ ва афозилу маволии он ҷо ҳозир буданд, ҳаммолро гуфт, ки дар ҷое, ки додхоҳон арзи аҳвол мекунанд, ҷуволро бар замин ниҳод. Акобир диданд, ки ҳариф бад-ин тариқ пеш омад, заҳраи эшон дар бадан ба масобаи мурғи нимбисмил дар тапидан омад; ба якдигар ишорат мекарданду киштии эшон дар гирдоби ҳайрат афтода буд, ки чашми подшоҳ бар вай афтод. Ясовулро гуфт:

– Аз вай бипурс, ки ту кистӣ ва дар он ҷувол чист?

Ба зону даромаду гуфт:

– Ту подшоҳӣ, ки дар машориқу мағориби олам ба доду адл ва донοиву мушкилгушоии ту подшоҳе нест. Имрӯз дар пойтахти ту бар ман зулмеву ситаме меравад, ки дар кофаристони Фарангу Хитой ва Суманоти Ҳинд нарафта ва намеравад. Ин уламо, ки нишастаанд, эътибору эъзозу икроми эшон ба эътибори донистани ин китобҳост, ки дар назари шумост ва ин камина ҳамаи ин китобҳоро бар ҳамаи ин мударрисон ба истеҳқоқи тамом дарс мегӯям, бар ваҷҳе ки аксари эшон суханони маро намефаҳманд. Эшон ба он иззату ҳурмат ва ман ба ин меҳнату фалокат.

Подшоҳ ба шайхулислом ва ҳуззори маҷлис нигоҳ карду гуфт:

– Эй шайхулислом, ман муҳиммоти дину исломро ба яди дироят ва кафи кифояти шумо [боз]гузоштаам. Ин шахс агар ин суханонро рост мегӯяд, вой бар шумо ва агар дурӯғ мегӯяд, вой бар вай!

Шайхулислом ба маволӣ хитоб карду гуфт:

– Шумо чӣ мегӯед?

Ҳама гуфтанд, ки:

– Пешво ва муқтадои мо шумоед, ҳар чӣ шумо фармоед, сухан ҳамон аст.

Шайхулислом фармуданд, ки:

– Шоҳо, тақсире аз мо воқеъ шуда, вай рост мегӯяд, тадоруки он намоям.

Ин бигуфтанду бархостанд. Чун аз маҷлис берун омаданд, шайхулислом Мавлоно Шайх Ҳусайнро канор гирифтанду чакмани сақирлот, ки дар бар доштанд, бар китфи вай ан-

дохтанд ва дастори худро бар сари вай ниҳоданд ва ӯро бар аспи худ савор карданду бо мавлӣ ба мадрасаи Мирзо Шоҳрух, ки дар Пойи Ҳисор аст, даромада Мавлоно Шайх Ҳусайнро иҷлос фармуданд. Мавлоно он рӯз дарсе гуфтанд, ки ҳамаи маволиву аҳолиро муҳри сукут бар даҳон ниҳода шуд ва фармуданд, ки:

– Мо дар маҷлиси подшоҳ овозе баланд кардем, то он ба лофу газоф маҳмул нашавад. Мегӯям, ки бинои ин мадрасаи шарифа [шак нест] аз гилу хишт аст, ман собит месозам, ки аз нуқраву тилост. Кист, ки гӯяд «лонусаллим» [то] бар вай собит гардонам. Ҳеч касро маҷоли он нашуд, ки дам занад.

Кайфияти маҷлисро ба подшоҳ расониданд. Подшоҳ шефтаву фирефтаи вай гардид ва муқаррабулҳазрати подшоҳ гардид, бар ваҷҳе ки муҳиммоти мамлакату умури шаръия ба тамом муфаввазу мавкул ба қабзаи ихтиёру ҳитаи ихтиёри вай шуд.

Чунин гӯянд, ки бо вуҷуди ин, ҳама машоғил дарсро таътил намекард ва саромади дарси вай Мавлоно Раис буд. Манқул аст, ки Мавлоно Раис муддати мадид ба ҷое рафта буд ва дар он айём Мавлоно Мударрис ҳамсабақони вайро бе мутолиа дарс мегуфта, ғуломи мавлоно дар бозор Мавлоно Раисро дида, [намози шом], ки мавлоно ангези мутолиа карда будаанд, ғулом гуфта, ки:

– Дар бозор Мавлоно Раисро дидам.

Мавлоно филҳол бархостанду китобҳое, ки дар пеш ниҳода буданд, бардошта, дар тоқ ниҳоданд ва китобҳое, ки сабақи Мавлоно Раис буд, дар пеш ниҳоданд. Мавлоно Раис мавлавиро ба ҷон мерасониду ба гуфтугӯй намемонд. Кор ба ҷое кашид, ки шогирдонро фармуд, ки ӯро лату [изо карданд] ва адаби балеғ намуданд. Мавлоно Раис тарки дарси мавлоно карда, дар шаробхонаҳо мегардид. Рӯзе мавлавӣ дарс мефармуданд, ки ҷамъе аз шогирдони саромад [дар пеши мулло] дер омаданд. Мавлавӣ пурсид, ки:

– Сабаби таъхир чӣ буд?

Гуфтанд, ки:

– Дар хиёбон будем, ки ғавғое пайдо шуд. Пурсидем.

Гуфтанд, ки:

– Абдурраҳмони Чалабӣ аз Рум омада.

Ва ӯ ҳамчунон касе буда, ки аз шогирдони мавлавӣ ҷамъе ба Рум рафта, ба вай мулоқот кардаанд. Аз суханони мавлавӣ талабида, якчанд суханро нақл кардаанд. Гуфта, ки:

– Шумо рост мегӯед ё аз вай шуморо ранҷише шуда, бар вай сақифа мебандед? Касе, ки вайро мулло ва донишманд гӯянд, ин навъ ҳазёноту музахрафот мегӯяд, ин чӣ сухан бошад? Худойро, ки инчунин нагӯед!

Ин ҳикоятро ба мавлавӣ расонида буданд[у] мулло аз вай бисёр метарсида ва аз вай ҳисоб мегирифта. Чун ба ҳазрати мулло хабар омад, аз ҳолу паркор рафтанд ва бо худ гуфтаанд, ки: «Аз он чи метарсидам, акнун пеш омад». Чун ба хона омаданд, [ба баъзе] аз шогирдони муътамад гуфтанд, ки:

– Эй фарзандон, то бағоят баномус зистаам, акнун метарсам, ки пардаи номуси ман дарида шавад; ин ғанимест, ки шумо шунидаед, ки ба ман чиҳо мегӯяд.

Яке аз шогирдон гуфт, [ки]:

– [Махдумо,] касеро ба мисли Мавлоно Раис шогирде ва мулозиме бошад, аз Чалабӣ, балки аз Абуалӣ ва Афлотун чӣ бок?! [Мисраъ]:

Бадмастро ба ғамзаи соқӣ ҳавола кун.

Мавлавӣ фармуданд, ки:

– Раисак аз ман ранҷидаву ба дарси ман намеояд.

Гуфт:

– Махдумо, вай бандаи шумост, саҳл аст, ман гӯши ӯро гирифта, пеши шумо орам.

Рафту Мавлоно Раисро аз шаробхона ёфту гуфт:

– Ҳазрати махдумӣ туро металабад.

Гуфт:

– Оре, Чалабӣ то пайдо нашуд, мавлавиро ёди мо наёмад.

Гуфт:

– Муҳмал магӯй, мавлавӣ валинеъматанд.

Ва ӯро ба мулозимат овард.

Мавлавӣ гуфт, ки:

– Эй фарзанд, [ба худойии Худо, ки] дуруштии ман ба ту аз маҳзи шафқату муҳаббат буд.

Гуфт:

– Махдумо, хотири отир ҷамъ доред, ки ба ҳиммати олии шумо, [ки] Чалабӣ, [ки] тасҳифи ҷалабӣ аст, ӯро расвои олам созам.

Чун рӯзи дигар шуд, овоза дар шаҳр шуд, ки Чалабӣ ба хонаи Мавлоно Шайх Ҳусайн меравад. Хуштабъону мудаққиқон мутарассиду мутараққиби он маҷлис шуданд. Дар вақте ки дарси мавлоно қоим шуд, Чалабӣ бо ҷамъи шогирдони хуштабъ ба дарси мавлоно даромад, ба ҳайбату садмате, ки раъша бар бадани мавлавӣ ориз шуд, ба тавозуи тамом пеш давиду таъзиму такрим ба тақдим расонид ва аз роҳу ранҷи сафар, чунонки маъҳуд аст, пурсид. Иттифоқо «Шарҳи таҷрид»-и Мавлоно Алии Қушчӣ дар миён буд. Ҳазрати мавлавӣ хостанд, ки тарки дарс намоянду ба меҳмондории Чалабӣ гароянд, вай гуфт:

– Махдумо, солҳо дар орзуи истифодаи дарси мулозимон будем. Албатта, иноят фармуда, фоида дареғ нафармоед.

Иттифоқан, Мавлоно Раис дертар омаду чашми мавлоно дар роҳи [ӯ] буд. Эҳмолу тааллули мавлоноро сабаб он шуд. Билахира зарурат шуд. Мабҳас ба баҳси вуҷуд расида буд ва мавлавиро дар он ҷо суханон бисёр буд. Чун дар он шурӯъ намуданд ва чанд сухане мазкур шуд, Чалабӣ оғози сухан карду гуфт:

– Махдумо, дар вилояти Рум баъзе аз талаба сухане, ки аз вилояти Хуросон бад-он ҷо мебаранд ва ба шогирдии мулозимон интисобе доштанд, аз хавоссу мазоё ва савонеҳу натоиҷи табиати адимулмисоли мулозимон пурсида мешуд, бар он маҳмул мегардид, ки аз он ҷо, ки хабосати табъи толибилмон аст, он суханро ба мулозимон бар услуби сақифа мебаста бошанд; акнун, ки ин суханон шунида шуд, маълум гардид, ки он талаба баёни воқеъ мегуфтаанд. Ин чӣ муҳмалоту музахрафот ва индиёт аст? Ҳеч гӯш ин ҳазёноти туро машунавод!

Ва мавлоноро ҳамчунон дарҳам овард, ки гӯё кабӯтари заифе дар чанголи уқобе забун гардид.

Ногоҳ Мавлоно Раис даромад. Ба муҷарради даромаданаш ҳамон ҳол ки мавлавиро [аз] дар даромадани Чалабӣ рӯй дода

буд, Чалабиро низ [аз] дар даромадани Мавлоно Раис ҳамон ҳолат воқеъ гардид. Мавлоно Раис фармуданд, ки:

– Агар ин каминаро низ аз гуфтугӯи маходим иттилое бошад, дур аз кор наменамояд.

Мавлавӣ гуфтугӯи худро тақрир намуданд.

Мавлоно Раис фармуданд, ки:

– Агар Мавлоно Алии Қушчӣ ин суханонро мешунид, қалами тазйиф бар суханони худ мекашид.

Чалабӣ ва Мавлоно Раис дар ҳам афтоданду дари тааррузу ташнеъ бар рӯйи ҳам гушоданд.

Оқибатуламр Чалабӣ ба навъе оҷизу забун зоҳир шуд, ки ҳуззори маҷлисро раҳм бар ӯ омад.

Мавлоно Раис гуфт:

– Эй Чалабӣ, бар худ чӣ доштӣ, ки ба расвоӣ алам афроштӣ, мо туро толибилм хаёл мекардем, ту худ ғарибу забун зоҳир шудӣ.

Алҳосил, ки Чалабӣ аз маҷлис ба навъе берун рафт, ки шарҳи [он] натавон кард.

Чун [ин] ҳикоят ба ниҳоят расид, он олиҳазрати салтанатманқабат фармуд, ки:

– **Достони Абдулвосеи Ҷабалӣ** як навбат дар яйлоқи Шоҳрухия ифтитоҳ намуда будем, монее пайдо шуд, ки ба ихтимом нарасид. Агар он достон аз аввал то охир масмуъ гардад, дур наменамояд.

Маъруз дошта шуд, ки миёни Султон Маҳмуди Ғазнавӣ ва Ҳасани Маймандӣ муддатҳо ин мунозира ва муҷодала буд, ки Султон Маҳмуд мегуфт, ки: «Қобилияту истеъдод дар одам зотӣ ва фитрист, ба саъю кӯшиши мураббӣ ҳосил намешавад». Ва Ҳасани Маймандӣ мегуфт: «Ҳарчанд одам ноқобилу бесалоҳият бошад, ба тарбияти мураббӣ ва эҳтимомаш адимулмислу маъдумунназир мегардад».

Рӯзе ин ҳарду мунозир ба расми шикор баромада, аз лашкар ҷудо монданд. Гузорашон ба домани кӯҳе афтод. Султон Маҳмуд дид, ки шахсе бар болои ҷузбуне бар қуллаи кӯҳе бар шохе нишаста ва поёни шохро мебурад. Ҳасани Маймандӣ мегуфт, ки:

– Аз мукобира даргузару назар бар сари ин дарахт андоз ва

ин шахсро мушоҳида куну инсоф бидеҳ, ки тарбият дар ин шахс чӣ асар дошта бошад?

Ҳасан гуфт:

– Бо вуҷуди ин агар тарбият ёбад, аз наводири олам мегардад.

Султон Маҳмуд дар эъроз шуду гуфт:

– Ту ин мардро тарбият кун, то бибинем, чӣ мекунӣ.

Ин гуфту баргашт. Ҳасан фарёд кард, ки:

– [Ин шохро мабуру] фуруд ой.

Фуруд омад. Ҳасан пурсид, ки:

– Чӣ ном дорӣ?

Гуфт:

– Маро Абдулвосеи Ҷабалӣ мегӯянд. Марди кӯҳистониеам; пуштаи ҳезуме ба шаҳр мебараму мефурӯшам ва авқот мегузаронам.

Навкарони Ҳасан расиданд. Фармуд, ки ӯро бар аспе савор карданду ба хонаи худ бурд ва ба ҷамъе аз шуарову фузало, ки дар мулозимати ӯ буданд, супурду гуфт:

– Миёни ману султон моҷароест, агар ба ионати шумо ҷониби ман қувват гираду роҷеҳ шавад, шуморо он миқдор риояту тарбият намоям, ки аз молу маноли олам ғаниву мустағнӣ гардед; мебояд, ки ба ин шахс аслан наср сухан нагӯед ва ба якдигар ҳар чӣ гӯед, мебояд, ки манзуму мавзун бошад.

Муддате ба ин услуб гузарониданд. Рӯзе ба сайри саҳро рафта буданд, ба канори панбазоре расиданд, шутуре ситода буд. Абдулвосеъ гуфт:

Уштуро, каҷгардано, донам, чӣ хоҳӣ кардано,
Гардан намудӣ каҷ, магар панба бихоҳӣ кандано?

Ҷамъи шоирон, ки онро шуниданд, хушҳол шуданду пеши Ҳасан омаданд ва воқеаро батафсил гуфтанд. Ҳасан он ҷамоатро инъоми бисёр карду фармуд, ки он байтро ба хатти ҷалӣ бар девори гармхонаи ҳаммом навиштанд, дар ҷое, ки султон рӯй ба он ҷониб менишинад.

Чун султон ба ҳаммом даромаду ба ҷойи маъҳуд қарор гирифт, сартарошро фармуд, ки сарашро тарошад. Дар вақте ки мӯйҳои зери маҳосинашро метарошид, чашми султон бад-он

байт афтод. Хонд, ки: «Уштуро, каҷгардано, донам, чӣ хоҳӣ кардано». Чун сартарош шунид, ки [султон гуфт]: «Донам, чӣ хоҳӣ кардано» дасти вай биларзиду устура аз дасти вай бияфтод. Султон фармуд, ки ӯро гирифтанд ва гуфт:

– Рост бигӯй, чаро дасти ту ларзон шуд ва устура аз дасти ту афтод?

Гуфт:

– Ба ҷон зинҳор, ҳол ин аст, ки умарои султон ба иттифоқ бо бародари султон ёр шудаанду маро аз роҳ бурда гуфтанд, ки:

– Агар султонро сар мебурӣ, сари туро дар тарбият аз Кайвон [дар] мегузаронем. Ман, [ки] қасди ин кор кардам, султон фармуданд, ки: «Донам, чӣ хоҳӣ кардано» ман хаёл кардам, ки султон мутталеъ шуда, ин сухан[ро] гуфт.

Султон Худойро шукри бисёр гуфту пусид, ки:

– Ин байти кист, ки ҳирзи ҷони ман шуд ва сабаби амну амони ман гардид?

Ҳасани Маймандӣ ба зону дар омаду гуфт:

– Шоҳо, ин байти ҳамон кас аст, ки бар сари шох нишаста, поёни шохро мебурид.

Султон Маҳмуд Абдулвосеъро дар тарбият кашид; кори ӯ ба ҷое расид, ки дар мадҳи султон қасидаи «Чор дар чор»-е гуфт, ки ҳазрати Мавлавӣ Ҷомӣ дар «Баҳористон» фармуданд, ки: «Аз он вақт ки ин қасидаро гуфта, ҳеч кас аз уҳдаи ҷавоби ӯ камоянбағӣ берун наёмада». Ва он қасида ин аст:

Кӣ дорад чун ту дилдоре нигори чобуку дилбар,
Бунафшазулфу наргисчашму лоларӯю насринбар?
Набошад чун ҷабину зулфу рухсору лабат ҳаргиз
Маҳи равшан, шаби тира, гули сурӣ, майи аҳмар.
Зи дарду ҳасрату андешаву тимори ту ҳастам
Ба дил гарму ба дам сарду ба лаб хушку ба дида тар.
Надорам аз ғаму ранҷу ҷафову ҷаври ту холӣ
Лаб аз боду сар аз хоку рух аз обу дил аз озар.
Ба монанди дилу айшу сиришку чашми ман дорӣ
Даҳон тангу сухан талху лабон лаълу миён лоғар.
Ба ҳусну рангу бӯю таъм дар олам туро дидам
Қад аз сарву бар аз оҷу хат аз мушку лаб аз шаккар.

Сазад, гар ман туро хонам ба тавъу табъу ҷону дил,
Кунам хидмат, барам фармон, ниҳам гардан, шавам чокар.
Шаҳаншоҳе, сарафрозе, худованде, ҷаҳондоре,
Муиззи дин, муини ҳақ, муғиси халқ, шаҳ Санҷар,
Ҷаҳондоре, ки бе ёру қарину ҷайшу шаҳ омад
Ба илму ҳилму азму ҷазму базму разму фахру фар.
Худованде, ки вақти ҷуду ҳарбу меҳру кин дорад
Кафи Ҳотам, тани Рустам, дами Исо, дили Ҳайдар.
Шаҳе, к-ӯ ҳаст гоҳи ҷангу сангу сирату ҳиммат
Замонхашму заминҳилму малакқадру фалакмиҷмар.
Ба тадбиру даҳову адлу тавфиқ аст ҳамвора
Мухолифсӯзу давлатсозу мулкорою динпарвар.
Дарахти иззу тамкину ҷалолу қадри ӯ дорад
Саодат беху рифъат шоху қувват баргу ҳишмат бар.
Бувад пайваста умру рою бахту давлати ӯро
Малак доъӣ, фалак роъӣ, ҷаҳон банда, қазо ёвар.
Бияндозанд пеши румҳу гурзу теғу тири ӯ
Ҳижаброн чангу пилон яшку морон заҳру мурғон пар.
Зи бахту давлату таъйиду юмни ӯ ҳамехезад
Зи хоро зар, зи кон гавҳар, зи ям анбар, зи най шаккар.
Бимонад дар санову шукру мадҳу офарини ӯ
Забон оҷиз, хирад ҳайрон, сухан қосир, қалам музтар.
Аё дар соиду ангушту гӯшу гардани мулкат
Зафар ёра, амал хотам, ҳунар ҳалқа, шараф зевар.
Туро зебад гаҳи ҷангу масофу каср дар ҳайҷо
Фарас гардан, камар ҷавзо, сипар кайвон, алам меҳвар.
Ба Чину Турку Ҳинду Рум пешат бар замин моланд
Ҷабин фағфуру рух чиполу лаб хоқону сар қайсар.
Шавад хасми туро дар дидаву кому даҳону лаб
Басар новак, забон ночах, сухан жӯбин, нафас ханҷар.
Бирезад заҳраву дандону шоху панҷа дар размат
Зи бабру юзу фили масту карги тунду шери нар.
Туро шуд чун Сулаймонро вуҳушу тайру ҷинну инс
Қазо суғба, қадар сухра, ҷаҳон банда, замон чокар.
Ба ҳангоми набарду донишу ёрову ороиш
Зуҳалкину уторидфаҳму зуҳратабъу маҳпайкар.

## [22]
## ДОСТОНИ
## хоҷа Низомулмулки Хофӣ, ки вазири Султон Ҳусайн Мирзо буда дар [вилояти] Хуросон

Рӯзе дар чаҳорбоғи Шоҳрухия ҷамъе аз фузалову шуаро дар мулозимати ҳазрати султон [ҳозир] буданд. Он ҳазрат аз ин камина пурсиданд, ки[1] [султони мағфури марҳум] Султон Ҳусайн Мирзоро вазире буда, ки ӯро Низомулмулк мегуфтанд ва [ҳамчунин] машҳур аст, ки ҳаргиз аз боғи вазорат мисли ӯ сарве нахоста ва бар зилуи аморат монанди ӯ сарваре нанишаста. Ва ӯ насаби худро ба саҳобаи кибор, ризвоналлоҳи таоло алайҳим аҷмаъин, дуруст карда буда ва ба Оли Аббос худро мансуб гардонида; шаҷарае навишта буд, ки тамоми акобиру аолӣ ва аҳолии вилояти Хуросон номи худро бар он шаҷара навишта буданд ва онро пеши [ҳазрати] Мавлоно Нуруддин Абдурраҳмони Ҷомӣ [қаддасаллоҳу сирруҳу-с-сомӣ] фиристод ва он ҳазрат аз сабти номи шарифи худ ибо карданд. Хоҷа Низомулмулк ба мулозимати махдумӣ омада, ниёзмандии бисёр намуд. Он ҳазрат аз рӯи зарофат ин рубоиро фармуданд, то бар он шаҷара навиштанд:

Онро, ки бувад нури набӣ дар башара,
Ҳоҷат набувад ба тӯлу арзи шаҷара.
В-онро, ки зи рух натобад ин нури сара,
Шаҷра надиҳад ба ғайри лаънат самара.

Рӯзе подшоҳ бо хавосси даргоҳи сипеҳриштибоҳ нишаста буданд, аз лаъли бӯрак сухан дар миён афтода, ки аз он замон ки лаъли руммонии офтоб аз [кони] Бадахшони сипеҳр берун омада, ҷазъи дидаи ҳеч бинандае бар мисли он лаъл наяфтода ва он баробари дили гӯсфанд буда ва номи ҳаждаҳ подшоҳро бар вай канда буданд. Мирзо Бобур Қаландар фармуда, ки

1 Ба назар мерасад, ки дар матн якчанд сатр афтодааст. Дар бобҳои дигар омада буд, ки султон аз Восифӣ мепурсиданд ва ӯ бо ибораи «маъруз дошта шуд...» ҳикоят мекард. Дар ин ҷо ҳамин ҷумлаҳо афтодаанд (таҳиягар).

онро дар ҳоване салоя карда ва аз барои муоширон маъҷун сохтанд. Султон Ҳусайн Мирзо фармудаанд, ки маро дар дурҷи салтанат лаълест, ки дар хизонаи ҳеч подшоҳе набуда. Баъзе аз махсусон гуфтаанд, ки:

– Шоҳо, мо ҳаргиз нашнидаем, ки он лаъл ба вазн чӣ миқдор бошад.

Фармуданд, ки:

– Тахминан, ба санги Хуросон шаст ман бошад.

Ҳама ҳайрон шуданд, ки дар ин асно Хоҷа Низомулмулк пайдо шуда, подшоҳ фармуданд, ки:

– Он лаъл, ки таъриф кардаам, вай аст.

Беҳақиқатии дунё ва бевафоии подшоҳонро бин, ки инчунин лаълеро оқибат коҳрабо сохтанд ва он подшоҳ борҳо мегуфта, ки: «Камолуддин Ҳусайн, ки писари калони Низомулмулк аст, чашми рости ман асту писари хурди вай, ки Абдулмалик аст, чашми чапи ман аст». Ва Камолуддин Ҳусайн шеърро бағоят хуб мегуфту хуб мешинохт ва гуфтугӯи шеърияи ӯ ба масобае буд, ки дар маҷлисе, ки афозил сухани шеър дар миён меандохтанд, вай ки ба сухан дармеомад, [ҳама] муҳри сукут ба даҳон меандохтанд. Ин матлаъ аз ӯст, ки дар вақте ки банд бар пойи ӯ афканда, аз лаби оби Мурғоб ба шаҳр меоварданд, гуфта буд:

Бар пой бувад банду ба раҳ санги ҷафоям,
Тарсам, ки ҷаҳад оташу сӯзад сару поям.

Ин байт низ аз ӯст, ки:

Мо обгинаему шавем дар шикаст тез,
Озурда гардад, он ки бувад дар шикасти мо.

Ин муаммо ба исми Қосим низ аз ӯст:

То сарви нози қадди ту аз чашм шуд ниҳон,
Сарве баромад аз нами чашмам ба ёди он.

Ва сабаби заволу ҳалоки Низомулмулк бо ду писар ва Имодулислому Низомуддини Курд, ки хоҳарзодаи Низомулмулк буд ва Хоҷа Абдулазизу Хоҷа Маҳмудшоҳи Фараҳӣ он буд, ки Муҳаммадмуъмин Мирзо, ки набераи Султон Ҳусайн

Мирзо буд ва писари Бадеъуззамон Мирзо дар Астаробод ҳоким буд. Султон Ҳусайн Мирзо ба ангези Хадичабегим подшоҳии Астарободро ба Музаффар Ҳусайн Мирзо, ки писари Хадичабегим буд, дода буд; чун Музаффар Ҳусайн Мирзо ба Астаробод лашкар кашид, Муҳаммадмуъмин Мирзо ба ҷанг баромаду гирифтор шуд ва ин матлаъ аз ӯст, [ки] дар он вақт гуфта буд:

Манам, к-аз теғи ман бас беша холӣ аз ғазанфар шуд,
Фалак ёрӣ накард, эй дӯстон, душман музаффар шуд.

Дар он вақт мирзо бар лаби оби Мурғоб хаймаву хиргоҳ зада нишаста буд. Музаффар Ҳусайн Мирзо Муҳаммадмуъмин Мирзо[ро] ба Ҳирот фиристод. Чун хабар расид, халоиқ аз марду зан ва сафеду сиёҳ ва пиру ҷавон ба Пули Солор, ки дар чаҳорбоғи Ҳирот аст, ба истиқбол баромаданд, [он] шоҳзодаро муқаррар шуд, ки дар қалъаи Ихтиёруддин муҳкам созанд ва кутволи қалъа Бибӣ Муҳибби Ҷангӣ буд. Ҳуҷуми халқи Ҳиротро ба Султон Ҳусайн Мирзо расониданд. Ба Хоҷа Низомулмулк машварат кард, ки: «Халоиқи Ҳирот издиҳом намудаанд, маслиҳат чист?» Фармуданд, ки:

Лашкари бадаҳд пароканда беҳ,
Рахнагари мулк сарафканда беҳ.

Мирзо дар ҳолати мастӣ фармуданд, ки нишоне ба Бибӣ Муҳибби Ҷангӣ навиштанду муболиға карданд, ки ҳар гоҳ ки нишон бирасад, эҳмолу тааллул ҷоиз надорад ва Муҳаммадмуъминро ба чиллаи камон ба чиллахонаи адам фиристад. Ними шаб буда, ки нишон расида ва кутвол ба муқтазои фармуда, амал намуда. Сабоҳ хабар дар шаҳр афтод, ки аз рӯзи растохез хабар медод. Тамомии шаҳр аз марду зан кабудпӯш шуданду тарҳи таъзиятро дар Боғи Нав, ки қариб ба Боғи Зоғон аст, андохтанд. Шуарои Хуросон ба мароси шурӯъ намуданд. Гулхании Астарободӣ, ки саромади шуарои он замон буд, ин қитъа аз вай шуҳрат ёфт, ки:

Бозори зулм бозривоҷи дигар гирифт,
З-он кофаре, ки муъмини динро шаҳид кард.

Он ҷо Язид омаду кори Ҳусайн сохт,
Ин ҷо Ҳусайн омаду кори Язид кард.

Дар миёнаи боғ дарахти санавбар буд, ки дар сояи он ҳазор одам менишастанд. Гулханӣ [пушт] бар он дарахт ниҳод. Шуаро дар гирди ӯ ҷамъ буданд. Ғаввосӣ, ки аз машоҳири шуаро буд, марсияе гуфта, дар сари дастори худ халонида буд. Гулханӣ гуфт:

– Эй Ғаввосӣ, он буқро, [ки] дар сар халонидаӣ ва аз Исрофил хабар медиҳӣ, аз сар баровару сайҳае дардам! Ғаввосӣ марсияро баровард ва матлаи марсия ин буд, ки:

Дило, зи гардиши гардуни бемадор дареғ,
На як дареғ, ки ҳар соате ҳазор дареғ.

Чун ин матлаъро хонд, Гулханӣ дар ҳаҷви вай тарду акс бунёд кард. Абёте гуфтан гирифт, ки бо вуҷуди он мотами ҷонсӯз халқ аз ханда бар замин ғалтиданд ва гуфт:

– Эй мардаки хар, ту аз барои чарх марсия гуфтӣ, на аз барои шоҳзода; дигар агар Саъдиву Салмону Заҳиру Хоқонию Анварӣ зинда мебуданд, ҳаргиз ба марсияи ин шоҳзода мубодират наменамуданд [ва мегуфтанд,] ки шеъри мо чӣ дархуру лоиқи инчунин шоҳзода бошад; аммо имрӯз матлае гуфтаам, ки агар ин шоирон дар ин замон будандӣ, ғошияи ҳаводории моро бар дӯши ҷон ва ҳалқаи бандагии моро дар гӯши изъон мекашиданд; аз шоирон, ки ҷамъ буданд, ба ғайри саддақно ва салламно чизе зоҳир нашуд. Илтимоси он матлаъ намуданд. Гулханӣ хонд, ки:

Офтоби ман ба зери хоку ман шаб то саҳар
Хок бар сар мекунам, то офтоб ояд бадар.

Ҳама шоирон [ки ҷамъ буданд] наъраву нафир баровазданд, ки аз замони вафоти Одам ило явмино ҳозо ҳеч шоире инчунин матлае нагуфта.

Фақир дар он вақт дар синни сездаҳсолагӣ будам. Ба Мавлоно Амонӣ, ки хеши [ин] фақир буд, гуфтам:

– Ин чӣ муҳмал матлаест, [ки гуфта?].

Гуфт:

– Ҳей, хомӯш кун, ки туро расвои олам месозад.

Он мардак ҳозир шуд. Гуфт:

– Эй Мавлоно Амонӣ, ин писарак чӣ мегӯяд?

Мавлоно Амонӣ, гуфт:

– Ин матлаи шумо[ро] таъриф мекунаду мегӯяд, ки: «Ин матлаъ чӣ латиф воқеъ шуда!»

Гулханӣ гуфт:

– Вай латофати ин байтро чӣ медонад?!

Фақир ба зону даромадаму гуфтам:

– Агарчи латофати ин байти шуморо намедонам, аммо қабоҳати байти шуморо медонаму мефаҳмам.

Чун ин сухан[ро] гуфтам, ғулғула аз ин ҷамъ баромад. Гуфтам:

– Азизон, як замон мутаваҷҷеҳи ман бошед, то қабоҳати ин байтро хотирнишон созам:

Офтоби ман ба зери хоку ман шаб то саҳар
Хок бар сар мекунам, то офтоб ояд бадар.

Ин биайниҳи ҳамин иборат аст, ки касе гӯяд, ки: «Ман шаб то саҳар Қуръон мехонам, то офтоб ояд бадар. Бар хуштабъони завилуқул ин пӯшида нест, ки ин тарзиқи маҳз аст; дигар, эй Мавлоно Гулханӣ, ин чӣ маънӣ дорад, ки хоки он шоҳзодаро бар сар мекунед? Магар шумо наббош, яъне кафанкашед, ки шоҳзодаро аз хок берун меоваред?»

Ин ки гуфтам, халқ фиғон баровroutard. Гулханиро ҳолате пайдо шуд, ки ба мурдан наздик расид. Фақир гуфтам:

– Ин матлаъро ислоҳ метавон кард, ба ин навъ, ки:

Офтобам зери хоку шаб мани хунинҷигар
Хок бар сар мекунам, то офтоб ояд бадар.

Гулханӣ даст дар бағал карду девони худро, ки ба Мавлоно Султоналии Машҳадӣ нависонида буд, ба ин фақир ба расми сила бахшид ва аз барои ин камина аз ҷамъе, ки нишаста буданд, фотиҳа илтимос намуд[у] ба калониву бобоӣ расвоии худро пӯшид.

Баъд аз он воқеаи ҳойилаи Муҳаммадмуъмин Мирзо подшоҳ кинаи Хоҷа Низомулмулкро дар дил гирифт ва ӯро ба

тавобеи ӯ гирониду ба шаҳри Ҳирот ба қалъаи Ихтиёруддин фиристод. Баъд аз як моҳ ба Мир Абдулхолиқ ибни Амир Фирӯзшоҳ нишоне омад, ки ду писари Низомулмулкро дар даруни қалъа гардан зананду пӯст кананд ва пури коҳ созанд ва Низомулмулкро дар рӯйи Пули Дарвоза пӯст кананд ва Низомуддини Курд ва Абдулазизро дар пойи ҳисор пӯст кананд [ва Хоҷа Имодулислом дар сари бозори Малик ва Хоҷа Муҳаммадшоҳи Фараҳиро дар сари чорсӯй пӯст кананд].

Рӯзе, ки нишон омад, ин камина бо падари худ дар даруни қалъа будам. Сабоҳ, ки Хоҷа Низомулмулк намози бомдод гузорда буд ва ба авров машғул шуд, ки нишонро ба дасти ӯ доданд. Чун мутолиа кард, рӯй ба осмон карду оҳе кашид, ки аз салобати он қалъа ба ларза даромад. Писаронро талабиду нишонро ба дасти эшон дод. Чун хонданд, ҳарду беҳуш шуданд. Хоҷа Низомулмулк гуфт:

– Ҷонони падар, аз ҳолати Амирулмуъминин Ҳусайн ва дашти Карбалову ҳафтоду ду кас аз [фарзандону] хешовандони ӯ ва аҳволи пайғамбарон, ки ва яқтулуна-н-набиййина биғайри-л-ҳақ[1] аз он ёд медиҳад, дар пеши назар ореду бедиливу бетаҳаммулӣ накунед ва сабр кунеду савоб ёбеду ба дараҷаи иннамо юваффа-с-собируна аҷраҳум биғайри ҳисобин[2] бирасед. Бародари калон мегуфт, ки Худоро, ки маро аввал бикушед, ки маро тоқати дидани куштани бародарам нест.

Ва бародари хурдтар зорӣ мекарду мегуфт, ки: «Шумо, ки калонтареду тоқат намедоред, ман чӣ гуна тавонам кард!».

Алқисса, ҳар кадом худро бар болои он дигар меандохтанд ва худро сипари он дигар месохтанд.

Оқибатуламр, ҳар дуро куштаву пӯст пури коҳ карда, аз дарвозаи Малик овехтанд. Машҳур аст, ки писари Хоҷа Афзал, ки ғаними инҳо буд, мардаке буд дар ғояти беандомиву ноҳамворӣ. Асп[савор] аз дарвоза дармеомад [ва берун мерафт] ва дар мурдаҳо нигоҳ мекард. Писари Шодии Гӯянда, ки аз зурафои Хуросон аст, ҳозир буд, гуфт:

---

[1] Қуръон, сураи 2, ояи 11.
[2] Қуръон, сураи 39, ояи 10.

– Ҳон, чӣ нигоҳ мекунӣ? Бо вуҷуде ки пури коҳ аст, ҳанӯз беҳтар аз туст:

> Эй дӯст, бар ҷанозаи душман чу бингарӣ,
> Шодӣ макун, ки бо ту ҳамин моҷаро равад.

Аммо куштани Маҳмудшоҳи Фараҳиро халқи бисёр номуносиб диданду подшоҳро накуҳишу сарзаниши бисёр карданд, зеро ки ба караму ҷуд ва саховату ҷавонмардии ӯ дар уммати муҳаммадӣ, саллаллоҳу алайҳи васаллам, касе ёд намедод[1] ва дар вилояти Фараҳ ҳар намози дигар мунодӣ дармедоданд, ки: «Мусофиру ғариб куҷост? Ҳамаи ғурабо то намози шом ба хонаи хоҷа дар деҳи Пушту ҳозир шаванд». Ва ҳар шаб ақалли мартаба даҳ хирвор ҷав муқаррар буд, ки ба чаҳорпоёни меҳмонон сарф мешуд; ва ин шуҳрати тамом дорад, ки Бадеъуззамон Мирзо, ки писари калони Султон Ҳусайн Мирзо аст, дар вақте ки ба падар ёғӣ шуда буд, ба хонаи Хоҷа Маҳмудшоҳ убур намуда буд. Дар вақте ки хоҷа дар хона набуда, Мирзо дар меҳмонхонаи вай наҳзати нузул фармуда, хонагии хоҷа дар фуруд омадани Мирзо ду ҳазор табақ моҳича кашида буда ва халқи атроф[у акнофи] олам дар ин мутааҷҷибу мутаҳаййиранд. Аммо фақир баъд аз вафоти хоҷа, ки ба вилояти Сиистон мерафтам, дар хонаи хоҷа нузул воқеъ шуд. Хоҷаро вакиле буд Сулаймон ном, ки тамоми муҳиммотро вай кифоят мекард. Вай гуфт, ки:

– Меҳмонии Бадеъуззамон Мирзоро ман саранҷом карда будам ва кайфият он буд, ки ин деҳи хоҷа, ки Пушту ном дорад, як ҳазор хона мардуманд. Чун шунидам, ки Бадеуззамон Мирзо меояд, ба хонаҳо хабар расонидам, ки дар ҳар хона ду табақ моҳича молида, тайёр монанд маа асбобу адавот ва муқаррар гардонидам, ки подшоҳ, ки фуруд ояд, бар боми хона таблеро овоз диҳем, мебояд, ки чун овози табл барояд, моҳичаҳо ба як бор дар дегҳо овард. Ҳамчунон карданд. Касе, ки тадбир намедонад, ҳайрон мемонад. Ва ҳамчунин Хоҷа Сулаймон ҳикоят кард, ки аз ин амр аҷибтару ғарибтар ривоят кунам, истимоъ фармоед.

---

[1] Дар матн ҳамин хел омадааст (таҳиягар).

Рӯзе дар ҳамин мавзеъ, ки нишастаед, хоҷа нишаста буданду фақир рӯ ба рӯйи эшон шатранҷ бозӣ мекардем, ки аз дари меҳмонхона ҷавони соҳибҷамоле даромад ва аз пай сипоҳии шамшербанде таркашҳамоиле даромад ва дар баробари хоҷа истод. Хоҷа дар вай нигоҳе карду гуфт, ки:

– Нишинед.

Нишастанд.

Баъд аз замоне боварчиён дасторхонҳо оварданд; ҷамъи касире буд. Хоҷа фармуданд, ки аввал пеши он ҷавону сипоҳӣ ош ниҳоданд. Ҳама даст ба таом бурданд, он ҷавон даст кашида медошт. Хоҷа фармуданд:

– Зоҳиран дар ин таом шубҳае набошад, зеро ки мо мардуми деҳқонему дар зироат низ эҳтиёт менамоем.

Ҷавон чун инро шунид, дар гиря шуд.

Жола аз наргис фурӯ бориду гулро об дод
В-аз тагарги рӯҳпарвар молиши унноб дод.

Гуфт:

– Эй хоҷа, ҳоли ғарибе дорам, агар фармоед, ба арз расонам.

Хоҷа корд ба даст гирифта ва ҳама ҳуззори маҷлис бар ҳамин ҳол. Гуфт:

– Эй хоҷа, ман хоҷазодаеам аз Ироқ. Ба ҳукми қазои илоҳӣ аз дасти ман хатое рафту дар олами мастӣ ду кас ба дасти ман кушта шуданд. Хуниён маро гирифта, ҳасбушшаръ бар ман исбот карданд ва ҳарчанд подшоҳ ва аъёни Ироқ ба мусолиҳа ва дийят саъй карданд, қабул наяфтод. Маро ба касе супурда буданд, он шахс маро гурезонд. Ба Хуросон омадам ва аз навкарони Мир Муҳаммад Бурундуқи Барлос шудам. Баъд аз шаш моҳ ин ҷавон чун балои ногаҳонӣ ва қазои осмонӣ аз пайи ман омаду маҳзаре аз Ироқ овард ва даъвии худро бар ман ба субут расонид. Аъёни Хуросон шафеъ шуданд. Ба дият розӣ шуд. Умарои дари хонаи Султон Ҳусайн Мирзо панҷ ҳазор танга инъом фармуданд ва маро гардан ёрӣ надод, ки пеши ҳар лаиме даст кафча кунам. Шахсе маро гуфт, ки:

– Ин мушкил аз назди Хоҷа Маҳмудшоҳи Фараҳӣ ҳал ме-

шавад. Аз ин ҷавон бисёр дархост карданд, ки ба ин ҷо розӣ шуд, дигар шумо ҳокимед.

Хоҷа ки инро шунид, табассуме карду гуфт:

– Эй хоҷазода, ман марди деҳқони хокшӯронеам, зироат мекунаму ҳосилоти онро сарфи фуқарову масокин месозам. Шумо худ мегӯед, ки: «Умарои завилиқтидор дар хонаи Султон Ҳусайн Мирзо ин муҳимми шуморо кифоят накарданд», ман чӣ гуна тавонам кард?

Инро ки гуфт, он ҷавон чун абри навбаҳор гирён шуд. Хоҷа хандон гардида гуфт:

– Хоҷазода, таом хӯред, иншоаллоҳ, ки он муҳим кифоят шавад.

Таом хӯрданд. Баъд аз он хоҷа девони худро талабиду давоту қалам бардошт ва навиштан гирифт. [Он миқдор навишт, ки] девон гуфт:

– Махдумо, навиштагӣ аз ҳадду ад даргузашт, яке ҳисоб кунем.

Хоҷа гуфт:

– Эй фалон, аҷаб коре кардӣ ва [моро] аз водии карам дур андохтиву афсурда сохтӣ. Акнун гарм шуда будем, мехостем, ки домону бағали ӯро пур созем [нагузоштӣ; чун] ҳисоб карданд, панҷоҳ ҳазор танга шуда буд. Понздаҳ ҳазор аз барои дият ҷудо сохтанду панҷ ҳазор тангаи дигар аз барои [он] муҳассил ва панҷ ҳазори дигар аз барои панҷ навкар, ки бо эшон ҳамроҳ буданд ва мобақӣ бисту панҷ ҳазор тангаи дигарро ба он ҷавон таслим карданд, ки якчанд рӯз дар шаҳри Ҳарӣ сайру лавандӣ кунеду мутаваҷҷеҳи ватани маълуфи худ гардед.

Ва Хоҷа Маҳмудшоҳро се писар буда ва хурдтари эшон Хоҷа Афзал ном дошту шуҳрати тамом дошт, ки дар чаҳорсади Хуросон ба ҳусну малоҳату сабоҳати ӯ дигаре набуд ва хатти насхи таъликро бағоят хуб менавишт ва аз ду ваҷҳ ба хубии хатти ӯ касе нишон намедод ва ин қитъа аз дарҷи Мавлоно Султоналиро нақл карда буд, ки:

Гар арз кунад сипеҳри аъло
Фазли фузалову фазли Афзал,

Аз ҳар малаке ба ҷойи тасбеҳ
Овоз ояд, ки Афзал афзал.

Ва он қитъаро пеши Мавлоно Султоналӣ бурда буданд. Мавлоно бисёр мутараддид шудаанд, ки он қитъаи вай бошад ё набошад.

Чиҳил рӯз фақирро дар Фараҳ нигоҳ доштанд[у хидматҳо]ву такаллуфот ва меҳмониҳо карданд, ки дар силсилаи подшоҳон амсоли он мутасаввир набошад. Баъд аз чиҳил рӯз дар вақте ки моро иҷозат медоданд, аспе бо зину лаҷом ба ин камина таъйин фармуданд, [ки] то ашҳаби рӯз ба адҳами шаб дар чарогоҳи сипеҳр мечарид,ончунон таковаре ба марғзори ҷаҳон нахиромида ва аз барои бародару шогирди фақир ҳар кадом аспе бо зину лаҷоми муносиб муқаррар фармуданд ва сару пойи лоиқ низ карам намуданду то корвонгоҳ, [ки] аз Фараҳ то он ҷо ним фарсах аст, ҳамроҳӣ карданд. Он ҷо фуруд омада, таоме кашиданд ва фақирро видоъ карданду баргаштанд. Бародари калон чанд қадаме ки ронд, баргашт, гуфт:

– Мо дастурӣ дорем, ки касеро, ки гусел мекунем, мусофаҳа мекунем.

Даст дар бағал дароварду коғазе дарҳампечидае дар кафи дасти ман ниҳод ва бародари миёнаву хурд низ бар ҳамин услуб бародар ва шогирдро мусофаҳа карданд. Чун фуруд омадем, зарҳоро ҳисоб кардем, ҳафтсад танга буд. Ин навъ саховату карам магар аз Ҳотами Тойӣ манқул бошад.

## [38]
## ДОСТОНИ
### алами азимат афроштани султони соҳибқирон Келдимуҳаммадсултон ба савби вилояти Хуросон

Дар таърихи нуҳсаду сиву панҷ буд, ки Музаффаруддин Муҳаммад Баҳодурхон мутаваҷҷеҳи вилояти Хуросон шуд. Асокири ҳумоюн чун [ба вилояти] Марви Шоҳҷаҳон нузул фармуданд, рӯзе ҷамъе аз шуарову фузало ташрифи ҳузур арзонӣ доштанд. Шахсе аз дур пайдо шуд [ва] ба суръати ҳар чӣ тамомтар мутаваҷҷеҳи ин маҷлис гардид. Чун расид, пурсид, ки:

– Мавлоно Восифӣ кадом аст?

Маходим ишора фармуданд. Филҳол дар пойи ин фақир афтоду рӯйи худ ба кафи пойи ин камина ниҳод. Ҳарчанд манъаш кардам, муяссар нашуд.

Гуфтам:

– Эй азиз, ту чӣ касӣ ва мақсуду арзи ту чист?

Гуфт:

– Ман марди шоираму аз Бухоро ба ин лашкар ҳамроҳ гаштаам ва дар чӯли Ширишутур аспи ман сиқт гардид ва [ҳамаи] ин роҳро пиёда тай кардаам ва қасидае гуфтаам дар марсияи аспи худ [ва] баъзе аз мақосиде, ки дорам, дар он қасида дарҷ кардаам. Чун маро ба мулозимон муаррифӣ набуд, густохӣ карда, бе василаи шумо он қасидаро ба арзи султон расонидам. Чун бунёд кардаму ду байт хондам, он ҳазрат пурсид, ки:

– Ин қасидаи худро ба фалонӣ хондаӣ?

Гуфтам:

– Не.

Фармуд, ки:

– Бираву ба арзи ӯ расон, агар писанди ӯ афтад, ҳамин миқдор гӯяд, ки «ин қасида бад нест», муддаои туро ҳосил гардонему ончи мақсуди туст, ба ту арзонӣ фармоем.

– Акнун, махдумо, аз ризои Худо, ки маро маҳрум нагардонед.

Гуфтам, ки:

– Қасидаи худро бихон, ки маходим исғо намоянд.

Чун бунёд кард, мисраи аввали матлаъ номавзун буд. Байти сонӣ бемаъниву аз ҳиляти назм берун. Ёрон бунёди ханда карданду ӯро шарманда сохтанд. Ба ёрон гуфтам, ки:

– Толеи ин мардак мадад кард, ки [ин] дар ҳузури шумо воқеъ шуд. Ҳоло маслиҳат дар он менамояд, ки ба иттифоқ аз барои вай қасидае гӯему ба ҳазрати султон гузаронем ва муддаояшро ба ҳусул расонем. Муқаррар аст, ки писандидаи карам хоҳад буд.

Ҳосил, ки дар як лаҳза он қасидаро саранҷом намуда шуд. Ӯро бо қасида ба ҳазрати аъло бурдему ба арз расонидем. Фармуданд, ки:

– [Ду байти аввалро шунида будам, номавзун буд.

Гуфтам:

– Оре, ба ислоҳи маходим ин қасида мавзун шуд.

Фармуд, ки:]

– Он қасида қобили ислоҳ набуд, шумо қасидае дигар фармудаед.

Боре, ба ҳар такдир муддааёти ӯ ба ҳусул пайваст. Аспи хубе ба зину лаҷому сару пойи муносиб ба вай инъом шуд ва мансаби эҳтисоби Марв ба вай муфавваз гардид. Рӯзи дигар, ки ҳазрати султон дар девонхонаи давлатпаноҳ ба тахти салтанат нишаст, аз ин камина пурсиданд, ки:

– Бисёр аз шоирон дида мешаванд, ки амсоли ин муҳмалоту музахрафот мегӯянд ва дар он бисёр ҷидду ҷаҳд менамоянд; оё онро чунонки ҳаст эътиқод доранд ё аз рӯи зарофат бо мардум тарҳи масхарагӣ меандозанд?

Фақир ба арз расонид, ки моҳияту ҳақиқати ин навъ мардумро донистан бисёр мушкил аст. Инак Мавлоно Аҳмади Самарқандӣ ин навъ абётҳо дорад, ки:

Аз мӯ натавон сохт миёне, ки ту дорӣ
В-аз ғунчаи сероб даҳоне, ки ту дорӣ.
Бар нолаи шабҳои асирон накунӣ гӯш,
Фарёд аз ин хоби гароне, ки ту дорӣ!

Ва ин байт ҳам аз ӯст, ки дар ҳаҷви Мавлоно Султонмуҳаммади Кӯсаи Хамокатӣ гуфта, ки:

Ало, эй кӯсаи турк, шубон ханҷакар элӣ,
Мисоли риши ту гуфтам хаси мусича қандилӣ.

Дар гунбади Машҳад ҳазрати султони Хуросон қандиле овехта, мусича бар сараш ҷиҳати ошёна хошок оварда, риши вайро ба он ташбеҳ намуда. Мулоҳиза фармоед, ки аз ин [байт то он] ду байт чӣ миқдор тафовути фоҳиш аст; ҳеч кас гӯяд, ки қоили ин абёт як кас аст ва ин байт низ аз ӯст, ки дар ҷавоби [ин] ғазали ҳазрати мавлавӣ, ки:

Дӣ чу дид он маҳ маро, аз роҳ гардидан чӣ буд
В-[он] равон гаштан, ба хоки нарм ғалтидан чӣ буд?

Гуфт, ки:

Дар Самарқанд он ҳама амдо бигардидан чӣ буд,
Рафтану он гаҳ ба хоки нарм ғалтидан чӣ буд?

Ҳазрати мавлавӣ дар айёми лавандӣ дар Самарқанд сайр мефармуданд, ки гузари эшон ба сари кӯйи ҷавоне афтода, ки ӯро Хоки Нарм мегуфтанд. Ҷавонро зарофат бар он дошт, ки гуфт:

– Ин хари хуросонӣ ин ҷо ба кор омада?

– Ҳазрати мавлавӣ фармуданд:

– Аз барои он ки мехоҳад ба Хоки Нарм ғалтад.

Амир Алишер шоиронро фармуд, ки қасидаи «Шутурҳуҷра»-и Котибиро ҷавоб гӯянд. Мавлоно Аҳмадӣ он қасидаро ба мадҳи Амир Алишер тамом кард. Ба вақти хондан чун ба ин байт расид, ки:

Ба пеши ҳуҷраи ту чун шутур занам зону,
Агар зи ҳуҷра чу уштур бурун кунӣ гардан,

Амир фармуданд, ки:

– Эй мардак, ту маро ҳаҷв кардаӣ.

Фармуд, ки ӯро барбаста, дар ҳавзи об андохтанду ӯро ҳамчун саг тар сохтанд. Дар лаби ҳавз гурбае буд, дар ҳавз

афтода, ғӯта хӯрд. Чун Аҳмадӣ сар аз об бароварду гурбаро ба он ҳол дид, фарёд баркашид, ки:

– Эй Амир, ин гурба низ қасидаи «Шутурҳуҷра»-ро ҷавоб гуфта?

Мир хандон шуду ӯро бахшид. Ҳаво сард буд, пӯстине ба ӯ инъом фармуд. Аҳмадӣ аз барои он пӯстин қасидае гуфт, матлаи он қасида он буд, ки:

Маро як пӯстин инъом аз он Мири калон омад,
Ки аз бӯйи бадаш шаҳре ба фарёду фиғон омад.

Чун ин матлаъ ба Мир расид, дар бадеҳа фармуд, ки:

Туро з-он пӯстин инъом, к-он бӯйи гарон омад,
Ту будӣ дар миёни пӯстин, он бӯй аз он омад.

Аммо рутбаи Мавлоно Ҳасаншоҳи шоир бартар аст. Дар шеър турфагиҳову зарофатҳо дорад.

Аз ҷумлаи зарофатҳои мавлоност, ки дар зимистоне дар камоли қаллошӣ буд, писари худро фармуд, ки кабуд бар сари худ бандаду ҷомаи кабуд дар бари худ кунад ва гуфт:

– Ба дари хонаи Амир Алишер рав. Мир ки туро бинад ва пурсад, гӯй, ки:

– Падарам аз дорулфано ба дорулбақо реҳлат намуд.

Мир ҷиҳати такфину таҷҳиз чизе хоҳад дод. Ба бозор рафта, асбоби маош харида ба хона ор.

Чун ба ин сурат ба пеши Мир омад, ӯро талабиду пурсид, ки:

– Воқеа чист?

Гуфт:

– Падарам вафот карду умр ба шумо бахшид. Мирро риққате шуду гуфт:

– Дареғ аз Мавлоно Ҳасаншоҳ, ки аз наводири рӯзгор буд.

Маблағи сесад хонӣ ба вай инъом фармуд. Писари мавлоно ба бозор рафту он чи мавлоно гуфта буд, харид ва ба хонаи мавлоно бурд. Рӯзи дигар мулло ба дари хонаи Мир омад.Чун чашми Мир ба вай афтод, аз ханда пушт ба девор ниҳоду гуфт:

– Эй мулло, шумо мурда будед, ин чӣ ҳолатест?

Гуфт:

– Эй Мир агар он инъом намешуд, мурда будам.

Мир сару пойи муносиб ва маблаҷи як ҳазор динори капакӣ ба вай инъом фармуд.

## [24]
## ҲИКОЯТ

Дар таърихи нуҳсаду сиву ҳашт буд, ки ҳазрати аълохоқонии сулаймонмаконӣ дар боғи Шоҳрухия дар девонхонаи аъло бар тахти салтанат қарор гирифта, аз ин камина суол фармуд, ки:

– Тоқи Кисро, ки бонии он Нӯшервони Одил аст, дар кадом вилоят асту кайфияти он чӣ гуна будааст?

Маъруз дошта шуд, ки он иморат дар шаҳри Мадоин асту иртифои он тоқ аз чаккаи он то сари айвон яксаду бист газ буд, то ғоят ончунон иморате бино нашуда. Меоранд, ки фарши он суффаи олия аз рухому мармар буд ва аз сангҳои мулавван онро тартиб карда буданд. Чун он иморат ба итмом расид, акобиру аолӣ ва ашрофи Мадоинро зиёфате фармуду гуфт :

– Инчунин иморате дар маъмураи олам ҳеч кас дида бошад?

Ҳама гуфтанд:

– Лам юхлақ мислуҳо фи-л-билод[1].

Шахсе гуфт:

– Ин иморат як айб дорад, ки дар паҳлуи ин тоқ пиразане хонае дорад, дуд мекунад ва он дуд дар айвон мепечад ва наздик ба он расида, ки он тоқ ба масобаи[тоқи] абруи хубон сиёҳ гардад. Ва гове дорад, ки гузори вай бар рӯйи ин фарш аст ва фазла бар рӯйи ин фарш меандозад. Анӯшервон он занро талабиду гуфт:

– Эй модар, ман иморате сохтаам, ки мисли ин иморат дар олам нест ва ин имората маро гови ту зоеъ кардааст. Дар баробари иморати ту кӯшке зарнигор ва дар баробари гови ту сад гов бидиҳам, чӣ мегӯӣ?

Гуфт:

– Эй подшоҳ, агар сад кӯшки зарнигору ҳазор гови анбар бидиҳӣ, ин вайронаи худро нахоҳам дод. [Анӯшервон гуфт, ки:]

---

[1] Қуръон, сураи 89, ояи 8.

– Ин муболиға холӣ аз ҳикмат нест, мақсуд чист?

Гуфт:

– Мақсуд он аст, ки то инқирози олам гӯянд, ки Анӯшервони Одил ҳамчунон подшоҳе буд, ки пиразане бо ӯ муориза карду адли ӯ монеъ омад, ки бар вай таарруз намояд; ғарази ман некномӣ ва давлатхоҳии туст, вагарна, хонаву гови ман чӣ хоҳад буд?

Олиҳазрати салтанатпаноҳӣ фармуд, ки:

– Аз ин ҳикоят моро инбисоте даст дод. Дигар ҳикоят гӯянд.

Маъруз дошта шуд, ки Анӯшервони Одил ба роҳе мерафт. Пирмарде ҷавзин мекошт. Гуфт:

– Эй пир, магар туро аз фалоҳату деҳқонӣ хабаре нест? Нашнидаӣ, ки дарахти ҷавзин баъд аз сӣ сол бар медиҳад?

Пир гуфт:

Дигарон коштанду мо хӯрдем,
Мо бикорем, дигарон бихуранд.

Анӯшервонро хуш омад. Гуфт:

– Зиҳ!

Ҳар гоҳ Анӯшервон ба «зиҳ»-и таҳсин касеро офарин мекард, ганҷури вай ӯро як ҳазор ашрафӣ медод. Чун онро истифо намуд, ханда карду гуфт:

– Шоҳо, шумо фармудед, ки ин дарахт баъд аз сӣ сол бар хоҳад дод, инак ин дарахт [аз шарафи адли ту] ҳамин соат бар дод.

Анӯшервон боз гуфт:

– Зиҳ!

Ганҷур ҳазор ашрафии дигараш дод. Гуфт:

– Ҳар дарахте соле як бор бар медиҳад, ин дарахти ман дар як замон ду бар дод.

Анӯшервон хандон шуду гуфт:

– Зиҳ!

Ганҷураш як ҳазор ашрафии дигар дод[у] гуфт:

– Биронед, ки ин пирак хазинаи маро холӣ хоҳад кард.

Аз Анӯшервони Одил манқул аст, ки подшоҳони Аҷамро меҳмонӣ мекард. Дар вақти ош кашидан хонсолор хони ошро мехост ба пеши Анӯшервон ниҳад, пойи [вай] ба доманаш дарпечиду оши гарм бар рӯйи шоҳ рехт. Фармуд, ки ҷаллод ӯро дар арки боргоҳ гардан занад. Филҳол хонсолор хони ошро тамом бар сари Анӯшервон рехт. Нӯшервон гуфт:

– Эй бадбахт, ин чӣ кор буд, ки кардӣ? Узрхоҳии бадтар аз гуноҳ!

Гуфт:

– Шоҳо, овозаи адли ту [аз] Қоф то ба Қоф рафта. Аз ман беихтиёр ҷаримае содир шуд ва ман мустаҳиққи куштан нагаштаам. Агар маро мекуштӣ, домани адли ту ба хуни ман олуда мешуд [ва] адли ту дар олам бадном мешуд. Ман ба қасд гуноҳе кардам, ки агар маро бикушӣ, гуноҳкореро кушта бошӣ, аз ин ваҷҳ бадном нашавӣ. Нӯшервон ӯро тарбияти азим фармуд.

Олиҳазрати салтанатмаобӣ фармуданд, ки:

– Ба ҳукми ал-ашёу татабайян биаздодиҳо аз Ҳаҷҷоҷи золим низ ҳикояте фармоянд.

Маъруз дошта шуд, ки:

– Ҳаҷҷоҷро Муҳаммад Юсуфи Сақафӣ ном буд ва ба воситаи ҳуҷҷат ӯро Ҳаҷҷоҷ мегуфтанд, ки ба воситаи эҳтиёҷ мардумро мекушт.

Овардаанд, ки шахсеро пеши вай оварданд, ки мӯйи сари ӯ сафеду мӯйи маҳосини ӯ сиёҳ. Гуфт:

– Сабаб чист, ки мӯйи сарат сафеду мӯйи маҳосинат сиёҳ аст? Ҷиҳат маъқул гӯй, вагарна, туро мекушам.

Гуфт:

– Шоҳо, ҷиҳат он аст, ки дар шиками модар будам, ки мӯйи сари ман баромада буд ва [баъд] аз таваллудам [ба] бист сол мӯйи маҳосини ман пайдо шуд; он пир ва ин ҷавон монда.

Ҳаҷҷоҷ хандон шуду гуфт:

– Аз теғи ман халос шудӣ.

Шахси дигареро оварданд, баръакс мӯйи сар сиёҳу мӯйи маҳосин сафед. Гуфт:

– Ту ҷиҳат гӯӣ.

Гуфт:

– Шоҳо, ҷиҳат зоҳир аст, зеро ки мӯйи сар пӯшида аст, боду ҳаво дар вай тасарруф кам дорад ва мӯйи маҳосин дар шабонарӯзе ба каррот шустушӯй меёбад, боду ҳаворо тасарруф дар вай бештар воқеъ аст.

Гуфт:

– Рост гуфтӣ ва аз теғи ман халос шудӣ.

Рӯзе Ҳаҷҷоҷи золим ба шикор рафта буд. Аз лашкар ҷудо афтод. Дар шаби торик ба об афтода, наздик ба ҳалокат расида буд. Шахсе ӯро шинохта, аз об халос кард.

Ҳаҷҷоҷ аз вай пурсид, ки:

– Чӣ ном дорӣ ва дар куҷо мебошӣ?

Гуфт:

– Фалон [ва] дар фалон маҳалла.

Чун сабоҳ шуду Ҳаҷҷоҷ бар тахт нишаст, гуфт:

– Фалониро аз фалон маҳалла биёред.

Чун оварданд, Ҳаҷҷоҷ гуфт:

– Аз [ту] чизе мепурсам, агар ба ростӣ ҷавоб додӣ, растӣ ва илло урзаи теғи сиёсати ман шудӣ.

Гуфт:

– Он шахсе, ки зулму тааддиву бедодӣ карда бошад ва халқ фанои ӯро аз Худо толиб бошанду вай дар маҳлакаву вартае афтода бошад ва наздик ба ҳалокат расида, шахсе ӯро ло ан шайъин аз он бало халосӣ диҳад ва балои ӯро боз ба сари халқ оварад, бар вай чӣ бояд кард?

Он шахс дарёфту гуфт:

– Шоҳо, донистам, ки чӣ мегӯед. Он золим, ки бар халқи Худой зулму ситам мекунад, шумоед ва дар бало афтода будед [ва] ман шуморо халос кардам. Бинобар ин ки падари шумо, ки бар сари мо ҳоким буд, зулму тааддӣ бисёр мекарду халқ ӯро нафрин мекарданд, ба умеди он ки шумо писари ӯед, шояд ки беҳтар аз ӯ бошад. Чун ӯ мурд, шумо ба сад ҳаромзодагии [ӯ] будед. Тарсидам, ки мабодо ки миред, писари шумо бадтар аз шумо бошад.

Ҳаҷҷоҷ ханда карду гуфт:

– Туро бахшидам.
Ва ӯро тарбият кард.

Чун ин ҳикоят ба анҷом расид, меъмори иморати султонӣ ба арз расонид, ки иморат наздик ба итмом расида, қасидае мебояд, ки бар китобаи он иморат навишта шавад. Ба ин камина ишорат фармуданд, ки:

– Мебояд, ки имшаб тамом шавад, ки фардо ба он кор машғулӣ намоянд. Адади он абёт бист[у як] байт мебояд.

Ва он абёт ин аст:

Басе ба гирди ҷаҳон сайр кард чархи барин,
Иморате ба фазову ҳаво наёфт чунин.
Бад-ин иморати олӣ сипеҳрро нарасад,
Ки дар муқобила ояд ба зинату тамкин,
Ки ҳар дуро чу ба мизони қадр санҷиданд,
Сипеҳр сӯи само рафту ин ба рӯйи замин.
Ба хокрӯбии ин қаср аз пайи ҷорӯб
Гирифта Рӯҳи қудус гесувони ҳурулъин.
Кабудии рухи гардун зи чист, медонӣ?
Бар остони рафеаш зи баски суда ҷабин.
Зи баҳри нили фалак з-анҷум оварад даврон
Пайи нисори дараш сад ҳазор дурри самин.
Фалак барои дари ин иморат оварда
Зи анҷуму маҳи нав меху ҳалқаи заррин.
Зи рашки ҳалқаи занҷири печ-печи дараш
Шудаст ҷаъди бутон тобдор, чин бар чин.
Куҷо ба гӯшаи бомаш расад каманди шиҳоб,
Равад агар ба масал бар фарози Арши барин.
Чӣ нисбат аст бад-ин қаср чархи гардунро,
Куҷост асфали сиҷҷину авҷи иллиййин.
Ниҳода панҷараҳояш ҳазор дида ба роҳ
Барои мақдами иқболи шоҳи давлату дин.
Сипеҳрмартаба Султон Муҳаммад, он шоҳе,
Ки қайсар аст ба роҳаш гадои хокнишин.
Шаҳе, ки чокари даргоҳи ӯст сад хоқон,
Ғуломи ҳалқабагӯшаш ҳазор хусрави Чин.

Агар Сикандару Доро ба аҳди ӯ будӣ,
Шудӣ ба ҷону дилаш чокару раҳиву раҳин.
Ба ақлу илм Сикандарниҳоду Луқмонрой
Ба адлу ҷуд Фаридунфар асту Ҷамойин.
Шаҳо, забарҷади гардун нигини хотами туст,
Тамоми рӯйи заминат бувад ба зери нигин.
Кунанд подшаҳони бузурги соҳиброй
Ба ҳусни ройи ту сад офарину сад таҳсин.
Ҳамеша, то ба ҷаҳон аз иморат аст нишон,
Мудом, то бувад андар замон макону макин,
Асоси давлату иқболу ҳишмату ҷоҳат
Бувад чу қоимаи Арш пойдору матин!
Бар остони ту ин қадр Восифиро бас,
Ки ҳаст ҷош ба силки мулозимони камин.
Бувад ҳамеша Худованд ёру ёвари ту,
Мудом рӯҳи набӣ бошадат заҳиру муин!

## [40]
## ҲИКОЯТ

Рӯзе дар чаҳорбоғи Шоҳрухия он [олӣ] ҳазрат ба нӯки корд харбуза нӯш мекард, фақирро чизе ба хотир расид, мӯҷиби табассум шуд. Ҳазрат фармуданд, ки:

– Мӯҷиби табассум чист?

Гуфтам, ки:

– Мулозимон ба нӯки корд харбуза нӯш мекарданд, маро ҳикояте ба ёд омад.

Фармуданд, ки:

– Он кадом ҳикоят аст?

Ба арз расонидам, ки шахсеро Худои таоло писаре дод ва он шахсро мусоҳибе буд, мунаҷҷим. Аз вай илтимос намуд, ки аз барои писари вай толеи мавлудӣ навишт. Дар он ҷо омад, ки дар синни чаҳордаҳсолагӣ ин писар ба дасти подшоҳи Яман кушта мешавад ва агар ин хатарро гузаронид, умри вай ба сад сол мерасад. Бағоят парешон шуд. Ин шахс писари худро ғариб муҳофизате мекард, то ба синни чаҳордаҳсолагӣ расид. Муаллиме аз барои вай таъйин карда буд ва ӯро аз даруни хона берун намегузошт, то он ки вақти қазо расид.

Рӯзе подшоҳи Яманро, ки аз он ҷо то ба ин ҷо, ки писар аст, яксола роҳ аст, малолате даст дод. Бар болои қаср баромад, дид, ки мурғе дар ғояти бузургӣ бар гӯшаи бом нишаста, чунончи одати мурғон аст, ки минқор бар боли худ мекашанд, подшоҳро ба хотир расид, ки мурғ ғофил аст, шояд ки тавонаш гирифт; даст ба пойи ӯ задан ҳамон буду парвоз кардан ҳамон. Чун назар кард, дид, ки ӯро як манораавор ба ҷониби осмон бурдааст. [Баъд аз муддате] мутаваҷҷеҳи нишеб шуд, то пойҳои ӯ бар замин расид. Даст аз пойи мурғ гузошт. Худро дар саҳрое дид; наздики шаҳре чӯпоне ба назараш даромад, ки гӯсфанд мечаронид. Ҷомаҳои подшоҳонаи худро ба ҷомаҳои вай муовиза карду ба шаҳр даромад. Падари он писар илтизом карда буд, ки дарвешону ғарибонро меҳмондорӣ мекард. Ин подшоҳро даруни дарвоза дида, муроот карда, дар хона бурд; дид, ки дар хона марди муллои азизе ва писари

соҳибҷамоле нишаста. Падари ин писар табақи харбузае пеши эшон ниҳоду аз барои таом рафту гуфт:

– Шумо ин азизро дилгир нагузоред.

Муллои муаллим берун рафт. Ин подшоҳ харбузаро пора карду ин писар машғули хат навиштан буд. Ҳарчанд подшоҳ гуфт, ки «майл фармоед», ӯ тарки хат навиштан намекард, то он ки подшоҳ порае аз он харбузаро ба нӯки корд гирифта, пеши даҳони он писар овард. Ногоҳ атсае заду нӯки корд дар коми ӯ халид ва он писар филҳол ҳалок шуд. Он подшоҳро ҳоли ғарибе воқеъ шуд. [Бо худ] қарор дод, ки бар бом раваду худро сарнигун аз бом андозаду ҳалок гардонад. [Чун баромад] дид, ки ҳамон мурғ, ки ӯро оварда, бар канори бом нишаста. Даст дар пойи ӯ зад, боз он мурғ ӯро оварда, бар боми қасраш ниҳод.

## [26]
## ДОСТОНИ
## Мавлоно Огаҳӣ ва Хоҷа Шиҳоб[уддин] Исҳоқ

Дар яйлоқи Шаробхона дар таърихи нуҳсаду сиву панҷ буд, ки он олиҳазрат наҳзати нузул фармуда буданд. Рӯзе фармуданд, ки:

– Бисёр дилгир мешавем, агар [гоҳе] ҳикояте мегуфта бошед, ки дафъи малол шавад, дур нест.

Маъруз дошта шуд, ки:

– Мирзо Шоҳғариб, ки яке аз фарзандони Султон Ҳусайн Мирзо буд, дар ҳини хурдӣ аз бақши хиргоҳ афтода, устухони пушту синаи ӯ аз ҷо рафта, букрӣ шуда буд [ва] бағоят хуштабъ буд ва шеърро бисёр хуб мегуфту хуб мешинохт. Ин шеър аз ӯст, ки гуфтааст:

Дӯстон, ҳар гаҳ гузар сӯи мазори ман кунед.
Ҷойи такбирам дуои ҷони ёри ман кунед.
Қотиламро то зи хайли маҳвашон донед кист,
Сураташро нақш бар лавҳи мазори ман кунед.

Ва ӯро садре буд Шиҳобуддин Исҳоқ ном ва дар силсилаи мирзо ҷавоне буд аз нитоҷи Шайх Зайнуддини Хофӣ [ва] Мавлоно Огаҳӣ ном дошт, ки дар он замон ба синни ӯ ба қобилияту ҳайсият ва фазилати [ӯ] дигаре набуд; дар толибилмӣ адимулмисл ва дар аснофи шеъру соири фазоил беназир. Ва дар ҳафт иқлим ба ҳафт қалам бемонанд буд. Ва Мирзоро ба вай бисёр муҳаббату ихтисос буд ва ӯро доия буд, ки садри Мирзо бошад, аммо Шиҳобуддин Исҳоқ монеи куллӣ буд. Султон Ҳусайн Мирзо ҳар гоҳ ба сафар мерафт Мирзо Шоҳғарибро ба ҷойи худ доруға мегузошту мегуфт:

– Ҳиссаи вай аз подшоҳӣ ҳамин аст, ки дар айёми ҳаёти ман аст. Баъд аз ман маълум нест, ки ӯро аз подшоҳӣ баҳрае бошад.

Дар вақте ки подшоҳ ба қасди қалъу қамъи Хусравшоҳ мутаваҷҷеҳи Ҳисор шуд, Шайх Абусаиди Пурониро талабида,

Шоҳғариб Мирзоро ба ҷаноби шайх сифориши бисёр кард. Гуфт, ки:

– Матмуъ ва маъмул аз макорими ахлоқ он аст, ки дар айёми муфориқати ин мухлис аз аҳволу авзои ин фарзанди камина ғофил набошанд, [агар дар итоат тақсире воқеъ шавад, албатта эълом фармоянд; он миқдор муболиға намуд, ки фавқи он мутасаввар набошад.]

Чун Мирзо ба сафар мутаваҷҷеҳ шуд, Мавлоно Огаҳӣ камари кинаи Шиҳобуддин Исҳоқро бар миёни ҷон басту хатти ӯро машқ кардан гирифт ва ба андак замоне хатти худро ба хатти ӯ ҳамчунон шабеҳ сохт, ки ҳеч мудаққиқе фарқ наметавонист кард, [ки аз дигаре бошад]. Аз забони Шиҳобуддин Исҳоқ ба шайх Пуронӣ китобате навишт; мазмун он ки: «Махдумо! Ҳазрати аълохоқонӣ фарзанди худро ба мулозимон он навъ сифориш кардаанд, ки маълум аст ва шоҳзода беэътидоливу беандомӣ аз ҳадди андоза даргузаронидаанд. [Ё] ӯро насиҳат фармоянд ё арзадоште ба ҳазрати аъло нависанд» ва муҳри Шиҳобуддин Исҳоқро ба қалами мӯйӣ ба навъе тақлид карда, ки Шиҳобуддин Исҳоқ низ фарқ наметавонист кард. Ва ин хатро дар девонхона андохт, ки ба дасти яке аз чеҳраҳои хос афтод ва он чеҳра [он] хатро ба пеши Мирзо овард. Мирзоро ҳоли ғарибе даст дод. Шиҳобуддин Исҳоқро талабид ва дар хилват он хатро ба дасти вай доду гуфт:

– Ман дар ҳаққи ту чӣ кардам, ки ту дар бораи ман ин душманӣ кардӣ?

Шиҳобуддин Исҳоқ сар бараҳна карду гуфт:

– Шоҳо, наметавонам гуфт, ки ин хатти ман аст ва наметавонам гуфт, ки ин хатти ман нест. Касе ин хатту муҳри маро ба навъе тақлид карда, ки магар Рӯҳулқудус тавонад кард. Шоҳо, ман намегӯям, ки маро макушед, ки куштани ман воҷиби мавоҷиб ва алзами лавозим аст, аммо таваққуъ он ки:

Ба тундӣ сабук даст бурдан ба теғ,
Ба дандон газӣ пушти даст аз дареғ.

Андак таъхире фармоянд, шояд ки парда аз рӯйи кор [бар]афтад. Мирзо аз баъзе чеҳраҳо пурсид, ки:

– Шумо ҳеч донистаед, ки ба Шиҳобуддин Исҳоқ дар ин хона кӣ бадӣ дорад?

Чеҳрае гуфт:

– Шоҳо, як рӯз ман дар паси пушти Мавлоно Огаҳӣ нишаста будам, Шиҳоб[уддин] Исҳоқ мегузашт. Мавлоно Огаҳӣ гуфт: «Ҳей қатлабон, агар ман туро ба хок баробар насозам, мард набошам».

Мирзо гуфт:

– Хомӯш бош, ки донистам, раведу Малоно Огаҳиро ҳозир созед.

Чун омад, Мирзо фармуданд, ки:

– Эй Мавлоно Огаҳӣ, раҳмат бар ту бод, аҷаб кори писандидае кардӣ ва маро аҷаб аз ҷафои он мардак халос кардӣ. Падарам ба зӯр ӯро садри ман сохту кӯҳи боре бар гардани ман андохт.

Огаҳӣ гуфт, ки:

– Бале шоҳ, ман инро даниста будам, ин андуҳро ба шумо написандидам.

Мирзоро ба хотир расид, ки мабодо ин корро вай накарда бошад ва дар бораи худ туҳмате бар худ бандад. Мирзо гуфт, ки:

– Мавлоно Огаҳӣ, то [ин хатро] дар пеши ман нанависӣ ва ин муҳрро дар назари ман нақш накунӣ, маро бовар намеояд.

Огаҳӣ давоту қалам талабиду он хатро филҳол навишт ва он муҳрро ба қаламмӯй интиқош намуд, ки он хатти пешина ва ин хатро ба ҳам омехт ва ҳардуро пеши Мирзо андохт. Ба душвории бисёр фарқ тавонист кард. Баъд аз он Мирзо гуфт, ки:

– Эй Огаҳӣ, аз Худо натарсидиву шарм надоштӣ, ки иёзубиллоҳ, агар эҳтиёт намекардам ва ӯро мекуштам, аз уҳдаи вай кай берун меомадам? Ту мусалмон бошиву шайхзода бошӣ ва аз авлоди Шайх Зайнуддин бошӣ, ки қутби олам буда, инчунин коре мекунӣ?

Чеҳраҳоро фармуд, ки Огаҳиро бар сари чорсӯ пора-пора

созанду [ӯро] бисӯзонанд ва хокистари ӯро бар бод диҳанд. Ба Шиҳобуддини Исҳоқ хабар бурданд. Гуфт:

– Маро пеши подшоҳ баред.

Чун овардандаш, гуфт:

– Шоҳо, чун бегуноҳии ман собит шуд, муқаррар аст, ки дар бораи ман инояте дар хотир гузаронида бошед. Ҳеч иноят маро баробари он нест, ки Мавлоно Огаҳӣ ва гуноҳашро ба ман бахшеду аз ӯ афв фармоед.

Мирзо гуноҳи Мавлоно Огаҳиро афв фармуданд [ва аз ҷаримаи вай даргузаштанд].

## [27]
## ҲИКОЯТ

Дар таърихи нуҳсаду сиву панҷ буд, ки дар яйлоқи Тилкибош олиҳазрати салтанатманқабат, султону-л-аъзам, мавлои мулуки-л-Араб ва-л-Аҷам ал-мухтас би авотифи-л-малики-маннон Абулмузаффар Султон Муҳаммад Баҳодурхон хаймаву боргоҳ ба Айюқи фалаки лоҷвардӣ расонида буданд, ки шахсе ба расми додхоҳӣ ба зону даромаду гуфт:

– Шоҳо, нишони маймуну фармони ҳумоюни олиро ба фалон кас бурдам, инқиёд накарду гардан наниҳод.

Султон дар хашм шуду гуфт:

– Мардак, ман худ раваму ӯро биёрам.

Ман ки ин суханро шунидам, тасаввур кардам, ки касе [даст] дар даруни ман дароварду дилу ҷигари маро канд. Гиря бар ман ғалаба кард ва тоқат наёвардам, бархостам ва ба хаймаи худ рафтам ва ба ҳой-ҳой гиристан оғоз кардам. Яке аз чеҳраҳои султон аз дари хаймаи ман даргузашт, овози гиряи ман шунида, ба арз расонид. Султон фармуд, ки:

– Магар [аз ҷое] хабари мӯҳиши нохуше омада бошад, зуд раву муллоро талаб намой.

Он шахс омаду гуфт:

– Шуморо султон талаб менамояд.

Фақир ба мулозимат ҳозир шудам. Он ҳазрат фармуданд, ки:

– Шуморо чӣ шуда ва чаро мегирйед?

Гуфтам:

– Ба ҳоли худу ҳоли шумо мегирям, ба ҳоли худ [бинобар] он ки ба умедворӣ дар мулозимати шумо камари бандагӣ бар миёни ҷон бастаам, ки муҳмалоти дунёву охирати худро дар мулозимати шумо бисозам, акнун на дин дораму на дунё, худро хасара-д-дунё ва-л-охират меёбам. Ва бар ҳоли шумо аз он мегирям, ки шуморо мисли подшоҳони мозӣ хаёл мекардам, мисли Султон Санҷари Мозӣ ва Султон Маҳмуди Ғазнавӣ ва Султон Исмоили Сомонӣ, шумо, ки ҳамчунон подшоҳе бошед, ки навкари шумо ҳукми шуморо гӯш накунаду гардан наниҳад, аз шумо касе чӣ тамаъ дорад? Аз Султон Маҳмуди Ғазнавӣ ҳикояте шунида будам, аз шумо тамаи

он доштам, дареғи умедҳои норавоям, фиғон аз дардҳои бедавоям.

Он ҳазрат фармуданд, ки:

– Чӣ гуна ҳикоятест? Бигӯед, то бишнавем.

Ба арз расонидам, ки дар замони Султон Маҳмуди Ғазнавӣ шахсе пеши ӯ даромаду гуфт:

– Шоҳо, додхоҳие дорам, ба ғайри шумо ҳеч кас маҳрами [он] роз нест, агар хилвате муяссар шавад, ба арз расонам.

Султон Маҳмуд хилвате сохту ливои додгустарӣ афрохт. Гуфт:

– Шоҳо, пеш аз ин ба чанд шаб қариб ба хуфтан буд, ки бо аҳлу аёли худ нишаста будам, ки ногоҳ шахсе шамшери бараҳна ба даст бар сари ману аҳлу аёли ман даромаду шамшерро ҳаволаи фарқи ман карду [маро] гуфт:

– Берун рав.

Дидам, ки агар як сари мӯй эҳмол мекунам, сари маро ба саҳрои адам меандозад ва ба ғайри итоат чора надидам. [Он шахс аз қафои ман омаду дари саройи маро аз пас барбаст. Ман бо худ гуфтам, ки агар мардумро хабар кунам, то дарро гушоям, он шахс мегурезад ва ба ғайр аз бадномӣ чизе ҳосил намешавад. Ба ғайр аз сабр чора надидам] ва дар беруни дар нишастаму дандон бар дандон ниҳода, меларзидам то вақти субҳдам, ки қасди берун омадан кард, бар гӯшае рафтам, то дур шуд. Бо худ гуфтам, ки: «Агар ба подшоҳ расонам, подшоҳу ман ҳеч кадом ӯро намешиносем, бефоида мешавад». Сабр кардам, шаби дигар боз пайдо шуд, ҳамон [навъ] муомила кард, дигар шумо медонед.

Султон Маҳмуд гуфт, ки:

– Ӯ боз хоҳад омад. Ин навбат ҳар вақт бошад, ба даргоҳи ман ҳозир шав.

Гуфт:

– Шоҳо, ту подшоҳӣ дар он вақт кӣ ҳад дорад, ки ҳоли маро ба арзи ту расонад?

Султон Маҳмуд гуфт, ки:

– Ман ресмоне бар сари пойи худ хоҳам баст ва як сари ресмонро бар дари боргоҳ хоҳам гузошт, ту меоиву он ресмонро мекашӣ, ман берун меоям.

Он шахс баргашт. Иттифоқан, ду шаб наёмад. Шаби сеюм, ки омад, он шахс ба даргоҳ омаду он танобро кашид. Султон Маҳмуд ҷомаи сиёҳе дар бар ва тоҷи сиёҳе бар сар ва ханҷари бараҳна ба даст бадар омад. Гуфт:

– Куҷоӣ? Роҳро сар кун!

Ӯ дар пеш [ва] султон аз қафои ӯ мерафт, то ба хонаи ӯ расид. Гуфт:

– Аз куҷо дармебояд рафт, ки овозе нашнавад, ки ӯ муталлеъ нашавад?

Аз деворе боло рафта, ба саро даромаданд. Султон дид, ки дар рӯйи ҷомахоб шахсе даст дар гардани зани ӯ андохта, дар хоб асту шамъ дар лаган месӯзад. Султон фармуд, ки:

– Дарой ва шамъро бикуш.

Он шахс шамъро бикушт. Баъд аз он султон даромаду сари он шахсро аз тан ҷудо кард ва фармуд, ки:

– Шамъро боз равшан соз.

Ва сарро талабиду эҳтиёти [бисёр] кард ва саҷда карду гуфт:

– Аз ҷинси хӯрданӣ ҳар чӣ дорӣ, биёр.

Хушкпораи серӯза пайдо шуд, [ӯро] ба рағбати тамом хӯрд. Баъд аз он султон равон шуду гуфт:

– Муҳимми туро кифоят кардам.

Гуфт:

– Шоҳо, агарчи мушкили маро ҳал кардӣ, аммо чанд мушкили дигаре бар рӯйи ҷонам мондӣ, ки: «Шамъ бикуш» сабаб чӣ буд? Ва он сарро эҳтиёти бисёр намудиву саҷда ба ҷой овардӣ ва дигар нони серӯзаро ба рағбати тамом хӯрдӣ?!

Султон Маҳмуд гуфт, ки:

– Шамъро ба воситаи он куштам, ки ба хотир расид, ки дар айёми давлати ман касе, ки инчунин далерӣ кунад, ё фарзанд ва ё бародар ва ё хеши наздики ман хоҳад буд, гуфтам, ки мабодо дар вақти куштан дасти ман биларзаду дар ҳукми Худой тақсире воқеъ шавад. Чун дидам, ки сари писару бародар ва хеши ман нест, Худойро шукр гуфтам, ки ин бадномӣ дар хонадони ман воқеъ нашуд ва нони хушк ба рағбат аз он хӯрдам, ки аз он вақт ки ин қазияро шунидам, се [шабона]рӯз буд, ки чизе нахӯрда будам.

## [28]
## ҲИКОЯТ

Дар таърихи 935 буд, ки [олӣ] ҳазрат [салтанатманқабат, фалакрифъати мулксафват], фасси хотами маъдалатгустарӣ, бадри торами раиятпарварӣ, ал-муайяд би таъйидоти-л-малики-с-самад [Музаффаруддин] Султон Муҳаммад дар вилояти Исфиҷоб бар тахти [бахти] шоҳӣ [ва сарири шаҳаншоҳӣ] қарор гирифта буд [ва афозилу аоливу] акобиру маволӣ ташрифи ҳузури шариф арзонӣ доштанд, ки ҷаноби ҳазрати Шайхулолам қудваи машоихи-л-аъзам фармуданд, ки:

– Аз [олӣ] ҷаноб аъламу-л-уламо, афзалу-л-фузало Мавлоно Амиркалони [Табиби] Самарқандӣ манқул аст, ки фармудаанд, ки фалак дар даврони худ ойину чаҳортоқбанде хаёл карда буд ва ин кори вай дар замон [ва даврони] Султон Ҳусайн Мирзо Бойқаро воқеъ шуд [ва] дар воқеъ метавон гуфт, ки ойинбандону санъатгарони малаи аъло аз замоне ки чаҳортоқи нуҳравоқи забарҷадиро бастаанд, амсоли ин аҷоибу ғароиб, ки дар замони он подшоҳи динпаноҳ зуҳур ёфта, партави амсоли он бар devори коинот натофта, ҳазрати салтанатмаобӣ фармуданд, ки яке аз умури ғарибае, ки дар замонаш зуҳур ёфта, бароmадани он шахс аст, ки бар рӯйи манораи мадрасаи Гавҳаршодбегим боло рафта, хотир ба истимои он ба тафсили бисёр машъуф аст.

Ба арз расонида шуд, ки:

– Шоҳо, то меъморони малаи аъло манори абязи субҳи козибро дар пештоқи равоқи айвони кайвони забарҷадӣ ҳар вақти субҳдам бармеафрозанд ва манора барои Миррих ба мехи шиҳоби соқиб бар фарози он бармеояд, манори убуҳҳату азамат ва айвони ҳишмату ҷалолат дар соҳати майдони давлат пойдору барқарор бод! Дар таърихи санаи иҳдо ва тисъамиа буд, ки шахсе Ҳасани Шаҳрёр ном аз вилояти Шероз ба вилояти Хуросон омад ва овоза дар шаҳр афтод, ки ин шахс бар рӯйи манораи мадрасаи Гавҳаршодбегим боло меравад ва дар пойи он манора халоиқ ҷамъ омаданд, маъракаҳо мегирифтанд. Бар ин наҳҷ як моҳ гузашт. Баъд аз он Султон Ҳусайн Мирзо бо ҷамеи писарон ва умарову вузаро ва

аркони давлату аъёни ҳазрат дар пойи он манора ҷамъ омаданд. Ҳасани Шаҳрёр чаҳор мехи [оҳанӣ] дошт. Ду мехро ба қадди синаи худ дар манора ҷой доду бар болои як мех истод ва наъле аз санг сохта буд, ба санги Хуросон даҳ ман ва онро бар он мехи дигар овехт. Баъд аз он ба қадди худ ду мехро дар манора кӯфту ду пойи худро бар он мех муҳкам кард ва худро сарнигун овехту ду мехи поинаро барканду баргашт ва бар болои мехи болоин истод ва боз ду мехро дар баробари қадди худ [дар манора] кӯфт[у] бад-ин тариқ боло рафтан гирифт, то рӯзи дуюм ба пеши гулдаста расид. Ва он ҷо мех кӯфтан муҳол буд, зеро ки он панҷарае буд дар зери гулдаста. Чӯбе се газ муҳкам сохт ва чӯби дигар дар пойи гулдаста муҳкам кард. Ва чӯби дигар ду сарашро бар сари он чӯб банд сохту аз он ҷо аз гулдаста боло рафт ва чун ба каллаи манора расид, манҷуки ӯро, ки қуббае буд аз мис, бардошт, ба ҷойи вай чӯби даҳгаз, ки сӯроххо дошт, муҳкам сохт ва бар болои он чӯб баромаду сари худро бар сари он чӯб гузошту пойҳои худро боло карду камоне бар даст гирифт ва тире ба ҳар ҷониб андохт. Фиғон аз халқ баромад. Иттифоқан дар он рӯз боде буд, ки дарахтони азимро аз беху бун бармеканд. Мирзо бетоқат шуду гуфт:

– Он мардаки ҷоҳилро гӯед, ки зуд фуруд ояд, ки маро тоқати дидани [ин] корҳои вай нест.

Ангези фуруд омадан кард. Чун фуруд омад, ҳазрати подшоҳ аспи хоссае ба зину лаҷому сару пойи муносиб ва маблағи даҳ ҳазор танга ба вай инъом фармуду соири халқ он миқдор ба вай инъом карданд, ки адади он дар хизонаи хаёли ҳеч муҳосибе нагунҷад.

Ҳазрати салтанатмаобӣ Келдимуҳаммад Султон фармуданд, ки:

– Ҳикояти кимиёгар ҳам ғароиби тамом дорад, [ки] хотир мутаваҷҷеҳи истимои он аст.

Маъруз дошта шуд, ки:

– Шоҳо, то Кимиёгари даврон ҳар намози шом миспораҳои шафақро дар коргоҳи мағриб мерезад ва шӯшаҳои заррини шиҳоби соқибу куличаҳои тилои холиси кавокибро бар табақи

[фалаки] забарҷадӣ карда, ба аҳли олам менамояд, тилои қуббаи тоҷи боибтиҳоҷи салтанат ба ҷавоҳиру явоқити давлату шавкат музайяну ороста бод. Дар таърихи санаи исно ва тисъамиа буд, ки овозаву ароҷифе дар шаҳри Ҳирот афтод, ки дар вилояти Нишопур шахсе пайдо шуд, ки илми иксиру кимиёро некӯ медонад ва қудрати вай ба ин фан то ба ҳаддест, ки дар як шабонарӯз сад ман мису сад ман қалъиро тилову нуқраи [холис] месозад ва табдили ҷамеи маъданиёт баъзеро ба баъзе бағоят нек медонад ва дар сохтани лаълу ёқуту фирӯзаву забарҷаду марвориду анбар адимунназир аст. Ва инҳоро ба навъе месозаду мепардозад, ки мубассирони мӯйшикоф пай ба кунҳи он намебаранд ва дар ҷамеи улум, хусусан, дар илми тиббу ҳикмат, Арастуву Абуалиро сабақ мегӯяд.

Султон Ҳусайн Мирзо ва ҷамеи акобиру ашрофи вилояти Хуросон туҳафу ҳадоёву арзадоштҳо фиристоданду ӯро ба эъзозу икроми тамом талабиданд. Дар вақте ки ба Кӯсу расид, ки дар понздаҳфарсахии Ҳирот аст, ҷамеи халоиқи Ҳирот аз пиру ҷавон ва хурду калон ва марду зан ва бандаву озод ва сиёҳу сафед аз ҳафтсола то ҳафтодсола аз шаҳр берун омаданд [ва тамоми дашту саҳрои Соқи Салмон, ки дар ду фарсахии шаҳри Ҳирот аст, дар зери хаймаву хиргоҳ ва саропардаву соябон ва кандулон мухтафӣ гардид, ҳарамҳои муҳтараму умарову вузаро ва аркони давлату соири акобиру ашроф берун омаданд.] Вай ба мартабае тавилулқомат ва азимулҷусса буд, ки аз дур ӯро касе медид, хаёл мекард, ки бар шутуре савор асту дигарон дар гирди вай пиёдаанд. Суфи мағрибӣ пӯшида буду остинҳош гушода, ки рӯйу маҳосини худро тамом дар остин пинҳон мекард ва ҳамин чашмҳои вай менамуд. Хоҷа Низомулмулки девон расиду фуруд омад ва рону рикоби ӯро бӯсид ва акобири изом мисли шайхулислом ва уламои аллому қузоти аном мисли Амир Ҷамолуддину Амир Хисолуддину Саййид Абдулқодир ва Иброҳими Мушаъшаъ ва Амир Атоуллоҳу Амир Муҳаммад, Амир Юсуф ва Қозӣ Ихтиёр ва соири уламову фузалои Ҳирот расиданду фуруд омаданд. Ба ҳеч кадом илтифот накарду сар фуруд наёвард. Ба ин дабдабаву азамат ӯро дар тарабхонаи Боғи Ҷаҳонорой фуруд оварданд.

Султон Ҳусайн Мирзо таассуф мехӯрд, ки: «Эй дареғ, пойҳои ман ионат намекунад, ки дар ҷилави он ҳазрат пиёда равам». [Ҳазрати Мирзо] мусоҳибони ӯро таъйин намуданду мунҳасир гардониданд дар дувоздаҳ кас: Амир Алишеру Мавлоно Ҳусайн Воизу Хоҷагӣ Абдуллоҳи Марвориду Ҳофиз Басиру Муҳаммади Нойӣ ва Камолуддин Ҳусайн Низомулмулк ва Амир Шайхам Суҳайлӣ ва Мавлоно Биноӣ ва Мираки Заъфарону Шоҳмуҳаммади Мираку Қосими Мирҳусайнӣ ва Шоҳҳусайни Тарёкӣ. Ва муқаррар шуд, ки таоми ӯ дар ҳузури Мирзо пухта шаваду Мирзо он таомро ба дасти худ муҳр карда, ба пеши вай мефиристод.

Ва тазалзулу тазабзуб дар шаҳри Ҳирот афтод ва нархи баъзе чизҳо тағйири [фоҳиш] ёфт. Мисе, ки як мани Хуросон ба панҷ танга буд, ба сӣ танга қарор гирифт ва ёфт намешуд ва қалъӣ, ки [як] мисқол ба ду пул буд, ба бист динор шуд. Баъдаҳу муқаррар карданд, ки асбобу адавоти кимиёгарӣ дар тарабхона дар ҳузури Мирзо бошад. Ҳар рӯз як ман мис ба санги Хуросон тилои холис аз иксир берун меовард. Баъд аз як моҳ Мирзо фармуданд, ки:

– Бар ройи разини ҳазрати мир, ки иксири давлату кимиёи саодат аст, махфӣ ва маҳҷуб нахоҳад буд, ки ба андозаи иксир тило ҳосил мешавад, чӣ лозим аст, ки ба ин сарфа бошад?

Гуфт, ки:

– Подшоҳ хуб мефармоянд, аммо иксири қалиле монда ва кас фиристодаам, ки аз мишкоти Мағриб иксир оварад ва аз муддати рафтани вай шаш моҳ гузашта ва шаш моҳи дигар мебояд, ки ӯ ба ин ҷо ояд ва миқдоре, ки аз иксир монда, онро барои муолиҷаи дасту пойи [ҳазрати] подшоҳӣ, ки [саломатии онҳо] аркони давлату саодати [оммаи] бароё ва ҳузуру масаррати раоёст, сарфа мекунам. Ва муқаррар сохт, ки то муддати ҷиҳил рӯз тадҳиноту муолиҷот кунад ва рӯзи чиҳилум подшоҳи олампаноҳро ба ҳаммом бурда, иксири аҳмару кибрити акбар молад ва чунон созад. ки ҳазрат қадам бар замин монаду бе мададу ионати касе аз ҳаммом берун ояд. Ва дар он айём ҳар рӯз ба тавофи мазороти Ҳирот, мисли Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ ва Хоҷа Муҳаммади Абулвалид ва Амир Ҳусайни Содот ва Амир Фахри Розӣ ва Хоҷа Муҳаммади Тоқ ва

Хоҷа Мухтор мерафт. Аммо қасди вай он буд, ки шояд фурҷае ёбаду фирор тавонад намуд. Аммо сад кас мулозими ӯ буданд, ки тарфатулъайне яке аз эшон ғоиб намешуданд. Рӯзи чиҳилум муқаррар шуд, ки Мирзоро ба ҳаммом дароварад. Чун ба сари ҳаммом омаданд, кимиёгар гуфт:

– Мебояд, ки ғайр аз ману Мирзо ҳеч кас дар ҳаммом набошад.

Мирзоро чеҳрае буд, Бадана ном дар камоли ҳусну малоҳату ниҳояти хубиву латофат. Гуфт:

– Шоҳо, вуҷуди ман чӣ мунофии муолиҷаи зоти шарифи шумост? Дониста бошед, ки аз шумо ҷудо намешавам, агар маро пора-пораву зарра-[зарра] созед.

Мирзо фармуд, ки:

– Чӣ шавад, ки ҳамчунин бошад.

Он шахс бар ҳам зада шуду ночор қабул кард.

Чун Мирзоро дар гармхонаи ҳаммом бурданд, кимиёгар лунгӣ баста буд, Бадана гуфт:

– Шоҳо, мулоҳиза фармоед, ки чаро як рони мир аз они дигар калонтару қавитар аст, ваҷҳи он чӣ бошад?

Мирзо фармуданд, ки:

– Рост мегӯӣ.

Бадана филҳол барҷасту лунгиро кашид. Дар рӯйи рони ӯ дашнае зоҳир шуд, ки онро ба рифода ба рӯйи рони худ баста, дар тезиву тундӣ, ки агар онро ба гардани гове зананд, ҳоил нашавад. Чун парда аз рӯйи кор бардошта шуд, он мардак гуфт, ки:

– Ҳей Султон Ҳусайн Бойқаро, аҷаб давлати пойдор[у қавӣ] доштӣ, вагарна туву ин писар, агар ҳазор ҷон медоштед, яке ба саломат намебурдед.

Ӯро ҳамчунон бараҳна ба ароба андохтанду бар сари хиёбон бар дор карда, тирборон сохтанд.

Чун ин ҳикоят ба охир расид ва ин достон ба поён анҷомид, он олиҳазрат фармуданд, ки:

– Воқеаи Бибирӯшноӣ низ [аҷаб] ғаробате дорад ва хотир ба истимои он бисёр мутаваҷҷеҳ аст.

Маъруз дошта шуд, ки:

– Шоҳо, то золи айёраи муҳтолаи ҷаҳон фарзонагони олами таҷридро фиреб медиҳад, ҳамеша зоти адимулмисолу воҷибулимтисол аз макру кайди шаётину-л-ҷинн ва-л-инс дар сародиқи иффати худовандӣ маҳфузу маъмун бод! Дар таърихи нуҳсаду чаҳор буд, ки аз вилояти Қоин авратеро ба пеши Маҳдӣ Улё ва Хадиҷабегим оварданд, ки аз зери бағали рости вай овози сақили саъбноке зоҳир мешуд, ки касе сухан мегуфт ва аз зери бағали чапи вай овози нарми ҳазин берун меомад. Он зан мегуфт:

– Ду париро тасхир кардаам, ки ҳамвора бо ман ҳамроҳанд ва мисли кироманкотибин[1] тарфатулайне аз ман ҷудо нестанд ва он ки дар ҷониби рост аст, Бобо Пир ном дорад ва он ки дар тарафи чап аст, Бибирӯшноӣ. Ва нафсуламр он буд, ки ба варзиш ҳамчунон сохта буд, ки он ду овоз аз ду сӯрохи бинии ӯ берун меомад, аммо ҳеч кас намефаҳмид. Ва он зан занони мунҳия дошт, ки ба хонаҳои аъёни Хуросон мерафтанд ва ҳама ҷузъиёти он хонаҳоро маълум мекарданд ва ба вай хабар меоварданд. Ва он зан дар хонаҳо дармеомаду ҳама ҷузъиётро машруҳ мегуфт. Мардум ҳайрон мемонданду ӯро чизи бисёр медоданд. То қариб ба даҳ сол он миқдор молу сарват ва ҷамъият ҳосил карда буд, ки дар тамоми Хуросон ҳеч касро ҳосил набуд.

Дар замони Фатҳхони Шайбонӣ он занро пеши хон оварданд; ҳазрати хон тааммули бисёр карду фармуд он занро, ки:

– Даҳони худро пуроб кун ва париёнро гӯй, то сухан кунанд.

Чунон кард, аз вай дам берун наёмад. Ҳазрати хон фармуд, ки:

– Ин занаки маккора тамоми аҳли Хуросонро аз шоҳу гадо дар ҷуволи ғурур карда.

Пас фармуданд, ки ӯро дар сари чорсӯ бар дор карданд ва дар маҷлисе, ки ҳамаи акобиру аолӣ ва афозилу маволӣ ва содоти изому уламои аллому машоихи кирому қузоти аном ҳозир буданд, гуфт, ки:

– Ин сухан азҳару мина-ш-шамси ва абяну мина-л-амс аст,

---

[1] Қуръон, сураи 82, ояи 11.

ки аз замони ҳазрати рисолатпаноҳӣ, саллаллоҳу [алайҳи] ва ало олиҳи васаллам, ило явмино [ҳозо] подшоҳе ба ақлу донишу фаросат ва табъу киёсат ва диққату латофати фитрат мисли Султон Ҳусайн Бойқаро бар тахту арикаи ҳишмату шавкат нанишаста, ақлу дониши вай худ ҳамин беш нест, ки инчунин маккораи фоҳиша ӯро дар ҷуволи ғурур карда, ба ҳукми анносу ало дини мулукиҳим ҷумҳури аснофи халоиқи Хуросонро фиреб дода ва қабл аз ин он кимиёгари дузди қаллоб, ки муддати ҳафт сол дар зиндони Исфаҳон маҳбус буда, ӯро ба он навъ эъзозу икром тарбият намуда, ки ашрофу аъроф пойи ӯро мебӯсидаанду туроби иқдоми ӯро дар дида мекашидаанд ва худ таассуф мехӯрда[ву мегуфта,] ки: «Эй дареғ, пойи ман ёрӣ намедиҳад, то пайксифат дар ҷилави он ҳазрат равам». Ва он қаллоби ҳаромзода мегуфта, ки: «Ба кибрити аҳмар дасту пойи туро муолиҷа мекунам», агарчи фалаҷи мақтуъуттамаи бистсола аст. Касеро ақлу тамиз ин бошад, ки ин навъ муҳмалоту музахрафотро қабул кунад, чӣ гуна қобили имомату салтанат хоҳад буд? Ва қабл аз ин Шоҳқосими Нурбахш, ки ба ҳамоқату ҷаҳолат ва батолат машҳур буда, даъво карда, ки ҷамеи улумро [камоянбағӣ] медонам, аз улуми ғарибаву ғайра [ва] даъвои вилояту каромату мақомот намуда ва аз ҷумлаи хориқулодоти вай ин ки [даъво карда, ки] ман аҷоизро ба сарҳадди бакорат меорам ва Султон Ҳусайн Мирзо низ инро аз вай қабул карда буда; ва мулоҳиза фармоянд, ки дар зимни ин чӣ миқдор қабоҳату фасод мундариҷ аст ва аз ҷумлаи шароити имомату салтанат алам аст то ҳадди иҷтиҳод ва ақлу адл ва иттисофи имом ба ин сифоти салоса аз авҷаби мавоҷиб ва алзами лавозим аст. Подшоҳе, ки дар мисли ин умур инчунин ғурур ёбад, чӣ гуна қобили салтанату имомат ва подшоҳӣ бошад? Эй дареғ, ки маро ба ин умур иттилое набуд ва илло бар заммаи ҳиммати худ воҷибу лозим месохтам ва пеш аз ин ба чандин сол тухми фасоду бедоди ӯро аз замини биҳиштойини Хуросон бармеандохтем.

Аз ҷумлаи аҷоибу ғароиб, ки дар замони Султон Ҳусайн Мирзо симати зуҳур ёфт, ки муваррихону воқеанависон, мисли Амирхонд ва Хоҷагӣ Абдуллоҳи Садр ва Мавлоно Абдулвосеъ дар таворихи худ эрод намудаанд, он аст, ки дар таъри-

хи санаи тисъамиа буд, ки Бобо Ҷамол ном шахсе аз вилояти Ироқ ба Хуросон омад ва шутуре дошт, ки каримаи ва лакум фиҳо ҷамолун ҳина туриҳуна ва ҳина тасраҳуна[1] гӯӣ дар шаъни ӯ буд. Ва ояти афалоянзуруна ила-л-ибили кайфа хулиқат[2] муносиби ҳоли ӯ менамуд. Ва ин шутурро бар се пояи қадаҳе бармеовард ва дар оҳанги баётиву арабонамале баста буд ва агарна, бухтиёни афлок ба занҷири миҷарра муҳкаму мазбут набудӣ, аз самои тағаннии ӯ зеру забар гардидӣ; ва шутури вай сару гардан меафшонду овози ҳазине мекард, ки гӯё чизе мехонд. Ва ин Бобо Ҷамол бузи кабуде дошт дар ғояти азамат ва риши он буз дар дарозӣ ба ҳадде буд, ки наздик ба замин мерасид. Маърака мегирифт, ки қариб ба ҳазор кас ҷамъ мешуд. Бобо Ҷамол гардани он бузро гирифта, аз маърака берун мебурд, касе аз аҳли маърака ангуштарин ба касе дода, пинҳон месохт бар ваҷҳе ки ҳеч кас намедонист, ки он ангуштарин бо кист. Баъд аз он Бобо Ҷамол он бузро дар маърака дармеоварду раҳо мекард ва он буз мегардиду якякро бӯй мекард. Ногоҳ даст бар яке мезад; тафаҳҳус мекарданд, ангуштарин аз вай зоҳир мешуд. Агар филмасал сад навбат ин кор мекарданд, тахаллуф намекард. Бобо Ҷамол ба вай мегуфт, ки:

– Эй буз, ба ишқи Муҳаммад, ки Муҳаммадноме пайдо кун. Ба гирди маърака мегардиду даст бар Муҳаммадноме мезад ва Алиномро низ пайдо мекард.

Ин Бобо Ҷамол харе дошт, ки ӯро Чамандар ном карда буд ва аз барои вай савте баста буд ва ҳар узве аз аъзои [вайро] ба чизе ташбеҳ карда, ки аҳли фазлу арбоби фасоҳату балоғат ӯро таҳсин менамуданд ва онро мусаҷҷаъ ва мусаннаъ сохта, дар оҳанги чоргоҳ ба ғиччак ба навъе соз мекард ва он Чамандар усуле менамуд, ки ақли уқало ҳайрон мешуду мегуфт:

– Эй Чамандар, зани аҷузе, гандапире ошиқи ту шудаву шефтаи ту гардида, ба ҷойи об гулоб ва ба ҷойи ҷав мағзи пиставу бодоми қандӣ ба ту медиҳад ва туро дар сояи дарахте

---

[1] Қуръон, сураи 16, ояи 6.
[2] Қуръон, сураи 88, ояи 17.

нигоҳ медорад, ки аз Тӯбо хабар медиҳад ва аз сақирлоти амали набот аз барои ту ҷуле месозаду ҳаргиз туро бор намекунад ва ҳамин орзу дорад, ки бар ту савор шаваду ба ҳаммом равад.

Ин суханро ки мешунид, ларза бар вай меафтоду меғалтид ва чаҳор дасту пойи худро дароз мекарду нафаси вай мунқатеъ мешуд. Бобо Ҷамол бар сари вай нишаста навҳа оғоз мекард, ки фиғон аз халқ бармеомад. Баъдаҳу мегуфт, [ки:]

– Эй Чамандар, зебое, раъное, болобаланде, абрукаманде, лабҳо чу қанде, пистадаҳоне, мӯрмиёне, роҳати ҷоне туро талаб мекунад, ки аз кӯҳи Мухтор [туро] санг бор кунаду ба ҷуволдӯзе пушту паҳлуи туро фигор кунад ва ҳар ҷафое, ки аз он бадтар набошад, бо ту кунад, чун аст, қабул дорӣ?

Ба муҷарради гуфтани ин сухан аз ҷой меҷасту ар-ар мекашиду ба гирди маърака мегардид ва яковези худ аз ғилоф берун мекард ва корҳое мекард, ки мардум аз ханда беҳуш мешуданд.

Ва аз ҷумлаи ғароиб он ки Бобо Ҷамол сирае дошт, ки пулро ҳарчанд баланд меандохтанд, парвоз мекард ва онро аз ҳаво гирифта, пеши Бобо Ҷамол меовард ва қафаси ӯ ҳаргиз аз даҳ-понздаҳ танга пул холӣ набуд. Ва ғарибтар он ки аз коғазҳои мулавван миқдори тангаҳо бурида буду ҳар пуле дар онҳо дар зери қитъаи кошӣ пинҳон мекарду он қитъаҳои коширо ба шакли доира меҷунбиду мегуфт:

– Эй сира, коғази фалон рангро биёр!

Он сира дар миёни доира менишасту ба даври доира нигоҳ мекард ва он коғази матлубро ба нӯли худ берун меовард ва ҳаргиз ғалат намекард.

# ЛУҒАТ

А

Аборот – ҷамъи абра
Аббосӣ – ҳилагарӣ, маккорӣ
Абвоб – дарҳо
Абдон – ҷамъи бадан
Абёрӣ – номи матое, ки дар деҳи Абёр воқеъ миёни Қоҳираву Искандария мебофтанд
Абкор – ҷамъи бикр; дӯшиза, духтари шавҳарнакарда
Аблағ – балеғтар
Абра – ашк, оби чашм
Абраш – сурху сафед; рангоранг; асп, аспи ало
Аброр – мардумони ростқавл ва дурусткор
Абтар – думбурида, нотамом; истилоҳест дар арӯз
Авн – ёрӣ, мададгорӣ
Авоид – фоидаҳо, манфиатҳо
Авоил – аввалҳо
Авомир – ҷамъи амр
Авон – посбони давлатӣ; авони фалак – ҳафт сайёра
Авориз – ҷамъи ориза
Аворица – дафтари ҳисоботие, ки ҳисобҳои парокандаи девон (вазорат)-ро дар он менавиштанд
Авосиф – ҷамъи осифа; боди тунд
Авотиф – меҳрубонӣ, бахшиш, ато
Авсот – ҷамъи васат; табақаҳои миёнаи халқ
Автод – ҷамъи ватад; чор авлиё, ки дар чор тарафи дунё қарор гирифтаанд
Авҳадӣ – нимаи остин, лаби остин
Ағзия – ҷамъи ғизо
Ағниё – ҷамъи ғанӣ
Адавот – ҷамъи адот; адавоти табх – масолеҳи пухтани хӯрок; адавоти ҳарб – аслиҳа ва асбоби ҷанг
Адам – нестӣ, нобудӣ
Адил – баробар дар қадру мартаба, ҳамто, монанд
Адонӣ – ҷамъи адно; пастҳо, табақаҳои поини аҳолӣ
Адҳам – тира, сиёҳ; аспи сиёҳ; киноя аз шаб
Аёдӣ – дастгирӣ, ҳимоят; некӣ ва саховат
Азб – бомаза, гуворо; ширин
Азвоҷ – ҷамъи завҷ
Азғон – ҷамъи зиғн – кинаҳо, кудуратҳо, бадбиниҳо
Азиз – ранҷида, азияткашида
Азимат – қасд, оҳанг, ирода, ҷазм; сафар кардан
Азимма – ҷамъи зимом; ҳуқуқ, ҳурматҳо, обрӯҳо
Азл – бекор кардан, хориҷ кардан, дур кардан
Азноб – ҷамъи занаб, дум
Азфор – нохунҳо; ҷамъи зуфр
Азҳон – ҷамъи зеҳн
Азъоф – ҷамъи зиъф – ду баробар, дучандон
Аизза – ҷамъи азиз; аиззаи аҳбоб – ёрони боиззат, маҳбуб
Аинна – ҷамъи инон
Аймон – ҷамъи ямин
Аймони муғаллаза – савгандҳои сахт
Айюқ – панҷумин ситораи дурахшон дар тарафи рости Каҳкашон
Аквон – ҷамъи кавн
Акл – хӯрдан
Акмал – комилтар
Акфо – ҷамъи куфв, касони ба ҳам монанд
Ақиб – бозмондагон, зуррия, насл
Ақиқ – санги қиматӣ
Ақлӣ – мансуб ба ақл; илми ақлӣ – дарёфти бошуурона; илми назарӣ

Ақмиша – ҷамъи қумош
Ақолим – ҷамъи иқлим
Ақосӣ – ҷамъи ақсо; канораҳо, дуриҳо
Ақрон – ҷамъи қарин; ҳамсин, ҳамшаън
Ақрос – ҷамъи қурс
Ақсо – канорҳо, гӯшаву канорҳои дурдаст; дуртар, дуртарин, ниҳоӣ
Ақсом, ақсум, оқсум – калимаи туркӣ, маъנояш – маст
Алайҳи – бар вай, бар уҳдаи ӯ; ба зидди ӯ
Алам – дард, озор, нохушӣ
Алам (бо айн) – парчам, дирафш, ливо; нишон, аломат
Алан – ошкор будан, ошкор шудан; ошкоро, ҳувайдо
Алвони неъмат – хӯрокҳои гуногун, нозу неъмат
Алвоҳ – ҷамъи лавҳ – ҳар чизи паҳн ва мусаттаҳ, ки дар рӯяш менависанд
Алийя – олӣ, баландмартаба
Алим (бо алиф) – дарднок, пуразоб; бо айн – олим, доно
Алималлоҳ – «Худо медонад», «Худо гувоҳ аст»
Алоло – бонг, ғавғо, ғулғула
Аллом – ҳамадон, бисёр донанда, донишманд, олим; аллома низ мегӯянд
Алломулғуюб – донандаи ғайб; номи Худо
Алминнатулиллоҳ – шукри Худо
Алсина – ҷамъи лисон, забонҳо
Алтоф – ҷамъи лутф
Алҳон – ҷамъи лаҳн; хониш, нағмасароӣ ва хушхонӣ
Амал (бо алиф) – орзу, умед
Амали содиқ – орзуи рост
Амвот – ҷамъи маййит; мурдаҳо
Амдан – қасдан,ба таври ихтиёрӣ, дидаву дониста
Амтиа – ҷамъи матоъ
Амтор – ҷамъи матар, боронҳо
Анбарча – гарданбанде, ки аз пӯсти моҳии анбарзо сохта мешавад; хушбӯйӣ
Анбон – халтаи чармини сафарӣ; озуқахалта; ҳамён
Ангез – барпо, қоим, доир
Анёб – ҷамъи ноб, дандонҳои неш
Анзор – ҷамъи назар
Анин – нола, зорӣ; оҳи вазнин ва дарднок
Анқариб – дар ин наздикӣ, ба наздикӣ; ба зудӣ
Аном – мардум, халқ
Аномил – сарангуштон
Анҳо – ҷамъи наҳв
Аолӣ – бузургон, одамони баландмартаба
Араза – ранҷу беморӣ, машаққат, кулфати ногаҳонӣ
Арз – молҳо, матоъҳо
Арза – арз, баён, изҳор; тақдим, пешниҳод
Арзал – разилтар; нокас, фурӯмоя
Арзол – ҷамъи разил
Аризу амиқ – васеъ ва чуқур
Арика – тахт, тахти ороста
Арозил – ҷамъи арзал
Аройис – ҷамъи арӯс
Ароҷиф – ҷамъи ирҷоф, хабари дурӯғ, фитна
Арӯс – духтар, зане, ки ба тозагӣ шавҳар кардааст
Асамм – касе, ки гӯшаш намешунавад, кар; сахт, муҳкам
Асас – миршаб
Асвот – ҷамъ савт; овозҳо, савтҳо
Асдиқо – ҷамъи садиқ, ростон.
Асдоф – ҷамъи садаф
Асир – фалак, осмон; маҷозан: баланд, олӣ; бандӣ, маҳбус; гирифтори ишқ; мушкил; шароби ангур

Асқол – ҷамъи сиқл, сахтиҳо
Асқом – ҷамъи суқм – бемориҳо
Аслоф – ҷамъи салаф, гузаштагон
Асмо – ҷамъи исм – ном
Асмор – самар – мева, бор; ҳосил
Асноф – ҷамъи синф
Асомӣ – номҳо
Асофил – ҷамъи асфал, паст, сифла
Астар – хачир
Астор – ҷамъи ситр, пӯшишҳо
Асфал – поинтар; пасттар
Асфор – сафарҳо
Асҳал – осонтар, сабуктар
Атаба – остона, зина; дарбор, даргоҳ
Атамм – тамомтар, комилтар,
Атан – ҷойи хоби шутурҳо; бадбӯй шудан
Аташ – ташнагӣ
Атбоқ – ҷамъи табақ
Атиббо – ҷамъи табиб
Атия – бахшиш, ато, туҳфа, ҳадя
Атқиё – ҷамъи тақӣ, парҳезкорон
Аф(ф) – покдоманӣ; боиффатӣ
Афвоҳ – забонҳо
Афвоҷ – ҷамъи фавҷ, гурӯҳҳо
Афзал – бартар, беҳтар, фозилтар
Афозил – ҷамъи афзал
Афсаҳ – фасеҳтар, тозатар; суханронии зебо
Афсор – афзорест аз ғайри лаҷом, ки аз чарм ва канаб дуруст мекунанд ва ба сару гардани асп мебанданд
Афсор кардан – нӯхта задан
Афхам – бодабдаба
Ахёр – ҷамъи хайр; одамони хуб, одамони нек
Ахз – гирифтан, ба даст овардан, дастгир кардан
Ахлоф – ҷамъи халаф, фарзандон
Ахточӣ – ахтагар
Аҳад – як; воҳид; фард, нафар
Аҳадийят – ягонагӣ, беҳамтоӣ (сифати Худо)
Аҳадийяти сатторӣ – Худои айбпӯш
Аҳди баид – замони қадим, замони дуру дароз
Аҳдоб – мижгон, мижаҳо
Аҳиббо – дӯстон
Аҳмар – сурх
Аҷал – муддат, муҳлат; интиҳои умр
Аҷалл – ҷалилтар, бузургтар, калонтар
Аҷилла – ҷамъи ҷалил
Аҷло – равшантарин
Аҷлоф – ҷамъи ҷилф; дуруштиҳо
Аҷоиз – ҷамъи аҷуз
Аҷром – ҷамъи ҷирм
Аҷуз – пир, фартут; пиразан, кампир
Ашбоҳ – ҷамъи шабаҳ
Ашир – ҷамъи ушро, даҳяки чизе
Ашкол – ҷамъи шакл
Ашрафӣ – пули тило
Ашриба – ҷамъи шароб
Ашрор – ҷамъи шарир
Ашҳаб – сиёҳу сафед, хокистарӣ; аспи хокистарранг, хинг
Ашҷор – дарахтҳо
Аъдо – душманон
Аъқоб – ҷамъи ақиб; насли инсон
Аълам – олимтар, донотар
Аълом – байрақҳо, парчамҳо
Аънӣ – дар назар дорам
Аънок – ҷамъи унқ
Аъроз – ҷамъи араз, он чи ғайритабиист.
Аъроз – ҷамъи арз
Аъсор – асрҳо, даврахо.

## Б

Бавоис – ҷамъи боис
Бағтар, бахтар – ҷомаи оҳанӣ, ки дар ҷанг мепӯшиданд
Бадеҳӣ – равшан, возеҳ, муайян; зарурӣ аз нигоҳи ақл ва мантиқ

Баёра – бута, гиёҳ, ки соқаи росту баланд надошта бошад
Базаҳ – гуноҳ, хато
Базл – бахшиш, инъом; харҷ, сарф
Базр – тухм, дона
Баид – дур
Байғула – кунҷ, вайрона
Байдо – чӯл, биёбон
Байзо – офтоб
Баййина – далели возеҳ ва ошкор; ҳуҷҷати возеҳ
Бақ – пашшаи калон, магас
Балеғ – расо, комил; сахт, устувор
Балоғат – сухангӯӣ ва суханпардозӣ бо мазмунҳои дақиқу баланд писандида; маҳорат
Балодат – кундии зеҳн, кундзеҳнӣ, кундфаҳмӣ
Банӣ – ҷамъи ибн; банӣ Одам – мардумон
Банно – бинокор, меъмор
Банон – ангуштон
Баравот – ҷамъи барот, санадҳо.
Барак – навъе порчаи ғафс аст, ки аз пашми шутур ва ё мӯйи буз ба даст бофта шавад ва аз он ҷомаи зимистонӣ дӯзанд
Баракӣ – кулоҳи дарозе, ки онро аз барак ва ё намад дӯзанд ва дарвешону қаландарон бар сар гузоранд.
Бард – сармо, хунукӣ, сардӣ
Барин – боло, баланд, олитарин
Барият – махлуқ; халқ, мардум
Бароат – фазилат, бузургворӣ
Бароё – ҷамъи барият, офаридагон, махлуқот.
Барот – ҳуҷҷатҳои афви гуноҳ; ба маънои васиқа низ меояд
Бароҳин – ҷамъи бурҳон, далел.
Барроқ – дурахшон, тобон; тобдор, рахшон
Басар – биноӣ; чашм, дида
Басират – биноӣ, биниш; фаҳми яқин; ҳушёрӣ, доноӣ
Басит – фарох, васеъ; азим, калон
Басот – замини васеъ
Басотин – бӯстонҳо
Баст – интишор кардан, паҳн кардан
Бат – мурғобӣ; ҳомун, биёбон; номи биёбонҳои атрофи Макка
Батн – шикам, дарун; насл, авлод
Батолат – танбалӣ, коҳилӣ; бекорӣ; бекора, пуч, беҳуда
Батул – яке аз лақабҳои Фотима (р)
Баъуз – хомӯшак, кӯрпашша
Баҳима – чорпо, ҳайвон (гов, асп, шутур)
Баҳҷат – шодмонӣ, масаррат; шавқу завқ
Бемар – бешумор, беҳад, аз ҳад зиёд, фаровон
Бидоят – ибтидо, шурӯъ, оғоз
Бикр – дӯшиза, башавҳарнарасида; чизи наву тоза
Биқоъ – заминҳо, ҷойҳо; қитъаи маҳдуди муайян
Бирка – обанбори пӯшида дар роҳҳои корвонгузар; ҳавз
Бисот – фарш, гилем, палос; асбобу анҷом, чизу чора, сомон
Биҳор – ҷамъи баҳр
Боварчӣ – ошпаз
Боис – сабаб, мӯҷиб
Боқил – шахсе аз давраи ҷоҳилияти араб, ки кундзабон ва амалаш аҳмақона буд ва ба ин шуҳрат дошт
Бориз – намоён, ошкор, зоҳир, ҳувайдо
Бориқ – барқзананда, дурахшон
Боҳир – равшан, ошкор, возеҳ, сареҳ
Бошгуна – сарозер, сарнигун, чаппа
Буз – аспи тундрав; марди тезҳуш, чобук
Бузур – ҷамъи базр
Буко – гиря
Булаға – ҷамъи балеғ – ба балоғат расидагон, донишмандон

Булук – ноҳияе, ки дорои якчанд деҳ аст; деҳот, деҳистон; дар як маврид ба маънои селаи кабӯтарон
Бурқаъ – чашмбанд, пардаи рӯпӯши занон
Бурудат – сармо, хунукӣ
Буруҷ – ҷамъи бурҷ
Бурҷ – ҳар як аз дувоздаҳ қисми доираи фалак; барҷастагиҳо дар сари деворҳои қаср, қалъа
Бурҳон – далел, сабаб
Бӯта[и дарунгудохта] – зарфе, ки дар он нуқра, тило ва ғ. об мекунанд
Бутун – пӯшидан, пӯшидагӣ; ҷамъи батн
Бухтӣ – шутури калони сурхранг, сурхмӯйи хуросонӣ

## В

Варо – аз пушти, аз паси
Ваға – ҷанг, муҳориба, мағал
Вазеъ – паст (дар бораи мавқеъ ва мартаба); шахси оммӣ, бемақому мартаба
Ваид – таҳдид, қавл додан дар хусуси нияти баде
Вақеҳ – бешарм, беҳаё
Вало – дӯстӣ, меҳр, муҳаббат
Вараъ – парҳезгорӣ, тақводорӣ, порсоӣ
Вард – гули сурх, гули садбарг
Варо(ъ) – пас, ақиб, он сӯ
Васан – бутҳои сангӣ, санам; хоб; хоби сабук, пинак
Васла – пина, дарбеҳ; пайванд
Васмат – айб, ор, нанг
Васотат – воситашавӣ, миёнаравӣ; восита шудан
Ватад – мехчӯб, мехи чӯбини ресмонбандии хайма; дар арӯз ҷузъи дуҳиҷоии рукнҳо
Вафқ – мувофиқат, созгорӣ; мувофиқ
Ваҷҳ – ба маънои пул, нақдина омадааст
Вашақ – ҳайвони ваҳшиест, ки аз пӯсти он дасткаш ва пӯстин медӯзанд
Вашан – олуда, боолоиш
Визр – бори гарон, вазнинӣ, гаронӣ; гуноҳ, ҷурм, айб
Виқоъ – ҷимоъ, алоқаи ҷинсӣ
Виқоя – нигаҳдорӣ, ҳимоя, посбонӣ; пуштибон; ниқоб, парда, ҳиҷоб
Вило – пайдарпайӣ, паёпайӣ; муддат, вақт
Вилодат – таваллуд, ба дунё омадан
Воқиф – огоҳ, бохабар; вақф кардан; дорандаи (кафили) вақф
Восиқ – бовардошта, дилпур
Восил – дастрас
Вофӣ – вафодор
Вофир – бисёр, фаровон; номи яке аз баҳрҳои арӯз
Вофӣ – бовафо, содиқ; кофӣ, басанда
Воҷибулизъон – фармоне, ки итоат кардан ба он зарур ва ногузир аст
Вуқуф – ист, диранг, тавaққуф; огоҳӣ, хабардорӣ
Вуҷуҳ – равиш, роҳ, тариқа, тарз
Вушоқ – ғуломбача, писарбачаи хидматгор; канизак

## Г

Газоф – гизоф – ҳарза, бефоида, беҳуда; беасос, дурӯғ; сафсата
Гайд (Гид) – дайюс, беҷуръат
Гулхан – учоқи ҳаммом, ҷое, ки дар он оташ афрӯзанд ва ҳаммомро гарм созанд, оташдон
Гулханӣ – оташмони гармхонаи ҳаммом

## Ғ

Ғабғаб – гӯшти барҷастаи зери манаҳ
Ғабро – замин, хок
Ғаввос – касе, ки барои ба даст овардани дур(р) – марворид дар баҳр ғӯта мезанад
Ғавоиб – ба маъной гумроҳӣ
Ғавомиз – ҷамъи ғомиз
Ғавр – диққат, мулоҳиза; умқи маънои чизе
Ғадр – ғаддорӣ, макру ҳила
Ғалевож – мурғи гӯштрабо, чӯҷагирак; мушрабо; заған
Ғализ – ғафс, қуюқ; маҷ. бадмуомила, дурушт
Ғамомосо – монанди абр, абрвор
Ғаним – душман, рақиб, хасм
Ғанӣ – доро, сарватманд
Ғанҷ – нозу карашма
Ғараб – бед, беди саҳрой
Ғариб – аҷиб; одами бегона; хору зор, бекас, шахси аз ватан дурафтода
Гармихтилот – муносибати хуб, ҳамнишинии хуб
Ғаромат – товон; ҷарима; ҳасрату надомат, пушаймонӣ
Ғарро – нағз ва барҷаста
Ғафир – бисёр, анбӯҳ
Ғибта – орзу, ҳавас
Ғилмон[и биҳиштӣ] – писарбачаҳоии хидматгузор дар биҳишт
Ғилозу шидод – (савгандҳои) дурушту дағал ва сахту шадид
Ғоза – гулгуна, сурхие, ки занон ба рӯй мемоланд
Ғоила – бадӣ, шар, кинаи пӯшида
Ғолӣ – тундрав, ифротӣ, ғулувкунанда; номи умумии шиаҳои ифротӣ ва тундгаро
Ғомиз – пӯшидагиҳои калом, маъниҳои борик; ғомиза – душворфаҳм, мушкил
Ғошия – зинпӯш, ҷули асп, полон
Ғошия бар дӯш кашидан – тоқат кардан
Ғузруф – тағояк
Ғулл – занҷир, тавқи оҳанин, ки ба даст ва гардани зиндониён меандозанд
Ғулот – ҷамъи ғолӣ
Ғулувв – аз ҳад гузаштан
Ғумум – ҷамъи ғам
Ғунҷ, ғанҷ – карашмаву ноз, ҳаракати чашму абру
Ғур – ҳез, муханнас
Ғурабо – ҷамъи ғариб
Ғурӣ – табақи чинӣ
Ғуроб – зоғ; зоғи сиёҳ
Ғурра – ғирев, наъра; аввали моҳ; аввали рӯз
Ғурфа – болохона; дарича

## Д

Даб – хазидан монанди мор; сироят
Давобб – ҷамъи добба
Давоир – ҷамъи доира
Давоҷ – қабо, ҷомаи васеъ, ки тамоми баданро пӯшонад
Даври даввор – гардиши замона, гардиши рӯзгор
Давҳа – дарахти бузурги пуршоху барг
Даға – ғадр, нодурустӣ
Дайҷур – торикӣ, сиёҳӣ, торикии шаб
Дақ(қ) – кӯфтан, кӯбидан; дархост, гадоӣ; таъна, маломат
Далил – нишона, аломат; раҳнамо, роҳбар
Далқ – либоси пашминаи дарвешон; хирқаи қаландарон; ҷомаи мураққаи суфиён; маҷозан: либоси кухна
Даллок – даллокӣ – ходими ҳаммом; сартароше, ки дандон-

кашӣ, нештарзанӣ, шулукмонӣ ҳам мекард
Далол – ғамзаву ишва
Дания – данӣ – нокас; паст, сифла
Даноат – ниг. диноат
Данонир – ҷамъи динор
Даран – чирк; чиркин гардидан ва римнок шудан
Дарӣ – аз дар – даргоҳ, хонадон
Дарой – занг, зангӯлаи шутур
Дашна – корди нӯктез; ханҷар
Дарюза – гадоӣ; гадо
Дастон – ҳила, найранг, фиреб
Дахил – бегона, ки миёни қавме дохил шавад; истилоҳи қофия
Дебоча – аввали муқаддимаи китобҳои қадим, ки бо зарҳал ва рангҳо ороиш дода мешуд; маҷ. сарсухан, муқаддима, пешгуфтор
Дижам – ғамгин; хашмгин; парешон; тира, пажмурда
Дият – хунбаҳо, товони хун
Дик(қ) – касалии сил
Диққат – нуктаҳои дақиқ, суханони боумқ
Димоғӣ – бо бинӣ; суги димоғӣ – азодории сохта, гиря бо бинӣ
Димор, дамор – ҳалок, несту нобуд; вайронӣ
Димо – ҷамъи дам – хунҳо; фурсати як нафаскашӣ, лаҳза
Диноат – пастӣ, нокасӣ, сифлагӣ, пастфитратӣ
Динор – пули роиҷи тило, ки дар замонҳои гуногун арзиши мухталиф дошт; ашрафӣ; зар, тило, умуман пул
Дироят – ақлу дониш, зиракӣ
Дисор – либоси рӯ, ҷома
Доб ва даъб – одат, рафтор
Добба – ҳайвон (бештар чорпои саворӣ ва боркаш)
Доӣ – дуогӯй; даъваткунанда; муаллифи асар, қасидасаро ба мамдӯҳ худро чун доӣ муаррифӣ мекунад
Доия – хоҳиш, ирода; қасду оҳанг; даъво, иддао
Дорайн – ду дунё, ин дунё ва он дунё
Доруға – сардори посбонони шаҳр, миршаб, шаҳрдор
Доҳ – доҳак – канизак
Дувор – чарх задани сар, сарпечӣ
Дурри ятим – марвориди бузурги обдори «якдона»
Дурроа – як навъ либоси ҷангӣ; либоси рӯйпӯши суфиёну шайхон
Дурҷ – сандуқчае, ки дар он ҷавоҳирот ва зару зевар нигоҳ медоранд
Духна – доруи хушбӯй, ки дар хона дуд медиҳанд, хушбӯй

## Ё

Ёбу – аспи боркаш
Ёва – нопадидшуда, гумшуда; беҳудагӯйӣ, ҳарзагӯйӣ

## Ж

Жубин, зубин – найзаи хурди душоха, ки ба сӯйи душман мепартофтанд

## З

Забар – боло, рӯй, бар
Забт – худдорӣ, бардошт, тоқат; донистан, дарк кардан; идора кардан
Завилэҳтишом – одамони соҳиби ҳашмат, бузургӣ
Завобит – интизом ва тартиб, банду басти ҳар чиз; низомнома
Завоё – ҷамъи зовия
Завоҳир – тобон, дурахшон, мунаввар
Завҷ – шавҳар, шӯй

Зақум – ҳар чизи талху заҳрдор ва кушанда
Залама – ҷамъи золим
Залла – ҳадяҳо; таом
Залозил – ҷамъи зилзила; балоҳо, сахтиҳо, офатҳо
Залол – баргаштан аз роҳи дуруст, гумроҳӣ
Залолат – боэътиборӣ, написандӣ
Залом – торик, торикӣ, торикии шаб
Заман – шакли дигари замон
Замир – дил, қалб; фикри пинҳонӣ, хаёл; ботин
Замм – илова кардан, пайвастан
Замоир – ҷамъи замир
Замҳарир – хунукии сахт, сармои шадид
Зан(н) – гумон
Занаб – дунболаи чашм; дар истилоҳи нуҷум ба маънии «дароз» аст, ба мисли ситораҳои думдор
Занб – гуноҳ, айб, хато
Занбақ – як навъ растании дарозпоя, гули сафеди хушбӯй дорад; савсан
Занбил – сабад; халтаи чармии гадоён
Зареа – восита, сабаб, боис
Зарир – нобино, кӯр
Зарра – миқдори ниҳоят хурд, андак
Зарних – гӯгирди бо марги муш омехта
Заррапарварӣ – раиятпарварӣ, зердастпарварӣ
Захомат – ғафсӣ, калонҷуссагӣ
Заххор – сероб, пур аз об; пурмавҷ
Заҳр – пушт
Заҳра – моеи сабзтоби талх, ки дар ҷигар пайдо мешавад; маҷозан: далерӣ
Заҳроб – оби заҳрдор
Заҷр – боздоштан; зулм, ситам, азоб, ҷавр
Заъм – гумон, иддио

Зибол – боаҳаммият
Зилл – нармӣ, меҳрубонӣ, ҳалимӣ;
Зиллат – хорӣ, беиззатӣ, забунӣ
Зилу – қолин, қолинча, гилем, палос; бисот, фарш
Зилъ – тараф, паҳлуи сегуша; ҷо, макон; кишвар
Зимма – уҳдадорӣ, вазифа, масъулият
Зифоф – тӯй, тӯйи никоҳ; дар шаби якум ба назди арӯс даромадани домод
Зиҳк – хандидан
Зиҳоф – дар илми арӯз афтодан дар шеър ҳарфе миёни ду ҳарф, ки яке ба дигаре шаклан наздик шаванд
Зиҷот – аз зиҷ – ҷадвали нуҷумӣ бо нишондоди вазъияти ситорагон, ки бар асоси он тақвимро тартиб медоданд
Зобита – қонун, қоида, низомнома
Зовия – кунҷ, гӯша, канор; ҳуҷраи зоҳид
Зоил (сохтан) – нобуд, маҳв; нопадид; соқит (кардан)
Зойча – ҷадвали нуҷум, ки мунаҷҷимон қадим дар вақти таваллуди касе барои пешгӯӣ кардани толеи вай тартиб медоданд
Зок – зокиёт – номи умумии намакҳое, ки аз туршии гӯгирд ҳосил мешаванд – даҳани фаранг, замҷ
Золим – ситамгар, зулмкунанда, мардумозор, бедодгар
Зот – ҷисм, бадан
Зохир – пуроб, сероб, мавҷзананда
Зоҳил – бепарво; ғофил; фаромӯшкор
Зубда – баргузида, яккачин
Зубоб – магас, пашша
Зузанаб – дунболадор; ситораи думдор

Зулл – хорӣ, мазаллат
Зулман – атобахш, неъматдиҳанда
Зумра – гурӯҳи мардум; тоифа; ҷамъият
Зуоба – зулфҳо, гесуҳо
Зурва – баландӣ, ҷой ва мақоми баланд
Зуррия – насл, авлод
Зуфр – нохун
Зуҳр – гармгоҳ, чошт; нисфи аввали рӯз

## И

Ибриқ – зарф барои об ё май; офтоба; зарфи майнӯшӣ
Ибром – исрор, истодагарӣ
Ибтило – гирифторӣ ба бало; озмоиш, имтиҳон
Ибтиҳоҷ – шодӣ, хурсандӣ, масаррат
Иғмоз – чашм пӯшидан
Идбор – бадбахтӣ, тирабахтӣ, муқобили иқбол
Иддио – даъво кардан, муддаӣ шудан
Идмон – фурӯ рафтан; бисёр анҷом додан
Иёб – бозгашт
Иёз – паноҳ; бурдан; иёзубиллоҳ – ба паноҳи Худо
Иёлат – ҳукмронӣ, идоракунӣ; сиёсат; қисми васеи як кишвар, ки чандин вилоятро дар бар мегирад
Иёр – қадр, баҳо, қимат, арзиш
Изз – иззат, эҳтиром; азиз ва арҷманд шудан
Изо – ранҷ, азоб; ранҷ додан, озурдан
Изола – дафъ кардан, маҳв кардан, бартараф кардан, нобуд сохтан
Изор – рухсор, гуна
Изтирор – бечора шудан, дармондагӣ
Изъон – мутеъшавӣ, фармонбурдорӣ кардан; эътироф кардан
Икром – иззат ва эҳтиром
Иктиҳол – ба чашм сурма кашидан
Иқд – тавқ, шадда, зеби гардан
Иқлим – кишвар, мамлакат, вилоят
Иқоб – азобу уқубат, шиканҷа
Иқол – ресмон, ришта
Иқор – обу замин, молу милки ғайриманқул
Иқоъ – ба ҳам задан; ҳамоҳангӣ; ба вуқӯъ овардан
Иқтирон – наздик шудани ду ё якчанд сайёра ба ҳамдигар; қарин шудан,
Иқтисор – кӯтоҳ кардан; кӯтоҳӣ, ихтисор
Илал – ҷамъи илла // иллат
Иллати ғойӣ – ангеза, неруи муҳаррика сабаби ниҳоӣ, анҷом, охирин
Илғор – ҳуҷум, ҳамла, тохтутоз
Илзом – исбот ва ҳуҷҷат, далелу бурҳон; маломат ва таъна; рад кардани калом
Илқо – афкандан, андохтан; насиҳат, панд, маслиҳат
Иллат – сабаб, боис; беморӣ; нуқсон, айб
Илми сиёқ – илми баён
Иллиййин – баландтарин дараҷаи биҳишт
Илоқа – турра ва фаши дастор
Илтиём – ба ҳам омадан, васл шудан (махсусан, захм), беҳбуд ёфтан
Илтисом – чодар пӯшидан, рӯйи худро пӯшондан
Илҳоҳ – дархост, илтимос; бо зорӣ дархост кардан
Имтизоҷ – омехта шудани чизе ба чизи дигар; наздикӣ, ҳамнишинӣ
Имтило – пур шудани меъда, бадҳазмӣ, ки аз пурии меъда пайдо шуда бошад

Имтиноъ – қабул накардан, рад кардан; нахостан, худдорӣ кардан
Имтисол – итоат кардан, фармон бурдан; итоат, фармонбардорӣ
Имъон – тезӣ, тундӣ, зиракӣ; дақиқ кардан
Инбисот – кушода шудан; густохӣ; шодӣ ва хушӣ; фарш андохтан
Индиёт – суханоне, ки аз пеши худ гуфта шаванд, худбофтаҳо
Индирос – куҳна шудан; беэътибор шудан; нопадид шудан, аз миён рафтан
Инзиво – гӯша, канор, кунҷ
Инзимом – зам шудан, илова шудан
Инкисор – шикаста шудан, шикастагӣ; хоксорӣ
Инқироз – бурида шудан, ба охир расидан, тамом шудан, аз байн рафтан
Инод – ситеза кардан
Инон – лаҷом, ҷилав, афсор
Инора – даргирондан, равшан кардан
Инсироф – баргаштан, бозгаштан; сарф, харҷ кардан
Интизом – тартиб ва низом; ҷой гирифтан, дохил шудан
Интиқол – аз ҷое ба ҷое рафтан, аз ҷое ба ҷое бурдан
Интиқош – нақш бастан, нақш кардан, нигоштан
Интисоб – насб карда шудан, ҷойгир шудан
Интифо – хомӯш шудан
Интифоъ – нафъ гирифтан, фоида бурдан
Инфиол – шармандагӣ, хиҷолат; шарм кардан
Инхирот – ба силки чизе даромадан
Инҳидом – вайрон шудан, хароб шудан; вайронӣ, харобӣ
Инҳилол – ҳал шудан, пароканда шудан
Инҳироф – аз роҳ баромадан, баргаштан ба тарафе
Инҳо – хабар расонидан, хабар додан
Иншод – таъриф кардан; шеър хондан, шеър гуфтан; хондан, қироат кардан
Инъиқод – баста шудан; ҷамъ омадан
Иода – бозгашт, руҷӯъ; такроран гуфтан; маҷозан: аз нав зинда кардан; баргардонидан
Ионат – ёрӣ додан, ёрмандӣ кардан, ёрмандӣ, ёрӣ
Ироқа – резиш, рехтани об, хун ва ғ.
Иртикоб – ба коре шурӯъ кардан, машғул шудан
Иртисом – ба фармон итоат кардан; нақш бастан; аломат, нишон, тамға
Иртифоъ – баландӣ, фароз; рифъат; ҳосили зироат; баландии ҷирмҳои осмонӣ; дар ҳандаса хатти амудӣ – перпендикуляр
Ирҷоф – хабарҳои дурӯғ, овозаҳо; одамони паст ва беҳудагӯй
Исғо – гӯш кардан, шунидан
Исдор – (фармон) баровардан, содир кардан
Исқот – партофтан, барафкандан
Исмат – покӣ, бегуноҳӣ
Исор – пошидан, афшондан, нисор кардан; исроф кардан
Истабр – шакли дигари ситабр
Истабрақ – дебо, ҳарир, шоҳӣ, абрешими ғафс
Истеҳзор – ҳозир шудани касеро талаб кардан
Истеҳқоқ – лаёқату қобилият, шоистагӣ
Истеҳсон – писандидан; таҳсину таъриф
Истеъло – бартарӣ ҷустан, марта-

баи олӣ хостан; бартарӣ, фазилат

Истеъфо – талаб ва хоҳиши озод кардан аз хидмат ё коре, истеъфо додан

Истеъҷол – шитобонидан, шитоб кардан; шитоб, таъҷил, аҷала

Истибдол – чизеро ба ивази чизе гирифтан; бадал, иваз

Истибъод – дурӣ ҷустан, дур шудан; аз эҳтимол дур донистан

Истиво – баробарӣ, эътидол; баробар шудани шабу рӯз

Истидлол – далел ва бурҳон овардан

Истидъо – илтимос кардан, пурсидан, хостан; хоҳиш, илтимос

Истизҳор – ёрӣ ва паноҳ хостан аз касе; пуштибонӣ, пушту паноҳ

Истикшоф – дархост, ҷустуҷӯ, таҳқиқ, пурсиш

Истиқро – пайравӣ кардан; баррасӣ намудан

Истиқсо – дур кардан, рондан

Истимдод – ёрӣ хостан, мадад пурсидан; ёрихоҳӣ

Истимолат – бо сухани нағз касеро ба тарафи худ ҷалб кардан; дилҷӯӣ

Истинкоф – нангу ор доштан; худдорӣ кардан; рад кардан

Истинора – равшан шудан; талаби нур ва рӯшноӣ кардан

Истирзо – ризоят хостан, хушнудӣ хостан; хушнудӣ, ризоят

Истироқ – дуздидан, дуздӣ кардан

Истисвоб – писандидан, савоб шумурдан ва маъқул донистан кори касеро; маслиҳат кардан, маслиҳат пурсидан

Истисқо – обхӯрак (беморӣ); об хостан, борон талабидан

Истисъод – ба саодат расидан, некбахтӣ ҷустан; хушбахтӣ; хуҷастагӣ

Иститоат – қувват, қудрат, иқтидор, тавоноӣ

Истифо – тамоми мол ё ҳаққи худро гирифтан; дарёфт; интихоб кардан

Истифоза – талаби файз кардан, ато хостан; файзу баракат, бахшишу талаб

Истифсор – пурсидан, хабар гирифтан; пурсиш, тавзеҳу тафсир хостан

Истихлос – раҳоӣ; халос кардан

Истихроҷ – хулоса баровардан; ҷамъ кардани хироҷ

Истиҳола – аз ҳоле ба ҳоле гаштан; дигаргун шудан; номумкин гаштан

Истиъсол – аз бех баркандан, решакан кардан

Истор – воҳиди вазн, ки баробари чору ним мисқол (21 грамм) мебошад

Итён – омадан; ба ҷо овардан кореро

Итлоқ – озодӣ, раҳоӣ; пардохтан, расондан (пулро)

Итноб – сахт вазидани бод; сухани дуру дароз; муболиға дар шеъру шоирӣ

Иттисол – пайвастагӣ; наздикӣ ба ҳамдигар

Ифзол – некӣ, бахшиш

Ифлос – бенавоӣ, бечорагӣ, тангдастӣ

Ифно – фонӣ кардан, несту нобуд кардан

Ифрит – мавҷуди зишт ва нопок; дев, аҳриман

Ифрот – аз ҳад гузаштан, аз андоза берун баромадан

Ифтиқор – ниёзманд шудан; камбағалӣ, муҳтоҷӣ

Ифтиро – (гап) бофтан, тухмат кардан; дурӯғ гуфтан
Ифтироқ – ҷудо шудан, ҷудоӣ, фироқ
Ихвонуссафо – бародарони содиқ; ёрон ва дӯстони хубу мувофиқ
Ихтилот – омехтан, омехтагӣ
Ихтифо – пинҳон шудан, ниҳон гардидан, махфӣ шудан
Ихфо – пинҳон кардан, махфӣ доштан
Иҷлол – бузург доштан; эҳтиром кардан
Иҷтиноб – парҳез кардан, канорагирӣ кардан
Иҷтиҳод – ҷидду ҷаҳд кардан; дарёфтани масъалаҳои шаръӣ; расидан ба дараҷаи донишмандӣ дар илми фиқҳ
Ишкол – мушкил, душворӣ; банд, завлона
Иштибоҳ – монанд шудани ду чиз ба якдигар; шубҳа, шак; саҳв, хато
Иштиғол – ба коре машғул шудан.
Иштидод – шиддат, тундӣ, сахтӣ
Иштиқоқ – дар забон: калимасозӣ; дар адабиёт: дар шеър овардани калимаҳои ҳамреша
Иштиол – барафрӯхтан; дар гирифтан, афрӯзиш
Иштиҳор – шуҳрат ёфтан, машҳур шудан, паҳн шудан
Иъвиҷоҷ – каҷӣ

## К

Кабш – гӯсфанди нар, қӯчқор
Кавданат – маҷозан: одами кундфаҳм; аблаҳӣ, аҳмақӣ
Кавкаба – савора ва пиёдагоне, ки пеш-пеши подшоҳ меравнезависимо
Кавн – мавҷудият, ҳастӣ, зиндагӣ; олам, дунё
Кавора – сабади калон барои кашондани мева, каҷова; хонаи занбӯр
Кайд – макр, ҳила, фиреб
Кайфият – чигунагӣ; ҳолат, аҳвол; айшу ишрат, сархушӣ
Калаф – доғи кунҷидак (дар рӯйи одам); доғ
Калб – саг
Калол – хастагӣ, шалпарӣ
Камин – ҷойи пинҳон шудан бо мақсади ҳуҷум ба душман; шинак
Камоҳӣ – ҳамчунонки ҳаст; ҳақиқӣ, ҳақиқат
Камоянбағӣ – чунонки бояд, чунонки сазовор аст
Кандулон – навъе аз хайма, чодир; хаймае, ки дар пешгоҳи дарбори шоҳ зада мешавад
Капанак – либоси пашмини кӯтоҳи беостин, ки дарвешон ва чӯпонон мепӯшиданд
Капикӣ – навъи динори хурде, ки дар аҳди муғул, Темуриён ва Сафавиён мутадовил буд
Каппон – тарозуи якпаллаи калон
Кареҳ – зишт, бадандом; ногувор
Карроту маррот – борҳо, бисёр борҳо
Каррубӣ – фаришта, малак, фариштаи муқарраб (ба Худо наздиктар), меҳтари фариштаҳо
Касир – бисёр, зиёд, фаровон
Касирулбаракот – пурбаракат
Каср – шикаст; нуқсон, камбуд, норасоӣ
Каср дар ҳайҷо – шикаст дар майдони ҷанг, муҳориба
Катм – пинҳон кардан; катми адам, олами нестӣ
Каъб – ҳар банди устухон; тоси бозии нард
Кибари синн – калонсолӣ, пирӣ

Киёсат – зиракӣ, ҳушёрӣ, басират, тезфаҳмӣ
Кизб – дурӯғ
Килоб – ҷамъи калб, сагҳо
Килх – сабади гармобабонон
Кирёс – дарбори подшоҳону умаро ва аъён
Кисват – либос, пӯшиданӣ, ҷома
Козим – сокит, хомӯш; лақаби ҳазрати Имом Мӯсо - фарзанди Имом Ҷаъфари Содиқ, имоми ҳафтум
Конун – оташдон, манқал, кӯра
Косид (матоъ) – бехаридор, беривоҷ
Коффа – ҳама, ҳамагӣ, умумӣ; маҷмӯъ
Кофур – моддаи хушбӯйи сафедтоб, камфара; маҷозан: сафед, сафедӣ; номи чашмае дар биҳишт
Кудунг – путки чӯбин, ки рангрезон матоъро бо он зада, ҳамвор мекарданд ва ҷило медоданд
Кудурат – хирагӣ, тирагӣ; маҷозан: ғам, андуҳ; дилтангӣ, душманӣ
Кумоч – ноне, ки кӯчиён дар зери хокистар мепухтанд
Кунҳ – поён, ниҳоят; таг; реша, асос
Куранг – майдони аспдавонӣ, ҷойи саф бастани сипоҳ, арса; аспе, ки рангаш зарди баланд аст
Курбат – ғам, ғусса, андуҳ; азобу машаққат
Курбати ғурбат – андуҳи ғарибӣ
Курниш – калимаи туркӣ, маънояш дидан; ба маънои таъзим омадааст
Кутвол – қалъабон, дижбон, маъмури нигоҳубини қалъа
Куфв – баробар; назир, монанд, мисл
Куҳл – сурма
Кӯка – ҳамшира, ширхӯра
Кӯҳон – баромадагии пушти шутур

## Қ

Қабз – гирифтан; андуҳу ғусса, дилтангӣ; дарҳам кашида шудан
Қаввол – сухангӯй, нотиқ; сурудхон, ҳофиз
Қавим – рост, дуруст; устувор, пойдор
Қавси қузаҳ – тиру камон, рангинкамон
Қазиб – шох, шоха, навда; олати таносули мардон
Қази(й)я – ҳукм, фармон; воқеа, пешомади кор; хабар, паём, иттилоъ
Қазоғанд – ҷомае, ки даруни онро бо пахта ё абрешим пур кунанд; кӯрпача
Қайлула – хоби нисфирӯзӣ, хоби баъд аз пешин
Қалил – кам
Қаллош – айшпараст; ҳилагар, беору номус
Қалмол – ҳарза, беҳуда
Қалмошот – ҷамъи қалмол
Қаловуз – роҳбалад, роҳбар, пешрави лашкар
Қалъӣ – филиззест, ки мисгарон миси сурхро бо он сафед кунанд;
Қама – ханҷари дудама
Қамъ – шикастан, нест кардан, кандан
Қанора – овезаи чангакдори қассобӣ, ки дар он гӯшт меовезанд
Қанот – поя, чӯб, қисме аз матои хайма
Қантара – пул, кӯпрук
Қарин – наздик, ҳамнишин; монанд, мисл, ҳамто
Қаря – деҳ, русто
Қароба – обдон, зарфи об; шиша, суроҳӣ, ҷом
Қасаб – навъе аз матои нафис; катон; либос; найқалам

Қасирқомат – қадпаст
Қатарот – ҷамъи қатра
Қайюм – пойдор, устувор, абадӣ; яке аз номҳои Худо
Қибоб – ҷамъи қубба
Қивом – поя, сутун, асл, асос; низом, тартиб
Қизилбош – калимаи туркӣ – дорандаи кулоҳи сурх
Қилода – гарданбанд, банди гардани ҳайвонот
Қилоъ – ҷамъи қалъа
Қирқира – гарғара – чархест, ки гуноҳкоронро ба ресмон баста, ба он овезанд
Қирон кардан – ба ҳам наздик шудани ду ситора дар як бурҷ
Қистос – тарозуе, ки хеле дуруст бармекашад, тарозуи ҳассос
Қитол – куштор, кушокуш дар ҷанг
Қобиз – қабзкунанда; қабулкунанда, анбордор; нигоҳдорандаи исҳол
Қодим – қадамзананда, оянда
Қозӣ – мансабдоре, ки дар асрҳои миёна мунокишаҳои оммавӣ ва оилавииро аз рӯи қонунҳои шаръӣ ҳал мекард
Қоим – рост, устувор, пойдор; ходим; якранг шудани бозии шатранҷ; пинҳон шудан, руст шудан
Қойид – сипаҳсолор, сарлашкар; роҳнамо
Қомеъ – фотеҳ, фатҳкунанда, ғолиб
Қонун – сози мусиқӣ
Қосир – кӯтоҳ, кам, норасо; оҷиз
Қотиба – ҳама, ҳамагӣ, тамом
Қотин – сокин, бошанда
Қоҳир – қаҳркунанда, ғазабкунанда; маҷозан: ғолиб, болодаст
Қубба – гунбад, қуббаи сипеҳр – осмон; боргоҳ, бинои гунбадмонанди гирд
Қудва – касе, ки пайравияш мекунанд, пешво роҳбар
Қудс – пок, покиза
Қузот – ҷамъи қозӣ
Қулзум – баҳри Аҳмар, баҳри Сурх; баҳр; номи шаҳрест дар Миср
Қуллоб – чангак, шаст, шасти моҳигирӣ
Қулунҷ – номи бемории рӯда
Қумош – газвори абрешимин, шоҳӣ
Қуро – ҷамъи қаря
Қӯрчӣ – силоҳдор, аскар
Қусоро – ниҳоят, ҳадди аъло; ниҳояти саъю кӯшиш
Қусур – камӣ, камбуд, нуқсон
Қутос – гови кӯҳӣ, дорои пашм ва ёли дароз; думи вайро бар сари байрақ мебанданд
Қуттон – ҷамъи қотин

**Л**

Лабан – шир
Лабиб – оқил, доно, хирадманд
Лавозим – чизҳои зарурӣ; шарту воситаи зарурии коре
Лавомеъ – нурҳо, партавҳо
Лавонид – лавандҳо
Лавоҳиқ – ҷамъи лоҳиқа
Лавс – олудагӣ, нопокӣ, палидӣ
Лавҳ – тахтае, ки болояш китобро гузошта мехонанд
Лаёлӣ – ҷамъи лайл, шабҳо
Лаим – нокас; хасис, мумсик
Лайл – шаб
Лайса – нест, чизе нест (инкор кардан)
Лакак – бемории табларза
Ламаот – ҷамъи ламъа
Ламҳа – лаҳза, дам
Ламъа – дурахшонӣ, равшанӣ, партав
Ламязал – безавол; ҷовид, доимӣ, абадӣ
Лаолӣ – марворидҳо, гавҳарҳо
Лафиф (фатила) – омехта, ба ҳам

печида; маҷозан: ҳамроҳ, ҳамсуҳбат

Лаҳву лаиб – бозӣ ва айшу ишрат, базму тарабу нишот

Лаҳиб – гармии оташ, забонаи оташ

Лаҳм – гӯшт

Лаҳмонӣ – фарбеҳ, сергӯшт

Лаҳн – овоз, хониши хуб, оҳанг, мақом, наво

Лаҷҷа – ситеза, якраҳагӣ

Лаъб – бозӣ кардан; бозӣ; айшу ишрат, тараб, хушӣ

Лиом – ҷамъи лаим, паст, сифла

Лисон – забон

Лифа – лифаи давот, қисми дурушти абрешим, ки дар давот барои нашикастани нӯги найқалам мегузоштанд

Лоаншайъ – ҳеч чиз

Ло ва лан – дар забони арабӣ ҳарфҳои нафӣ мебошанд: «не», «ҳаргиз»

Лода – беақл, аҳмақ, содалавҳ, гӯл

Лоеҳ – зоҳир, ошкор, ҳувайдо

Лозол – безавол, фанонопазир; ҳамеша

Локалом – он чизе, ки ба гуфтугӯ эҳтиёҷ надорад, бечунучаро

Ломакон – бемакон, беҷой; сифати Худо

Ломуҳола – ногузир, ночор, ноилоҷ

Лонусаллим – саломат намешуморем, қабул намекунем

Лорайб – бешубҳа, бегумон, ба таври яқин

Лаҳиб – гармии оташ; забонаи оташ

Лоҳиқа – ба охири чизе замшуда; вобаста, тобеъ, фаръӣ, замима

Лоҳут – худоӣ; илоҳӣ, улуҳият

Лоюадду ва лоюҳсо – бешумор, берун аз шумор

Лоянқатеъ – ба қитъаҳо ва пораҳо ҷудонашаванда; муттасил, пайваста, бефосила, доимӣ

Лубби лубоб – мағз, хулоса; холис ва баргузидаи чизе

Луғаз – муаммо, чистон

Лунг, лунга, лунгӣ – порчаи матои дарозрӯя, ки дар ҳаммом бар камар мебанданд

Лутф – марҳамат, илтифот; эҳсон, бахшиш; нармӣ, назокат

Луҷҷа – миёна, қаъри дарё; мавҷ, гирдоб

## М

Маан – якҷо

Мабдаъ – ҷойи пайдоиш, асос; аввал, оғоз, ибтидо

Мабзул – базлкардашуда, бахшидашуда

Мабно – бунёд, асос, поя; иморатҳо ва биноҳо

Мабодӣ – аввалҳо, оғоз

Мабонӣ – ҷамъи мабно

Мабрур – он ки дар ҳаққи вай некӣ карда шудааст, вафотёфта, марҳум

Мабрус – гирифтори касалии барас, гирифтори касалии пес

Мабсут – густарда, паҳнкардашуда; маҷозан: муфассал

Мабҳас – баҳс, тафтиш, ҷойи баҳс

Маваддат – дӯстӣ, ишқу муҳаббат

Мавзеъ – ҷой, макон

Мавкиб – гурӯҳи савора ва ё пиёдаи хоссаи подшоҳ; гала, рама

Мавкул – вогузоршуда; вобастакардашуда

Мавқиф – ҷойи таваққуф; мақом, бошишгоҳ

Мавло – соҳиб, сарвар; ғулом; хеши наздик

Мавозеъ – ҷамъи мавзеъ

Мавоид – ҷамъи ваъда

Мавоид – ҷамъи мавъид // мавъидат

Мавоид – ҷамъи моида

Мавоқиф – ҷамъи мавқиф

Маволӣ – ҷамъи мавло, бандагон, ғуломон
Мавошӣ – ҷамъи мошия – чаҳорпоён
Мавсул – васлшуда, ба ҳам пайваст
Мавтин – ватан, меҳан, зодгоҳ
Мавҳибат – ато, бахшиш, эҳсон; чизи ниҳодашуда дар хулқи инсон
Мавҷа – мавҷ, як мавҷ
Мавъид, мавъидат – ҷойи ваъда; замони ваъда; ҳангоми аҳду паймон
Мағбун – фиребхӯрда; фирефташуда дар хариду фурӯш
Мағмум – дучориғамгардида, ғамгин
Мадд – дарозӣ; ба худ ҷалбкунанда
Мадеҳ – мадҳ, таъриф, ситоиш; қасидаи мадҳия
Мадид – давомдор, дароз
Мадориҷ – ҷамъи мадраҷ; пояҳо, дараҷаҳо
Мадрака – макони идрок, маъхаз, санад, далел
Мадфуъ – дафъкардашуда, рондашуда; радкардашуда, афканданиҳо
Маёдин – майдонҳо
Маёмин – ҷамъи майманат
Мазаллат – хорӣ, залилӣ, хорию зорӣ
Мазаррат – зарар, зиён, осеб
Мазбала – ҷойи рехтани хокрӯба, ҳоҷатхона
Мазбур – мазкур, номбаршуда, навишташуда
Мазбут – баста, муҳкам; устувор, мустаҳкам; нигоҳ дошташуда, ҳабсшуда
Мазид – афзоиш, зиёдшавӣ; зиёдкардашуда
Мазият – афзалият, бартарӣ
Мазкум – зукомшуда
Мазлама – зулму ситам, беадолатӣ
Мазнун – касе, ки мавриди шубҳа ва бадгумонӣ гардидааст
Мазоё – ҷамъи мазият
Мазоиқ – ҷамъи мазоқ
Мазоқ – ҳисси таъмгирӣ, чашоӣ; табъ, табиат
Мазомир – мизмор – майдони риёзати аспон
Мазоҳиб – ҷамъи мазҳаб
Мазраб – макони задан ва устувор кардани хаймаҳо
Мазраъ – замини корам, киштзор
Мазҳаб – роҳ, равиш, тариқ; шуъба ва шохаи ягон дин
Мазяқ – танга
Маййит – мурда, ҷасади беҷон
Майманат – саодат, хушбахтӣ
Маймун – саодатманд, муборак, хуҷаста
Майта – худмурда, лоша
Макин – макондор, соҳиби ҷою макон; устувор
Макнуз – ғафс, калонҷусса; пинҳон; чизе, ки дар ганҷина пинҳон кунанд
Макнун – пинҳондошташуда; пинҳон кардашуда; чизи қиматбаҳо.
Макнунот – ҷамъи макнун
Маконат – мартаба, дараҷа, мақом
Макруб – машаққаткашида, ғамнок, андуҳгин
Макрумат – иззату эҳтиром; лутфу карам
Макс – истодан, даранг кардан; таваққуф
Максур – шикасташуда; маҷ. мағлубшуда, шикастхӯрда; дар хатти арабӣ ҳарфе, ки ҳаракати касра дорад
Мақар(р) – қароргоҳ, ҷойгоҳ; ҳисор, қалъа
Мақбуз – чизи гирифташуда ба чанг

Мақдур – мувофиқи қудрат ва имкон, мумкин, имконпазир; тақдир
Мақобир – ҷамъи мақбара
Мақол – гуфтор, сухан, нутқ
Мақола – гуфтор, сухан; як фасл аз китоб
Мақолот – ҷамъи мақола
Мақом – ҷойи иқомат; маҳал; дараҷа, мартаба; номи оҳангҳои мусиқӣ
Мақотеъ – ҷамъи мақтаъ
Мақтаъ – ҷойи буридан, буриш; байти охирини ғазал ва ё қасида; охири умр
Муқриён – қориёни Қуръон, омӯзонандагони Қуръон
Мақрун – наздикшуда; пайваста
Мақсура – ҳуҷраи ибодат, чиллахона, ҳуҷраи паҳлуи масҷид
Мақтаъ – ҷойи буридан, қатъ кардан; дар адабиёт байти охирини ғазал, қасида; маҷ. охири умр
Мақула – гуфтор, сухан; маҷ. навъ, хел, ҷинс
Мақула – гуфтор, гап, сухан; навъ, ҷинс, қисм
Мақулот – ҷамъи мақула
Мақъад – ҷойи нишаст; маҷозан: дубур
Малаъ – пурӣ, гурӯҳи мардум, анбӯҳи халқ
Малбус – пӯшидашуда; либос
Малиаъло – олами боло, олами улвӣ
Малоз – паноҳгоҳ, ҷойи амн
Малоҳӣ ва маноҳӣ – корҳои лағву наҳйшуда
Малҳо – асбоби айшу ишрат, асбоби хушгузаронӣ
Малҳуфон – андуҳгинон, дилхастагон, ситамдидагон
Малҷаъ – малҷо – ҷойи амн ва паноҳ
Малъун – лаънаткардашуда, лаънатӣ, рондашуда,

Мамар – гузаргоҳ, роҳи убур; восита; хусус, бобат
Мамзуҷ – омехта, махлут
Мамлу – пуркардашуда; тамом, пур (дар бораи моҳ)
Мамнӯъ – манъкардашуда
Ман – воҳиди вазн; ҳафт ман ба санги Хуросон тахминан як пуд
Манеъ – устувор; баланд; азиз; дастнорас
Манкӯҳа – зани никоҳӣ, завҷа
Манқабат – ҳунар, фазилат; кори нек, мадҳ, сано
Манқасат – нуқсон, камбуд
Маннон – бахшанда, неъматдиҳанда (сифати Худо)
Маноқиб – ҷамъи манқабат
Маном – хоб дидан, хоб; хобгоҳ, ҷойи хоб
Манос – гурехтан, фирор кардан; паноҳгоҳ, ҷойи фирор
Маноҳиҷ – ҷамъи манҳаҷ
Маноҳӣ – ҷамъи манҳӣ-манҳият
Маноҳӣ ва малоҳӣ – бозиҳо ва асбоби айшу ишрати манъ кардашуда
Мансаба – рутба ва мансаб
Мансуба – бозии моҳиронаи шатранҷ бо нуктаҳои борики он; номи бозии ҳафтум аз бозии ҳафтгонаи нард
Мансур – ғолиб, пирӯз
Манут – вобаста, марбут
Манфаз – гузаргоҳ; сӯрох, дарича; маҷ. даҳани кӯза
Манҳаҷ – роҳу равиш; роҳи рост ва кушода, роҳи фарох
Манҳӣ-манҳият – боздошташуда, манъ кардашуда
Манчуқ – нишонии тило ё нуқра, қуббае, ки ба сари чӯби байрақ, соябон, тоҷ ва зинатҳои дигаре, ки бар болои манораҳо ва бурҷҳо насб мекарданд

Маншур – фармони подшоҳ барои додани мансаб; маҷозан: имтиёзнома
Маозаллоҳ – Худо нигаҳ дорад! Паноҳ ба Худо!
Маол – ҷойи бозгашт; оқибати кор, натиҷаи кор
Маолиинтисоб – дорои мансаби баланд
Маориб – ниёзҳо
Маорик – маъракаҳо; майдони муҳориба
Маосир – нишони нек ва корҳои писандидае, ки аз касе боқӣ мемонад; касе ки аз аз худ осор ё чизе монад
Маоҷин – ҷамъи маъҷун
Маош – зиндагонӣ, умргузаронӣ; воситаҳои зиндагӣ – хӯрок, пӯшиданӣ; маҷозан: муомила, рафтор
Мараммат – таъмир кардан (аз сари нав), такмил додани ҳар чизе
Марғуб – дилкаш, дилписанд, хушрӯй
Марзия – муаннаси марзӣ
Марзӣ – мақбул, писандида
Марқум – рақамкардашуда, навишташуда
Мароға – ғелиш, ғалтидан; афтодан;
Мароё – ҷамъи миръот, оина
Марсум – расмшуда, урфу одат шудан; музди кори моҳона, солона
Марфуъ – баланд, муртафаъ, рафеъ, бардошта
Марҷаъ – ҷойи бозгашт; паноҳгоҳ
Маръӣ – муроотшуда, дар назар гирифташуда
Масам(м) – ҷойи гузар; сӯроххҳои пӯсти бадан, ки аз онҳо арақ берун мебарояд
Масаррат – сурур, шодӣ, хурсандӣ
Масдуд – басташуда
Маслук – ҷорикардашуда, маъмул
Маслух – ҳайвони кушташуда, пӯсткандашуда
Масмаъ – узви шунавоӣ, гӯш
Маснад – тахти шоҳӣ
Масо – шом, бегоҳӣ
Масоба – мартаба, дараҷа; андоза
Масобеҳ – ҷамъи мисбоҳ
Масомеъ – ҷамъи масмаъ
Масореъ – ҷамъи мисраъ//мисроъ
Масруф – сарфкардашуда, банд, машғул
Мастур – бо парда пӯшидашуда, пардапӯш, пӯшида
Масун – маҳфуз, нигаҳдоришуда; эмин
Масҳуб – ҳамсуҳбат, ҳамдам; ҳамроҳ, ҳамсафар
Масъуд – саодатманд, хушбахт
Матар – борон
Матбӯъ – қабул, пазириш
Матвӣ – тайкардашуда
Матлаъ – ҷойи тулӯъ, баромад; оғоз, шурӯъ, аввал; байти аввалини ғазал, қасида ва ғ.
Матмаъ – чизи хосташуда; орзу хоҳиш
Матмӯъ – тамаъкардашуда, талаб, хоҳиш, чашмдошт
Матовӣ – ҷамъи матвӣ-матво; маҷозан: таркиб ва ҷумлаҳои печдарпечи калом
Матолеъ – ҷамъи матлаъ
Матраҳ – ҷойи афкандани чизе; халтае, ки сайёдон шикори худро дар он меандозанд
Матруд – рондашуда, мардуд
Матъун – зада ва сӯрохкардашуда бо найза ва ғ.; таънакардашуда; гунаҳкор, айбдор
Маунат – ёрӣ; ёрӣ додан
Mауф – офатзада, бемор

Мафлук – фалакзада, бадбахт; бечиз, муфлис
Мафосил – ҷамъи мафсил
Мафруқ – ҷудокардашуда
Мафсил – фосилаи байни ду чиз; банди устухони бадан
Мафтул – тобдодашуда, печида
Мафтур – халқкардашуда, офаридашуда, сиришташуда
Махбун – ҷомаи кӯтоҳшуда; истилоҳи арӯз
Махдум – он ки дигарон ба вай хидмат мекунанд; хоҷа
Махлас – халосӣ, раҳоӣ; маҷ. охир, поён
Маходим – ҷамъи махдум
Махрут – тарошидашуда, харротишуда
Махтум – муҳркарда, сарбаста, муҳкам, хатмшуда
Маҳзар – маҷлис; ҳузургоҳ
Маҳзар – навишта (мактубе), ки барои исботи даъвое бо муҳр мустанад бошад; ҳукм ва фатвои қозӣ
Маҳзуз – баҳраманд, бонасиб; хурсанд
Маҳзуф – ҳазфшуда, партофташуда; дар илми арӯз рукне, ки аз охири он сабаби хафиф партофта шудааст
Маҳиб – боҳайбат, саҳмнок; касе ва ё чизе, ки аз вай метарсанд
Маҳлака – ҳалокатгоҳ, ҷойи хавфнок; ҳалокат, хатар
Маҳмил – каҷова, ки ба шутур ё асп баста ба дарунаш нишаста, сафар мекунанд
Маҳмуд – ҳамдкардашуда, писандида
Маҳмул – ҳамлкардашуда, боркардашуда; нисбатдодашуда
Маҳобат – ҳайбатнокӣ, тамкину виқор, бузургӣ; тарс, ваҳмангезӣ
Маҳоил – чархишҳо, гардишҳо, роҳҳо
Маҳомид – хислатҳои неки боиси ифтихор
Миҳор – чӯбе, ки аз бинии шутур гузаронида ба он ресмон мебанданд; инони шутур, нухта, афсор
Маҳосин – риш ва мӯйлаб
Маҳрур – чизи гармшуда; бо табъи гарм, гармизоҷ, эҳсосотӣ
Маҳрус – нигаҳдорӣ кардашуда
Маҳфур – кандашуда (дар замин, санг ва ғ.)
Маҳсуд – касе, ки аз вай ҳасад мебаранд
Маҳсур – ҳамчун ҳисор иҳота кардашуда
Маҳфурӣ – фаршҳо ва гилемҳое, ки дар шаҳри Маҳфур истеҳсол мешуданд
Маҳҷуб – парданишин, чизе ки дар ҳиҷоб аст
Маҷбул – фитрӣ, табиӣ, хулқӣ
Маҷзум – махав, гирифтори касалии махав, ҷузом
Маҷид – бузург, олиқадр, баланддараҷа
Маҷомеъ – ҷамъ
Маҷъула – сохташуда, сохта
Маҷҳуд – ҷаҳд, саъю кӯшиш
Машғала – машғулият, кору бор; шӯру ғавғо
Машида, машид – мустаҳкам, баланд, устувор
Машоил – ҷамъи машъал
Машориқ – ҷамъи машриқ
Машраб – зарф барои нӯшидани шароб; маҷ. бахш, баҳра, насиба; ғоя, маслак
Машраъ – роҳ, ҷода, шореъ
Машруб – об, шароб ва ҳар моеи нӯшиданӣ

Машрӯҳ – шарҳдодашуда; эзоҳ, баён
Машҳун – пуркардашуда, пур, мамлу
Машъал – латтапораҳои ба нӯги хода печондашудаи бо нафт олуда
Машъуф – шефта, мафтун; шод, хурсанд
Маъбар – гузаргоҳ
Маъдалат – адл, инсоф, додгарӣ, адолат
Маъдуд – шумурдашуда; ҳамсаф ва ҳамқатор шуда; ба миқдори маҳдуд
Маъдумунназир – беназир
Маъкул – хӯрок, ғизо
Маълул – иллатманд, бемор
Маълуф – улфатпайдокарда; одаткарда
Маъман – ҷойи амн, паноҳгоҳ
Маъмул – дар амал ҷоришуда; умеду орзу кардашуда
Маънас – маҳалли унсу улфат
Маъраб – мақсад, матлаб; ҳоҷат, хоҳиш
Маъраз – намоишгоҳ; мавқеъ, ҷой; майдони ҷанг
Маърака гирифтан – барпо кардани намоиши ҳуққабозӣ, маймунбозӣ ва ғ.
Маъруз доштан – арз кардан, гуфтан, сухан кардан
Маъруф ва маҷҳул – маълум ва номаълум
Маъсият – гуноҳ, ҷурм; рафтор бар хилофи дину шариат
Маътуф – пайваста; печида; каҷшуда, бозгардонда
Маъҳуд – аҳдупаймонкардашуда
Маъҷун – доруи таркибӣ; дору, давои хӯрданӣ
Меғ – абр; абри сиёҳ; абри сафед, меҳи ғафсу ғализ
Меҳнат – мусибат, бало, бадбахтӣ; ранҷ, азоб, уқубат
Меъраҷ, меъроҷ – нардбон, зинапоя, ҷойи боло баромадан
Миъҷар – рӯпӯш, чашмбанди занон
Миғфар – кулоҳи филиззии ҷангӣ, хӯд
Мидод – сиёҳӣ (барои навиштан); мураккаб
Мизанна – ҷойи гумон бурдан
Мизмор – майдони аспдавонӣ, ҷойи пойга
Микраа – тозиёна, дурра, қамчин
Микроз – қайчӣ, гоз
Мин маҳди ила-л-аҳд – аз даврони кӯдакӣ то ҳол
Минасса – ҷойи зоҳир ва намоён шудани чизе; тахт ва курсӣ, ки арӯсро ороста, болои он шинонда, ба домод ва дигарон нишон медиҳанд
Минқор – нӯли мурғон, нӯли парандагон
Мино – шишаи шароб, ки сабзранг бошад
Минҳоҷ – роҳи рост ва кушода, роҳи фарох
Миод, меод – ваъдагоҳ, ҷое, ки аз рӯйи ваъда муайян карда шудааст
Миръот – оина
Мисбоҳ – чароғ, фонус, машъал; қадаҳи шароб, косаи калон барои нӯшидан
Мисқаб – пармӣ, парма
Мисраъ, мисроъ – табақаи дар; як сатри шеър
Мистар – хаткаш; коғази ғафсе, ки дар рӯяш хатҳои барҷаста кашида шудааст
Митҳара – офтоба, обдаста; зарфи об
Миҳан – ҷамъи меҳнат, ранҷ
Миҷан(н) – сипар
Миҷарра – Каҳкашон

Миҷмар – зарф барои сӯзондани сипанд
Мишкот – тоқчаи чароғмонӣ, чароғдон
Моида – дастархони пур аз таому неъматҳо; дастархон
Мои ҳамим – оби гарми тафсон, навъи оби тафсоне дар дӯзах
Молиёт – сарват, дорой; пул, нақдина
Молокалом – он чи бо калом ифода карда намешавад
Молоютоқ – тоқатнопазир, ғайри қобили таҳаммул
Молояънӣ – чизҳои бемаънӣ
Монеъ – боздоранда
Мосабақ – дар гузашта; пеш аз ин
Моулъинаб – оби ангур; шароби ангурӣ
Моҳасал – он чи ҳосил шудааст; натиҷа, самара
Моҳӣ – маҳвкунанда
Моҳи сиём – моҳи рӯза, Рамазон
Моҳича – навъе аз оши хамирӣ монанди угро
Моъ – об, оби ҷорӣ, оби равон
Муаддӣ – сабабшаванда, боис, сабаб
Муаддо – адошуда, пардохташуда; маъно, ифода
Муаззаб – азобдодашуда, азобкашанда аз ранҷ
Муаззаз – азиздошташуда, арҷманд
Муайяд – қувватдодашуда, неругирифта
Муаккад – таъкидкардашуда; мустаҳкам, устувор, қатъӣ
Муаққад – гиреҳхӯрда; тобдор; ҳалқа-ҳалқа, печида, мураккаб
Муаллам – таълимгирифта, ёддодашуда
Муаммам – қарорирқатъиёфта, қатъӣ
Муаммар – касе ё чизе, ки умри дароз дидааст, куҳансол; зинда
Муанбар – анбарин, муаттар, хушбӯй
Муарро – холӣ, пок; озод
Мубарро – пок, холӣ (аз гуноҳ, айб ва ғ.)
Мубарҳан – бо бурҳон (далел) исбот кардашуда; ошкор, равшан
Мубассир – нигоҳкунанда, бинанда; кордон, мутахассис
Мубашшир – қосиди муждаовар, расонандаи хабари хуш
Мубин – ошкоркунанда; возеҳ; соф, равшан, пок
Мубодарат – шитоб ва ташаббус; иқдом, шурӯъ кардан
Муболаға – кӯшиши бисёр; ташвиқот кардан; аз ҳад гузаштан (дар сухан)
Мубоситат – суҳбати самимона ва хушдилона, кушодарӯйӣ
Мубоҳ – ҷоиз, раво; ҳалол (динӣ).
Мубоҳӣ – фахркунанда, сарфароз
Мубоҳот – фахр, ифтихор
Мубтал – ботил ва беҳуда кардашуда, бекоркардашуда
Мубтилин – ботилкорон, беҳудакорон
Муваззаъ – тақсимкардашуда, ҳисса кардашуда; поядор
Муваффақ – тавфиқёфта, бамуродрасида
Муваффар – фаровон, бисёр; бузург
Муваҷҷаҳ – асоснок; писандида, мақбул
Мувашшаҳ – ороста, зинатдодашуда
Мувозот – баробарӣ
Мувосалат – пайвастагӣ бо ҳамдигар, дӯстии беғараз доштан бо ҳамдигар
Муғаллаза – савганди дурушт, сахту шадид

Муғис – фарёдрас, додрас
Муғлақа – басташуда, муҳкам; маҷозан: номафҳум, печида (оид ба сухан)
Муғлим – шаҳватпараст; бачабоз
Муғолата – ба ғалат андохтан касеро
Муғтанам – ғаниматшумурдашуда; ғанимат
Мудаббир – чораҷӯ, идоракунанда, сардор
Мудаққиқулхабир – дақиқан огоҳ
Мудоҳана – чоплусӣ, хушомадгӯӣ; фиреб, дурӯягӣ, маккорӣ
Муҷавваф – ковок, дарунхолӣ (най)
Музайян – ороста, зебузинатдодашуда
Музахрафа – сухани ботил ва дурӯғе, ки ба назар рост менамояд
Музаъфар – зард, зардранг, заъфаронӣ
Музлима – торик, тира
Музмар – он чи дар замир аст; пӯшида, махфӣ
Музоаф – дучанд, ду баробар; дар сарфу наҳв калимаест, ки дар охири он ду ҳарфи ҳамҷинс такроран биёянд
Музоб – обкардашуда, гудохта
Музояқа – тангӣ, душворӣ, сахтӣ, гирифтагӣ, зиқӣ кардан
Музтар – ночор; дармонда
Муиз(з) – он ки касеро азизу арҷманд мешуморад, иззат мекунад
Муин – мададгор
Мукавкаб – ситорадор (дар бораи осмон)
Мукаддар – тира, сиёҳ; хафа, ғамгин, маҳзун
Мукаллалатурраъс – ҳайвони хазанда, калтакалос
Мукаллал – бо чизе оросташуда (бо ҷавоҳир, тило); тоҷдор
Мукнат – қудрат, сарват, тавоноӣ
Мукобара – изҳори кибру бузургӣ нисбат ба дигарон, ғурур
Муқаввӣ – қувватдиҳанда
Муқайяд – гирифтор, побанд дар қайд; вобаста, тааллуқдор
Муқарраб – наздикшуда; ҳамсуҳбати доимӣ, надим
Муқаъъар – қаърдор, мағок, чуқурӣ
Муқомир – қиморбоз; ҳариф дар қиморбозӣ; маҷ. ҳариф, рақиб
Муқорин – наздикшуда, ба ҳам наздик; пайваста ба чизе
Муқтабис – иқтибоскунанда, гиранда
Муқтазаб – буридашуда, қатъшуда; номи яке аз баҳрҳо дар арӯз
Муқтазо – тақозо, талаб; шарт
Муқтарин – наздикшаванда; пайваста ба чизе
Мулаббас – либоспӯшида
Мулавван – рангкардашуда; рангоранг; гуногунранг
Муламмаъ – рангоранг; нақшин, нақшу нигоркардашуда
Мултазам – лозим донисташуда; вазифадоршуда
Мултазим – базиммагиранда, дарзиммадоранда, пойбанд
Мултамас – илтимоскардашуда, хосташуда; илтимос, хоҳиш, талаб, орзу
Мулҳақ – пайвастан, ҳамроҳ кардан, замима
Мумавваҳа – сухани бофта ва дурӯғе, ки барои ба роҳи хато андохтани рақиб гуфта мешавад
Мумаййиз – фарқкунандаи неку бад, аз ҳам ҷудокунандаи неку бад
Мумид(д) – мададкунанда, ёридиҳанда
Муморасат – ба коре пардохтан ва ҳамеша ба он машғул будан, тамрин

Мумос – ба ҳам соидашуда, пайваст, ҷафс
Мумосил – яксон, баробар, мусовӣ, монанд, ҳамто, мушобеҳ
Мумтанеъ – манъкардашуда; номумкин, муҳол
Мумтанеъ – номумкин, ғайримумкин, муҳол
Мумтаҳан – дучори сахтӣ ва бало гардида; имтиҳонкунанда, озмоянда
Муназзаҳ – покизакардашуда; пок, нағз, хуш, хуррам
Мунбасит – паҳншуда, густарда; хурсанд, шод
Мундарис – куҳна, фарсуда, беравнақ; азбайнрафта
Мундафеъ – дафъшуда, дуршуда
Мунзавӣ – гӯшагир, гӯшанишин
Мунзаҷир – боздошташуда; мутанаффир
Мункар – кори бад, зишт, бадӣ; инкоршаванда; яке аз ду фариштаи баъди марг бозпурсикунанда
Мункир – инкоркунанда
Мунқалиб – аз сӯе ба сӯе гарданда; баръакс, чаппа; сарнигуншуда
Мунодим – ҳамнишин
Мунофарат – аз ҳамдигар нафрат кардан
Мунофӣ – ботилкунанда, несткунанда; зид, мухолиф
Мунофот – мухолифи якдигар будан
Мунсариф – баргашта, бозгашта
Мунсиф – боинсоф, бовиҷдон, одил
Мунтабиқ – қабат-қабат болои ҳам гузошташуда; баробар, мувофиқ
Мунтақил – аз даст ба дасте гузашта
Мунтафӣ – нестунобудшуда, дуршуда
Мунтаҳӣ – интиҳоёфта (ёбанда), баохиррасида (расанда)
Мунхарит – суфташуда; ба ришта чидашуда; маҷозаан: ҷойгиршаванда
Мунхасиф – гирифташаванда (дар бораи моҳ)
Мунҳадим – вайроншуда, харобшуда; маҳву нобудшуда
Мунҳазим – мағлуб, шикастхӯрда, гурезоншуда
Мунҳанӣ – хамида, дуто, каҷ
Мунҳариф – аз роҳи рост баромада; аз ҳолати эътидол баромада
Мунҳасир – маҳдуд; шомил; дарҳисорбуда; мутааллиқ ба касе
Мунҳӣ – хабардиҳанда, воқеанавис
Мунҷал – равшан, ошкор, дурахшон, ҷилвагар; маҷ. ҳалшаванда
Мунҷамид – яхбаста
Мунҷар – анҷомёфта; мунҷар шудан, анҷом ёфтан
Мунъақид – ақдбасташуда, аҳдупаймонкардашуда; ташаккулёфта
Мунъим – давлатманд, доро
Мунят – орзу ва мақсуд
Муовадат – бозгашт кардан, баргаштан; бозгашт
Муонасат – унс гирифтан; ҳамнишинӣ, ҳамсуҳбатӣ
Муонид – мухолиф, душман
Муонадат – душманӣ
Муониқ – он ки дигареро ба оғӯш гирифта, вохӯрӣ мекунад
Муораза – баҳс, мубоҳиса; рӯ ба рӯ шудани ду ҳариф; мухолифат
Муоф – бахшидашуда
Мураввақ – софкардашуда, зулол (шароб)
Мураввеҳ – роҳатрасонанда, рӯҳафзо
Мураққаъ – аз порчаҳои матоъҳои гуногун бо ҳам дӯхташуда; поргӣ; ҷомаи аз поргӣ (гоҳе

поргиҳои рангоранг) дӯхташудаи дарвешон
Мурассаъ – оросташуда бо сангҳои гаронбаҳо
Мураффаҳулҳол – осудаҳол, хушҳол
Муроқабат – мушоҳида, бо диққат нигоҳ кардан ба чизе; фикру тааммул; дар фикри Худо аз тааллуқоти олам дур будан
Мурсал – фиристода, расул; пайғамбаре, ки соҳиби китоб бошад
Муртоз – риёзаткаш, риёзаткашида
Мурулмазоқ – талхии таъм
Мусабеҳҳон – тасбеҳкунандагон, намозгузорандагон
Мусаддеъ – ташвишдиҳанда; ташвиш ва дарди сари касе шудан
Мусаллам – таслимшуда; саломат; муносиб, лоиқ; муайян; бешубҳа
Мусаллас – секунҷа; май(шароб)-е, баъд аз соф кардан ҳиссаи сеюмаш боқӣ мемонад
Мусалсал – силсилабанд, занҷирбанд; пайвасткардашуда
Мусаммам – тасмимёфта, қорориқатъиёфта
Мусаммо – исмдодашуда, номидашуда
Мусанно – дубора, дучанд
Мусаттаҳ – ҳамвору тахт кардашуда; паҳн
Мусаҳҳеҳ – касе, ки ғалатҳои китобро бигирад
Муслимот – занони мусулмон
Мусмир – самардиҳанда, мевадор; самарбахш
Мусобарат – сабр кардан; сабр
Мусодақат – садоқати бепоён
Мусораат – мусобиқа; гуштингирӣ; мубориза бо ҳамдигар
Мусофаҳа – даст дода вохӯрӣ кардан
Мусреъ – тезрав; қосиди тезрафтор
Мустабшир – хабарихушшунида, шоду хурсанд
Муставӣ – тахт, ҳамвор; маҷ. росту дуруст, мустақим
Муставлӣ – истилокунанда, ғолиб
Муставсиқ – боваркунанда, эътимодкунанда
Муставфӣ – сардори аҳли девон, ки аз муҳосибон ҳисоб мегирифт
Мустағнӣ – бениёз; доро, тавонгар
Мустағриқ – ғарқшуда, фурӯрафта; маҷ. саргарми тамом ба коре ё чизе
Мустадир – доирашакл, гирда
Мустазҳир – ёриталабанда аз касе; мададхоҳ, умедвор ба касе, чизе; баҳравар
Мустаид – соҳибистеъдод; лоиқ, сазовор, омода
Мустақар – қароргоҳ, ҷойи иқомати доимӣ; марказ, пойтахти кишвар
Мустақраҳ – хунук, зишт, бад
Мусталзим – сабабгор, боис, сабаб
Мустамеин – шунавандагон, гӯшкунандагон
Мустамеъ – шунаванда, гӯшкунанда
Мустамира – доимӣ, устувор; маъмул, муқаррарӣ
Мустанир – мунаввар; дурахшон, тобон
Мустаор – ориятӣ, амонатгирифташуда; маҷ. муваққатӣ
Мустасқӣ – толиби об, ташна; гирифтори бемории истисқо
Мустасъид – толиби саодат, саодатҷӯй; маҷ. шарафманд; баҳравар
Мустатил – дарозкашида, дарозрӯя
Мустатоб – пок, покиза
Мустафид – фоидабаранда, баҳраманд
Мустафиз – паҳншаванда; муфассал, файзгир

Мустахлас – халосшуда, озодшуда
Мустахраҷ – хориҷ кардашуда; ҳосилкардашуда
Мустаҳиқ – лоиқ, сазовор; муҳтоҷ, фақир
Мустаҳилот – корҳои муҳол ва номумкин
Мустаҳом – саргашта, ҳайрон; ғамгин
Мустаҳсан – шоистаи таҳсин, нек ва писандида
Мусташор – касе, ки аз ӯ маслиҳат мепурсанд, мушовир
Мустаидат – омода, тайёр барои иҷрои амале
Мустаъман – амонгоҳ, паноҳгоҳ
Мустаъҷил – аҷалакунанда, шитобанда; шитобкор
Мутааддия – мутааддӣ – ситамгар, золим
Мутааззир – (кори) иҷрояш номумкин; мушкил, душвор
Мутаайян – таъйиншуда; муқарраршуда; намоянда; бузургвор
Мутааммил – таммулкунанда, андешакунанда
Мутааҳҳид – уҳдадор, мутасаддӣ
Мутабаддил – бадалшуда, ивазшуда
Мутабаҳҳир – бисёр доно; аллома
Мутаббақ – табақа-табақа кардашуда; маҷозан: пайваст ба чизе
Мутаваққеъ – умедвор; хоҳишманд
Мутавассит – воситашаванда, миёнарав; миёна
Мутаваттин – ватандорон, сокин, бошанда
Мутаваҳҳим – он ки дучори тарсу ваҳм мегардад, ҳаросон
Мутаваҳҳиш – ваҳшатнок, ваҳшатзада, хашмнок
Мутаворӣ – пинҳоншуда; он чи дар даруни чизе бошад
Мутавотир – пайиҳамомада; дар илми қофия – қофияе, ки миёни ду сокини он яке мутаҳаррик бошад
Мутағаллиба – ғолибомада, забардаст ва зӯрманд, зӯровар
Мутазаммин – дарзимнгиранда, дарбар- гиранда
Мутазоид – зиёдшаванда, афзоянда, зиёд
Мутазоиф – дучандшаванда; зиёдшаванда; ду баробар
Мутакосир – зиёдшуда (зиёдшаванда); фаровон, бисёр
Мутақаллид – бахудпӯшанда, овезанда, мас. шамшер ва ғ.,
гиранда, уҳдадоршаванда
Мутақотир – қатра-қатра ҷамъояанда; қатра-қатра чаканда
Муталлақаи салоса – зани сеталоқа
Муталло – зарандуд, обитил равондашуда
Муталошӣ – азҳампошида; парокáнда, азбайнрафта
Мутамаккин – макongиранда; қарорёфта; сокин, муқим
Мутаматтеъ – баҳрамандшаванда, бархӯрдор
Мутаммам – тамомёфта, баанҷомрасида
Мутаммим – тамомкунанда; тақсимкунанда
Мутанаффис – нафаскашанда, ҷондор, зинда
Мутаоқиб – паси ҳам, пайдарпай; пасу пеш
Мутаолӣ – баланддараҷа, олӣ
Мутараддид – дудила; тараддудкунанда; раванда
Мутараққиб – поянда, нигарон; чашмдор, интизор
Мутарассид – нигарон, мунтазир, чашм ба роҳ
Мутарраш – риштарошида

Мутасаддӣ – кӯшишкунанда, пешкор; қасдкарда
Мутасоид – душвор, пурмашаққат; баланд, боло
Мутафаррид – танҳо ва ягона дар сифате ва коре
Мутафарриқ – пароканда, аз ҳам ҷудошаванда, парешон
Мутафаррис – соҳибфаросат, соҳибсират
Мутафаҳҳис – ҷӯён, таҳқиқкунанда
Мутахалхил – аз ҳам ҷудо, ноҷаспон; ноустувор; парешон
Мутаҳаллӣ – бо зевар ороишёбанда, бо зевар ороста
Мутаҳассин – паноҳанда дар қалъа (барои мудофиа)
Мутаҳаттим – ҳатмӣ, зарур, ногузир
Мутаҷаббир – ҷабркунанда, золим
Мутаҷаллӣ – намудор; зоҳиршуда
Мутаяққин – яқинҳосилкунанда, боваркунанда
Мутқан – муҳкам, устувор
Мутораҳа – машварат кардан, музокира кардан
Муттабеъ – пайрав
Муфавваз – супурдашуда, вогузоршуда, таслимшуда
Муфзил – лутфу марҳаматкунанда
Муфорақат – ҷудоӣ аз ҳамдигар, фироқ
Муфохарат – фахр кардан; изҳори бузургӣ кардан
Муфрит – аз андоза берун раванда (дар чизе, коре); аз ҳад зиёд, бисёр
Муфсид – табаҳкор, вайронкор, бадкор
Муфтатаҳ – аввал, оғоз, ибтидо
Мухаддара – зани парданишин; духтари зери чодар
Мухаддарот – ҷамъи мухаддара
Мухайял – хаёлкардашуда, дар хаёл пайдошуда
Мухайяр – ихтиёрдор, соҳибихтиёр
Мухаллад – доимӣ, абадӣ, боқӣ, ҷовидон
Мухолатат – ҳамдамӣ, ҳамсуҳбатӣ
Мухосама – бо ҳамдигар душманӣ кардан; низоъ
Мухтал(л) – вайрон, халалдор
Мухтас – махсус, хос
Мухтафӣ – махфӣ, пинҳон, пӯшида
Муҳаддаб – барҷаста, гунбадшакл, хамида
Муҳаййира – ҳайронкунанда, ҳайратангез, шигифтовар
Муҳаймин – нозир, нигаҳбон; нозир ва ҳофизи ҳама (сифати Худо)
Муҳаққақ – таҳқиқшуда
Муҳаққар – ҳақиршумурдашуда; камарзиш; хурд; миқдори каме аз чизе
Муҳарро – хӯроки пухташуда, омода, тайёр
Муҳассал – ҳосилшуда, гирдомада, бадастомада
Муҳассил – ҳосилкунанда; гирандаи хироҷ
Муҳашшо – ҳошиякардашуда; ҳошия навиштан
Муҳибб – муҳаббатбаста, дӯстдор; дӯст
Муҳиз – зани бенамозшуда
Муҳил – хилагар, маккор, фиребгар
Муҳйӣ – эҳёкунанда, зиндасозанда
Муҳмал – ба таври хулоса додашуда; хулоса; мухтасаран
Муҳмала – бемаънӣ, беҳуда, ҳарфҳои бенуқта дар хатти арабӣ, хилофи муъҷама
Муҳобо – муомилаи нағз; бок, тарс
Муҳозӣ – рӯбарӯшуда, муқобил
Муҳриқ – сӯзон; сӯзонанда
Муҳтариқ – сӯхташаванда, сӯзон
Муҳтол – ҳилагар, маккор
Муҳтола – муаннаси муҳтол

Муҳҷа – рӯҳу равон
Муҷавваф – ковок, дарунхолӣ (най)
Муҷадвал – рах-рах кардашуда, рахдор
Муҷаррад – ҷудо, озод; бараҳна; исми ғайримоддӣ
Муҷаъъад – мӯйи печида, марғул
Муҷмал – ба таври хулоса додашуда; хулоса; мухтасаран
Муҷоласат – ҳамнишинӣ, ҳамсуҳбатӣ бо касе
Муҷрим – гунаҳкор
Муҷтасс – бурида, кандашуда; номи яке аз баҳрҳо дар арӯз
Мушайяд – баланд, болобардошташуда; мустаҳкам, устувор
Мушаъъар – пӯшидашуда, сермӯй
Мушаъбид – шаъбадабоз, соҳир, ҷодугар
Мушобаҳат – бо ҳам монандӣ
Мушорунилайҳ – ишоратёфта, шахси зикрёфта, мазкур, номбурда
Мушриф – аз ҷойи баланд дидбоникунанда; дар баландӣ воқеъшуда; сардори девон; муфаттиш
Муштаил – фурӯзон, афрӯхта, шуълавар
Муштабаҳ – шубҳанок, мубҳам
Муштабеҳ – шабеҳ, монанд
Муштаққ – калимае, ки аз калимаи дигар сохта шуда бошад
Муштамил – фарогиранда
Муътакиф – гӯшанишин, хилватнишин, танҳонишин
Муъталифа – улфатгирифта, дӯсти наздик
Муътаман – лоиқи бовар, мавриди эътимод, амин
Муътариф – эътирофкунанда, икроркунанда
Муътӣ – атокунанда, бахшанда
Муътод – одаткарда; одат

## Н

Наам – бале, оре (тасдиқ кардан)
Наббош – кафанкаш, кафандуз
Навбова – ҳар чизи наву тоза, махсусан мева; духтари наврас
Наввоб – ҷонишин, волӣ; лақаби амирон ва шоҳзодагон
Навол – ато, бахшиш, ҳадя; насиба, баҳра
Наддофӣ – тит кардани пашм ва пахта, ҳаллоҷӣ
Наззора – тамошокунанда, тамошобин; тамошо, манзара
Наим – неъмат, мол; хуррамӣ, шодмонӣ
Найийири аъзам – офтоб
Найранҷот – найрангҳо, найрангбозиҳо
Накбат – бадбахтӣ, сахтӣ, машаққат; бечорагӣ, хорӣ
Накд – мавҷуда, пули мавҷуда; (пул ва тилои холис)
Нақз – шикастани аҳду паймон
Нақиб – сардор, раис; ходими шахси олимансаб
Нақир – чизи хурд, андак, чизи ҷузъӣ
Намат – тарз, тариқа, равиш, усул
Наммом – суханчин, хабаркаш
Намузаҷ – ниг. унмузаҷ
Насақ – тарз, равиш; тартиб, қоида; аҳвол; ҷазо, музоҷот
Насафат – адлу дод
Наснос – ҷонваре, ки нимаи танаш ба одам ва нимаи дигараш ба ҳайвон монанд аст
Насри тойир – номи ситораи ат-Тоир
Насуҳ – панддиҳанда; дӯсти содиқ
Наузу биллоҳ – паноҳ мебарем ба Худо (ибораест, ки дар вақти эҳтимоли пеш омадани ҳодисаи баде мегӯянд)
Нафир – бонг, фарёд, садо; ғавғо

Нафиса – муаннаси нафис
Нафис – чизи нафиси қиматӣ, камёб
Нафй – инкор ва манъ кардан
Нафоз – таъсир, нуфуз; иҷрои амр, ҷорӣ шудани фармон
Нафоис – ҷамъи нафиса
Нафх-нафха – дам, як бор дамидан, як бор бод додан (аз даҳон)
Нафҳа – роиҳа, бӯйи хуш
Нахват – худбинӣ, такаббур, ғурур
Наҳв – дар забоншиносӣ: яке аз ҷузъҳои дастур (грамматика), ки аз ҷумла баҳс мекунад (синтаксис)
Наҳв – роҳ, сӯй, ҷиҳат
Наҳв – микдор, андоза, ҳудуд
Наҳзат – ҳаракат, ҷунбиш, бархост
Наҳиф – лоғар
Наҳмат – қасд ва ирода; мурод; ҳиммату эҳтимом
Наҳор – рӯз (аз пагоҳ то бегоҳ)
Наҳофат – лоғарӣ, харобӣ; заифӣ, сустӣ, заъф
Наҳҷ – тариқ, тарз, тавр
Наҷис – нопок, палид
Нашъ – нав пайдо шудан, офариниш
Ниқор – ихтилоф, душманӣ, низоъ
Никрис – дарди устухони дасту пой
Нирон – ҷамъи нор
Нисвон – занон
Нисён – фаромӯшӣ; аз хотир баровардан
Нисоб – асли ҳар чизе; он микдори моле, ки аз он закот додан лозим аст; рутба, дараҷа; микдор
Нитоҷ – насл, зот; натиҷа, самар, маҳсул
Ноб – дандон
Новак – тир, тири хурд, тири камон
Ноинӣ – сифати нисбӣ аз номи шаҳри Ноини Эрон
Нойира – шуъла, оташ
Номуваҷҷаҳ – нохуб, нописандида
Номутаноҳӣ – бепоён, беинтиҳо
Нор – анор
Нор – оташ, шуълаи оташ
Носиб – насбкунанда, барпокунанда
Носут – олами ҷисмонӣ, дунё, ин ҷаҳон; инсонӣ, одамӣ
Нотиқа – қувваи сухангӯӣ, қобилияти нутқ кардан
Нофиз – ҷоришаванда, ба таври қатъӣ иҷрошаванда
Ночах – табарзин, найзаи майда, ки сипоҳиён бар паҳлуи зини асп мегузоштанд
Нудамо – ҷамъи надим
Нуқабо – ҷамъи нақиб
Нуқуд – ҷамъи накд
Нуқуш – нақшҳо
Нуфус – ҷамъи нафс; нуфуси шарира - табиати бад; одамони бадкирдор
Нуҳусат – наҳс ва бадӣ

**О**

Обгинагар – шишагар
Оби ҳайвон – оби зиндагӣ – чашмаи афсонавӣ, ки гӯё дар мамлакати Зулумот воқеъ будааст ва аз нӯшидани он кас умри ҷовид меёфтааст
Огин – пур, маломол; огана – чизе, ки миёни абраву астар мегузоранд,
Ожада – харошида, ноҳамвор; рангкарда; дӯхта
Озар – оташ
Ойинбандӣ – ороиш, ороиши шаҳр
Окил – хӯранда
Окиф – бо ҷидду ҷаҳд машғулшаванда ба коре; иқоматкунанда дар ҷое; гӯшанишин дар масҷид барои ибодат
Олинаҳмат – олиирода
Олом – ҷамъи алам

Онӣ – мансуб ба он; фаврӣ, дарҳол
Опун – шапотӣ, мушт
Орӣ – бараҳна
Ориз шудан – рӯй додан, пайдо шудан
Ориза – ҳодиса; ранҷ, дард, беморӣ
Отил – бараҳна ва холӣ аз чизе; бекор, беҳуда
Отир – муаттар, хушбӯ
Отифат – меҳрубонӣ, шафқат, илтифот
Офил – пинҳоншаванда; фонишаванда
Охиз – гиранда
Оҷол – ҷамъи аҷал
Очор – хӯриш аз сабзавот
Оштихора – зиёфате, ки ба муносибати оштӣ кардани ду кас ташкил мешавад

## П

Палос – ҷомаи дурушти пашмӣ; палос дар гардан кардан – азодор шудан
Паран – дирӯз, рӯзи гузашта; ақди паран – аҳди гузашта
Парвезан – ғирбол, элак; ҳар чизи тӯршакл
Парвона – ҳукм, фармон; иҷозат, рухсат
Парғоза – бехи пар, ки барои набиштан ба кор равад
Пардагӣ – парданишин, пӯшида, пинҳон
Пархоб – ба маънои анбор ва ҳота аст
Парш – пашм, пахта ва ғ.
Пешон – тарафи чап
Поёб – гузари об
Полуда – ҳалвое, ки аз орд, қанд, асал, нишоста ва ғ. мепазанд
Полҳанг – чарм ё расани чармие, ки ба гардани саг, юз ва дигар ҳайвоноти дарранда бибанданд
Посгуна – чаппа, сарнигун, подарҳаво
Пошна – қисме аз пеши дар, ки ба замин ва ё поёндарӣ – санҷаи дар фурӯ равад ва дар бар рӯйи он бичархад
Пур – писар, фарзанд

## Р

Раввааҳаллоҳу рӯҳаҳу – Худо рӯҳашро шод гардонад
Равоеҳ – ҷамъи роиҳа, бӯи хуш
Радиф – касе, ки пушти сари дигаре дар асп савор шавад; истилоҳи шеър
Разил – нокас, фурӯмоя, бадкирдор, паст, палид
Разин – мустаҳкам, устувор, боэътибор
Разия – шод
Райб – шакку шубҳа
Ракика – зишт, дағал, қабеҳ, суст
Ракокат – сустӣ, заифӣ
Рақиқ – банда, ғулом; нозук, маҳин; маҷ. меҳрубон
Рамл – рег; навъе аз фол, дар рӯйи рег гирифта мешавад; фолбинӣ
Раммол – фолбин ба тарзи рамл; ғайбгӯ
Ратбуллисон – тарзабон; забони гӯё, фасеҳ
Рафаза – ҷамъи рофизӣ
Рафеъ – олӣ, баланд
Рафеъмакон – баландмақом, олимақом
Рафз – тарк кардан, рад кардан
Рахт – ҷомаҳо, либосҳо
Раҳӣ – банда, ғулом, чокар
Раҳиқ – усора, шарбат
Раҳил – кӯч; маҷ. мурдан, вафот кардан
Раҳин – гаравӣ, гаравмондашуда
Раҷаз – шеъре, ки дар ҳангоми ҷанг мехонанд; номи яке аз баҳрҳои арӯз

Раҷо – умед, орзу, чашмдошт
Раҷои восиқ – умеди қавӣ
Рашаҳот – чакидаҳо, қатраҳо
Раъс – аввали чизе; сардор, бузург, сарвар; саршумори ҳайвонҳои чорпо
Раъфат – меҳрубонӣ, навозиш
Раъша – ларзиш, ҷунбиши дасту по аз пирӣ; беморӣ аз тарс
Реҳлат – рафтан, сафар кардан; вафот кардан
Риёҳ – ҷамъи риҳ, бод
Риққат – меҳрубонӣ, нармдилӣ; таассур
Риққийят – бандагӣ, ғуломӣ
Риқоъ – яке аз шаш хатти арабӣ
Римоҳ – найзаҳо, синонҳо
Рифод – меҳмондорӣ
Риҳ – бод, насим
Роёт – аламҳо, нишонаҳои лашкар; парчам, байрақ
Роиҳа – бӯйи хуш
Рофизӣ – пайрави мазҳаби шиа; тарккунанда, вогузоранда
Роҷӣ – умедвор, нигарон
Роят – байрақ, алам, ливо
Рояти фасоҳат – ливои фасоҳат
Роҳӣ – мусофир, он ки дар роҳ аст
Рубъи маскун – қисми хушкӣ ва ободи замин, чоряки аҳолинишин рӯйи замин
Руқабо – рақобаткунандагон, нигаҳбонон
Руқъа – мактуб, нома; порча, порчаи коғаз
Руммонӣ – мансуб ба руммон; лаъле, ки рангаш ба монанди донаи анор аст, ёқути сурх
Румҳ – найза, синон
Руус – боло; руус ва азноб – боло ва поин, сар ва дум
Рухом – санги мармар
Рухут – ҷамъи рахт
Рухуту амтиа – рахтҳои хоб ва матоъҳо
Руҷулият – мардӣ
Руҷҳон – бартарӣ, афзалият, авло будан
Руъб – тарс, бим, ҳарос, воҳима
Руъё – он чи дар хоб дида мешавад, хоб

## С

Сабб – дашном
Саббу лаън – дашному лаънат
Сабил – роҳ, хатти ҳаракат, тариқ; бахшидашуда; қурбоншуда
Сабоҳат – зебоӣ
Сабъа – ҳафт
Сабъулмасонӣ – яке аз номҳои Қуръони карим
Савб – либос; бо сои мусалласа
Савб – тараф, ҷониб, самт; ноҳия ва макон
Савлаҷон – арабишудаи чавгон
Савобит – ҷамъи собита
Савод – сиёҳӣ, сиёҳрангӣ
Савоим – чорпоҳо
Савоқиб – ситораҳо
Саволиф – ҷамъи солиф
Савомеъ – ибодатгоҳҳо (бештар аз насрониён)
Савонеҳ – ҷамъи сонеҳ, пешомадҳо
Савр – гов, барзагов
Савт – овоз, лаҳни гуфтор
Савф – тараф, ҷониб, сӯй, самт
Сада – гурӯҳи садкаса; дастаи садкаса
Садад – ният, қасд, азм
Садаф – ҷилде, ки дар даруни он як навъ ҷонвари хурди баҳрӣ ҷой дорад ва батадриҷ он ба гавҳар мудбаддал мешавад
Садиқ – одами меҳрубон, вафодор, дӯсти самимӣ
Садмат – савлат, ҳайат; ҳамла ва ҳуҷум

Садод – ростӣ ва дурустӣ дар кирдору гуфтор; мустақимӣ; адолат
Сайёф – шамшерзан; ҷаллод
Саййиа – бадӣ, кори бад
Саййид – бузург, сарвар, пешво; лақаби авлоди пайғамбар Муҳаммад (с)
Сайҳа – бонг ва фарёди дахшатангез, наъра
Сақар – дӯзах, ҷаҳаннам
Сақат шудани асп – афтодан, ғалтидан, мурдан
Сақил – вазнин, гарон
Сақирлот – либоси нафисе, ки аз матои сурхранг ё кабудранги дар Бағдод бофташуда медӯхтанд
Сақифа бастан – мутояба гуфтан, фукоҳа сохтан
Сақоя – обишхур, ҷойи обдиҳӣ дар растаҳо
Салаб – либоси ҷангӣ чун ҷавшан, хафтон; либос, пӯшиш
Салаф – пеш ва пешинагон, гузаштагон, аҷдод
Салб – нестшудагӣ, рафъ кардан; нобуд шудан
Саллох – қассоб
Сало – нидо, даъват
Салоса – сегона
Салосил – ҷамъи силсила, занҷирҳо
Салоя – сангест паҳн ва ҳамвор, ки бо он чизеро месоянд, реза ва хока мекунанд; соида, хока
Салсабил – чашмае дар биҳишт; оби гуворои хушхӯр
Салх – рӯзи охири моҳи қамарӣ, рӯзе, ки дар бегоҳи он моҳи нав мебарояд
Сам(м) – захр
Самад – баланд; поянда, саромад
Самак – моҳӣ
Самӣ – ҳамном
Самоъ – шунидан, гӯш кардан; хониш ва мусиқинавозӣ; ваҷд ва ҷазбаи дарвешон ҳангоми хондани зикр
Самсом – шамшери тезу буррон
Самта – нишон, аломат; доғ, ишора, далел
Симат – роҳ, равиш, тариқ; сурат, ҳайат
Самъ – гӯш; қувваи шунавоӣ
Санийа – кори нек, эҳсон
Саннин – тез, тезкардашуда (оид ба теғ)
Санодид – мардони бузург, диловарон
Саноеъ – эҷод; ҳунар, пеша
Санҷоқ – алам, дирафш
Сара – мунтахаб, баргузида, мумтоз
Сараён – ҷорӣ шуда омехтан ба чизе, сироят кардан
Сардоба – хонаи зеризаминӣ барои нигаҳдории мева, шаробу ғизо дар фасли гармо
Сареъуссайр – тезҳаракат, тезрафтор
Сарир – тахт, авранг, маснади шоҳӣ
Сарира – замири дил, он чи дар дил аст; сирр, роз
Саро – замин, хок
Служ
Сародиқ – хайма, чодир
Сароҳат – возеҳӣ, ошкор , равшан
Сароча – хонаи хурд; ҳавлии дарун
Сарсар – шамоли сахт, боди тунд ва баландовоз
Сатавот – ҷамъи сатват
Сатват – ҳамла, ҳуҷум; қувват, сахтгирӣ
Сатр – пӯшидан; ҳиҷоб, парда; либос
Сатр (бо иткӣ) – як хат, як раҳи навишташуда
Саттор – пӯшанда, пардапӯшкунанда
Сафват – софӣ, покизагӣ
Сафеду сиёҳ – ба маънии тангаи

нуқра ва пули сиёҳ – мис
Сафиҳа – лавҳа; тахтаи санг
Сафоеҳ – ҷамъи сафиҳа
Сафоин – киштиҳо, сафинаҳо
Сафро – талха, моеест талх ва зардранг, ки дар халтачаи заҳра ғун мешавад
Сахтдида – беҳаёчашм
Саҳара – соҳирон, ҷодугарон
Саҳил – шеҳаи асп, овози асп; наъра
Саҳм – бахра, насиб, ҳисса
Саҳм – тир, тири камон; саҳмулғайб – тири ғайб
Саҳоб – абр
Саҳоба – ҳамсуҳбатон ва ёрони Муҳаммад (с)
Саҷанҷал – оина
Саъб – душвор, мушкил; мудҳиш; бисёр, хеле
Саъд – саодат, некбахтӣ; бахтовар
Саъйи мавфур – саъйи фаровон
Сибғатуллоҳ – роҳи Худо, дини Ҳақ
Сиблат, саблат – мӯйлаб, бурут; воҳиманок, бадҳайбат
Сиғари синн – хурдсолӣ
Сидра – дарахте, ки дар биҳишт мерӯяд
Сиёб – ҷамъи савб
Сиёқ – тартиб, тарз; шаклу шамоил, чехра; фанни тахрири муҳосибот ба равиши қадим ва он шомили аломатҳои ихтисорие буд, баргирифта аз ададҳои арабӣ
Сиқл – вазн, вазнинӣ
Сила – ато, бахшиш; мукофот барои шеър
Силк – ресмони шаддаи марворид; маҷозан: саф, қатор, рада
Силсила – занҷир, банд, баст
Симат – доғ, нишон, нақш, аломат; сифат
Симиё – илми тилисм ва сеҳру ҷоду
Симок – ситораест, ки дурии он аз замин баробари дурии замин аз офтоб аст
Симот – ҷамъи самта
Синф – қисм, навъ; гурӯҳ, табақае аз мардум
Синҷ – яке аз созҳои мусиқӣ; ду табақчаи филиззӣ, ки ба ҳамдигар мезананд
Сипанҷ – гузаранда, нопойдор; бошишгоҳи муваққатӣ; коза, чайла, хонаи муваққатӣ дар сари киштзор; чарогоҳи сералаф
Сира – парандае аз ҷинси гунҷишк, ки монанди булбул хушовоз аст
Сиркангубин – шарбатест, ки аз омезиши сирка бо асал (ё шакар) месозанд
Сит – овоз; овоза
Ситабр – ғафс
Ситр – парда, киноя аз иффат, покдоманӣ
Сифлиёт, сифлия, сифлӣ – паст, поинӣ; оламисифлӣ киноя аз дунёи паст
Сиҳом – ҷамъи саҳм, тирҳо
Сиҷилл – ҳукмномаи бо муҳр тасдиқшудаи қозӣ; ҳуҷҷат, васиқа
Сиҷоф – пардаи дар, ки аз миён чок дорад; парда
Сиҷҷин – чуқуртарин ҷар; қаъри дӯзах
Собита – муаннаси собит; ситорае, ки барқарор аст, ҳаракат намекунад
Содот – ҷамъи саййид
Соиб – дуруст, саҳеҳ; ростврав; пайрави роҳи рост
Соид – аз банди даст то оринҷ
Соиқа – оташак, барқе, ки аз абр меҷаҳад
Соил – суолкунанда, пурсанда; гадо; равон ва ҷорӣ
Соила – ҳамлавар; бошиддат

Соир – сайркунанда, раванда; машҳур, шоеъ
Сокин – иқоматкунанда, бошанда
Соқиб – равшан, дурахшон; таъсирбахш
Солеҳ – покдил, покдоман, порсо; некмард
Солиф – гузаштаҳо, пешинаҳо
Сомӣ – олӣ, олидараҷа, олимиқдор
Сонеҳ – иттифоқот, ҳодисаи ногаҳонӣ, воқеаҳои нописандида
Сориқ – дузд, шабгард, айёр
Соҳат – масоҳат, арса, майдон; саҳни ҳавлӣ; ҳудуд; даргоҳ
Сочиқ – чочиқ, нисор кардан
Субут – барқарорӣ, пойдорӣ; исбот ва муайяншуда
Сувар – ҷамъи сурат
Сувар – ҷамъи сура
Суғба – фирефташуда, масхарашуда
Суккон – сокинон, бошандагон; таҷҳизоти идораи киштӣ
Суқ – бозор
Суқба – сӯрох
Суқия – аҳли бозор, аҳли хариду фурӯш
Суқм – беморӣ, маризӣ
Сулаҳо – ҷамъи солеҳ
Сулб – сахт, шах, дурушт; устувор, мустаҳкам; тахтапушт
Сулб – камар; зот (дар бораи фарзанд)
Сулук – роҳ рафтан; равиш, рафтор; муомила; дар тасаввуф – роҳ, тариқа
Сундус – навъе аз дебо ва ҳарири нафису нозук
Сунъ – эҷод ва офариниш; он чи сохта ва офарида шудааст
Сур – асп, астар
Сур – тӯй; ҷашни шодӣ
Суранҷон – гиёҳи бехдор, гиёҳи гӯштдор
Сурат – нақш, чеҳра, рӯй
Сутурлоб – устурлоб – афзоре, ки ба воситаи он дар расадхонаҳо гардиши ситораҳоро мушоҳида мекунанд ва меомӯзанд
Суубат – сахтӣ, душворӣ, мушкилӣ; вазнинӣ
Сууд – баланд шудан, боло баромадан
Сууд – ҷамъи саъд
Суфра – дастархон; ин суфра – дунё, ҷаҳон
Сухра – фармонбурдор, мақҳур
Сухрия – тамасхур, истеҳзо, ришханд
Суҳо – ситораи бисёр хурд дар Банотуннаъш
Сувчӣ – шаробдор; аз сув (туркӣ) – об
Суъбон – аждаҳо, мори азимҷусса
Сӯфор – сӯрохи сӯзан; чоки буни тири камон

## Т

Тааб – ранҷ, сахтӣ; хастагӣ мондагӣ
Тааззум – оҳанг кардан ба коре, дил ниҳодан ва кӯшиш намудан
Тааззур – сахтӣ, душворӣ; узр овардан
Тааққул – фаҳм кардан, фаҳму идрок
Тааллул – баҳона, баҳонаҷӯӣ барои дар таъхир андохтани коре
Тааллум – илмомӯзӣ, омӯзиш, ёд гирифтан
Тааруз – эътироз кардан; мухолифат, муқобилат; зӯр, ҳамла, ҳуҷум
Таассур – душворӣ, мушкил, сахтӣ
Тааҳҳуд – уҳдадорӣ; нигоҳубин, хидматгузорӣ
Табаллуд – тараддуд дар ҳоли таҳайюр

Табархун – унноб, дарахти унноб; сурхбед
Табаъ – тобеъ, пайрав
Таббох – ошпаз, пазанда
Табиат – сиришт, ниҳод, одат; мавҷудоти зинда ва ғайризинда дар олам
Табиб – муоличагар, пизишк, ҳаким, духтур
Табоеъ – ҷамъи табиат
Табъ – сиришт, табиат
Таваққуф – ист, истодан; таъхир
Таваққуъ – чашмдошт, умед; хоҳиш, илтимос, пурсиши садақа
Тавассул – восита шудан; наздикшавӣ; кӯшиш кардан барои расидан ба чизе ё касе
Таваттун – ватан ихтиёр кардан, ҷой гирифтан
Тавзеҳ – эзоҳ додан, равшан кардан, шарҳ додан
Тавил – дароз; баланд; яке аз баҳрҳои арӯз
Тавкид – устувор кардан; таъкид кардан
Тавқеъ – муҳри пошоҳӣ, фармони бо муҳр; ҳукм
Тавозуъ – хоксорӣ кардан
Таволеъ – толеъҳо
Таворӣ – пинҳон кардан, пӯшидан; пинҳон шудан; пинҳонӣ
Тавориқ – ҷамъи тариқ
Тавоф – гардидан гирди чизе; дар маросими ҳаҷ, гардидан гирди Каъба
Тавоҷуд – ҷустану ёфтан, мавҷуд будан
Тавҷеҳ – рӯй овардан ба чизе, мурочиат; шарҳ додан, асоснок кардан
Тавшеҳ – ороста, зинат додан; оростагӣ
Тавъ – хоҳиш, майл, рағбат, ҳавас
Тавъан – итоат кардан, фармонбардорӣ кардан; дар ихтиёр будан
Тағаннӣ – сурудхонӣ, таронасароӣ
Тағофул – қасдан аз чизе ғофил шудан, худро ба нодонӣ задан
Тадофуъ – дифоъ кардан; якдигарро дафъ кардан
Тадҳинот – марҳамҳо
Тазабзуб – ларзиш, ба лапиш даромадан
Тазалзул – ҷунбиш, ларза, ларзиш
Тазаллул – хоксорӣ, фурӯтанӣ
Тазарруъ – илтиҷо, илтимос бо хориву зорӣ
Тазмим – мазаммат, сарзаниш
Тазоуф – дучанд шудан; дучандшавӣ
Тазоҳум – анбӯҳ, издиҳом; гирд омадани мардум дар як ҷо ва ба ҳамдигар фишор овардан; маҷозан: озордиҳӣ, заҳматрасонӣ
Тазоюд – фузунӣ, зиёдӣ
Тазриқ – чизеро дар дохили чизи дигар дохил кардан барои тақвияти он, мас., байтеро аз ғазал ва қасидаи шоири дигар ба шеъри худ дохил кардани шоир
Тазъиф – заиф кардан, суст кардан
Тай – гузариш, гузаштан; номи қабилаи Ҳотами Тойӣ
Тайсир – осон намудан
Такаддур – тирагӣ, ошуфтагӣ
Takaллуф – саъй, кӯшиш; мурооти зиёд ва сохта
Такмид – гарм кардани ҷойи захм бо карбос, ҷароҳатбандӣ
Такосул – коҳилӣ, танбалӣ, сустӣ
Таkрим – ҳурмат кардан, иззат кардан
Таксир – бисёр кардан, зиёд намудан; шикастан, вайрон кардан
Тақарруб – наздикшавӣ, наздикӣ
Тақбил – бӯсидан

Тақвим – солнома, календар
Тақӣ – тақводор, парҳезгор
Тақлил – кам кардан, костан
Тақовим – ҷамъи тақвим
Тақотуъ – бурида гузаштан якдигарро, мас. ду хат
Тақоуд – бозмондан аз коре, кореро тарк кардан
Тақрир – муқаррар кардан; сухан гуфтан
Тақсир – кореро ба кӯтоҳӣ ва камбуд иҷро кардан; нуқсон, айб, хато
Тақтеъ – ба ҷузъҳо тақсим кардан, қатъ кардан; истилоҳи арӯз
Талал – талу теппа; ҷисм, тан ҷусса; вайрона, хароба
Талбис – макр, маккорӣ, фиребгарӣ, ҳилагарӣ, найранг
Талвеҳ – ишора кардан, суханеро сарбаста гуфтан
Талмеҳ – нигоҳ кардан, ишора кардан ба сӯи чизе
Талоеъ – ҷамъи талеа
Талоқӣ – мулоқот, дучор шудан, вохӯрӣ
Таломиз – ҷамъи тилмиз
Талоя – гурӯҳи пешгарди лашкар
Тамассук – чанг задан; часпидан, овезон шудан ба чизе; ҳуҷҷат, санад
Тамғо – муҳр, нишона
Таморуз – худро ба таври сохта ба беморӣ задан
Тамҳид – ҳамвор кардан; фароҳам кардан; омода кардан; муқаддима
Танаввур – мунаввар шудан
Таназзул – поин омадан, паст рафтан
Танаффур – нафрат кардан, дурӣ ҷустан
Танг – тасмаи паҳне, ки бо он зинро ба миёни маркаб банданд
Танзеҳ – дур кардан аз айбу олоиш
Танзил – нузул кардан, паст фуромадан, фуруд омадан; яке аз номҳои Қуръон
Танкир – маҷҳулу ношинос кардан; накира сохтани исм бо иловаи артикли номуайянӣ
Танқеҳ – пок кардан; пок кардани асар аз суханҳои қабеҳ; беҳӣ, барқарор намудани саломатӣ
Тансис – ошкор кардан, равшан сохтани маънии калом; асоснок кардан
Тард – гардонда додан; дур кардан, гурезондан; табъид, бадарға
Тарёқ, тирёқ – давои зидди заҳр, позаҳр; афюн
Таркаш – тирдон
Тародуф – радифи якдигар шудан, паёпай шудан; муродифҳо
Тарокум – ҷамъ шудан, анбӯҳии чизе; фишор; маҷозан: шӯру ошӯб
Тарроз – ороишгар
Тарсеъ – ҷавоҳир шинондан дар чизе, зинат додан, масалан, шамшерро
Тарф – гӯшаи чашм, дида
Тархон – касе, ки подшоҳ ӯро аз боҷу хироҷ озод мекард
Тарҷеҳ – бартарӣ, афзалӣ
Таршеҳ – тарбияти неку хуби чорпо (мас. шутур); нигоҳубини хуби дарахт
Тасаллум – ба даст гирифтан, соҳиб шудан
Тасарруф – соҳибӣ кардан, ҳуқуқ доштан ба чизе
Тасаффуҳ – ҷустуҷӯ кардан, назар кардан
Тасвид – навиштан, сиёҳ кардан; нусхабардорӣ
Тасдеъ – ҷудо-ҷудо кардан; дарди

сар шудан; озурдагӣ, ранҷу машаққат
Тасдир – ҷойи якум додан, ҷойи якум гирифтан
Тасқил – сайқал додан, ҷило додан
Тасмия – ном ниҳодан, номидан
Тасодум – задани ду чиз ба ҳамдигар, дучор шудан
Тасоуд – болоравӣ, болобарой
Тасфия – соф кардан, тоза кардан
Тасхир – ром кардан, ба даст даровардан; бо зӯр ба итоат даровардан
Тасҳил – саҳл гардонидан; осонӣ, сабукӣ
Тасҳиф – хато дар навиштан, хато хондан, таҳриф кардан
Татвил – дуру дароз шудан
Татобуъ, аз татаббуъ – пайравӣ кардан; тобеъ шудан; аз паи чизе рафтан
Татовул – дароз кардан; ҷабр намудан, дастдарозӣ намудан
Тафаввуқ – бартарӣ, афзалият
Тафаққуд – меҳрубонӣ кардан; ҷустуҷӯ; аҳволпурсӣ
Тафаррус – ҳушёрӣ кардан, зиракӣ кардан; фиросат доштан, бофаҳмӣ
Тафарруҷ – тамошо; хушҳолӣ, дилхушӣ аз дидани чизе
Тафаҳҳус – тафтиш кардан, ҷустуҷӯ кардан
Тафвиз – ба уҳдаи касе гузоштан
Тафзеҳ – беобрӯ кардан, расво кардан
Тафаъъул – фол дидан, фол гирифтан
Тафохур – фахр, мағрурӣ, кибр, худписандӣ
Тафриқа – парешонӣ, парокандагӣ
Тахаллуф – қафо мондан, ақиб мондан; хилофи ваъда кардан, аз қавл гаштан
Тахлеъ – халъ кардан, баровардан
Тахлил – хилол кардан, дар миёна гузоштан
Тахсис – хос кардан, хусусӣ кардан
Тахтиа – хато гирифтан дар кори касе; хато шумурдан
Тахфиф – сабук кардан, костан; паст кардан
Тахҷил – хиҷил кардан, хиҷолат додан
Таҳийят – салом, дуруд дар намоз; таъзим ва тавозуъ
Таҳлила (аз ҳалол) – ҳалола (дар бораи завҷа)
Таҳмиқ – аҳмақ донистан
Таҳошӣ – инкор, манъ; напазируфтан, ба як сӯ шудан
Таҳрис – завқманд кардан
Таҳсил – ба маънои боҷу хироҷ аз ҳосилоти кишоварзӣ
Таҳсил – ҳосил кардан, ба даст даровардан; омӯхтан
Таҳтуссаро – зери замин, зери хок
Таҷаббур – ҷабр кардан
Таҷалло – ҷилва кардан; ошкоро шудан; тобиш
Таҷаммул – ороиш; ҳишмат, шукӯҳ, дабдаба
Таҷарруъ – ҷуръа-ҷуръа нӯшидан
Таҷассус – ҷустуҷӯ кардан; ҷосусӣ, назорати пинҳонӣ
Таҷвиз – рухсат додан, иҷозат додан; озмоиш
Ташаддуд – дуруштӣ, сахтӣ; тундӣ дар ғазаб
Ташаршур – шош кардан
Ташнеъ – бадгӯӣ дар ҳаққи касе; маломат, сарзаниш
Ташҳиз – сахт; қаҳру ғазаб, тез кардан
Ташҳир – машҳур гардонидан, ошкор кардан; расвоии касеро овоза кардан;

Таъбия – нишондан, насб кардан, омода кардан
Таъвил – баён кардан, шарҳ додан, тафсир кардан
Таъдиб – адабомӯзӣ; маҷ. бо мақсади адабомӯзӣ ҷазо додан
Таъдилот – дигаргуниҳо
Таъзиб – азобу шиканҷа додан, озор додан
Таълиқ – вобастагӣ, алоқа, робита; яке аз навъҳои хатти арабӣ
Таълим – ба касе чизеро омӯзондан, ёд додан
Таъмия – муаммогӯӣ, муғлақгӯӣ, сарбастагӯӣ
Таярон –парвоз
Таяссур – осон шудан, омода гаштан
Теҳу – бедона, вартишк
Тибён – пайдову ошкоро кардан; шарҳ, баён
Тивол – дароз
Тилмиз – талаба, шогирд, мурид
Тим – корвонсаройи бузург
Тим(и баззозон) – корвонсаройи матоъфурӯшон, растаи матоъфурӯшон
Тоиб – тавбакунанда, пушаймон аз гуноҳ
Тоиф – тавофкунанда; тавофкунандаи хонаи Худо (Каъба)
Тойир – паранда, мурғ
Толеъ – бароянда (офтобу моҳ)
Тор (бо итқӣ) – парвоз кардан
Торами нилгун – осмон, гунбаз; торами гардун киноя аз офтоб
Торӣ – рӯй додан, воқеъ шудан; ориза
Тосеъ – ҳафтум
Тофеҳ – масти сахт, масти хароб
Тоҳуна – осиё
Туғро – фармони шоҳ; навъе аз хатти насх
Туллоб – талабагон, шогирдон, толибон
Тунбон – шалвор, зерҷома, изор
Тунуб – таноб, ресмон
Турра – фаши салла; мӯйи тобида дар канори пешонӣ
Турфагӣ – чизи нав, нодир, камёб; ҳайратангез
Туҳаф – ҷамъи тухфа – туҳфаҳо

**У**

Убудият – бандагӣ, хидматгузорӣ; ихлосу эҳтиром
Убуҳҳат – шукӯҳ, шавкат
Удул – аз ҳадди муайян гузаштан; вафот кардан; маҷозан: нофармонӣ кардан
Узмо – муаннаси аъзам
Уқало – оқилон, донишмандон
Уқда – гиреҳ, банд; маҷозан: душворӣ, кори сахт; маҷозан: ғаму андӯҳ
Уланг – сабзазор, марғзор
Улвӣ – баланд, боло; осмонӣ
Улвийя – бартарӣ, баландӣ
Улё – боло
Улилаҷниҳа – малоикаи болдор
Улилабсор – соҳибони басорат, доноён, ҳушмандон
Уло – баланд, бузург; якумин, нахустин
Улоғ – ҳайвони саворӣ, махсусан хар
Улув(в) – баландӣ, бартарӣ
Улувви шаън – шаъну шуҳрати зиёд
Улуми ақлия ва нақлия – илмҳои ҳикмат, фалсафа, мантиқ, риёзиёт, табииёт: ҳадису оят, шарҳи илми илоҳӣ
Улуми ғариба – илмҳои аҷибу ғариби асрҳои миёна аз қабили сеҳр
Улус – қабила ва сарзамин
Улуфа – хӯрокворӣ, ғизои ҳайвонот

Умур – ҷамъи амр
Унқ – гардан
Унмузаҷ – намуна
Унноб – дарахт ва меваи ҷелон, ки монанди санҷид сурх аст; маҷозан: сиришки хунин, лаби сурх
Унсо – мода
Унфувон – аввали ҳар чиз; унфувони ҷавонӣ – аввали ҷавонӣ
Ур – бараҳна, луч, урён
Урмакӣ – матои хокистариранг
Уруҷ – боло баромадан
Усрат – машаққат, рӯзи сахт
Устура – теғ, поку
Усфур – гунҷишк
Ухт – хоҳар, ҳамшира
Уҷб – ғурур, ҳавобаландӣ, худписандӣ
Иҷолат – коре, ки бо шитоб карда мешавад; ба зудӣ
Аҷомира – гурӯҳе аз мардуми ғавғоталаб, авбош
Ушри ашир – даҳяк
Ушро – даҳяк
Уъҷуба – тааҷҷубовар; бемисл, бемонанд, беназир
Уюн – бузургон, ашроф

**Ф**

Фабиҳо – боз беҳтар, бисёр хуб
Фавқ – боло, фарози чизе, рӯйи чизе
Фавҷ – даста, гурӯҳе аз мардум, дастаи лашкар
Фазаъ – тарс, бим, ваҳм; фарёд, ғулғула, ғирев
Фазл – бартарӣ, афзалият; дониш, илм, марифат; некӣ, лутфу марҳамат
Фазла – зиёдатӣ, боқимонда; пасхӯрда, сарқут
Фалақ – сапедадам, субҳдам, равшании аввали субҳ
Фалохан – силоҳи (олати) сангандозӣ
Фалоҳ – наҷот, растагорӣ, некуаҳволӣ
Фалоҳат – кишоварзӣ, деҳқонӣ
Фам – даҳон
Фарас – асп
Фараҷӣ – пӯшоки рӯй ҳамчун яктак; навъе пӯстини дарвешон
Фариза – он чи иҷрояш воҷиб ва ҳатмист, масалан, намоз, рӯза
Фарқад – гӯсола; дар нуҷум номи ду ситора, ки дар Дубби асғар ҷойгиранд
Фарқадон – шакли дугонаи Фарқад
Фароғ – осудагӣ, роҳат, оромӣ; озод будан аз чизе
Фаръ – чизи ғайриаслӣ, дуюмдараҷа, ҷузъ
Фасеҳ – фарох, васеъ; хушкалом (оид ба одам); бофасоҳат (оид ба сухан)
Фасоҳат – бурросухан будан, равшанбаёнӣ
Фасс – санги гаронбаҳо, ки дар нигин устувор карда мешавад
Фассод – хунгир, рагзан, ҳаҷҷом
Фасх – гардонидани фикр ва рой аз чизе; ботил кардан
Фатнат – зиракӣ, ҳушёрӣ
Фаҳво – мазмун, маънӣ
Фаҳл – марди бообрӯ, муътабар, саромад
Фаҳовӣ – ҷамъи фаҳво
Фирниёт – як навъ ғизо
Фитан – ҷамъи фитна
Фитна – балво, шӯриш; ошӯб; фиребандагӣ
Фоиқ – болотар, бартар; беҳтар, афзал; ғолиб, забардаст
Фоиҳа-фоеҳ – паҳншаванда (дар бораи хушбӯӣ)
Форис – аспсавор, савораи моҳир, аспроз

Фулурӣ – қитъаи маскук аз тило
Фуруъ – ҷамъи фаръ
Фурҷа – вақт, фурсат
Фусаҳо – ҷамъи фасеҳ
Фустуқӣ – ба ранги писта
Фусҳат – вусъат, фарохӣ, паҳноварӣ; маҷ. хушвақтӣ
Футур – сустӣ, заъф; хастагӣ; беҳолӣ, парешонхотирӣ

## Х

Хабийа – пӯшида, пинҳон
Хабиса – паст, палид, разил, бадкирдор
Хабоё – ҷамъи хабийа
Хабоис – нопокон, бадкирдорон
Хабосат – палидӣ, нопокӣ, бадкирдорӣ
Хабт – ошуфтагӣ, парешонфикрӣ
Хавз – номи водӣ дар лаби баҳри Уммон; умуман ишора ба об аст
Хавз – дар об даромадан, фурӯ рафтан
Хавоқин – ҷамъи хоқон
Хавониқ – хонақоҳҳо
Хавос – хосиятҳо, хислатҳо
Хад – рухсора
Хадам – ҷамъи ходим
Хазро – сабз, сабзранг; кабуд
Хай – арақ, арақи бадан
Хайл – галаи аспҳо; аскарони савора; саворон; гурӯҳ, қавм
Хайр – хубӣ, некӣ; муқобили шар(р)
Халаф – азпасоянда; ворис, писар; ҷонишин; лоиқ, сазовор
Халоб – замини серлою об
Хасак – хорҳои сегӯшаи оҳанин, ки дар сари роҳи душман меандозанд
Хасис – паст, беарзиш
Хасоил – ҷамъи хислат
Хасосат – хасисӣ, пастӣ
Хатир – калон, бузург; муҳим
Хафақон – тапиши дил
Хафиф – сабук; тез; сареъ; номи баҳре дар арӯз
Хафо – пӯшидагӣ, пинҳон ва махфӣ будан
Хашаб – чӯб, тахта
Хашят – тарс, бим, ҳарос, ваҳм
Хиём –хаймаҳо
Хизлон – бечорагӣ, дармондагӣ; худдорӣ кардан аз ёрӣ
Хизоб – ранг, ҳино, вусма, ҳар ранге, ки мӯй, абру, панҷаи дасту пойро бо он ранг мекунанд
Хилъат – ҷома, камарбанд ва дасторе, ки амирон ва подшоҳон мебахшиданд
Хинзир – хук
Хирақ – ҷамъи хирқа
Хирқа – порчаи матоъ; матои дарида; ҷомаи даврешон
Хислат – хосият, сифат; тинат, хӯй
Хиффат –сабукӣ, камвазнӣ (ҷисман ё аз ҷиҳати ақл)
Ход–заған, ғалевоч, ғалевож парандаи калоғмонанди аз вай хурд
Хозин – хазинадор, нигаҳбони хазина
Хой – ҳуфрае, чуқурие, ки пастобаи гармобаҳо ва дигар обҳои касиф дар он рехта мешаванд
Хоқон – подшоҳи бузург, хони хонон, лақаби подшоҳони турк ва муғулу Чин
Хонӣ – воҳиди пул, як хонӣ баробар буд ба шаш тангаи он замон
Хонсолор – суфрадор, мутасаддии сарриштаи дарбор
Хориқ – чизе, ки одату тартиботи муқарарриро вайрон мекунад
Хориқи одат – берун аз одат (ба амал овардани чизе).
Хос(с) – махсус; махсусан; фақат; одами муқарраб ба подшоҳу вазир

Хосир – касе, ки зиён дидааст; шикастхӯрда
Хофиқайн – шарқу ғарб, машриқ ва мағриб
Хоша – резаҳои чӯб, коҳ ва ғ.
Худдом – хидматгорон; навкарон
Хулд – бақои ҳамешагӣ; биҳишт
Хулди барин – биҳишти аъло
Хуллида мулкуҳу – мулкаш ҷовид бошад
Хулуд – ҳамеша будан, бардавом будан; абадият, ҷовидонӣ
Хурофат – сафсата, гапи бемаънӣ, ақида ва фикри мавҳуми беасос
Хутаб – ҷамъи хутба
Хутба – қироат кардани оят, ҳадис дар намози ҷумъа ва идҳо, ки дар он номи подшоҳи вақт ба забон гирифта мешавад; ваъз
Хутут – ҷамъи хат
Хуюл – ҷамъи хайл

## Ҳ

Ҳаббазо – чӣ хуш аст
Ҳабл – таноб, ресмон, банд
Ҳаблулварид – раги гардан, шоҳраги гардан
Ҳабо – чанг, гард, ғубори ҳаво; чизи хеле майда; нопойдор
Ҳавза – ноҳия, доира
Ҳавилӣ – ҳавлӣ
Ҳаволат – вогузоштан, супурдан
Ҳаволӣ – атроф, гирду атроф
Ҳавон – хорӣ, пастӣ, зиллат
Ҳавошӣ – наздикон, мусоҳибон
Ҳадду ҳаср – андоза, ҳисоб
Ҳадид – оҳан; тез, буранда
Ҳадиқа – боғ
Ҳадақаи чашм – мардумаки чашм, сиёҳии чашм
Ҳадс – гумон, тахмин
Ҳаз(з) – бахра, насиба; хуррамӣ, хурсандӣ, лаззат
Ҳазаҷ – садои раъд; овоз, суруд, тарона; дар арӯз номи яке аз баҳрҳо
Ҳазиз – қисми поини чизе, пастӣ; домани кӯҳ, нишебӣ
Ҳазоқат – ҳозиқӣ, доноӣ, зиракӣ (нисбат ба табиб)
Ҳайийз – ҷой, мавзеъ, макон, канори ҳар чизе; сатҳи хона, сатҳи ҳар чизе
Ҳайсиёт – ҷамъи ҳайсият
Ҳайсият – шоистагӣ, эътибор; қудрату тавоноӣ
Ҳайҷо – ҷанг, ҳарб, рамз, набард
Ҳақорат – беарзишӣ
Ҳалим – як навъ ғизо – кашк
Ҳаллол – ҳалкунанда, кушоянда
Ҳамдуна – маймун, бӯзина
Ҳамийят – номус, ғайрат, орият
Ҳамим – оби гарм
Ҳамл – бор, бор намудани чизе, вазнинӣ, гаронӣ
Ҳамоил – овезон, овезон кардашуда
Ҳамом – кабӯтар
Ҳар (бо ҳои ҳуттӣ) – гармо, ҳарора, тафс
Ҳасаб – бузургворӣ, фазилат, қадр, андоза
Ҳасба – сурхак; бемории арақӣ, тиф
Ҳасбулҳол – арзи ҳол, шарҳи ҳол
Ҳасин – устувор, мустаҳкам; дастнорас
Ҳаҷла – хонаи ороста барои арӯсу домод, хонаи арӯс
Ҳаҷр – ҷудоӣ, фироқ, ҳиҷрон
Ҳашам – хидматгорон, навкарон, чокарони подшоҳ
Ҳашв – сухани барзиёди бемаънӣ
Ҳаюло – модда, моддаи аслӣ, моҳияти ҳар чиз
Ҳема – ҳезум, чӯб барои сӯзондан
Ҳадасон – аввал, оғоз; сахтиҳои замона, пешомад
Ҳиқд – кина, нафрат

Ҳиллият – раво будан, қонунӣ будан
Ҳилм – нармдилӣ, мулоимат
Ҳиндувона – тарбуз
Ҳирз – паногоҳ, ҷойи эмину мустаҳкам; муҳофизат
Ҳирмон – маҳрумӣ, бенасибӣ, ноумедӣ
Ҳирфа – касб, ҳунар, пеша
Ҳита – ҷойи иҳотакардашуда; доира, иҳота
Ҳован – кӯба, ӯғурча
Ҳовия – номи табақаи ҳафтуми дӯзах, дӯзах
Ҳодӣ – ҳидояткунанда; пешво, раҳнамо
Ҳоила – даҳшатнок, даҳшатангез
Ҳола – хирмани моҳ
Ҳомиза – туруш, турушмаза
Ҳомил – баранда, бардорандаи боре
Ҳоҷиб – пардадор, дарбони шоҳ
Ҳошо ва калло – чунин нест, ба ҳеч ваҷҳ (радди сухани пеш гуфташуда)
Ҳубут – поин, фарозу нишеб, поин омадан
Ҳузуз – ҷамъи ҳаз(з), лаззат
Ҳузур – фароғат, осоиш, осудахотирӣ
Ҳукамо – ҷамъи ҳаким
Ҳулла – либос, ҷома, куртаву эзор
Ҳулул – омада расидан; рӯй додан; ҳал шудан
Ҳумом – марди бузургвор
Ҳумрат – сурхӣ
Ҳурулъин – зани зебо дар ҷаннат; зани сафедпӯсти шаҳлочашм
Ҳусул – ҳосил шудан, ба даст омадан
Ҳуҷнат – айб, айбу нақс дар сухан
Ҳуҷҷат – далел, бурҳон, асос; баҳс, мунозара
Ҳуҷҷоб – ҷамъи ҳоҷиб

## Ч

Чаҳорток – сақф ё гунбаде, ки рӯйи чаҳор поя сохта шудааст
Чеҳра – ба маънои ходим, посбон
Чигил – лой, гил
Чиллаи камон – ресмон, зеҳи камон
Чипол, чепол – унвони подшоҳони Ҳиндустон
Чорқаб – либоси махсуси подшоҳон ва амирон
Чуғул – гунҷишк; чуғз; бум

## Ҷ

Ҷабал – кӯҳ
Ҷабҳа – пешонӣ, ҷабин
Ҷавдат – хубӣ, босифатӣ
Ҷаввол – ҷавлонкунанда
Ҷавз – чормағз
Ҷаворӣ – ҷамъи ҷория
Ҷавоҳир – ҷавҳарҳо; шакли арабишудаи гавҳар
Ҷадвал – ҷӯй, шохобча; роҳи хат дар китоб
Ҷадовил – ҷамъи ҷадвал
Ҷазаъ – фиғону фарёд, зориву нола; ношикебоӣ
Ҷазм – қатъ, буриш; яқин, бовар, қатъият
Ҷазман – қатъан, яқинан
Ҷазр – асли ҳар чиз; бех, реша; шутури чорсола; кам шудани оби баҳр бо таъсири қувваи кашиши офтобу моҳ
Ҷазри асам(м) – решаи носаҳеҳи адад, масалан, даҳ, ки ҷазр – решаи тақрибӣ дорад, на таҳқиқӣ
Ҷазъ – санги сиёҳ ва сафеди яманӣ, санги сулаймонӣ; ақиқи рах-рах; ишора ба чашм
Ҷайш – лашкар, қушун
Ҷалаб – ғалоғула, ғавғо

Ҷалӣ – равшан, возеҳ, ошкор, маълум
Ҷалил – бузург, азим; боазамат
Ҷалис – ҳамнишин, ҳамсуҳбат, ҳаммаҷлис
Ҷалодат – қувват, ғайрат; далерӣ ва шуҷоат
Ҷалои ватан – тарки ватан, аз ватан гурехтан
Ҷалоҷил – ҷамъи ҷулҷул, созе дорои зангӯла
Ҷамарот – ҷамъи ҷамра
Ҷамми ғафир – одами бисёр
Ҷамра – оташпора, лахча, ахгар
Ҷаноҳ – бол, қаноти паранда; қисми паҳлуии лашкар; тараф
Ҷар(р) – кашиш ба сӯи худ
Ҷараб (дарди дил) – яке аз бемориҳои пӯст, хориш
Ҷарғ – парандаи шикорӣ аз ҷинси боз
Ҷарида – танҳо, якка
Ҷарима – гуноҳ, ҷурм
Ҷароид – ҷамъи ҷарида
Ҷароим – ҷамъи ҷарима
Ҷарри сақил – васила барои боло бардоштани борҳои вазнин; ранҷу азоб,
Ҷаррор – бисёр анбӯҳ (дар бораи лашкар)
Ҷархи чанбарӣ – фалак, осмони даврзананда
Ҷарҳ – ҷароҳат, захм; рад кардани гувоҳии шоҳид; маҷ. бадгӯӣ, таҳқир
Ҷасомат – бузургиву калонӣ, танварӣ
Ҷат – ба даст судани гӯсфанд бо мақсади таъйини фарбеҳӣ ва ё лоғарии он
Ҷаъд – мӯйи ҷингила; зулф
Ҷаъл – сохта, қалбакӣ
Ҷибол – кӯҳҳо
Ҷидор – девор
Ҷилбоб – чодир
Ҷилди муҳофазат – китобе, ки дар он номи китобҳо қайд мегардад; феҳрист
Ҷилф – одами дурушт, беадаб, нодон
Ҷимра – оташпора, лахча, ахгар
Ҷинон – ҷамъи ҷаннат
Ҷирм – ҷисм, махсусан ҷисми осмонӣ монанди Моҳ, ситораҳо
Ҷомеъ – он ки соҳиби илмҳои гуногун аст
Ҷория – киштии равон
Ҷория – духтар; канизак
Ҷоҳил – нодон, беилм
Ҷубба – ҷомаи кушоду дароз, ки рӯи ҷомаҳои дигар ба тан мекунанд
Ҷуғд – бум, мурғе, ки дар вайронаҳо маскан дорад
Ҷузбун – бех ва танаи дарахти ҷуз
Ҷузвдон – халта ё чизи дигаре, ки дар он китобу дафтар гиранд
Ҷузом – бемории махав, хӯра
Ҷуллоб – шарбати қанди бо гулоб омехта, хосияти доруро дорад
Ҷулоҳа – бофанда
Ҷулҷул – зангӯлаи хурд, ки ба доира ё гардани ҳайвонот мебананд
Ҷумҳур – гурӯҳи бузурге аз мардум; умуми халқ
Ҷунд – лашкар, сипоҳ, қӯшун
Ҷуноҳ – гуноҳ
Ҷунуд – ҷамъи ҷунд
Ҷурга, ҷирга, ҷарга – давра кашидан, қатор шудани мардум, ҳайат
Ҷуҳҳол – ҷамъи ҷоҳил
Ҷӯъ – гуруснагӣ

## Ш

Шаба – санги сиёҳи барроқи нарм, муҳраи сиёҳ; маҷозан: сиёҳӣ, тирагунӣ

Шавоиб – ҷамъи шоиба

Шағаб – овози баланди ғулғуладори шӯрангез, мағал, шӯру ғавғо

Шадоид – ҷамъи шадида; сахтиҳо, бадбахтиҳо

Шайбу харофат – пириву камақлӣ

Шакл – сурати берунии чизе, намуд

Шамома – бӯйи хуш

Шамотат – шоду хурсанд шудан ба ғаму ранҷи касе; сарзаниш, таъна

Шанеъа – зишт, қабеҳ

Шаноат – зиштӣ, қабоҳат, кори ганда

Шанҷарф – шангарф – санги маъданӣ – рангрезаи сурх ва дар баробари туршиҳои (оксидҳои) одӣ тобовар; симоби гӯгирддор

Шаомат – шумӣ, бадӣ, бадфолӣ

Шарир – бадкор, бадкирдор, зарар-расонанда

Шароб – май, бода, оби ангур

Шар(р) – бадӣ, фасод; зарарасонӣ ва бадкирдорӣ; муқобили хайр

Шарҳа-шарҳа – порча-порча

Шатҳу томот – суханҳои бешармонаи густохона

Шафеъ шудан – касе, ки барои дигаре илтимоси афв ё ёрмандӣ мекунад

Шаън – мартаба, дараҷа, ҷоҳ

Шаҳиқ – овози хар

Шаҳм – чарбу

Шаҳпар – бол, қаноти паранда

Шаҷар – дарахт

Шаҷара, шаҷаранома – рӯйхати гузаштагон, насабнома

Шаър – мӯй

Шаъбада, шуъбада – найрангбозӣ; фиреб, макр

Шерозадор – саҳҳоф, ҷузъбанд, ҷилдсоз

Шима – хулқ, табиат; одат

Шиҳоб – ситораи дурахшони паррон

Шиҳоби соқиб – ситораи тобон; ситораи паррон

Шиям – хулқу хислатҳо, одатҳо; ҷамъи шима

Шодурвон – чодар, парда

Шоиба – омезиш, олудагӣ, олуда шудан ба чизи палид; доғ

Шоққа – меҳнати сахт, заҳмати пурмашаққат

Шомиёна – саропарда, хиргоҳ

Шон – ниг. шаън

Шориб – нӯшанда, ошоманда; мӯйлаб, бурут

Шориқу ломеъ – тобон, фурӯзон; равшанидиҳанда

Шубаҳот – ҷамъи шубҳа

Шубҳа – тардид, гумон

Шуққа – порчае аз чизе; пероҳани пешкушода; фармони шахси бузург

Шунқор – навъе аз мурғони шикорӣ, монанди чарғ

Шурб – нӯшидан; шаробнӯшӣ

Шурфа – кунгура, айвон, болохона

Шуҳуб – ҷамъи шиҳоб

Шӯхшанг – хушҳаракат, хушрафтор

## Э

Элҷор – гурӯҳи мудофеон ва посдорон

Эҳзон – андуҳин кардан, ғамгин намудан

Эҳмол – бепарвоӣ; таъхир, фурӯгузорӣ; сустӣ, танбалӣ

Эҳроз – устувор кардан, нусрат ва ҳимоят

Эҳром – муддате ба худ ҳаром гардонидани баъзе чизҳои ҳалол: истеъмоли хушбӯйиҳо, ислоҳи риш ва ғ.; дар ҳаҷ пӯшидани порчаи сафеди нодӯхта

Эҳтизоз – ҷунбиш, ларзиш (барги дарахт); маҷозан: хушҳолӣ; изҳори таҳсин

Эҳтимом – саъю кӯшиш ва ҳиммату ғамхорӣ; таваҷҷуҳ

Эҳтироз – худдорӣ намудан, парҳез кардан; хавф, тарс, бим

Эҳтироқ – сӯхтан; оташ гирифтан

Эҳтисоб – муҳтасибӣ, шумурдан; чизеро аз чизе беҳтар донистан

Эҳтишом – соҳиби ҳишмат ва шукӯҳ будан; кибру ғурур

Эҷобан – қабулкунон, ба таври итоат

Эъзоз – ҳурмат, иззат; азизу меҳрубон доштан

Эълом – огоҳӣ додан, маълум кардан; ҳукм, маншури подшоҳӣ

Эъроз – ҳазар кардан, дурӣ намудан; норозигӣ, эътироз; рӯй гардонидан

Эътизор – узрталабӣ, узрхоҳӣ

Эътило – баланд шудан, баландӣ

Эътилоф – иттиҳод, ягонагӣ

Эъҷоз – кори ҳайратовар, ғайриодӣ, муъҷиза

## Ю

Юбусат – хушкӣ

Юмн – бахт, толеъ; баракат; некӣ, хубӣ

## Я

Явман – рӯз ба рӯз, рӯз то рӯз

Явоқит – ҷамъи ёқут

Яйлоқ, айлоқ – ҷойи сералафу хушбодуҳаво, ҷойи тобистонгузаронӣ

Яковез – корди кӯтоҳу паҳн

Яқин – возеҳ, бешак; рост; бовар, эътимод, итминон

Ям(м) – баҳр

Ямин – тарафи рост

Ярақон – касалии зардпарвин

Яроқ, яроғ – афзорҳои даркорӣ, созу сомони ҳар чиз

Ясор – тарафи чап

## МУНДАРИЧА

Сарсухан ........................................................................ 5

[1] ПЕШГУФТОР ........................................................ 9

[2] ГУФТОР дар мунозираи ин камина бо Хоҷа Юсуфи Маломатӣ, ки вазири хони аъзам Кучкунҷихон буд ............ 38

[3] ГУФТОР дар баёни шиддати сармо ва зимистони Самарқанд ва баёни қаҳтиву гаронӣ, ки ҷамъе аз толибилмони хуросонӣ, ки ҳеч кадом вазифаву ошное надоштанд ва маунати эшон ба фақир лозим шуда буд ....... 46

[4] ГУФТОР дар баёни имтиҳон кардани аҳли фазл ин каминаро дар санъати иншо ва шикофтани муаммо ............ 53

[5] ГУФТОР дар зикри вақоеъе, ки дар шаҳри Самарқанд симати зуҳур ёфт ва он омадани Наҷми Сонӣ буд ........................................................................ 79

[6] ГУФТОР дар бораи сафар ба Бухоро ............................... 96

[7] ГУФТОР дар зикри муроҷаати аълоҳазрат хонулъазам, молики риқобилумам носири калиматуллоҳи улё, алмутараққӣ ало дараҷотилъуло ал-мухтас биинноётил-малики-л-маннон ҳазрати Убайдуллоҳ Муҳаммад Баҳодурхон аз яйлоқи Қаршӣ ....................................... 139

[8] ГУФТОР дар таърифи маҷлиси аълоҳазрат, рафеъманқабат, шайхулисломӣ, исломмалозӣ, Хоҷа Ҳошимӣ дар қаряи Исфедмун ва имтиҳон намудани афозил ин каминаро дар баъзе аз фазоилу фунун .............. 151

[9] ГУФТОР дар рухсат талабидан аз Убайдуллоҳхон ва таваҷҷуҳ намудан ба вилояти Туркистон ............................ 157

[10] ГУФТОР дар таърифи вазири ҳазрати Убайдул-

лоҳхон ....................................................................................168
[11] ГУФТОР дар зикри баъзе фазоил ва камолоти султон саъиди шаҳид Улуғбек-Мирзо, навваραллоҳу марқадаҳу ва бархе аз шамоими ахлоқи амири кабир Амир Алишер, раввахаллоҳу рӯҳаҳу [ва зода фӣ ғураф-ил-фародиси футуҳаҳу] .........................................................227

[12] ГУФТОР дар суол фармудани ҳазрати салтанатшиории маъдалатосорӣ аз ғароиби ҳикоёт ва аҷоиби тадбироти Амир Алишер ва [диққати табъ] ва назокати мизоҷу латофати хисол ва ҳусни имтизоҷаш ба аҳли фазл ва арбоби камол ...................................................235

[13] ГУФТОР дар зикри назокат ва латофати мизоҷи Амир Алишер ...............................................................248

[14] ГУФТОР дар баёни таҳорати зайл ва адами майли табъи Амир Алишер, раввахаллоҳу рӯҳаҳу, ба шаҳвати нафсонӣ ва иқтисори ӯ ба ҳузузи рӯҳонӣ ..............................263

[15] ГУФТОР дар зикри [фазоили] Мавлоно Биноӣ ва зарофатҳои вай ба Амири Кабир Амир Алишер ..................267

[16] ГУФТОР дар [зикри] фазоилу камолоти Паҳлавон Муҳаммад Абусаид ва соири куштигирони силсилаи Султон Ҳусайн Мирзо .........................................................282

[17] ГУФТОР дар суол фармудани олиҳазрати салтанатшиории маъдалатдисорӣ, хуллида мулкуҳу, аз фазоил ва камолоту ғароиби ҳикоёти султони асотинулҳукамо муғису-н-нуфус би иҷмоъи-л-уламо шайх Абуалӣ Сино, хусусан аз фанни шаъбада ва илми симиё ...290

[18] ГУФТОР дар таъриф кардани ҳазрати салтанатшиорӣ, хуллида мулкуҳу, аълоҷаноби ақзалқузот Қозӣ Низомуддин, алайҳирраҳмаро ба бузургии дастор ва пӯшидани либосҳои фохир ва саворӣ кардан ба аспҳои тозинажоди бодрафтор .........................................................352

[19] ҲИКОЯТИ Амир Саййид Ҷалолуддини Марғинонӣ ..367

[20] ГУФТОР дар ҳикояти Тоҷуннасаб, ки айёрае буд дар шаҳри Ҳирот ....................................................................374

[21] ГУФТОР достони хамсаи мутаҳаййира ..........................382

[22] ДОСТОНИ хоҷа Низомулмулки Хофӣ, ки вазири Султон Ҳусайн Мирзо буда дар [вилояти] Хуросон ...........394

[23] ДОСТОНИ алами азимат афроштани султони соҳибқирон Келдимуҳаммадсултон ба савби вилояти Хуросон ......................................................................................404

[24] ҲИКОЯТ .................................................................................409

[25] ХИКОЯТ .................................................................................415

[26] ДОСТОНИ Мавлоно Огаҳӣ ва Хоҷа Шиҳоб[уддин] Исҳоқ ..........................................................................................417

[27] ҲИКОЯТ .................................................................................421

[28] ҲИКОЯТ .................................................................................424

ЛУҒАТ ........................................................................................433

**«АХТАРОНИ АДАБ» (СИЛСИЛА)**
**ИБОРАТ АЗ 50 ҶИЛД**

**Ҷилди 33**

**Зайнуддин Маҳмуди Восифӣ**

**БАДОЕЪУ-Л-ВАҚОЕЪ**

Муҳаррири ороиш *Ромиш Лоиқзода*
Муҳаррири саҳифабандӣ *Меҳрӣ Саидова*

Ба матбаа 07.12.2017 супурда шуд.
Чопаш 12.12.2017 ба имзо расид.
Ҷузъи чопӣ 30,0. Андозаи 60x90 $^{1}/_{16}$.
Адади нашр 5000 нусха

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қаробоев 17а

Дар чопхонаи ҶДММ «Илм» чоп шудааст.